This article deals with the issue of the vacuf of mosques in Eastern Bukhara (Central and Southern Tajikistan) at the end of the 19th and beginning of the 20th centuries. Vakuf religious institutions of the Middle Asia - this was one of the most important state and religious problems. Among all the religious institutions of the Middle Ages of Eastern Bukhara, as well as all of Central Asia, mosques were considered to be the largest vakufas. The rulers of the villages and regions were declared to support these institutions in every possible way and thereby strengthen and strengthen their influence in the regions. Even if the repair and rebuilding of religious institutions took place at the expense of the people, local rulers under the pretext of the waqf of mosques and madrassas took under their constant monitoring of the entire population. The study of several vacufs of schools and mosques in Eastern Bukhara shows that in this mountain region most of the fertile irrigated and rainfed lands belonged to religious institutions. Employees of religious institutions were large landowners and did not hinder the slightest participation in the irrigation and cultivation of these lands, but by exploiting the mass of dehkans, they acquired a large part of the crop. If, on the one hand, the vacuf of religious institutions is a concern of the government, but in fact this was one of the methods of exploitation of the local population. Due to the fact that the clergy considered itself to be an influential and powerful class in the society of the Middle Asiatic backward, fundamentalist region, the rulers and politicians of Central Asia as zante, aware of the influence and authority of the clergy, gave various privileges and privileges to religious institutions in order to constantly retain their power and influence in the regions. Thus, the vacuf in the Central Asian region was one of the methods of influencing the people and supporting the clergy and large landowners of the Bukhara emirate of the medieval period.
**Key words**: the vacuf of the mosque, the prayer hall, the latrine, the cathedral mosque, prayer, movable and real estate, the reader, niche, ambo.

**Сведения об авторе:** ***Бойназарова Таманно*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель. **Адрес:** Республика Таджикистана 734025, г. Душанбе, проспект А. Рудаки 17

**Information about the author:** ***Boynazarova Tamanno*** - Tajik National University, competitor. **Address:** Republic of Tajikistan 734025, Dushanbe, A. Rudaki Avenue 17.

УДК: 93+37(575.3)

# МАРКАЗҲОИ ТАЪЛИМИИ ТО «НИЗОМИЯ» -ҲО

***Садриддини Айниддин***
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

То таъсиси «Низомия»-ҳои Низомулмулк дар сарзамини Хуросони бузург чандин навъи марокизи таълимӣ аз қабили масҷидҳои ҷомеъ, суфаҳо, хонаҳои донишмандон, гузарҳо, дуконҳо, работҳо, саройҳо, китобхонаҳо, хонақоҳҳо ва мадрасаҳо фаъолият менамуданд.

Аз миёни ин ҳама марокизи таълимӣ мадрасаҳо аз муҳимтарин, маъруфтарин ва волотарин марказҳои омӯзишӣ ба шумор мерафтанд. Мадрасаҳо асосан аз ҷониби донишмандон, подшоҳон, амирон, ҳокимони маҳаллӣ ва дигар намояндагони ақшори ҷомеа бунёд карда мешуданд.

Нахустин мадраса дар саросари ҷаҳони ислом мадрасаи «Байҳақия»-и шаҳри Нишопур буд. Муассис ва мударриси ин мадраса муфтии пайравони мазҳаби шофеия дар Хуросон ва аз наздикони Абулфазли Балъамии вазир имом Абулҳасан Муҳаммад ибни Шуайб ибни Иброҳими Иҷлии Байҳақӣ (ваф.935) буд. Тибқи навиштаи муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» Ибни Фундуқ «Ибни Абулҳасани Байҳақӣ аз парвардагон ва наздикони вазир Абулаббоси Исфароинӣ буд ва устоди Абӯисҳоқи Исфароинӣ ва имом Абӯмансури Абдулқодири Бағдодиро ин имом дар мадрасаи хеш иртибот кард ва дархост аз вазир, то асбоби маоши эшон муҳайё гардонад ва худ авқофи ин мадраса мунқасим гардид ба се қисм: яке қисми

тадрис, яке имлои аҳодис, яке тазкир ва ваъзи мусулмонон ва Шайх Аҳмад ибни Ҳусайни Байҳақӣ, ки ягонаи аҳд буд [1, с.49].

Абӯмансури Бағдодӣ, ки худ аз донишомӯхтагони ин мадраса дар мазҳари Абӯисҳоқи Исфароинӣ буд, пас аз марги устодаш ба ҷойи ӯ ба тадрис пардохт ва сарвати бузурги худро дар кумак ба устодон ва донишҷӯён сарф кард. Вай аз ҳаждаҳ фан ба донишҷӯён дарс медод [1, с.172].

Абӯҳотам ибни Хабони Бӯстӣ (ваф.965) низ аз шумори нахустин бунёнгузорони мадраса дар Хуросони бузург мебошад. Вай хонаҳо ва китобхонаи худ дар шаҳри Нишопур ва зодгоҳаш Бӯстро вақф бар мадраса ва китобхонаи умумӣ карда, аз ҳисоби сармояи худ харҷи таҳсили донишҷӯёни бумӣ ва ҷойи хоби донишҷӯёни аз дигар манотиқ омадаро таъмин мекард [2, с. 172].

Дигар мадорисе, ки ба дасти донишмандони риштаҳои гуногуни илм дар Нишопур дар қарни даҳум бунёд гардида ва фаъолият менамуданд, мадрасаҳои Юсуф ибни Ҷаъфари Нишопурӣ, Алӣ ибни Ҳусайни Байҳақӣ (ваф.1023), Ҳасан ибни Яъқуб ибни Юсуфи Нишопурӣ, маъруф ба Ҳаддод (ваф.947), Абӯисҳоқи Бастомӣ (ваф. 926 ё 946), Абӯбакри Сибғӣ (872-953), Абӯбакр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Бӯстӣ (ваф. 1038), Абӯвалиди Қаршӣ (ваф.960), Абӯсаҳли Суълукӣ (ваф. 980), Ибни Фурак (ваф.1016), Абӯҷаъфари Салитӣ (ваф.991), Муҳаммади Ҳамшодӣ (928 – 998), Абӯалии Самарқандӣ (ваф. 1067), Абусаиди Харгӯшӣ (ваф. 1016), Ҳоҷӣ Соиди Устувой (954 – 1041) ва ғайра буданд [3, с. 814-826].

Дар ин давра дар дигар шаҳрҳои хурду бузурги Хуросони бузург аз қабили Бухоро, Ғазна, Бузаҷон, Бӯст, Марврӯд, Омул, Марв ва ғайра мадрасаҳо фаъолият менамуданд, ки аз миёни онҳо метавон аз мадориси Абӯҳафси Фақеҳ ва Фориҷаки Бухоро, Абусолеҳи Таббонии Ғазна, Ибни Ҳаббони Бӯстӣ, марасти Панҷдеҳи Марврӯд ном бурд [3, с. 826-829].

Баъдан бунёди мадорис дар дигар манотиқи Хуросони бузург, аз қабили Хатлон, Сабзавор, Миёнбозор, Самарқанд, Ҷузҷон, Сарахс. Тӯс, Тоберон, Исфароин, Бушанг, Балх, Хоразм ва дигар шаҳрҳо низ доман паҳн намуд. Танҳо дар шаҳри Нишопур то таъсиси «Низомия»-и ин шаҳр 33 мадраса бунёд ёфтааст [4]. Дар соли 1029 дар Хатлон 29 мадраса фаъолият менамуд [5, с. 100].

Бояд гуфт, ки яке аз машҳуртарин мадориси ин аҳд мадрасаи «Байҳақия»-и Нишопур буд.Тибқи навиштаи Тоҷиддини Сабкӣ дар китоби «Табақоти Сабкӣ» ин мадраса пеш аз валодати Низомулмулк, яъне то соли 1017 таъсис ёфтааст. Муассиси он яке аз донишмандони саршиноси замони худ Алӣ ибни Ҳусейн ибни Шайх Муфтии Байҳақӣ (ваф.1023) буд. Вай ин мадрасаро аз ҳисоби сармояи худ бино кардааст.

Аз маъруфтарин устодони мадрасаи «Байҳақия»-и Нишопур Абӯбакри Тамимӣ (959-1037), Абӯсолеҳи Муаззин (998 – 1077), Абулфазоил ибни Абӯсолеҳи Муаззин (ваф.1081), Имомалҳарамайни Ҷувайнӣ (1028 – 1085), Абубакри Абевардӣ ( ваф. 1100) Абулқосими Ансорӣ (ваф.1118), Абӯбакри Пушангӣ (1080 – 1148), Абулқосими Варроқ ва чанд тани дигар будаанд.

Ноҷии Маъруф дар бораи Абӯбакри Тамимӣ менависад: «Имом Абӯбакр Тамимӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абдулло ибни Ҳориси Исфаҳорӣ ба соли 1018 аз Исфаҳон омад ва дар маҷлисҳои дарсҳои назарӣ ҳузур ёфт ва чунон шуд, ки тамоми донишмандон аз ҳусни баён ва мавриди эътимод будани вай дар улум ба шигифт омаданд. Вай ориф ба илми ҳадис буд. Касирулсамоъ ва саҳеҳулусул буд ва то поёни умри худ аз ахзи ҳадис наёсуд» [6, с. 241].

Ҳамин муаллиф дар бораи Абӯсолеҳи Муаззин чунин мегӯяд: «Ҳофиз Аҳмад ибни Абулмалик ибни Алӣ ибни Аҳмад ибни Абулсамад марде амин ва муттақин ва муҳаддиси фиқҳ ва пире сӯфӣ буд, ки дар тариқаи хосси худ дар ифода ва ҷамъи ҳадис ва ҳифзи Қуръон шевае ягона дошт. Ва аҳодисро гирдоварӣ намуд ва бисёр ҳадис шунид ва дар абвоб ва машоих тасниф кард ва авлоди аиммаро таълим медод ва дар корҳои хайр мекӯшид ва пайваста зайнулислом Абулқосими Қашириро дар тариқат мулозимат мекард. Вай барои бозмондагони худ арбаъинотро гирдоварӣ кард ва барои худаш аҳодиси ҳазоргонаро аз ҳазор тан бузургон ва машоихи Хуросон, Ироқ, Ҳиҷоз ва Шом фароҳам овард… Вай аз руасо ва бозаргонон закот ва садақот мегирифт ва онро ба дасти мусулмонон ва бенавоён ва ниёзмандон ва бевазанон ва ятимон ва зиёндидагон мерасонид. Ва маҷолиси ҳадис барпо менамуд, ки дар онҳо назди вай ҳадис қироат мекарданд. Ва ҳар гоҳ аз он ҷаласот фориғ мешуд, матолиби онҳоро гирдоварӣ мекард, то фоидаи он оммавӣ гардад» [6, с.242].

Дар китоби «ал – Сиёқ»-и Абулғофар дар бораи Абулқосими Ансорӣ чунин омадааст: «Абулқосими Ансорӣ-сӯфии пешвои парҳезкори диндори зоҳид, ки дар риштаи худ ягонаи рӯзгори хеш буд, хонааш байтулсалоҳ ва шоистаи тасаввуф ва зуҳд буд. Вай аз ҷумлаи касонест, ки дар ду риштаи улум - усул ва тафсир мунҳасир ба фард буда ва муддате, ки имом зайнулислом Абулқосими Қаширӣ хидмат мекард, аз вай баҳраҳои бисёре аз илм касб кардааст. Вай марде хушрафтор, дақиқназар ва огоҳ бар масолик ва роҳу расми пешвоёни илми калом буд. Ӯ касе буд, ки маърифаташ бартар аз нутқаш буд ва ботине дурахшонтар аз зоҳир дошт ва бо тариқат ошноии комил дошт, дар тариқи тасаввуф гом ниҳод. Ва баъд аз даргузашти шайх Абӯсолеҳ ҷойгузини ӯ дар мадрасаи Байҳақӣ гардид... Ва аз дастранҷи мухтасаре, ки аз шуғли саҳҳофӣ ва нусханигорӣ касб мекард, рӯзгор мегузаронд ва бо ҳеҷ кас намеомехт. Ва ҳаргиз бар асбоби дунёӣ намеафзуд ва бад – он намепардохт ва бад-ин тариқ умри хешро сипарӣ мекард» [7, с.246].

Барои оғози таҳсил дар ин мадорис синну соли мушаххас муайян нагардида буд. Тибқи навиштаи Хатиби Бағдодӣ, дар китоби «Таърихи Бағдод» донишҷӯён аз 17 то 25-сола будаанд [8, с. 556]. Устодони ин мадорисро мударрис ва ё шайх мегуфтанд. Вожаи мударрис бахусус ба устодони илми фиқҳ таллуқ дошт. Вожаи шайх бошад, мутааллиқ ба устодони тамоми фанҳои тадрисшаванда буд. Баъд аз мударрис ноибулмударрис ва ё ноибулшайх қарор дошт, ки интихобнамудаи худи мударрис ва ё шайх буд. Онҳо аз ҳисоби донишҷӯёни мумтоз интихоб мешуданд ва вазифаашон он буд, ки суханони устодро такрор кунанд, то ба гӯши ҳамаи ҳозирон бирасад. Баъзан онҳо ба ҷойи устодон дарс медоданд. Устодони мадорис маъмулан барои таъмини зиндагии худ касбу кори дигар ҳам доштанд» [8, с. 556].

Ҷараёни дарс чунин буд, ки устод ҳангоми тадрис либоси махсус пӯшида ва ба курсӣ менишаст. Дар ду тарафи ӯ ду тан аз донишҷӯёни мумтоз меистоданд ва суханони гуфтаи ӯро такрор менамуданд. Ин кор барои он ба иҷро мерасид, ки шогирдон хеле зиёд буданд ва суханони устод на ҳама вақт ба гӯши шогирдон мерасид.

Дар мадориси ин аҳд асосан фиқҳ, ҳадис, тафсир, илмҳои адабӣ, илми ҳисоб ва тиб тадрис мешуд. Пайравони ҳар як мазҳаб мадрасаҳои ҷудогонаи худро доштанд.

Аз ошноӣ бо таъриху таъсис ва рушди марокизи омӯзишӣ дар ҷаҳони ислом бармеояд, ки сарзамини мо тоҷикон, яъне Хуросони бузург ватани аввалияи нахустин мадрасаҳо буда ва маҳз аз ҳамин марзу бум низоми таълими мадрасаӣ ба дигар нуқоти кишварҳои исломӣ паҳн шуда ва густариш пайдо намудааст.

## АДАБИЁТ


1. Ибни Фундуқ, Байҳақӣ Абулҳасан Алӣ. Таърихи Байҳақӣ; тасҳеҳи Аҳмади Баҳманёр. – Теҳрон, 1993. - С.49, 172.
2. Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам – ул – булдон. – Бейрут, 1965. – С. 172.
3. Ноҷӣ Муҳаммадризо. Фарҳанг ва тамаддуни исломӣ дар қаламрави Сомониён. - Душанбе, 2011. – С. 814 – 826, 826 – 829.
4. Ёдномаи Адиби Нишопурӣ. – Теҳрон, 2000.
5. Ҳусейн Султонзода. Таърихи мадориси Эрон. – Теҳрон, 1985. – С. 100.
6. Маъруф Н. Мадориси илмияи қабл аз «Низомия» //Ёдномаи Адиби Нишопурӣ / Н. Маъруф. – Теҳрон, 1986. – С. 241, 242.
7. Донишномаи ҷаҳонии ислом. – Теҳрон, 2003. -Ҷ.7. – С. 556, 557.


## МАРКАЗҲОИ ТАЪЛИМИИ ТО «НИЗОМИЯ»- ҲО


Дар мақолаи мазкур фаъолияти марокизи таълимӣ, аз қабили масҷидҳои ҷомеъ, суфаҳо, хонаҳои донишмандон, гузарҳо, дӯконҳо, работҳо, саройҳо, китобхонаҳо, хонақоҳҳо ва бахусус мадрасаҳо мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз миёни ҳамаи ин марокизи таълимӣ мадрасаҳо аз муҳимтарин ва волотарин марказҳои омӯзишӣ ба шумор мерафтанд. Нахустин мадраса дар саросари ҷаҳони ислом мадрасаи «Байҳақия»-и шаҳри Нишопур буд. Дар ин шаҳр ва дар пайравӣ ба ин мадраса беш аз 30 мадрасаи дигар ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки мадрасаҳои Қаттон, Ҳаддод, Абӯисҳоқи Бастомӣ, Абӯбакри Сибғӣ, Абӯбакри Бӯстӣ, Абулвалиди Қаршӣ, Абӯсаҳли Суълукӣ, Ибни Фурак, Абӯҷаъфари Салитӣ, Ҳамшодӣ, Абӯалии Самарқандӣ, Абӯсаъди Харгӯшӣ, Қозӣ Соъиди Устувоӣ, Саидия аз машҳуртарини онҳо ба шумор мерафтанд. Дар ин давра мадрасаҳо дар дигар шаҳру манотиқи Хуросони бузург аз қабили Бухоро, Ғазна, Бузаҷон, Бӯст, Марврӯд, Омул, Марв, Хатлон, Сабзавор, Самарқанд, Ҷузҷон, Сарахс, Бушанг, Балх, Тӯс, Исфароин, Хоразм ва ғайра низ ба фаъолият шуруъ намуданд. Барои оғози таҳсил дар мадорис синну сол муайян нашуда буд. Устодони мадрасаҳоро мударрис ва ё шайх меномиданд. Баъд аз онҳо ноибулмударрис ва ё ноибулшайх, ки аз ҷониби донишҷӯёни мумтоз пазируфта мешуд, қарор дошт. Дар мадориси ин аҳд асосан фиқҳ, ҳадис, тафсир, улуми адабӣ, илми ҳисоб ва тиб тадрис мешуд. Пайравони ҳар як мазҳаби исломӣ мадрасаҳои ҷудогонаи худро доштанд.



**Калидвожаҳо:** мадраса, масҷид, «низомия», мударрис, илм, дониш, китобхона, ҳадис, тасаввуф, шайх, Хурусони бузург.


## ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫЕ ЦЕНТРЫ ДО «НИЗАМИЯ» (ДОНИЗАМИТСКИЕ ЦЕНТРЫ ОБРАЗОВАНИЯ)

В данной статье рассматривается и анализируется деятельность медресе среди других образовательных центров, таких как соборные мечети, суфы, дома учёных, гузары (кварталы), дуканы (лавки), усадьбы, сараи (дворцы), библиотеки, ханаки. Среди этих образовательных центров медресе считались наиважнейшими, почётными и высшими центрами обучения. Первым медресе во всём исламском мире было медресе "Байхакия" в городе Нишапур. В этом городе впоследствии наряду сданным медресе были созданы и функционировали свыше 30 медресе, известнейшими из которых признавались Каттон, Хаддад, Абуисхак Бастами, Абубакр Сибги, Абубакр Бусти, Абулвалид Карши, Абусахл Суълуки, Ибн Фурак, Абуджаъфар Салити, Хамшади, Абуали Самарканди, Абусаъди Харгуши, Кази Соъид Устуваи, Саъидия. В этот период медресе начали активно действовать и в других городах и окраинах великого Хорасана, таких как Бухара, Газни, Бузаджан, Буст, Мерврyд, Омул, Мерв, Хатлон, Сабзавар, Самарканд, Джузджон, Сарахс, Бушанг, Балх, Тус, Исфароин, Хорезм и др. В медресе возраст обучения не был установлен. Наставника медресе назывались мударрисами или шейхами. После них располагались ноибулмударрис или ноибулшейх, которых признавали студенты выдающмися. В медресе этой эпохи в основном изучались фикх, хадис, толкование, литературные науки, наука расчётов и медицина. Последователи каждого из исламских мазхабов имели свои отдельные медресе.
**Ключевые слова:** медресе, мечеть, низамия, мударрис, наука, знание, библиотека, хадис, суфизм, шейх, великий Хорасан.

**EDUCATIONAL CENTERS BEFORE NIZAMIYA'S**

This article discusses and analyzes the activities of madrasas, among other educational centers, such as the great mosques, sufas, scientists houses, guzars (districts), dukans (shops), manors, barns (palaces), libraries, khanakas. Among these educational centers, madrasahs were considered to be the most important and honorable centers of education. The first madrasah in the entire Islamic world was the madrassa "Baikhakia" in the city of Nishapur. In this city, in succession with the madrassas were established and operated more than 30 madrassas famous being recognized Catton, Haddad, Abuiskhak Bastia, Abubakr SibGIU, Abubakr Busti, Abulvalid Karshi, Abusahl Suluki, Ibn Furak, Abudzhafar Saliti, Hamshadi, Abu Ali Samarkandi, Abusaidi Khargushi, Kazi Soweed Ustawai, Saeediya. At this time, madrassas have begun to actively operate in other cities and the outskirts of Greater Khorasan, such as Bukhara, Ghazni, Buzadzhan, Boost, Mervrud, otul, Merv, Khatlon, Sabzavar, Samarkand, Dzhuzdzhon, Sarakhs, Bushang, Balkh, Tus, Isfaroin, Khorezm and others. In the madrasah the age of training was not established. Mentors of madrassas were called mudarris or sheikh. After them were disposed noibulmudaris or noibusheikh, who recognized by outstanding students. In this era madrasas mainly enrolled fiqh, hadith, interpretation, literary science, science and medicine. The followers of each of the Islamic mazhabs had calculation their own madrasahs.
**Keywords:** madrasa, mosque, nizamiya, mudarris, science, knowledge, library, hadith, sufism, sheikh, greater Khorasan.

**Сведения об авторе:** ***Садриддини Айниддин*** – Курган-Тюбинский государственный университет им.Носира Хусрава, аспирант кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735041, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул.Айни, 67. Телефон: **988-64-76-76**

**Information about the author:** ***Sadriddini Ainiddin*** - Kurgan-Tubin State University named after Nosir Khusrava, post-graduate student of the Department of the History of the Tajik People. **Address**: 735041, Republic of Tajikistan, Bohtar, Aini str., 67. Phone: **988-64-76-76**

УДК: 891.550-1

# ҲАКИМ ТИРМИЗӢ ВА ОСОРИ ГАРОНМОЯИ Ӯ

***Шарофов Э. У.***
**Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ**

Яке аз чеҳраҳои шинохтаи таърихи замони Сомониён, ки нақши бузург ва муассир дар ин тамаддун доштааст, ин Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусейн ибни Башир -ал Ҳаким ат-Тирмизӣ машҳур ба Ҳаким Тирмизӣ аст. Ҳаким Тирмизӣ дар яке аз марказҳои фарҳангӣ ва динии он замон Варорӯд ба истилоҳ Мовароуннаҳр - Тирмиз соли 756 дар маҳаллаи Боғ таваллуд шудааст. Ӯ олими илми илоҳиёт, ҳуқуқшиносӣ мактаби ҳанафӣ, файласуф ва орифи хеле шинохта буд. Ҳаким Тирмизӣ қабл аз Ибни Арабӣ ба дунё омадааст, вале номбурда се аср баъд ақидаҳои ӯро аз асари «Ҳотам- ул-вилоя» оид ба ваҳдати вуҷуд омӯхта, пайгирӣ намуда мафтун шуда буд ва дар асари худ «Ваҳдат-ул-вуҷуд» аз он истифода бурдааст. Ҳаким Тирмизӣ ҳаракат мекунад, ки дар атрофи масъалаҳои маърифат, ҳастӣ, ягонагии олам ақида ронад. Масъалаи ягонагии олам масъалаи муҳим аст, ки баъд аз Тирмизӣ Имом Ғазолӣ низ ба ин масъала дахл кардааст. Дар асарҳои муҳаққиқони гузашта, чун Ҷомӣ, Фаридуддини Аттор ва ғайра ҳамчун олими соҳибмактаб зикр шудааст. Дар илми ҳадисшиносии гузашта Ҳаким Тирмизӣ нақши басо бузург дорад ва яке аз поягузорон низ маҳсуб мешавад. Дар китобҳояш аз нуқтаи назари мантиқӣ, аз нуқтаи назари назариявӣ оиди ҷаҳонбинии антологӣ -ҳастӣ ва гносиологӣ- назарияи маърифат баҳс мекунад. Ҳаким

Тирмизӣ на танҳо дар таърих ва тамаддуни Осиёи Марказӣ, балки дар инкишофи тамаддуни Шарқи Наздик низ нақши бузург дорад. Замони зиндагии Ҳаким Тирмизӣ давраи заррин дар таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, ки на танҳо барои халқи тоҷик, балки барои тамаддуни башарӣ нақши муассир дорад. Агар ба маълумоти сарчашмаҳо назар кунем, падари Ҳаким Тирмизӣ_Алӣ-ибни Ҳусайн олими шинохта, ситорашинос, донандаи илми нуҷум, ҳадисшинос буд. Ӯ ба Бағдод сафар намуда, бо олимони маъруфи ҳамон давра оид ба масъалаҳои мухталифи ҳадис баҳсу мунозира мекард. Модар ва амаки ӯро низ донандагони ҳадис ҳисоб мекунанд.

Модари Ҳаким Тирмизӣ аввалин зани ҳадисшинос дар олами ислом ба ҳисоб меравад. Яъне, Ҳаким Тирмизӣ дар оилаи тоҷик, оилаи донандагони ҳадис ба воя расидааст, ки дар оянда ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва камоли ӯ таъсири калон расонидааст [1,с.112].

Фаъолияти илмию эҷодии Ҳаким Тирмизӣ асосан бо марказҳои калони фарҳангию илмии Хуросону Мовароуннаҳр Бухорову Тирмиз, Самарқанд, Балх, Ҳирот ва Нишопур сахт вобастагӣ дорад. Ӯ дар баҳсҳои зиёди илмии олимон ва муттафаккирон ширкат варзидааст. Аввалин асарҳои худро Ҳаким Тирмизӣ дар зодгоҳаш эҷод намудааст. Барои ташаккул ва инкишофи ӯ ҳамчун донишманди ҳадисшинос, ситорашинос ва дигар илмҳо нақши занаш, ки донишманд буд, зиёд аст. Бо ташаббуси ӯ дар шаҳри Тирмиз мадрасаи олии занона бо номи "Чилдухтарон" ташкил дода шуд.

Ба қалами Ҳаким Тирмизӣ асари ӯ оид ҳадисшиносӣ, ки "Наводир-ал-усул" ном дорад, таалluқ дорад. Дар ин асар 291 ҳадис, ки нуқтаи назари муаллифро ифода мекунанд, ҷамъ оварда шудаанд [4, с.18]. Ҳаким Тирмизӣ шахсияти хеле бузург ва дар гузашта маъруф буд. Қариб дар тамоми осори ирфонии мо ба меросу андешаҳои ӯ таваҷҷуҳи зиёде карда мешуд, лекин, барои аксарияти мардуми мо ноошно мебошад. Бинобар ин дар феҳрасти ҷашнҳои ЮНЕСКО ворид гаштани таҷлили 1250-солагии Ҳаким Тирмизӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони моро ва олимони дигарро боз ҳам бештар мекунад.

Замони Ҳаким Тирмизӣ яке аз замонҳои муассир дар тамаддуни шаҳр ва шаҳрсозӣ ба ҳисоб меравад. Шаҳрҳои Самарқанд, Бухоро, Марв, махсусан Тирмиз яке аз марказҳои фарҳангӣ ба ҳисоб мерафтанд. Мо имрӯз бояд собит намоем, ки тамаддуни шаҳр ва шаҳрсозӣ ва ёдгориҳои таърихӣ то ба имрӯз вуҷуд доранд [3,с.13]. Имрӯз бо ташаббуси олимони Институти таърих ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон китобе бо номи "Ёдгориҳои меъморӣ ва ҳунарии замони Ҳаким Тирмизӣ" таълиф гардидааст, ки аз тарафи ЮНЕСКО хуб пазируфта шудааст.

Дар таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти Ҳаким Тирмизӣ, бахусус саҳми профессорон Ёқуб Одинаев ва Аскаралӣ Раҷабов ниҳоят бузург мебошад. Профессор Ёқуб Одинаев дар китоби худ "Олим ва мутафаккир Ҳаким Тирмизӣ" навиштааст: "Нақши Ҳаким Тирмизӣ дар рушди тадқиқоти анъана ва урфу одатҳои мардуми тоҷику форс хело бузург аст. Аз ҷониби ӯ рисолаҳои "Наврӯзнома" ва "Солнома" навишта шудаанд, ки масъалаҳоро оид ба космология ва тиб дар бар гирифтаанд. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳо Ибни Сино низ аз асарҳои Ҳаким Тирмизӣ истифода мебурдааст" [3, с.16].

Асарҳои "Наврӯзнома" ва "Солнома"-и Ҳаким Тирмизӣ ба забони тоҷикӣ навишта шудаанд. Аксари асарҳои ӯ ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр нашудаанд ва ин имкон намедиҳад, то хизматҳои ӯро дар назди илм ва халқи тоҷик, ки фарзанди ҳамин халқ буд, пурра дарк намоем. Дастнависҳои Ҳаким Тирмизӣ дар Ҳиндустон, Париж, Қоҳира, Истамбул, Димишқ, Лондон ва Тошканд маҳфуз мебошанд. Тибқи маълумоти Абдулфаттоҳ Баракат аз 400 асари ба ӯ тааллуқдошта 60-тои он то ба мо омада расидаанд. Мувофиқи маълумоти дигар ба қалами Ҳаким Тирмизӣ зиёда аз 80 асар тааллуқ дорад [3,с.14].

Ҳаким Тирмизӣ дар назди устодони зиёде ба мисли Солеҳ ибни Абдуллоҳ, Яъқуби Чағонӣ, Муҳаммади Тирмизӣ, Сӯфиён ибни Воқеъ ва Саломии Тирмизӣ, ки мутафаккирони замони худ ба ҳисоб мерафтанд, таълим гирифтааст.

Ҳаким Тирмизӣ яке аз асосгузорони мактаби тасаввуф бо номи "Ҳакимия" мебошад. Ва ба чанд нуқтаи назари тасаввуфие, ки ба андешаи ӯ арзишманд аст, таваҷҷуҳ менамоем. Масалан: дар бораи чигунагии зоҳиру ботиниаш инсон. Ҳар инсон кӯшиш бояд кунад, ки рафтораш, кирдораш, амалаш бо ботин мутобиқат дошта бошад. Зеро ботини инсон таҷаллигоҳи нури Ҳақ ва Худо ҳаст. Аз ин ҷиҳат вақте ки мо ба осори Ҳаким Тирмизӣ шинос мешавем мебинем, ки ӯ бештар оиди пок кардани ботини инсон андешаҳои худро баён мекунад. Ба наздикӣ бо ташаббуси олимони АИ ҶТ ва Донишгоҳи давлатии шаҳри Хуҷанд

ба номи аллома Б. Ғафуров ва бахусус профессор Умеда Ғаффорова, се асари барҷастаи ӯ “Хатм-ул-анбиё”,“Наврӯзнома” ва “Наводир усул”, ки дар тамаддуни исломии Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик нақши ниҳоят бориз доранд, бо забони тоҷикӣ ба нашр расиданд.

Ҳаким Тирмизӣ дар қатори дигар олимон барои тадқиқот дар ҷодаи илми фалсафа, бахусус илми исломшиносӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расонидааст. Ӯ давомдиҳандаи ақидаҳои Абӯҳанифа буда, инчунин дар соҳаи фиқҳ, яъне қонунгузорӣ дар ҷодаи дини ислом машғул шудааст.

Воқеан, таваҷҷуҳ ба осори Ҳаким Тирмизӣ ва бузургони дигари илму фарҳанги гузаштаи мо яке аз рукнҳои сиёсати давлатӣ дар давраи истиқлолият аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Прези-денти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳост, ки барои баланд бардоштани сатҳи худогоҳии миллат ва мардуми мо кӯшиш менамоянд, ки гузаштагони моро ба мардум бештар ошно намоянд. Таҷлили ҷашнвораи Ҳаким Тирмизӣ яке аз ин тадбирхост.

## АДАБИЁТ


1. Али-заде А.А. Тирмизи Мухаммад. Исламский энциклопедический словарь. — М.; Ансар, 2007. 396с.
2. Корбен А. История исламской философии. Учебник / А. Корбен. –М.: Прогресс – Традиции, 2010. -193с.
3. Одинаев Я. К. Ученый и мыслитель - Хаким Тирмизи / Я. К. Одинаев. —Душанбе, 2016. -54с.
4. Элиаде Мирча История веры и религиозных идей. В 3х. –Т.3 от Магомета до Реформации. Учебник / М. Элиаде. –М.: Критерион, 2002. -119с.


## ҲАКИМ ТИРМИЗӢ ВА ОСОРИ ГАРОНМОЯИ Ӯ


Яке аз чеҳраҳои шинохтаи таърихи замони Сомониён, ки нақши бузург ва муассир дар ин тамаддун доштааст, ин Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Ҳусейн ибни Башир -ал Ҳаким ат-Тирмизӣ машҳур ба Ҳаким Тирмизӣ аст. Ҳаким Тирмизӣ дар яке аз марказҳои фарҳангӣ ва динии он замон Варорӯд ба истилоҳ Мовароуннаҳр - Тирмиз соли 756 дар маҳаллаи Боғ таваллуд шудааст. Ӯ олими илми илоҳиёт, ҳуқуқшиносӣ мактаби ҳанафӣ, файласуф ва орифи хеле шинохта буд. Ҳаким Тирмизӣ қабл аз Ибни Арабӣ ба дунё омадааст, вале номбурда се аср баъд ақидаҳои ӯро аз асари «Ҳотам- ул-вилоя» оид ба ваҳдати вуҷуд омӯхта, пайгирӣ намуда мафтун шуда буд ва дар асари худ «Ваҳдат-ул-вуҷуд» аз он истифода бурдааст. Ҳаким Тирмизӣ ҳаракат мекунад, ки дар атрофи масъалаҳои маърифат, ҳастӣ, ягонагии олам ақида ронад. Масъалаи ягонагии олам масъалаи муҳим аст, ки баъд аз Тирмизӣ Имом Ғазолӣ низ ба ин масъала дахл кардааст. Дар асарҳои муҳаққиқони гузашта, чун Ҷомӣ, Фаридуддини Аттор ва ғайра ҳамчун олими соҳибмактаб зикр шудааст. Дар илми ҳадисшиносии гузашта Ҳаким Тирмизӣ нақши басо бузург дорад ва яке аз поягузорон низ маҳсуб мешавад. Дар китобҳояш аз нуктаи назари мантиқӣ, аз нуқтаи назари назариявӣ оиди ҷаҳонбинии антологӣ - ҳастӣ ва гносиологӣ- назарияи маърифат баҳс мекунад. Ҳаким Тирмизӣ на танҳо дар таърих ва тамаддуни Осиёи Марказӣ, балки дар инкишофи тамаддуни Шарқи Наздик низ нақши бузург дорад. Замони зиндагии Ҳаким Тирмизӣ давраи заррин дар таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад, ки на танҳо барои халқи тоҷик, балки барои тамаддуни башарӣ нақши муассир дорад.Фаъолияти илмию эҷодии Ҳаким Тирмизӣ асосан бо марказҳои калони фарҳангию илмии Хуросону Мовароуннаҳр Бухорову Тирмиз, Самарқанд, Балх, Ҳирот ва Нишопур сахт вобастагӣ дорад. Ӯ дар баҳсҳои зиёди илмии олимон ва муттафаккирон ширкат варзидааст.



**Калидвожаҳо:** ҳадис, ҳадисшинос, Тирмиз, имом Абуҳаниф, Ҳиндустон, Париж, Қоҳира, Истамбул, Димишқ, Лондон, тасаввуф, “Ҳакимия” “Чилдухтарон”.


## ХАКИМ ТИРМИЗИ И ЕГО БЕСЦЕННОЕ НАСЛЕДИЕ


Эпоха великого ученого и мыслителя Абу Абдуллаха Мухаммада бини- Али бини Хусейна Тирмизи (755-869) знаменует собой величайший расцвет культуры народов Центральной Азии, Ближнего, Среднего Востока и исламского мира в целом. В первую очередь это относится к нашему таджикскому народу. Великий ученый и мыслитель Хаким Тирмизи жил и творил в период первого государственного образования таджиков - Саманидской державы (819-1005). Абу Абдуллах ибн Мухаммад ибн Али ибн Хусайн ибн Башир ал-Хаким ат-Тирмизи - таково его полное имя. Ал Хаким родился в 756 году в местности Буге, вблизи Тирмиза, умер в Буге в 869 году. Он суннитский теолог родом из Тирмиза, правовед школы Ханифы, философ, мистик. Хаким Тирмизи является предшественником Ибн Араби, философа из Андалузии, который три века спустя тщательно изучал его идеи о единстве бытия в «Хатам-вилоя» и восхищался ими. Ибн Араби по существу создал свои концепции вахдат ал-вуджуд и хатм ал-вилоя на основе идей Хакима Тирмизи. Большинство работ Хакима Тирмизи остаются неизданными и непереведёнными на русский и таджикский языки, что не позволяет узнать в большей мере о его заслугах перед наукой, таджикским народом, сыном которого он был. Рукописи Хакима Тирмизи находятся в Индии, Париже, Кипре, Дамаске, Александрии, Лондоне, Стамбуле, Ташкенте. По данным Абулфаттаха Барака, до нас дошло 60 работ Хакима Тирмизи, из 400 принадлежащих ему. Велика роль Хакима Тирмизи в развитии исследований таджикско-персидских традиций и обрядов. Им написаны такие книги, как «Наврузнома», «Солнома» и другие, содержащие светские знания, а также трактаты по космологии и медицине. Согласно сведениям письменных источников, Ибн Сино также изучал основы тайн врачевании, использовал труды Хакима Тирмизи.



**Ключевые слова:** хадис, хадисовед, Тирмиз, Имам Абуханиф, Индия, Париж, Каир, Стамбул, Доха, Лондон, Суфизм, «Хакимия», «Чилдухтарон».


## HAKIM TIRMIZI AND ITS PRECEDENT HERITAGE

The era of the great scientist and thinker Abu Abdullah Muhammad bin-Ali bin Hussein Tirmizi (755-869) marks the greatest flourishing of the culture of the peoples of Central Asia, the Middle East and the Islamic world as a whole. First of all, this applies to our Tajik people. The great scientist and thinker Hakim Tirmidhi lived and worked during the first state formation of the Tajiks - Samanid Power (819-1005). In 819, the enlightened and highly intellectual dynasty of the Samanids emerged on the historical-political arena of Maverannahr and Khorasan and part of Iran. According to written sources, the founder of the great dynasty, Samonhudot (Samankhudat) was originally from Tirmiz, was the founding father of Somon (near the old Tirmiz). The Samanids were true Tajiks and did not have a kinship relationship with non-Iranian tribes. Most of the works of Hakim Tirmidhi remain unreleased and untranslated into Russian and Tajik languages, which does not allow to learn more about his services to science, the Tajik people, whose son he was. Manuscripts of Hakim Termizi are in India, Paris, Cyprus, Damascus, Alexandria, London, Istanbul, and Tashkent. According to Abulfatthah Barak, 60 works by Hakim Tirmidhi, of 400 belonging to him, have reached us. An important role in the formation of Hakim Tirmizi, as a great thinker and healer, was played by his polemic with Abu Turob Nahshabi, Ahmad Khadrawayi and Ibn Jallah. Constant readings, meetings and conversations with famous scientists and sheikhs, secluded observations led Hakim Tirmidhi to universal knowledge and spiritual perfection, he could comment on the rules and orders of the Islamic religion, notice inconsistencies-errors of Sufi mystics, criticize their interpretation of the Islamic religion. The role of Hakim Tirmizi in the development of studies of the Tajik-Persian traditions and rituals is great. He wrote such books as "Navruznoma", "Solnoma" and others, containing secular knowledge, as well as treatises on cosmology and medicine. According to the written sources, Ibn Sino also studied the basics of the mysteries of healing, used the works of Hakim Tirmidhi.

**Key words:** hadith, hadith, Tirmiz, Imam Abuhanif, India, Paris, Cairo, Istanbul, Doha, London, Sufism, Hakimiya, Childukhtaron.

**Сведения об авторе:** ***Шарофов Эрадж Умрибаевич*** – Филиал Белорусского национального технического университета Таджикского технического университета им. М.С. Осими, кандидат исторических наук, доцент кафедры гуманитарных и общетехнических дисциплин. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Раджабовых, 10. Телефон**: (+992) 93-767-26-77.** E-mail:**vip.sharofzoda@mail.ru**.

**Information about the author:** ***Sharofov Eraj Umribaevich -*** Branch of the Belarusian National Technical University of Tajik Technical University. M.S. Oshimi, candidate of historical science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, and Prospect Rajabovs10. Phone **:(+992) 93 767 26 77.** E-mail: **vip.sharofzoda@mail.ru**.

УДК - 93(575.3)

# ТАБАҚАИ МАВОЛӢ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР АСРҲОИ VIII-IX

***Шарифова М.Э.***

**Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт**

Яке аз муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ дар таърихи пас аз забти Хуросон ва Мовароуннаҳр аз тарафи арабҳо пайдо шудани табақаи аҳолӣ бо ном маволӣ ба ҳисоб меравад. Ошноӣ бо сарчашмаҳои ин давра ҳар хонандаеро бо ин мафҳум дучор мекунад. Бояд қайд кард, ки донишмандон чанд омилро барои ҷалб шудани мардуми нимҷазираи Арабистон ба ислом ва минбаъд гаравидани халқҳои ғайриараб ба ин динро муассир донистаанд. Осон будани таълимоти ислом, норозӣ будани мардум аз низоми табақотии ҳоким бар ҷомеаи онрӯза, ба зулму ситамкории ҳокимон ҳамроҳ гаштани коҳинони зардуштӣ, аз ҷумлаи ин омилҳо дониста мешаванд. Таълимоти ислом миёни араб ва ғайриараб имтиёз қоил набуд. Дар оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои Пайғамбар (с) метавон инро ошкоро мушоҳида кард. Дар баробари заминаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бояд ба як омили дигар ҳам ишора кард. Ин омил аз нигоҳи идеологӣ фронти ягона ва муттаҳид надоштани мардуми ғайриараб, аз ҷумла аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр мебошад [1, с.323]. Зиддияту рақобатҳое, ки миёни зардуштиён, буддоиён, масеҳиён ва дигар ойинҳо дар минтақа ҷорӣ буд, роҳро барои густариши дини ислом, ки дини ҷавон буд, ҳамвор кард.

Яке аз нуктаҳое, ки бояд дар ин ҷо онро тазаккур диҳем, он аст, ки хилофати арабӣ-исломӣ пас аз сӣ соли ҳукмронии халифаҳои чаҳоргона, ки «хулафои рошидин» номида мешаванд, ба давраи шоҳӣ ё салтанатӣ бармегардад ва аз низоми нисбатан демократии оғози ислом ҳеҷ чиз боқӣ намемонад. Нахустин нишонаи ин тағйирот он буд, ки дигар халифаро мардум интихоб намекарданд. Он минбаъд чун замони тоисломӣ, ҳамчун мерос аз падар ба писар ё бародар интиқол меёфт. Ҳамин тавр, сулолаи Уммавиён хилофатро дар хонадони худ меросӣ карданд. Меросӣ гаштани ҳукумат ба тамоми самтҳои ҳаёти хилофат таъсири худро

расонд. Аз он ҷумла, ҷомеа аз нигоҳи иҷтимоӣ дучори тағйирот гардид. Зеро арабҳо худро махсуси ҳукуматронӣ мепиндоштанд. Корҳои дигарро ба шаъни худ раво намедонистанд. Як зарбулмасал дар байни арабҳо хеле маъруф буд, ки мегуфтанд: «Муаллим ва бофанда аҳмақанд». Ин ба он маъно буд, ки касбҳои зикршударо арабҳо ба шаъни худ айб медонистанд.

Арабҳо қабл аз ислом ва ҳатто пас аз мусулмон шуданд ҳам, тамоми ҷанбаҳои иҷтимоии ҷомеаро бар асоси қабила устувор мекарданд. Яке аз махсусиятҳои қабила ин буд, ки агар дар ҷомеа шахсе берун аз қабила мемонд, ё ба сабабе қабилааш ӯро тарк мекард, ин шахс нобуд мешуд. Зеро танҳо қабила метавонист, ки фардро мавриди ҳимоя қарор диҳад. Қабила дар миёни арабҳо аз он ҷиҳат аҳамияти муҳим дошт, ки араб мисли Эрон, Византия, Миср ва дигар кишварҳои он давра давлати ягонаву муқтадир надошт, ки ҳуқуқу озодиҳои ӯро ҳимоят кунад [2, с.100-101]. Аз ин рӯ, арабҳо ҳатто пас аз қабул кардани ислом ҳам бар асли қабила пойбанд монданд. Дар лашкаркашиҳои худ ба дигар сарзаминҳо низ ин аслро риоя карда, дар ҷойҳое, ки сокин мешуданд, боз қабила-қабила мезистанд. Аз ҷумла, Наршахӣ вақте аз дарвозаҳои Бухоро ном мебарад, аз дарвозаҳои Бани Асад ёдовар шуда, мегӯяд, ки «хонаҳои араб бештар ба он дарвоза будааст» [3, с.107]. Дар шаҳрҳои Хуросон низ арабҳо бар асоси қабила ҷойгир мешуданд. Дар охири замони Уммавиён ихтилофи қабилаҳо яке аз сабабҳои низоъ дар дохили араб шуда, шикасти Уммавиёнро тезонд [4, с.123].

Пас аз густариши ислом ва якҷоя шудани арабҳо бо мардуми ғайриараб низ низоми қабила аз байн нарафт. Халқҳое, ки дар дохили хилофат зиндагӣ мекарданд, мебоист худро дар зери ягон қабилаи араб нигоҳ доранд. Ба ҳамин хотир дар дохили ҷомеаи мусулмонӣ синфи нави мавло ё маволӣ ба вуҷуд меояд, ки дар бораи пайдоиш ва ташаккули ин табақа олимон фикру мулоҳизаҳои гуногун пешниҳод кардаанд. Калимаи мавло дар луғат чанд маъно дорад, ки аз он ҷумла ду маънии ба ҳам зид – молик (хуҷаин) ва банда аст. Дар истилоҳи донишмандони соҳаи дин ва луғатҳо бештар бар ғулом (банда) ва ғайри араби холис гуфта мешавад. Гоҳе ҳам бар маънии озодкардашуда ва ҳамфикру шарик. Ҳар гоҳ молик банда ва канизи худро озод мекард, як навъ иртиботу пайвастагӣ миёни онҳо ба вуҷуд меомад, ки ин бастагиро вало мегуфтанд ва бандаи озодшударо мавло мехонданд. Ҳатто шахси Пайғамбар (с) низ ғуломе дошт бо номи Зайд ибни Ҳорис ва пас аз озод шудан ҳам ӯро мавлои пайғамбар мегуфтанд, зеро пайғамбар (с) ӯро озод карда буд. Канизи озодшударо низ мавлот мегуфтанд. Осори вобастагӣ (вало) ин тавр буд, ки агар банда озод мешуд ё аз дунё мерафт ва ворисе намедошт, ирси ӯ ба моликаш, ки вайро озод намуда буд, мерасид. Донишманди маъруфи араб Ҷурҷи Зайдон менависад, ки «Мавло дорои вазъе буд, ки аз ғулом болотар ва аз озод поинтар буд. Дар Византия ин навъ бандаҳоро озодшудагон меномиданд. Асир ё бандаи озодшуда ба қабила ва тоифаи соҳибони худ мешуд. Гоҳе мавло ба шаҳре интисоб меёфт, масалан мавлои Макка ва мавлои Мадина. Мавло бо соҳибони хеш як навъ наздикӣ пайдо мекард ва ин навъи қаробатро ғайрисареҳ мегуфтанд. Мавло маънои бисёр дорад, ки аз он ҷумла: банда, сарвар, валӣ, хеш ва қавм, писарамак, ҳампаймон, ҳамсоя, меҳмон, дӯст, писар, домод ва ғайра аст» [5, с.24].

Дар баъзе китобҳои адабиёт ва таърих калимаи мавло бар тамоми миллатҳои ғайриараб, ки таҳти ҳукумати араб даромадаанд, татбиқ мешуд. Бояд гуфт, ки калимаи мавло дар миёни арабҳои тоисломӣ чунин маъноҳои зиёд надошт ва ба ғуломи озодшуда гуфта намешуд, балки маволӣ касонеро мегуфтанд, ки ҷонишин ва бозмонда ва ворису бародари шахсе бошанд.

Калимаи мавло дар Қуръон низ омадааст. Дар бораи табақаи маволӣ ҳадисҳое аз Пайғамбар (с) ривоят шудаанд. Аз ҷумла, дар ҳадисе Пайғамбар (с) фурӯши мавлоро манъ кардааст. Дар ҷойи дигар мегӯяд: «Мавло дар ҳукми мансубот ва наздикон аст». Ин ду далел (қуръонӣ ва ҳадисӣ) нишонгари он аст, ки дар маҷмӯъ барои нимҷазираи Арабистони асри VII маволӣ дар баробари маҳдудият соҳиби ҳуқуқҳое будаанд. Табиист, ки ислом дар асри

VII наметавонист ғуломдориро аз байн барад, чун анъанаи низомии он рӯзгор миқдоре аз пояҳои иқтисодӣ ва бозаргонӣ бар ғуломдорӣ устувор шуда буд. Аммо ислом бо тадбирҷӯӣ шароите ба вуҷуд овард, ки вазъи ғуломҳо беҳтар шавад.

Дар осори бозмонда аз асрҳои VIII-XI дар бораи табақаи мавло матлаби зиёде мавҷуд аст. Пас аз асри XI, бо кам шудани нуфузи хилофат ва таъсири фарҳанги арабӣ ин калима тадриҷан камистеъмол мешавад. Дар бораи низоми ҳуқуқии табақаи мавло бошад, меъёр расму анъанаҳои арабҳо ба шумор мерафт. Муҳимтарин нишондиҳандаҳои низоми ҳуқуқии табақаи мавлоро чунин метавон ҷамъбаст кард. Мавлоро харидану фурӯхтан намешуд, вале ӯ монанди фарди озод ҳам ирс намебурд. Дар масъалаи издивоҷ ва барпо кардани оила низ мавло пойбанд буданд, яъне мавло наметавонист зани озод бигирад, вале дия ё хунбаҳои мавло нисфи одами озод буд. Дар иҷрои ҳудуд низ ниме аз ҳадд бар ӯ ҷорӣ мешуд, ҳамчун ғуломон. Яъне, агар барои содир кардани ҷурми якхела инсони озодро 70 чӯб мезаданд, ба мавло нисфи он (35) муайян мегашт. Боз дигар муқарароти хусусӣ ҳам буданд.

Яке аз сабабҳои дигаре, ки ба бартариҷӯиҳои арабҳо нисбат ба халқҳои дигар, аз ҷумла мо тоҷикон он буд, ки арабҳо ҳеҷ гоҳ бовар намекарданд, ки рӯзе давлати азими Эронро аз байн мебаранд ва ба сарзаминҳои онҳо соҳиб мешаванд. Табарӣ ривоят намудааст, ки ҳангоме ки халифа Умар ба ҷанг бо Эрон (Форс) тасмим гирифт, арабҳо ҳама тарсидаанду тааҷҷуб карданд, ки чӣ гуна бо Эрон ҷанг тавон намуд? [6, с.61]. Аммо тавре маълум аст, лашкариёни араб бар хилофи интизори худ дар ҷанг эрониёнро шикаст дода, ба мавҷудияти давлати беш аз 400-солаи Сосониён хотима бахшиданд. Пас аз пирӯзӣ арабҳо исломро беҳтарин дин ва худро беҳтарин халқ ҳисобида, забти ҳудудҳои Рум ва Эрон онҳоро такаббур бахшид ва нажоди худро нажоди бартар ҳисобиданд. Худро сарвару пешвои ҳама олам ва дигаронро хидматгузор ва бандаву мавлоӣ пиндоштанд.

Бартариҷӯиҳои арабҳо аз замони хилофати Уммавиён оғоз мешавад. Уммавиён бар ин ақида буданд, ки «касе, ки хуни холиси арабӣ дар рагу решаи ӯ бошад, барои сарварӣ ва фаромонравоӣ ва пешвоӣ халқ шуда ва миллатҳои дигар барои хидматгузорӣ ва корҳои паст офарида шудаанд». Уммавиён ҳамчунон бар мусулмонони ғайриараб фахр карда, мегуфтанд, ки «на танҳо мо шуморо аз бардагӣ ва асорат озод сохтем, балки аз палидии куфру ширк наҷот дода, мусулмон кардем ва ҳамин кофист, ки аз шумо бартар бошем. Мо шуморо бо шамшер саодатманд сохтем ва бо занҷир ба биҳишт кашондем. Мо барои роҳнамоии шумо худро ба куштан додем ва чӣ хидмате аз ин болотар, ки барои зиндагии шумо ҷони худро фидо кардем. Худо моро маъмур кард, то худро барои роҳнамоии шумо ба куштан бидиҳем ва шуморо асир карда озод созем» [7, с.238].

Арабҳо чунин расм доштанд, ки барои эҳтиром якдигарро бо куния садо мезаданд, ки бо «аб», «абу», «ум» ва «ибн» меомад. Миёни арабҳо расм буд, ки барои эҳтиром номи кӯчаки касеро намебаранд ва ӯро ба номи писар ё духтараш мехонанд, мисли Абулқосим ё Уммулкулсум. Масалан, пайғамбар Муҳаммадро (с) ба номи нахустин писараш Абулқосим (яъне падари Қосим) хитоб мекарданд. Аммо ҳамин арабҳо маволиро бо лақаб мехонданд ва ҳеҷ гоҳ бо куния ӯро садо намекарданд. Дар як саф истода бо мавлоӣ ҳаракат намекарданд. Агар арабе мемурд, мавло наметавонист бо дигарон бар ҷанозаи ӯ намоз гузорад. Ҳангоми меҳмонӣ мавлоро сари хон наменишонданд, балки ӯро сари роҳ менишонданд, то мардум бидонанд, ки ӯ араб нест.

Уммавиён ҳатто бовар доштанд, ки фарзандоне, ки аз зани ғайриараб ба дунё оянд, ҳаққи соҳибӣ кардани хилофатро надоранд. Аз ҷумла, вақте яке аз арабҳо, ки аз авлоди Пайғамбар (с) буд, Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн барои аз хилофат дур кардани Уммавиён шӯриш кард, халифаи уммавӣ Ҳишомӣ ба ӯ навишт, ки «шунидаам ҳавои хилофат ба сар дорӣ, ту ки модарат каниз аст, чӣ гуна метавонӣ чунин мақомеро доро шавӣ?». Арабҳо ба мардони ғайриараб иҷозат намедоданд, ки бо занони араб издивоҷ кунанд. Душвортарин давраи зиндагӣ барои мавлоӣ замони ҳукумати волии уммавӣ Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф ба шумор

меояд. Ӯ бо нафрати беандоза ба маволӣ муносибат мекард ва нисбат ба ҳар касе, ки камтарин шубҳа дошт, ӯро ба зиндон меандохт. Муаллифи «Таърихи Систон» навиштааст, ки ӯ ба Ашъас ном коргузори худ дастур дод, ки аз маволӣ «молҳо бистон ва сӯйи Ҳинду Синд тохтан кун ва сари Абдуллоҳи Омил дарвақт наздики ман фирист» [8, с.124]. Сарчашмаҳо қайд мекунанд, ки Ҳаҷҷоҷ дастҳои маволиро доғ мегузошт, ки аз дигарон фарқ кунанд. Вақте ки Ҳаҷҷоҷ пас аз 20 соли ҳукумат бар Ироқ, Эрон ва Хуросон аз дунё рафт, 50 ҳазор мард ва 30 ҳазор зан дар зиндонҳои ӯ бо азобу шиканҷа ба сар мебурданд [9, с.100].

Арабҳо барои ба ислом даъват кардани аҳолии Хуросону Варорӯд аз роҳҳои гуногун истифода мебурданд. Яке аз ин роҳҳо ҷорӣ кардан андоз барои ғайримусулмонон буд, ки ҷиза ё газит ном дошт. Раванди ҷоришавии ислом дар оғози забткориҳои арабҳо чунин буд, ки тамоми кӯшишро мекарданд, ки мардуми маҳаллиро барои ворид шудан ба дини нав даъват кунанд. Муаррихи тоҷик Абӯбакри Наршахӣ ҳикоят мекунад, ки Қутайба ибни Муслим ба мардуми шаҳри Бухоро эълом дошта буд, ки «ҳар кӣ ба намози одина ҳозир шавад, ду дирам бидиҳам» [3, с.97]. Наршахӣ ҳамчунон ҳикоят мекунад, ки арабҳо ба мардуми суғдӣ иҷозат доданд, ки дар вақти хондани намоз метавонанд, сураҳои Қуръонро бо забони форсӣ бихонанд. Ин тадбирҳо барои ҷалби аҳолӣ ба дини ислом хеле таъсиргузор буд.

Бесабаб нест, ки бо гузашти вақт арабҳо, ки ҷамъоварии пулу сарват дар забти сарзаминҳо барояшон хеле муҳим буд, аз кори паҳн кардани дин даст кашиданд. Аз ҷумла, аз маволӣ ҳатто агар исломро қабул ҳам мекард, низ гирифтани андозро идома медоданд. Онҳо аз кам шудани даромади хазина нороҳат шуданд. Аз ин рӯ дастур доданд, ки нафароне, ки дар гузашта андози газит ё ҷизя мепардохтанд, пас аз ислом овардану мусулмон шудан ҳам бояд андоз диҳанд. Ин ҳолат дар Хуросону Мовароуннаҳр то замони амири Хуросон таъйин гаштани Насри Сайёр дар солҳои 30-уми асри VIII идома дошт.

Дар бораи сиёсатҳои иқтисодии арабҳо дар сарзаминҳои Хуросону Мовароуннаҳр сарчашмаҳои таърихӣ маълумоти фаровон дода, муаррихон низ дар ин бораи зиёд навиштаанд. Норозӣ будани табақаи маволиро дар иштироки фаъолонаи онҳо ҳангоми шӯриши Мухтори Сақафӣ (солҳои 685-687) мушоҳида мекунем. Мухтор ҳарчанд худ араб буд, вале пас аз шикасти шӯришҳои қаблӣ, ба хулосае омад, ки бояд ба маволӣ такя кунад. То ин дам дар шӯришҳо маволӣ иштирок намекарданд. Дар сипоҳи Мухтор маволӣ чунон зиёд буданд, ки вақте яке аз намояндагони халифа барои музокира ба назди шӯришиён омад, аз ҷое ки дохили урду гашт, то ҷое ки сарони шӯриш нишаста буданд, як калимаи арабӣ аз забони сипоҳиён нашунид. Мухтор бар хилофи қоидаи он рӯзҳо ба маволӣ иҷозат дод, ки бар асп нишинанд ва аз ғаниматҳои ҷангӣ низ баҳраманд шаванд. Ин ҳолат боиси норозигии арабҳо гардид. Табарӣ ҳикоят мекунад, ки ҳеҷ чизе арабҳои шаҳри Куфаро он қадар нороҳат накард, ки Мухтор барои маволӣ ҳам аз ғаниматҳои ҷангӣ саҳм муайян кард [6, 234]. Ба ҳамин хотир баъзе арабҳо аз Мухтор рӯй гардонданд ва бо вуҷуди пирӯзиҳои аввалин шӯриши Мухтор бераҳмона пахш карда шуд. Дар шӯриши дигаре, ки бо роҳбарии Абдуллоҳ ибни Ашъас шуда гузашт, боз ҳам нақши асосиро маволӣ мебозиданд.

Дар ин давра арабҳо дар таассуби қабилавӣ чунон ғарқ гашта буданд, ки фарзандонеро, ки аз зани ғайриараб ба дунё меомаданд, бо фарзанде, ки аз зани араб ба дунё омадааст, баробар намедонистанд. Дар натиҷа фарзандони аз чунин издивоҷҳо пайдошуда дар ҷомеа ба мушкили ҳуқуқӣ дучор меомаданд. Донишманди маъруфи араб Ҷоҳиз менависад: «Ба Убайди Калобӣ, ки марди фақире буд, гуфтам: Майл дорӣ, ки ҳайҷан бошӣ ва дар муқобил ҳазор ҷариб аз они ту бошад?» Убайд гуфт: Ҳаргиз зери бори ин пастӣ намеравам. Гуфтам: Амирулмуъминин ҳайҷан ва каниззода буд. Гуфт: Худо расво кунад, касеро, ки итоати ин каниззода кунад». Аз ин сухан метавон ба хубӣ фаҳмид, ки чӣ гуна дар даврони ҳукумати Уммавиён ҳақиқати ислом дигаргун гардид ва дине, ки бо бартариҷӯии миллӣ ва нажодӣ мухолиф буд, дар давраи Уммавиён дар роҳи худхоҳии қавмӣ ба кор мерафт.

Ин ҳолат дар замони ҳукумати Аббосиён низ аз байн нарафт. Ҳорунуррашид (786-809) соли 791 вақте мехост аз байни ду фарзандаш - Муҳаммад Амин ва Абдуллоҳи Маъмун якеро барои ҷонишинӣ интихоб кунад, Муҳаммад Аминро валиаҳди нахустини худ интихоб кард ва соли 799 Абуллоҳи Маъмунро валиаҳди дувум интихоб карда, миёни ду фарзанд аҳдномае имзо кунонда, дастур дод, ки онро бар девори Каъба овезон кард. Сабаби бартар донистани Муҳаммад Амин он буд, ки вай аз модари араб ба дунё омада буд, вале модари Абдуллоҳи Маъмун мавлӣ маҳсуб мегашт. Дигар сардори ҳарбии хилофат Афшин низ нисбат ба арабҳо нафрат дошт, чун аз фахрфурӯшиҳои онҳо ба танг омада буд. Арабҳо аз ӯ сахт метарсиданд ва ҳатто дар Бағдод амалдорони баландпояи хилофат чун бо Афшин рӯ ба рӯ мешуданд, ночор арабҳоро паст мезаданд ва мавлӣ ё аҷамиҳоро ситоиш мекарданд [10, с.215].

Ҳамин тавр, дар бораи мавлӣ ва сарнавишти пурмоҷарои он метавонем чунин хулоса кунем, ки шиорҳои дини ислом дар самти озодӣ ва баробарӣ миёни тамоми халқу миллатҳо, ки то имрӯз таблиғ мегардад, дар асри забткориҳои арабҳо риоя намегашт. Агар то забти арабҳо мардуми Хуросону Мовароуннаҳр зери зулми шоҳаншоҳии Сосониён ва ҳокимони маҳаллии Суғду Тахористону Фарғона қарор дошта бошанд, пас аз истилои арабҳо вазъияти онҳо беҳтар нагашта, илова бар тамоми уҳдадориҳои молӣ, ки кишоварзону ҳунармандон доштанд, вазъи иҷтимоии онҳо як зинаи дигар поинтар рафт. Номи таҳқиромези мавлӣ ба ҳамаи халқҳои ғайриараб, аз ҷумла аҷдодони халқи тоҷик гузошта шуд, ки барои раҳоӣ аз он мардум салсолаҳо талош варзиданд. Чунин номгузорӣ ва рафтори иҷтимоӣ нишонгари сатҳи тараққиёти ҷомеа ва мафкураи арабҳо буд, ки асоси ҷамъияти онҳо бар пояи қабила устувор буд. Маҳдудиятҳое, ки арабҳо нисбат ба халқҳои тобеъ, аз ҷумла мавлӣ ҷорӣ карданд, нишонгари он аст, ки арабҳо аз камтарин эътирози аҳолӣ метарсиданд ва тамоми чораҳоро медиданд, ки аҳолиро дар итоати бечунучаро нигоҳ доранд. Вале, тавре раванди минбаъдаи ҳодисаҳо нишон дод, мавлӣ дар муқобили сиёсатҳои ноадолатонаи хилофати араб вокуниш нишон дода, ҳаракати фаъоли сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро пеша карданд, ки он дар қиёму шӯришҳо ва ҷунбишҳои гуногун намудор мегашт. Аммо бештарин муборизаи мавлӣ, ки фаъолтарини онҳо тоҷикон буданд, бештар дар муборизаи фарҳангӣ намудор гашт.

**АДАБИЁТ**


1. Кристенсен А. Эрон дар аҳди Сосониён. Монография; тарҷумаи Р. Ёсумӣ. А. Кристенсен. –Теҳрон: Амири Кабир, 1370. – 564 с.
2. Ҳитӣ Ф. Таърихи араб. Монография; тарҷумаи Абулқосим Поянда. –Теҳрон: Огоҳ, 1380. – 1060 с.
3. Наршахӣ Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. Сарчашма. –Душанбе: Пайванд, 2014. – 736 с.
4. Беляев Е.А. Арабы, ислам и арабский халифат в раннем средневековье. Монография /Е.А. Беляев. -М.: Наука, 1965. -279 с.
5. Зайдон Ҷ. Таърихи тамаддуни ислом. Монография; тарҷума аз арабӣ М. Ҷавҳарикалом. –Теҳрон: Амири Кабир, 1376. -Ҷ.4. -764 с.
6. Табарӣ Муҳаммад ибни Ҷарир. Таърих-ур-русули ва-л-мулук; тарҷума аз арабӣ, мутарҷим Абулқосими Поянда / бо таҳрири умумии Н. Амиршоҳӣ. Сарчашма. –Душанбе: Сарредексияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2014. -746 с.
7. Ровандӣ М. Таърихи иҷтимоии Эрон. Монография. –Теҳрон: Амири Кабир, 1368. –Ҷ. 2. – 469 с.
8. Таърихи Систон / таҳияи А. Абдусаттор ва М. Имомов. Сарчашма. - Душанбе: Деваштич, 2012.
9. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ду қарни сукут (Саргузашти ҳаводис ва авзои таърихии ду қарни аввали ислом). Монография. –Теҳрон: Сухан, 1381. – 372 с.
10. Байҳақӣ Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ / таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо С. Муллоҷон. Сарчашма. –Душанбе: Бухоро, 2014. -748 с.


## ТАБАҚАИ МАВЛӢ ВА ҶОЙГОҲИ ОН ДАР АСРҲОИ VIII-IX

Новобаста аз даъватҳои ислом дар заминаи баробарии ҳамаи халқу миллатҳо дар назди Худо, ашрофи араб нисбат ба мардуми ғайриараб назарбаландона рафтор ва ҳуқуқҳои халқҳои дигарро поймол мекарданд. Хусусан муносибат бо мардуми Хуросону Мовароуннаҳр хеле бад буд ва перомуни зулми арабҳо дар ин минтақаҳо мисолҳои зиёде далолат мекунанд. Ин равиши муносибат бо мардуми ғайриараб маҳсули андешаву салиқаи арабҳои тоислом мебошад, ки пас аз густариши ислом низ аз байн нарафт. Ҳамаи халқҳое, ки дар натиҷаи истилогарии арабҳо ба таркиби хилофати исломӣ ҳамроҳ карда шуданд, барои пеш бурдани фаъолияти

хуб мебоист бо қабоили араб пайванде барқарор кунанд. Пайдо шудани табақаи маволӣ натиҷаи ҳамин сиёсат буд. Маволӣ бисёре аз ҳуқуқҳои мардуми арабро надоштанд ва барои ба даст овардани ин ҳуқуқҳо талоши зиёд карданд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ, ки бештар бо забони арабӣ нигошта шудаанд, садҳо намунаро метавон зикр кард, ки ҳама ҳикоят аз сиёсати нажодпарастонаи сулолаҳои арабӣ, хусусан Уммавиён мебошад. Дар қаламрави хилофат арабҳо нисбат ба маволӣ зулму ситамро раво дида, ҳар гуна таҳқиру носазо гуфтан ба маволиро ҷоиз медонистанд. Ин сиёсат норозигӣ ва эътирози маволиро ба вуҷуд меовард. Яке аз қувваҳои пешбарандаи бештари шӯришҳои зиддиарабӣ ва зиддиуммавӣ дар ин давра маволӣ буданд. Бо сари қудрат омадани Аббосиён сиёсати нажодпарастона каме коҳиш ёфт, вале комилан аз байн нарафт.
**Калидвожаҳо**: Хуросон, Мовароуннаҳр, маволӣ, ислом, араб, Уммавиён, Аббосиён, тоҷик, шӯриш,

**МАВАЛИ И ИХ ОБЩЕСТВЕННАЯ РОЛЬ В VII-IX**

Несмотря на призывы, основанные на равноправии всех наций и народов перед Аллахом, арабская знать относилась к неарабам с высокомерием, а их права ущемлялись. Особенно отношение с народами Хорасана и Мавераннахра были в плохом состоянии, о притеснении народов этих регионов имеется много примеров. Такое отношение с неарабами является плодами доисламской природы и мышления арабов, которые даже после ислама не исчезли. Для установления хорошей деятельности требовалось установить связи с народами, которые в ходе арабских завоеваний вошли в состав арабского халифата. Такая политика является причиной появления слоя мавали. Так как мавали не имели многих привилегий арабов, упорно стремились, чтобы завладеть ими. О том, что арабская династия вела расистскую политику, в особенности Омейядский халифат, можно привести сотни примеров из исторических источников, которые преимущественно сохранились на арабском языке. Арабы на территории Халифата по отношению к неарабам позволяли себе насилие, а всякие унижения и оскорбления они считали дозволенными. Такая политика создавала недовольства и возражения мавали. Одной из ведущих сил многих мятежей против арабов в то время были мавали. С приходом к власти Аббасидов расистская политика немного снизилась, но не исчезла.
**Ключевые слова**: Хорасан, Мавераннахр, мавали, ислам, арабы, Омейяды, Аббсиды, таджик, восстание

**MAVALI AND THEIR PUBLIC ROLE IN VII-IX**

Despite calls based on the equality of all nations and peoples before Allah, the Arab nobility treated the Arabs with arrogance, and their rights were infringed. Especially the relationship with the peoples of Khorasan and Maverannahr was in a bad state, there are many examples of the oppression of the peoples of these regions. Such an attitude with the non-Arabs is the fruit of pre-Islamic nature and the thinking of the Arabs, which even after Islam did not disappear. To establish good activities, it was required to establish links with the peoples who, during the Arab conquests, became part of the Arab Caliphate. This policy is the reason for the emergence of the layer of mawala. Since the mawali did not have many of the privileges of the Arabs, they stubbornly sought to take possession of them. The fact that the Arab dynasty led a racist policy, especially the Umayyad caliphate, can be cited hundreds of examples from historical sources, which are mostly preserved in Arabic. The Arabs on the territory of the Caliphate allowed violence against themselves against the non-Arabs, and they considered all sorts of humiliations and insults to be permissible. Such a policy created dissatisfaction and objections to the mawali. One of the leading forces of many revolts against the Arabs at that time were mawali. With Abbasid's rise to power, the racist policy has slightly decreased, but has not disappeared.
**Keywords:** Khorasan, Maverannahr, Mawali, Islam, Arabs, Umayyads, Abbsids, Tajik, insurrection

**Сведения об авторе:** ***Шарифова Макнуна*** – Государственный педагогический институт Таджикистана в Раштском районе, проректор. **Адрес:** Республика Таджикистан, Раштский район, поселок Рашт, М.Мухиддинов 58.
E-mail**: sharifova.maknuna@mail.ru** Телефон: **931909999**
**Information about the author:** ***Sharifova Makknuna*** - State Pedagogical Institute of Tajikistan in Rasht district, vice-rector. **Address:** Republic of Tajikistan, Rasht district, Rasht village, M. Mukhiddinov 58. E-mail: **sharifova.maknuna@mail.ru**
Phone: **931909999**

УДК 327.581.575.3

# ҶОЙГОҲИ АФҒОНИСТОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН

***Мирзоев Н.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Агар мо ба таърихи дуру наздики ду кишвар - Тоҷикистон ва Афғонистон назари иҷмолӣ андозем, ба осонӣ метавон дарёфт, ки умумиятҳои этникӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, ҷуғрофӣ, этнологии байни ин халқҳо омили асосии ҳамзистӣ, баҳамсозӣ ва ҳамгироии онҳо будааст. Ва ҳамин омилҳо ин ду халқро дар тӯли асрҳо бо ҳам мепайваст ва кашиши узвие ба сӯйи якдигар миёни онҳо ба мушоҳида мерасид.

Ҳанӯз, дар сароғози қарни XX бо пирӯзии Инқилоби Октябр давлати тозабунёди шӯравӣ, ки дар ҳайати он тоҷикон низ шомил буданд, якчанд санадҳое қабул намуд, ки дар сарнавишти халқи афғон нақши ҳалкунанда бозиданд. Дар нахустин санадҳои Давлати Шӯравӣ Декрет дар бораи сулҳ 26 октябри соли 1917 ва муроҷиатнома «Ба ҳама меҳнаткашони мусулмони Россия ва Шарқ» 20 ноябри соли 1917 усулҳои асосии сиёсати хориҷии Давлати Шӯравӣ нисбат ба кишварҳои Осиё-Афғонистон, Эрон, Туркия возеҳ баён

ёфта, дар онҳо ҷанг ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ, мустамликадорӣ ва тасарруфи халқҳои дигар сахт маҳкум гардида, озодӣ ва истиқлолияти халқҳо ташвиқ карда мешуд. Чунин иқдомҳои инсондӯстонаи Давлати Шӯравӣ халқҳои Осиёро ба ғулғула андохт ва онҳоро ба муборизаи истиқлолиятхоҳӣ раҳнамун сохт. Наҳзати озодихоҳӣ Афғонистонро низ фаро гирифт ва феврали соли 1919 таҳти роҳбарии Амонуллоҳхон Афғонистон истиқлолияти худро эълон намуд.

Аввалин давлати хориҷие, ки Афғонистонро ба расмият шинохта, бо он робитаҳои дипломатӣ барқарор кард, Давлати Шӯравӣ буд. Моҳи майи соли 1919 сафири Афғонистон Муҳаммад Валихон озими Россия гардид ва роҳбари шӯравӣ В.И.Ленин ӯро ба ҳузур пазируфта, шодбош гуфт. Мутаносибан ба Афғонистон намояндагони Россияи шӯравӣ, аввал М.З. Бравин баъд Я.Сурис фиристода шуданд. Бозшинохти Афғонистон аз тарафи Давлати Шӯравӣ ба халқи афғон рӯҳу неруи тоза бахшид. Дар ин солҳо якчанд ватанпарастони афғон М.Баракатулло, Нисормуҳаммади Афғон, Абдураб Барқ барои аз наздик шинос шудан бо ватани инқилоби халқӣ ба Россия сафар намуданд. Баъдтар Нисормуҳаммади афғон дар пойдор шудани маорифи Тоҷикистон саҳми арзанда гузошт.

Бо ғалабаи Инқилоби Бухоро 2 сентябри соли 1920 дар муносибатҳои Осиёи Миёна ва Афғонистон низ марҳилаи нав оғоз ёфт. Ҳукумати Афғонистон Бухорои навинро ба расмият шинохта, муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, сафорати худро ба Бухоро бо сарварии Абдулҳодии Довӣ фиристод. Ҳукумати шӯравии Бухоро низ сафорати худро ба Афғонистон бо сарварии Абдулло Раҳимхон баъдтар соли 1921 бо сарварии шоир Ҳошим Шоиқ фиристод. Ба ҳайати сафорати Бухоро шоири тоҷик Пайрав Сулаймонӣ низ дохил буд.

Таъсиси Ҷумҳурии Худмухтори Тоҷикистон дар соли 1924 ҳодисаи фараҳбахш дар густариши робитаҳои афғон-шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Халқҳои Афғонистон бунёди давлати худмухтори ҳамзабонро дар қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ бо хушнудӣ қабул намуданд, ҳукумати навтаъсиси Тоҷикистон низ ба Афғонистон чун кишвари ҳаммарзу, ҳамзабон бо ҳусну таваҷҷуҳи хосса менигарист. Моҳи декабри соли 1926 съезди муассисони шӯроҳои Тоҷикистон аз номи халқи тоҷик ба унвони халқи афғон паём фиристод, ки дар он омадааст: «Мо, ки кунун ба мамлакати худ соҳиб гаштаем халқи шуҳратманди афғонро табрик мегӯем ва муборизаи фидокоронаи онҳо дар қалби мо ҳаяҷони бепоён ва эҳтироми бузург меоварад» [3, с.20] Афғонистон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки Россияи шӯравӣ бо он 28 феврали соли 1921 созишномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ ва соли 1926 шартномаи бетарафӣ ва ҳуҷумнакуниро имзо намуд, ки ин аснод робитаҳои бисёрҷонибаро миёни ду ҳамсоякишвар таҳким бахшиданд.

Соли 1925 бо ташаббуси олимони рус В.В. Бартолд, М.С. Андреев, А.А. Семенов дар Москва анҷумани омӯзиши тоҷикон ва форсизабонон таъсис ёфт, ки ба таҳқиқи забон, таърих, фарҳанги мардумони форсизабон машғул мешуд. Анҷуман дар як муддати кӯтоҳ шарқшиносони намоёни шӯравиро гирдиҳам оварда, ба Тоҷикистон ва Афғонистон экспедитсияҳои илмӣ ташкил намуд. Аз ҷумла Андреев, Рейснер, Вавилов, Лебедев ба Афғонистон фиристода шуданд. Дар асоси маводҳои ҷамъовардашуда М.С. Андреев асари машҳури худ «Мардумони водии Панҷшер», В. Вавилов «Афғонистони зироатӣ» Е. Рейснер «Афғонистони мустақил» ва ғ. таълиф ва тавассути ин анҷуман соли 1930 ба чоп расониданд. Чунин иқдомҳои некуҳамсоягӣ миёни ду ҳамсоякишвар дар садаи XX хеле зиёд буданд, ки онро аз саҳифаҳои таърих наметавон барчид. Воруди Артиши Шӯравӣ ба Афғонистон мисли бозсозии Горбачев иштибоҳи бузурги сарони вақти Давлати Шӯравӣ буд. Ин ду амал гарчанде дар ниҳоди худ ҳадафҳои нек доштанд, воқеаи аввали ҳадафи раҳоӣ намудани Афғонистон аз чанголи империализми хунхор, воқеаи дувумин, бо нияти азнавсозӣ ва рушду такомули СССР пеш гирифта шуда буд. Аммо иштибоҳ дар усулҳо ва тарзи татбиқи он нуҳуфта буд, ки ба фоҷиаи бузурги аср - фаноёбии Давлати Шӯравӣ ва заволи давлати якваќт босубот ва тараққиёбандаи Афғонистон гардид. Оташи ҷанге, ки ҳамон солҳо барафрӯхта шуд, то ҳол, яъне чил сол инҷониб аланга мезанад, ки бар асари он ҳазорҳо нафарҳо кушта, хонабардӯш, садҳо шаҳру деҳот, корхонаҳо валангор гардида, кишвар ба лонаи гурӯҳҳои ҷиноятпеша, мардумозор, иртиҷоӣ, террористӣ, ҷангҷӯӣ табдил ёфт.

Чунин ҳолати фоҷиабори Афғонистон Тоҷикистонро бетараф ва бетафовут гузошта наметавонист.

Бо дарёфти истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон чун узви соҳибихтиёри ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои худро бо кишварҳои хориҷӣ дар асоси усулҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ ба роҳ монда, самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии худро эълон намуд. Барқарор ва рушди робитаҳо бо ҷумҳуриҳои минтақа ва кишварҳои ҳамзабон яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии ҷумҳурии тозаистиқлоли Тоҷикистон эълон гардид, ки Афғонистон дар сафи он

қарор дошт. Соли 1992 байни Тоҷикистон ва Афғонистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардиданд ва нахустин сафари расмии намояндагони олимақоми Тоҷикистон бо сарварии Раиси Шӯрои Олии вақти Тоҷикистон А.Искандаров моҳи июли соли 1992 ба Афғонистон сурат гирифт. Аммо вусъати робитаҳо бо Афғонистон бар асари даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги бародаркуш, ки дар ин сол ҷумҳурии моро фаро гирифт, боздошта шуд. Баръакс, марзи Тоҷикистону Афғонистон ба марзи хатарзо ва таҳдидҳои ҷангиён табдил ёфт. Ҳазорҳо нафар ҳамватанони мо кишварро тарк намуда, чун гурезаҳои иҷборӣ ба Афғонистон фирор намуданд.

Марҳилаи сифатан нави робитаҳо бо Афғонистон ва дар маҷмӯъ давлатсозӣ аз иҷлосияи 16 Шӯрои Олӣ ва интихоби ҳукумати нави Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов оғоз ёфт. Ҳолати бухронии Афғонистон, низои ҳарбӣ-сиёсии бардавом, таъсиси гурӯҳҳои иртиҷоӣ, қочоқи маводи мухаддир, яроқу аслиҳа ба вазъи сиёсии Тоҷикистон таъсиргузор буд. Аз ин рӯ ҳукумати нави Тоҷикистон аз ибтидои фаъолияти худ кӯшиш ба харҷ медод, ки аввалан гурезагони тоҷикро пурра ба ватан баргардонад ва дар марзи ду кишвар суботу амният таъмин ва амалиётҳои сарҳадшиканиро дастаҷамъона бо ҳамдастии ҳукумати марказии Афғонистон пешгирӣ намояд. Бо ҳамин мақсад сарвари тозаинтихоби кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Афғонистон сафарҳои расмӣ анҷом дода, бо роҳбарони Афғонистон, аз ҷумла бо президенти ин кишвар профессор Б.Раббонӣ мулоқот намуда, масъалаи мубрами дастёбӣ ба сулҳро мавриди муҳокима қарор медод. Аз ҷумла, вохӯриҳои соли 1993, 1995, 1996 роҳбарони ҳарду кишвар натиҷаҳои хуб дода, ба раванди музокироти сулҳи тоҷикон, ки соли 1994 оғоз гардид, мусоидат намуд.

Дар баробари анҷом додани тадбирҳои дутарафаи байнидавлатӣ Президенти Тоҷикистон дар сатҳи баланд мушкилоти минтақаи Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон ва Афғонистонро дар минбарҳои баланди ҷаҳонӣ масъалагузорӣ намуд, то ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин минтақаи оташангез ҷалб карда шавад.

Дар нахустин суханронии худ аз минбари баланди СММ 30 сентябри соли 1993 Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон вазъи Тоҷикистонро таҳлил намуда, воқеиёти Афғонистонро чунин шарҳ доданд: «Мо қатъиян бовар дорем, ки дастгирии ҷидду ҷаҳди серзаҳмати роҳбарияти Афғонистон дар бобати барқарор намудани сулҳу оромӣ дар сарзамини мушаққатдидаи афғон на фақат ба манфиати ин мамлакат, балки ба манфиати тамоми сайёра мувофиқ мебуд. Замонҳое буданд, ки баъзе давлатҳо барои ҷанги Афғонистон маблағҳои зиёд харҷ мекарданд. Ба фикрам вақти он расидааст, ки дар ин ҷо ба барқарор кардани ҳаёти осоишта ёрӣ расонда шавад. Афғонистони ноорому номуътадил на фақат ба Тоҷикистон хавф дорад». [1.187]. Ташвишу изтиробе, ки аз марзҳои ҳамсоякишвар Афғонистон бармеомад, боиси нигаронии ҳукумат ва аҳли ҷомеаи Тоҷикистон мегардид.

Ҳамин андешаро Сарвари давлати тоҷикон бори дувум, сентябри соли 1994 дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ ба тарзи зайл баён намуданд: «Вазъияти ин мамлакат, ки ҷанги дохилӣ бар муносибитаҳои ҷамъиятӣ ғолиб омадааст, ҷомеаи ҷаҳонро бепарво гузошта наметавонад. Муноқишаи Афғонистон хавфи ба миён омадани воҳидҳои ҷузъии ҷуғрофиро пеш меорад, ки дар оянда заминаи терроризми байналхалқӣ ва худсарона паҳн гардидани аслиҳаю маводи нашъаовар шуда метавонад. Вазъияти сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон вазъияти як минтақаи бузургро муташанниҷ мегардонад. Мо ҷомеаи ҷаҳонро даъват менамоем, ки проблемаи Афғонистонро ҷиддан мавриди муҳокима қарор диҳад. Бовар дорем, ки коҳиши шиддати вазъияти Афғонистон ба ҳалли проблемаҳои байни тоҷикон низ таъсири мусбат хоҳад расонд» [1, с.195].

Бори сеюм, Сарвари давлат дар иҷлосияи панҷоҳуми Ассамблеяи Генералии СММ 24 октябри соли 1995 вазъи мутташаниҷи Афғонистонро таҳлил карда, чунин изҳор намуданд: «Тамоюлҳои торафт авҷгирандаи шиддати вазъ дар ин ҷо на танҳо амнияти кишвари моро ба хатар мувоҷеҳ месозанд, балки дар онҳо раванди харобиовари бухрони азиме ниҳон аст.

Мо ҷомеаи байналмилалиро даъват менамоем, ки ҳарчи зудтар ба барқарории сулҳ дар ин сарзамини ҷафокашида мусоидат кунанд. Ҳаллу фасли бухрони Афғонистон на фақат иштироки фаъолонаи кишварҳои минтақа, балки амали самарабахши Созмони Милали Муттаҳидро тақозо мекунад.

Проблемаҳои рушди иқтисодии давлатҳои навтаъсиси аъзои СММ бо масоили амнияти ҳамагонӣ вобастагии амиқ дорад» [1, с.202].

Талошҳои пайгиронаи худро нисбат ба қазияи Афғонистон Президенти Тоҷикистон идома дода, соли 1998 дар иҷлосияи Ассамблеяи Генералии СММ пешниҳод намуданд, ки дар атрофи Афғонистон бо мақсади пешгирии қочоқи маводи мухаддир ва саркӯбсозии терроризми трансмиллӣ «камари амният» ташкил карда шавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ибтидо дар мавриди қазияи Афғонистон дар он мавқеъ буданд, ки «бухрони Афғонистон роҳи ҳалли низомӣ надорад ва онро фақат бо роҳи ҳалли мусолиматомези сиёсӣ, бунёди ҳукумати фарогири сиёсӣ ва миллӣ бартараф кардан мумкин аст». Ин нуқтаро ӯ дар силсиламулоқотҳои худ бо ҷонишини сарвазири шӯрои давлатии Чин Зи Чен 7 июни соли 1999, бо сафири Чин дар Тоҷикистон Фу Тсюан Чжан 3 августи соли 1999, вазири корҳои хориҷии Эрон Камол Ҳаррозӣ 15 сентябри соли 1999, дабири кулли СММ Кофи Анан 1 октябри 1999, намояндаи вижаи СММ оид ба Афғонистон Франсес Вендрел 8 феврали 2000, раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Сзян Земин 4 июли 2000 ва ғ. такрор ба такрор таъкид намудаанд. Аммо, то воқеаҳои фоҷиаборӣ 11 сентябри соли 2001 сарони кишварҳои дунё, созмонҳои муътабари ҷаҳонӣ ба изтироб ва ҳушдорҳои роҳбари Тоҷикистон аҳамият намедоданд ва фикр мекарданд, ки ин воқеаҳо дар кишвари дурдасти шарқӣ рух медиҳанд ва ба онҳо дахл надоранд. Баъди фоҷиаҳои Ню-Йорк масъала ранги дигар гирифт ва ҷомеаи ҷаҳонӣ ба қадри пешниҳодҳо ва ҳушдорҳои роҳбари сиёсии Тоҷикистон расида, ба ӯ аҳсан хонданд.

Тоҷикистон аз ҷумлаи аввалин давлатҳое буд, ки ба иттиҳоди байналмилалии зиддитеррористӣ пайваст ва ба мардуми ҷабрдидаи афғон дасти ёрӣ дароз намуд ва ҳудуди майдони ҳавоии худро ба ихтиёри неруҳои байналмилалии зиддитеррористӣ гузошт. Ба мавқеи Тоҷикистон нисбат ба ҳодисаҳои Афғонистон дипломати норвегӣ дар САҲА чунин баҳо додааст: «Ҳанӯз маълум нест, ки кӣ ба ки ҳамроҳ шудааст, Тоҷикистон ба коалитсия, ё ин ки коалитсия ба Тоҷикистон, чунки Тоҷикистон бо терроризм ва ҳама хатарҳое, ки аз Афғонистон бармеомад, зиёда аз 7 сол инҷониб мубориза мебарад. Гумони ғолиб он аст, ки мо ба тоҷикон ҳамроҳ шудем». Маҳз бо ташаббуси Президенти Тоҷикистон баробари оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон вохӯриҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Афғонистон ва Тоҷикистону Русия ва сеҷонибаи Тоҷикистону Русия ва Эрон 22 октябри соли 2001 баргузор гардиданд. Ва ӯ як нуқтаи умдаро таъкид дошт, ки бо анҷоми амалиёти зиддитеррористӣ қазияи Афғонистон ба анҷом нахоҳад расид. Барои он, ки қазияи Афғонистон бомуваффақият ба анҷом расад, бояд ҳукумати фарогири миллӣ таъсис ёбад, ки намояндагони тамоми қавму миллатҳои кишвар ба он шомил бошанд. Зеро низоъ дар Афғонистон дар ибтидо асосан хусусияти байниқавмӣ ва байнимиллӣ дошт, баъдан хусусияти сиёсӣ ё мазҳабӣ. Аз ин сабаб ҳангоми ҳалли қазияи Афғонистон бояд манфиати воқеии ҳамаи қавму миллатҳои он ба эътибор гирифта шавад. Роҳбарони Ҷумҳурии Тоҷикистон пайгирона кӯшиш мекарданд, ки низоъ дар кишвари ҳамсоя ба пуррагӣ рафъ гардад ва иқтисоди харобгаштаи он барқарор шавад. Бо ҳамин мақсад собиқ вазири корҳои хориҷӣ Т.Назаров дар кори конференсияи Бонн оид ба бозсозии баъдиҷангии Афғонистон сентябри соли 2002, конференсияи вазирони корҳои хориҷии ҳамсоякишварҳои Афғонистон декабри соли 2002 ва конференсия оид ба рушди Афғонистон дар Кобул апрели соли 2005 иштирок намуд. Маҳз, бо ташаббуси Тоҷикистон Афғонистон ба созмонҳои минтақавӣ, ба мисли Созмони шартномаи амнияти дастаҷамъӣ (ОДКБ), Созмони Ҳамкории Шанхай ҳамчун узви нозир дохил карда шуд. Ҷалби Афғонистон ба САҲА (ОБСЕ) низ аз ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд. Тоҷикистон ягона кишваре буд, ки дар тӯли ин солҳо мавқеашро нисбати «Толибон» дигар накард. Дар ҳолате, ки баъзе кишварҳои аъзои ОДКБ ҳатто наметавонистанд, ки мавқеашонро нисбати воқеаҳои Афғонистон ба ҳам як гардонанд. Ва ҳатто баъзе аз кишварҳои ОДКБ бо режими «Толибон» робитаҳои иқтисодӣ ва ғ. баста, омода буданд, ки режими мазкурро ба расмият шиносанд. 24 январи соли 2002 сардори идораи муваққатии Афғонистон, баъдан президент Ҳомид Карзай ҳангоми сафари корӣ ба Тоҷикистон бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вохӯрда мавқеи устувор ва усулии ӯро дар масъалаи Афғонистон таъкид намуда, изҳори сипос намуд. Се роҳбарон ва сиёсатмадорони олимақоми Франсия ва Америка низ мавқеи Тоҷикистонро дар мубориза бо терроризм махсус қайд намуда буданд. Жак Ширак президенти собиқи Франсия фармудааст: «Мардуми Франсия ҳеҷ гоҳ мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба фарҳанги ғанӣ ва бузурги маънавии халқи тоҷик такя мекунад, фаромӯш нахоҳад кард».

Ален Ришар вазири дифои Франсия гуфтааст: «Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мавқеи дурбинона ва ҷасурона зоҳир намуд, ӯ аввалин шуда дар бораи хатаре, ки дар ин қитъаи ҷаҳон ҷой дошт изҳори ташвиш намуд». Ҷозеф Либерман раиси кумитаи сенати Амрико таъкид намудааст, ки «сардори давлати Тоҷикистон пештар аз роҳбарони бисёр давлатҳои ҷаҳон хатари режими Толибонро барои минтақа ва ҷаҳон дарк намуд ва ба онҳо баҳои дуруст дод ва вобаста ба ин масъала чандин дафъа аз минбарони баланди ҷаҳонӣ изҳори нигаронӣ кард». Дар баробари баррасии масъалаҳои сиёсии Афғонистон Тоҷикистон

пайваста мекӯшид, ки дар эҳёи ҳаёти иқтисодии ин кишвар саҳм гирад. Рушди иқтисод, саноат, кишоварзӣ, маорифи Афғонистон ва ғ. омили асосии пешравии кишвар ва ба ҳаёти осоишта баргаштани аҳолии мамлакат мебошад. Бо ташаббуси Тоҷикистон соли 2008 созишнома оид ба сохтмони хатти интиқоли барқ (ЛЭП) таҳти унвони «CASA-1000» имзо гардид, ки мувофиқи он неруи барқ аз Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Афғонистону Покистон интиқол дода мешавад. Соли 2014 сохтмони он оғоз ёфт. Барои боз ҳам наздик кардани ин ду ҳамсоякишвар бо пешниҳоди Тоҷикистон ва Фонди Оғохон барои ривоҷи савдову тиҷорат соли 2002 сохтмони пулҳо оғоз ёфтанд, ки минтақаи Бадахшон ва Панҷи поёни Тоҷикистонро бо вилоятҳои шимоли Афғонистон мепайванданд. Ҳамчунин, байни кишварҳо сохтмони роҳи оҳан дар назар аст. Чунин иншоотҳо барои ҳарду кишвар манфиатоваранд. Барои Тоҷикистон ин воситаи муассири баромадан аз бунмбасти коммуникатсионӣ ва расидан ба баҳрҳои гарм аст.

Дар ин росто, Тоҷикистон моҳи марти соли 2012 дар ш. Душанбе конференсияи панҷуми ҳамкории минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон RECA-5 доир намуд, ки дар он намояндагони 40 давлат ва 30 созмони байналхалқӣ ва минтақавӣ иштирок намуданд. Дар ин конференсияи сатҳи баланд масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ баҳри эҳёи иқтисодиёти Афғонистон муҳокима гардиданд. Яке аз самтҳои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика мебошад. Ҳамасола тибқи қарордод дар фасли тобистон аз Тоҷикистон ба Афғонистон барои эҳтиёҷоти он ҳамсоякишвар дар ҳаҷми аз 900млн кВ. соат то 1,1млрд. кВ. соат неруи барқ интиқол дода мешавад.

Ҳамин тариқ, сабабҳои афзалият пайдо кардани Афғонистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар он аст, ки аввалан, Афғонистон бо мо ҳамсоякишвар аст; дувум, умумиятҳои зиёд моро ба ҳам мепайвандад; сеюм, дар Афғонистон беш аз 13-14 млн (аз 28 млн аҳолӣ) тоҷикон зиндагӣ мекунанд ва ниҳоят ҳамаи хатарҳои сиёсӣ, ки ба амнияти Тоҷикистон метавонанд таъсиргузор бошанд, монанди терроризм, ифротгароии динӣ, интиқоли маводи мухаддир аз Афғонистон сарчашма мегиранд. Ниҳоят, таҷрибаи нодири сулҳофарии тоҷикон метавонад барои Афғонистон судманд ва мавриди истифода қарор гирад.

## АДАБИЁТ


1. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ. Монография/ Э.Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон,1995. –205с.
2. Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе. Монография / З. Саидов. – Душанбе: Авасто, 2010. –320с.
3. Бобохонов М.Б. История таджиков мира. Монография / М.Б. Бобохонов. –Душанбе: Ирфон, 2012. –290с.
4. Мирзоев Н.М. Робитаҳои Тоҷикистон ва Афғонистон. Монография / Н.М Мирзоев. –Душанбе: Сино, 1997. –104с.
5. Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик. Монография / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. –224с.
6. Саидов З. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства. Монография / З. Саидов. – Душанбе: ООО «Контраст», 2010. – 446с.
7. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Монография/ Д. Назриев, И. Сатторов – Душанбе: Ирфон, 2005. – 342с.
8. Саидзода З.Ш. Основные тенденции внешней политики Республики Таджикистан на рубеже столетий(1992-2004). Монография / З.Ш. Саидзода. –Душанбе: Авасто, 2009. – 418с.
9. Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. Монография / З.Ш.Саидов. –Душанбе: ООО «Контраст», 2011. – 624с.
10. Шарифзода А. Эмомалӣ Раҳмон: оғози марҳилаи нав. (сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар соли 2007). Монография / А. Шарифзода, З. Қосимӣ. -Душанбе: Ирфон, 2011. - Китоби 7. Нашри дуюм. – 372с.


## ҶОЙГОҲИ АФҒОНИСТОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола таърихи ташаккул ва таҳаввули робитаҳои Тоҷикистон ва Афғонистон дар марҳилаҳои гуногуни давраи навин баррасӣ гардидаанд. Муаллиф омилҳои асосии вусъати ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Афғонистонро таҳлил намуда, бо далелҳои эътимодбахш ҷойгоҳи Афғонистонро дар сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол муайян намудааст. Дар мақола нақши сарвари давлат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли қазияи Афғонистон ва ташаббусҳои Тоҷикистон дар мавриди ҳалли низои сиёсӣ ва ҳарбии ҳамсоякишвар баррасӣ гардидаанд. Дар мақола омадааст, ки Афғонистон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба расмият шинохта, робитаҳои дипломатӣ барқарор намуд. Саҳми Афғонистон дар барқароршавии сулҳи тоҷикон низ назаррас аст. Тоҷикистон дар тӯли солҳои истиқлолият кӯшиш ба харҷ додааст, ки мушкилоти Афғонистонро дар сатҳи ҷаҳонӣ масъалагузорӣ намуда, таваҷҷуҳи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва кишварҳои абарқудрати дунёро ба ҳалли он ҷалб намояд. Дар мақола ташаббусҳои Тоҷикистон дар мавриди мубориза бо таҳдидҳои замони муосир терроризм, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва ғ. мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Президенти Тоҷикистон аз минбарҳои баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо пешниҳод намуданд, ки барои муборизаи босамар бо терроризму

экстремизм, бояд ҳама кишварҳои дунё дар як сангар қарор гирифта, бар зидди ин ҳаракатҳо ҷабҳаи умумӣ ва ягонаи байналмилалӣ таъсис дода шавад. Ҳамчунин, гурӯҳҳои террористӣ бояд аз манбаи даромади худ-қочоқи маводи мухаддир маҳрум карда шаванд. Дар сурати амалҳои дастаҷамъонаи кишварҳои олам бо ин вабои аср метавон мубориза бурд ва ба муваффақият ноил гашт.

**Калидвожаҳо**: сиёсат, робитаҳо, созишнома, омилҳо, марҳила, ташаккул, ҳамкориҳо, сиёсати хориҷӣ, дипломатия, сафорат, вакил, фарҳанг, иқтисодиёт, терроризм, бозсозӣ, сулҳ, дӯстӣ, истиқлолият, муосир, ташаббус, ҳарбӣ, низоъ.

## АФГАНСКИЙ ФАКТОР ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается история становления и развития взаимоотношения Таджикистана и Афганистана. Автор исследует основные факторы взаимодействия двух соседних стран. На основе достоверных фактов рассматривается место Афганистана во внешней политике Таджикистана. В статье анализируется роль Президента Таджикистана в решении военно-политической ситуации Афганистана особо выделяется его миротворческие инициативы по этой проблеме на международном уровне. Афганистан, является одной из зарубежных стран, которая признала государственную независимость Республики Таджикистан и заключил с ней дипломатические отношения. Афганистан внёс заметный вклад в разрешение межтаджикского конфликта. Таджикистан в эти годы неоднократно выступал инициатором созыва международных конференций с целью привлечения ведущих мировых держав и международных организаций к решению афганской проблемы. Президент Таджикистана, неоднократно выступая высоких трибун Организаций Объиденененных Наций, решительно осудил терроризм и экстремизм, призвал организовать единый международный фронт против этих современных вызовов и угроз. Для того, чтобы борьба против этих зол была эффективной, то следует лишить террористов их финансовых источников, любым способом пресекать контрабанду наркотиков. Только тогда,, можно добиться успеха, когда все страны будут выступать единым фронтом против этого зла.

**Ключевые слова**: политика, отношения, соглашения, факторы, этапы, развитие, сотрудничество, внешняя политика, дипломатия, посольство, представитель, культура, экономика, терроризм, перестройка, мир, дружба, независимость, современность, инициатива, военный, конфликт.

## THE AFGHAN FACTOR IN THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses the history of the formation and development of relations between Tajikistan and Afghanistan. The author examines the main factors of interaction between the two neighboring countries. On the basis of reliable facts examines the place of Afghanistan in the foreign policy of Tajikistan. The article analyzes the role of the President of Tajikistan in solving the military-political situation in Afghanistan, and highlights his peacekeeping initiatives on this issue at the international level. Afghanistan is one of the foreign countries that recognized the state independence of the Republic of Tajikistan and concluded diplomatic relations with it. Afghanistan has made a significant contribution to the resolution of the inter-Tajik conflict. Tajikistan during these years repeatedly acted as the initiator of convening an international conference with the aim of attracting the world's leading powers and international organizations to the solution of the Afghan problem. The President of Tajikistan, speaking repeatedly at the high stands of United Nations organizations, has decidedly condemned terrorism and extremism, called for the organization of a United international front against these modern challenges and threats. In order to combat these evils effectively, terrorists should be deprived of their financial sources, and drug smuggling should be stopped in any way. Only then can success be achieved when all countries are United against these evils.

**Key words:** politics, relations, Conciliations, factors, stages, development, cooperation, foreign policy, diplomacy, Embassy, representative, culture, economy, terrorism, perestroika, peace, friendship, independence, modernity, initiative, military, conflict.

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Н.М.*** – Таджикский национальный университет, доктор исторических наук, профессор, главный научный сотрудник Научно-исследовательского института. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **919-16-00-26**. E-mail: **nmmirzoev@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mirzoev N.M.*** - doctor of historical sciences, professor, chief researcher of the research Institute of the Tajik national University. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17.
Phone: **919-16-00-26**. E-mail: **nmmirzoev@mail.ru**

УДК 327.83

# МУЗОКИРОТИ СУЛҲ БО «ТОЛИБОН» ДАР АФҒОНИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

***Қосимшо Искандаров***
**Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз оғози низои мусаллаҳона дар Афғонистон 40 сол мегузарад. Аз ин рӯ, муҳимтарин ниёзи ин миллат, бешубҳа сулҳ аст. Аммо, мутаассифона ҳанӯз нишонае аз дастёбӣ ба сулҳ ба мушоҳида намерасад. Музокироти сулҳ дар Афғонистон ба бунбаст афтода, нигарониҳои зиёди на танҳо мардуми Афғонистон, балки ҳамсояҳои он ва ҷомеаи байналмилалиро ба бор овардааст. Қобили тазаккур аст, ки ҳанӯз дар солҳои аввали баъд аз суқути низоми “Толибон” дар соли 2001 ҳукумати нав ҳарф аз сулҳ бо толибони муътадил мезад, вале

зоҳиран толибони муътадиле пайдо нашуданд, ки ба раванди сулҳ бипайванданд. Ба ҳар сурат, соли 2004-ро соли оғози гуфтугӯи сулҳ бо «Толибон» меноманд. Зеро ба қавли баъзе коршиносон дар ин сол аввалин гуфтугӯ ва мулоқотҳои намояндагони давлати Афғонистон дар сатҳҳои гуногун бо гурӯҳҳое аз «Толибон» оғоз ва дар солҳои оянда идома пайдо намудааст. Дар охири соли 2016 рӯзномаи амрикоии «Ню-Йорк таймс» навишт, ки собиқ дипломати норвегӣ Алф Арне Рамслин (Alf Arne Ramslien) дар бораи ҳудудан аз соли 2007 иҷро намудани нақши миёнаравӣ оид ба созмон додани тамосу музокироти Толибон бо давлатро фош намудааст. Ба ақидаи Рамслин, бахусус аз соли 2008 “Толибон” дар фикри пайдо намудани шахси эътимоднок барои ифо намудани нақши миёнҷӣ будаанд ва Рамслин оҳиста-оҳиста аз ғалбери санҷишии онҳо гузаштааст ва ҳатто ӯро шахсан Мулло Умар дар яке аз махфигоҳҳояш дар Покистон ба ҳузур пазируфтааст”[4].

Ҷолиб он аст, ки ба қавли Рамслин монеаи асосӣ дар сари музокираи “Толибон” бо мақомоти давлати Афғонистон Покистон будааст ва ҳар ҳайат ва шахсеро, ки мехостааст бо давлати Афғонистон тамос барқарор намояд, покистониҳо дастгир мекарданд.

Моҳи октябри соли 2008 «Толибон» изҳор кардаанд, ки ҳозиранд бо мақомоти давлати Афғонистон музокира кунанд. Ин музокира дар ноябри ҳамон сол дар Осло баргузор гардид. Аммо дар рӯзи аввали музокирот ба хонаи яке аз аъзоёни ҳайати музокиракунандагони Толибон дар Кветтаи Покистон ҳамла сурат гирифт ва дар натиҷа бародари ӯ кушта ва ҳамсараш захмӣ шуд. Ҳайати «Толибон» инро нишонаи возеҳи нохушнудии мақомоти Покистон аз ин музокира диданд ва Ослоро ба зудӣ тарк намуданд [4].

Дар моҳи феврали соли 2010 мебоист вохӯрии ҳайати олирутбаи «Толибон» бо раҳбарии Мулло Абдулғанӣ Бародар ва 6 нафар аъзои ҳайати «Толибон» бо намояндагони давлати Афғонистон баргузор мешуд. Аммо ин дафъа ҳам дар остонаи ин мулоқот Мулло Бародар аз тарафи покистониҳо дастгир шуд ва музокирот баргузор нагардид. Баъд аз ин, ISI рӯирост аз мухолифаташ бо музокироти «Толибон» ва давлати Афғонистон дарак дод ва ин вазъ ҳар гуна музокираро бидуни иҷозати Покистон мушкил гардонид.

Хукумати Афғонистон ҳам барои ноил шудан ба натиҷа дар музокироти сулҳ соли 2010 мақоми махсусеро бо номи «Шӯрои олии сулҳ», бо раҳбарии собиқ президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ ташкил намуд, ки масъулияти он ҷустуҷӯи роҳи музокира ва сулҳ бо «Толибон» буд. Аммо «Толибон», бо вуҷуди талошҳои устод Б.Раббонӣ ҳаргуна гуфтугӯ ва созишро бо давлат рад мекарданд. Гузашта аз он, раиси Шӯрои олии сулҳ - устод Бурҳониддин Раббониро, ки ҳамеша ба сулҳу оштӣ даъват мекард, соли 2011 мавриди ҳамлаи интиҳорӣ қарор дода, ба қатл расониданд.

Ҳамзамон, бо кӯшиши ИМА ва баъзе аз кишварҳои Халиҷи Форс дар шаҳри Дохаи Қатар ба хотири идомаи музокироти сулҳ дар моҳи июни соли 2013 дафтари намояндагии «Толибон» ташкил шуд, аммо дар аввалин рӯзи оғози фаъолияташ бинобар барафрошта шудани байрақи Аморати исломии «Толибон» давлати Афғонистон онро таҳрим намуд.

Дар солҳои баъдӣ гуфтугуҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ дар Токио, Париж, Дубай, Урумчи ва баъзе дигар кишварҳо зери раҳбарии Шӯрои олии сулҳи Афғонистон ва бо васотати Покистону Чин ва Амрико доир гардиданд ва раванди Стамбулу Кобул оғоз шуд. Ниҳоят аввалин даври гуфтугуҳои мустақим дар шаҳри Марии Покистон соли 2015 оғоз шуд. Аммо ба амри тасодуф ва ё тибқи нақша дар ҳамин рӯзҳо хабари марги раҳбари «Толибон» Мулло Муҳаммад Умар, ки 2,5 соли пеш иттифоқ афтода будааст, паҳн гардид ва «Толибон» тамоми гуфтугӯҳоро қатъ намуданд. Гузашта аз ин, фаъолиятҳои низомӣ, террору гаравгонгирӣ аз тарафи ин ҷунбиш дар Афғонистон хеле зиёд шуд. Кишварҳои гуногун барои ба сари мизи музокироти сулҳ овардани «Толибон» машваратҳои чорҷонибаро ба навбат дар Исломобод ва Кобул оғоз намуданд. Мақсади ин гуфтушунидҳои чорҷонибаи Чин-Покистон-ИМА ва Афғонистон ҷалби «Толибон» ба раванди сулҳ буд. Даври аввали он 11 январи соли 2016 дар Исломобод оғоз шуд. Дар маҷмӯъ чор даври гуфтшунидҳо дар Исломобод ва Кобул баргузор

гардиданд. Интизориҳо аз гуфтушунидҳо бо баъзе далоил зиёд буданд. Аввал ин ки Ҷумҳурии Мардумии Чин вориди ин раванд шуда буд ва баъзе коршиносон ба он умед мебастанд, ки Чин, бо дарназардошти таъсири худ бар Покистон, метавонад ба Исломобод фишор ворид кунад, то аз нуфузаш болои «Толибон» истифода намояд. Аз тарафи дигар, худи Покистон ҳам ваъда дода буд, ки «Толибон»-ро сари мизи музокирот хоҳад овард. Вашингтон ҳам мебоист ба ҳукумати Кобул кафолати ҳифзи манфиатҳояшро медод.

Баъди анҷоми даври чоруми гуфтушунидҳо дар Кобул, 23 феврали соли 2016 тарафҳо эълон карданд, ки дар даҳрӯзаи аввали моҳи марти соли 2016 музокироти мустақими ҳукумати Афғонистон бо «Толибон» бидуни кадом пешшарте оғоз мегардад. Аммо «Толибон» эълон карданд, ки то замоне ки неруҳои хориҷӣ Афғонистонро тарк накардаанд, номи раҳбарони «Толибон» аз рӯйхати сиёҳи СММ бардошта нашудааст ва зиндониҳои толибон озод нашудаанд, ба ҳеҷ гуна музокироте ҳозир нахоҳанд шуд. Шермуҳаммад Аббос Станикзай, намояндаи «Толибон» дар Қатар изҳор намуд: «Аҳдофи мо ҳамон аҳдофи миллати Афғонистон аст ва ҳеҷ гоҳ аз ин аҳдофи худ даст нахоҳем кашид». Станикзай илова намуд, ки «нахуст аз ҳама бояд ишғоли Афғонистон поён ёбад, асирони мо бояд озод шаванд, исмҳои сарони «Толибон» бояд аз листҳои сиёҳ ҳазф шаванд, дафтари Қатари «Толибон» ба расмит шинохта шавад ва музокирот ҳам бояд дар Қатар анҷом шавад» [2].

Албатта «Толибон» дарк мекунанд, ки хуруҷи неруҳои хориҷӣ давлати Кобулро ба суқут дучор менамояд. Аз тарафи дигар, давлатмардони Кобул ҳам бо дарки ин воқеият намехоҳанд, ки таҷрибаи ҳукумати Наҷиброро такрор кунанд. Изҳороти «Толибон» на танҳо нокомии талошҳои Ашраф Ғанӣ, раиси ҷумҳури Афғонистонро, балки нокомии тамоми кишварҳои чоргонаро нишон дод. Маълум шуд, ки Чин ҳам натавонист аз нуфузи худ бар ҳукумати Покистон истифода намояд ва ваъдаҳои Покистон ҳам мисли ҳамешагӣ фақат дар сухан будааст. Дар бораи сабабҳои нокомии гуфтушунидҳои чорҷониба ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Баъзе коршиносон муътақиданд, ки ҳама кишварҳои зидахл дар низои Афғонистон, ба мисли Русия, Эрон, Ҳиндустон ба ин гуфтушунидҳо даъват нашуда буданд ва табиатан бидуни ҳузури онҳо ва бе дарназардошти манфиатҳои онҳо интизор будан аз натиҷаи мусбат дар музокирот мушкил буд. Назари дувум ин аст, ки Покистон ва ИМА сулҳро дар Афғонистон намехоҳанд ва ин музокирот вақтгузаронӣ аст.

Ба ҳамин сабаб буд, ки аз охири соли 2016, ибтидои соли 2017 дипломатияи Русия барои ба сари мизи музокирот кашонидани «Толибон» фаъол гардид. Дар охири соли 2016 дар шаҳри Маскав мулоқоти сеҷонибаи Русия-Афғонистон-Покистон ва дар ибтидои соли 2017 мулоқоти шашҷониба бо иштироки намояндагони Русия, Эрон, Чин, Покистон, Афғонистон ва Ҳиндустон баргузор шуд [1]. Дар ҷараёни ин мулоқот изҳор шуд, ки минбаъд доираи иштирокчиёни мулоқотҳои Маскав афзоиш хоҳанд ёфт. Аммо ин мулоқотҳо ҳам мисли дигар гуфтугӯҳо натиҷаи назаррасе ба бор наоварданд.

Русия борҳо таъкид намудааст, ки ҳозир аст барои музокироти байниафғонӣ дар Маскав шароитро фароҳам бисозад ва ба оғози фаврӣ ва мустақими музокирот байни «Толибон» ва Ҳукумати Афғонистон таъкид менамояд. Аммо ба назар мерасад, ки як рақобат ва ҳасодате байни Русия в ИМА дар ин маврид вуҷуд дорад. Ҳамзамон, президенти Афғонистон Ашраф Ғанӣ дар Конфронси «Раванди Кобул-2» 28 феврали соли 2018 тарҳи нави сулҳро бо «Толибон» пешниҳод намуд. Ӯ гуфт, ки “давлати Ваҳдати миллӣ ба дунболи як сулҳи воқеӣ ва пойдор бо толибони оштипазир аст. Мо ба баробарии муштараки тамоми афғонҳо ва ҳаққи зиндагии сулҳомез ва бовиқор, ба шумули толибоне, ки аз хушунат даст бардоранд, боварманд ҳастем. Мо ин пешниҳодро бидуни пешшарт, ба манзури дастёбӣ ба мувофиқатномаи сулҳ ироа менамоем”[3]. М.А.Ғанӣ барои расидан ба сулҳу оштӣ ба “Толибон” 7 пешниҳоди мушаххас ироа намуд:

1. Дар раванди сиёсӣ: оташбас, шинохти «Толибон» ба унвони ҳизби сиёсӣ, тартиботи эътимодсозии интиқолӣ ва интихоботи фарогир, муътабар, озод ва одилона.

2. Дар чорчӯбаи қонунӣ: бознигарии Қонуни асосӣ, адолат ва ҳалли шикоёт, татбиқи қавонин ва фаромин, раҳоии зиндониён (толибон) ва ҳазфи номи онон аз феҳристи таҳримҳо.

3. Дар бахши созмондеҳии муҷаддади ниҳодҳои давлат: ҳокимияти қонун ва ислоҳот, тавсеа ва инкишофи мутавозин, истиқрори муҷаддади муҳоҷирин ва оворагони дохилӣ.

4. Дар соҳаи амният: таъмини амният барои тамоми атбоъ ва ҳамчунон касоне, ки хоҳони оштӣ буда ва муҷаддадан ба давлат мудғам (пайваст) мегарданд.

5. Дар бахши тавсеаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ: рушди фарогир ва пойдор, дастрасии мусовиёна ба замин ва дороиҳои омма, мубориза бо фасод, барномаҳои миллии иштиғолзоӣ, идғоми муҷаддади муҳоҷирин ва ҷангҷӯёни собиқ.

6. Дар бахши таъмини ҳимоят ва мушорикати ҷомеаи байналмилалӣ: ҳимояти моли дипломотик, ҳазфи таҳримҳо ва вазъияти ҷангҷӯёни хориҷӣ.

7. Равишҳои иҷро: таъйини аҳдофи фаврӣ, кӯтоҳмуддат ва миёнмуддат ва назорат ва таъйиди механизмҳо ва тартибот [3].

М.А.Ғанӣ изҳори умед намуд, ки "Толибон" сари ин масъалаҳо фикр мекунанд ва пешниҳодҳою назари худро мегӯянд. Ӯ таъкид кард, ки давлати Ваҳдати миллӣ ба кушоиши дафтари «Толибон», судури паспорт ва озодии сафар ба онҳо, кумак дар аз миён бардоштани таҳримҳо, дастрасии онҳо ба расонаҳо ва интиқоли хонаводаҳои онҳо мувофиқат хоҳад намуд. Чуноне дида мешавад, А.Ғанӣ ҳеҷ гуна пешшарте барои «Толибон» нагузошт ва имтиёзҳои бисёр васеъ ба онҳо ваъда намуд. Баъзе коршиносон шӯхиомез менависанд, ки «Президент танҳо мансаби худашро ба онҳо ваъда накард, дигар ҳама чизро омода аст ба онҳо бидиҳад».

Бо вуҷуди ин, "толибон" ба пешниҳодҳои Ашраф Ғанӣ ҷавоби мусбат надоданд ва ё гуфтаанд, ки барои пайвастани онҳо ба раванди сулҳ бояд неруҳои хориҷӣ аз кишвар берун шаванд. Пешниҳодҳои ахири Ашраф Ғанӣ дар конфронси Кобул 28 феврали соли 2018 заъфи давлатро нишон доданд на қудрати ӯро. Ба назари мо, давлат ҳамзамон бо пешниҳодҳои сулҳ бояд дар майдони ҷанг пирӯзиҳои чашмгир дошта бошад, то "Толибон" ғайр аз роҳи пайвастан ба сулҳ дигар чорае надошта бошанд. Барои Ашраф Ғанӣ таҷрибаи мусолиҳаи миллии Наҷибуллоҳ бояд дарс шавад. Яке аз гуруҳҳои аз ҳама бештар ифротӣ Ҳизби исломии Афғонистон бо раҳбарии Г. Ҳикматёр аст. Ӯ даҳҳо бор савганд ёд намуда буд, ки то замоне ки як сарбози хориҷӣ дар Афғонистон аст, бо давлат музокира нахоҳад кард ва ба Кобул нахоҳад омад. Аммо имрӯз ба сухангӯи ғайрирасмии давлат табдил шудааст ва аз имтиёзҳои васеи ҳамин давлати ба қавли ӯ "дастнишондаи Амрико" бархӯрдор аст. "Толибон" ҳам дар сурати татбиқи чораҳои муассир, ба мисли фишори сиёсӣ ва низомӣ, қатъ намудани роҳҳои кумакрасонӣ ба онҳо, фишор ба давлатҳо ва созмонҳое, ки ба онҳо кумак менамоянд, дер ё зуд, ҳадди аққал баъзе аз гурӯҳҳои он, новобаста аз ҳузури неруҳои хориҷӣ, ба раванди сулҳ пайваст хоҳанд шуд. Аммо, мутаассифона, ҳам давлат ва ҳам кишварҳои хориҷӣ нисбат ба "Толибон" бозиҳои дугонаро пеш гирифтаанд. Кӯшиш доранд аз онҳо ҳамчун абзор дар сиёсати хориҷии худ истифода намоянд. Дар роҳбарии Ҳукумати ваҳдати миллӣ ҳам гурӯҳҳои ҷонибдори "Толибон" зиёданд, ки барои муборизаи ҳадафмандонаи давлат бо ин гурӯҳи террористӣ мамониат эҷод мекунанд.

Яке аз рӯзноманигорон Юсуфзай Самеъ, ки бо яке аз аъзои калидии Шӯрои раҳбарии «Толибон» суҳбат намудааст, менависад, ки намояндаи баландмақоми "Толибон" ба таври ғайрирасмӣ изҳор доштааст, ки онҳо имкон доранд дар сурати тақсими баробари қудрат (50: 50) дар сатҳи вазоратхонаҳо ва раёсатҳо дар марказ ва 34 вилоят ва батадриҷ озод намудани зиндониёни онҳо ба раванди сулҳ бипайванданд. Замоне ки таҳдоби сулҳ гузошта шуд, амрикоиҳо бояд аз Афғонистон хориҷ шаванд [8]. Яъне, имкони мусолиҳа дар ҳолати ҳузури амрикоиҳо ҳам аз тарафи "Толибон" инкор намешавад. Аммо суол ин аст, ки оё нерӯҳои сиёсии зиддитолибонӣ дар кишвар то чӣ ҳадде омодаи чунин гузаштҳо ба "Толибон" мебошанд. Чанде пеш Г.Ҳикматёр пешниҳоди ба "Толибон" вогузор намудани чандин минтақаҳоро карда буд, ки боиси вокуниши тезутунди неруҳои зиддитолибонӣ гардид ва ин

амалро онҳо “кӯшиши таҷзияи Афғонистон” номиданд. 27 марти соли 2018 Тошканд мизбони конфронси байналмилалӣ ҷиҳати дарёфти роҳи сулҳ барои Афғонистон буд. Ин конфронс бо ҳузури раисони ҷумҳури Ӯзбекистон- Ш. Мирзиёев ва Ҷумҳурии Афғонистон Ашраф Ғанӣ, муншии умумии СММ, масъули сиёсати хориҷии Иттиҳоди Аврупо, вазирони умури хориҷаи Русия, Эрон, Чин, Англия, Олмон, Италия, Фаронса, Туркия, Ҳиндустон, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб, Қатар ва муовини вазири умури хориҷаи ИМА баргузор шуд. Иштироккунандагони конфронс зимни ҷонибдорӣ аз пешнҳодҳои сулҳи М.А.Ғанӣ дар “Раванди Кобул -2” таъкид намуданд, ки толибон бояд масъулияташонро барои овардани сулҳ ва субот ба Афғонистон дарк кунанд. Кишварҳои иштироккунанда дар поёни ҳамоиши дурӯзаи сулҳ барои Афғонистон дар Тошканд як эъломияи бисту панҷмоддаиро қабул карданд, ки дидгоҳҳои давлатҳои ширкаткунандаро дар масъалаҳои сулҳ, мубориза бо ҳаросафганӣ ва маводи мухаддир, вусъат бахшидани ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ инъикос менамояд. Сомонаи интернетии Ariaye.com ба нақл аз Sputnik менависад, ки ширкаткунандагони ҳамоиш дар бахш сулҳ таъкид карданд,ки:

• Пуштибонии қавиамонро аз пешниҳоди Ҳукумати ваҳдати миллӣ барои оғози гуфтугӯҳои мустақим ва бе пешшарт бо “Толибон” ва ба ҳадафи расидан ба тавофуқи мантиқии сулҳ, ки аз сӯйи ҷомеаи ҷаҳонӣ низ пуштибонӣ мешавад, эълом мекунем ва Толибонро фаро мехонем, ки ин пешниҳодро бипазиранд.

• Таъкид меварзем, ки як тавофуқи сиёсӣ бо Толибон, беҳтарин роҳ барои поён додан ба хушунат дар Афғонистон аст ва ниёз аст, ки миёни ҳукумати Афғонистон ва аносири мусолиҳапазири Толибон гуфтугӯ шавад.

• Бар пуштибониамон аз талошҳои ҳукумати Афғонистон барои оғози гуфтугӯҳои мустақим бо Толибон таъкид меварзем.

• Толибонро фаро мехонем, ки масъулиятшонро барои овардани сулҳ ва субот ба Афғонистон дарк кунанд.

• Ҳукумати Афғонистон ва Толибонро ба рафтан ба сӯйи як тавофуқи сиёсӣ ташвиқ мекунем. Ин тавофуқнома бояд дахил шудани Толибонро дар раванди сиёсӣ ба ҳайси як бозигари сиёсии қонунӣ, тарки хушунат аз сӯйи Толибон ва қатъи равобити ононро бо ҳаросафгании ҷаҳонӣ ва низ ҳурмат гузоштан ба Қонуни асосии Афғонистон тазмин кунад.

• аз тамоми кишварҳо мехоҳем, ки ба ҳокимият ва тамомияти арзии Афғонистон ҳурмат бигузоранд ва дар масоили дохилии ин кишвар мудохила накунанд [7].

Бешубҳа, эъломияи қабулшуда муҳим аст, аммо саволи муҳимтар он аст, ки то кадом сатҳ он амалӣ мешавад ва худи давлатҳои ширкаткунанда онро иҷро менамоянд ё не? Албатта, ин ҳамоиш метавонад Тошкандро ба бозигари муҳимми ҳалли низои тӯлкашидаи Афғонистони ҳамсоя табдил диҳад. Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар нишасти матбуотии Тошканд, ки Ашраф Ғанӣ ҳам дар он иштирок дошт гуфт:"Мо омодаем барои ҳар марҳилаи раванди сулҳ шароит фароҳам кунем, дар қаламрави Ӯзбекистон гуфтугӯи мустақими “Толибон”-ро бо ҳукумати Афғонистон ба роҳ монем" [6]. Ҳамзамон, ҷониби Амрико аз ҳамкориҳои Русия ва Толибон ҳарф мезанад ва онро ба интиқоли силоҳ аз тариқи Тоҷикистон айбдор менамояд. Ин дар ҳолест, ки ҳам мақомоти расмии Тоҷикистон ва ҳам Русия инро пайваста рад мекунанд. Дар ин шароит ба назар мерасад, ки бешубҳа, яке аз сабабҳои муҳимми ба раванди сулҳ напайвастани «Толибон» вежагии он ҳамчун гурӯҳи идеологӣ аст, ки монеи созиши сиёсии онҳо мегардад. Аммо ин як тарафи қазия аст ва сабабҳои тӯлонӣ шудани роҳи сулҳ дар Афғонистон ба фаҳми моҳияти ҷанг ва омилҳои таъсиргузор дар он низ вобастагии амиқ дорад. Омилҳои низои Афғонистонро метавон ба омилҳои хориҷӣ, дохилӣ, **низомию сиёсӣ ва ғайра гурӯҳбандӣ намуд.**

Яке муҳимтарин омили хориҷӣ, омили Покистон аст, ки ҳам ба далели рақобат бо Ҳинд аз «Толибон» ҳимоят мекунад ва ҳам бо сабаби идомаи ихтилофи таърихӣ бо Афғонистон ( дар мавриди хатти Дюранд, Паштунистон ва ғ.). Дар ин замина «Толибон» ба сифати абзори сиёсати хориҷии Покистон бар зидди Афғонистон истифода мешаванд.

Омили дигари хориҷӣ бешубҳа, ҳузури неруҳои хориҷӣ дар ин кишвар аст, ки зоҳиран муборизаи мусаллаҳонаи гурӯҳҳои мухолифро машрӯият мебахшад. Омили дигари хориҷӣ ҳимоятҳои молии ниҳодҳо ва шахсиятҳои мухталиф, аз Халиҷи Форс гирифта то кишварҳои Ғарбӣ, аз гурӯҳи «Толибон» аст. Бешубҳа, омилҳои дохилӣ ҳам таъсири зиёд доранд. Пеш аз ҳама, идеологӣ ва бунёдгаро шудани фарҳанг ва андешаҳои мазҳабӣ дар чаҳор даҳаи ахир дар Афғонистон аст, ки «Толибон» худ маҳсули ин вазъиятанд. Насли наве аз муллоҳои таҳти таъсири идеологияи салафизм ва девбандизм, ки вориди ҷомеаи афғонӣ шуда ва дар ниҳодҳои суннатӣ мисли масоҷид ҷой гирифтаанд, худ ё толибанд ва ё аз назари фикрӣ бо «Толибон» наздик буда, заминаи фарҳангӣ-таблиғотиро барои онҳо фароҳам мекунанд. Бунёдгароии «Толибон», худ омили низоъ бо ҳар навъ тафаккури ғайр аз толибонизм дар дохил аст [5].

Набудани ҳукуматдории хуб ва заъф дар идоракунии давлатӣ, дар таъмини амният ва адолати судӣ, фасоди идорӣ низ яке аз омилҳои муҳиманд, ки норизоиятиҳоро дар ҷомеа зиёд кардаанд.

Дар бӯъди дохилӣ мушкили расидан ба сулҳ аз ҷиноҳбандии низоъ низ вобаста аст. Яъне, «Толибон» ба ғайр аз давлат, инчунин аксари неруҳои сиёсиро душман қаламдод мекунанд. Ин масъала, муносиботи байни гурӯҳҳои этникиро дар кишвар таҳти таъсир қарор додааст ва тарс аз як ҳукумати якақавмиро боло бурдааст.

Ба омили низомию сиёсии низоъ, бешубҳа зуҳури муҷаддад ва сафороии «Толибон» дар саҳнаи низомӣ аст. Баъд аз соли 2001 бояд ба ин роҳ дода намешуд. Амрико ва НАТО натавонистанд марказҳои омӯзишӣ ва тавлиди дубораи «Толибон»-ро дар Покистон нобуд кунанд ва ё Покистонро ба ҳадди зарурӣ таҳти фишор бигузоранд. Илова бар ин, ҳимояти афкори умумӣ дар Ғарб аз ҷанг дар Афғонистон коҳиш ёфт ва маънои «пирӯзӣ» дар ҳифзи субот ва шикасти «Ал-Қоида» дар Афғонистон, тағйир ёфт. Ин таҳаввулот, вазъи низомӣ-сиёсии «Толибон»-ро устувор кард. Ҳамин тавр, бо вуҷуди гузашти чандин сол аз оғози гуфтугӯҳои сулҳ, на танҳо миёни неруҳои сиёсӣ тавофуқе дар мавриди сулҳ, аҳдоф ва механизмҳои он эҷод нашудааст, балки беэътимодӣ ва нигаронӣ аз гуфтугӯҳои сулҳ низ афзоиш ёфтааст. Ин ба он маъност, ки фаҳми сиёсии муштарак аз сулҳ шакл нагирифтааст.

Кишварҳои минтақа мисли гузашта дар ҳоле ки аз ҳимояти сиёсию низомӣ ва молии «Толибон» инкор менамоянд, аммо амалан «Толибон» аз ин ҳимоятҳо бархӯрдоранд. Дар ин ҳолат "Толибон" ба музокира розӣ нахоҳанд шуд. Гарчанде «Толибон» наметавонанд ояндаи сиёсии Афғонистон бошанд, аммо бо далелҳои ишорашуда ҳанӯз вориди музокира бо давлат нашудаанд. Ин дар ҳолест, ки давлати Афғонистон бо вуҷуди баҳои сангин, гузаштҳои пай дар пай, озод кардани толибон аз зиндонҳо ва омодагиҳо барои музокирот бидуни кадом пешшартҳо ва ҳатто ваъдаи ба расмият шинохтани "Толибон" ба ҳайси ҳизби сиёсӣ ва тағйири Қонуни асосӣ заминаи гуфтугӯҳои сулҳро фароҳам кардааст. Ин нишон медиҳад, ки «Толибон» ҳанӯз омодагии лозим барои сулҳро надоранд ва ҳадаф аз иштирок дар ин ё он гуфтугӯ ба маънои истифода аз минбар аст, ки раванди мусолиҳа бо "Толибон"-ро тӯлонӣ ва печида месозад. Ба ҳар андоза, ки музокирот тӯлонӣ ва беҳосил мешавад, давлат маҷбур аст ба ҷанг идома бидиҳад ва мавқеи худро дар ҷабҳаи ҷанг ҳифз кунад. Ҳар гуна музокира бо "Толибон" аз мавзеи сиёсӣ-низомии заиф раванди сулҳро ба шикаст дучор хоҳад кард.

## АДАБИЁТ


1. Военно-политическая ситуация Афганистана сегодня и ее возможное влияние на безопасность Таджикистана [электронный ресурс].URL: http://www.dialog.tj/news/voenno-politicheskaya-situatsiya-afganistana-segodnya-i-ee-vozmozhnoe-vliyanie-na-bezopasnost-tadzhikistana/ (дата обращения: 10.03.2017 16:06.).
2. Инкори «Толибон» аз ширкат дар музокироти чаҳорҷонибаи сулҳ [захираи электронӣ].URL:http://parstoday.com.
3. Матни пешниҳодии давлати Афғонистон барои сулҳ дар дувумин нишасти Кобул [захираи электронӣ].URL: http://af.farsnews.com/politics/news/13961209000831.
4. Муҷиб Машъал. Чӣ гуна раванди сулҳ байни «Толибон» ва Афғонистон нақш бар об шуд [захираи электронӣ]. URL: https://www.nytimes.com/2016/12/26/world/asia/afghanistan-taliban-peace-talks.html?_r=0

5. Нигоҳе ба раванди сулҳ бо «толибон» [манбаи электронӣ].URL: http://8am.af/oldsite.php?option=com_content&view=article&id=29194:1391-10-09-16-10-55&catid=3:2008-10-31-09-37-07&Itemid=554
6. Ӯзбекистон музокироти мустақими Кобулу Толибонро пешниҳод кард [захираи электронӣ].URL:https://www.ozodi.org/a/29127693.html.
7. Эъломияи поёнии нишасти сулҳи Тошканд барои Афғонистон[манбаи электронӣ].URL:http://www.ariaye.com/akhbar.html (санаи истифодабарӣ: 27.03.2018
8. Юсуфзай Самеъ. Розҳои пинҳони гуфтугӯҳои сулҳи Афғонистон [захираи электронӣ].URL: http://www.ariaye.com/akhbar.html

## РАВАНДИ МУЗОКИРОТИ СУЛҲ БО «ТОЛИБОН»: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Дар мақола дар асоси таҳлили адабиёт ва манобеи гуногун раванди музокироти сулҳ бо «Толибон» дар Афғонистон таҳлил шудааст. Дар натиҷаи ин таҳлил муаллиф ба хулосае омадааст, ки гарчанде низоми «Толибон» соли 2001 сарнагун гардид, аммо ҳукумат кӯшиш кард, то бо ном, «Толибони муътадил»-ро ба раванди сулҳ ҷалб намояд. Гуфтугӯҳои расмию ғайрирасмӣ, гоҳ ozoду гоҳ махфӣ ба натиҷае нарасиданд.
Ҷолибии мавзӯи мазкур дар он аст, ки масъалаҳои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро дар бар мегирад. Дар мақола фишангҳои иқтисодӣ ва сиёсии Ҷумҳурии Федеративии Олмон, ки ба раванди сиёсати хориҷии Қирғизистон таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд. Зери мафҳуми фишанг созишномаҳои байналмилалӣ, шартномаҳо ва сармоягузориҳо, фаҳмида мешаванд. Ҳадафи асосии тадқиқот таҳлили раванди рушди муносибатҳои Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Қирғизистон мебошад. Мутобиқи ҳадаф барпо шудан ва рушди ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Федеративии Олмон аз соли 1991 то 2016 таҳлил карда шудаанд. Барои ҳалли ҳадафҳои мазкур усулҳои таърихӣ таъсиротҳои сабабии тафтишотӣ ва дедуктивӣ истифода шудаанд. Барои муайян кардани дараҷаи таъсирнокии Ҷумҳурии Қирғизистон аз Ҷумҳурии Федеративии Олмон натиҷаи мулоқотҳои дуҷониба ва диққати махсус ба сиёсати сармоягузории Ҷумҳурии Федеративии Олмон дар Қирғизистон ва далелҳои таърихӣ дода мешаванд, ки бо назардошти ин Қирғизистон ба муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Федеративии Олмон аҳамияти махсус медиҳад.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Федеративии Олмон, муносибатҳои дуҷониба, сармоягузорӣ, тиҷорат, сиёсати хориҷӣ, иқтисодиёт, созишномаҳо, ҳамкорӣ, манфиатҳо.


## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И ПОЛИТИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО КЫРГЫЗСКОЙ РЕСПУБЛИКИ И ФЕДЕРАТИВНОЙ РЕСПУБЛИКИ ГЕРМАНИИ (1991-2016)


Интерес к заявленной теме обусловлен тем, что в ней исследуются вопросы особенностей развития экономических и политических связей Кыргызской Республики и Федеративной Республики Германии. В статье определяются экономические и политические инструменты ФРГ, которые могут повлиять на внешнеполитический курс Кыргызстана. Под инструментами подразумеваются международные соглашения, договоры, инвестиции. Основной целью исследования является анализ процесса развития отношений. В соответствии с целью исследуется и характеризуется становление взаимоотношений между КР и ФРГ с 1991 по 2016 годы. Для решения поставленной цели используются исторический, сравнительно-сопоставительный, причинно-следственный и дедуктивный методы анализа. Чтобы определить степень политического влияния ФРГ на Кыргызстан используются результаты двусторонних встреч, особое внимание уделяется немецкой инвестиционной политике в Кыргызстане и историческим фактам, с учетом того, что Кыргызстан придает двусторонним отношениям с ФРГ важное значение.



**Ключевые слова:** ФРГ, Кыргызстан, двусторонние отношения, инвестиции, торговля, внешняя политика, экономика, соглашение, сотрудничество, интересы.

**ECONOMIC AND POLITICAL COOPERATION OF THE KYRGYZ REPUBLIC AND THE FEDERAL REPUBLIC OF GERMANY (1991-2016)**

Interest in the stated subject is due to the fact that it examines the issues of the development of economic and political ties between the Kyrgyz Republic and the Federal Republic of Germany. The article defines the economic and political instruments of the FRG, which can affect the foreign policy course of Kyrgyzstan. Instruments mean international agreements, contracts, investments. The main goal of the research is: analysis of the process of development of relations. In accordance with the purpose, the relationship between the CD and the FRG is being studied and characterized from 1991 to 2016. To solve the set goal, historical, comparative-comparative, cause-effect and deductive methods of analysis are used. To determine the degree of political influence of the FRG on Kyrgyzstan, the results of bilateral meetings are used, special attention is paid to the German investment policy in Kyrgyzstan and historical facts, given that Kyrgyzstan attaches great importance to bilateral relations with Germany.

**Key words:** FRG, Kyrgyzstan, bilateral relations, investments, trade, foreign policy, economy, agreement, cooperation, interests.

***Сведения об авторе: Бейсебаев Рахат Сансызбаевич*** – кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений, Бишкекский гуманитарный университет. **Адрес:** Кыргызская Республика, 720044, г. Бишкек, проспект Ч. Айтматова, 27. E-mail: beisebaev.ra@mail.ru

**Information about the author:** ***Beisebaev Rakhat Sansyzbaevich*** - Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of International Relations, Bishkek Humanities University. **Address:** Kyrgyz Republic, 720044, Bishkek city, Aitmatov Avenue, 27. E-mail: beisebaev.ra@mail.ru

УДК: 930+32(575.3)

# САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХУ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ

*Шарипов Ҷ. С.*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷаҳонишавӣ, ки тамоми соҳаҳои ҷамъиятиро тахти таъсир қарор додааст, дар назди инсоният рӯз то рӯз вазифаҳои навро ба пеш мегузорад. Ҷаҳонишавӣ хосси замони нав буда, оқибатҳои мусбату манфии хешро дорад. Умумӣ гаштани фарҳангу тамаддун аз як ҷониб хуб бошад, аз ҷониби дигар, боиси аз байн рафтани фарҳанги миллӣ ва минбаъд хусусиятҳои як миллат, ки асосашро суннатҳо ва рукнҳои миллӣ, озодӣ ва истиқлол ташкил медиҳанд, хоҳад гашт. Бо таъсироти омилҳои ҷаҳонишавӣ рӯз то рӯз мавқеъи давлатҳои миллӣ, ки субъекти муаррифгари мустақилияти миллатҳо ба ҳисоб меравандд, дар ба танзим даровардани муносибатҳои соҳавӣ то ҷое заиф гардида, таъсири созмонҳои байналмилалӣ зиёд мешавад. Бо мақсади раҳоӣ аз гирдоби ин омилҳои манфӣ ва мустаҳкам намудани арзишҳои миллӣ ва нақши субъекти муаррифгари он - давлат дар миқёси байналмилалӣ коршиносон ба таърииху тамаддуни хеш рӯ оварда, талошҳо ҷиҳати муайяну мушаххас намудани марзу буми мояи фарҳанги муосир, тақвияти шинохти решаҳои маданию фарҳангӣ ва касбии ҳувияти қавмию миллӣ як амали зарурӣ мебошад. Яке аз роҳҳои асосии шинохт ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар ҷаҳони муосир рӯ овардан ба таъриху тамаддуни гузаштаи хеш ва муаррифӣ кардани он ба ҷаҳониён аст. Шинохти таърих ва ҳикмату фарҳанги оламгири ниёгон ба хотири муаррифии мақоми миллати хеш мебошад. Эътиқод ва эътимод доштан ба таърих, фарҳанг ва адабиёт яке аз омилҳои муҳимми устувории миллат ба шумор мераванд. Аз ин рӯ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таърихи ниёгонамон рӯ оварда, ба ташаккулу инкишофи маданияти моддию маънавии тамаддуни ориёии худ назар андохта, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон зарур шумориданд, ки соли 2006-умро Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ эълон намоянд.

Аз миёни иқдомҳои наҷибонаи Пешвои миллат нисбат ба эҳёи таърииху тамаддуни халқи тоҷик (ориёиҳо) метавон таҷлили 1100 -солагии давлати Сомониён, Соли тамаддуни ориёӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии Кӯлоб, бузургдошти шахсиятҳои сарсупурдаи илмиву адабӣ ва сиёсию таърихӣ -Имоми Аъзам, Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигаронро метавон ном бурд. Бо ин иқдомҳои наҷибона ӯ аз

таърихи фарҳанги миллат ганҷҳо ва ҳикматҳоеро берун овард, ки моҳият ва арзишҳои фарҳангии ниёгонамонро таҳким бахшиданд. Ӯ дар қатори олимони касбӣ мекӯшад, то дар ҷаҳони бархӯрди тамаддунҳо рӯ ба инъикоси таърихи тамаддуни гузаштаи миллати тоҷик оварда, ба воситаи китобҳои пурарзишаш ҷаҳониёнро аз тамаддуни волои тоҷикон (ориёиҳо) огоҳ созад. Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурияти рӯ овардан ба таърихи тамаддуни гузаштаро чунин баён мекунад: "Омӯхтани рӯйдодҳои таърихиву фарҳангӣ, зиндагиномаи шахсиятиҳои сарсупурдаи миллат ва чеҳраҳои баргузидаи адабӣ имкон медиҳад, ки решаҳои худро аз гузашта дарёфт намоем, ба онҳо пайванд доштани хешро эҳсос карда, ба хотири номуси ватандорӣ ном ва корнамоиҳои онҳоро аз нав зинда гардонем ва ба фарзандони халқи далерамон бо ифтихор дар бораашон ҳарф занем" [15, с. 5]. Дар ин росто китобҳои пурарзиши Пешвои миллат "Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён", "Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ", "Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ", "Забони миллат-ҳастии миллат" ва "Чеҳраҳои мондагор"-ро метавон ном бурд, ки дар меҳвари онҳо пажӯҳиши таърихи тамаддуни ориёиҳо қарор дорад. Асоси назарпардозии китобҳои мазкурро масоили мубрам ва бархӯрд дар замони муосир дар бар мегирад. Мавзӯъ ва маҳаки асосии кутуби фавқуззикрро метавон аз чанд ҷиҳат шарҳ дод, вале ба таври умум чанд масъалае ҳаст, ки зиёдтар дар ин осор мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд:

1. **Сарогози таърих ва фарҳанги ориёиҳо ва нахустватани эшон бо овардани далоили таърихиву адабӣ аз маъхазҳо, ба монанди таърихномаҳову тазкираҳо барои исботи қадимият ва тамаддунофар будани ниёгонамон, ҳамчун ориёӣ.** Бояд таъкид кард, ки масъалаи омӯзиши ориёиҳо ҳанӯз аз даврони қадим оғоз шуда буд. Махсусан он диққати олимони Юнони Қадимро зиёд ҷалб намуда буд. Тибқи маълумотҳои Б.Ғафуров ва Сибукидис Д.И., Искандари Мақдунӣ ҳангоми юриш ба Шарқ олимону донишмандони зиёдеро барои омӯзиши соҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии халқҳои Шарқ ба артиш ҷалб намуд, ки дар байни онҳо Пиррон, Анаксарха, Онсикрит, Аристобул, Птолемей ва дигарон низ буданд. Ба ҷуз инҳо муаррихони номии юнонию румӣ Ҳеродот, Арриан, Юстин, Страбон ва дигарон маълумоти гаронбаҳое дар бораи ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ додаанд. Айни ҳол масъалаи асосии мавзӯи ориёиҳо, ки дар байни муаррихон баҳсу мунозираро ба миён овардааст, саволҳои кӣ будани ориёиҳо ва нахустватани эшон аст, ки то ҳол ҳалли пурраи худро наёфтааст. Кам муаррихеро пайдо кардан мумкин аст, ки дар бораи орёиҳо маълумот надода бошад, аммо ин ахборотро мо наметавонем билкул илмӣ шуморем. Аз ин рӯ моро мебояд, ки масъалаи мазкурро аз рӯйи натиҷаи таҳлили назарияи аксарият омӯзем. Оиди масоили мазкур Пешвои миллат ба сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳқиқотҳои олимони барҷастаи соҳа такя намуда, дар асоси далелҳои илмӣ сарзамини Осиёи Миёнаро яке аз қисматҳои асосии нахустватани қавмҳои ориёӣ медонад. Аз рӯйи таҳлили кутуби эшон маълум мегардад, ки дар охири ҳазорсолаҳои 3-2-и то милод аз Балкан то баҳри Байкал, аз ҳавзаҳои рӯдҳои Волга, Урал ва Об то Ҳиндустони Марказӣ ва аз сарҳадоти Муғулистон ва Тибет то баҳри Миёназамин манотиқи ҷойгиршавии ориёиҳо мавқеи хоссаро ишғол намуда буданд. Ин гуфтаҳоро мо метавонем дар асоси ёдгориҳои асри санг ҳамчун маълумотҳои илмӣ қабул намоем. Махсусан робитаи бевосита доштани Саразмро бо тамоми марказҳои мадании он давра, аз ҷумлаи Намозгоҳу Олтинтеппа, Мундигаку Пирак, Ҳараппа, Ҳисору Туронтеппа бояд хотирнишин намуд. Пешвои миллат хусусиятҳои умумии мавзеъҳои мазкурро дар замони биринҷӣ ба назар гирифта, назарияи олими варзидаи соҳа -академик В.М. Массонро доир ба ин давра ва муносибатҳои мутақобилаи қавму қабоили ориёӣ ба ҳақиқат наздик медонад. Чизе дигареро, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун муаррих ба назар гирифтааст, ин риоя намудани хронологияи ташаккулёбии қавму қабоили ориёӣ ва фарҳанги эшон дар минтақа мебошад. Дар асоси назарияҳои илмӣ ба хулосае меоянд, ки дар ҳазорсолаи 4-3-и то милод Осиёи Миёна марҳалаи ташаккули иттиҳоди қабилаҳоро аз сар мегузаронд, ки

дар натиҷаи ин тадриҷан шаҳрҳо ба вуҷуд меомаданд. Муаррих ба таҳқиқотҳои бостоншиносӣ такя намуда, оиди дар ҳазорсолаи 2-и то милод дар резишгоҳи Мурғоб пайдо шудани иттиҳоди деҳаҳои кишоварзӣ маълумот додааст. Маркази маъмурии онҳоро дар харобаҳои Тоиб-1 ҷой медиҳад, ки масоҳати 5-гектарро фаро мегирифт. Он маҳаллаи кулолон ва мисгарон дошт. Дурустии ақидаро аз тарафи И. Максимов дар харобаи Тоиб ёфт шудани чор муҳр ва ҳамчун маркази маъмурӣ исбот намудани онро тасдиқ менамояд. Мувофиқи ақидаи аксарияти муҳаққиқони аврупоии асри XIX, ки ба сарчашмаҳои хатти меҳӣ истинод кардаанд, таърихи пайдоиши Ориён 3-ҳазор сол пеш аз милодро дар бар мегирад. Шарқшиноси маъруфи асри XIX, Ф.Ленорман Дар китоби худ доир ба таърихи модҳову форсҳо қайд кардааст, ки: "Ориёиён даставвал дар қисми шарқии Эрон ҷой гирифта буданд. Як қисмашон дар шимолу шарқии Эрон дар ҳамсоягӣ бо Суғд мезистанд. Чун бо таълимоти Ориён мусаллаҳ шуданд, ба сарзамини поки Форс ва аз он ҷо ба Мод роҳ паймуданд" [5, с. 25-26]. Академик Нуъмон Неъматов доир ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта, зикр менамояд, ки ориёиҳо-номи тоифаҳои қадими ҳиндуэронӣ дар ҳазорсолаҳои 4 ибтидои 1 то милод дар Эрону Осиёи Марказӣ, даштҳои шимолии байни Олтою Тяншону ҷануби Уралу атрофи баҳрҳои Аралу Каспий мезистанд ва бо воситаи ҳиҷрат дар Анатолияю ҷанубии Кавказу Арманистони таърихӣ Балкану Аврупои Шарқию Марказӣ ҷой гирифтанд [8, с. 55-56]. Яъне, Нуъмон Неъматов низ ба мисли Эмомалӣ Раҳмон Осиёи Миёнаро яке аз нахустин ватани ориёиҳо медонад. Аммо нишондоди Ф.Ленорман танҳо Осиёи Миёнаро фаро мегирад. Ҷуғрофияи нишондодаи муаррихони фавқуззикр бори дигар исбот менамояд, ки сарзамини муосири Тоҷикистон яке аз қисматҳои асосии нахустватани ориёиҳо ба шумор мерафт. Бартарии назарияи Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки ӯ дар рафти омӯзиши масоили мазкур доираи ҳадафро боз ҳам васеътар баррасӣ намуда, ба тамаддунҳо Осиёи Хурд, Ҳавзаи маданияти баҳри Миёназамин ва дигар сарзаминҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро низ дохил намудааст. Яъне, таъриху тамаддуни ориёиро дар муқоиса бо халқҳои ҳамҷавори он омӯхта, хулосабарорӣ намудааст.

**2. Пайдоиш ва ташаккули давлатҳои ориёӣ-тоҷикӣ ва рушди тамаддуни онҳо.** Ташкилшавии аввалин давлатҳои ориёӣ ба ҳазорсолаҳои 4-3 т.м. рост омада, зинаҳои ташаккулёбии тамаддун ва таҳкими давлатдорӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар нишон дода шудаанд. Сароғози таърихи давлатҳои ориёӣ чун мардумони дигар, норавшаниҳои зиёд дорад. Назарияи Эмомалӣ Раҳмон оиди масоили мазкур мисли аксар муҳаққиқони ориёишинос қариб, ки яксон буда, далоили асосии онро сарчашмаҳои бостоншиносию забоншиносӣ ташкил медиҳанд. Дар ин асос нахустдавлатҳои ориёиро бо номи Пешдодиён, Каёниён ва Митониён нишон додааст. Масъалаеро, ки Эмомалӣ Раҳмон оиди ориёиҳо ҳал шуданашро зарур мешуморад, ин муайян намудани ташкилшавии давлат дар ҳудуди Осиёи Миёна мебошад. Муаррихи шинохта И.В. Пянков аввалин давлатҳои ташкилнамудаи ориёиҳоро дар Осиёи Миёна бо номи "Шоҳигарии Бохтар" ва "Хоразми Бузург" нишон медиҳад. Назарияи аввалияти давлатҳои мазкур аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон қобили қабул аст, аммо ӯ ба сарчашмаҳои бостоншиносӣ такя намуда, исбот кардааст, ки Бохтар нисбат ба Суғду Хоразм бузургтар будааст. Маълумоти Ктесий оиди лашакаркашии ошуриҳо ба Бохтар ба, далоили бузургии Бохтар мебошад. Эмомалӣ Раҳмон дар ин хусус қайд менамояд, ки: "агар Бохтар бузург намешуд шоҳони ҳахоманиш ҳеҷ гоҳ худро валиаҳади Каёниён наменомиданд" [12, с. 57]. Масъалаи дигаре, ки диққати муаррихро ҷалб менамояд, ин ташкилшавии давлатҳои Пешдодиён ва Каёниён ва хусусиятҳои хосси онҳо мебошад, ки имрӯз аксар олимон даъвои асотирӣ будани онҳоро доранд. Дар ин хусус муайян намудани солҳои мавҷудияти сулолаи Пешдодиёнро Эмомалӣ Раҳмон ғайриимкон медонад, аммо дар асоси далелҳои таърихӣ зикр менамояд, ки он сулолаи воқеии ҳукмрон буда, дар даврони аввали пайдоиши ниёгони мо ҳукмронӣ намудаанд.

Ягона сарчашмаи таърихие, ки оиди нахустдавлатҳои қавмҳои ориёитабор ба мо маълумот медиҳад, ин китоби Авесто мебошад. Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод менамояд, ки китоби Авесто ҳамчун нахустин энсиклопедияи тамаддуни башарӣ, нахустин китоби дини ҷомеаи ҷаҳонӣ мавриди омӯзиши васеъ қарор дода шавад. Ҳақ бар ҷониби Пешвои миллат аст, ки қайд менамояд, ки тӯли солҳои зиёд достони «Илиадаву Одиссея»-и Ҳомер мавриди омӯзиши ҳамагон қарор гирифта буд, аз ҷумла дар мамлакати мо (даврони шӯравӣ). Дар асоси он олимони Ғарб даъво менамоянд, ки оғози тамаддун аз Юнони қадим аст. Дар асоси ин Пешвои миллат зикр менамояд, ки китоби Авесто, ки имрӯз ҳамчун сарчашмаи ягонаи гузаштаи тамаддуну давлатдории мо аст, чаро онро мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор надиҳем, ҳоло он ки китоби мазкур далели тайёри таърихӣ дар хусуси қадимӣ будани тамаддуни ориёӣ аст. Аз ин рӯ, банда назарияи Пешвои миллатро қобили қабул дониста, пешниҳод менамоям, ки фанни махсусе бо номи авестошиносӣ ва дар доираи он омӯзиши тамаддуни Ориёи бостони дар мисоли ниёгонамон ба роҳ монда шавад, то ин, ки миллати тамаддунофари тоҷик аз гузаштаи бойи худ бохабар гашта, нисбат ба сарзамину миллати хеш содиқу ҳимоятгари манфиатҳои он бошад.

3. **Аз зиндагӣ ва саҳми бузургони гузаштаи ориёиҳо дар пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ таъкид намудааст.** Эмомалӣ Раҳмон ба саҳифаҳои бойи таърихи халқамон шинос шуда, рӯзгори шахсиятҳои сарбаланди илмӣ, адабӣ ва таърихию сиёсиро дар осори худ инъикос намудааст. Ва дар ин хусус китоберо бо номи "Чеҳраҳои мондагор" рӯйи авроқ овper оварданд, ки он аҳамияти бузурги илмиро дар омӯзиши саҳифаҳои тиллоии таърихи халқи тоҷик доро мебошад. Худи Пешвои миллат зарурияти омӯзиши мавзӯи мазкурро чунин шарҳ додааст: "Сабақҳои ибратомӯзи таърих, гузаштаи пурифтихор, шахсиятҳои тавонову фарзандони бузурги халқ роҳи гузаштаро пешорӯямон қарор дода, чун ҳаками одил гиреҳи бурду бохти силсилаи давлату давлатдориҳои тоҷиконро бароямон мекушоянд" [15, с. 5]. Албатта, ҳар як халқу миллат аз қаҳрамониҳои гузаштагони хеш, меболаду онро ба сифати яке аз саҳифаҳои тиллоии таърихи худ мавриди омӯзиш қарор дода, ба ҷаҳониён шинос менамояд. Таърихи халқи тоҷик низ яке аз қисмҳои асосии таърихи тамаддуни ориёӣ ба шумор рафта, аз чунин қаҳрамониҳои бемисл орӣ набуда, аз даврони қадимтарин сар карда то давраи навтарин шахсиятҳоеро ба арсаи ҳастӣ овардаанд, ки мислашро таърих кам ёд дорад. Ба воситаи чунин абармардони роҳи хираду адолат ба монанди Зардушт, Спитамен, Куруши Кабир, Монӣ, Маздак ва дигарон ориёиҳо дар шукуфоӣ ва пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми бузурги хешро гузошта, имрӯз аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун халқи тамаддунофар эътироф гардидаанд. Ана ҳамин аҳамияти бузурги омӯзиши ин саҳифаи таърихи миллатро Пешвои миллат дарк намуда, дар асоси мадракҳои эътимодноки таърихӣ тавонист, ки то ҷое ҳам дар муаррифӣ намудан чеҳраҳои бузурги он муваффақ гардад. Ҳарчанд ки оиди чеҳраҳои мондагори ниёгонамон ҳам муҳаққиқони дохилӣ ва ҳам хориҷӣ тӯли солҳои зиёд кор карда, ҳатто рисолаҳои илмӣ навишта бошанд ҳам, онҳо хусусияти умумӣ надошта, аз ҷиҳати мазмуну мӯҳтавои худ пароканда мебошанд. Эмомалӣ Раҳмон ин мушкилии илми таърихро ба воситаи нашри асари худ рафъ намуд. Яъне, имрӯз хонанда метавонад дар шакли як асар аз ҳаёт, фаъолият ва осори фарзандони бузурги гузаштаи халқи хеш маълумоти лозимаро дастрас намояд.

Ӯ дар баробари муаррихони касбӣ дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ таърихи тамаддуни ориёиро, ки омӯзиши он дар даврони шӯравӣ маҳдуд шуда буд, зинда гардонида, ба хотири баланд гардидани ҳувияти миллии тоҷикон ба рӯйи авроқ овардани саргузашти халқ машғул гардид. Ин хизмати таърихии Пешвои миллатро ба назар гирифта, банда ва шахсияти ӯро дар қатори дигар чеҳраҳои бузурги миллат мавриди омӯзиш қарор додааст. Агар дар асри XX Бобоҷон Ғафуров бо "Тоҷикон" муаррифгари таърих ва тамаддуни халқи тоҷик шинохта шавад, пас дар асри XXI ин амали шарафмандонаро Эмомалӣ Раҳмон бо нигоштани асари "Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён" идома дода, асосгузори ҳақиқии

таърихи халқи тоҷик дар давраи навин эътироф гаштааст. Пешвои миллат то имрӯз ин иқдоми бузурги наҷибонаро идома дода истодаанд, ки дар шинохти тоҷикон ҳамчун ҷузъи асосии ориёиҳо дар арсаи байналмилалӣ омили асосӣ хоҳад гашт.

## АДАБИЁТ


1. Гамкралидзе Т.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы. Учебное пособие / Т.В. Гамкралидзе, В.В. Иванов. – Тиблиси, 1989. –346 с.
2. Грантовский Э.А. Ранняя история иранских племён Передней Азии. Учебное пособие / Э.А. Грантовский. – М.: 1970. –314 с.
3. Кляшторный С.Г. Государства и народы евразийских степей / С.Г. Кляшторный, Т.И. Султонов. –Санк–Петербург, 2004. –428 с.
4. Кузмина Е.Е. Откуда пришли индоарии. Учебное пособие / Е.Е. Кузмина.– М., 1994. –321 с.
5. Ленорман Ф. Руководство к древней истории Востока до персидских войн. Учебное пособие / Ф. Ленорман. –Киев, 1878. -342 с.
6. Массон В.М. Первая цивилизация. Учебное пособие / В.М. Массон. –Л.: Наука, 1989. –296 с.
7. Неъматов Н. Таърихи халқи тоҷик. Воситаи таълимӣ /Н. Неъматов, С. Носирова, С. Бобомуллоев [ва диг.]. - Душанбе: Сарпараст, 2003. –368 с.
8. Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён /Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 1999. –534 с.
9. Раҳмонов Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён /Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002. –557 с.
10. Раҳмонов Эмомалӣ. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни Ориёӣ /Э. Раҳмонов.–Душанбе: Ирфон, 2006.-374 с.
11. Раҳмонов Эмомалӣ. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ /Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2006. –367 с.
12. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат. Воситаи таълимӣ. –Душанбе: Андалеб–Р, 2015.–490 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. –Душанбе: Эр-граф, 2016. –361 с.
14. Умарзод И. Таърихи тамаддуни ориёӣ. Воситаи таълимӣ /И. Умарзод.–Душанбе, 2006. –558 с.


## САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХУ ТАМАДДУНИ ОРИЁИҲО


Таърих аз чеҳраҳои мондагори ҳар давру замон бесобиқа арҷгузорӣ мекунад. Ва ин арҷгузорӣ ба хотири муаррифӣ намудани таъриху тамаддуни хеш ба наслҳои имрӯзаву оянда ва ҷаҳониён аст. Дар ҷаҳони муосир аксарият халқияту миллатҳо даъвои саҳмгузорӣ ба инкишофи тамаддуни ҷаҳониро дар таърихи худ доранд. Яъне, бо кадом роҳе ки набошад, эшон кӯшиш менамоянд, ки таърихи хешро ба сифати яке аз саҳифаҳои тиллоии таърихи умумиҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд. Аммо ҳақиқати таърхӣ барои аксарият намоён аст. Эмомалӣ Раҳмон аз он фарзандони фарзонаи миллати тоҷик мебошад, ки дар қатори дар саҳнаи сиёсат ба комёбиҳо ноил гардидан, рӯ ба ҳақиқати таърихӣ оварда, дар равшан намудани он то ҷое муваффақ гардидааст. Диққати ӯро махсусан таърихи аҳди бостон ва асримиёнагии халқи тоҷик дар мисоли таъриху тамаддуни ориёиҳо ба худ ҷалб намудааст, оиди ин давра якчанд асарҳои аҳамияти бузурги илмӣ доштаро, пешниҳоди дӯстдорону ҳаводорони таъриху тамаддуни ориёиҳо гардонидааст. Бояд қайд намуд, ки бартарии маълумотҳои пешниҳоднамудаи Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки ӯ аз тамоми осори муаррихони хориҷию дохилӣ истифода намуда, ба таври таҳлилӣ таърихи миллатро дар кутубаш инъикос намудааст. Донистан ва пажӯҳиши таърих ва фарҳанги миллате аз ҷониби сарвари давлаташ аз нишонаҳои хуби давлатдорӣ ва сарварӣ маҳсуб меёбанд. Зеро барои ҳар сарвар дар дурнамои масоили рушди кишвараш ҳамчун сиёсатмадор донистани таъриху фарҳанг ва сабақ гирифтан аз гузаштагон шарти аввал аст. Таърих исбот намудааст, ки сарварони сиёсие, ки аз гузаштаи хеш бохабаранду нисбат ба он арҷ мегузоранд, дар идора намудани давлат муваффақ мегарданд. Аз ин сабаб дар ин мақола тасмим гирифтем, то аз арҷгузории Пешвои миллат ба таъриху тамаддуни миллати тоҷик ва пажӯҳиши жарфи он барои дурусту амиқ ба роҳ мондани сиёсати созандааш зикр намоем.



**Калидвожаҳо:** Пешвои миллат, саҳм, таърих, ориёӣ, тамаддун, ҷаҳонишавӣ, китобҳои таърихӣ.


## ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ В ИЗУЧЕНИЕ ИСТОРИИ И ЦИВИЛИЗАЦИИ АРИЙЦЕВ


Исторические личности всегда почитали историю. Их основной целью являлось ознакомление сегодняшнего и следуюшего поколений, а также мирового сообщества с историей и цивилизацией своего народа. В современном мире многие народы и нации претендуют на определенный вклад в развитие мировой цивилизации. Следовательно, они стараются представить свое прошлое как яркие страницы в мировой истории. Но историческая правда очевидна большинству. Эмомали Рахмон из тех славных сыновей таджикского народа, что наряду с огромными успехами на политической арене всегда обращается к исторической правде и во многом преуспел в её освещении. Особенно, древнего и средневековго периода истроии и цивилизации таджикского народа. Следует подчеркнуть, что Эмомали Рахмон в своих работах использовал исследования зарубежных и отечественных авторов, которые критично отражали историю таджикского народа. Знание и изучение истории и культуры нашего народа со стороны главы государства является ярким признаком государственности и лидерства. Поскольку каждому политическому лидеру в перспективе развития страны необходимоо историческое знание. История показывает, что те политические лидеры которые были осведомлены об истории и почитали её, достигали больших успехов. Исходя из этого, автор решил рассмотреть деятельность Лидера нации в изучении истории и культуры таджикского народа и определить его роль в освещении истории нашего народа и налаживания путей созидательной политики.

**Ключевые слова:** Лидер нации, история, вклад, цивилизация, глоболизация, исторические книги, арийцы.

**CONTRIBUNION OF THE LEADER OF NATION IN STUDOF HISTORY AND CIVILIZATION OF ARYANS**

Historical personalities always honored the history. Their main purpose was familiarization today`s and the following generation, as world community with history and civilization of their nation. In modern world many nations pretend about their past as the brightest pages of world`s civilization. Consequently, they in every way try to show their past as the brightest pages of world`s history. But historical try th is obvious to the majority. Emomali Rahmon is one of the glorious sons of Tajik people that alongside with his enormous success in the political arena addresses to historical truth and medieval periods hi has written several books, having big scientific impotence. It should be not that Emomali Rahmon used both forejn and domestic author`s works, in frame of witch critically reflected the history of tajik nation. Understanding and studying of history and national culture from the head of the state is considered as a good sign of statehood and leader ship. Decause for each political leader it is the initial necessity to understand and study the history and culture of his country and to learn from the past in order to exactly define the development prospect of his country. Therefore, the author have desided to consider the activity of leader of nation in studying of history and culture of our nation and to define his role in its illuminating. The author also attentively investigates his creative policy.

**Key words:** Leader of the nation, a history, continuation, civilization, globalization, historical books, aryans.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Джамолиддин Сафолович*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры истории таджикского народа исторического факультета, аспирант. **Адрес:** 734025,Республика Таджикистан, г.Душанбн, пр.Рудаки 17. E-mail: **Jamol_hnt.r@mail.ru**.Телефон. **987-244423.**

**Information about the author:** ***Sharipov Jamoliddin Safolovich*** **-** Tajik National University, assistant of the Department of the History of the Tajik People of the Faculty of History, graduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **Jamol_hnt.r@mail.ru.** Phone: **987-244423.**

УДК: 329.1/.6

# ТАВАҶҶУҲИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН БА ҶАВОНОНИ КИШВАР

***Ширин Қурбонова***

**Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ**

Аз амалияи фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар солҳои сипаришуда ва муҳтавои барномаи ин ҳизб ба чунин хулоса омадем, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барномаи ҳадафҳои созандаро ҷонибдорӣ менамояд. Барномаи мазкур тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҷомеаро дар худ таҷассум карда, мақсаду вазифаҳоеро матраҳ кардааст, ки барои таъмини амният, сулҳу истиқрор дар ҷомеа, рушди устувори соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар, таъминоти иҷтимоӣ, муносибатҳои гуногунҷанбаи мутақобилан судманд байни Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон, пайваста баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии бошандагони кишвар, илму маориф ва ғайра бахшида шудаанд [9, с.74].

Илми сиёсатшиносии муосир ҳизби сиёсиро ба қатори унсурҳои низоми созмонҳои ғайридавлатӣ дохил мекунад, ки он дар доираи чунин низом мақоми марказиро ишғол менамояд. Ҳизби сиёсӣ ташкилоти ба ҳаври ихтиёрӣ созмондодаи шаҳрвандон ба шумор меравад, ки он барои ҳимояи манфиатҳои ё синфи муайян, ё қишри муайяни ҷомеа ва ё гурӯҳи калони иҷтимоии дигар созмон дода мешавад. Бар асоси ҳимояи манфиатҳои гурӯҳи иҷтимоие, ки ҳизби сиёсӣ баҳри татбиқи он арзи вуҷуд мекунад, мақсади асосии ҳизб муайян карда мешавад. Мақсади мазкур аз ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ иборат аст, ки тавассути он ҳизб метавонад вазифаҳои барномавии худро амалӣ намояд. Барои расидан ба ҳадафҳои худ ҳизби сиёсӣ мафкураи сиёсии хешро низ ташаккул медиҳад, ки он тарғибгари усул ва роҳҳои пиёда кардани мақсаду мароми ҳизб ба шумор меравад.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои давлати тозабунёд ва дар баробари ин ба таҳдиди нобудшавӣ дучоргардида бисёр мушкил буд, ки самтҳои асосии фаъолияти худро муайян созад. Бо ҳамин, қадами аввалин дар ташаккулдиҳии сиёсати давлатии ҷавонон чун амали маъмулӣ аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» оғоз мегардад, ки вобаста ба он ҳанӯз дар ҳафтумин моҳи бадастории истиқлолияти давлатӣ қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 13 марти соли 1992) ба тасвиб мерасад [10, с. 69].

Яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти тамоми сохтору мақомоти давлатӣ ва махсусан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро доир ба ҳалли масоили ҷавонон дар бар мегирад, ки ин ҷавҳар сиёсати «Рӯй овардан ба ҷавонон» мебошад. Бахри ба ин ҳадаф расидан Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар зеҳну шуури насли наврас ва ҷавонони мамлакат ҳисси баланди миллӣ, эҳсоси худшиносиву ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми падару модар ва калонсолон, сабру таҳаммул, омӯзиши илму дониш ва касбу ҳунарҳои муосир, меҳнатдӯстӣ ва риояи волоияти қонунро доимо тарбия менамояд, то онҳо дар оянда ҳамчун фарзандони шоиста кору пайкори насли имрӯзаро идома бахшида, Ватани азизамонро ба ҷаҳониён муаррифӣ карда тавонанд [9, с. 143].

Маълул аст, ки имрӯзҳо фаъолияти ҷавонон дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ назаррас аст. Аз сӯйи дигар, саҳмгузории ҷавонон ба дараҷаи тасаввурот ва дарку фаҳмиши онҳо оид ба масоили гуногуни ҳаёти низ вобастагӣ дорад. Бо мақсади боз ҳам муттаҳид намудани ҷавонон, истифодаи неруи зеҳнӣ ва созандагии насли наврас ва бо ин васила, афзун гардонидани шумораи электорати ҳизб ва зиёд кардани алоқамандону ҷонибдорони ҲХДТ дар асоси қарори маҷлиси Кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон моҳи апрели соли 2011 Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» ва «Мактаби сиёсатмадори ҷавон» таъсис дода шуданд. Вазифаи ташкилоти мазкур ҷалби ҷавонон ба сафи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буда, дар як муддати кӯтоҳ шумораи аъзоёни он ба 80 ҳазор нафар расид ва ин ташкилот дар тадбиқи сиёсати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон байни ҷавонони мамлакат ҷойгоҳи муносиби худро пайдо кард [6, с. 8].

Мақсади асосии ТҶҶ «Созандагони Ватан» ба вуҷуд овардани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва инкишофи ҳамаҷонибаи ҷавонон Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани донишҳои ақлонӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, вазъи иҷтимоӣ, фарҳанги сиёсӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ ва динии онҳо мебошад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қодир аст, ки барои ташкили фаъолияти самарабахши ҷавонони ҳизб ҳамаи имкониятҳоро фароҳам созад. Бахри ҷалб намудани донишҷӯёне, ки тибқи квотаи президентӣ дар макотиби олии мамлакат таҳсил мекунанд, дар назди ташкилоти «Созандагони Ватан» Маҳфили таълимӣ – бозомӯзии «Неруи созанда» таъсис дода шуд. Имрӯз намояндагиҳои Ташкилоти ҷамъиятии «Созандагони Ватан» дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ташкил шуда, дар доираи имкониятҳои мавҷуда ва дастгирии кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ фаъолият намуда, бо ташаббусҳои мухталиф байни ҷавонон кор бурда истодаанд [10, с. 98].

Ҷавонони синашон то 30-сола 70 дарсади аҳолии ҷомеаи Тоҷикистонро ташкил медиҳанд. Ҷавонон такягоҳи боэътимоди давлату миллатанд, ки ин ба ҳеҷ кас пӯшида нест ва дар Барномаи ҳизб низ ҳадафҳо дар робита ба дастгирии ҷавонон ҳамаҷониба инъикос ёфтанд. Аз ин рӯ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз замони дар фазои сиёсии мамлакат зуҳур карданаш, ба ин табақаи пешқадам ва бунёдкори ҷомеа эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ба хотири боло бурдани сатҳи маърифати ҷавонон, тарбияи кадрҳои баландихтисос аз ҳисоби духтарони деҳоти дурдаст, таъмини минтақаҳои дурдаст бо кадрҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҷавонон тибқи квотаи президентӣ аз соли 1997 то ҳол беш аз 10 ҳазор нафар духтарону писарон ба таҳсил дар мактабҳои олӣ фаро гирифта шудаанд [8, с. 276]. Баланд бардоштани ҳисси ватандӯстии ҷавонон барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳо зарур мебошад. Ватандӯстии ҷавонон дар шароити кунунӣ аз шинохти мавзеи таърихии худ, мақому манзалат ваояндаи давлату миллати худ ҳамчун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ иборат аст. Ватандӯстии ҷавонон аз дидгоҳи сиёсӣ бо худшиносӣ ва ифтихори миллӣ тавъам мебошад.

Таваҷҷуҳ ва ғамхории падаронаи Президенти кишвар, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ возеҳу равшан ба назар мерасид. Новобаста аз сахтиҳо ва нокомиҳои пай дар пай пешомада

Пешвои миллат ба баррасии масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати ҷавонон афзалият медод. Дар ин давра яке аз дастовардҳои арзишманд он ба ҳисоб меравад, ки новобаста аз вазъияти ногувор (ҷанги шаҳрвандӣ) мулоқоти нахустини расмии Роҳбари мамлакат-Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намоядагони ҷавонони ҷумҳурӣ дар 70-ум рӯзи сарварӣ – 2 феврали соли 1993 баргузор мегардад. Ин нишони дар воқеъ ғамхор, пуштибон, дастгир ва парастор будани Сарвари кишварро нисбат ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ инъикос менамояд [10, с. 116].

Ҳамчунин, бо мақсади ҷалби насли ҷавон ба фаъолнокии сиёсӣ ва беҳтар гардонидани вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар кишвар 17 марти соли 1994 дар доираи Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон мулоқоти аввалини расмии Сарвари мамлакат (он вақт Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар баргузор мегардад. Ин ҳамоиш дар шароите баргузор мегардад, ки сохторҳои идоракунии давлатӣ ташаккул меёфт ва мамлакат дар оғуши ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қарор дошт, яъне кулли ҷомеа, бахусус ҷавонон дар фикри зинда мондан буданд. Вале новобаста аз ин, бо умеди роҳнамоии ҷавонон ба фардои нек ва равонасозии онҳо ба бунёди давлати миллӣ, дастёбӣ ба мустақилияти комил, ҳувияти миллӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ Сарвари мамлакат бо ҷавонон мулоқот мекунад. Дар натиҷаи мулоқот таваҷҷуҳи ҷомеа ба ҷавонон хеле зиёд мегардад, мувофиқан ҳавасмандии ҷавонон барои бунёди давлати навин баланд гашта, ҳаракатҳои нахустини ҷамъиятии ҷавонон, маҳфилҳо ва гурӯҳҳои худфаъол ташаккул меёбанд, ки ин давраи ташаккулёбии муносибатҳо барои ҷавонон давраи қадамҳои устувор дар роҳи бунёди таҳкурсии асосии сиёсати давлатии ҷавонон – низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон ба ҳисоб меравад, ки пешгузорандаи он маҳз Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (Раиси ҲХДТ) мебошад.

Ин марҳалаи ташаккулёбӣ аз мулоқоти сеюми расмии Сарвари кишвар бо намояндагони ҷавонони мамлакат 23 майи соли 1997 ибтидо мегирад.

Ин ҳамоиш барои насли ҷавон сарнавишти таърихӣ низ дорад. Дар доираи ин мулоқот таъсис ёфтани мақомоти идоракунии байни ҷавононро Сарвари кишвар ба ҷавонон чунин муждагонӣ дод: *«Бо назардошти талаботи замон ва амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ман имрӯз фармонро дар бораи таъсис додани Кумитаи кор бо ҷавонон имзо кардам. Умедворем, ки ин сохтори давлатӣ аз уҳдаи идора кардани фаъолияти ҷавонон мебарояд»* [1, с. 214].

Барои ҳар як соҳа асоси фаъолияти ташкилии ҳуқуқиро қонунгузорӣ фароҳам меорад. Барои соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон асоси ҳуқуқии фаъолият ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», ки соли 1992 дар шароити мураккаби идоракунӣ ва ноороми ҷомеа қабул гардида буд, ташкил медод. Маълум аст, ки дар чунин вазъияти номусоид таҳияи санади муносиб, ҳаматарафа таҳлилгардида ва фарогири маҷмӯи мушкилоти ҳаётӣ имконнопазир буд.

21 майи соли 2005 дар фазои сулҳу субот, бо назардошти дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, рушди рукнҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ва бо мақсади баррасии ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, вазъи ҳаёт ва мушкилоти фарогирифтаи ҷавонон ва бо ин васила муқаррар намудани вазифаҳо барои солҳои оянда мулоқоти навбатии Раиси ҲХДТ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ баргузор мегардад. Дар мулоқот масъалаҳои гуногуни фарогирандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷавонон баррасӣ гардида, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дастуру супоришҳо дода мешаванд. Яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ва муҳимми инъикоскунандаи устувории сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи махсуси Раиси ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмон ба насли ҷавон ва ин соҳаи ояндабахш ба ҳисоб меравад.

Дар марҳилаи бадастории сулҳу субот ҷавонони бо азму иродаи қавӣ дар қатори насли калонсол дар бунёди давлати орому осоишта, аз ҷумла созгории ваҳдати миллӣ саҳми хеле муносиб гузоштанд. Имрӯзҳо дар сафи Қуввaҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳазорон ҷавонон адои хизмати ҳарбӣ карда истода, машғули ҳифзи марзу буми давлат мебошанд, дар ҳоле ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ин рақам хеле кам, зимнан ҳифзи комили кишвар аз қувваҳои берунӣ дар гумон буд.

Баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи корӣ, сатҳи донишандӯзии ҷавонон ҳамасола афзоиш меёбад. Агар соли 1991 70 ҳазор нафар машғули таҳсил буданд, пас имрӯзҳо шумораи онҳо ба 200 ҳазор нафар расидааст, яъне сатҳи донишомӯзии ҷавонон се маротиба зиёд гардидааст, ки аз азми қавӣ ва тамоюли устувори маърифатии ҷавонон дарак медиҳад, ки дар ин самт саҳми Раиси ҲХДТ, Пешвои миллат баръало назаррас аст [4, с. 12].

Дар ин давра тавассути муассисаҳои илмии кишвар садҳо ҷавонон соҳиби унвонҳои илмӣ гардида, дар риштаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат кардаанд. Танҳо ҷоизадорони Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон беш аз 140 нафарро ташкил медиҳанд, ки корҳои онҳо фарогири масъалаҳои гуногуни ҳаёти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва маънавии ҷомеа мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Абдуфаттоҳ Шарифзода. Эмомалӣ Раҳмон наҷотбахши миллат / А. Шарифзода, С. Фаттоев. –Душанбе, 2011. – 371 с.
2. Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 13 ноябри соли 1998 // Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон. Маълумотнома. – Душанбе, 2002. – С.3-12.
3. Муҳаббатов А. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо (таҳлили сиёсию иҷтимоӣ). Монография / А. Муҳаббатов. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 144 с.
4. Маҷлиси васеи Раёсати кумитаи иҷроияи марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (23 ноябри соли 2011) / зери назари Муовини якуми Раиси ҲХДТ С.Сафаров. – Душанбе, 2011. – 75 с.
5. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ. (Мураттиб Раҳматилло Зойиров). – Душанбе, 2004. – 80 с.
6. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 39 с.
7. Раҳмонов Э.Ш. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар остонаи асри XXI / Э.Ш. Раҳмонов. -Душанбе: Матбуот, 2000.
8. Ҳотамов Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳотамов, Д. Довуди, С. Муллоҷонов, М. Исоматов. – Душанбе, 2011. – 582 с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Бист қадами созанда. Аз таърихи таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон. (Ба истиқболи 20- солагии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон). – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 312 с.
10. Эмомалӣ Раҳмон-Пешвои миллат. Силсилаи мақолаҳои олимон, сиёсатмадорон ва адибони тоҷик дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. –Душанбе, 2016. -381 с.



## ТАВАҶҶУҲИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН БА ҶАВОНОНИ КИШВАР

Дар мақола таърихи ташаккулёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва пайгирӣ намудани аҳдофи барномавии ҳизб мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Таваҷҷуҳи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба неруи пешбарандаи ҷомеа – ҷавонон дарҷ гардидааст. Фаъолияти ҷавонон дар роҳи рушду нумӯи кишвар ва ҷонибдорӣ намудани ҳадафҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон қайд гардидааст. Дар мақолаи мазкур дар асоси таҳлили адабиёти бадастомада ғамхории падаронаи Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонони кишвар ва қадрдонии ҷавонон нисбат ба боварии Пешвои миллат нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, сиёсати давлатии ҷавонон, ҷавонони болаёқат, анҷумани ҳизбӣ, низомнома, интихобот, созандагони Ватан, неруи созанда.



## ИНТЕРЕС НАРОДНО-ДЕМОКРАТИЧЕСКОЙ ПАРТИИ ТАДЖИКИСТАНА МОЛОДЕЖИ СТРАНЫ

В статье показана история формирования Народно-демократической партии Таджикистана и программных целей партии. В ней упоминается интерес Народной Демократической партии Таджикистана к молодежи страны. Молодежная деятельность направлена на поддержку развития страны и целей Народно-демократической партии Таджикистана. В статье, основанной на анализе литературы, была отмечена благодарность лидера Народно-демократической партии Таджикистана Лидера нации Эмомали Рахмона молодым людям страны и благодарность молодежи Лидеру Нации.



**Ключевые слова:** общественные объединения, государственная молодежная политика, талантливая молодежь, партийный съезд, регламент, выборы, строители Родины, творческая сила.

**THE INTEREST OF THE PEOPLE`S DEMOCRATIC PARTY OF TAJIKISTAN TO THE COUNTRY'S YOUTH**

The article shows the history of formation of the People's Democratic Party of Tajikistan and the tracking of the party's program aims. It is mentioned the interest of the People's Democratic Party of Tajikistan to the country's youth. Youth activities is noted on the way of country`s development and supporting the goals of People's Democratic Party of Tajikistan. In the article, based on the analysis of the literature showed gratitude of the leader of People`s Democratic Party of Tajikistan, Leader of the Nation Emomali Rahmon to the young people of the country and the appreciation of the youth to Leader of the Nation.



**Keywords:** public associations, state youth policy, talented youths, party congress, regulations, election, s motherland builders, creative power.



**Сведения об авторе:** ***Курбанова Ширин*** – Институт истории, археологии и этнографии имени А.Дониша Академии наук Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, докторант отдела отечественной истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 33. Телефон: **+992 904016443**.

**Information about the author:** ***Kurbanova Shirin*** - Institute of History, Archeology and Ethnography named after A.Donish of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, doctoral student of the department of national history. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: **+992 904016443.**



УДК: 327(575.3)


# ҲУВИЯТ ҲАМЧУН ЯК МАФҲУМИ ТАҒЙИРПАЗИР


***Шукурзода А. Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Инсон вақте ба шинохти дурусте аз худ бирасад, инсони шоиста мешавад. Агар мардуми мо махсусан ҷавононамон ба ҳувияти воқеии худ бирасанд, метавонанд як шахси шоиста ва дорои ҷойгоҳи босубот дар зиндагӣ ва ҷомеаи худ шаванд. Ин масъала дар ҷараёни шахсиятсозӣ, бисёр боаҳамият аст. Ҳувият ё худшиносӣ, мафҳумҳои ҳаммонанд ҳастанд. Ин мавзӯъ дар фалсафа, ахлоқ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аҳамияти ин мавзӯъ аз он иборат мебошад, ки агар инсон худро нашиносад, дар зиндагӣ сардаргум мемонад. Махсусан ҷавонони мо агар худро нашиносанд, нормативҳои ҷомеаи худро надонанд, арзишҳо, боварҳо ва эътиқодоти умумиписандида ва умумпазируфтаро дарк накунанд, албатта сардаргум мемонанд ва ҳар кас онҳоро ба ҳар тараф, ки хоҳад равона мекунад. Инсон дар ҷустуҷӯи як ҳувият барои маънодор кардани зиндагии худ мебошад. Агар ҷомеаи "худӣ" ин шароитро барои шахс фароҳам наоварад, ки фард як ҳувияти писандидаеро барои худ интихоб кунад, албатта, фард роҳҳои "ғайрихудӣ"-и онро пайдо мекунад.

Дар ин мақола кӯшиш кардаем, ки ба таври мухтасар аз дидгоҳҳои мухталиф маъно ва мафҳуми ҳувиятро баён кунем.

Фарзияе ки дар назар дорем, ин аст, ки ҳувият як маънои собит ва мутлақ намебошад. Ҳувият як маънои нисбӣ ва тағйирёбанда аст. Махсусан, ин ки як ҳувияти холис ва ягона вуҷуд надорад. Ҳувиятҳо дар ин шароит, баъзан дарҳампечидаанд ва бар асоси замон ва фазо иваз мешаванд. Ҳувият дар асл аз решаи калимаи арабии "ҳува" гирифта шудааст, ки ҳувият ба маънии "иттиҳод бо зот" аст. Иттиҳод бо зот ба маънои шинохта шудан, ягона будан бо васфҳои аслӣ ва ҷавҳарии мавриди назар аст. Замоне ки аз ҳувият сухан меравад, бояд он тавре бошад, ки нишон диҳад падидаи мазкур воқеан гӯёи моҳияти хеш аст [1, с.34].

Дар фалсафа, мафҳуми ҳувият бо мафҳуми моҳият дар робита аст ва моҳият ба чистӣ ва ҳақиқати зотии як чиз ишора дорад. Моҳият чизест, ки ҷавоби "мо"-и ҳақиқӣ дар он аст ва пурсиш аз гавҳари ашё аст. Бинобар ин ба ҳақиқати шайъ далолат дорад.

Ҳувият, яъне он чи ки боиси ташхиси фард мешавад. Калимаи "identity" дар забони англисӣ, ҳаммаънои "ҳувият" дар забони тоҷикӣ мебошад, ки реша дар забони лотинӣ дорад ва дорои ду маънои аслӣ аст: Маънои аввали он, баёнгари маънои монандии мутлақ аст ва дувумӣ ба маънои фарқгузорӣ аст, ки бо мурури замон, созгориву давомро фарз мегирад.

Бинобар ин мафҳуми ҳувият миёни афроду ашё ду муносибати эҳтимолиро барқарор месозад. Аз як тараф, ҳаммонандӣ доштани ҳамаи ҷузъҳои як кул, ки дар ин ҷо бахшҳои ташкилдиҳандаи як ҳувиятро дар назар дорем ва, аз тарафи дигар, тафовутҳоро [2, с.65] - тафовут ё дигаргунӣ дар баробари дигарон.

Мо вақте ҳувияти худро дорем, ки бо он аз дигарон фарқ мекунем. Яъне, мо бо одамоне, ки дар аҷзои шаклдиҳандаи як ҳувияти ягона бо мо муштараканд, монандӣ дорем ва худро дар чаҳорчӯбаи як кулл мебинем ва эҳсоси тааллуқ ба як кулл дорем [3, с.18]. Ин сабаби наздикӣ ва қаробати мо мешавад.

Калимаи "ташаххус" метавонад роҳбари хубе барои фаҳми истилоҳии ҳувият бошад. Яъне, ҳувият истилоҳан маҷмӯае аз шохисҳову нишонаҳое дар байни меъёрҳои моддӣ, зистӣ, фарҳангӣ ва равонӣ аст, ки бо он фардро аз фарди дигар, гурӯҳеро аз гурӯҳи дигар, мардумеро аз мардуми дигар ва фарҳангеро аз фарҳанги дигар фарқ мекунем. Дар ҳақиқат сабаби фарқгузорӣ ва дар натиҷа шинохти мо аз ҳамдигар мешавад [4, с.56]. Ҳувият, яъне хусусияти хосси ҳар фард ё гурӯҳи муайян. Хусусияти хосе, ки дар "ман" ҳаст ва дар дигаре нест.

Фард бо тасаввуре, ки аз худ дорад, метавонад ба саволи асосии "ман кистам?" ҷавоб диҳад. Бинобар ин маҷмӯи боварҳо, эътиқодҳо, эҳсосот ва дигар хусусиётҳои фардии шахс, ки худи фард дар баробари саволҳое дар бораи худаш ва дар натиҷаи ёфтани тасаввуре аз худаш барои худаш ироа медиҳад, ҳамаи инро дар як калима мешавад ҳувият гуфт. Ҳувияти фардии шахс "ман" дар баробари "ту"-ро ташкил мекунад ва ҳувияти ҷамъӣ, "мо" дар баробари "онҳо"-ро шакл медиҳад [10, с.21].

Аммо, агар дар бораи як ҳувияти калонтар, яъне як гурӯҳи махсусе суҳбат карданӣ бошем, дар ин сурат бояд ба мафҳуми ҳувияти гурӯҳӣ ё ҳувияти ҷамъӣ диққат намоем. Ҳувияти гурӯҳӣ ё ҳувияти ҷамъӣ, маҷмӯае аз хусусиятҳои хосси ҷомеаеро дар бар мегирад, ки дигар гурӯҳҳо онро надоранд ва ин гурӯҳ бо ҳамин хусусиятҳо аз дигар гурӯҳҳо фарқ мекунад. Аз ҷиҳати ҷомеашиносӣ бошад, барои фаҳми ҳувият таърифи ҷомеашиносона аз ҳувият ин гуна ироа шудааст, ки Ҳабермас онро, "аз байн бурдани сайтараи ақлонияти абзорӣ, дар ивази густариши бахши умумии лозим барои гуфтугӯи озоди хирадмандона, барои рушди ақлонияти иртиботӣ ва расидан ба гунае аз ҳамоҳангӣ бар сари усулу қоидаҳои ҷамъӣ" медонад. Ин фаҳмиш дар сатҳи баланд, ба навъе худ боиси шаклгирии ҳувияти ҷаҳонӣ мешавад [5, с.43]. Муаллиф ҳарчанд инро барои шакли бисёр васеи ҳувияти ҷамъӣ, яъне ҳувияти ҷаҳонӣ гуфта бошад ҳам, дар дохили як кишвар низ метавон аз ин қоидаҳо истифода кард. Расидан ба як ҳамоҳангӣ бар сари қоидаҳои ҷамъӣ, як қоидаест, ки ҳатто дар сатҳи як оила ва хонавода мешавад аз он истифода кард. Ва, албатта, дар сатҳи болотари он - ҷомеа ва давлат бештар ва беҳтар қобили истифода аст.

Гидензс ҳам бар ин бовар аст, ки бо коҳиши нуфузи суннату фарҳанги гузашта ва густариши модернизатсия, имкони амалишавии ҳувиятҳои ҷамъии чандгона ва озодии афрод дар интихоби огоҳонаву хирадмандонаи онҳо падид меояд. Антони Гидензс ҳам бар сари масъалае таъкид мекунад, ки Ҳабермас мегӯяд [6, с.38]. Сохтани як фарҳанг ва тамаддуни ҷаҳонӣ ва ҳувияти ягонаи ҷаҳонӣ аз хаёлоти Ғарб аст ва чун нависандагони аксари назарияҳо низ ғарбӣ ҳастанд, ҳатман онҷиро мегӯянд, ки сиёсатҳои бузург ва роҳбурдҳои онҳоро таъмин мекунанд. Ва ҳарчанд ин ду ҷомеашиноси машҳур дар бораи як ҳувияти бузурги ҷаҳонӣ, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ сурат мегирад - суҳбат мекунанд, аммо роҳкориҳо ва назарияҳои онҳоро метавон дар шароити дохилии як кишвар низ то ҷойи мумкин истифода кард. Барои он ки дар баҳси мафҳуми ҳувият давом диҳем, ҳоло ду савол матраҳ мешавад:

1. Меъёрҳои ин "ташаххус" ё "ҳувият", ки дар боло зикр гардид кадоманд?
2. Ин муллифаҳову шохисҳоро кӣ ва чӣ гуна муайян мекунад?

Барои ҷавоб додан ба саволи аввал бояд гуфт, ки ҳувият дар маънои зеҳнии он – шомили ҷаҳонбинии хос, арзишҳо, эътиқодот, намодҳо, тарзи талаққиҳо ва огоҳиҳои махсуси

ба як “худ”- и фардӣ ё иҷтимоӣ аст. Дар ин хусус тамоми боварҳо, нормативҳо ва дар умум зеҳниятҳои (менталитет) муштараке ки доранд, шомил мешавад [7, с.21]. Аммо фақат ҳамин қадар нест, балки эҳсоси вобастагӣ ва тааҳҳуд ба ин “худ”-и худ низ аз аҳамияти хосса бархурдор аст. Ҳар он чи ки дар як миллат ё як мардум ҳаст ва бо он аз дигарон фарқ мекунад, метавон ҳамаи онҳоро баррасӣ кард ва онҳоро меъёри як ҳувияти хос донист. Ҳатто дар сатҳи поинтари он, ки сатҳи фардӣ бошад, ҳамин масъаларо метавон дар назар дошт.

Ба саволи дувум ин гуна мешавад ҷавоб дод, ки дар ин бора дугонагии назарҳо вуҷуд дорад. Қисмате аз соҳибназарон дар ин бора мегӯянд, ки мавҷуд будани ин муаллифаҳо ва мушаххасаҳоро дар як фард ё гурӯҳ шахсони дигар муайян мекунанд. Чунки имкон дорад афрод ё гурӯҳҳо худашон натавонанд дар бораи мавҷуд будан ё набудани хусусияте дар худ дуруст доварӣ кунанд. Аммо посухи дигаре, ки аксари назарияпардозон додаанд, ин аст, ки инсонҳо худашон метавонанд худашонро муаррифӣ намоянд ва он чиро ки изҳор мекунанд, ҳамон ҳувияти онон аст. Бинобар ин ҳувият огоҳиест, ки фард ё гурӯҳ аз худ баён мекунад.

Ба фикри мо, назари дувум бештар ба ҳақиқат наздик аст. Ва агар мо шинохти худро ба дигарон вогузорем, дар ин сурат онҳо аз мо тасвире месозанд, ки худашон мехоҳанд ва ё ба салоҳи тарафи “дигар” мебошад. Мо бояд худамон аз худ тасвире бисозем ва он гуна ки ҳам ҳақиқат бошад ҳам ба нафъи мо. Бинобар ин, дар баёни ҳувият чанд нукта қобили таваҷҷуҳ аст: Агар ҳувиятро тибқи назари аввал таъриф кунем, пас амали як фард ё гурӯҳ аз тарафи дигарон бояд санҷида ва баҳо дода шавад. Аммо, агар ҳувиятро тибқи назарияи дувум таъриф кунем, пас кофӣ хоҳад буд, ки шохисҳову меъёрҳои ҳувият аз як “худ” пурсида шавад. Дар таърифи ҳувият бояд ду омили “худ” (self) ва “дигар” (other) дар назар гирифта шавад [7, с.26].

Ҳувиятҳо мураккабанд, яъне намешавад ба онҳо меъёрҳои гирифташуда аз як манбаи фикрӣ ё тамаддунии ягонаро дар назар гирифт. Ҳувияти як фард ё ҷомеаро намешавад фақат ба як ҳувияти ягонаи холис маҳдуд донист. Масалан, дар бораи кишварҳои исломӣ намешавад гуфт, ки ин ҷомеа (ҳамагӣ) исломӣ ё ғайриисломӣ аст. Ё дар бораи кишвари Қатар, ки аксари онро муҳоҷирон ташкил мекунанд, чӣ гуна мешавад гуфт, ки ҳувияти миллии ин ҷо ҳамагӣ ҳувияти арабӣ аст. Дар Эрон, ки ташкилшуда аз чандин ҳувияти қавмӣ ва динӣ аст, чӣ гуна мешавад ҳамаро зери як ҳувият даровард. Ҳарчанд, ки аз назари сиёсӣ дар сатҳи кишвар, Эрон то андозае муваффақ будааст, ки дар атрофи як ҳувияти сиёсии ягона ба номи миллати Эрон мардумҳои гуногунро гирди ҳам оварад. Ҳатто дар талош аст, берун аз марзҳои худ низ, ҳувияти эрониро бар дигарон (масалан тоҷикони Тоҷикистон ва Афғонистон) бор кунад. Ба ҳар ҳол, бояд гуфт, ки ҳувият мураккаб ва нисбӣ аст.

Ҳувиятро дар мартабаи нахуст ба ду сатҳ -фардӣ ва иҷтимоӣ тақсим мекунанд. Ҳувияти фардӣ, бештар мавриди назари равоншиносон мебошад. Ва дар ин бора дар фалсафа, ахлоқ ва дигар улуми алоқаманд бо шахс ва шахсияти инсон баҳсҳо сурат мегирад. Ҳувияти ҷамъӣ бошад, бештар мавриди назари ҷомеашиосон аст. Аммо он чи мо дар ин навишта ба он таваҷҷуҳ доштаем, ҳувият бештар ҳамчун як мафҳуми сиёсӣ мавриди назари мо будааст.

Барои фаҳми ҳувияти ҷамъӣ, аз забони Ноҷфел ҳамин миқдор ишора мекунем, ки ӯ ҳувияти ҷамъиро, ки иборат аз узвияти гурӯҳӣ мебошад, аз 3 унсури зер иборат медонад:

Унсури шинохтӣ, яъне огоҳии фард аз ин ки ба як гурӯҳ тааллуқ дорад. Албатта, фард ҷойгоҳ ва нақши хосеро барои худ дар ҷомеа дар назар мегирад.

Унсури арзишӣ фарзҳое дар бораи пайомадҳои арзишии мусбат ё манфии узвияти гурӯҳӣ.

Унсури эҳсосӣ - эҳсосе, ки як фард дар гурӯҳ ба нисбати фарди дигари он гурӯҳ дорад.

Ё ба ибораи дигар, ин 3 унсурро дар канори ҳам тақсим кардан мумкин аст:

- Яксон будани шахсияти як фард бо боварҳои гурӯҳе, ки худ ба он тааллуқ дорад.
- Огоҳии фард аз ин ки ба ин гурӯҳ тааллуқ дорад ва аҳамияти эҳсосии ин узвият барои фард.

• Таахҳуду эҳсоси масъулият барои анҷом додани кор дар ҳамаи сохторҳои иҷтимоие, ки фард дар он узв аст [10, с.18].

Барои дарки беҳтари ҳувияти ҷамъӣ, ки бештар ба ҷомеашиносӣ ва сиёсашиносӣ наздик аст, бояд ҷойгоҳи ҷомеаи миллӣ дар миёни навъҳои иҷтимоот ва дар натиҷа ҳувияти миллӣ дар миёни ҳувиятҳои дигар шинохта шавад. Аммо, зикр кардан мумкин аст, ки иҷтимоъ оилавӣ, касбӣ, қавмӣ, динӣ, миллӣ, нажодӣ ва ҷаҳонӣ мешавад. Албатта, ҳар навъ ҷомеа дар даруни худ ба иҷтимооту гурӯҳбандиҳои махсус ва дар натиҷа ба ҳувиятҳои махсустар тақсим мешаванд:

Оила → ҳувияти оилавӣ
Қавм → ҳувияти қавмӣ
Миллат → ҳувияти миллӣ
Дин → ҳувияти фаромиллӣ – динӣ
Ҷомеаи ҷаҳонӣ → ҳувияти ҷаҳонӣ ва ғайра.

Пеш аз ҳувияти ҷаҳонӣ, шояд мешавад ҳувияти минтақавиро низ илова намуд. Чунки дар аксари мавридҳо махсусан дар сатҳи сиёсат ва иқтисод дар миёни кишварҳо ин масъала низ ба тавре муҳим шудааст. Монанди мардуми Осиёи Миёна, қафқозиҳо, кишварҳои Халиҷ ва ғайра. Дар ҳар ҷомеа метавон ба ҳувиятҳои хурд ишора кард, ки ҳар яки он дар даруни худ мураккаб аз арзишҳо, эътиқодот, намодҳо, огоҳӣ, эҳсосоти марбут ба "худ"-и иҷтимоии он ҳувият мебошанд.

Бо таваҷҷуҳ ба баррасии мафҳуми ҳувият, натиҷагирӣ мекунем, ки ҳувият, як мафҳуми мутлақ ва собит намебошад. Ҳувият як мафҳуми нисбӣ ва тағйирёбанда аст. Ҳувиятро метавон шакл дод ва ё онро дар шароити замонии махсус дигаргун кард. Ҳамон гуна ки боварҳо, арзишҳо ва нормативҳои махсус ба ҳар ҷомеа дар дарозмуддат шакл мегиранд ва фарҳангу ҳувияти як гурӯҳ одамони махсусро месозад, пас метавон бар асоси шароити замонӣ ва макони ҳувиятро бозтаъриф кард. Масалан, агар ин масъаларо дар мисоли Тоҷикистон татбиқ карданӣ бошем, мешавад гуфт, ки сарфи назар аз таърихи дури кишвар, бар асоси шароити нав, махсусан шароити сиёсӣ, рӯйи зербинои таърихӣ бояд ҳувияти навтар, оростатар ва мустақиле бунёд кард. Ин масъала махсусан дар даврони пасоистиқлолӣ, зарурати бештаре дорад. Ҳарчанд, ки давлат то ҳоло дар ин бора кӯшидааст.

## АДАБИЁТ


1. Тоӣ Алӣ. Мабонии назарии ҳувият. - Теҳрон, 2000. -170 с.
2. Woodward K. Questioning Identity, Gender, Class and Ethnicity / K. Woodward. – London: Rutledge, 2004. -172 ps.
3. Гулмуҳаммадӣ Аҳмад. Ҷаҳонишавии фарҳанг ва ҳувият. –Теҳрон: Най, 2002. -156 с.
4. Smith A. Nations and Nationalism in a Global Era, Cambridge. Polity Press, 1995. (Ба нақл аз мақолаи "Ҷаҳонишавӣ ва буҳрони ҳувияти ҷавонон", Доктор Меҳрдод Навобахш, маҷаллаи улуми иҷтимоӣ).
5. Ҳобермос Юрган. Ҷаҳонишавӣ ваояндаи демократия, тарҷумаи Пулодӣ / Ҳ. Юрган. –Теҳрон: нашри марказ, 2002. -320 с.
6. Giddens A. Modernity and self –identity / A.Giddens. - Cambridge: Polity Press, 1991. -264 ps.
7. Гидензи Антонӣ. Таҷаддуд ва ташаххус – ҷомеа ва ҳувияти шахсӣ дар асри нав, тарҷумаи Носири Муваффақиён. – Теҳрон: Най, 2003. -223с.
8. Мирмуҳаммадӣ Довуд. Гуфторҳое дар бораи ҳувияти миллӣ. – Теҳрон: Муассисаи мутолиаҳои миллӣ, 2001. - 86 с.
9. Hall, Stuart *Identity: Community, Culture, Difference*, Jonathan Rutherford, (ed.) London, Lawrence and Wishart, 1990. -276 ps.
10. Ҷенкенз Ричард. Ҳувияти иҷтимоӣ / Р. Ҷенкенз; тарҷумаи Ёр Аҳмадӣ, Теҳрон: Шероза, 2002. -182 с.


## ҲУВИЯТ ҲАМЧУН МАФҲУМИ ТАҒЙИРПАЗИР

Мавзӯи ҳувият дар фалсафа, ахлоқ, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар илмҳои ҷамъиятӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Инсон дар ҷустуҷӯи як ҳувият барои маънодор кардани зиндагии худ мебошад. Ҳувият, яъне он чи ки боиси ташхиси фард мешавад. Он чи ки дар мо ҳаст ва дар дигарон нест. Мафҳуми аввали он, баёнгари монандӣ аст ва дувумӣ ба маънои фарқгузорӣ. Ба ибораи дигар, ҳувият, яъне хусусияти хосси ҳар фард ё гурӯҳи муаян. Хусусияти хоссе ки дар "ман" ҳаст ва дар "дигар"-е нест. Ҳувияти гурӯҳӣ ё ҳувияти ҷамъӣ, маҷмӯае аз хусусиятҳои хосси ҷомеаеро дар бар мегирад, ки дигар гурӯҳҳо онро

надоранд ва ин гурӯҳ бо ҳамин хусусиятҳо аз дигар гурӯҳҳо фарқ мекунад. Меъёрҳои ин “ташаххус” ё “ҳувият”, ки зикр гардид, кадоманд ва ин муаллифаҳову шохисҳоро кӣ ва чӣгуна муайян мекунад, масъалаи дигар аст. Бояд гуфт, ки ҳувият, дар маънои зеҳнии он, шомили арзишҳо, эътиқодот, намодҳо, тарзи талаққиҳо ва огоҳиҳои махсуси ба як “худ”- и фардӣ ё иҷтимоӣ аст. Дар ин бора қисмате аз соҳибназарон мегӯянд, ки мавҷуд будани ин муаллифаҳо ва мушаххасаҳоро дар як фард ё гурӯҳ шахсони дигар муайян мекунанд. Дигарон бар ин боваранд, ки инсонҳо худашон метавонанд худашонро муаррифӣ намоянд ва он чиро ки изҳор мекунанд, ҳамон ҳувияти онон аст ва ҳувият огоҳиест, ки фард ё гурӯҳ аз худ баён мекунад. Дар ин мақола маънои ҳувият аз дидгоҳҳои мухталиф баррасӣ шуда, натиҷагирӣ кардаем, ки ҳувият як мафҳуми мутлақ ва собит набуда, як мафҳуми нисбӣ ва тағйирёбанда аст.

**Калидвожаҳо:** ҳувият, маъно ва мафҳуми ҳувият, ҳувияти фардӣ, ҳувияти ҷамъӣ.

## ИДЕНТИЧНОСТЬ КАК СМЕНЯЕМАЯ КОНЦЕПЦИЯ

Идентичность обсуждается в философии, этике, психологии, социальных науках, политологии и других общественных науках. Человек ищет идентичность, чтобы концептуализировать свою жизнь. Идентичность приводит к персонализированному диагнозу. Идентичность - это то, что отличает индивида от другого. Он находится в “нас”, а не в “других”. Его первое утверждение является аналогичным утверждением, а второе - разницей. Другими словами, идентичность является индивидуальной характеристикой для каждого человека или группы. Особенность в “мне”, а не в “другом”. Групповая идентичность или коллективная идентичность включают ряд особенностей сообщества, которые не имеют других групп, и эта группа отличается от других групп. Каков критерий идентичности, о котором упоминается, кто и как компоненты и индикаторы этой единицы идентичны, это еще одна дискуссия. Важно сказать, что личность в своем ментальном значении - включает в себя ценности, убеждения, поклонения, устремления и особую осведомленность о своем индивидуальном или социальном «сам». В этом случае некоторые эксперты считают, что наличие этих компонентов и атрибутов у человека или группы определяет других людей. Другие эксперты говорят, что сами люди могут представить себя, а то, что они делают, - это их личность, личность индивида или группы состоит в том, что они действуют. В этой статье смысл идентичности рассматривался с разных точек зрения, и мы пришли к выводу, что идентичность не является абсолютной и постоянной концепцией, а относительной и переменной концепцией.

**Ключевые слова**: идентичность, смысл и концепция идентичности, личностная идентичность, коллективная идентичность.

## IDENTITY AS A CHANGEABLE CONCEPTION

Identity is discussed in philosophy, ethics, psychology, social sciences, political science, and other social sciences. The human being is looking for an identity to conceptualize his life. The identity, leads to a personalized diagnosis. Identity, is that makes the difference in the individual from each other. It is in “us” and not in “others”. Its first statement is a similar statement, and the second is the difference. In other words, identity is the individual characteristic of each individual or group. The special feature is in “me” and not in the “other”. Group identity or collective identity, include a series of particular features of the community that have not other groups and this group is different from other groups of those. What is the criterion for identity which is mentioned, who and how detarmines components and indicators of this identity, this is another discussion too. In this article, the meaning of identity has considered from different viewpoints and we concluded that the identity is not absolute and constant concept, but it is a relative and variable concept.

**Key words:** Identity, meaning and concept of identity, personal identity, collective identity.

**Сведения об авторе:** ***Шукурзода Абдулхакими Х.*** – Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры международных отношений факультета международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. Телефон: **88 7777 512.** E-mail: **h.shakuri@mail.ru**

**Information about the author:** ***Shukurzoda Abdulkhakimi H.*** **-** Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of International Relations, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17. Phone: **88 7777 512**. E-mail: **h.shakuri@mail.ru**

УДК: 93+327(575.3)

# СТРАТЕГИЯИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АСРИ XXI: ҲАДАФҲО ВА ПАЙОМАДҲО

***Самиев Х.Д., Ван Лин Лин, Чжоу Синву***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Фурӯпошии Иттиҳоди шӯравӣ ва зуҳури ҷумҳуриҳои тозаистиқлол дар Осиёи Марказӣ дар солҳои 90-уми қарни гузашта фурсати муносиберо барои Ҷумҳурии Мардумии Чин пеш овард, то ниятҳои сиёсӣ ва иқтисодии хешро дар ин минтақа, ки аллакай ба саҳнаи бархӯрди манфиатҳои қудратҳои бузург табдил ёфта буд, амалӣ намояд. Дар мақолаи мазкур кӯшиш ба он карда мешавад, ки хислат ва вижагиҳои стратегияи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Осиёи Марказӣ бо назардошти мавқеият, захираҳои иқтисодиву табиӣ ва зарфиятҳои кишварҳои минтақа ошкор ва таҳлили худро ёбанд. Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Осиёи Марказӣ на

танҳо аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, балки аз назари сиёсӣ ва фарҳангӣ низ як нақши иртиботӣ доранд. Осиёи Марказиро метавон пуле миёни Шарқу Ғарб номид ва ба ҳамин хотир Чин шадидан ба субот ва пешрафти минтақа алоқаманд аст ва ҳар гуна харач̣у марач̣ дар атрофи ин пули иртиботӣ боиси нигаронии роҳбарони Пекин мешавад. Аз сӯйи дигар, вобастагии рӯзафзуни Чин ба манбаъҳои энергетикӣ боиси тақвияти омили энергетикӣ дар арсаи сиёсат ва дипломатия шуда, рақобатҳои байналмилалиро бар сари дастрасӣ ба ин манбаъҳо ташдид кардааст. Чин низ бо истифода аз дипломатияи энергетикӣ талош мекунад, то ҳадди имкон бе истифодаи зӯрӣ манофеъ ва амнияти энергетикии худро дар ин арса таъмин кунад.

Омили дигари муҳим барои ҳузури Чин дар минтақа муқовимат бо гегемонияи қудратҳои бузург, аз ҷумла нуфузи Амрико мебошад. Ҳузури афзояндаи Амрико дар минтақа бо таваҷҷуҳ ба рақобати шадиди Пекин ва Вашингтон дар арсаи ҷаҳонӣ дорои аҳамият буда ва роҳбарони Пекин тавсеаи муносибатҳоро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ барои рақобат бо Амрико аз самтҳои авлавиятдори сиёсати худ медонанд.

Тавре бармеояд, Чин тайи солҳои охир стратегияи хосеро дар арсаи сиёсати хориҷии худ дунбол менамояд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки чиниҳо дар робита ба низоми байналмилалии муосир ҷонибдори низоми бисёрқутбӣ мебошанд, метавон гуфт, ки онҳо дар пайи тақвияти бозингарии худ дар таҳаввулоти ҷаҳонӣ ҳастанд. Ба ҳамин хотир, Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои муҳим дар иҷрои нақши бозингарии Чин аст. Дар ин робита вазири корҳои хориҷии Чин Ван И зимни сафараш ба Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон дар моҳи июли 2013 бар кӯшишҳои Пекин аз тавсеа дар Осиёи Марказӣ таъкид кард ва ҳимояти кишвари худро аз иқдомоти анҷомшуда барои ҳифзи субот ва шукуфоии минтақа эълом кард [11, с.64].

Ӯ ҳамчунин изҳор карда буд, ки роҳбарони се кишвар Чинро ҳамчун дӯст ва шарики боэътимод дар назар мегиранд ва нуфузи густурдаи Пекин дар умури байналмилалӣ ва минтақавиро ба унвони як қудрати ҷаҳонии масъул бисёр арзишманд медонанд [2].

Ба дунболи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Мардумии Чин бо суръат барномаи стратегӣ ва сиёсати хориҷии дарозмуддати худро дар Осиёи Марказӣ таҷдиди назар кард. Бозкушоии марзҳо тасмими ҷасуронаи Пекинро барои афзалият додан ба тавсеаи иқтисодӣ бо вуҷуди хатари бесуботӣ дар минтақаи худмухтори Синсзянь мунъакис сохт. Бинобар ин Чин пояҳои аввалияи Созмони Ҳамкории Шанхайро бо ҳадафи мубориза бо ҷудоиталабӣ, терроризм, ифротгароӣ таъсис кард. Натиҷаи талошҳои Чин ва шариконаш дар чаҳорчӯбаи Созмон буд, ки кишварҳои муттафиқ дар таърихи 15 июни соли 2001 Эъломияро дар бораи мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоиталабӣ имзо карданд [10, с.67].

Аз ҷониби дигар, Чин дар сиёсати хориҷии худ дар пайи касби манфиатҳои иқтисодӣ дар минтақа низ аст. Ба хотири татбиқи ин маромҳо моҳи сентябри соли 2013 раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Сзин Пин ҳангоми боздид аз ҷумҳуриҳои Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон қарордодҳои муҳиме дар заминаи энергетика бо кишварҳои минтақа имзо кард ва қавл дод, то миллиардҳо доллар дар минтақа сармоягузорӣ кунад. Гуфтанист, ки ҳангоми боздиди давлатии Си Сзин Пин идеяи «Камарбанди иқтисодии Роҳи абрешим» садо дода буд. Ӯ аз ҷумла изҳор дошта буд, ки Чин ва минтақаи Осиёи Марказӣ ҳадафи муштараки стратегӣ доранд, ки иборат аз рушди устувори иқтисод, рифоҳ ва қудрати давлатҳост. Ҳамзамон, раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин зарурияти таҳкими ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои амалӣ ва муколамаи сиёсӣ, ҳамҷаворecho ҷуғрофӣ ва табодули иқтисодӣ ва афзалиятҳои ҳамкорӣ, рушди устувор, таъмини умумияти манфиатҳо дар заминаи нафъи ҳамдигарӣ ва бурди ҳамагониро таъкид карда буд [8].

Равшан аст, ки Чин барои устувор ва афзун кардани нуфузи худ дар Осиёи Марказӣ аз василаҳои хосе (чун тиҷорат, сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалиятнок, бахусус энергетика) истифода мебарад. Дар ин самт тиҷорат яке аз ҳавзаҳои нақшофарини Чин дар Осиёи Марказӣ аст. Тибқи маълумоти омории нашршуда, агар ҳаҷми умумии тиҷорати Чин бо кишварҳои минтақа 460 млн долларро дар соли 1992 ташкил медод, дар соли 2012 ин рақам то 45, 94 млрд доллар расидааст. Дар назар аст, ки Чин 30 дарсади сармоягузориҳои хешро ба кишварҳои ҳамсоя интиқол хоҳад дод, ки дар ин маврид кишварҳои Осиёи Марказӣ дар сафи аввал хоҳанд буд [9, с.77].

Чин имрӯз муҳимтарин шарики тиҷоратии кишварҳои Осиёи Марказӣ буда, аллакай ҷойи Русияро дар тиҷорат бо ин кишварҳо гирифтааст. Аз ҷумла, дар соли 2010 ҳаҷми тиҷорати Чину Қазоқистон ба 20 млрд доллар расид, дар ҳоле ки ҳаҷми тиҷорати ин кишвар бо Русия дар ҳамон сол 13 млрд доллар будааст [1, с.9]. Дар соли 2015 бошад, ҳаҷми гардиши мол байни Қазоқистон ва Чин ба 25,6 миллиард доллар ва бо Россия ба 23,9 млрд доллар расида буд [3]. Моҳи декабри соли 2016 Чин ва Қазоқистон 30 созишномаро бо лоиҳаҳои

сохтмони роҳҳои мошингард ва оҳан ба маблағи умумии 10 млрд доллар ба имзо расонданд. Феврали соли 2017 хатти интиқоли молҳо тавассути роҳи оҳан аз Лянюнган ба Қазоқистон ба роҳ монда шуд. Агар дар соли 2012 мубодилоти тиҷоратии Чин бо кишварҳои минтақа беш аз 45 млрд доллар мебуд, пас дар соли 2014 ин рақам 46 млрд долларро ташкил дод, ки бештарини ҳаҷми он бо Қазоқистон, яъне ҳудуди 26 млрд доллар буд [4].

Ҳамчунон Чин чун муҳимтарин сармоягузор дар бахши энергетикаи Осиёи Марказӣ қарзҳои калоне низ дар ихтиёри давлатҳои минтақа гузоштааст. Сармоягузории чиниҳо дар минтақа байни солҳои 2001 то 2011 20 баробар, яъне 20 млрд доллар рушд доштааст. Нуфузи Чин дар минтақа пас аз соли 2008, бахусус баъди он ки ҳомиёни дерини минтақа – Русия, Амрико ва Иттиҳоди Аврупо - бо сабаби буҳрони молиявии ҷаҳонӣ бо мушкили буҷет рӯ ба рӯ шуданд, афзоиш ёфт. Аз ҷумла, дар соли 2009 Ҷумҳурии Мардумии Чин як эътибори камбаҳраи 10 млрд доллариро ба кишварҳои узви СҲШ ихтисос дод, то ба онҳо дар суботи молӣ кумак кунад ва дар соли 2011 онро ба 12 млрд доллар афзоиш дод. Аз ҷониби дигар, Ҷумҳурии Мардумии Чин сармоягузории муҳиме дар роҳи оҳани Осиёи Марказӣ анҷом додааст. Дар феврали 2013 давлати Чин сохтани як роҳи оҳани ҷадиди 2 млрд долларӣ аз Чин то Қирғизистон ва Ӯзбекистонро тасвиб кард. Ҳамчунин, Пекин дар соли 2009 10 млрд доллар барои Қазоқистон фароҳам кард то шомили воми 5 млрд долларӣ барои ширкати Казмунай-газ (KazmunayGas) ва ширкати нафту гази миллии Қазоқистон буд [1, с.12].

Давлати Чин ҳамчунин эҷоди роҳи оҳан ва шабакаҳои баҳрии ҷадидро барои тавзеи маҳсулоти худ дар саросари Аврупо, АвруОсиё ва Ховари Миёна дар назар дорад. Аз ин рӯ, Чин дар сохтани роҳи оҳанҳои мутааддид дар минтақаи АвруОсиё нақш доштааст. Барои мисол, Чин ва Туркия тавофуқ карданд, то як масири роҳи оҳани 7000 километриро бисозанд, то онро ба шаҳрҳои бузурги Туркия васл кунанд. Сохтмони роҳ ба хубӣ идома дорад ва пешбинӣ мешавад то соли 2023 пурра ба анҷом расад. Бо ин ҳол пайомадҳои баландмуддати таомули Чин бо Осиёи Марказӣ дар робита бо ҳамлу нақл ва транзит, бахше азояндаи минтақаро таъйин хоҳад кард. Аз сӯйи дигар, сармоягузориҳои Чин дар зерсохтҳои минтақа ба давлатҳои Осиёи Марказӣ имкон медиҳад, то аз инзивои фазоянда, ки онҳо пас аз нобудии шабакаи зерсохтҳои даврони шӯравӣ дучор шудаанд, раҳо шаванд.

Ба хотири коҳиш додани эҳтиёҷот ба энергетика Чин талош дорад, ки ба манбаъҳои энергетикии Осиёи Марказӣ низ роҳ ёбад. Барномаҳои Чин дар ин замина, то ҳудуде баландпарвозона, серхарҷ ва дорои пайомадҳои геополитикӣ ҳам мебошанд. Дар ҳамин чаҳорчӯба, Чин дар соли 2000 барномаи стратегии худро оиди таъмини истиқлолияти энергетикӣ эълон карда буд. Яке аз ҳадафҳои аслии ин барнома сохтани як шабакаи 4200 километраи хатти интиқоли нафту газ аз ноҳияи мухтори Синсзян ба соҳилҳои шарқӣ ва Шанхай аст. Баъзе аз манбаъҳои чинӣ тахмин кардаанд, ки то соли 2020 Чин солона беш аз 500 миллион тонна нафт ворид мекунад, ки чаҳор баробари ҳолати феълӣ аст.

Аз тарафи дигар, Чин бо он ки тақрибан 20 дарсади аҳолии ҷаҳон дар он ба сар мебаранд, ҳудуди 6 дарсади маводи хоми ҷаҳонро дар ихтиёр дорад. Дар ин замина табиист, ки руз то рӯз ниёзи ин кишвар ба воридоти маводи хом меафзояд. Ин раванд дар соҳаи энергетика бештар мушоҳида мешавад. Ба ҳамин хотир, Чин дар андак замоне ба муҳимтарин бозингар дар тиҷорати энергетикии Осиёи Марказӣ табдил шуда ва тавонистааст бо сармоягузориҳои васеъ бахши муҳимми манбаъҳои энергетикии минтақаро ба сӯйи бозори масрафи худ равона кунад. Дар ин замина дар соли 2009 Чин воми 3 млрд доллариро барои тавсеаи яке аз майдонҳои газ ба Туркманистон ва дар соли 2010 низ воми 10 млрд долларӣ ба Қазоқистон пардохт кард.

Яке аз омилҳои дигаре, ки боиси афзоиши ҳузури Чин дар Осиёи Марказӣ шудааст, кӯшиши ин кишвар ба коҳиши вобастагӣ ба воридоти энергия аз роҳҳои баҳрӣ мебошад. Дар сурати сар задани ягон низоъ ё амали террористӣ дар хатҳои баҳрӣ ва бавижа дар гулӯгоҳи Малакка интиқоли энергия ба ин кишвар метавонад ба осонӣ боздошта шавад; зеро зуҳури низоъ миёни Чин ва Амрико бар сари Тайван ва ё оғози ҷанги ҷадид дар минтақаи Халиҷи Форс ҳар кадоме дар алоҳидагӣ метавонанд ба нарх ва мизони нафти воридотӣ ба ин кишвар таъсири ҷиддӣ расонанд. Аммо дар сурати ҷойгоҳи худро ёфтани Чин дар иқтисоди Осиёи Марказӣ мизони осебпазирии ин кишвар коста мешавад. Эҷоди вобастагии мутақобили иқтисодӣ бо кишварҳои канораӣ (ба андешаи чиниҳо) яке аз қавитарин боздорандаҳост, ки дар сурати вуқӯи буҳрон монеъ аз таҳрими Чин тавассути ҳамсоягонаш мешавад. Воридоти энергия аз минтақаи Осиёи Марказӣ бархилофи Осиёи Ғарбӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Африқо ва Амрикои Лотинӣ ниёз ба таъмини амнияти баҳрӣ надорад. Ҳамчунин, кишварҳои Осиё Марказӣ метавонанд бо истифода аз хатти лӯлаи шарқӣ манбаъҳои энергетикии худро бе зарурияти убур аз хоки Русия ва Қафқоз ба бозорҳои масраф бирасонанд. Стратегияи

энергетикии Чин дар Осиёи Марказӣ умдатан такя ба се ҳадаф дорад: аввал, таъсиси равобити тӯлонии дарозмуддати энергетикӣ бо минтақа аз тариқи амалҳои иқтисодӣ ва тавсеаи равобити тиҷоратӣ; дувум, сохтмони хатти лӯлаҳои мустақими ҳамли нафту газ аз кишварҳои тавлидкунандаи минтақа ба Чин ва савум, коҳиши нақши кишварҳои фароминтақавӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ.

Яке дигар аз далелҳои аҳамияти нақши мутаҳаввилкунандаи Чин дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба мавзӯи транзит бозмегардад. Ин минтақа ба таври таърихӣ бахши муҳиме аз роҳи абрешим ва ҳалқаи васли Чин ба Аврупои қадим будааст. Дар вазъияти феълӣ бо ҷаҳиши иқтисодии Чин ва табдили ин кишвар ба бузургтарин содиркунанда ва дувумин воридкунандаи ҷаҳон, мавзӯи эҳёи Роҳи абрешим ва дарёфти дубораи мавқеияти вижаи минтақаи Осиёи Марказӣ дар ин роҳ матраҳ шудааст. Мусаллам аст, ки Чин барномаҳои васееро барои эҳёи Роҳи абрешим ва пайвастани иқтисоди худ бо иқтисодҳои аврупоӣ таҳия намуда ва баҳри иҷрои он талош дорад. Дар вазъияти кунунӣ интиқоли молҳо аз Чин ба Урупо байни 20 то 40 рӯз аз тариқи роҳҳои баҳрӣ тӯл мекашад, дар ҳоле ки агар зерсохторҳои муносибе дар роҳи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ба унвони пули Осиё ва Аврупо эҷод шаванд, ин муддат ба 11 рӯз коҳиш хоҳад ёфт. Дар ин росто, Чин сармоягузории васееро дар бозсозии хатти 616 километрии Қароқурум, ки бандари Гвадарро ба Синсзян мепайвандад, анҷом додааст. Дар соли 2009 хатти нахустини роҳи оҳани Сзинхэ – Инин – Хоргос ба истифода дода шуд, ки округи худмухтори Бортала-Муғулистонро бо яке аз гузаргоҳҳои бузурги сарҳади Чину Қазоқистон буда пайваст. Дар охири соли 2010 дар ноҳияи худмухтори Синсзяну Уйғур шабакаи нахустини роҳи оҳан кушода шуд, ки шаҳрҳои Қошғару Хутанро ба ҳам пайваст. Дар соли 2011 роҳи оҳани барқи-кунонидашуда аз Урумчи то Алашанкоу ба истифода дода шуда, роҳҳои оҳанро дар гузаргоҳи Хоргос пайваст. Ҳаҷми кашондани борҳо дар ҳамин сол нисбат ба соли 2010 7 фисад афзудааст [9, с. 69].

Аммо муҳимтарин тарҳе, ки Чин дар ҳавзаи транзит дар Осиёи Марказӣ дунбол мекунад, роҳи оҳани Чин-Қирғизистон-Ӯзбекистон аст. Пешниҳоди ин тарҳ дар солҳои 90-уми қарни XX ва ҳамзамон бо шаклгирии Паҷгонаи Шанхай аз ҷониби Чин матраҳ шуда буд. Аммо иҷроиши он ба далели рақобати Ӯзбекистон бо Қирғизистон бар сари хатти роҳи оҳан ба таъхир афтод. Бо истифодаи ин роҳи оҳани 268 километрӣ масофати 900 километрии Чин ва Осиёи Марказӣ ба тарзи махсусе коҳиш ёфта, кишварҳои Осиёи Марказӣ имконияти дастёбӣ ба обҳои озод ба даст меоранд. Тарҳи дигаре, ки Чин дар ин ҳавза сохтмони онро бар уҳда дорад, хатти оҳани пурсуръати Алмата ба Остона дар Қазоқистон аст.

Бо назардошти омилҳои зикршуда метавон чунин натиҷагирӣ кард: Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ халои қудратии эҷодшуда дар Осиёи Марказӣ сабаб шуд, то ин минтақа ба саҳнаи рақобати қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ табдил шавад. Чин ба унвони яке аз қудратҳои дар ҳоли рушд батадриҷ тавонист тавассути пешрафти иқтисодӣ ба шарики нахусти тиҷоратӣ ва иқтисодии баъзе аз кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил шавад. Ҳалли ихтилофоти марзӣ ва касби манофеи иқтисодии бештар дар Осиёи Марказӣ Чинро барои ҳузури густурда дар минтақа тарғиб кард. Вуҷуди ноамнӣ дар марзҳои Синсзян сабаб шуд, то Пекин бо тавсеаи робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои минтақа назорати бештаре нисбат ба уйғурҳои Синсзян дошта бошад.

Бо таваҷҷуҳ ба афзудани нақши иқтисод ва энергетика дар сиёсати хориҷии Чин ба назар мерасад, ки Пекин дар кӯтоҳмуддат ихтилофоти сиёсӣ ва тазодҳои идеологиро бо Ғарб ба канор гузошта, талош мекунад, то бо афзоиши рушди иқтисодии худ дар ин бахш аз Амрико ва Ғарб пеш гузарад. Дар ҳамин росто, манобеи нафту газ ва энергетикаи Осиёи Марказӣ беҳтарин ҷаззобиятро барои иқтисодиёти Чин дар пай дорад, чаро ки баъзе аз кишварҳои ин минтақа дорои манбаъҳои фаровони энергетикӣ ҳастанд ва то муддати зиёд метавонанд манобеи энергетикии босуботе барои Чин бошанд. Аз як тараф, агар нишонаҳои аввалияи тамоили Чин ба табдил ва тарҷумаи нуфузи иқтисодии худ ба нуфузи геополитикӣ дар минтақаи Осиёи Марказиро бипазирем, бояд гуфт, ки Чин дар идомаи суннати қудратҳое дар ҳоли зуҳур дар ин минтақа дар пайи нуфузи сиёсӣ низ хоҳад буд. Агарчи Чин нуфузи иқтисодӣ ва сиёсии худро дар Осиёи Марказӣ афзоиш додааст, аммо дар ҳоли ҳозир як навъ бозии бузурги ҷадид дар Осиёи Марказӣ идома дорад. Акнун қудратҳои мусаллат дар Осиёи Марказӣ Амрико ва Русия ҳастанд ва бо тасаллут бар инфраструктураи иқтисодии минтақа бештарин нуфузро дар ин кишварҳо доранд ва агар Чин бихоҳад бар геополитика ва иқтисоди минтақа дастболо шавад, бояд қудрати эҷоди амният ва бунёди инфраструктураи иқтисодиро дар минтақа дошта бошад.

Дар маҷмӯъ, стратегияи имрӯзаи Пекинро дар Осиёи Марказӣ метавон ҳамчун низоми чорабиниҳо ва механизмҳо тасаввур кард, ки баҳри ҳифзи суботи дарозмуддат дар

чаҳорчӯбаи консепсияҳои пешрафти Чин ва ҳамчунин устуворсозии дуҷониба – ҳузури Чин дар Осиёи Марказӣ ва Осиёи Марказӣ дар Чин дар ҳоли нақши фаъол доштани Чин равона шудаанд. Ин амрро мавҷудияти теъдоди зиёди корбурдҳои Чин (аз ҷумла «сулҳ ва пешрафт», сиёсати «ислоҳот ва шаффофият», «эҷоди минтақаи мавзун») сидқ мекунад. Унсури амали стратегия гуногуннавъ аст, вале дар яке аз фарзияҳои сершумори чиниҳо ғунҷонида шудааст, ки устухонбандии онро робитаҳои дуҷониба ташкил дода, ҷузъҳои таркибиаш – робита бо кишварҳои бузург (даго) ва ҳамкориҳои чандҷониба дар заминаи СҲШ ташкил медиҳад. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, бо таваҷҷуҳ ба ин шароит, ки Чин то як даҳсолаи оянда битавонад қудрати бартари минтақа шавад, ҳоло ғайриимкон ба назар мерасад, аммо густариши доманаи нуфузи иқтисодӣ ва сиёсии Чин дар минтақа навидиояндаи беҳтарро барои ин кишвар медиҳад [1, с.15].

Ҳамчунон СҲШ низ ба унвони бозуи қудратманде барои иҷрои сиёсатҳои Пекин нақши муҳиме иҷро мекунад. Зеро Пекин ба СҲШ ба унвони як ниҳоди тавозундиҳанда миёни қудратҳо дар минтақа менигарад ва умед дорад, то дарояндаи наздик аз ҳамин ниҳод битавонад ба қудрати минтақа табдил шавад. Дар сурате ки Пекин битавонад бо рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ аз имкониятҳои СҲШ дар ҷиҳати таъмини амнияти минтақа ва ҳифзи суботи дохилии худ низ истифода барад, метавонад ҷойгоҳи худ ва нақши СҲШ-ро боло бурда ва аз ин тариқ ҳадафҳои амниятӣ ва иқтисодии худро амалӣ намояд.

Таҳлили татбиқи стратегияи ҶМЧ дар робита бо кишварҳои Осиёи Марказӣ тайи ду даҳсолаи охир моро ба хулосае меорад, ки Пекин тайи ин муддат ду усулро ба роҳбарӣ ва корбурд гирифтааст: арзёбии мушкилоти дар минтақа бавуҷудомада, ки таҳидиду хатаротро ба амнияти миллии Чин табйин мекунанд; дувум, кимониятҳои бадастомада барои ҳалли масоили барои Чин аҳамияти стратегӣ дошта.

Ҳамин тавр, Осиёи Марказӣ ҳамчун минтақаи қулай барои таъмини марзҳои ғарбии Чин, инчунин ба сифати ҳудуди транзитӣ ва базаи ресурсӣ барои рушди иқтисоди Синсзян соҳиби аҳамият хоҳад монд. Сиёсати прагматикӣ ва пайгиронаи Чин, ки тайи солҳои охир бо қудрати иқтисодиву низомӣ тақвият ёфтааст, ишора ба он дорад, ки дар пешрафти воқеаҳо дар минтақа ва атрофи он нақши калидӣ хоҳад бозид. Пекин, албатта, ҳеҷ гоҳ ба нооромиву бетартибиҳо дар Синсзян, ки боиси ноустувории вазъ дар мамлакат мегардад, роҳ нахоҳад дод. Дар чунин шароит интизорӣ меравад, ки Пекин ба хотири устувор кардани назорат ба ин минтақаи стратегӣ даст ба таҳкими мавқеи геополитикии худ хоҳад зад. Дар шароити кунунӣ, тавре ба назар мерасад, ягон ҷумҳурии Осиёи Марказӣ қудрати муқовиматро ба ҳузур ва фаъолияти иқтисодиву тиҷоратии Чин надорад. Пас, кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки аз ҳузури Чин дар минтақа ба хотири пешрафти иҷтимоиву иқтисодии худ истифода баранд.

## АДАБИЁТ


1. Баҳром Амир Аҳмадиён, Руҳуллоҳ Солеҳии Давлатободӣ. Аҳдоф ва роҳбурдҳои сиёсати хориҷии Чин дар Осиёи Марказӣ // Фаслномаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз. -1392. -№84. - С. 9.-17.
2. Глава МИД КНР об итогах своей поездки по Центральной Азии [электронный ресурс]. http:// russian. People .com.cn /31519/8335611.html (28.08.2017)
3. Дайсукэ Киндо (Daisuke Kindo). Альянс РФ и КНР и энергичная дипломатия Си.("ShūkanGendai", Япония). Читать далее: [электронный ресурс]. http:// inosmi. ru/ fareast/ 20150521/ 228165199.html. (24.09.2017)
4. Кэйко Кавасоэ (KeikoKawasoe). Война Китая и России за ресурсы Казахстана. ("Sankei Shimbun", Япония).© РИА новости. 16/04/2015 (18.10.2017)
5. Лузянин С. Г. Китай в Центральной Азии: «Взаимный выигрыш» или экспансия? [электронный ресурс]. http://mgimo.ru/about/news/experts/236557/ (17.11.2017)
6. Олкотт М.Б. Второй шанс Центральной Азии / М.Б. Олкотт. - М., 2005. – 487с.
7. Проблема уйгурского национального движения в векторе отношений КНР с центрально-азиатскими странами [электронный ресурс]. http://uyghurtoday.com/2016/03/13/problema-uigurskogo-nacionalnogo-dvizheniya-v-vektore-otnosheniy-knr-s-centralno-aziatskimi --stranami. 28.09.2017
8. Стратегия экономического развития "Один пояс — один путь" [электронный ресурс]. https://ria.ru/spravka/20170514/1494097368.html. (14.09.2017).
9. Фролова И.Ю. Экономическая политика КНР в Синьцзян-Уйгурском автономном районе в контексте интересов стран Центральной Азии / И.Ю. Фролова //Проблемы национальной стратегии. – 2014. -№ 4 (25) .9. -С.65-85.
10. Х. Холикназар. Деятельность Республики Таджикистан в процессе становления и развития ШОС. - Душанбе, 2014.- 382 с.
11. Шариатӣ Ниё Муҳсин. Сиёсати Ховари Миёнаии Чин// Фаслномаи Сиёсати хориҷӣ. Соли бисту якум.1386. – № 3. -С. 64- 72.
12. Dwivedi R. China's Central Asia Policy in Recent Times//CF.F Quarterly. 2006. Vol.4. -No.4. -P. 141. -C.139-159.

## СТРАТЕГИЯИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АСРИ XXI: ҲАДАФҲО ВА ПАЙОМАДҲО

Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии стратегияи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар минтақаи муҳимми стратегӣ, яъне Осиёи Марказӣ таҳлил карда шудаанд. Муаллифон омилҳои асосии афзудани таваҷҷуҳи Чинро ба кишварҳои минтақа баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ гурӯҳбандӣ карда, бештар ба омилҳои сиёсиву иқтисодӣ ва амниятиву геополитикӣ мутаваҷҷеҳ шудаанд. Дар ин миён манфиатдории Чин ба роҳ надодан ба ҳузури қудратҳои ғайриминтақавӣ, ташкили муборизаи дастаҷамъона алайҳи се мушкилоти давр – терроризм, ифротгароӣ, ҷудоиталабӣ, таъмини ниёзҳои энергетикии хеш аз ҳисоби истифода аз захираҳои бойи нафту гази минтақа ва маблағгузории лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ ва азнавсозии инфрасохторҳои иқтисодӣ ва нақлиётии минтақа, афзун гардондани ҳузури иқтисодии хеш дар минтақа таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи худро ёфтаанд. Муаллифон ишора ба он доранд, ки сиёсати прагматикӣ ва пайгиронаи Чин, ки тайи солҳои охир бо қудрати иқтисодиву низомӣ тақвият ёфтааст, дар пешрафти воқеаҳо дар минтақа ва атрофи он нақши калидӣ хоҳад бозид. Дар чунин шароит интизорӣ меравад, ки Пекин ба хотири устувор кардани назорат ба ин минтақаи стратегӣ даст ба таҳкими мавқеи геополитикии худ хоҳад зад. Дар шароити кунунӣ, тавре ба назар мерасад, ягон ҷумҳурии Осиёи Марказӣ қудрати муқовиматро ба ҳузур ва фаъолияти иқтисодиву тиҷоратии Чин надорад. Пас, кишварҳои Осиёи Марказиро зарур аст, ки аз ҳузури Чин дар минтақа ба хотири пешрафти иҷтимоиву иқтисодии худ истифода баранд.

**Калидвожаҳо:** халои геополитикӣ, стратегияи иқтисодӣ, манфиатҳои миллӣ, Роҳи бузурги абрешим, экстремизм, терроризм, сепаратизм, амнияти иқтисодӣ, камарбанди амниятӣ, дипломатияи энергетикӣ, тавозуни қувва, тавозуни манфиатҳо.

## ЦЕНТРАЛЬНО-АЗИАТСКАЯ СТРАТЕГИЯ КНР В НАЧАЛЕ XXI ВЕКА: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

Статья посвящена анализу цели, механизма реализации и перспективы центрально-азиатской стратегии КНР. Авторы констатируют тот факт, что КНР, учитывая и используя создавшийся геополитический хаос и вакуум, образованный в результате распада СССР, смогла правильно разработать свою региональную стратегию и сегодня успешно реализует ее. Основными направлениями реализации стратегии КНР в регионе, по мнению авторов, являются: инвестиции в приоритетных отраслях экономики региона, энергетические проекты и инфраструктура государств региона. КНР также стремится расширением экономических и торговых связей с центрально-азиатскими странами способствовать экономическому развитию одной из самых отсталых регионов страны – СУАР. А также используя механизмы сотрудничества в рамках Шанхайской Организации Сотрудничества, Китай стремится усилить борьбу с тремя злами: терроризмом, экстремизмом и сепаратизмом. Энергетическая стратегия КНР в Центральной Азии опирается на решение трех важнейших задач: первое-создание прочной и долговременной базы энергетического сотрудничества с государствами региона путем экономического проникновения и расширения трогового сотрудничества; второе-строительство прямых линий (трубопроводов) транзита нефти и газа из республик региона в Китай, третье -ослабить роль и присутствие нерегиональных игроков в Центральной Азии. Ожидается, что Пекин с целью усиления контроля над этим важнейшим стратегическим регионом будет стремиться к усилению своего геополитческого присутствия. В нынешних условиях, по мнению авторов, ни одно государство Центральной Азии не способно противодействовать экономическому присутствию Китая в регионе. Поэтому государствам региона остается попытаться использовать китайское присутствие для своего социально-экономического развития.

**Ключевые слова:** геополитический вакуум, национальные интересы, стратегия, Шелковый путь, экстремизм, терроризм, сепаратизм, экономическая безопасность, экономический пояс, энергетическая дипломатия, баланс сил, баланс интересов.

## THE CENTRAL-ASIAN STRATEGY OF THE PEOPLES REPUBLIC OF CHINA IN THE XXI-ST CENTURY: THE PURPOSES AND PROSPECTS.

The article is devoted to the analysis of the purpose, mechanism of implementation and prospects of the Central Asian strategy of the PRC. The authors state that the PRC, taking into account and using the created geopolitical chaos and vacuum created as a result of the collapse of the USSR, was able to properly develop its regional strategy and is now successfully implementing it. The main areas of implementation of the PRC strategy in the region, according to the authors, are: investments in priority sectors of the region's economy, energy projects and infrastructure of the states of the region. The PRC also seeks to expand economic and trade ties with the Central Asian countries to promote the economic development of one of the most backward regions of the country - the XUAR. And also using cooperation mechanisms within the framework of the Shanghai Cooperation Organization, China seeks to strengthen the fight against three evils: terrorism, extremism and separatism. China's energy strategy in Central Asia is based on three important tasks: first, the creation of a solid and long-term base for energy cooperation with the states of the region through economic penetration and expansion of the triangular cooperation; the second is the construction of straight lines (pipelines) for the transit of oil and gas from the republics of the region to China, the third is to weaken the role and presence of non-regional players in Central Asia. It is expected that in order to strengthen control over this important strategic region, Beijing will strive to strengthen its geopolitical presence. Under present conditions, according to the authors, no state of Central Asia is able to counter China's economic presence in the region. Therefore, the states of the region have to try to use the Chinese presence for their social and economic development.

**Key words:** geopolitical vacuum, national interests, strategy, the Silk Road, extremism, terrorism, separatism, economic strategy, diplomacy of energy, balance of power, balance of interests.

**Сведения об авторах:** ***Самиев Холахмад Давлатович*** **–** Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рудаки 17..E-mail: **samiev.kholakhmad@mail.ru**. Телефон: **918799091.**
***Ван Линь Линь*** **–** Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международных отношений**. Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.

***Чжоу Синву*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17.

**Information about the authors: Samiev Holamad Davlatovich** - Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of the Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. E-mail: **samiev.kholakhmad@mail.ru**. Phone: **918799091.**
***Wang Lin Lin*** - Tajik National University, graduate student of the Department of International Relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.
**Zhou Xinwu** - Tajik National University, postgraduate student of the Department of International Relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17.

**УДК: 93+327 (575.3) (1-87)**

# ПЛОДЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И США В СФЕРЕ ПРОСВЕЩЕНИЯ

***Боронова Р.А.***
**Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Кулябе**

В начальные годы становления своей государственности Республика Таджикистан столкнулась с рядом проблем, с которыми также столкнулись все без исключения бывшие республики в составе СССР. В процессе государственного строительства, весьма важную роль могло играть установление дипломатических отношений с ведущими государствами, такими как США, чьи позиции могли естественно ускорить процесс признания независимости. Следует отметить ряд отечественных исследователей, которые считают, что первый этап в международной деятельности Республики Таджикистан охватывает период от признания суверенности Таджикистана, т.е. 1991 года, до 2000 года [1, с.4].

Таким образом, одной из целей установления отношений с США заключалось в том что Правительство республики намеревалось, обосновать и защищать свои национальные интересы во внутренней и внешней политике. Хотя Правительство Республики признавало положение «кто есть кто». Поэтому придерживалось политики общего подхода к великим державам на мировой арене, особенно с учетом того, что в Центральной Азии сошлись интересы таких стран, как США, Россия, Китай и ЕС [1, с.4].

Следует отметить, что эти интересы тогда находились в стадии формирования и, естественно, позже были подвержены существенным изменениям. Так как США стремились укрепить свои позиции в Центральной Азии, уже этот факт естественно облегчал вступление Правительства Таджикистана в определенные контакты со США. И Правительство США не могло допустить в этом вопросе быть вторым шахматным игроком за доской международной политики. США вторыми в мире прислали своего посла в Таджикистан, говорит о том, что у них были стремления усилить свое присутствие в регионе и сотрудничество. Таким образом, процесс установления дипломатических и внешне экономических связей РТ и США можно было считать реальным. Дипломатические отношения между Таджикистаном и США были установлены 14 февраля 1992 года, а Посольство США в Республике Таджикистан было открыто в марте того же года.[2]Официальный Вашингтон стал вторым государством после Тегерана, назначившим в Таджикистан чрезвычайного и полномочного посла.

Об установлении дипломатических отношений между Таджикистаном и США, мы согласны с мнением известного таджикского политолога Зафара Саидова, который отмечает, что «для Таджикистана отношения с США имели особое значение. Здесь принимался во внимание огромный удельный вес, который США имеют в мировой экономике и политике» [1, с.17].

Хотя политологи и историки еще до конца не определили характер взаимоотношений РТ и США однако этапы их развития в принципе выделены: конец 80-х -1997гг.; 1997-начало XX1в.; начало XX1в.- до настоящего времени.

Суть первого этапа для Таджикистана – это попытки вести самостоятельную внешнюю политику, хотя бы с непосредственными соседями, а в начале независимости, использование авторитета великих государств для осуществлении полной самостоятельности. А для США – через Таджикистан усилить своё присутствие в регионе путем гуманитарной поддержки, которое не могло конкурировать и противостоять доминантному влиянию России в Таджикистане.

Второй этап охватывает конец 90-х годов XX века и начало XX1 века и характеризуется как новый уровень отношений [3:с.102], который в 2000 году Президент Таджикистана Э. Рахмон в

ходе встречи с заместителем Госсекретаря США Стивеном Систановичем охарактеризовал как открытый для широкого сотрудничества с США, но на взаимной основе [1, с.17].

В третьем периоде происходила интенсификация двусторонних контактов. В настоящее время таджикско-американские отношения плодотворно развиваются в таких сферах, как торгово-экономическая, гуманитарная, военно-политическая и борьба с международным терроризмом, в области образования и здравоохранения и др.

За период установления двусторонних отношений между Правительством Таджикистана и Правительством США были подписаны около 40 документов, регулирующих договорно-правовую базу двусторонних отношений.

В рамках реализации Соглашения о содействии капиталовложениям, в стране действуют 9 таджикско-американских совместных предприятий и 8 предприятий, полностью принадлежащих американским инвесторам.

Иностранные капиталовложения в РТ приобрели законную основу с момента принятия в 1992 году Закона «Об иностранных капиталовложениях в РТ», который определил правовые стандарты капиталовложений, а также налоговые льготы для отдельных видов капиталовложений [4, с.12].

В принятом законе отмечалось о гарантиях безопасности капитала иностранцев и указаны механизмы обеспечения обязательств по принятым договорам и строгом выполнении всего вышеуказанного. Дальнейшая практика показала, что иностранные капиталовложения в страну, где действует соответствующее законодательство, в особенности гарантии безопасности их личной собственности, является главным условием выполнения принятых обязательств по заключенному договору. Однако в этой статье в основном мы остановимся на участии США в поддержке сферы образовании Таджикистана.

Необходимо отметить, что проблема сотрудничества с зарубежными странами и международными организациями, а также их капиталовложения во все сферы народного хозяйства, особенно в образование, в период независимости приобрела не только гуманитарное, но и социальное значение. Правительство РТ в целях улучшения качества сотрудничества с иностранными и международными организациями в сфере образования предприняло все необходимые меры. Министерству образования было поручено организовать свою деятельность в соответствии с установленным законодательством страны. В свою очередь, в целях развития образовательной сферы республики, Министерство образования 19 июня 1996 года подписало Соглашение о сотрудничестве Министерства образования РТ с Американским союзом в сфере образования и изучения иностранных языков от 19 июня 1996 года. Этот проект поддерживался союзом в виде обеспечении специалистами -языковедами и учебно-методическими ресурсами. Посредником или координатором которого был Центр по координации проектов кредита на постконфликтное восстановление. С тех пор ежегодно десятки учащихся средних школ, студентов и аспирантов проходят обучение по образовательным и научным программам в колледжах и университетах США [5, с.160-161].

В свою очередь, в целях развития образовательной сферы республики, Министерство образования 19 июня 1996 года подписало Соглашение о сотрудничестве Министерства образования РТ с Американским союзом в сфере образования и изучения иностранных языков от 19 июня 1996 года. В ходе исследования, мы пришли к заключению, что США оказывало Таджикистану помощь исключительно по гуманитарным мотивам. Однако его социально-политический эффект для Таджикистана стал более значительным и глубоким, так как подталкивал другие государства к определенным действиям в осуществлении международных проектов и программ. Значительный сферой участия США в восстановлении образовательного сферы Республики Таджикистан, было участие в ремонте, обеспечении школьными принадлежностями и оборудованием школ.

США, к начале 1999 года, восстановил 19, а к ноябрю 1999г. 27 образовательных учреждений Каратегинского зоны [6], и не один десяток в Хатлонской, Согдийской и Горном Бадахшане. США мог активнее и более весомо принимать участие в гуманитарных программах в поддержке Таджикистана, однако этому препятствовали законодательно-правовые вопросы. Поэтому Соглашение о сотрудничестве между Министерством образования РТ и Агентством США по международному развитию от 12 сентября 2003 года, способствовало расширению сферы участии США в восстановлении образовательных учреждений Таджикистана.

Исследования свидетельствуют, что большая часть вложений в развитие сферы образования в 2009 году была получена от группы Всемирного Банка 6.068 тыс. долл. США, что составило 24,9% из общего количества поступивших финансов в том году [7, с.58].

В этой сфере в 2009 году были реализованы проекты от 23 представителей международных организаций «Развитие сотрудничества». Из других организаций наибольшую активность в этом направлении показал Американский совет по международному обучению в Таджикистане (ACCELS) – (564 тыс. долл. США). Отделение «Энергия и защита воды» - Организация США в Центральной Азии, взяла на себя обязанностьвосстановить систему отопления гимназии №9 и школы №9 города Душанбе. Стоимость работ составили 23 тыс. долл. США [7, с.7]. А организацией «Фокус» в Рошткалинском районе были заново построены главные здания школ №14 в джамоате Тусиян и школы №11 в джамоате Тавдем [8, с.84].

По информации Центра по координации проектов кредита на постконфликтное восстановление образовательных учреждений в Кургантюбинской зоне Хатлонской области в 1998-1999 учебного года были восстановленны 65 школ. Из них 10 школ: в Бохтарском районе -2, в Шаартузском-4, в Кабадианском-4 восстанавливались Федерацией спасений детей США [7, с.62].

В целом, в период с 2002 по 2011 гг. в сфере образования Республики Таджикистан при содействии зарубежных стран были реализованы 297 проектов. Различные организации США принимали участе в 57 проектах. Как показывают документы, стоимость этих проектов составляла от 2 до 1,7 млн. долл. США. Эти проекты в основном были направлены на ремонтные и восстановительные работы чаще в школах, расположенных в районных центрах [6].

Проекты работали и в других направлениях образования, в частности по обучению работников сферы образования, которые не имели специальной подготовки. Стоимость таких проектов составляла от 1 до 5 тыс. долл. США. Это более всего касалось обучения работников дошкольных учреждений, учителей и др. работников сферы образования. Проекты касались и реформы в профессионально - техническом обучении, особенно подготовки тренингов по различным массовым специальностям, осуществления программы по выделению образовательных стипендий, улучшения методов преподавания в учебных заведениях, проведения учебных форумов.

Как показывают документы, проекты делились на кратковременные и долговременные. Кратковременные проекты было рассчитаны обычно на 1-5 лет, а долговременные на более 5 лет. Количество долговременных проектов было рассчитано на поддержание проведения реформ, на укрепление потенциала работников образования, улучшение качества образования, повышение уровня знаний студентов, поддержку строительных работ, обеспечение мебелью и оборудованием учебных заведений, совершенствование учебных планов, разработку новых методов преподавания, улучшение качества учебников и методических пособий. Таких проектов было 33, и к ним относился проект об упорядочивании документации в сфере образования. По документам эти проекты делились между тремя исполнителями: «Ремонт и окончание возведения средних школ», «Строительство и оборудование школ» и «FLEX". А их финансировала Группа Всемирного Банка: Проект «Ремонт и окончания возведения средних школ» за счет организации Банк Исламского Развития, - «Строительство и оборудование школ» финансировалось фондом Саудовского развития, а «FLEX – программа по общему образованию, для учащихся старших классов» правительством США. По этому направлению «Проекты» главной задачей была подготовка и переподготовка работников сферы образования через курсы повышения квалификации. По данным Министерством образования РТ, курсы повышения квалификации прошли: в 2001 – 2002гг. из 94867 учителей – 1804, в 2003 – 2004гг. – 5265, в 2005 – 2006гг. – 12705, в 2007 – 2008гг. – 20349, в 2009 – 2010гг. – 7797 человек. Из 3737 директоров школ в 2005 – 2006гг. – 100, в 2007 – 2008гг. – 290, и в 2009 – 2010гг. – 121 человек повысили свою квалификацию [9, с.54].

В исследуемый период при Институтах и Центрах повышения квалификации, расположенных в областях республики, были организованы семинары на тему: «Интерактивное обучение в ходе гражданского просвещения» за счет Международного фонда выборных систем, в результате которых 500 учителей истории и права перешли к новой методике образования [10, с.3].

В системе образовании Таджикистана определенную роль играл фонд Сороса. По инициативе и поддержке которого с февраля по июнь 2005 года в целях повышения знаний и практических навыков учителей в районах Нурабада, Муминабада, Ховалинга и г. Куляб были проведены семинары. Кроме того, они же на основе программы IBET провели пятидневные семинары по изучению компьютера. В обучении учителей компьютерной технологии Фонд Сороса использовал и сотрудников института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования (ИПКПО) города Куляба. 15 преподавателей института стали тренирами в этой акции.

Однако, как показывают приведенные нами материалы, участие Правительства и организаций США в восстановлении сферы образования Республики Таджикистан, хотя и имело

гуманитарный характер и было расчитано на политический эффект, но на практике социальный эффект этого участия оказался наиболее наглядным и плодотворным. Участие международных организаций в оказании гуманитарной поддержки Таджикистану таджикский народ принял и принимает с благодарностью (около 27,9 млн. долларов США). Однако не всегда данные обязательства выполнялись в указанных цифрах.

**Таблица изменений процесса принятых обязательств и вложений в сферу образования в 2002 – 2011гг.[7, с.6]**




| | 2002 | 2003 | 2004 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Обязателства | 11,001 | 19,049 | 24,729 | 35,574 | 32,237 | 27,33 | 24,219 | 25,007 | 41,774 | 37,89 |
| Вложения | 10,53 | 15,536 | 18,998 | 26,384 | 21,199 | 26,574 | 26,016 | 26,374 | 28,388 | 34,861 |

В диаграмме показана таблица изменения обязательств и вложений международных организаций в сферу образования в период 2002 – 2011гг. Как видно, сумма обещанных финансовых средств и их вложение из года в год возрастала. Это осуществлялось в основном за счет взятых кредитов и грантов со стороны Группы Всемирного Банка. Одним из кредиторов выступал правительство США. А фактически сумма выполненных вложений составила около 24,5 млн. США.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Саидов З.Ш. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков. Монография/ Саидов З.Ш. – Душанбе, 2011. -С. 4.
2. Справка по таджикско-американскому сотрудничеству. Департамент информации и связи Министерства Иностранных Дел Республики Таджикистан [электронный ресурс]. www.mfa.ti
3. Саидов З.Ш. Таджикистан: межгосударственные отношения в период становления внешней политики. Монография / Саидов З.Ш. – Душанбе, 2013. - С. 102.
4. 20 – летие независимости: капиталовложения, превращение в частную собственность, предпринимательство. – Душанбе, 2011. - С.12 (на тадж. языке).
5. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня: В 2 т. / под ред. Хамрохона Зарифи. - Душанбе, 2009. - Т. 1. - С. 160-161.
6. ЦГА РТ. Ф.360, Оп. 21, Д. – Лл..21, 39.
7. Текущий архив Комитета по капиталовложениям и налогового учреждения РТ// Отчет о зарубежной помощи. – Душанбе, 2010. – С.58. (на тадж. языке).
8. Бахромов З. Социально – экономическая и культурная жизнь ГБАО Республики Таджикистан в годы независимости (1991 – 2008гг.): *кандидат исторических наук: 02.00.07* / Бахромов З. –Душанбе, 2009. - С.84.
9. Национальный доклад о развитии образования в РТ. – С.54 (на тадж. языке).
10. Текущий архив Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования// Документ о снижении уровня бедности и плане осуществления реформ. - С.3-4.


## САМАРАҲОИ ҲАМКОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИМА ДАР СОҲАИ МАОРИФ

Дар мақола сухан аз боби нақш ва иштироки ИМА дар дастгирии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад. Қайд кардан зарур аст, ки проблемаи ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ, инчунин маблағгузории онҳо дар соҳаи хоҷагии халқ, махз дар соҳаи маориф, дар даврони истиқлолият на танҳо аҳамияти гуманитарӣ, балки аҳамияти иҷтимоиро низ касб намудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар гардонидани сифати ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф ҳамаи чораҳои зарурӣро андешида истодааст. Дар навбати худ, бо мақсади рушди соҳаи маорифи ҷумҳурӣ, Вазорати маориф 19 июни соли 1996 оид ба ҳамкории Вазорати маорифи ҶТ бо Иттиҳоди амрикоӣ дар соҳаи маориф ва омӯзиши

забонҳои хориҷӣ аз 19 июни соли 1996 созишнома имзо кард. Аз натиҷаи таҳқиқ муаллиф ба хулосае омадааст, ки ёрии ИМА дар солҳои 1992-2010 характери гуманитарӣ (ёрии башардӯстона) дошта, ҳадафи он истифодаи Тоҷикистон дар рақобати давлатҳои абарқудрат дар минтақа буд. Вале ин мақсад аз сарҳади муайяншуда берун рафта, бисёр давлатҳои дигарро водор сохт, ки ба ИМА пайравӣ намуда, дар амалӣ намудани бисёр лоиҳаҳо ва барномаҳо иштирок намоянд. Худи ИМА дар амалӣ намудани 57 барномаю лоиҳа( аз 297) иштирок намудааст ва саҳмгузори 37 адади онҳо худи ӯ буд.

**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, ИМА, маблағгузории хориҷӣ, шартнома, дастгирӣ, маълумот, лоиҳа, фонд, семинар, аҳднома, ҳамкорӣ, мактаб, маориф.

**ПЛОДЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И США В СФЕРЕ ПРОСВЕЩЕНИЯ**

В статье рассматривается роль и участие США в оказании помощи Таджикистану в сфере школьного образования в 1996-2010 гг. Необходимо отметить, что проблема сотрудничества с зарубежными странами и международными организациями, а также их капиталовложения во все сферы народного хозяйства, особенно в образование, в период независимости приобрели не только гуманитарное, но и социальное значение. Правительство РТ в целях улучшения качества сотрудничества с иностранными и международными организациями в сфере образования предприняло все необходимые меры. США принимали участие в осуществлении 57 проектов и программ, где в 37 проектах и программах основным донором выступали сами США. Всего в Таджикистане осуществлялось 297 проектов и программ.

**Ключевые слова:** Респубика Таджикистан, США, иностранные капиталоважения, договор, поддержка, образования, проект, фонд, семинар, соглащение, сотрудничество, школа, просвещение.

**FRUITS COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE USA IN THE SPHERE OF EDUCATION**

The article examines the role and participation of the United States in providing assistance to Tajikistan in the field of school education in 1996-2010. It should be noted that the problem of cooperation with foreign countries and international organizations, as well as their investment in all spheres of the national economy, especially in education, during the period of independence acquired not only humanitarian but also social significance. The Government of the Republic of Tajikistan has taken all necessary measures to improve the quality of cooperation with foreign and international organizations in the field of education. In its turn, in order to develop the educational sphere of the republic, the Ministry of Education signed on June 19, 1996, the Agreement on Cooperation of the Ministry of Education of the Republic of Tajikistan with the American Union in the field of education and foreign language learning on June 19,1996. The study led to the conclusion that the USA provided Tajikistan with humanitarian assistance solely for humanitarian reasons. However, its socio-political effect for Tajikistan has become more positive and deep, as it has pushed other states to certain actions in the implementation of international projects and programs. The United States took part in the implementation of 57 projects and programs, where in 37 projects and programs, the main donor was himself. In total, 297 projects and programs were implemented in Tajikistan.

**Keywords:** Republic of Tajikistan, USA, Foreign capital investment, contract, support, education, project, fund, seminar, agreement, cooperation, school, education.

**Сведения об авторе:** ***Боронова Р.А.*** - Институт технологий и инновационного менеджмента в г. Кулябе, старший преподаватель кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан , г. Куляб, проспект Борбад, Email: **dtmik@list.ru,** Телефон: **985.24.46.93.**

**Information about the author:** ***Boronova R.A***. - Institute of Technology and Innovation Management in Kulyab, Senior Lecturer of the Department of Humanitarian disciplines. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan Kulyab, avenue Borbad, E-mail: **dtmik@list.ru,** Phone: **985.24.46.93.**

УДК.66, 4

# АЗ ТАЪРИХИ БАРҚАРОРШАВИИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТИИ ТОҶИКИСТОН БО МАМЛАКАТҲОИ АРАБ

***Муродова Г., Камолов Ш.В.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ**

То пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби сиёсати мустақил набуд ва бо кишварҳои хориҷ он қадар муносибатҳои зич надошт. Яъне, то ба даст овардани истиқлолият аксари ҳизбҳо, муасиссаҳои хориҷӣ худро бидуни Иттиҳоди Шӯравӣ тасаввур намекарданд. Ниҳоят Иттиҳоди Шӯравӣ дар натиҷаи омилҳои дохилию хориҷӣ аз байн меравад. Пошхӯрии ИҶШС ба ташкилёбии давлатҳои нави мустақил оварда расонид. Дар қатори ин давлатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ декларатсияи соҳибихтиёрии худро 24 августи соли 1990 қабул кардааст. Мамлакатҳои Араб дар қатори давлатҳои аввалине буданд, ки мустақилияти мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, махсусан Тоҷикистонро эътироф карданд. Баъди эълон шудани соҳибихтиёрӣ дар назди давлат бисёр вазифаи мураккаб: муайян намудани самтҳои асосӣ ваояндаи сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони навтаъсис меистод. Дар ин замина тавре ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунад: «Роҳе, ки халқи Тоҷикистон интихоб кард, заминаи муҳимми ҳам

мустаҳкамияти сиёсӣ, иқтисодию-иҷтимоӣ ва ҳам рушди на танҳо минтақа, балки дар тамоми фазои Иттиҳод аст. Дар ҳазораи нав ин метавонад дар ташаккули амният, демократия ва ҷаҳони ягона мусоидат намояд» [11, с. 18].

Муносибатҳои байналхалқӣ кишварҳоро водор месозанд, ки ҷиҳати ҳифзи дину оин, халқу миллат, фарҳанг ва манфиатҳои миллии худ чораҳо андешанд. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебоист бо як гурӯҳ мамлакатҳои хориҷа муносибатҳои хуби сиёсиро ба роҳ монад. Давраи навтарини таърихи Тоҷикистон бо ҷунбишҳо ва дигаргуниҳои таърихии дохилию берунӣ рост омад ва Тоҷикистони навтаъсис бо мушкилотҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ рӯ ба рӯ гашт. Барои бартараф сохтани мушкилотҳои мавҷудаи характери иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта Тоҷикистон «сиёсати дарҳои боз»-ро пеша кард, ки ба ҳамкориҳои бисёрҷониба бо мамлакатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар қатори онҳо бо мамлакатҳои Араб равона шуда буд. Дар охири соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатиро бо 48 давлат, аз ҷумла бо 10 мамлакати ҷаҳони Араб барқарор намуд [5, с.303].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали дарёфти истиқлолияти давлатӣ дар роҳи барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои Араб умуман бо ҷаҳони Араб иқдомхое карда буд ва муваффақ гардида буд, ки бо чанде аз он кишварҳо Протокол оид ба дӯстӣ ва ҳамкориро ба имзо расонад. Аммо як чизро бояд қайд кард, ки он кӯшишҳо муназзам ва ҳадафмандона набуданд ва бинобар ин натиҷаи матлуб надоданд. Ва, албатта, ба сатҳи муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамолики Араб ва ҷаҳони ислом муқовимате, ки миёни неруҳои сиёсию иҷтимоии ҷумҳурии мо, аз он ҷумла неруҳои исломӣ ва мақомоти расмӣ идома дошт, бетаъсир набуд. Мамлакатҳои мусулмонӣ барои барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳо бо ҳукумати вақти Тоҷикистон чандон майл надоштанд. Сабаби хеле дертар барқарор шудани робитаҳои дипломатии мо бо аксарияти мамлакатҳои Араб дар ҳамин аст. Чунончи, робитаҳои дипломатӣ бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар соли 1992, бо Миср дар соли 1993, бо Баҳрайн, Қувайт, Ҷумҳурии Ироқ ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар соли 1995, бо Ҷумҳурии Лубнон ва Ҷумҳурии Яман дар соли 1996, бо Алҷазоир ва Урдун дар соли 1997 барқарор шуданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иллати ҷанги шаҳрвандӣ натавонист дар давраи мазкур бо кишварҳои Араб сиёсати фаъолона барад. Вале, бо мурури ҳалли низоъ ва устуворшавии сулҳ батадриҷ муносибатҳояшро бо кишварҳои Араб ҳам дар сатҳи бисёрҷониба (дар чаҳорчӯбаи созмонҳои ҳамгироӣ) ва ҳам дар сатҳи дуҷониба пеш мебарад.

Тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон борҳо изҳор доштааст: «Саҳми тамаддуни исломӣ дар раванди ташаккулёбии фарҳанг ва тамаддуни башарӣ бебаҳс аст ва ин воқеиятро шахсиятҳои бузурги ҷаҳонӣ борҳо эътироф кардаанд. Ин тамаддун бо фарҳангҳои арзишманди бузурги инсонӣ ҳамкории созанда ва суннати ҳамзистиро решадор намудааст. Он метавонад ба пешгирии тамоюли харобиовари «бархӯрди таммадунҳо» мусоидат намуда, тадбиқи раванди ҳамкорӣ ва гуфтугӯи созандаи таммадунҳо ва фарҳангҳоро таҳким бахшад».

Бо назардошти ин ҳақиқати таърихӣ кишварҳои мусулмон ва созмонҳои гуногуни байналмилалии исломӣ, қабл аз ҳама, Созмони Конфронси Исломӣ кӯшиш ба он доранд, ки дар ин марҳалаи нозук ва ҳассос барои таъмини шароити мусоиди ҳамкорӣ, пешрафти иқтисодӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи эътибор ва симои воқеии ислом, пешгирии рӯҳияи зидди ислом ва мусулмонон, таблиғ ва ташвиқи фарҳанги сулҳ иқдомоти заруриро амалӣ намоянд. Аз ин рӯ Тоҷикистонро зарур аст, ки бо кишварҳои ҷаҳони Араб равобити густурда ва мутақобилан судманд дошта бошад.

Баҳри рушди равобит дар ин самт ва баровардасозии манофеи миллӣ ва стратегӣ давлати моро мебояд якчанд иқдомотеро пиёда созад:

- Ифтитоҳи намояндагии дипломатӣ дар сатҳи сафорат ва консулгарӣ дар кишварҳои асосии мусулмонӣ.
- Таҳияи барномаи махсуси давлатии ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳони ислом.
- Густариши ҳамкориҳои бисёрҷониба дар чаҳорчӯбаи созмон ва иттиҳодияҳои сиёсӣ ва молиявии кишварҳои мусулмонӣ.
- Ба вуҷуд овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва аҳдномавии зарурӣ барои ҳамкориҳои фарогир ва густурда.

Бо шарофати амалигардонии «сиёсати дарҳои боз» Тоҷикистон фаъолиро дар раванди интегратсионӣ ба даст овард, дар ҳалли мушкилотҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, ба монанди мубориза бо ҷинояткорӣ ва терроризми байналхалқӣ, ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҳалли масъалаҳои экологӣ фаъолона иштирок менамояд. Сол то сол миқёси

ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо малакатҳои минтақа ва махсусан ҷаҳони Араб васеъ мешаванд.

Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷаҳони Араб бо ду роҳ ба вуқӯъ пайвастааст: бо роҳи устуворшавии робитаҳои дуҷониба ва пайвастан ба созмонҳои интегратсионӣ, ки дар байни онҳо мақоми аввалро Созмони Конфронси Исломӣ ишғол мекунад.

Таърихи барқароршавӣ ва устуворшавии робитаҳои Тоҷикистон бо мамолики Араб дар се марҳила сурат гирифт:

Марҳилаи аввал – шинохт ва ё муаррифии кишварҳо (солҳои 1992-1997);

Марҳилаи дувум – шаклгирии ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Араб дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва фарҳангӣ-гуманитарӣ (солҳои 1998-2002);

Марҳилаи сеюм, ки онро метавон марҳилаи гузариш ба равобити шарикона номид, аз соли 2001 ва баъдро дар бар мегирад. Рӯйдодҳои муҳимми ин марҳила ин боздидҳои расмӣ дар сатҳи роҳбарони вазоратҳо ва идораҳо, доираҳои соҳибкории ин кишварҳо мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари мусулмоннишин аст ва бештар аз 90% сокинони онро мусулмонон ташкил медиҳанд. Аз ин сабаб табиист, ки ба доштани робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ бо мамлакатҳои Араб ва ҷаҳони ислом, сарфи назар аз низомҳои сиёсии гуногун ва дараҷаи тараққиёташон, зарурат дорад. Агар аз як тараф, доштани дини ягона ва робитаҳои таърихии қадима бо мамлакатҳои мусулмоннишини дунё ва кишварҳои арабӣ боиси яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтани муносибатҳои дипломатӣ бо малактҳои Араб гардида бошад, аз тарафи дигар, мақом ва манзалати муассири ин мамлакатҳо дар пешрафти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба назар гирифта шуд. Истифода аз имкониятҳои фаровони иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ ва сармоягузории малакатҳои Араб ба рушди устувори иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабаб хоҳад шуд. Соли ҷорӣ ба барқарор намудани муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксарияти кишварҳои ҷаҳон бисту панҷ сол пур мешавад. Ҳоло ҷаҳони Араб яке аз минтақаҳои муҳимтарини геостратегии ҷаҳон аст. Дар миёнаҳои асри XX, вақте ки дар минтақа нафт кашф гардид, аҳамияти он афзуда, ба майдони рақобати давлатҳои абарқудрати ҷаҳонӣ мубаддал мешавад. Омили мазкур низ метавонад дар густариши равобити ҷонибҳо саҳм гузошта бошанд. Зеро аксари ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯҳсор буда, аз захоири табиӣ бой аст. Тоҷикистон метавонад аз таҷрибаи бойи кишварҳои арабӣ дар соҳаи истифода аз захираҳои табиӣ баҳравар гардад.

Аз барқарор шудани муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо кишварҳои Араб ду даҳсола сипарӣ мешавад. Дар ин муддат Тоҷикистон барои пойдор намудани робитаҳои ҳамаҷонибаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ пайваста саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медод ва медиҳад. Мо ифтихор дорем, ки риштаҳои гусастаи алоқаҳои таърихии халқҳои мо барқарор шуда истодаанд ва муносибатҳои кишварҳои мо ба маҷрои муназзами ҳамдигарфаҳмӣ ворид мешаванд. Кишварҳои Араб, ки бо Тоҷикистон робитаҳои дипломатӣ барқарор намудаанд, дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон бо Тоҷикистон ҳамкорӣ мекунанд ва барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии Тоҷикистон низ ҳамаҷониба кӯшиш менамоянд. Сулҳу субот барои густариши равобити ҳамаҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои Араб, имкониятхои фаровон ба миён меорад, ки бешубҳа ба манфиати халқҳои кишвари мост. Мо медонем, ки барои вусъати муносибатҳои дӯстона шинохти кишварҳои ҳамдигар, ошноӣ бо зиндагӣ, иқтисод, илму фарҳанг ва риштаҳои дигари ҳаёти мардум аз омилҳои асосӣ ба шумор мераванд.

Мамлакатҳои Араб дар доираи муаян мисли Тоҷикистон рағбат ба мустаҳкамият ва рушди ҳамкориҳои ҳамаҷонибаро доранд. Ин ба як қатор омилҳо вобаста мебошад:

- Мамлакатҳои Араб мекӯшанд мавқеи геополитикии худро дар арсаи ҷаҳонӣ, қисман ба воситаи тақвияти ҳузури иқтисодӣ ва сиёсӣ, чи дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва чи дар Тоҷикистон мустаҳкам намоянд.
- Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бойи табиӣ мебошад, (тилло, нуқра, уран, алюминий, пахта, сангҳои қиматбахо ва ғайра), ки метавонанд ҳамчун маҳсулоти ашёи хом барои инвесторони араб бошанд;
- Дар Тоҷикистон иқтидори бузурги энергетикӣ мавҷуд аст, ки ба инвесторон эҳтиёҷ дорад. Ҷаҳони Араб захираҳои калони дар худ ихтиёрдоштаро дар ин самт равона сохта, метавонад мавқеи геополитики худро на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳудуди муайяни он мустаҳкам намояд.

Бояд қайд кард, ки Ҷуҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият бо кишварҳои Араб муносибатҳои худро дар самтҳои муҳимми сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣривоҷу равнақ дод. Ҳамаи ин робитаҳо як давраи муайян -солҳои 1992-2017-ро дар бар

мегиранд. дар муддати ин солҳо Тоҷикистони соҳибистиқлол дар сиёсати хориҷӣ бо мамлакатҳои Араб дастовардҳои зиёди сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба даст овард.

Баҳри тавсифи сатҳ ва хусусияти равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Араб муносибати онро бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ баррасӣ менамоем:

**Шоҳигарии Арабистони Саудӣ** дар байни кишварои арабӣ аввалин шуда истиқлолияти **Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар таърихи 11 январи соли 1992 ба расмият шинохтааст. Аллакай дар таърихи 21 – 22 феврали ҳамон сол ҳайати расмии** Арабистони Саудӣ бо сарварии вазири корҳои хориҷии он, шоҳзода Сауд ас-Файсал ба Душанбе ташриф овард. Сафари шоҳзодаи саудӣ бо имзои Протокол дар бораи барқарор шудани равобити дипломатӣ байни ду кишвар ба анҷом расид. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ Созишномаи умумии ҳамкорӣ дар соҳаи иқтисод, тиҷорат, техникӣ, сармоягузорӣ, фарҳанг, варзиш ва корҳои ҷавонон байни ҳукуматҳои ду кишвар аз 21 майи соли 2003 ба танзим медароянд.

Дар охири асри XX равобити ду кишвар дар марҳилаи ҷустуҷӯи нуқоти баҳамоии манфиатҳо қарор дошт. Аз нигоҳи дурнамои манофеи **Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо таваҷҷуҳ ба ҳузури таърихии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави тамаддуни исломӣ, инчунин бо назардошти имкониятҳои васеи сармоягузории** Арабистони Саудӣ ва аҳамияти бузурги мақомоти ин кишвар ҳамчун нигоҳбони амокини муқаддаси дини ислом, густариш ва инкишофи муносибатҳо бо Арабистони Саудӣ ҷавобгӯи манфиатҳои **Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.**

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 537 аз 13 сентябри соли 2008 Насриддинов Салоҳиддин Асомиддинович ба ҳайси аввалин Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шоҳигарии Арабистони Саудӣ таъйин гардид. Аз моҳи ноябри соли 2014 вазифаи сафири Тоҷикистон дар ин кишварро Аъзамшо Шарифӣ ба уҳда дорад.

Дар ибтидои соли 2010 дар Душанбе Сафорати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон ифтитоҳ гардид. Оғози соли 2011 ҷаноби Бандар Муҳаммад Ҷамил ба ҳайси нахустин Сафири муқими шоҳигарӣ дар Тоҷикистон Эътимодномаи худро ба Президенти кишвар тақдим намуд. Муҳлати фаъолияти номбурда моҳи апрели 2015 ба анҷом расид.

**Ҳамкориҳои сиёсӣ.** Муносибатҳои сиёсӣ байни Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ дар сатҳи баланд қарор дошта, пайваста таҳким меёбанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 2 маротиба (солҳои 1997 ва 2001) аз Шоҳигарии Арабистони Саудӣ боздиди расмӣ ба амал оварда, 5-8 декабри соли 2005 бошад, ҷиҳати иштирок дар мулоқоти фавқулодаи сарони давлатҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ ба шаҳри Макка сафар кард. Ҳамчунин чандин мулоқоти Президент Эмомалӣ Раҳмон бо Абдуллоҳ ибни Абдулазиз оли Сауд (ба ҳайси Валиаҳди Саудӣ) дар ҳошияи мулоқоти сарони кишварҳои аъзои Созмони Конфронси Исломӣ (солҳои 1994, 1997, 2000, 2003, 2005) ва дар ҳошияи иҷлосияи СММ (соли 2005) сурат гирифтааст [8, с. 84]. Дар рафти ин сафарҳо мулоқоту музокироти Сарвари Тоҷикистон бо Подшоҳ ва Валиаҳди Арабистони Саудӣ, ҳамчунин дигар шахсони воломақоми ин кишвар доир гардиданд, ки барои такони тоза бахшидан ба муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ин мамлакат заминаи мусоид фароҳам оварданд.

**Заминаҳои шартномавӣ-ҳуқуқӣ.** Заминаи ҳуқуқии муносибатҳои Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудиро санадҳои зерин ташкил медиҳанд:

- Созишномаи умумии ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, техника, фарҳанг, варзиш ва корҳои ҷавонон (байни ҳукуматҳои ду кишвар 21 май соли 2003 ба имзо расидааст).
- Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя (13 майи 2014 дар Риёз ба имзо расидааст).
- Ёддошти тафоҳум дар бораи ройзаниҳои дуҷонибаи сиёсӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ (31 марти 2014 зимни сафари расмии Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шоҳигарӣ ба имзо расид).
- Протоколи ҷаласаи нахустини Комиссияи байниҳукуматии муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмию техникӣ.

Айни ҳол лоиҳаҳои якчанд санадҳои дигари дуҷониба мавриди баррасии тарафҳо қарор доранд.

**Табодули сафарҳо.** 21-22 феврали соли 1992 - сафари расмии Вазири корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ шоҳзода Сауд ал-Файсал ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Аз 30 июн то 3 июли соли 1997 нахустин сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба ин кишвар доир гардид. 1 июл дар қароргоҳи тобистонаи шоҳ дар шаҳри Ҷидда мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо подшоҳи Арабистони Саудӣ Фаҳд ибни Абдулазиз барпо шуд. Зимни ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри шукргузорӣ аз сулҳи тоҷикон суннати муаккадаи умраро ба ҷо овард. Яке аз натиҷаҳои сафар аз он иборат буд, ки Бонки Исломии Рушд ба Тоҷикистон баҳри пешрафти соҳаи тандурустӣ ва маориф 16,7 миллион доллари ИМА қарзи бефоиз ҷудо намуд. Дар давоми соли мазкур бо сафорати Арабистони Саудӣ дар Москав муоширати дипломатӣ дар масъалаи ташкил ва таъмин намудани маросими ҳаҷ кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойҳои муқаддаси исломӣ дар Макка мунтазам нигоҳ дошта мешавад [3, с. 64].

Дар соли 1998 Президенти Бонки Исломии Рушд Муҳаммад Алӣ ва як қатор намояндагони Шохигарии Арабистони Саудӣ ба Тоҷикистон ташриф оварданд [6, с. 98]. Дар рафти боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар гуфтугӯ ба мақсади имзои Шартномаи Генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оиди ҳамкорӣ дар соҳаҳои дипломатӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, маблағгузории техникӣ, фарҳангӣ, варзиш ва оиди кор бо ҷавонон ва якчанд дигар шартномаҳои дуҷониба ба имзо расиданд.

Аз таърихи 8-10 декабри соли 2001 боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Шоҳигарии Арабистони Саудӣ;

21 майи соли 2003 - сафари расмии муовини аввали Вазири корҳои хориҷии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Низор ибни Убайди Маданӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон;

5-8 декабри соли 2005 - сафари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Макка ҷиҳати иштирок дар нишасти ғайринавбатии сарони давлатҳои аъзои Созмони Ҳамкории Исломӣ;

5 – 7 ва 11 – 13 январи соли 2009 ҳайати Арабистони Саудӣ бо намояндагони Вазорати маълумоти олӣ, муассисаи генералӣ оид ба саёҳат ва осори таърихӣ, инчунин ҳайати дигари ҳукуматии Арабистони Саудӣ аз Душанбе ташрифи корӣ ба амал овардаанд. Мақсади боздидҳои мазкур аз омӯхтани имкониятҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳамкорӣ иборат буд [8, с. 85].

19 майи соли 2009 - сафари собиқ Вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ;

31 октябр - аввали ноябри соли 2010 - сафари муовини вазири корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ амир Холид ибни Сауд ба Тоҷикистон;

8-10 сентябри соли 2011 – ташрифи вазири давлатӣ ва узви Шӯрои вазирони Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ҷаноби Сауд ибни Саид ал-Матҳамӣ ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои ҷашнӣ бахшида ба 20-умин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

6-8 майи соли 2012 сафари вазири авқоф ва корҳои исломии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ доктор Абдулазиз ал-Аммор ба Тоҷикистон;

28-29 марти соли 2013 – сафари муовини аввали вазири корҳои хориҷии Арабистони Саудӣ шоҳзода Абдулазиз ибни Абдуллоҳ Оли Сауд ҷиҳати иштирок дар нишасти ёздаҳуми вазирони корҳои хориҷии Муколамаи ҳамкории Осиё. Дар ҳошияи чорабинӣ номбурда аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба ҳузур пазируфта шуд;

30 март - 1 апрели 2014 сафари расмии вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Аслов ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ;

25 январи 2015 – сафари кории муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим ба Шоҳигарии Арабистони Саудӣ;

9-11 июни 2015 – сафари ҳайати саудӣ бо роҳбарии муовини вазири обу барқи ин кишвар доктор Муҳаммад ас-Сауд ҷиҳати иштирок дар кори Конфронси байналмилалии сатҳи баланд роҷеъ ба натиҷаҳои татбиқи даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт".

**Ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ.** Сатҳи робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ бо вуҷуди имкониятҳои зиёд ҷавобгӯи муносибатҳои сиёсии ду кишвар намебошад. Ҳаҷми мубодилаи мол байни ду кишвар дар давоми соли 2014 ҳамагӣ ба 588 ҳазор доллари ИМА расидааст.

Фонди саудӣ оид ба рушд аз ҷумлаи созмонҳои молиявии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ мебошад, ки дар маблағгузории татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории Тоҷикистон саҳмгузор мебошад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фонди Рушди Саудӣ аз соли 2002

ҳамкорӣ намуда, то имрӯз 7 созишномаи қарзӣ ҳамаги ба маблағи 220,122 млн риёли саудӣ расонидааст, ки онҳо асосан барои рушди соҳаи маориф, тандурустӣ ва сохтмони роҳҳо равона карда шудаанд.

Механизми муҳимми ҳамкорӣ байни ду кишвар Комиссияи байниҳукуматии муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Арабистони Саудӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва илмию техникӣ мебошад, ки иҷлосияи нахустини он моҳи августи 2013 дар Душанбе баргузор гардид ва дар фароварди он Протоколи умумии ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни ҷонибҳо ба имзо расид.

**Ҳамкориҳои байналмилалӣ.** Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар сатҳи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла СММ ва СҲИ робитаҳои қавӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон номзадии Арабистони Саудиро барои узвият дар Шӯрои амнияти СММ барои солҳои 2014-2015 ва Шӯрои ҳуқуқи инсонӣ СММ барои солҳои 2014-2016 мавриди дастгирӣ қарор додааст.

Аз ин бармеояд, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳони Араб дар назди даъвати қатъӣ ва муҳимми амнияти миллии худ, ки тавонои на танҳо тағйир додани муносибатҳои ташаккулёфтаи миёни онҳо баъди барҳамхӯрии ҷаҳони дуқутба, балки бунёди асосҳои нави ҳамкориҳои муваффақона дар соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодиро фароҳамоваранда истодаанд. Омилҳои муҳимми муайянкунандаи имкониятҳои фаъолият дар самти ҳалли ин масъала, аз як тараф, ин натиҷаи раванди мустаҳкамгардонии давлатдории тоҷик дар асоси арзишҳои ҷоришудаи демократӣ, аз тарафи дигар аллакай дар нимаи аввали солҳои 90-уми асри гузашта оғозшудаи таҳаввулоти демократишавии ҷомеаи Араб мебошад. Бешубҳа сохти тартиботи босифати ҷаҳони муосир метавонад ба фаъолгардонии ин имкониятҳо мусоидат намояд. Бо вуҷуди ин, рушди ҷаҳон баъди 11 сентябри соли 2001 мавқеи зиёди умумии ин мамлакатҳоро аз рӯйи масъалаҳои бунёди тартиботи нави ҷаҳонӣ ошкор намуд. Имрӯз чи барои Тоҷикистон ва чи барои мамлакатҳои Араб дар мадди аввал воситаҳои ташаккули ҷонибҳо муҳиманд. Дар қатори ин воситаҳо мавқеи муҳимро Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он, Созмони Конфронси Исломӣ ишғол менамояд, ки ҳамчун форуми реалӣ масъалаҳои муҳимми дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи инсонӣ қарордошта ва дар мадди аввал масъалаи муқовимат бо терроризми байналхалқиро ҳал менамояд.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон бояд, ҳамкориҳои худро бо ҷаҳони Араб мустаҳкам ва рушд намояд, чунки ин ба манфиатҳои миллии давлат ҷавобгӯ мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Саидов З. Политика открытых дверей. Воситаи таълимӣ / З. Саидов. - Душанбе, 2003. – 250 с.
2. Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене. Воситаи таълимӣ / З. Саидов. С. Абдуназар. – Душанбе: Авесто, 2005. – 432 с.
3. Зоҳидӣ Н. 25 қадам дар паҳнои олам. Воситаи таълимӣ / Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.
4. Назаров Л. Республика Таджикистан: история, годы независимости (хроника событий) / Л. Назаров. И. Сатторов. – Душанбе, 2002. – 303с.
5. Фаттоев С. Эмомали Рахмонов: Наша цель – единство, согласие, созидание. Учебное пособие / С. Фаттоев. - Душанбе, 2000. – 98с.
6. Таърихи муносибатҳои байнахалқӣ ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2010. - 257с.
7. Ҳ. Зарифӣ. Дипломатияи Тоҷикистон дирӯз ва имрӯз. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 296 с.
8. Ҳ. Зарифӣ. Саҳифаи нави дипломатики тоҷик. Китоби дарсӣ / Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, А. Атоев, Х. Сафаров. - Душанбе: Ирфон, 2013. –160 с.
9. Зарифӣ Ҳ. Эмомалӣ Раҳмон бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров. – Душанбе, 2012. – 272 с.
10. Эмомалӣ Рахмон. Тоҷикистон дар арафаи асри 21- Душанбе, -270с.
11. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиё ва Африка [захираи электронӣ] http://mfa.tj/?l=tj&cat=91&art=149 (санаи истифодабарӣ: 8.04.2018) .
12. Сафарҳои хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакатҳои Араб [захираи электронӣ] http://www.president.tj/taxonomy/term/5/64?page=1 (санаи истифодабарӣ: 26.03.2018) .


## АЗ ТАЪРИХИ БАРҚАРОРШАВИИ МУНОСИБАТҲОИ ДИПЛОМАТИИ ТОҶИКИСТОН БО МАМЛАКАТҲОИ АРАБ


Мақолаи мазкур ба таърихи барқароршавии муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳони Араб бахшида шуда, муаллиф дар мақола оиди равобити хориҷии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо мамлакатҳои ҷаҳони Араб ибрози ақида намудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки воқеан дар солҳои аввали истиқлолият Тоҷикистон бо мушкилотҳои сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ рӯ бу рӯ гашт, ки барои бартараф намудани онҳо ва ҳарҷи зудтар баланд бардоштани вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат маҷбур буд равобити дипломатӣ бо мамлакатҳои хориҷ барқарор намояд. Ҳамкорӣ бо тамаддунҳои исломӣ метавонад ба пешгирии тамоюлҳои харобиовари бархӯрди тамаддунҳо ва тадбиқи раванди гуфтугӯи созандаи тамаддунҳо ва фарҳангҳо таҳким бахшад. Бо назардошти ин ҳақиқати таърихӣ кишварҳои мусулмон ва созмонҳои гуногуни байналмилалии исломӣ, қабл аз ҳама, Созмони Конфронси Исломӣ кӯшиш ба он доранд,

ки дар ин марҳалаи нозук ва ҳассос барои таъмини шароити мусоиди ҳамкорӣ, пешрафти иқтисодӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардум, ҳифзи эътибор ва симои воқеии ислом, пешгирии рӯҳияи зидди ислом ва мусулмонон, таблиғ ва ташвиқи фарҳанги сулҳ иқдомоти зарурирo амалӣ намояд. Аз ин рӯ Тоҷикистонро зарур аст, ки бо кишварҳои ҷаҳони Араб равобити густурда ва мутақобилан судманд дошта бошад. Дар ин замина Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатии худро бо мамлакатҳои Араб аз солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият дар сатҳи дуҷонибаю бисёрҷониба барқарор намуда, сол то сол тақвият бахшидааст. Тоҷикистон, ки аз ҷиҳати захираҳои табиӣ бой ва дорои иқтидори бузурги энергетикӣ мебошад, бинобар ин эҳтиёҷ ба инвесторони калон дорад ва мамлакатҳои Араб метавонанд захираҳои калони дар ихтиёри худ доштаро дар ин самт равона намуда, мавқеи геополитикии худро чи дар Осиёи Миёна ва чи дар Тоҷикистон мустаҳкам намоянд. Инчунин, муаллифон дар мақола ҳамкориҳои сиёсӣ, заминаҳои шартномавӣ-ҳуқуқӣ, табодули сафарҳо, ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва байналмилалии Тоҷикистонро бо яке аз давлатҳои ҷаҳони Араб- Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ба таври мисол нишон додаанд.

**Калидвожаҳо:** дипломатия, ҳамкорӣ, ҷаҳони Араб, сиесати хориҷӣ, тамаддуни исломӣ, сиёсати дарҳои боз, инвестор, давлат, иқтисодиёт

## ИЗ ИСТОРИИ СТАНОВЛЕНИЯ ДИПЛОМАТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА С АРАБСКИМИ СТРАНАМИ

Посвящая данную статью истории становления дипломатических отношений Таджикистана со странами арабского мира, авторы делают акцент на внешнюю политику Таджикистана и взаимоотношения с Арабскими странами после приобретения независимости. Авторы отмечают, что действительно Таджикистан в начале приобретения независимости столкнулся с политическими, экономическими и социальными проблемами, для устранения которых и повышения жизненного уровня населения, государству необходимо было установить дипломатические отношения с иностранными государствами. Сотрудничество со странами исламской культуры может устранить разрушительные столкновения цивилизаций и способствовать созидательному процессу культурных и цивилизационных переговоров. Учитывая эту историческую истину, мусульманские страны и разные международные исламские организации, прежде всего, Организация исламского сотрудничества, стараются обеспечивать: сотрудничество в благоприятных условиях; развитие экономики и повышение жизненного уровня населения; сохранение доверия и истинного исламского облика; профилактикӯ противоисламских и противомусульманских явлений; проповедование и внушение мира и согласия. Поэтому Таджикистану необходимо иметь расширенное взаимовыгодное сотрудничество со странами арабского мира. На этой основе Таджикистан устанавливал свои дипломатические отношения с арабскими странами с раннх лет приобретения независимости и улучшает их год за годом. Таджикистан очень богат природными запасами и огромным гидроэнергетическим потенциалом, которые нуждаются в инвестировании, а арабские страны, вкладывая огромные ресурсы, имеющиеся в своем распоряжении, в эту отрасль, смогут укрепить свои геополитические позиции не только в Таджикистане, но и в регионе Центральной Азии. Также автоыр в статье показывают политическое сотрудничество, основу договорно-правового оформления, обмен визитов, торгово-экономическое и международное сотрудничество Таджикистна с одной из стран арабского мира -Королевством Саудовской Авравии, в качестве примера.

**Ключевые слова:** дипломатия, сотрудничество, арабский мир, внешняя политика, исламская цивилизация, политика открытых дверей, инвестор, государство, экономика

## HISTORY OF THE FORMATION OF DIPLOMATIC RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND THE ARAB COUNTRIES

This article devoted to the history of the establishment of diplomatic relations with the countries of Arab world, the author tells about foreign policy of Tajikistan's after gaining independence by the Arab countries. The author points out that at the beginning of independence, Tajikistan faced political, economic and social problems and elimination these problems, and the earlier the people's standard of living improved, it was necessary to establish diplomatic relations with the state of foreign states. Cooperation with the countries of Islamic culture can eliminate destructive propensities of civilizations and contribute to the creative process of cultural and civilizational negotiations. Given this historical truth, Muslim countries and various international Islamic organizations, primarily the Organization of Islamic Cooperation, are trying to ensure cooperation during this sensitive period in favorable conditions, economic development and raising living standards, maintaining trust and genuine Islamic appearance, preventing anti-Islamic and anti-Muslim phenomena, preaching and establishing peace and harmony. Therefore, Tajikistan needs to expand mutually beneficial cooperation with the countries of the Arab world. On this basis, Tajikistan has established its diplomatic relations with the Arab countries since the early years of gaining independence, improving them year after year. Tajikistan is very rich in natural resources and huge hydropower potential, which need investments, and the Arab countries, investing huge resources in this industry, available at their disposal, will be able to strengthen their geopolitical positions not only in Tajikistan but also in the Central Asian region. And also the author in the article shows the political cooperation, on the basis of contractual registration, the exchange of visits, trade-economic and international cooperation of Tajikistan with one of the countries of the Arab world, and the Kingdom of Saidovka Avravia as an example.

**Keywords:** diplomacy, cooperation, Arab world, foreign policy, Islamic civilization, open door policy, investor, state, economy

**Сведения об авторах:** ***Муродова Г.*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки. кандидат политических наук, доцент, заведующая кафедрой истории, права и международных отношений. **Адрес:** Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С.Сафарова 16.

***Камолов Шодмонджон Валихонович*** - Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, магистрант факультета истории, право и международных отношений. *Адрес:* Республика Таджикистан, г. Куляб ул. С.Сафарова 16. Телефон: **904101417** E-mail:**Shk_filosof@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Murodova G.*** - Kulob State University named after A.Rudaki. candidate of political sciences, associate professor, head of the department of history, law and international relations. **Address**: Republic of Tajikistan, Kulyab, ul. S.Safarov 16
***Kamolov Shodmondjon Valikhonovich*** - master student of the 2-year course of the Faculty of History, Law and International Relations, Kulob State University named after A.Rudaki. **Adress:** Kulyab st. S.Safarov 16. Tel: **904101417**
E-mail:**Shk_filosof@mail.ru**

УДК: 327тоҷик+339.9+341+9тоҷик+33(575.0)

## ОИД БА ЗАМИНАҲО ВА ҲАДАФҲОИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗИИ ПАСОШӮРАВӢ

*Темуров Ф. С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Натиҷаҳои пажӯҳишҳои то имрӯз баанҷомрасида ба он водор месозанд, ки муаммои омӯхташавандаро аз мавқеи решаи амиқи иҷтимоию иқтисодӣ дошта арзёбӣ намоем, ки он дар сиёсати байналмилалии давлати Тоҷикистон мақоми хоссаро ишғол менамояд. Аз ҷумла, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар посух ба суолҳои сармуҳаррирони моҳномаи “Центрально– азиатские новости” П. Жюук ва А. Эргашев барҳақ гуфтааст: “Сарнавишти фоҷианоки мардуми Осиёи Марказӣ дар он ифода меёбад, ки халқҳои минтақа тақрибан ягон вақт барои то охир истифода бурдани натиҷаҳои тараққиёти сиёсӣ ва иқтисодии замони худ имконият надоштаанд. Осиёи Марказӣ ҳамеша баробари ба сари ҳокимият омадани ин ё он сохти сиёсӣ ва иқтисодӣ ба майдони мубориза барои нуфузи қувваҳои дохилӣ ва хориҷӣ табдил меёфт” [1].

Ин аст, ки мавзӯи ҳамгироии давлатҳои нави соҳибхтиёри Осиёи Марказӣ барои ҳар яке аз онҳо хеле мубрам мебошад. Такя ба суннатҳои иҷтимоӣ– фарҳангӣ ва динӣ, сатҳи фарҳанги зеҳнию сиёсӣ, рукнҳои шаклгирифтаи қудрати сиёсӣ ва робитаҳои сиёсии хориҷӣ, элитаҳои сиёсии ин давлатҳо талоши онро доранд, ки роҳу шеваҳои наздикшавиро бо иттиҳодияҳои аллакай мавҷудаи байнидавлатӣ пайдо намуда, дар ҳайати онон ҷойгоҳи барои мардуми хеш лоиқу сазоворро соҳиб гарданд. Ин фароянд одӣ нест, зеро ба он вижагиҳои миллӣ ва умумиминтақавии ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ, инчунин давлатҳои ҳамсоя ва фарҳангҳои сиёсии ҳамгун асаргузор мебошанд. Маҳз дар даҳсолаи охир манфиатдории кишварҳои мухталифи Шарқу Ғарб ба тавсеаи ҳузуру ширкати худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар арсаҳои муҳимтарини низоми робитаҳои байналмилалӣ ба таври хеле фаъол ба зуҳур омад.

Ҳамзамон, фаъолшавии таъсири идеологӣ ба аҳолию давлатҳои мамолики Осиёи Марказӣ сурат мепазирад. Неруҳои мухталифи сиёсӣ ҳадафҳои гуногунро пеша намуда, талош бар он доранд, ки ба раванди шаклгирии давлатҳои нави соҳибистиқлол асари хешро гузоранд. Дар миёни онҳо неруҳои тундгарою террористӣ низ ҳастанд. Ҳоли ҳозир дар ҳудуди минтақа созмонҳои гуногуни ҳамгироӣ амал мекунанд, ки вазифаҳояшон дар бисёр мавридҳо такрори якдигар мебошанд. Фаъолнокии ин созмонҳо ҷаҳишмонанд асту сохторашон мураккаб, бинобар ин баррасии илмии вазъи кунунии чунин ташкилотҳо, ҷойгоҳи онҳо дар маҷмӯи тамоюлоти сиёсии хориҷии кишварҳои минтақа ва масъалаи такроршавии манофею вазифаҳояшон комилан зарур аст. Идома ёфтани пажӯҳиши ҳамгироии минтақавӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба чанд сабаб ҷоиз мебошад:

**Аввалан,** дар як қатор кишварҳои минтақа равандҳои иҷтимоӣ– сиёсии номатлуб ба мушоҳида мерасанд, ки ба суботи режимҳои сиёсии онҳо таҳдиду хатар эҷод карда метавонанд.

**Дувум,** тавре амалия собит намуд, аксари масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ– иқтисодӣ наметавонанд бомуваффақият ва зуд ҳаллу фасл шаванд, агар ба ин хотир кишварҳои минтақа ба танҳоиву алоҳидагӣ талош варзанд.

**Савум,** то ҳол баъзе робитаҳои дохилиминтақавии хоҷагию иқтисодӣ ва сиёсии қаблан шаклгирифта ҳаллу фасл мешаванд, агар ба ин хотир кишварҳои минтақа ба танҳоиву алоҳидагӣ талош варзанд.

**Чаҳорум,** то ҳол баъзе робитаҳои дохилиминтақавии хоҷагию иқтисодӣ ва сиёсии қаблан шаклгирифта боқӣ мондаанд, ки бо омили ҳамгунии осори фарҳангию мазҳабӣ ва ҳамсонии типологии фарҳангӣ– сиёсӣ таҳким меёбанд. Аҳамияти ин падида дар иртибот бо болоравии худшиносии миллии мардумони Осиёи Марказӣ, ки ҳарчи бештар ба як минтақаи том мутааллиқ будани худро қадру дарк менамоянд, рӯ ба афзоиш мебошад.

**Панҷум,** возеҳ аст, ки дар сурати дар алоҳидагӣ ба хотири пайдо кардани ҷойгоҳи лоиқу муносиб дар ҷомеаи ҷаҳонӣ талош кардан, ҳар як давлати минтақа бо мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ мегардад. Ҳол он ки онҳо комилан ҳалпазиранд, агар кишварҳои минтақа саъю кӯшиши худро дар миқёси минтақа муттаҳид созанд.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ бисёр кишварҳои минтақа на фақат ҳамкории байниҳамдигариро идома доданд, балки робитаҳояшонро бо кишварҳои дигари хориҷаи наздик ва мамолики дур густариш бахшиданд. Майлу маҳорати давлатҳои хурди минтақа дар мавриди созгорӣ бо давлатҳои абарқудрат ва бозиашон дар заминаи ихтилофоти геосиёсиашон ба хотири гирифтани ҳадди аксари фоидаи сиёсию молиявӣ аз муносибот бо ҳар яке аз онҳо ҳамчун падидаи “сиёсати бисёрсамтаи давлатҳои Осиёи Марказӣ” маъмулу номдор гаштанд. Тавре пажӯҳишгарон мегӯянд, худи истилоҳи “бисёрсамтӣ” ҳанӯз дар рӯзҳои аввали пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ бори аввал вирди забони сиёсатмадорони Қазоқистон буд ва баъдан онро элитаҳои сиёсии дигар кишварҳои пасошӯравӣ қобили қабул дониста, дар амалияи давлатӣ татбиқ сохтанд. Дар ибтидои давраи пасошӯравӣ дар воқеъ усули бисёрсамтаи сиёсати хориҷӣ зарурати иҷборӣ буд, зеро кишварҳои минтақа ба шарикони тавоно ниёз доштанд. Тайи чоряк аср давлатҳои Осиёи Марказӣ бо бозигарони соҳибқудрати асосӣ дар минтақа робитаҳои гуногунҷабҳа ва комбинатсияҳои мароқовари геосиёсиро эҷод карданд. Бархе аз шореҳон ин падидаро чун кирдори мантиқан дурандешона маънидод мекунанд, дигарон онро чун “хизматгорӣ ба ду– се хоҷа” арзёбӣ менамоянд. Вале бисёре аз коршиносон пайомадҳои манфӣ, харобиовари онро бар иллати ҳарчи бештар афзоиш ёфтани шиддати рақобати геосиёсии давлатҳои бузург– Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Россия, Чин ва Иттиҳоди Аврупо пешгӯӣ менамоянд. Ҳамин тариқ, ба кишварҳои хурд дер ё зуд лозим меояд, ки самти муайянеро интихоб намоянд ва ҳамгироии минтақавӣ яке аз роҳҳои имконпазири ҳалли ин қазия буда метавонад.

Бар замми тамоил (ба таври васеъ муҳокимашаванда) ба ҳамгироӣ дар асоси робитаҳою умумиятҳои таърихӣ ва фарҳангӣ мавҷудияти масъалаҳои ҳалталаб дар арсаи амният ва зарурати объективии ҳамкориҳои зичи иқтисодӣ далелу бухрони қотее мебошанд ба ҷонибдории муттаҳидии кишварҳои Осиёи Марказӣ. Илова бар ин, рушди равандҳои ҳамгироӣ дар фазои фарохтар– фазои пасошӯравӣ– мавриди баррасию тадбирҷӯийист. Арзи вуҷуд кардани Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар асnои пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, минбаъд тағйир ёфтани нақши Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар минтақа, бунёди Созмони Ҳамкории Шанхай, таъсиси Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Гумрукӣ, Ҷомеаи Иқтисодии АвруОсиё ва мубаддал гаштани он ба Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё аз динамикаи назарраси ҳамгироии дорои самтнокии авруосиёӣ дар минтақа башорат медиҳанд. Дарҳол баъд аз дезинтегратсияи Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои минтақа саъю талош кардаанд, то бо ҳам муттаҳид шаванд, вале набудани ризоияти умум ва дидгоҳи яксон (консенсус) оид ба бисёр масъалаҳои ҳаётан муҳим ба ин кӯшишҳо масири дигар бахшиданд. Мавриди тазаккур аст, ки лоиҳаҳои ҳамгироии самташон дигар – олами ислом, кишварҳои Ғарб вуҷуд доранд, аммо фақат дар масири ҳамгироии АвруОсиё натиҷаҳои муайян ба бор омадаанд. Раванди ҳамгироӣ дар минтақа ба мушкилоту бадалшавиҳои муайян мувоҷеҳ гаштааст, ки дар ин бора ибтикороти амалинашудаи ҳамгироӣ ва набудани натиҷаҳои

барьало гувоҳӣ медиҳанд. Дар тадқиқоти олимони Тоҷикистон силсилаи проблемаву мушкилот, аз ҷумла рақобату муборизаи ниҳонӣ барои сарварӣ дар минтақа, ихтилофи назари кишварҳои шомили минтақа оид ба масъалаи истифодаи захираҳои обу энергетика, чолишҳои амниятӣ исломишавии радикалӣ, терроризм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир – мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд [2]. Лозим ба зикр аст, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ мушкилоту масъалаҳои ҳалталаб сершуморанд, аз масъалаи истифодаи об ва баҳсҳои сарҳадӣ сар карда, то таҳдиду хатарҳои арсаи амнияту субот. Решаи ин проблемаҳоро дар таърихи муштараки шӯравии кишварҳои минтақа бояд ҷуст ва ин масъалаҳои ҳалталаб ба ҳамаи мамлакатҳои минтақа дахл доранд. Агар бо шеваи бадеӣ ибрози назар кунем, пас метавон гуфт: кишварҳои минтақа бародарони саркашу мағрурero мемонанд, ки бар иллати дилозориҳои замони гузашта наметавонанд якҷо шуда, масъалаҳои ногузири муштаракро ҳаллу фасл намоянд. Вале ин ҳолат проблемаҳои мавҷударо бартараф намекунад, баръакс, онҳо ташаннуҷ ёфта, қодиранд ба пайомадҳои сангинтар боис шаванд. Ва агар давлатҳо байни ҳамдигар ба ифоқа омада натавонанд, пас бигузор мушкилот ба ҳукми тамоми минтақа гузошта шавад. Дар чаҳорчӯбаи чунин сохторҳои байнидавлатӣ, ба монанди Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Иттиҳоди Иқтисодии АвруОсиё, алъон маҳз ҳамин фароянд сурат мепазирад. Ҳамгироиро ғояи татбиқнашаванда хонда, бисёр андешамандон минтақаро аз яке аз имкониятҳои ҳалли мушкилоти ҷамъшуда бо шеваи созандаю конструктивӣ маҳруму бенасиб месозанд.

Аз он ёдовар бояд шуд, ки ҳамгироӣ ширкати комили ҳар кишвари дахлдор буда, онҳоро на фақат соҳибҳуқуқ, балки вазифадору уҳдадор мегардонад, ки ба ақидаи бисёр коршиносон, ин матлаб ғояи ҳамгироиро камҷаззоб месозад. Зеро дар сурати роҳандозии ҳамгироӣ ва ширкати воқеӣ дар ин фароянд кишварҳо бояд на интизор бошанд, балки маблағгузорӣ кунанд, масъалаву мушкилотро дар мавриди ҳаллу фасли воқеӣ қарор диҳанд. Илова бар ин, дар чаҳорчӯбаи ҳамгироӣ саҳву камбудии як кишвар ба вазъи тамоми минтақа бетаъсир нахоҳад буд. Бисёриҳо имрӯз Иттиҳоди заволёфтаи Шӯравиро бо эҳсоси ҳасрат ёд мекунанд. Ин иттиҳод ба Осиёи Марказӣ бисёр неъматҳои хубу судовар дод, минтақаро ба гӯшаи ободи дунё табдил дод, ба кишварҳои шомили он роҳро ба мақоми соҳибистиқлолӣ боз намуд. Бисёр дастовардҳои ҷамоҳири соҳибистиқлоли Осиёи Марказӣ нахустасоси шӯравӣ доранд. Вале дар аҳди шӯравӣ низ камбудиҳову тазодҳо буданд - бисёр халқҳо то ҳол шикоят аз он доранд, ки он замон нисбат ба суннатҳо, забони миллӣ ва арзишҳои фарҳангиашон беэътиноии дағал зоҳир мегардид. Ҳоли ҳозир бошад, ҳамаи ин рукнҳои миллӣ ва худи ҳувияти миллӣ дар ҳоли рушду эҳё мебошанд.

Аз ин рӯ, ба хотири таҳкими лоиҳаҳои мавҷудаи ҳамгироӣ эҷоди маҷмӯи асосҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва ширкати комилҳуқуқи ҳар яке аз давлатҳои аъзо зарур мебошанд. Дар олами рушдёбанда барои созмонҳои минтақавӣ нисбат ба дидгоҳи функсионалӣ ғояву ақидаҳои нормативӣ– меъёрӣ аҳамияти бештарро моликанд. Яъне, аз сароғоз сохтори созмонҳои минтақавӣ бар асоси дидгоҳи умумӣ оид ба масоили соҳибихтиёрӣ, бақодории низомҳои сиёсӣ, адами мудохила ба корҳои миллии ин ё он давлат муайян мегардад ва на аз рӯйи зарурати ҳаллу фасли муштараки проблемаҳои умумӣ. Гузашта аз ин, эҳсоси нобоварии байни роҳбарияту элитаҳои кишварҳои минтақа бояд рафъ карда шавад, ки ин матлаб фақат дар сурати муколамаи мунтазами созандаи ҷонибҳои иштирокдор имконпазир аст. Дурнамои минтақаи Осиёи Марказӣ аз бисёр ҷиҳат аз ҳамкории давлатҳои шомили он бо акторҳои байналмилалӣ, ки дар фазои пасошӯравӣ ва берун аз он мавҷуданд, сахт вобастагӣ дорад.

Чунин ақидае низ вуҷуд дорад, ки дар Осиёи Марказӣ имрӯз ҳам раванди ҳамгироии давлатҳо сурат мепазирад. Зуд – зуд дар суханрониҳои сарварони давлатҳои минтақа мафҳумҳои "ҳамгироӣ дар минтақа", "раванди ҳамгироӣ" ва ғайра садо медиҳанду зикр карда мешаванд. Бо назардошти омилҳои берунӣ ва дохилии рушди минтақа, метавон хулоса кард, ки мулоҳизаҳо дар бораи рушди ҳамгироӣ дар минтақа маҳсули муболиға мебошанд ва

ягон пояи боъэтимоде надоранд. Роҷеъ ба ҳамгирой наметавон амалан сухан ронд, зеро алҳол ниёз ба ҳамкории минтақавӣ вуҷуд дорад, вале он фақат дар рӯйи қоғазу дар сатҳи матраҳи консепсияҳо қонеъ мегардаду халос.

«образованность» вне веры, чести и совести создает не национальную культуру, а разврат пошлой цивилизации» [12].

Надо заметить, что если образование не даёт человеку нравственного воспитания и зиждется только на научном воспитании, тогда можно подтвердить слова И.А. Ильина. Но в противном случае, образование считается самым необходимым компонентом общества и вне образования общество теряет своё достоинство. Носир Хусрав и Джалолуддин Руми ещё в своё время, понимая неотделимость нравственного и интеллектуального преобразования человека, объединили их под одним названием «воспитание». Следовательно, в воспитательную систему названных философов входит не только этическое воспитание человека, но и научное. Обосновывается эта идея таким образом, что человеческий разум нуждается в воспитании, без которого разум превращается в античеловеческую силу:

*Ҳарчанд раҳмат аст хирад бар ту аз Худой,*
*Бо ҳар ки бад кунад ба хирад ҳам хирад балост* [4, с. 134].
*(Хотя и разум божественная милость к тебе,*
*Но тот, кто вредит разуму, тому разум станет врагом).*

То есть, по мнению Носира Хусрава, если не воспитывать разум, то его деятельность наносит вред как индивиду, так и обществу.

Руми также, как и Носир Хусрав, воспитание для разума считает необходимым:

*Сблизь свой ум с совершенным разумом,*
*чтобы отвернулся ум твой от этой дурной привычки.*
*Когда ты вложишь свою ладонь в его руку,*
*Освободишься от рук, поедающих (тебя)* [11, с. 60].

Известно, что в исламском шариате воспитание имеет принудительный характер, изучающий или за страх перед учителем, либо за спасение или вознаграждение в потустороннем мире, весь груз изучения берет на себя. Однако, Носир Хусрав и Руми предлагают воспитательную идею, в которой отсутствуют насилие и страх. Согласно их точки зрения, в воспитании, интеллектуальном или моральном, индивид, или объект воспитательного процесса, является свободным. Наставник только может показать правильную дорогу, но реализация результатов воспитания зависит от каждого индивида. Всё в этом процессе зависит от него самого, так как, по мнению Носира Хусрава:

*Гарчи Яздон офаринад модару пистону шир,*
*Кўдаконро шири модар худ њамебояд макид* [4, с. 211].
*(Если Бог сотворит мамину грудь и молоко,*
*Младенец должен сам всасывать молоко матери).*

Руми занимает такую же позицию, то есть, он тоже считает, что воспитание должно быть без принудительных мер и по желанию объекта воспитательного процесса:

*Эта речь есть молоко в сосках души:*
*без всасывающего/доящего/ оно приятно/ладно/ не станет текущим.*
*Когда слушатель жаждущим и ищущим станет,*
*наставник, будь он [даже] мертв, говорящим станет* [10, с. 173].

Цель воспитания, с точки зрения Носир Хусрава и Джалолуддина Руми, можно разделить на следующее:

1. Самопознание (психологическое). Человек, не познавая себя, не может управлять собой и его научное познание тоже станет несовершенным. Таким образом, самопознание является первой ступенью к вершинам человеческого совершенствования. Человеческая душа, по мнению обоих мыслителей, состоит из разумной силы, страстной и гневной. Задача человека состоит в том, чтобы он, прежде всего, познал, какая из этих сил господствует над его внутренним мирам, и чтобы с помощью разумной силы он завоевал свой духовный мир, а страстная и гневная силы должны действовать под влиянием разума.

2. Управление собой (моральное). Завоевание внутреннего мира и самоуправление является действием постоянным. Если человек останется в неведении, то все его старания останутся напрасными. Поэтому борьба и самоуправление являются постоянными и перманентными действиями познающего индивида.

3. Познание окружающего мира (интеллектуальное). Не познавая творение, невозможно познать Творца. Исходя из этого, обоими мыслителям приводится пророческий хадис:«Размышляйте о созданных, но не размышляйте о Создателе» [7, с. 18]. Руми в «Маснави», в

ходе изложения идеи о сотворении мира,также опирается на этот хадис [13, с. 436]. То есть, чем больше человек владеет знанием о творении, тем больше он будет познавать Творца;

4. Стремление к Богу (религиозное). Целью учения названных мыслителей является присоединение к Богу, все остальные действия в этом эволюционном процессе можно считать средством. Когда человек станет совершенным и присоединится к Богу, тогда средство теряет свое значение.

То, что мы отмечали выше, это условная классификация познавательной деятельности в воспитательном процессе в учении обоих мыслителей. Однако познавательная деятельность и воспитательный процесс взаимосвязаны, и каждый индивид сам отдаёт предпочтение тому, что является важным в последовательном движении к цели.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аллома Мухаммад Икбол. Куллиёти форси. - Лохур: Iqbol Academy Pakistan, 2000. - 590 с.
2. Мавлоно Джалолиддини Балхи. Рубоиёт .- Душанбе: Деваштич , 2007. -308 с.
3. Мавлоно Джлолуддин Руми. Маҷолиси сабъа. - Душанбе: Дакики, 2014. -136 с.
4. Носири Хусрав. Девони ашъор. - Душанбе: Шуҷоиён, 2009. –Ҷ. 1. - 640 с.
5. Носир Хусрав. Трапеза братьев. - Душанбе: Эр-граф, 2017. -352 с.
6. Носир Хусрав. Хон –ул-ихвон . – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 332 с.
7. Носири Хусрав. Куллиёт. –Душанбе, 2003. - Ҷ. 3. -353 с.
8. О познании и диалектике» [электронный ресурс].- www. greatphilosophy. ru (дата обращение 06.06.2018).
9. Руми Джалаладдин, Мухаммад. Маснави-йи ма‘нави («Поэма о скрытом смысле»): Четвёртый дафтар / Руми, Джалаладдин, Мухаммад. — СПб.: «Петербургское Востоковедение», 2010. -496 с.
10. Руми Джалаладдин, Мухаммад. Маснави-йи ма‘нави («Поэма о скрытом смысле»): Первый дафтар. — СПб.: «Петербургское Востоковедение», 2007. - 448 с.
11. Руми Джалаладдин, Мухаммад. Маснави-йи ма‘нави («Поэма о скрытом смысле»): Пятый дафтар. — СПб.: «Петербургское Востоковедение», 2011. -448 с.
12. Цит. по С. Н. Климов. Философия воспитания как специфическая отрасль знания [электронный ресурс]. - docplayer.ru/46812751-Filosofiya-vospitaniya-kak-specificheskaya-otrasl-znaniya.html (дата обращение 06.06. 2018)
13. Чалолуддин Мухаммади Балхӣ. Манавии маънавӣ. - Техрон, 2001. - 730 с.



**АЛОҚАИ МУТАҚОБИЛАИ РАВАНДҲОИ МАЪРИФАТ ВА ТАРБИЯ ДАР ТАЪЛИМОТИ НОСИРИ ХУСРАВ ВА ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ**

Дар мақола масъалаи маърифат ва тарбия ҳамчун раванди ягона дар таълимоти ду файласуфи машҳури асрҳои миёна – Носири Хусрав ва Ҷалолиддини Румӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф таълимотҳои онҳоро бо ҳам муқоиса намуда, ба чунин хулоса меояд, ки мақсади тарбияро аз рӯйи андешаи мутафаккирони номбаршуда ба чунин намудҳо ҷудо намудан мумкин аст: равонӣ (худшиносӣ), ахлоқӣ, ақлонӣ ва динӣ. Инсоне, ки худро нашиносад, бар нафси худ ҳукмронӣ карда наметавонад (тарбияи ахлоқӣ) маърифати илмиаш бошад (тарбияи ақлонӣ), низ нокомил мемонад. Ҳамин тариқ, ба ақидаи муаллиф, худшиносӣ аз нигоҳи файласуфони мазкур қадами аввалин ба сӯйи камолоти инсонӣ ба шумор меравад. Нафси инсонӣ, ба андешаи ҳарду мутафаккир иборат аст аз қувваҳои нотиқа, шаҳвонӣ ва ғазабӣ. Вазифаи инсон аз он иборат аст, ки то бидонад кадоме аз ин қувваҳо бар олами ботинаш ғолиб аст. Ба воситаи қувваи оқила бояд олами маънавии худро ба зери итоат даровварда, қувваҳои шаҳвонӣ ва ғазабӣ бояд зери назорати ақл қарор бигиранд. Муаллиф қайд мекунад, ки ба даст овардани олами ботин ва ҳукмронӣ намудан бар он амали доимии инсон ба шумор меравад. Агар инсон аз ин амал ғофил монад, он гоҳ ҳамаи кӯшишҳои ӯ бенатиҷа мемонанд. Ба андешаи мутафаккирони номбура, агар инсон офаринишро надонад, Офаридагори онро донparam наметавонад. Барои ҳамин маърифати олами моддӣ, яъне тарбияи ақлонӣ дар таълимоти ҳарду мутафаккир омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд инсон оиди офариниш маълумоти бештаре дошта бошад, ҳамон қадар Офаридагорро бештар мешиносад. Ба андешаи муаллиф, мақсади таълимоти файласуфони номбаршуда, пайванди инсон бо Худо мебошад, дигар амалҳо дар ин раванди эволютсионӣ чун восита ба ҳисоб меравнд. Вақте ки инсон комил мегардад ва бо Худо пайваст мегардад, воситаҳо мазмуни худро аз даст медиҳанд.



**Калидвожаҳо:** ақл, ирратсионализм, ратсионализм, маърифат, дониш, ақлонӣ, ахлоқ, дин.



**ВЗАИМОСВЯЗЬ ПОЗНАВАТЕЛЬНОГО И ВОСПИТАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССОВ В УЧЕНИИ НОСИРА ХУСРАВА И ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ**

В статье рассматриваются проблемы познания и воспитания как единый процесс в учении двух известных средневековых исламских философов – Носира Хусрава и Джалолуддина Руми. Автор, сопоставляя их учение, приходит к такому выводу, что цель воспитания, с точки зрения Носира Хусрава и Джалолуддина Руми, разделяются на следующее: психологическое (самопознание), моральное, интеллектуальное и религиозное. Человек, не познавая себя, не может управлять собой (моральное воспитание) и его научное познание (интеллектуальное воспитание) тоже станет несовершенным. Таким образом, по мнению автора, самопознание, согласно учениям исследуемых философов, является первой ступенью к вершинам человеческого совершенствования. Человеческая душа, по мнению обоих мыслителей, состоит из разумной силы, страстной и гневной. Задача человека состоит в том, чтобы он, прежде всего, познал, какая из этих сил господствует над его внутренним мирам, и чтобы с помощью разумной силы он завоевал свой духовный мир, а страстная и гневная силы должны действовать под влиянием разума. Автор подчёркивает, что завоевание внутреннего мира и самоуправление является действием постоянным. Если человек останется в неведении, то все его старания останутся напрасными. Поэтому борьба и самоуправление являются постоянными и перманентными действиями познающего индивида. Не познавая творение, невозможно познать Творца. Поэтому

познание окружающего мира, то есть интеллектуальное воспитания, в учениях исследуемых мыслителей, является одним из основных. Чем больше человек владеет знанием о творении, тем больше он будет познавать Творца. По мнению автора, целью учения названных мыслителей является присоединение к Богу, все остальные действия в этом эволюционном процессе можно считать средством. Когда человек станет совершенным и присоединится к Богу, тогда средство теряет свое значение.

**Ключевые слова:** Разум, иррационализм, рационализм, познание, знание, интеллект, мораль, религия.

**INTERRELATION OF COGNITIVE AND EDUCATIONAL PROCESSES IN THE TEACHINGS OF NOSIR KHUSRAW AND JALOLUDDIN RUMI**

The article deals with the problems of cognition and educational as a unified process in the teachings of two famous medieval Islamic philosophers - Nosir Khusraw and Jaloluddin Rumi. The author, comparing their teaching, comes to the conclusion that the goal of education, from the point of view of Nosir Khusraw and Jaloluddin Rumi, is divided into the following: psychological (self-knowledge), moral, intellectual and religious. Man, not knowing himself, can not control himself (moral education) and his scientific knowledge (intellectual education), too, will become imperfect. Thus, according to the author, self-knowledge, according to the teachings of the philosophers under study, is the first step to the heights of human perfection. The human soul, in the opinion of both thinkers, consists of reasonable power, passionate and angry. The person's task is to first of all know which of these forces dominates his inner world, and that with the help of rational force he should conquer his spiritual world, and the passionate and angry forces must act under the influence of reason. The author emphasizes that the conquest of the inner world and self-government is an ongoing action. If a person remains in ignorance, then all his efforts will remain in vain. Therefore, struggle and self-management are permanent and permanent actions of the cognizing individual. Without knowing the creation, it is impossible to know the Creator. Therefore, the knowledge of the surrounding world, that is, intellectual education, in the teachings of the thinkers under investigation, is one of the main. The more a person owns knowledge about the creation, the more he will know the Creator. In the author's opinion, the goal of the teachings of these thinkers is to join God, all other actions in this evolutionary process can be considered a means. When a person becomes perfect and joins God, then the remedy loses its value.

**Key words:** Reason, irrationalism, rationalism, cognition, knowledge, intellect, morality, religion.

**Сведения об авторе:** ***Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович*** - кандидат философских наук, доцент кафедры философии и политологии ТГИЯ им. Сотим Улугзода. Адрес: г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел. 935479314, эл. почта: Shukratk@mail.ru

**About the author:** ***Karamkhudoev Shukrat Khudonazarbekovich*** - candidate of Philosophic sciences, associate professor at the Department of Philosophy and Political of Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda. Address: Dushanbe, street Mukhammadiev 17/6, Dushanbe tel. 935479314, e-mail: Shukratk@mail.ru

УДК: 14+82(575.3)

# НАЗАРИЯИ НАВГАРОӢ ВА НАВБИНИИ ОЛАМ ДАР ФАЛСАФА ВА ИРФОНИ ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ

***Қодиров К.***

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ирфон ҳамчун чараёни рушддиҳандаи роҳи тариқат баҳри шинохти маърифати «ваҳдати кулл» аз оғози пайдоиши хеш «ҳақиқати кулл»-ро дар сурати мавҷуд тасвир менамуд, барои шинохти «Ақли кулл» ва дарёфти ин мояи асл, ҳидоят мекард. Инсон аз дидгоҳи ирфон махлуқ ва ҳам халлоқ аст ва ин шарҳ дар марҳилаю мартабаи роҳ (сайру сулук) ва таҷдиди назари ӯ дар мовараи расидан ба камол падид мегардад. Ирфон ба ишқи илоҳӣ ва зуҳду риёзат ба маърифати Худо рӯ овард, тавассути ин таълимот ба Ҳақ расиданро тариқи ҷаззобият меҷӯст. Ирфон бо ҷаззобияташ фалсафа ва адабиёти ирфонро, ки мушкилоти таҳқиқи он дар кашфи неруи ақлонӣ аст, ба вуҷуд овард.

Ирфон мушкилоти олами улвӣ ва олами мавҷуд, рӯҳиву ҷисмонӣ, ҷузъу кулл ва дарки бештари ҳасту нестро тақозо мекунад. Омӯзиши манбаъҳои ирфонӣ собит мекунанд, ки ирфон шохаи фалсафӣ дорад ва роҳи бозрасиданро ба ҳуқуқи кулл ва ваҳдати вуҷудро равшан менамояд. Муаллифон ирфонро ба аҳди ҳинду Юнони қадим, ба адёни оташпарастону буддоӣ, дини ислому насронӣ мансуб медонанд. Абулқосим Қурайшӣ, ки худ намояндаи урафо аст, навиштааст, ки ин ном қабл аз соли 600 ҳиҷрӣ пайдо шудааст. Николсон низ навиштааст: ин ном дар охири асри дувуми ҳиҷрӣ пайдо шудааст. Дар китоби «ал-Маъишата кофӣ» омадааст, ки ирфон дар нимаи аввали асри дуввуми ҳиҷрӣ ба вуҷуд омадааст» [1, с.121]. Дар ҳар ҳол маҷолиси имлои ҳадиси Абулқосим Қурайшӣ махсусан миёни орифон мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дошт. Дар китоби «Тартиб-ус-сулук» муқаддимоти сулук зикр ёфтааст. Абулқосим Қурайшӣ дар китоби «Наҳв-ул-қулуб» қавоиди наҳвро дар баёни орифон гуфтааст. Асари дигари ӯ «ар-Расолат-ул-қурайшия» аз муҳити орифонаи замонаш шаҳодат медиҳад.

Муҳаққиқи эронӣ Муртазо Мутаххарӣ менависад: «… ин ки аз чи вақт ин гурӯҳ худро «ориф» хонданд, иттилои дақиқ надорем. Мусаллам аст, ки дар асри дувуми ҳиҷрӣ ин истилоҳот роиҷ будааст. Вале, дар китоби «ал-Ламаъ»-и Абӯнасри Сироҷи Тӯсӣ, ки худ аҳли ирфон аст, менависад, ки дар ҳудуди нимаи аввали асри дувуми ҳиҷрӣ ин истилоҳ пайдо шудааст» [2, с.111]. Албатта, мумкин аст, тариқи мутакаллимин ба ирфон аносири шеър ворид шуда бошад. «Ба ҳар ҳол муҳити динию фикрии аҳди Сосонӣ бидуни шак дар рушд ва тавсеаи ин мазоҳиб ҳам таъсир доштааст ва агар баъзе аз ин мазоҳиб, аз ҷумла карромия дар пайдоиши ин мактаб таъсир кардааст … Муътазила, ба хотири қавл ба озодии ирода гоҳ-гоҳ маҷус «ҳазиҳ-ил-умма» хонда шудаанд ва ботиния, ки гароиши ба таъвили онҳоро ба зиндиқа ва маҷусият муттаҳам медоштааст, низ бешак ба ин ҷараён таъсир доштааст» [3, с. 24].

Браҳманҳои ҳинд низ ба таҳаввулоти ирфон асар гузоштаанд, зеро дар таълимоти ин равия пораҳои аносири ирфонӣ, монанди фақру зуҳд вуҷуд дорад. Ин равия дар ривоҷу тавсеаи ирфон таъсиру нуфузи қобили тазаккур дорад. Пайравони ин равия ҷисмро ҳамчун зиндони рӯҳ медонистанд ва моварои олами ҳисро ба унвони рози воқеии ирфон ҷустуҷӯ мекарданд. Браҳманҳои ҳинд тазоди байни рӯҳу модда, нуру зулмотро меҷустанд ва дар вораи дунёи шарр дунёи дигарро тасаввур мекарданд. Браҳманҳои ҳинд ба ду олам-дунёи зулмот ва дунёи нур эътиқод доштанд. Онҳо наҷоти аҳли рӯҳро ба василаи имон муяссар медонистанд ва наҷоти аҳли нафсро бо василаи ирфону маърифати ботинӣ дастрас мешумориданд; рӯҳ аз тариқи маърифати ботинӣ метавонад барои наҷот омодагӣ бигирад ва агар рӯҳ дар асорати ҷисм бошад, фиристодаи ғайб барои раҳоии ӯ дармерасад. Ин таълиму иршоди фиристодаи илоҳӣ аст, ки рӯҳ аз вазъу сарнавишти хеш огоҳ мешавад.

Дар фарҳанги ориёӣ манбаъҳои ирфон зиёданд. Як навъи манбаи ирфон оини зардуштӣ аст. Дар марзи ориёӣ ирфони масеҳӣ низ пахн гардида буд. Ирфони масеҳӣ, риёзат, яъне василаи таҳрики фаъолиятҳоро нисбати худопарастӣ ва худодӯстӣ, ки дар он инсон бо кӯшиши расидан ба Худоро дорад, рӯҳан аз шавқ ва иштиёқ шуълавар аст, неруи тоза мегирад ва мавҷуди пур аз ишқ, ҳарорат ва фаъолият мешавад. Муҳаммад Рашшод дар қисмати фалсафа дар бораи оини зардуштӣ навиштааст, ки «рӯҳи инсон боқӣ аст ва пас аз марг … эҳсоси шодӣ ва андӯҳ мекунад ва он гоҳ ҳамроҳи вазиши бод олами боло уруҷ мекунад» [5, с.94]. Тадриҷан ирфон, аз тариқи паёми зардуштии ориёӣ ташаккул ёфт, ки бо номи «ҳикмат-ул-ишроқ» ё «фалсафаи нур» ва гоҳе «ҳикмат-ул-машриқин» пазируфта шуд. «Ҳикмат-ул-ишроқ» ва ё «фалсафаи ваҳдати вуҷуд» ба дини ислом пайванд гардид ва ҳолати ақидаву мазҳабӣ ба худ гирифт. Ирфон ҷузъи фалсафа аст, ки тариқи «Ҳақиқати мутлақ» «ҳақиқати ҳастӣ»-ро тафсир менамоянд ва ваҳдати вуҷудро ҳикмати мутлақи Худо бо олами ҳастӣ медонад. Худо ба манзалаи одам ва олам монанди ҷисми ӯст. Худо ҳама чиз аст ва ҳама чиз Худо аст. мавҷудоти олам ҳақиқате ҷуз дар вуҷуди Худованд надорад.

Маҳз дини ислом ирфонро обуранги тоза эҳдо намуд, онро тавонист ҳамчун ҷараёни тозаафкор муаррифӣ намояд. Орифон, нахуст сабру риёзат, фақру қаноат ва таваккулро мояи такомули маънавиёт дониста, муҳити ирфонии ақлонии инсонро эҷод намуданд. Ба ақидаи Е.Э. Бертелс, «ислом мебоист тамоми неруи хешро баҳри истеҳкоми ҷараёни муқтадири фалсафае сафарбар менамуд» [4, с. 19]. Парастидани Худои яккаву ягона ва бахшояндаву меҳрубон боиси тамомияти ирфон гардид ва фалсафаи ирфон вусъат гирифт. Ҷиҳати тарғиби ислом ва шинохти Худо, дар ирфон истилоҳи хос-«ақл» ривоҷ ёфт. Худованд, офаридгор, халлоқ аст ва он чи аз хулқу атвори халқ бармеояд, нозир аст. Матлабу хулосаи ирфон ҳастии Худо ва ҷаҳон аст, ки манзураш «ваҳдати вуҷуд» аст. Ҳар мавҷуде, ки дар ҷаҳон аст, офаридаи Худо ва танҳо Худованд мавҷуд аст ва мавҷудкунандаи ӯст. Ҳамин мавҷуд, яъне ҳастӣ, ба ғайр аз пардаи назаррабо дигар чизе нест, пас ба ин олами назаррабо дил ниҳодан камоли бемоягист [6, с. 39]. Аз ин андешаҳои ирфонӣ бармеояд, ки низоми ҷаҳон (ҳастӣ) бо «Ақли кулл» аст. Ориф солики тариқат аст, ки шевааш ноил гардидан ба мояи «ҳақиқат», таҳқиқи ваҳдат, ваҳдати вуҷуд дар бақо ва фанои ҳастӣ аст. Орифон инсонро ба сӯйи «ҳақиқати кулл» ҳидоят медоранд, то ин ки аз мояи худсозии худ огоҳ бошад. Инсон сайри рӯҳонии худро дар моварои муҷодала аз роҳи кашфи ҳақиқат ва дарёфти маърифати шиносандагӣ ва расидан ба ҳадаф, ки он «рӯҳи мутлақ» аст ва шинохти маънавии хешро, ки оқибат «ҳақиқати кулл»-ро дар вусъати он мебинад, роҳ мепаймояд, ба ҷониби мақом ва дар он мақом аз шарҳу тарҳи «ҳол» огоҳ мегардад ва нуқтаи охири эҳсос, «фано ва бақо»-ро дарк мекунад, ки мояи камоли ӯст [6, с.152].

Ба андешаи Ибни Арабӣ, инсон худ аз роҳи тафаккур, бардоштҳои маънавӣ ва ирфонӣ камол меёбад ва ҳангоми расидан ба ваҷҳ худро дар баробари Худо мебинад. «Аналҳақ»-и Мансури Ҳаллоҷ, «Ман худоям»-и Бастомӣ, «Шумоед-Шумоед»-и Ҷалолиддини Румӣ ҳамон «Асл» аст, ки инсон дар ҷӯстуҷӯи он аст.

Ирфон моҳиятан фалсафа аст, зеро маърифатро асоси биниш ва дарки ҳақиқат медонад. Урафо дарёфти ҳақиқатро риояи маънавии мадраки тафаккур меҳисобанд. Ирфон андеша ва тафаккури хос аст, қавонини маънавии олами инсон ва ҳастиро дар такя ба меъёри «Ақл», чун ҳикмат бо моҳияти бадеӣ ва фалсафӣ инъикос менамояд: «… фақат ақл аст, ки ба танҳоӣ ва бидуни ионати ҳис ҳақоиқи ашёро дарк мекунад, яъне аз ҳақиқате ба ҳақиқати дигар мерасад» [5, с.480].

Ирфон фалсафаест, ки рӯидаи тафаккури инсон, ташаккул ва инкишофи онро аз рӯйи ҳақиқат ва вобаста ба маърифати инсон тадқиқ менамояд. Инсони ориф ҳокими андешаҳояш дар амали ҳақиқату воқеият аст, онҳоро дар тасаввураш мебинад, мақому манзалат меҷӯяд ва дар он ҳулул мехоҳад: «Файласуф ё худ ҳоким мабдаи азалӣ ё ҳақиқати воқеиро дарк мекунад … онро мебинад ва бо ӯ иттиҳоду ҳулул пайдо менамояд» [7, с.128].

Ҷалолиддини Румӣ дар «Маснавии маънавӣ» дар ҳудуди бисту панҷ маротиба «иллат»-ро шарҳ додааст, ки яке аз он иллати «навбинӣ ва навгароӣ» аст. Мавлавӣ дар ин бора дусаду панҷоҳ байти шеърӣ сурудааст. Он чи ки фавқулода ҷолиб аст, ин аст, ки Ҷалолиддини Румӣ ҳаргиз ин ҷаҳонро такрору куҳан тасвир накардааст. «Мани ту» - «ҷаҳони нав»-ро барои он таъкид кардааст, ки инсон асрори ҷони худро дарёбад. Мавлавӣ ҳар лаҳза дар «мани» тоза дар муқобили ҷаҳони тоза қарор гирифта ва бо он иртибот барқарор кардааст [8, с.70]. Вақте ки ӯ аз ҳаракат ва ҷараёни мавҷудот таҷдиди назар мекунад, тағйир ва навшуданро баён намекунад, балки чун намояндаи мактаби фалсафӣ ҳаракатро на манбаи иллат, балки ҷараёни навбинӣ ва навгароӣ тавзеҳ медиҳад. Мавлавӣ ҳаракатро шуҳуд медонад, зеро ӯ худ дар ҳаракат қарор гирифтааст. Б. Рассел дар китоби «Ирфон ва мантиқ» дар ин маврид чунин навиштааст: «Ақл аз уҳдаи умур фақат то он ҳад бармеояд, ки умур ба он чи дар гузашта таҷриба шудааст, шабоҳат дошта бошад. Дар ҳоле, ки шуҳуд метавонад он ягонагӣ ва бидъатро, ки бо ҳар лаҳзаи тоза ҳамроҳ аст, дарёбад. Ин ки дар ҳар лаҳза як чизи ягона ва тоза нуҳуфтааст, мусалламан дуруст аст ва низ дуруст аст, ки ин робита ба кумаки тасвироти ақлонӣ наметавон баён кард. Фақат ошноии мустақим метавонад нисбат ба чизи ягона ва тоза маърифат ба мо диҳад» [9, с.70]. Ҷалолиддини Румӣ дар бораи навбинӣ ва навгонӣ гуфтааст:

*Ҳар нафс нав мешавад, дунё ва мо,*
*Бехабар аз нав шудан андар бақо [8, с.293].*

Мавлавӣ ин қадар масъалаи нав ба нав ва ҳаракатро эҳсос кардааст, ки дар баёни он мегӯяд: агар инсон дар биҳишт сукунат (беҳаракатиро) эҳсос кунад, зиштиро низ эҳсос хоҳад намуд. Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» гуфтааст: «… чаҳордаҳ миллиард сол аз таркиши каҳкашон гузаштааст ва чӣ қадар ин ҷаҳон куҳна гаштааст. Бо сабаби куҳна будани ҷаҳон худро фарсуда ва пажмурда макун.

Ту эй инсон! Агар тоза ва нав бошӣ, ту агар ту ҳар лаҳза дорӣ «мани» нав бош, ҷаҳон барои ту ҷилваҳои тоза хоҳад дод. Ин ки дунё куҳна ё нав аст, бастагӣ ба ин дорад, ки ту куҳна ё нав ҳастӣ» [8, с.111].

Мавлавӣ ишора мекунад, ки куҳнаҳо шурӯъ мешавад, аммо Худованд гулҳоро шукуфо мекунад, баҳорҳои навро намудор месозад, авлоди одамро нав ба нав вориди ин дунё менамояд, ки мабодо куҳнагӣ рӯҳи инсонро афсурда накунад:

*Ҷон фишон эй офтоби маънавӣ,*
*Мар ҷаҳони куҳнаро бинмо нав …*
*Бишнав ин панд аз ҳакими ғазнавӣ,*
*То биёбӣ дар тан куҳнаи наве.*
*Ҳамин дар ин бозори гарм беназир,*
*Куҳна бифрӯш ва ту мулки нав бигир.*
*Ҳар замон ту суратӣ ва нав ҷамол,*
*То зи нав дидан фурӯ мирад малол [8, с.120].*

Дар ҳақиқат нав муфид аст, зеро ин олами ҳастиро маҳз барои инсон ба арҷ мегузорад. Эҳсоси нав доштан марбут ба ин аст, ки то инсон истеъдоди навгароии худро ба фаъолиятҳои мухтасари худ тоза мебинад:

*То назоид бахти ту фарзанди ту,*
*Хун нагардад шир ширин хуш шунав [8, с.121].*

Агар инсон иртибот ба ҳастӣ дошта бошад, ҳеҷ чизе аз муқобили чашми ӯ нопадид нахоҳад гашт, магар ин ки як ҳақиқати нав ҷони ӯро тоза хоҳад кард. Барои шиносоии инсон, нахустин рафтор ва намуди ботинии ӯ муҳим аст. Инсонро бо сухан гуфтан ва идора кардан, тарзи баёни тоза зарурат дорад ва метавон ӯро ба фаъолиятҳои бунёдии ӯ роҳнамуд кард. Дуруст аст, ки касе, ки аз раҳми модар берун меояд, дар ҳақиқат аз ҷаҳони раҳм берун рафта

ва дигар ба он ҷо барнамегардад, вале он рафтан аз ҷойгоҳи аввали маҳдуду тангу торик барои ҷанин мутобиқ ба нав шукуфтан дар ин ҷаҳон аст. Ҳамчунин рафтан аз ин дунё, шукуфтан дар абадият аст:

*Аз раҳм зиндони ҷанинро рафтан аст,*
*Дар ҷаҳони ӯ рози нав бишкуфтан аст [8, с. 104].*

Орифон ин ҳақиқатро баррасӣ кардаанд, ки матлаби онҳо чунин аст: 1) як ҳақиқати муҳим дар ботини инсон дар ҳоли гузариши доимӣ аст, ки ҳар касе ки аз худ огоҳӣ дошта бошад, онро ба хубӣ дармеёбад, агарчи дар шинохти ин ҳақиқат ихтилофи назар вуҷуд дорад; 2) оби ҷӯй дар ҷараён аст ва дар рӯйи он хошоку ашёи хубу бад дар ҳоли равон аст. ин хошоку ашё аз шууни кайфияту муҳтавиёти равонии инсон аст, ки ба василаи иброзҳои дарки инъикос, падидаҳои модда ва моддиётро дар худ ҷой медиҳад. Оби равон фикр аз онҳо мегузорад ва аз онҳо мутаассир ва олуда мегардад; 3) ҳангоме ки оби равон бо анбӯҳ ҳаракат кунад, пайвастҳо ва дигар ашёи рӯйи об (шодиҳо, андӯҳҳо, тасаввуротҳо, андешаҳо) сареътар мегузаранд; 4) пайвастҳое, ки ба рӯйи ин об дар ҳаракат аст, онҳо меваҳои ғайбианд, ки бо тафсияи ботинӣ метавон аз онҳо бархӯрдор шуд; 5) ин ки мебинед ғаму андӯҳ дар ботини орифон пойдор намемонад, ин иллат аст, ки оби равон чун ҳаёти инсон бо суръати бештар мегузарад ва дар ботини инсон нопадид мегардад:

*Қишрҳо ба рӯйи ин об равон,*
*Аз самари боғи ғайбӣ шуд давон.*
*Қишрҳоро мағз андар оби ҷӯ,*
*З-он ки оби боғ меояд ба ҷӯ.*
*Гар набинӣ рафтани оби ҳаёт,*
*Бингар андар сирри ин ҷӯйи набот.*
*Об чун анбӯҳтар ояд даргузар …*
*Чун ба ғоёт тез шуд ин ҷӯ равон.*
*Ғам нопадид дар замири орифон [8, с.132].*

Инсон ҳаргиз аз об сер намегардад, зеро кохи боазамати илму маърифат бе талошҳо ва кӯшишҳои ҳамаи инсонҳо чи дар гузашта ва чи дар оянда сохта намешавад. Бинобар ин, бо гуфтани чанд андешаи сарбаста ва маълумоти маҳдуд, кохи нави боазамат дар пояи мустақил сохта намешавад.

Мавлавӣ таъкид медорад, ки агар ба рӯйи куҳна, рӯйи куҳна бигзор ва ба он куҳнаҳо ва пайвандҳо дилхуш бош! Аммо фаромӯш макун, ки харидори ин молҳои пӯсида ва фарсудаи ту равшанбинӣ нест, балки мардумро кунд ва ҷомадарида месозад.

Оянадагони корвон ба корвон субҳгоҳон ва шомгоҳон нав ба нав аз роҳ мерасанд ва соликон ин манзили худро ба мо вомегузоранд ва худ роҳии абадият мешаванд. Чашм боз кун, то аз сукутҳо ва фиребҳо фиреб махӯрӣ. Яқин дон, ки дар ҳар ҳоле ки ҳастӣ, хоҳ меравӣ, хоҳ менишинӣ ё мехобӣ, ҳушёр бошӣ ё ғофил, бидонӣ ё надонӣ мо дар ҳаракатем, мо меравем, мо қасди манзили тозае дорем, гумон мабар, ки ҳар талош ё ҷунбиш ва ҳақиқат метавонад қонуни ҳастӣ бошад. Он чи ки қонуни аслӣ аст, ҳаракат ба оянда аст, ки маҳсули қонуни гузаштаҳо аст [8, с.211]. Ҷалолиддини Румӣ дар «Девони Шамс» фармудааст, ки ҳеҷ нақшу андеша ва дарёфти зоҳирӣ наметавонад аз исбот бархӯрдор бошад, агар он чи аз дили инсон барояд ва фақат ин дил аст, ки бо суратҳо ва ҳақоиқи абадӣ бидуни парда ба он медурахшад ва дили инсонро дармеёбад:

*Акси ҳар нақш натобад то абад,*
*Ҷуз зи дил бо адад ҳам беадад.*
*То абад нав нав савр ки ояд бар ӯ,*
*Менамояд беҳиҷобе андар ӯ [8, с. 131].*

Дар девони Шамси Табрезӣ мазмунҳои мухталиф ба навгароӣ ва навбинии бисёр фаровон аз Мавлавӣ мебинем ва як намунаи онро меоварем: «Худованди субҳон дар арсаи паҳновари олами модда ва моддиёт фавқи суратҳо аст. Сурат аз лавозими модда аст, сурат маҳдуд аст ва маҳдудкунанда, сурати будан мавзӯе, ки онро бар худ ҳамл кунад, наметавонад таҳқиқ дошта бошад ва аз ҳамин ҷост, ки дар ҳар ҷо сурат тасаввур шавад, таркиб низ даркор аст, дар ҳоле ки Худованди субҳон мубарро аз таркиб аст, аммо эй Худои бузург, дида вайронӣ, ки аз биноии дарунӣ бархурдор шудаанд, ҳар лаҳза таҷаллии ҷадиде аз ту даруни онопро равшан менамояд» [8, с.221-222]. Ин матлаби бисёр олӣ дар ирфон бо баёни гуногун гуфта шудааст:

*Безорам аз ин куҳнаи худой, ки ту дорӣ,*
*Ҳар лаҳза маро тоза худои дигар астӣ.* (Ҷалолиддини Румӣ)

*Ҳар назарам, ки бигзарад чилваи рӯяш аз назар,*
*Бори дигар накутар бинам аз он ки дидаам. (* Ҳофизи Шерозӣ)

Оне ки аз ҳаракату таҳаввул дар олами ҳастӣ, танҳо аз гузаштаҳо ва аздастрафтаҳо меандешад ва андӯҳи онро мехӯрад, монанди касест, ки аз падидаҳо ва пардаҳо ва ҳама ҳақоиқи махсусу номахсуси ҷаҳон, он чиро ки барои онҳо лаззатбор аст, ба расмият мешиносад ва онро шоистаи олами вуҷуд медонад. Ҳангоме ки он аз даст меравад, ҳамин ҷаҳон, ки рӯзе барои ӯ биҳишт буд, торик ва ғамхона ҷилва мекунад ва он гоҳ ин рубоиёт, ки мансуб ба Хайём аст, замзама мегардад:

*Поёни сухан шунав, ки моро чӣ расид,*
*Аз хок баромадему бар бод шудем.*
*Ҷомест, ки ақл офарин мезанандаш,*
*Сад бӯса зи меҳр бар ҷабин мезандаш.*
*Ин кӯзагари даҳр чунин ҷоми латиф,*
*Месозад ва боз бар замин мезандаш [9, с.332].*

Касоне ҳастанд, ки ҳаракату таҳаввулро дар маҷрои фасад менигаранд, яъне зебоӣ ва зиштӣ, ҷавонӣ ва пирӣ, қудрат ва нотавонӣ, шуҳрат ва гумномӣ, сарват ва фақрро дар мазмун ҷараёне мебинанд, ки аз мабдаи охир ва камоли мутлақ шурӯъ ва ба мақсаде, ки иборат аст аз ҷозибаи хайру камоли мутлақ дар ҳаракатанд. Онҳо бо ин асос байни мабдаъ ва мақсад, баҳорҳо ва хазонҳои гузароро мебинанд ва шахсияти худро аз таҷриба ба рӯйи онҳо маҳфуз медоранд. Огоҳон аз ҳикмати волои ҳаракату таҳаввул, раҳсипори олами табиатгузар гашта ва аз нав шудани ҳолҳо ва рафтани куҳнаҳо мефаҳманд, ки ин ҷараён аз он зоти модда ва моддиёт маҳдуд намегардад ва обе, ки осиёбро мегардонад, аз ҷаҳони дигар аст. Олами модда ва моддиёт бениҳоят аст. Аз тариқи дигар ҳамин ҷараён аз модда ба олами модда исбот менамояд, ки ҳувияти ин олам дар назар боз аст, агарчи «намоиш»-и бастаро доро аст:

*Чист нишони он ки ҳаст ҷаҳони дигар,*
*Нав шудани ҳолҳо, рафтани ин куҳна аст.*
*Рӯзи нав ва шоми нав, боғи нав ва доми нав,*
*Ҳар нафас андешаи нав, навхушу нав аност.*
*Олам чун ҷуст баста намояд валек,*
*Меравад ва мерасад нав нав ин аз куҷост.*
*Нав зи куҷо мерасад, куҳна куҷо меравад*
*Гарна варои назми олам беинтиҳост [8, с.313].*

Бояд ду тарзи тафаккури бо ҳам тазодро дар вуруди инсонӣ ба саҳнаи ҳастӣ мавриди диққат қарор бидиҳем ва бубинем кадом яке аз ин ду тарзи тафаккур метавонанд дар созандагӣ ва такмили башар асари мусбат гузоранд, ки ин тарзи тафаккури бадбинона ва тарзи тафаккури воқеъбинона аст. Он чи ки сармояи зиндагии олитар ва пешрафтатар аст, ин донишҳо, пешбиниҳо аст, набояд садди роҳи онро шавем ва бояд маълумоти илмӣ, фалсафӣ ва ирфонии худро такмил диҳем:

*Ҷумла доманҳои пури зар ҳамчу кон,*
*Аз барои тангдастон мерасанд [8, с.312].*

Ин аст, ки китоби «Маснавии маънавӣ», ин китоби усул, усули дин дар кашфи асрори васл ва яқин аст. Бо ин матлаб дар бораи зарурати навгароӣ, навбинӣ ва навёбӣ, ки ин виҷдони солими Мавлавӣ аст, метавон тазаккур дод, ки дину мазҳаб ва ирфон, ки аз дидгоҳи калом ҳастанд, барои як маънӣ, инсонро таъкид мекунанд ва ӯро аз андешаҳои илмбозӣ боз медоранд. Ин корвон дар сари роҳи худ ба киштгоҳи ишқ мерасад ва аз ин киштгоҳ баъд аз таҳия намудани роҳ тӯшаи абадият ба роҳравони худ медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 314 с.
2. Бертельс Е. Э. Суфизм и суфийская литература / Е. Э. Бертельс. – М.: Наука, 1965. – 784 с.
3. Қосим Ғанӣ. Таърихи тасаввуф дар ислом ва таҳаввулоти он то асри Ҳофиз ва баҳс дар аҳволу осори Ҳофиз ба замимаи истилоҳоти суфия. – Теҳрон, 1322-1323. – 341 с.
4. Муҳаммад Рашшод. Фалсафа аз оғози таърих. – Душанбе: Ирфон. 1990. -Ҷ. 1; 2. – 495 с.
5. Муҳаммадтақи Ҷаъфар. Паёми хирад. – Теҳрон, 1302 ш. – 325 с.
6. Муртазо Мутаҳҳарӣ. Куллиёти улуми исломӣ: калом-ирфон ва ҳикмати. – Теҳрон, 1381ш. – 268 с.
7. Ҳазратқулов М. Тасаввуф / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 301 с.
8. Салими Хатлонӣ. Тасвири най дар эҷодиёти Ҷалолиддини Румӣ. – Душанбе: Ирфон, 2005. – 168 с.
9. B. Pussel. Mysticism and Logic and other Essays / Pussel B. – London: Longmans, 1921. – 384 p.


## НАЗАРИЯИ НАВГАРОӢ ВА НАВБИНИИ ОЛАМ ДАР ФАЛСАФА ВА ИРФОНИ ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ


Дар мақола назарияи навгароӣ ва навбинӣ дар фалсафа ва ирфони Ҷалолиддини Румӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таъкид карда шудааст, ки манбаи муҳимми ғоявии фалсафа ва ирфони Ҷалолиддини Румӣ

оини зардуштӣ аст, ки ба ирфони ҳинд дар аҳди Ҳахоманишиён сурат пазируфта буд. Ин наҳзат ва ҷунбиш таҳти таъсири ирфони ҳинд ва таҳти таъсири фалсафаи навафлотуниён ба фалсафа ва ирфони Ҷалолиддини Румӣ таъсир расонидааст. Ирфон аз тариқи паёми зардуштӣ ташаккул ёфт, ки бо номи «ҳикмат-ул-ишроқ» ё «фалсафаи нур» дониста мешуд ва гоҳе онро «ҳикмат-ул-машриқин» меномиданд. Ирфон бо пайдо шудани дини ислом ба дини ислом пайванд шуд ва ҳолати ақидавӣ ва мазҳабӣ ба худ гирифт ва ирфон як шакли раҳбоният гардид. Ирфон фарз мекунад, ки инсон ба «Ақли кулл» ошиқ аст ва касе, ки ошиқ аст дар он ҳулул мекунад. Бо шарте ки ин ошиқи «ҳақиқат» аз ҷаҳони моддӣ рӯ баргардонад ва дар зиндагӣ ба сайру сулуки ҷабарут пардозад. Асоси назарияи навгароӣ ва навбинии олам дар фалсафа ва ирфони Ҷалолиддини Румӣ он аст, ки фалсафаи ҳаракати ашё аз мабдаъ то дуртарин нуқта асли таҷаллӣ аст. Ин фалсафа асли майлу ишқи ҳар инсон ба бозгашт, ба аслу мабдаи хеш аст. Ҷалолиддини Румӣ муътақид аст, ки ин майл дар тамоми зарроти ҳастӣ ва аз он ҷумла инсон ҳаст, вале дар инсон гоҳе махфӣ аст ва дар асари силсилаи танбеҳоти ин майли ботинӣ зуҳур мекунад. Ҷалолиддини Румӣ ҳар лаҳза дар «мани» тоза дар муқобили ҷаҳони тоза қарор гирифта ва ба он иртибот барқарор кардааст. Он чи ки фавқулода ҷолиб аст, ин аст, ки Ҷалолиддини Румӣ ҳаргиз ин оламро такрору куҳан тасвир накардааст. Ҷалолиддини Румӣ ҳаракатро на манбаи иллат, балки ҷараёни навбинӣ ва навгароии олами гузаро тавзеҳ додааст.

**Калидвожаҳо:** Ҷалолиддини Румӣ, ирфон, фалсафа, ҳаракат, инсон, навгароӣ, навбинӣ, ақл, мутлақ.

**ТЕОРИЯ ОБНОВЛЕНИЯ И НОВОВИДЕНИЯ МИРА В ФИЛОСОФИИ И ИРФАНЕ ДЖАЛАЛАДДИНА РУМИ**

В статье рассматривается теория обновления и нововидения тленного мира в философии и ирфане Джалалиддина Руми. Отмечается, что идейным источником нововидения тленного мира Джалалиддина Руми является зороастризм. Зороастризм является своеобразным истоком и почвой теории обновления и нововидения тленного мира в философии и ирфане Джалалиддина Руми, ибо в эпоху ахеменидской державы эти корни контаминировались с индийским ирфаном. В эпоху сасанидов эта индо-иранская контаминация попала под влияние неоплатонистов. Тесные контакты сасанидского государства с христианством не могли не наложить свой отпечаток на судьбы философии и ирфана Джалалиддина Руми. Созидательный ирфан, контаминация «Њикмат-ал-ишроќ» («Мудрость ишракии») и философия «вахдати вуджуд» возникли на основе зороастрийского возвещения из арийских корней и на своем многовековом эволюционном пути впитали различные концептуальные элементы из других культур и воззрений, получив название «Њикмат-ал-ишроќ» («Мудрость ишракии») или «фалсафаи нур». С возникновением ислама ирфан примкнул к исламу и в новой теологической обстановке имел воззренческое и организационное положение. Джалалиддин Руми придерживался убеждения, что «Абсолютный разум» является абсолютом на небесах и тот, кто «влюблён» в него, в конце концов растворяется в нейм. Но к этому ведет путь, на котором этот «влюблённый» отвергает все блага материального мира и целиком посвящает себе жизни богоискательства. Суть теории обновления и нововидения тленного мира Джалалиддина Руми состоит в том, что философия движения от первоисточника и до самой удаленной точки является основой манифестации Абсолюта. Эта философия является основой склонности каждой личности к возвращению к своему началу. Джалалиддин Руми убежден в том, что такое тяготение свойственно природе всех частиц вселенной, в том числе и человеку, но в человеке это тяготение порой скрыто и приходит к движению под всевозможными побудительными факторами.

**Ключевые слова:** Джалалиддина Руми, ирфан, философия, движения, человек, обновления, нововидения, разум, абсолют.

**THE THEORY OF UPDATING AND THE INNOVATION OF THE WORLD IN THE PHILOSOPHY AND IRFAN OF JALALIDDIN RUMI**

The article deals with the theory of discovery and the new world vision in the philosophy and irfan of Jalaliddin Rumi. It is noted that Zoroastrianism is the ideological source of the vision of the corrupt world of Jalaliddin Rumi. Zoroastrianism is a kind of source and soil of the theory of renewal and the new vision of the perishable world in the irrational poetry of Jalaliddin Rumi, for in the era of the Achaemenid power these roots were contaminated with the Indian irfan. In the Sassanian epoch, this Indo-Iranian contamination came under the influence of the Neoplatonists. The close contacts of the Sassanid state with Christianity could not but leave their imprint on the fate of the irrational philosophy of Jalaliddin Rumi. The creative irfan, the contamination of «Hikmat -al-ishrok» (Wisdom of Ishraki) and the philosophy of Vahdati Vujud originated on the basis of Zoroastrian proclamation from the Aryan roots and, in their centuries-old evolutionary path, absorbed various conceptual elements from other cultures and views, «Hikmat-al-ishrok» (Wisdom of Ishraki) or «Falsafai Nur». With the emergence of Islam, the Irfan hailed Islam and, in a new theological situation, created an outlook and organizational position. Jalaliddin Rumi held the belief that "Absolute Reason" is the absolute in Heaven and the one who is "in love" with it eventually dissolves into it. But this leads to a path in which this "lover" rejects all the blessings of the material world and devotes himself entirely to the life of God-seeking. The essence of the theory of renewal and new vision of the corrupt world of Jalaliddin Rumi lies in the fact that the philosophy of movement from the source to the outermost point is the basis of the manifestation of the Absolute. This philosophy is the basis of every person's inclination to return to his own beginning. Jalaliddin Rumi is convinced that such a gravitation is inherent in the nature of all particles of the universe, including man, but in man this attraction is sometimes hidden and comes to the movement under all sorts of stimulating factors.

**Key words:** Jalaliddin Rumi, Irfan, philosophy, movement, man, renewal, new-vision, reason, absolute.

**Сведение об авторе:** ***Кодиров Каримджон***- Таджикский надциональный университет, доктор философских наук, профессор. **Адрес:** Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **filosofia@mail.ru.** Телефон: **+992985192225.**

**Information about the author:** ***Kodirov Karimjon***-Doctor of Philosophy, Professor of the Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **+992985192225.**

УДК: 11/13

# ТЕОРЕТИКО - МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРОЦЕССА ГЛОБАЛИЗАЦИИ: АНАЛИЗ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ КОНСТРУКЦИЙ

***Хайдаров Р.Дж.***
**Институт философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан**

Глобализация в качестве новейшей геоэкономической и геополитической конструкции определила контуры развития человечества в XXI веке. «Глобализация является одной из самых обсуждаемых и вместе с тем наименее изученных и познанных научных проблем на рубеже тысячелетий. Под глобализацией обычно понимают охват экономическими, политическими и культурными взаимоотношениями всего человеческого сообщества» [1,с.65].

Хотя, например, экономисты считают, что глобализация – это процесс экономического характера и обусловлен, прежде всего изменениями в экономической деятельности человека. Так, например, венгерский ученый М.Шимаи утверждает, что «кратко глобализацию можно определить, как высшую стадию интернационализации» [2].

Ученые-политологи и исследователи международных отношений имеют свое видение глобализации. Например, Е. Сатановский характеризует глобализацию как основную тенденцию развития: «растущая взаимосвязь и взаимозависимость всех сегментов мировой экономики и политики, немедленная реакция мирового сообщества на любые события, в том числе местного значения, в какой-либо стране, а также всеобщее национальное, религиозное и культурно – цивилизационное «перемешивание» населения современного мира, облегчаемое прозрачностью государственных границ» [3,с.17].

По мнению Э. Гидденса, глобализацию следует рассматривать «как процесс интенсификации социальных отношений, которые связывают отдаленные районы таким образом, что локальные феномены формируются под влиянием событий, происходящих на очень большом от них расстоянии, а глобальные в большой степени определяются локальными изменениями» [4,с.64].

Нужно отметить, что размышления Э. Гидденса о глобализации очень важны для осмысления этого процесса. Э. Гидденс считает, что глобализация, как актуальный процесс человеческого развития, является продолжением процесса модернизации. То есть процесс модернизации, как западный продукт, стал всеохватным и универсальным, проецировавшим себя по всему миру. «Глобализация, таким образом, предстает как сегодняшняя фаза развертывания единого и универсального «проекта модерна» [5,с.70].

Другой наиболее известный ученый, занимающийся исследованием процесса глобализации Р. Робертсон изложил свою версию глобализации. По мнению Р. Робертсона, «не глобализация представляет собой одно из «следствий модерна», а само возникновение модерных обществ может быть правильно понято лишь на основе идеи глобального характера социальной жизни, уходящей своими корнями во времена, далеко предшествующие модерну» [6,с.36]. При рассмотрении двух этих подходов складывается мнение, что модерн на Западе возник не как продукт самого Запада, который далее должен был проецироваться на незападные страны, а благодаря взаимодействию Запада с остальным миром, прежде всего через актуализацию колонизаторства, военно-политических и культурно-экономических акций. Таким образом, процесс глобализации, по Р. Робертсону, является завершением символической монополии западного модерна, но не фактическим доминированием Запада.

Анализ событий последних лет, происходящих в мире, то есть, развал двухполярного мира, универсализация политической культуры Запада как единого стандарта, показал, что вышеуказанные факторы являются предпосылками глобализации, и в то же время, мы поддерживаем тезис Э. Гидденса, символом победы модернизации, как глобального и всеохватывающего процесса.

Нужно отметить, что модернизация в качестве процесса приближения к современному Западу, как показывает современная история, не всегда навязывалась извне, а иногда была актуализацией стремлений властвующих элит в незападных странах. Это, в свою очередь, было продиктовано вопросами перспективной экзистенции нации: укрепление экономической и политической независимости и т.д. Эти же вопросы актуальны и сейчас в эпоху доминирования

глобализации. Каждая нация стремится быть конкурентоспособной как в экономике, политике, так и в культуре, и в вопросах международных отношений.

Возвращаясь к рассуждениям Э. Гидденса, нужно отметить, что он выделяет четыре измерения глобализации. Первое измерение глобализации включает: «глобальную взаимосвязанность экономических процессов, определяемую в первую очередь капиталистическими механизмами и формируемую главным образом корпорациями. Второе измерение глобализации образует система международных отношений между нациями-государствами. Третье измерение глобализации - это мировой военный порядок. Мировые войны свидетельствовали о том, что военная сила приобретает глобальный характер: исходно локальный конфликт в итоге втягивает в себя весь мир. Другим зримым проявлением глобализации военной силы являются «оркестрованные войны» в периферийных зонах, моделируемые противостоянием сверхдержав. Четвертое измерение глобализации связано с индустриальным развитием. Наиболее очевидным моментом здесь является развитие глобального разделения труда, которое включает дифференциацию между более и менее индустриализованными областями планеты» [7,с.34].

Э. Гидденс считает, что трансформация технологии коммуникаций является также важнейшим компонентом глобализации. Вслед за вышеуказанными компонентами глобализации, по утверждению Э. Гидденса, она является фундаментальным аспектом глобализации, который стал определяющим в расширении пространства глобализации. При этом Э. Гидденс считает, что «глобализация - не линейный процесс, а диалектический комплекс, включающий противоположным образом направленные процессы. С одной стороны, глобализация ведет к развитию транснациональных форм социальных практик: в условиях усиления глобализации нация-государство стала “слишком маленькой для больших проблем жизни и слишком большой для ее малых проблем”. С другой стороны, в то самое время, когда социальные отношения обретают глобальную протяженность, мы наблюдаем растущую потребность в локальной автономии и региональной культурной идентичности» [7,с.35].

Другой западный исследователь Склейр Л. считает, что глобализация - это «совокупность транснациональных практик, которые выражаются в трех уровнях: экономическом, политическом, идеолого-культурном» [8,с.7].

«На каждом из уровней транснациональные практики образуют базовый институт, стимулирующий глобализацию. На уровне экономики - это ТНК, на уровне политики - транснациональный класс капиталистов, на уровне идеологии и культуры - консюмеризм. При такой специфической интерпретации содержания понятия «институт» можно определить глобализацию как серию процессов формирования системы транснационального капитализма, релятивизирующего национально-государственные границы» [7,с.36].

Если просмотреть структуру теорий глобализации Э. Гидденса и Л. Склейра, то в принципе можно отметить, что они очень схожи, так как здесь глобализация представлена как глобальная система взаимосвязей и взаимодействия локальных социальных процессов. В дискуссии по вопросам глобализации кроме теоретических моделей Э. Гидденса и Л. Склейра, представлена также альтернативная модель глобализации. Она, как нами было отмечено выше, выдвинута в середине 1980-х гг. Р. Робертсоном. Он выдвинул тезис о том, что «глобальная взаимозависимость национальных экономик и государств является лишь одним из аспектов глобализации, тогда как второй аспект - глобальное сознание индивидов - столь же важен для превращения мира в «единое социокультурное место». Определяя глобализацию как серию эмпирически фиксируемых изменений, Р. Робертсон концептуализировал глобализацию как изменения в межиндивидуальных взаимодействиях» [7,с.36].

При этом нужно отметить, что в глобализации Р. Робертсоном «выявляются две направленности: глобальная институционализация жизненного мира и локализация глобальности» [9,с.15]. Под глобальной институализацией Р. Робертсон понимает актуализацию каждодневных локальных взаимодействий и прямого взаимодействия макроструктур миропорядка. Она, в свою очередь, как система взаимозависимости обществ, актуализируется под взаимодействием трех факторов: гегемония капитализма, империализма Запада и развития систем СМИ на глобальном уровне. «Вторая направленность глобализации в модели Р. Робертсона - локализация глобальности - призвана отразив тенденцию становления глобального не “сверху”, а “снизу”, то есть через локальное - через превращение взаимодействия с представителями иных государств и культур в рутинную практику, через включение в повседневную жизнь элементов инонациональных, “экзотических” локальных культур. В мультикультуральных локальных сообществах категории “международные отношения”, “столкновение цивилизаций”, “транснациональная корпорация”

оказываются практическими категориями взаимодействия. В этом случае термин “глобальное” означает не только “интернациональное”, но и “субнациональное”, и даже “локальное” в той степени, в какой последнее глобализует - превращает повседневную жизнь людей в переживание глобального. Чтобы подчеркнуть двухуровневость глобализации, соотносительность и взаимопроникновение глобального и локального, сочетание тенденций к гомогенности и к гетерогенности, Робертсон даже вводит специальный термин: “глокализация”» [7,с.37].

Теоретические разработки Р. Робертсона нашли поддержку среди других ученых. Так, например, известный исследователь процесса модернизации У. Бек разработал на их основе собственный научный подход к глобализации.

Немецкий исследователь У. Бек в своем научном труде “Что такое глобализация?” пишет, что глобализация, это «не связанные границами повседневные действия в различных измерениях экономики, информации, экологии, техники, транскультурных конфликтов и гражданского общества» [10,с.44]. Введенное им понятие «транснациональное социальное пространство» [10,с.29] дает возможность немецкому ученому объединить под общим названием «глобализация» процессы в сферах политики, экономики, культуры, экологии и др.

«В политической сфере глобализация означает «размывание» суверенитета национального государства в результате действий транснациональных акторов и создания ими организационных сетей. В экономике глобализация означает наступление денационализированного, дезорганизованного капитализма, ключевыми элементами которого являются выходящие из-под национально-государственного контроля ТНК и спекуляции на транснациональных финансовых потоках. В культуре глобализация означает глокализацию, то есть взаимопроникновение локальных культур в транснациональных пространствах, каковыми являются западные мегаполисы – Лондон, Нью-Йорк, Лос-Анджелес, Берлин и т.п.» [10,с.40].

Таким образом, ознакомление с научной литературой и умножение частнодисциплинарных трактовок глобализации позволяет нам сделать вывод, под глобализацией понимают процесс социальных изменений, который приводит к всеобъемлющему, всемирному связыванию структур, институтов и культур, а также к увеличению глобальной культурной коммуникации между людьми. Мы согласны с тем утверждением, что «глобализация представляет собой очередной миропроект……. Либерально-демократический проект, направленный на объединение мира на основе неолиберальных стандартов и единого свободного рынка, построение глобалистической цивилизации» [11,с.79].

Между тем нам бы хотелось внести некоторую ясность в рассмотрение понятий «глобализация» и «глобализм», так как наряду с процессом глобализации внимание ученых в последнее время все чаще сосредоточивается на таком явлении, как глобализм. «В то время как «глобализация» в большей части характеризует объективные изменения в мире, которые частично происходят вне нас, «глобализм» характеризует изменения, происходящие в субъективной сфере. В процессе практического освоения глобализирующегося мира общество отражает его в своем сознании, формирует комплекс идей и эмоций, которые называют глобализмом» [12]. Таким образом, глобализм можно охарактеризовать как идеологию глобализации.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Борисов А.А. Глобализация и американская этнокультурная модель // Мировая политика: проблемы теоретической идентификации и современного развития. –М.: «Российская политическая энциклопедия», 2006. – С.65-98
2. Левашов В.К. Глобализация и устойчивое развитие [электронный ресурс]. URL: http://www.studmed.ru/levashov-vk-globalizaciya-i-ustoychivoe-razvitie_0f4723f1e8d.html (дата обращения: 12.05.2018 г.)
3. Сатановский Е. Глобализация терроризма и её последствия / Е. Сатановский // Международная жизнь. – 2001.– №9-10. – С.17-25.
4. Хайдаров Р.Дж. Влияние процесса глобализации на трансформацию таджикского общества: дис. ... д-ра филос. наук: 09.00.11 / Хайдаров Р.Дж. – Душанбе, 2007. – 265 с.
5. Шимаи М. Глобализация как источник конкуренции, конфликтов и возможностей [электронный ресурс]. URL: http://vasilievaa.narod.ru/9_1_99.htm (дата обращения: 14.05.2018 г.)
6. Яшкова Т.А., Лось В.А. Политическая модернизация России в условиях глобализации цивилизационных процессов (на примере постсоветского пространства): Учебное пособие. – М.: ИПК МГЛУ «Рема», 2011. – 322 с.
7. GiddensA. Modernity and Self-Identity: Self and Society in the Late Modern Age. Cambridge: Polity Press, 1991. – 264 p.
8. Giddens A. The Consequences of Modernity. Cambridge: Polity Press, 1990. -188 p.
9. Robertson R. Globalization. London: Sage, 1992. – 224 p.
10. Sklair L. Sociology of the Global System. Hemel Hempstead,1991. – 352 p.
11. Robertson R. Mapping the Global Condition: Globalization at the Central Concept // Global Culture. Ed. by M.Featherstone. London, 1990. P.15-30.
12. Beck U.Wasist Globlisierung? Frankfurt / M., 1998. - 280 p.

## МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚОТИ РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ:ТАҲЛИЛИ КОНСТРУКСИЯҲОИ НАЗАРИЯВӢ

Дар мақола баъзе конструксияҳои назариявӣ, ки аз ҷониби мактабҳои гуногуни фалсафаи иҷтимоӣ доир ба раванди ҷаҳонишавӣ сохта шудаанд, баррасӣ гардидаанд. Сохтори назарияҳои ҷаҳонишавии Э.Гидденс ва Л.Склейр мавриди таҳлил қароргирифтаанд. Дар натиҷаи ин таҳлил муайян гашт, ки ин назарияҳо ба ҳам монанд ҳастанд, зеро дар онҳо ҷаҳонишавӣ ҳамчун системаи глобалии робита ва фаъолияти мутақобилаи равандҳои маҳаллии иҷтимоӣ баррасӣ шудаанд. Нишон дода шудааст, ки дар баҳс атрофи ҷаҳонишавӣ ба ғайр аз моделҳои назариявии Э. Гидденс ва Л. Склейр ҳамчунин модели алтернативии ҷаҳонишавӣ мавҷуд аст. Онро Р. Робертсон пешниҳод намуда, таъкид кардааст, ки вобастагии мутақобилаи глобалии иқтисодиёти миллӣ ва давлатҳо яке аз ҷанбаҳои ҷаҳонишавӣ аст. Ҳамзамон, ҷанбаи дуюм - шуури глобалии фардҳо барои табдили ҷаҳон ба "макони ягонаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ" бениҳоят зарур аст. Қайд гаштааст, ки коркарди назариявии Р. Робертсон аз ҷониби дигар олимон дастгирӣ ёфтааст. Нишон дода шудааст, ки дар асоси онҳо муҳаққиқи соҳаи модернизатсия У.Бек мавқеи илмии худро дар мавриди ҷаҳонишавӣ кор карда баровардааст. Идеяи У. Бек дар бораи он, ки ҷаҳонишавӣ ин фаъолияти ҳаррӯза ва ҳудудан пайваст набуда, дар сатҳҳои гуногуни иқтисодиёт, иттилоот, экология, техника, низоъҳои фарофарҳангӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ зуҳур меёбад, баррасӣ гардидааст. Шакли нави шуури ҷамъиятӣ- глобализм, ки инъикоси раванди объективии ҷаҳонишавӣ мебошад, дида баромада шудааст. Таъкид гаштааст, ки глобализм кӯшиши одамон ба усули коллективии фикрронӣ, тамоюли худшиносӣ бо тамаддуни ҷаҳонӣ бо кулли инсоният аст.

**Калидвожаҳо:** ҷаҳонишавӣ, глобализм, геополитика, фарофарҳанг, тамаддун, бисёрфарҳангӣ, маҳаллишавӣ.

## ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРОЦЕССА ГЛОБАЛИЗАЦИИ: АНАЛИЗ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ КОНСТРУКЦИЙ

В статье рассматриваются некоторые теоретические конструкции, выстроенные различными социально-философскими школами вокруг процесса глобализации. Проанализирована структура теорий глобализации Э. Гидденса и Л. Склейра. Результат анализа показывает, что эти теории очень схожи, так как здесь глобализация представлена как глобальная система взаимосвязей и взаимодействия локальных социальных процессов. Показывается, что в дискуссии по вопросам глобализации кроме теоретических моделей Э. Гидденса и Л. Склейра представлена также альтернативная модель глобализации. Она была выдвинута Р. Робертсоном, который в своем тезисе утверждает, что глобальная взаимозависимость национальных экономик и государств является лишь одним из аспектов глобализации, тогда как второй аспект - глобальное сознание индивидов - столь же важен для превращения мира в «единое социокультурное место". Отмечается, что теоретические разработки Р. Робертсона нашли поддержку среди других ученых. Указывается, что исследователь процесса модернизации У. Бек разработал на их основе собственный научный подход к глобализации. Обсуждается идея У. Бека о том, что глобализация, - это не связанные границами повседневные действия в различных измерениях экономики, информации, экологии, техники, транскультурных конфликтов и гражданского общества. Рассмотрена новая форма общественного сознания-глобализм, отражающая объективный процесс глобализации. Утверждается, что глобализм - это стремление людей к коллективному стилю мышления, тенденция идентификации с мировой цивилизацией, всем человечеством.

**Ключевые слова:** глобализация, глобализм, геополитика, транскультура, цивилизация, мультикультура, глокализация

## THEORETIC AND METHODOLOGICAL ISSUES OF INVESTIGATION OF THE GLOBALIZATION PROCESS: ANALYSIS OF THEORETICAL CONSTRUCTION

In the article some theoretical constructions built by various socially-philosophical schools around the process of globalization are considered. The structure of the globalization theories of E. Giddens and L. Sklair is analyzed. The result of the analysis shows that these theories are very similar, since here globalization is represented as a global system of interrelations and interactions of local social processes. It is shown that in the discussion on globalization, in addition to the theoretical models of E. Giddens and L. Sklair, an alternative model of globalization is also presented. It was put forward by R. Robertson, who in his thesis asserts that the global interdependence of national economies and states is only one aspect of globalization, whereas the second aspect - the global consciousness of individuals - is just as important for making the world a "single socio-cultural place". It is noted that the theoretical development of R. Robertson found support among other scientists. It is pointed out that the researcher of the modernization process U. Beck developed on their basis his own scientific approach to globalization. The idea of W. Beck is discussed that globalization is everyday actions in various dimensions of the economy, information, ecology, technology, trans-cultural conflicts and civil society. A new form of social consciousness is considered-globalism, reflecting the objective process of globalization. It is asserted that globalism is the aspiration of people to a collective style of thinking, the tendency of identification with the world civilization, all mankind.

**Key words**: globalization, globalism, geopolitics, transculture, civilization, multiculturalism, glocalization.

**Сведения об авторе:** ***Хайдаров Рустам Джурабоевич*** - Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистана, доктор философских наук, заведующий отделом политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 33. Телефон: (**+992 37) 221-56-89.** E-mail: **rustam86@hotmail.com**

**Information about the author:** ***Haydarov Rustam Juraboievich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law of Academy of Science of the Republic of Tajikistan, Dr. of Science (Social Philosophy), Head of the Department of Political Science. **Address:** 734025, Rudaki Tajikistan, avenu, Dushanbe, 33. Tel: **+992 37 2215689.** E-mail: **rustam86@hotmail.com**

УДК 314/316

# САБАБҲО, ШАРОИТИ ПАЙДОИШ ВА ПАҲНШАВИИ ТЕРРОРИЗМ

***Маҳмадиев Н. Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муайянамоии сабаб, шароити пайдоиш, паҳншавӣ, миқёс ва хислат дар баҳогузории терроризм нақши муҳимро мебозанд. Таҳқиқ ва тақсимбандии сабабҳои терроризм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ шартҳои зарурии пешгирӣ ва паҳншавии терроризм ба ҳисоб мераванд.

Сабабҳои пайдоиши терроризм гуногун ва хеле зиёданд. Дар шароити кунунӣ сабабҳои пайдоиши терроризм дар ҷомеа мухталиф буда, ин раванд водор менамояд, ки мо хатарҳои террористиро системавӣ дар маҷмӯъ фарох омӯхта, терроризмро пешгирӣ намоем. Таҳқиқи назариявӣ – методологӣ ва ташкилии мутобиқ барои эҷоди механизми таъсиррасонӣ ба сабабҳои терроризм тақозо менамояд, ки манбаъҳои пайдоиши терроризм муайян карда шуда, барои пешгирии он тамоми чораҳо андешида шаванд. Тазодҳои иҷтимоӣ, сабаби асосии пайдоиши терроризм ва экстремизм мебошанд. Тазодҳои иҷтимоӣ, идеологӣ, байнимиллӣ, байнидинӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ моҷароҳои гуногунро ба миён меоранд. Моҷароҳо давраҳои тезутунди инкишофро аз сар гузаронида, омилҳо ва заминаҳои рушди терроризмро ба вуҷуд меоранд.

Равишҳои умумиметодологӣ оиди муайян намудани заминаҳои терроризм ва роҳҳои бартараф намудани сабабҳои аслии терроризм дар Консепсияи мубориза бо терроризм ва экстремизми Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд [1]. Терроризм заминаҳои иҷтимоӣ ва таърихии пайдоиш дорад ва дар раванди таҳқиқу омӯзиш ин омилҳо бояд ба назар гирифта шаванд. Тоҷикистони муосир баъди барҳам хӯрдани собиқ ИҶШС ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ ба як қатор тазодҳои мудҳиши иҷтимоӣ - сиёсӣ рӯ ба рӯ гашт. Охири солҳои 80 – ум сатҳи зиддиятҳои этносиёсӣ ва сиёсии ҷомеаи шӯравӣ зиёд шуда, ин раванд ба парокандашавии давлати бузурги Шӯравӣ сабаб шуд. Паҳншавии зуҳуротҳои ифротӣ ва террористӣ дар заминаи иҷтимоӣ, этникӣ, мазҳабӣ ва минтақавӣ дар ҷумҳуриҳои алоҳидаи собиқ ИҶШС хеле авҷ гирифтанд. Тоҷикистон дар шароити нави мавҷудияти истиқлолияти давлатӣ ва тағйиротҳои демократӣ бо тазодҳою моҷароҳои нави хосияти ифротӣ - террористӣ дошта рӯ ба рӯ шуд, ки дар натиҷа вазъияти сиёсию динии ҷомеа хеле мураккаб гашта, ҷанги шаҳрвандӣ авҷ гирифт, ки вазъияти иқтисодӣ, моддӣ – материалӣ ва сиёсии ҷомеаро афгор намуд. Агар Тоҷикистонро ҷанги шаҳрвандӣ фаро намегирифт, мумкин ҷомеаи муосири тоҷик дар сатҳи дигари тараққиёти иҷтимоӣ – иқтисодӣ қарор мегирифт. Зарари моддӣ, маънавӣ, равонӣ ва сиёсие, ки ҷанги шаҳрвандӣ ба миллати тоҷик расонид, то ҳол дақиқ шуморида нашудаанд ва ин зарарҳо барқарорнашавандаанд. Дар инкишофи омилҳои террористӣ сабабҳои дохилию берунӣ нақши ҳалкунанда доранд [2, с.45].

Сабабҳои дохилии пайдоиши терроризм дар Тоҷикистон аз омилҳо, зуҳуротҳо ва равандҳое иборат мебошанд, ки табиатан гуногун буда, бартараф кардани онҳо чи аз тарафи давлат ва чи аз тарафи ҷомеа хеле душвор мебошад. Аммо бартараф кардани ин душвориҳо шарти муҳимми пешгирӣ ва мубориза бо ифротгароию терроризм мебошад. Ба сабабҳои дохилии пайдоиши терроризм маҷмӯи душвориҳои иҷтимоӣ дохил мешаванд, ки сари вақт ҳаллу фасли худро наёфта, боиси пайдоишу рушди тамоюлҳои номатлуби ифротию террористӣ гаштаанд, ки инҳо мебошанд: тафовути даромад байни қишри аҳолии сарватманд ва қашшоқ, душвории иҷтимоишавии ҷавонон, сатҳи пасти дониши динӣ ва дунявӣ, мавҷуд набудани идеяи миллии муттаҳидкунандаи ҷомеа, таълими ҷавонон дар мадрасаҳои номаълуми кишварҳои исломӣ, тарғиботи ифротӣ тавассути интернет байни ҷавонон, рушди амалҳои коррупсионӣ, сатҳи пасти иҷтимоӣ – иқтисодии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ва мавҷудияти сатҳи баланди фаъолияти ифротию ҷинояткорӣ.

Бояд қайд кард, ки парокандагии ҷомеа, ҳисси нобоварӣ, хусумати динию этникӣ, сиёсию иҷтимоӣ дар марҳилаи аввали соҳибистиқлоли Тоҷикистон хусусияти хосси инкишофро ташкил медоданд. Рушд ёфтани зуҳуротҳои номатлуб, аз қабили гурӯҳбозӣ, маҳалгароӣ, муносибати хешу таборчигӣ, ифротгароӣ ва ғайраҳо боиси нигаронӣ мебошанд. Набудани ғояи умумимиллӣ, вайрон шудани сохтори иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии ҷомеа, ҳисси шахсиятпарастӣ, ҷаҳолатпарастӣ, эҳсоси бартарияти иҷтимоӣ, парастиши қувва, фоидаи осон, беҳурматӣ ба қонун ва дигар амалҳои ғайриинсониро зиёд карда буданд. Аз ибтидои солҳои 2000 – ум оғоз карда дар Тоҷикистон марҳилаи нави рушди иҷтимоӣ –

иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ шурӯъ гашт, ки дар саргаҳи он Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Мутаассифона, инкишофи иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва сиёсӣ кафолати пайдо нашудани гурӯҳҳои ифротӣ – террористиро дода наметавонанд, чунки чи дар дохил ва чи хориҷи кишвар одамон ва гурӯҳҳое вуҷуд доранд, ки рушду тараққиёт ва пешравии моро дар тамоми самтҳо таҳаммул ва дида наметавонанд. Воқеияти дигари инкишофи ҷомеаи муосир далели он аст, ки ифротгароию терроризм новобаста аз сатҳи тараққиёти ҷомеа ва давлат вуҷуд доранд ва вазъияти имрӯзаи сиёсӣ – иҷтимоии Аврупои Ғарбӣ, ИМА ва Русия далели ин гуфтаҳост [3, с.106].

Дар шароити ҳозира зиддиятҳои байниқавмӣ, паҳншавии миллатгароӣ ва сепаратизм метавонанд зуҳуротҳои террористиро инкишоф диҳанд. Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки терроризму ифротгароии хосияти динию қавмӣ дошта дар мавҷи Эҳё миллии Тоҷикистон фаъол гашта истодаанд. Терроризмро як қатор гурӯҳҳои радикалию қувваҳои ифротӣ дар асоси бедор кардани ранҷишу озурдахотирии бардурӯғ ва бурдани сиёсати беадолатонаю нодуруст нисбати қавмҳою миллатҳои алоҳида инкишоф дода, онҳоро ба якдигар ҷанг меандозанд. Ин равандҳо ибтидои солҳои 90 – ум хатари парокандашавии Тоҷикистонро ба миён оварда, дар як қатор минтақаҳои ҷумҳурӣ вазъияти динию сиёсиро хеле моҷаропазир намуд. Этномиллатгароӣ ва этноҷудохоҳӣ дар шароити бад шудани вазъияти иҷтимоӣ – иқтисодӣ афзоиш ёфта, заминаҳои рушди ифротгароию терроризмро боз ҳам зиёдтар менамоянд.

Радикализми динӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон хеле авҷ гирифтааст, ки асоси бунёдии онро бунёдгароии исломӣ ва дигар ҷараёнҳои ифротӣ ташкил медиҳанд. Фундаментализми исломӣ бо идеологияи вайронкунанда кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки мақом ва ҷойгоҳи «исломи анъанавӣ» ва фиқҳи ҳанафиро танг карда, дар ҷойи он исломи радикалию ифротии ваҳоббиро паҳн намояд. Идеологияи ҷараёни ифротии ваҳоббия ва салафия дорои шиорҳои ифротию вайронкунанда буда, ба воситаи онҳо ба қатори ҷараёнҳои экстремистию террористӣ ҷавонон ҷалб карда мешаванд.

Муҳаққиқон қайд менамоянд, ки таҷрибаи муборизаи ғайрирасмии баъзе иттиҳодияҳои ҷамъиятию ғайридавлатӣ, гурӯҳҳои бюрократию миллӣ, ташкилотҳои динӣ – мазҳабӣ ва этникӣ барои роҳ ёфтан ба ҳокимият ва ба ин восита таъсир расонидан ба интихоботи давлатию маҳаллӣ, аз худ кардани моликият ва тақсимнамоии он ба занҷири муҳимми сабабиятҳои пайдоиши экстремизму терроризм дохил мегарданд. Ин таҷриба одатан хосси ҳаёти иҷтимоӣ – сиёсии кишварҳое мебошад, ки дар он нишонаҳои «ҷомеаи анъанавӣ» баръало мушоҳида мешавад. Вайронкунии қонунҳои амалкунанда ва қоидаҳои муборизаи сиёсӣ, бехатарии ҷамъиятӣ, тартибу низом дар «ҷомеаи анъанавӣ» ба он мерасонад, ки гурӯҳҳои ба ҳам муқобил барои ҳимояи манфиатҳои худ аз усулҳои ғайриқонунию террористӣ истифода менамоянд. Мисоли равшани гуфтаҳои болоро дар воқеаҳои ибтидои солҳои 90 – уми Тоҷикистон мушоҳида кардан мумкин аст.

Баландравии сатҳи ҷинояткорӣ дар ҷомеаи тоҷик нимаи 2 – юми солҳои 90 – ум ва ибтидои солҳои 2000 – ум омили дигари пайдоиши экстремизм ва терроризм мебошад. Чи тавре мо шоҳид ҳастем, қонунвайрокунӣ, нигилизми ҳуқуқӣ инкишоф ёфта, як қатор шаҳрвандони кишвар ба муносибатҳои ҷиноятӣ ҳамроҳ шуда, иншоотҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, аз қабили заводу фабрикаҳо, инчунин иншоотҳои фарҳангию фароғатиро зери назорат гирифта, ба манфиати гурӯҳии худ истифода намуданд. Пайдоиш ва инкишофи ҷинояткории муташаккилона ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи тоҷик таъсири манфӣ расонида, дар як қатор ҳолат гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша нақши ташкилкунандаи фаъолияти террористиро иҷро намуданд.

Муайян кардани вазифаҳо дар пешгирию мубориза бо экстремизму терроризм нақши муҳимро мебозад. Махсусан, бояд тарғиботи зиддитеррористию экстремистӣ байни аҳолӣ фаъол карда шавад, то ки пеши роҳи таъсири берунаи пайдоишу паҳншавии ҷараёнҳои экстремистӣ гирифта шавад. Маълум аст, ки таъсири берунаи кишварҳои исломии Шарқи Наздик ба вазъияти динии Тоҷикистон мушоҳида мешавад ва вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки мубориза дар ин самт мустаҳкам карда шавад. Ду даҳсолаи охир омилҳои берунаи паҳншавии ифротгароию терроризм ба бехатарии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Равандҳои глобализатсионӣ тазодҳои иҷтимоӣ – сиёсии ҷомеаро тезонида, боиси паҳншавии экстремизму терроризм низ мегарданд.

Як қатор кишварҳои Шарқи Наздик бо фаъолияти тарғиботии худ оиди паҳн кардани равияҳои ифротӣ бехатарии Тоҷикистонро зери хатар гузошта, мақсадҳои стратегии худро амалӣ намуда, ба воситаи дастгирии гурӯҳҳои экстремистию террористӣ вазъи иҷтимоӣ – сиёсӣ ва диниро ноором менамоянд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки радикализми динӣ,

миллатгароии канора ва сепаратизмро инкишоф диҳанд. Фаъолияти тахрибкоронаи гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ба воситаи иштироки мустақиму ғайримустақими идораҳои ҷосусии кишварҳои хориҷӣ ё дигар идораҳои давлатию ғайридавлатӣ алоқманд бо хадамоти ҷосусӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, вақтҳои охир муайян шуд, ки Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро, ки бо қарори суд экстремистӣ эълон шуда, фаъолияташ дар қаламрави Тоҷикистон манъ шудааст, кушоду равшан дастгирӣ намуда, ба роҳбарони онҳо ёрии моддию маънавӣ мерасонад. Пайравони ҳизби ифротию террористӣ сентябри соли 2015 кӯшиш намуданд, ки дар Тоҷикистон табаддулоти давлатӣ намуда, ҳокимиятро ғасб намуда, роҳбарияти олии онро нобуд созанд. Эрон дар ин кор саҳми бевосита дошта, тамоми амалҳои ин гурӯҳи ифротию террористии наҳзати исломиро маблағгузорӣ менамудааст.

Як қатор кишварҳои исломӣ дар таърихи пасо шӯравии Тоҷикистон ҷараёнҳои экстремистию террористии муайянро озодона дастгирӣ намуда, ба онҳо ёрии сиёсию иттилоотӣ мерасонанд. Маълум аст, ки ёрии ҳамаҷонибаи кишварҳои хориҷӣ ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ҳолати равонию ахлоқии онҳоро баланд бардошта, фаъолияти тахрибкоронаи онҳоро зиёд намуда, бехатарии ҷомеаи тоҷикро зери хатар мегузоранд. Инчунин, гурӯҳҳои экстремистӣ ба воситаи амалҳои гуногуни экстремистӣ обрӯи кишварро дар арсаи байналмилалӣ коста мегардонанд. Исбот шудааст, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҷанги таҳмилӣ буда, давлатҳои алоҳида гурӯҳҳои гуногуни ифротӣ – террористиро дастгирӣ менамуданд. Кишварҳои алоҳида, ба монанди Эрон, Покистон, Афғонистон, Арабистони Саудӣ дар воқеаҳои сиёсию иҷтимоии аввали солҳои 90–уми Тоҷикистон ба таври мустақиму ғайримустақим иштирок доштанд. Муҳаққиқи рус В.Я.Белокренитский қайд менамояд, ки сарвазири Покистон Зиёулҳақ ният дошт, ки фазои таъсирасонии худро аз ҳисоби кишварҳои Осиё Миёна васеъ намояд. Воситаи асосии ин таъсирасонӣ, албатта, ба воситаи исломи радикалию ифротӣ буд, ки ҳамон замон дар Тоҷикистон хеле фаъол гардонида шуда буданд [4, с.34-50].

Бояд қайд кард, ки як қатор кишварҳои хориҷӣ дар масъалаи мубориза бо экстремизму терроризм сиёсати дугона доранд. Сиёсати дугона дар он зоҳир мегардад, ки кишварҳои алоҳида меъёрҳои умумии мубориза бо экстремизму терроризмро сарфи назар намуда, мувофиқи манфиатҳои сиёсии худ амал мекунанд ва имкон фароҳам меоранд, ки гурӯҳҳои экстремистӣ – террористӣ дар ҷаҳон паҳн шаванд. Сиёсати стандартҳои дугона кишварҳои алоҳидаро заиф карда, ба объекти ҳуҷумҳо ва паҳншавии терроризм табдил дода, барои гурӯҳҳои экстремистию террористӣ шароити мусоиди фаъолияту амал фароҳам меоранд. Намунаи ин сиёсатро мо дар Сурия, Ироқ ва Либия мушоҳида карда метавонем. Ба ақидаи мо, бояд тамоми паҳлуҳои сиёсати дугона ба ҷомеаи ҷаҳон фош карда шавад, то одамон аз натиҷаи зараровари ин сиёсат хабардор шаванд [5, с.203]. Аммо ин мубориза бояд, ки дар доираи тарғиботи зиддитеррористӣ бошад.

Вақтҳои охир кишварҳои алоҳидаи, аз нигоҳи иқтисодӣ пурқувват кушоду равшан экстремизму терроризмро тарғиб менамоянд. Махсусан, гурӯҳҳои экстремистии этномиллӣ, динӣ – сиёсӣ мусаллаҳ бо идеологияи исломию ифротӣ ва гурӯҳҳои байналмилалии террористӣ дар паҳн кардани идеологияи экстремистию террористӣ хеле фаъол мебошанд. Маълум аст, ки ҳаракатҳои экстремистию террористӣ фаъолияти зараровари худро берун аз ҳудуди Тоҷикистон ба роҳ монда, имкониятҳои легалию ғайрилегалии таъсирасониро истифода менамоянд. Фаъолияти гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ба тақсиму пароканданамоии ҷомеаи тоҷик равона шуда, мақсади ниҳоияшон ба ҳокимият расонидани ҳизби динӣ – сиёсӣ мебошад. Амалҳои ҳизби ифротию террористии наҳзати исломӣ нисбати Тоҷикистон далели гуфтаҳои болост. Фаъолияти муташакили террористӣ дар системаи воситаҳо, шаклҳо ва методҳои истифодшавандаи гурӯҳҳои экстремистӣ нақши муайянро мебозад. Масалан, гурӯҳҳои экстремистию террористӣ ба воситаи ёрии башардӯстона ба соҳаи иқтисодиёт, фарҳанг, маориф, тандурустӣ давлатро муттаҳам намуда, дар асл гурӯҳҳои муайяни экстремистию террористиро пуштибонӣ менамоянд ва ба воситаи ин ҳавасмандгардониҳо аҳолии осоиштаро ба фаъолияти экстремистию террористӣ ҷалб менамоянд. Ҳамчунин, фаъолияти тарғиботӣ – иттилоотии сохторҳои экстремистию террористии байналмилалӣ ба ноором кардани вазъияти сиёсии кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон равона шудааст.

Дар Тоҷикистон боз шароитҳои дигаре низ вуҷуд доранд, ки барои инкишофи ин зуҳурот заминаи мусоид фароҳам меоранд. Набудани системаи самараноки пешгирии терроризму экстремизм, паст будани сатҳи фарҳанги сиёсию ҳуқуқии ҷомеа, паҳншавии нигилизми ҳуқуқӣ дар байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ, ғайрисамаранокии тартиботи

маъмурӣ – ҳуқуқӣ, тартиботи бақайдгирӣ будубош ва ҳаракати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди кишвар, нуқсони танзими ҳуқуқӣ ва истифодаи қонунгузорӣ оиди тартиби истеҳсол, нигоҳдорӣ, воситаҳои барои ҷомеа хатарнок яке аз омилҳои асосии рушди экстремизму терроризм ба ҳисоб мераванд. Бартараф кардани ин омилҳо дар пешгирии ҷиноятҳои хосияти ифротию террористӣ дошта нақши муҳимро мебозанд.

Тарғиби зӯроварӣ, миллатгароӣ, радикализми динӣ тавассути ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои паҳншавии экстремизму терроризм шароити мусоид фароҳам оварда, ба ташаккули ҳисси ваҳшонияту зӯроварӣ ба қисми аҳолӣ таъсири мустақим ва ғайримустақим мерасонад. Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Имрӯзҳо шабакаи интернет, мутаассифона, аз ҷониби гурӯҳҳои террористиву ифротгаро бо мақсади таблиғи ғояҳои экстремистӣ, ба сафи худ ҷалб намудани аъзоёни нав, омода ва роҳбарӣ кардани онҳо ба аъмоли харобкорона ба таври густурда истифода мешавад» [6]. Воқеияти инкишофи фазои шабакаи интернет тақозо менамояд, ки давлат ва ҷомеа ин фазоро зери назорат гиранд, то ки гурӯҳҳои манфиатдори ифротӣ – террористӣ онро ба манфиати сиёсию гурӯҳии худ истифода нанамоянд.

Дар ибтидои солҳои 90 – ум бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ нақши давлат дар назорати соҳаи фарҳанг каме коста шуда, арзишҳои фарҳангию маънавии миллати тоҷик бо арзишҳою ғояҳои фарҳанги бегона, махсусан хосияти динӣ дошта омехта гаштанд. Раванду зуҳуротҳои манфие, ки дар соҳаи фарҳангу маориф мушоҳида мешаванд, заминаи мусоиди паҳншавии экстремизму терроризмро ташкил дода метавонанд, ки ба ақидаи мо инҳоянд:

-мавҷуд набудани барномаҳо ва усулҳои мақсадноки тарбияи таҳаммулпазирӣ дар сатҳҳои гуногуни таълиму тарбия, ҳамчун шарти зарурии пешгирии кинаву адоват, шиддатнокии бархӯрдҳои иҷтимоӣ, роҳ надодани паҳншавии тафаккуру рафтори экстремистӣ;

-мавҷуд набудани тартиби самараноки ташкили самти мусбати иҷтимоӣ ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ, ки дар системаи муассисаҳои таълимӣ ба кӯдакону ҷавонон омӯзонида мешаванд;

-мавҷуд набудани дастурҳои ягонаи методӣ оиди мубориза бар зидди тафаккури террористию экстремистии байни аҳолии касбу кори гуногун, пеш аз ҳама, миёни насли ҷавон, ҳамчунин вуҷуд надоштани системаи донишҳои зиддитеррористӣ байни қишрҳои гуногуни аҳолӣ.

Чи тавре дар боло зикр кардем, сабабҳои экстремизму терроризм ё шароитҳои мусоид барои пайдоишу паҳншавии терроризм хеле зиёд мебошанд. Вазифаи ҷомеа ва давлат аз он иборат аст, ки бо тамоми воситаҳо роҳҳои пайдоиш ва паҳншавии экстремизму терроризмро гирифта, таъсири онро ба ҷомеа кам гардонад, ё тамоман несту нобуд созад. Барои амалӣ шудани ин мақсадҳо зарур аст, ки ҷомеа сари вақт аз ахбору иттилоотии зарурӣ оиди хатари экстремизму терроризм таъмин шуда, роҳҳои бартарафнамоӣ, шарту шароити мавҷудият ва таъсири манфии он ба аҳолӣ нишон дода шаванд. Ҳамчунин зарур аст, ки дар сатҳи давлатӣ барои пешгирии паҳншавии экстремизму терроризм чораҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, итилоотӣ – тарғиботӣ ва тарбиявӣ андешида шаванд. Танҳо бо ҳамин роҳ метавонем паҳншавии экстремизм ва терроризмро пешгирӣ намоем.

## АДАБИЁТ


1. Единая концепция Республики Таджикистан по борьбе с терроризмом и экстремизмом [электронный ресурс]. www.geneva-academy. Утверждено Указом Президента Республики Таджикистан от 28 марта 2006 г. №1717.
2. Маҳмадиев Н.Д. Социальные корни религиозного экстремизма в Таджикистане. Монография / Н.Д. Маҳмадиев. - Душанбе, 2013. – С.11.
3. Энгдаль У.Ф. Священные войны Западного мира. Монография / У.Ф. Энгдаль. -М., 2016. – 126.
4. В.Я. Белокреницкий. Исламизм и экстремизм на Ближнем Востоке // В.Я. Белокреницкий / (сборник статей). - М., 2001. – С.34-50.
5. Ноздрин А.В. Политика двойных стандартов в международных отношениях / Актуальные проблемы современных международных отношений [электронный ресурс]: https://cyberleninka.ru/ (дата обращение к сайту 14.05.2018)
6. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон [электронный ресурс]. http://www.president.tj/node/17613 (дата обращение к сайту 14.05.2018)


## САБАБҲО, ШАРОИТИ ПАЙДОИШ ВА ПАҲНШАВИИ ТЕРРОРИЗМ

Сабабҳои пайдоиши терроризм гуногун ва хеле зиёданд. Дар шароити кунунӣ сабабҳои пайдоиши терроризм дар ҷомеа мухталиф буда, ин раванд водор менамояд, ки мо хатарҳои террористиро системавӣ дар маҷмӯъ фарох омӯхта, терроризмро пешгирӣ намоем. Таҳқиқи назариявӣ – методологӣ ва ташкилии мутобиқ барои эҷоди механизми таъсирасонӣ ба сабабҳои терроризм тақозо менамояд, ки манбаъҳои пайдоиши терроризм муайян карда шуда, барои пешгирии он тамоми чораҳо андешида шаванд. Тазодҳои иҷтимоӣ, сабаби

асосии пайдоиши терроризм ва экстремизм мебошанд. Тазодҳои иҷтимоӣ, идеологӣ, байнимиллӣ, байнидинӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва миллӣ моҷароҳои гуногунро ба миён меоранд. Моҷароҳо давраҳои тезутунди инкишофро аз сар гузаронида, омилҳо ва заминаҳои рушди терроризмро ба вуҷуд меоранд. Радикализми динӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон хеле авҷ гирифтааст, ки асоси бунёдии онро бунёдгароии исломӣ ва дигар ҷараёнҳои ифротӣ ташкил медиҳанд. Фундаментализми исломӣ бо идеологияи вайронкунанда кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки мақом ва ҷойгоҳи «ислами анъанавӣ» ва фиқҳи ҳанафиро танг карда, дар ҷойи он исломи радикалию ифротии ваҳоббиро паҳн намояд. Идеологияи ҷараёни ифротии ваҳоббия ва салафия дорои шиорҳои ифротию вайронкунанда буда, ба воситаи онҳо ба қатори ҷараёнҳои экстремистию террористӣ ҷавонон ҷалб карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** тазодҳои иҷтимоӣ, фундаментализми исломӣ, радикализм, ҷанги шаҳрвандӣ, Эҳёи миллии Тоҷикистон, нигилизми ҳуқуқӣ, тарғиби зӯроварӣ, миллатгароӣ, сиёсати дугона, исломи анъанавӣ.

## ПРИЧИНЫ, УСЛОВИЯ ПРОИСХОЖДЕНИЯ И РАСПРОСТРАНЕНИЯ ТЕРРОРИЗМА

Терроризм имеет разные причины проявления. В нынешнем контексте возникновения терроризма в обществе проявляется на разном уровне, и это заставляет нас бороться с этим злом системно. Методологическая и организационная оценка на основе теории требует создания механизма влияния на причины проявления терроризма, необходимо бороться с террористическими проявлениями сообща. Социальные противоречия являются основной причиной возникновения терроризма и экстремизма. Социальные, идеологические, конфессиональные причины на глобальном, региональном и национальном уровне являются одной основными причинами конфликтов. Конфликты имеют разные стадии развития, которые могут приводить к обострению социально – политической ситуция и развитию терроризма. Радикализм значительно возрос в последнее время в Таджикистане, что создает основу для развития исламского фундаментализма и экстремизма. Наблюдаются попытки насаждения исламского фундаментализма, как средство развала традиционного ислама и ханафитского мазхаба в нашем обществе. Идеология экстремизма и салафизма является экстремистской и деструктивной, к которой привлекаются молодые люди с целью использования их в экстремистской и террористической деятельности.

**Ключевые слова:** социальные противоречия, исламский фундаментализм, радикализм, гражданская война, национальное возрождение Таджикистана, правовой нигилизм, пропаганда насилия, национализм, политика двойных стандартов, традиционный ислам.

## CAUSES, CONDITIONS OF ORIGIN AND SPREAD OF TERRORISM

The causes of the occurrence of terrorism are different and many. In the current context of the emergence of terrorism, it is different in the society, and this process pushes for terrorism to curb terrorism throughout the entire world. A theory-based methodological and organizational assessment requires the creation of a mechanism for influencing the causes of terrorism, where the origin of terrorism has been identified, and the measures to be taken to prevent it. Social protests are the main reason for the emergence of terrorism and extremism. Social, ideological, interdependent, inter-sectoral global, regional, and national currencies have different meanings. Malaria is experiencing rapid growth and development, raising factors and the development of terrorism. Radicalism has greatly increased in the current situation of Tajikistan, which creates its foundational foundation for Islamic fundamentalism and extremism. The fundamentalist Islamic fundamentalist ideology is trying to disseminate the status and place of "traditional Islam" and its ideology and disseminate radicalization and extremism. The ideology of extremism and salafism is an extremist and destructive rhetoric, and by which young people are attracted to the extremist and terrorist networks.

**Key words:** social contradictions, Islamic fundamentalism, radicalism, civil war, national revival of Tajikistan, legal nihilism, propaganda of violence, nationalism, a policy of double standards, traditional Islam.

**Сведения об авторе:** ***Махмадиев Н.Д.*** – Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент декан факультета философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе, Рудаки 17. **E-mail:** **nozim2985@mail.ru** Телефон: **93.932.59.42.**

**Information about the author:** ***Mahmadiev N.D.*** - Tajik National University, candidate of Philosophy, Associate Professor Dean of the Faculty of Philosophy of the. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. E-mail: **nozim2985@mail.ru** Phone: **93.932.59.42.**

УДК 101.1::316

# ҶАРАЁНҲОИ МУОСИРИ ИФРОТИИ ИСЛОМӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ

***Саидов Д.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар қарни муосир фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ ба вазъи ҳам дохилидавлатӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ таъсири хеле бузург мерасонад. Чуноне ки ҳодисаҳои дар Шарқи Наздик рухдода собит менамоянд, бархе аз ин ташкилотҳо ба неруи воқеие табдил ёфтаанд, ки метавонанд ба раванди сиёсии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Тоҷикистон бар асари як қатор омилҳои таърихӣ ва геополитикӣ дар маркази ин равандҳо қарор дошта, ба объекти таъсиррасонии фаъоли сиёсӣ табдил ёфтааст. Мафҳуми "тарғибот" (аз калимаи лотинии propaganda – паҳн кардан) дорои таърифҳои зиёд буда,

асоситаринашон инҳо маҳсуб меёбанд: “воситаи ғасби шуури оммавӣ”, “паҳн кардани сиёсат ва ғояҳои ҳизбҳо, гурӯҳҳо, давлатҳои муайян”, шакли фаъолияте, ки ба паҳн кардани иттилоот бо мақсадҳои ташаккули ҳолати муайяни эмотсионалӣ, густариши ақидаҳо, таъсир расонидан ба муносибатҳои иҷтимоии одамон равона карда шудааст” [1].

Чуноне ки муҳаққиқи рус П. В. Данилин тасдиқ мекунад, «тарғибот ин паҳн кардани мафкураи ғоявӣ ва сиёсӣ дар байни сомеон бо мақсади ташаккули эътиқод, нуқтаи назар, арзишҳо, тасаввурот, ғояҳо, таъсир расонидан ба муносибатҳои инсон ё ҷамъият маҳсуб меёбад» [2]. Дар сохтори тарғибот чунин ҷузъиётро ҷудо кардан мумкин аст: ирсолкунанда, иттилоот, дастраскунанда (гиранда) ва он амалҳое, ки ирсолкунанда дар зери таъсири бевосита ё бавоситаи иттилооти дастрасшуда анҷом медиҳад.

Тавре ки муҳаққиқи рус А.М. Свядош собит мекунад, таъсири муттасил ва ҳадафманди иттилоотӣ қодир аст дар инсони муосир ҳолати асабоният ё ҳатто ҷунуниро пайдо кунонад, ки ҳолатҳои мазкур ҳамчун хароб шудани асаб маънидод мешаванд ва дар амалҳои ғайричашмдошти шахсиятҳо, бахусус ҷавонон зоҳир мегардад [3, с.448.]. Дар натиҷаи ин, аз ҷониби гурӯҳҳои пинҳонкори экстремистӣ барои ҳаракатҳои ғайрирасмии ҷавонон дар мадди аввал он намудҳои фаъолият пешниҳод карда мешаванд, ки аз ҳама бештар хусусияти вайронкорӣ дошта, мақсадҳои мухталиф, аз ҷумла самтҳои экстремистиро пайгирӣ мекунанд.

Манбаи асосии иттилоот дар фаъолияти тарғиботӣ воситаҳои ахбори омма ва васоити иртиботӣ ба шумор меравaнд. Дар баробари воситаҳои асосии анъанавии тарғибот: санъати тасвирӣ, синамо, театр, адабиёт, шеъру шоирӣ, бо мақсадҳои таъсиррасонӣ ба мафкураи ҷавонон бештар шабакаҳои интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғ. мавриди истифода қарор мегиранд. Дар ин маврид тарғибот қисми ҷудонашавандаи сохтори робитаҳои сиёсӣ маҳсуб меёбад, ки он назар ба шарҳи Д. В. Олшанский, “таъсири махсуси иттилоотӣ- психологиро дар бар мегирад, ки ба тағйири мафкураи сиёсӣ ва рафтори одамон ба манфиати ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсии ирсолкунанда равона гардидааст”. Ба гурӯҳи ирсолкунандагони тарғибот, ки Д. В. Олшанский муайян кардааст, ҳам роҳбарони алоҳида, ҳам ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо, ташкилотҳо мансуб мебошанд. Дар ин ҷо зикр бояд кард, ки дар кишварҳои ИДМ тариқи хулосаҳои мақомоти судӣ 115 ташкилот террористӣ ё экстремистӣ эътироф гардида, фаъолияти онҳо бошад, тибқи Қонун дар бораи муқовимат ба фаъолияти экстремистӣ манъ карда шудааст [4].

Тарғибот ҳам қобили қабул (конструктивӣ) ва ҳам таҳрибкорона (деструктивӣ) мешавад. Мақсади тарғиботи деструктивӣ барангехтани хусумати иҷтимоӣ, авҷ гиронидани низои иҷтимоӣ, шиддатнок гардонидани зиддиятҳо дар ҷамъият, пайдо кунонидани эҳсосоти қабоҳату разолат миёни мардум ва ба ҳамин монанд амалҳо мебошад. Чунин амалҳо барои ҷудоиандозии одамон, гапдаро шуданашон ба майли тарғиботчиён имкон фароҳам меоранд. Технологияи ташкили “тимсоли душман” ба тарғиботчӣ имкон медиҳад, ки тӯдаи одамонро дар атрофи худ ҷамъ оварад, онҳоро бо мафкураҳои барояш манфиатнок побанд гардонад, дар шаҳрвандон сохтори муайяни арзишҳо, эътиқод, нуқтаи назарро ташаккул диҳад. Тарғиботи манфӣ дар мулоҳизаронҳои сабуки танқидӣ ва, дар навбати аввал, бедор кардани рағбати ҷавонон ба ин танқид ифода ёфта, мақсадҳои ба дом афтодани онҳоро ба манфиати ашхоси шомили гурӯҳҳои хурд пайгирӣ менамояд.

Бо дарназардошти вазъияти Сурия, Ироқ ва кишвари ҳамсоя Афғонистон изтироби махсусан ҷиддиро фаъолияти таҳрибкории чунин ташкилотҳои байналмилалии ифротию террористӣ, ба монанди «ДИИШ», «Ҷабҳат ан- Нусра», «Толибон» ба миён меорад. Зиёдтар аз ин, иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар сафҳои ин ва дигар ташкилотҳои ифротию террористӣ дар ҳудуди Сурия ва Ироқ амалкунанда дер боз боиси ташвиши ҷиддии роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ИДМ гаштааст, ки шаҳрвандони онҳо ҳам дар он ҷо қарор доранд. Дар давоми 5 соли ҷангу низоъ дар Сурия, Ироқ шумораи шаҳрвандони ИДМ ба ташкилотҳои террористӣ шомилгашта қариб 7000 нафарро ташкил додааст, аз 1000 то 1500 шаҳрвандони Тоҷикистон низ дар ҳайати давлати исломӣ қарор доранд. Маълум аст, ки баргаштани аъзоёни ҳаракати ифротию террористии ДИИШ ба Тоҷикистон метавонад вазъияти орому осудаи иҷтимоӣ – сиёсӣ ва диниро халадор намояд. Вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки пеши роҳи баргаштани онҳо бо тамоми роҳҳо ва воситаю усулҳо гирифта шавад.

Сиёсатмадорон ва намояндагони мақомоти қудратии Русия бар он ақидаанд, ки ин гурӯҳи шахсон ба амнияти миллии кишвар, ҳамчунин барои кишварҳои дигари ИДМ таҳдид ба миён меоранд. Аз “озмоишҳо” гузашта, ҷонибдорони хориҷии “ДИИШ” барои ҷалби аъзои нав, паҳн кардани ғояҳои ҷиҳод ва тарғиботи “ДИИШ” фаъолона амал мекунанд[5].

Дар ин маврид одамчалбкунӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ доман густурдааст. Чунин ақидаҳо мавҷуданд, ки ин шаҳрвандон барои ташкили ҷанговарони гурӯҳҳои нави ифротгаро аз ҳисоби ҷавонони ҷалбшуда махсусан фоиданок шуда метавонанд. Воқеан, мувофиқи маълумотҳои мавҷуда дар тамоми кишварҳои ИДМ ва махсусан дар Тоҷикистон қувват гирифтани тарғиботи интернетии ғояҳои экстремистӣ ва ташвиқоти " ҷиҳоди мусаллаҳона" ба мушоҳида мерасад. Дар ин робита мавриди зикр аст, ки тарафдорони ҳаракати ифротию террористии "ДИИШ" дар доираи ширкатҳои тарғиботии худ тавассути интернет бо истифода аз нозукиҳои корбарии техникӣ тарзу услубҳои муроҷиат ба ҷавононро омӯхтаанд. Ҳаракати ифротию терроистии ДИИШ воситаҳои пешқадами техникиро барои ҳарчи зиёд ҷалб кардани пайравон истифода менамояд.

Дар конференсияи 7-уми минтақавии "Ассотсиатсияи байналмилалии прокуророн барои давлатҳои Аврупои Марказӣ, Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ" сардори раёсат оид ба назорат ва иҷрои қонунҳо дар бораи бехатарии федералӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, муқовимат ба экстремизм ва терроризми Прокуротураи генералии Русия Ю. Хохлов изҳор дошт, ки "ДИИШ" майдони тарғиботии фаъолу шиддатнокро дар рӯҳияи "поп –културa"-и муосир барои одамҷалбкунии ҷанговарон-террористон бо истифодаи шабакаҳои интернет густурдаанд, ки ошкоро ба халалдор кардани мафкураи ҷавонон нигаронида шудааст [6, с.356]. Ба ин амалиёт намояндагони мутлақо синну соли гуногун ҷалб карда шудаанд. Чунончи, ҳодисаи дар Британиёи Кабир рухдода маълуму машҳур аст, вақте ки навраси 14-сола тавассути шабакаи интернет тавонист, ҷавони 19-солаи австралиягиро ба дом афтонад ва ӯро розӣ кунонад, ки ба Сурия равад. Ба хотир овардан зарур аст, ки ҷавонон аз имкониятҳои шабакаҳои ҷаҳонии иттилоотӣ хеле хуб огоҳанд.

Муовини Котиби генералии СММ Ҷ. Фелтман зикр намуд, ки дар Твиттер қариб 50 ҳазор нафар шахсони ҷонибдори "ДИИШ" кору зиндагӣ мекунанд. Террористон тариқи ба ҷавонон пешниҳод намудани имкониятҳои робита бо ҳамсолони худ ба муваффақиятҳо ноил мегарданд; барояшон майдончаҳои суҳбату вохӯриҳо ҷудо мекунанд, ки дар ин майдончаҳо метавонанд ғаму андӯҳ, орзую умед, майлу рағбаташонро барои дарёфти ҳақиқат бо ҳам қисмат намоянд. Назар ба иттилои Financial Times ташкилоти байналмилалии ифротию террористӣ «ДИИШ» дар соли 2012 ҳисоботи ҳарсолаашро интишор намуд, ки дар он маълумоти ададӣ ва ҷуғрофӣ оид ба амалиёти ин ташкилот – теъдоди таркишҳо, куштори сиёсӣ, ғасби шаҳрҳо ва ғ. дарҷ ёфтаанд. Ҳамчунин иттилое мавҷуд аст, ки дар ҷаҳон маъмулан 40 медиа-ташкилоти гурӯҳбандии "ДИИШ" амал мекунанд, ки барои татбиқи нақшаҳои террористӣ дар минтақаҳои муайян пешбинӣ шудаанд [6, с.81-88].

Муваффақиятҳои артиши миллӣ дар Сурия ва неруҳои мусаллаҳи Россия, ки аз охирҳои моҳи сентябри соли 2015 аз ҷониби неруҳои ҳавоии он дастгирӣ ёфтанд ва ҳуҷуми доманадор ба мавқеи "Давлати исломӣ", "Ҷабҳат ан-Нусра" ва дигар ташкилотҳои террористӣ, бешубҳа, ба фирори ҷанговарон дар сафҳои террористон, ҳамчунин ба талафоти зиёди онҳо оварда расонд. Барои аз нав пурра гардонидани сафҳои худ одамҷалбкунӣ аз ҷониби ин ташкилотҳо вусъат мегирад. Фақат дар Русия давоми соли 2015 28 одамҷалбкунандагон аз ҳисоби шаҳрвандони ин кишвар барои шомил гаштан ба сафҳои ҷанговарони террорист ошкор карда шуд. Дар Қирғизистон дар худи ҳамин сол 266 далели марбут ба одамҷалбкунӣ, зархаридӣ ва ба мамлакатҳои даргири хориҷӣ, дар навбати аввал ба Сурия, Ироқ, Афғонистон ва Покистон фиристодани шаҳрвандони ин кишвар ба қайд гирифта шуд. Маъракаи одамҷалбкунӣ барои тайёр кардани ҷанговарони террорист тавассути шабакаҳои интернет ва, қабл аз ҳама, бо истифода аз ҳамаи шабакаҳои мамнуи иҷтимоӣ гузаронида мешавад. Чуноне ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ҳадафи одамҷалбкунандагон на фақат мардон, балки ҳамчунин занону духтарон мебошад. Аксар духтарон бо мақсади истифода бурдан ба ҳайси террористон- фидоиёни роҳи ислом ҷалб карда мешаванд. Мувофиқи хабарҳои расмӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон байни солҳои 2012 то миёнаи соли 2016 1094 шаҳрванд Тоҷикистонро тарк карда, ба ҳаракати ифротию террористии ДИИШ пайваст шудаанд, байни онҳо аз 125 то 200 занҳо мебошанд [8].

Зикр кардан бамаврид аст, ки на фақат ҳаракатҳои ифротию террористии дар минтақаҳои даргир амалкунанда фаъолияти тарғиботиро роҳандозӣ мекунанд. Масалан, дар Қирғизистон марказҳои хориҷии ташкилоти динӣ- экстремистии "Ҳизб-ут-Таҳрир" фаъол аст, ки ин ташкилот дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Шарқи Наздик фаъолияти густурда дошта, муҳимтарин нақшаҳои стратегиашон иҷрои доимии вазифаҳо оид ба вайронкориҳо, роҳ ёфтан ба доираи ҷавонон, ташкили шабакаҳои васеи террористӣ, кӯшиши халадор намудани сохти давлатӣ ба шумор мераванд. Ҳамзамон, тағйири тамоюли фаъолияти одамҷалбкунӣ- тарғиботии ташкилоти "Ҳизб-ут-Таҳрир" бо дастгирии ғоявии ҳаракатҳои

ҷиҳоди дар Сурия ва Ироқ ва лоиҳаи эълоншудаи таъсиси “Халифати ислом” амалӣ карда мешавад. Фаъолияти “Ҳизб-ут-Таҳрир” пайваста ошкор ва намояндагони он дар марзҳо, аз ҷумла сарҳадҳои кишварҳои ИДМ дастгир карда мешаванд. Аъзоёни ин ташкилот дар 8 кишвари ИДМ – Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Ўзбекистон, Украина, Тоҷикистон, Туркманистон амал мекунанд. Чунончи, дар соли 2015 ВКД Русия муштаракан бо мақомоти амнияти ин кишвар дар натиҷаи чорабиниҳои фаврӣ - ҷустуҷӯӣ дар ҳудудҳои шаҳри Москва ва вилояти Москва иштирокчиёни дастаҳои махфии таҳрибкори ташкилоти экстремистии“Ҳизб-ут-Таҳрир”-ро ошкор намуданд. Муайян карда шуд, ки дастаҳои номбурда ҷонибдорони нави худро аз доираи ҷавонон тавассути паҳн кардани адабиёти экстремистӣ дар масҷидҳо ҷалб намудаанд, дар байни шахсони эътиқодманд суҳбату вохӯриҳо гузарониданд, ҳамчунин маблағҳои пулӣ барои расонидани кумакҳои молиявӣ ба шахсони иштирокчии амалиёти ҷангӣ дар мавқеи “Давлати исломӣ” ва дар Ироқ ҷамъ овардаанд. Дар Молдавия Хадамоти иттилоотӣ ва амниятӣ далелҳои одамҷалбкунӣ ва паҳн кардани ғояҳои таҳрибкориро дар ҳудуди ин кишвар ба қайд гирифтанд. Дар ҷараёни чорабинии фаврӣ-ҷустуҷӯӣ гурӯҳи шаҳрвандони сокини Русия ва Тоҷикистон, ки бо амалҳои ҷалб кардани духтарон бо мақсади минбаъда ба Сурия фиристодани онҳо машғул буданд, ошкор карда шуданд.

Маълумотҳои мавҷуда имкон медиҳад, ки чунин натиҷагирӣ карда шавад: аввалан, дар ҳудуди давлатҳои ИДМ паҳн кардани ғояҳо ва кӯшишҳои ҷалб намудани шаҳрвандон ба ташкилотҳои экстремистию террористӣ ҷой доранд; дувум, шахсоне, ки дар амалиёти ҷангӣ дар ҳайати гурӯҳҳои ифротгаро берун аз ҳудуди ИДМ иштирок намуда, ба ватан баргаштаанд (ҷанговарон-террористон), асосан барои тайёр кардан ва гузаронидани амалҳои террористӣ, ҳамчун шахсони дар истифодаи силоҳ ва маводи таркиш таҷрибаи бойдошта ҷалб карда мешаванд. Аммо истифода бурдани чунин ашхосро ба ҳайси намуна барои нишон додани қаҳрамонӣ дар нигоҳи ҷавонон набояд истисно кард; сеюм, ҳаҷми калони фаъолияти тарғиботӣ ба шаҳрвандони ИДМ аз берун, яъне на аз ҳудуди ин кишварҳо ворид мешавад. Чуноне ки раиси Шӯрои машваратии назди ИДМ М. Кочубей изҳор дошт, “ то 90% захираҳои ҳаракатҳои экстремистӣ берун аз ҳудуди ИДМ ҷой доранд”, ки ҳолати мазкур моҳиятан муқовимати фавриро душвор мегардонад[9].

Чуноне ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, танҳо бо роҳи зӯрӣ ба тарғибот муқовимат кардан мумкин нест. Муносибати маҷмӯӣ истифодаи ҳамаи институтҳои асосии иҷтимоиро талаб мекунад. Ва дар ин ҷо нақши муассисаҳои таълимӣ бузург аст, ки вазифаҳои иҷтимоикунонии ҷавонон, шиносоӣ бо арзишҳо ва таҷрибаҳои заминавиро ба ҷо меоранд.

Дар моҳи марти соли 2016 семинари минтақавӣ дар мавзӯи “Ошкор намудани нишонаҳо ва таваҷҷуҳ ба радикализатсияи аҳолӣ, ки ба экстремизм ва терроризми зӯроварӣ бурда мерасонад” баргузор гардид, ки бо иқдоми Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи муҳофизаткунанда барои Осиёи Марказӣ ва Офиси гурӯҳи мақсадноки СММ оид ба татбиқи чорабиниҳои аксултеррористӣ дар Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон шуда гузашт. Иштирокчиёни семинар зикр намуданд, ки муассисаҳои таълимӣ дар корҳои пешгирӣ аз зуҳуроти номатлуб дар байни ҷавонон ҳатто нисбат ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши муҳим мегузоранд. Дар робита ба ин, дар посух ба таҳдидҳо аз ҷониби ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ муассисаҳои таълимӣ бояд вазифаи маърифатпарвариро бар дӯш дошта бошанд. Масалан, дар доираи барномаи таълимӣ донишҷӯён метавонанд дар хусуси ташкилотҳои дар ҳудуди кишвар ва хориҷи он амалкунандаи экстремистию террористӣ бо шарҳи равшани хусусиятҳои фаъолияти таҳрибкории онҳо, ҳамчунин дар хусуси ҷавобгарии ҷиноӣ барои иштирок дар фаъолияти чунин ташкилотҳо маълумот дошта бошанд. Чунин барномаҳои омӯзишро дар доираи чунин бахшҳои таълимӣ, амсоли “Диншиносӣ”, “Бехатарии фаъолияти ҳаётӣ” ва ғ. гузаронидан мумкин аст, зеро маҳз бо донистани хусусиятҳои фаъолияти таҳрибкории ташкилотҳои экстремистӣ метавон заминаҳои боэътимоди муқовимат ба ғояҳои онҳоро гузошт. Ҳамин тариқ, дар мактабҳои олӣ иттиҳодияҳои зиддитеррористӣ ва зиддиэкстремистиро таъсис додан лозим аст, ки онҳо ба фаъолияти худ ҳамаи муҳассилини муассисаҳои таълимии ИДМ-ро ҷалб карда метавонанд. Ин тадбир имкон фароҳам меорад, ки на танҳо нишонаҳои радикализатсия ошкор карда, фаъолияти тарғиботии ташкилотҳои террористию экстремистӣ бетаъсир гардонида, солимии рӯҳӣ ҳифз карда шаванд, балки ҷавонон вақти холигӣ ёфта, ғайрати ҷавонии худро ба маҷрои сиёсии барои ҷамъияти муосир зарур равона созанд.

**АДАБИЁТ**

1. Зокиров Г.Н. Экстремизм // Донишномаи сиёсӣ /Китоби дарсӣ/ Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2007. - С.553-554.
2. Данилин П. Политическая пропаганда: новые технологии [электронный ресурс]: http://evartist.narod.ru/text28/0001 (дата обращения 12.12.2017)
3. Свядощ А.М. Неврозы/ Учебник // А.М. Свядощ. - М.: Медицина, 1982. - 448 с.
4. Олшанский Д.В. Террористические и экстремистские организаций [электронный ресурс]: http:// www. cisatc. Org /134/ 160 (дата обращения 12.12.2017).
5. Посол Сирии: 10 тысяч выходцев из СНГ воюют в рядах ИГИЛ [электронный ресурс]. https://www.bbc.com / russian/ news /2015 / 11 / 151120 (дата обращения 12. 03. 2017).
6. Арефьев А.М. О пропагандистской деятельности в отношении граждан СНГ со стороны террористических и экстремистских организаций // Создание воспитательной антиэкстремистской и антитеррористической среды в современном вузе / А.М. Арефьев, И.И. Романенко // Материалы Международной научно-практической конференции 14-15 апреля 2016 года /под ред. В.Е. Быданова; СПбГТИ(ТУ). – 2016. – С.81-88.
7. Женщины и экстремизм. Сколько таджичек уехали в Сирию? [Электронный ресурс]. http://www.news.tj/ru/news/centralasia/20180125/ (дата обращения 6.04.2018)
8. Имамов призвали воевать с ИГ в Интернете [электронный ресурс]: http://www.vesti.ru/doc.html?id=2713180 (дата обращения 25.04.2018)

## ҶАРАЁНҲОИ МУОСИРИ ИФРОТИИ ИСЛОМӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ

Дар қарни муосир фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ ва террористӣ ба вазъи ҳам дохилидавлатӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ таъсири хеле бузург мерасонад. Чуноне ҳодисаҳои дар Шарқи Наздик рухдода собит менамоянд, бархе аз ин ташкилотҳо ба неруи воқеие табдил ёфтаанд, ки метавонанд ба раванди сиёсии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ таъсири ҷиддӣ расонанд. Тоҷикистон бар асари як қатор омилҳои таърихӣ ва геополитикӣ дар маркази ин равандҳо қарор дошта, ба объекти таъсиррасонии фаъоли сиёсӣ табдил ёфтааст. Бо дарназардошти вазъияти Сурия ва Ироқ изтироби махсусан ҷиддиро фаъолияти таҳрибкории чунин ташкилотҳои байналмилалии террористӣ, ба монанди “ДИИШ” ва “Ҷабҳат ан- Нусра” ба миён меорад. Зиёдтар аз ин, иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар сафҳои ин ва дигар ташкилотҳои дар ҳудуди Сурия ва Ироқ амалкунанда дер боз боиси ташвиши ҷиддии кишварҳои роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон ва дигар ИДМ гаштааст, ки шаҳрвандони он ҳо ҳам дар онҷо қарор доранд. Дар давоми 5 соли ҷангу низоъ дар Сурия шумораи шаҳрвандони ба ташкилотҳои террористӣ шомил гашта қариб 7000 нафарро ташкил додааст, аз 1000 то 1500 шаҳрвандони Тоҷикистон низ дар ҳайати давлати исломӣ қарор доранд. Маълум аст, ки баргаштани аъзоёни ҳаракати ифротию террористии ДИИШ ба Тоҷикистон метавонад, вазъия орому осудаи иҷтимоӣ – сиёсиро халалдор намояд. Вазифаи асосӣ аз он иборат аст, ки пеши роҳи баргаштани онҳо бо тамоми роҳҳо ва воситаю усулҳо гирифта шавад.

**Калидвожаҳо:** тарғибот, идеология, манфиатҳои сиёсӣ, экстремизм, терроризм, ҳаракатҳои ифротӣ, ДИИШ, Хизб – ут – Таҳрир, Ҷабҳат ан- Нусра,

## СОВРЕМЕННЫЕ ИСЛАМИСТСКО - ЭКСТРЕМИСТСКИЕ ТЕЧЕНИЯ КАК ОБЪЕКТ ФИЛОСОФСКОГО АНАЛИЗА

В нынешнее десятилетие деятельность экстремистских и террористических организаций оказывает большое влияние как на локальном, так и на международным уровне. Поскольку события возникают на Ближнем Востоке, некоторые из этих организаций стали реальной силой, которая может серьезно повлиять на глобальные и региональные политические процессы. Таджикистан имеет ряд исторических и геополитических факторов, а также в центре этих процессов, становясь предметом имперского влияния политического угнетения. За исключением Сирии и Ирака, ситуация особенно серьезная в связи с деятельностью такой международной террористической организации, как «ИГИЛ» и «Джихат Ан-Нусра». Более того, участие граждан Таджикистана в этих и других активных организациях в Сирии и Ираке уже давно является серьезной проблемой для высшего политического руководства Таджикистана и других стран СНГ, где находятся их граждане. В течение 5 лет конфликта в Сирии число террористов, участвующих в террористических организациях, возросло примерно до 7 000 человек, а с 1000 до 1500 Таджикистан находится в исламском государстве. Известно, что возвращение членов исламского экстремистского движения в Таджикистан может нанести вреди вызвать социальные, политические и религиозные конфликты. Основная задача - вернуть их обратно всеми средствами и инструментами.

**Ключевые слова:** пропаганда, идеология, политические интересы, экстремизм, терроризм, экстремистские течения, ИГИЛ, Хизб – ут – тахрир, Джабхат ан- Нусра,

## MODERN ISLAMIST-EXTREMIST CURRENTS AS AN OBJECT OF PHILOSOPHICAL ANALYSIS

In the present decade, the activities of extremist and terrorist organizations have a great impact on both internal and external levels. As events arise in the Middle East, some of these organizations have become a real power that can seriously affect the global and regional political processes. Tajikistan has a number of historic and geopolitical factors, as well as in the center of these processes, becoming the subject of imperial influence of political oppression. With the exception of Syria and Iraq, the situation is particularly serious in connection with the activities of such an international terrorist organization, such as "ISIL" and "Jihat An-Nusra". Moreover, participation of Tajik citizens in these and other active organizations in Syria and Iraq has long been a major concern for Tajikistan's top political leadership and other CIS countries, where their citizens are located. During 5 years of conflict and conflict in Syria, the number of terrorists involved in terrorist organizations has risen to around 7,000, and from 1000 to 1500 Tajikistan is in the Islamic state. It is known that the return of the members of the Islamic extremist movement to Tajikistan could harm social, political, and religious conflicts. The main task is to get the front of them back with all the means and tools.

**Keywords:** propaganda, ideology, political interests, extremism, terrorism, extremist trends, IGIL, Hizb- ut - Tahrir, Jabhat an - Nusra,

**Сведения об авторе:** ***Саидов Д.М.*** – Таджикский национальный университет, докторант (PHD) кафедры истории философии и социальной философии факультета философии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. E-mail: **dalersm1992@mail.ru** Телефон: **98.733.66.08.**

**Information about the author:** ***Saidov D.M.*** - Tajik National University, doctor of Science (PHD) of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy of the Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki 17. E-mail: **dalersm1992@mail.ru** Phone**: 98.733.66.08.**

УДК: 316+32 (575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОИШАВИИ СИЁСИИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК

***Сайдуллаева Г. Р.***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Маданияти сиёсӣ маҳсули рушди табиӣ-таърихӣ аст. Бешубҳа, ҳар як ҷомеа ва гурӯҳи иҷтимоӣ кӯшиш менамояд, ки ташаккули онро вобаста ба мақсад ва масъалаҳои гузошташуда амалӣ гардонад. Вале, таъсири қувваҳои иҷтимоӣ ва сиёсие, ки дар ҷомеа фаъолият мекунанд (ҳатто дар ҷомеаи тоталитарӣ ин гуна қувваҳо вуҷуд доранд), кӯшиши ба ин раванд таъсири худро расонидан доранд ва баъзан натиҷаи бадастомада ба мақсад ва мароми гузошташуда мутобиқат намекунад.

Дарки моҳият ва иштироки мустақилонаи шахс дар сиёсат аз он шаҳодат медиҳанд, ки ӯ дорои дониш, таҷриба ва маданияти сиёсӣ аст. Ҳамаи омилҳои номбаршуда ба инсон, ки субъекти сиёсат аст, имконият медиҳанд, ки нақш ва вазифаҳои худро дар сиёсат самаранок иҷро намояд ва гирифтор ва фирефтаи бозиҳои сиёсӣ нагардад.

Шахс дар тӯли ҳаёти худ таҷриба ва маданияти сиёсиро соҳиб мешавад. Нисбати гурӯҳи иҷтимоӣ инро низ гуфтан мумкин аст. Аз ҷониби шахс ва гурӯҳи иҷтимоӣ дарк намудани арзишҳою меъёрҳои маданияти сиёсиеро, ки боиси ташаккули қобилияти иҷрои самараноки нақшҳо ва вазифаҳои сиёсӣ мегардад, инчунин ба нигоҳ доштан ва устувор шудани низоми сиёсӣ мусоидат менамояд, раванди иҷтимоишавии сиёсӣ номида мешавад.

Масъалаҳои иҷтимоишавии сиёсӣ аз қадимулайём диққати файласуфон ва муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамуданд. Оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ Конфутсий, Афлотун, Арасту, Ситсерон ва дигарон мулоҳизаҳои худро изҳор намуда буданд.

Т.Гоббс одамонро ҳамчун ҳастии худпарасту ҳокимиятхоҳ маънидод намуда, иҷтимоишавии сиёсии шахсро, ки мақсади аз худ намудани меъёр ва арзишҳои режими ҳукмронро дорад, «итоатнамоии» инфирод ба ҳокимият меномад.

Таҳқиқи ба низоми муайян овардани масъалаҳои иҷтимоишавии сиёсӣ дар солҳои 40-60 асри XX дар натиҷаи оммавӣ шудани иштирок дар сиёсат, васеъ шудани имконият ҷиҳати соҳиб шудан ба маълумоти олӣ ва инчунин ба маърифати сиёсӣ ба вуҷуд омадааст.

Асосҳои назариявии иҷтимоишавии сиёсӣ, таъсири он ба ташаккули маданияти сиёсӣ, шуури сиёсӣ, рафтори инсон дар асарҳои асосгузори истилоҳи иҷтимоишавии сиёсӣ Г.Тард [1], ҷонибдорони назарияи таъсири мақсадноки низоми сиёсӣ ба раванди иҷтимоишавии сиёсии кӯдакон Д. Истон ва Ҷ. Деннис [2, с. 76-97], Р.Хесс ва Ҷ. Торней [3], Ф.Гринстайн [4] тадқиқ шудаанд. Муҳаққиқон кӯшиш намуданд, ки ташаккули арзишҳо, меъёрҳо ва қолабҳои рафтор дар синну соли камолотро бо иҷтимоишавии ибтидоии сиёсӣ пайваст намоянд.

Назарияи классикии иҷтимоишавии сиёсӣ дар таҳияи Д.Истон, иҷтимоишавии сиёсиро ҳамчун ҷараёни таълими нақшҳои махсуси фард дар соҳаи сиёсат шарҳ медиҳад.

Д.Истон ва Ҷ.Деннис [2] иҷтимоишавии сиёсиро баррасӣ намуда, ба қобилияти таъмин намудани амнияти низоми сиёсӣ диққати махсус доданд. Аксарияти дигари пайравони назарияи мазкур (Л. Коэн, Р. Липтон, Т. Парсонс) ба таъсири мутақобили инсон ва низоми сиёсӣ, ниҳодҳои он аҳамият доданд.

Г.Алмонд ва С.Верба [5] низ иҷтимоишавии сиёсиро яке аз вазифаҳои низоми сиёсии ҷомеа номида, мақсади асосии онро ҳамчун амнияти низоми сиёсӣ муқаррар намуданд. Онҳо иҷтимоишавии сиёсиро ҳамчун раванди таъсиррасонии низоми сиёсии ҷомеа ба шахс номидаанд, ки он бо ташаккул додани муносибати мусбат ба низоми сиёсӣ амалӣ мегардад. Равияи дигари назарияи иҷтимоишавии сиёсии шахс дар зери таъсири бевоситаи назарияи «моҷароҳо»-и М. Вебер, Г.Моска, Ф. Паркин, Р.Даусон, К. Превитт ташаккул ёфтааст. Равияи мазкур ҷараёни иҷтимоишавии сиёсиро муносибатҳои байниҳамдигарии ҳокимият ва фард номидааст, ки дар он шахс фаъол буда, тавассути амалҳо ба низоми сиёсӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад.

Равияи бонуфузи дигар (М. Хабермас, К. Луман) иҷтимоишавии сиёсиро ҳамчун раванди дарк ва аз худ намудани арзишҳои нав номида, дар ҷараёни ташаккули шуури сиёсӣ ва рафтори инсон омилҳои ботинии равониро дар ҷойи аввал мегузорад. Равияи таҳлили равонӣ (психоанализ) (Э. Эриксон, Э. Фромм) диққати худро ба тадқиқи рафтори сиёсии бешуурона ҷалб намуда, раванди иҷтимоишавии сиёсиро ҳамчун раванди пинҳонии сиёсигардонии эҳсосот ва тасаввуротҳои инсон номиданд.

Новобаста аз он, ки дар шарҳи раванди иҷтимоишавии сиёсӣ олимон нуқтаи назари гуногун доранд, вазифаи асосии он аз ташаккули қобилияти рафтор ва ифода намудани таъсири байниҳамдигарӣ бо ҳокимияти сиёсӣ дар фазои сиёсӣ иборат аст. Тибқи нуқтаи мазкур иҷтимоишавии сиёсӣ аз ду шохаи ба ҳам алоқаманд иборат аст: аз як тараф, аз ҷониби шахс аз худ намудани меъёр, арзишҳо, интизориҳои нақшавиро қайд менамояд, ки низоми сиёсӣ онро талаб мекунад, аз тарафи дигар, намоиши интихобан аз худ намудани анъанаҳо ва тасаввуротҳое, ки дар шаклҳои гуногуни рафтор ва таъсиррасонии шахсият ба ҳокимияти сиёсӣ ифода меёбанд. Аз ин хулосае бармеояд, ки таъсири ҷомеа ба сифат ва хислатҳои сиёсии шахс ва назорати иҷтимоишавии сиёсӣ ниҳоятан бо ҷаҳонбинӣ ва этиқоди инсон маҳдуд карда мешаванд.

Аз ҷониби инсон дарк кардани арзишҳо, анъанаҳо, намунаҳои рафтори сиёсӣ ва дигар унсурҳои маданияти сиёсӣ тамоми умр давом мекунад ва ин раванд танҳо бо анҷоми умри инсон ба охир мерасад.

Раванди иҷтимоишавии сиёсӣ барои ҳама гуна чомеа, новобаста аз сатҳи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва иқтидори маданӣ муҳим аст. Зеро ки ҳифз ва гузариши таҷрибаи сиёсӣ ба наслҳои нав муҳиманд. Барои ҷомеаҳое ба мисли кишвари тоҷик, ки тағйирёбии низоми сиёсӣ, сохтори иҷтимоӣ, иқтисодиёт, самтҳои арзишҳоро аз сар гузаронидаанд, омӯзиши он ва таҳияи чораҳо ва омилҳои махсус ва хос зарур аст.

Масъалаҳои иҷтимоишавии сиёсии шахсият дар ҷомеаи тоҷик ба тариқи кофӣ омӯхта нашудаанд. Ба масъалаҳои иҷтимоӣ- сиёсӣ ва маданияти сиёсӣ дар ҳамбастагӣ бо дигар масъалаҳои сиёсӣ як қатор олимони тоҷик Диноршоев М., Олимов К., Шарипов И., Шарипов С., Зокиров Г., Маҳмадов ва дигарон рӯ овардаанд.

Бояд гуфт, ки дар асоси маданияти сиёсӣ, раванди иҷтимоишавии сиёсӣ аз ҷониби шахс дарк намудани ҳувияти шаҳрвандӣ – шаҳрвандии давлати ягона ташаккул меёбад. Олими шинохтаи тоҷик Шозимов П.Д. дар ҳалли масъалаҳои ташаккули ҳувияти миллӣ ва сохти давлатдории Тоҷикистон саҳми бузург гузоштааст ва мо дар масъалаи аҳамияти таҳкими маданияти сиёсӣ, иҷтимоишавии сиёсӣ, нақши он дар ташаккули ҳувияти миллӣ, сохтори давлатии Тоҷикистон ба асарҳои ӯ такя менамоем.

Инак, дар ҷомеаи муосир раванди иҷтимоишавии сиёсӣ гуфта, дарки арзишҳо, меъёрҳо ва намунаҳои маданияти демократиро меноманд. Натиҷаи иҷтимоишавии сиёсиро дар мисоли шаҳрванди бабалоғатрасида тасаввур кардан мумкин аст, ки бидуни кӯмаки ашхоси дар равандҳои сиёсӣ ва дар қабули қарори сиёсӣ оид ба масъалаҳои сиёсӣ қобилияти мустақилона саҳм гузоштанро дорад. Ашхоси мазкур мувофиқи тасаввуротҳои худ ба сиёсат мустақилона ворид шуда, мавқеъ ва интихоби сиёсии худро муайян карда, нисбати рафтори худ ҷавобгарӣ эҳсос менамоянд.

Гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба муосир бо мураккаб шудани шакл ва шароити эҳсоси моҳияти нақши иҷтимоии шаҳрвандон, бо ҳама ҳуқуқ ва вазифаҳояш, вазифадор аст, ки ба ҷавонон барои аз худ намудани ин нақш ва вазифаҳо на танҳо вақт, балки шароит фароҳам орад. Бо мақсади ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ ва ватанпарварӣ андешидани чораҳои махсуси тарғиботӣ ва маърифатӣ ба воситаи низоми маориф, ВАО лозим аст. Ин гуна шакли иҷтимоишавӣ ҳатман аз ҷониби тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ, ки дар доираи он шахс, тамоми хислатҳои шаҳрвандӣ ва маданияти ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, бояд амалӣ гардад.

Дар муддати ду даҳсолаи охир дар Тоҷикистон реҷаи сиёсӣ, ниҳодҳои ҳокимият, элитаи сиёсӣ ва маҷмӯи арзишҳои расмии сиёсӣ тағйир ёфтанд. Ба ивази арзишҳои азбайнрафта арзишҳои демократӣ ба миён омадаанд. Дар натиҷаи иваз гардидани режими сиёсӣ дар аввали солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон низоми иҷтимоишавии сиёсии вуҷуддошта барҳам хӯрд, вале низоми нав пурра ташаккул наёфт. Яке аз муҳаққиқони рус Е.Б. Шестопал [6, с.175] диққати олимонро ба буҳрони иҷтимоишавии сиёсӣ, ки дар ҷомеаҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба вуҷуд омадааст, ҷалб намуд. Ин ҳолат низ дар ҷомеаи тоҷик вуҷуд дорад. Хусусияти асосии он мавҷуд набудани барномаи муайяни иҷтимоишавии сиёсии шаҳрвандон аст. Инкор намудани арзишҳо ва мероси мадании ҷомеаи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба вакууми арзишӣ оварда расонд, ки айни замон боиси коҳиш ёфтани ҳувияти

сиёсии миллӣ гаштааст. Бинобар ин айни ҳол аксари ҷавонон барои пурра намудани фазои маънавии худ рӯ ба ифротгароӣ овардаанд.

Қайд намудан зарур аст, ки тағйиротҳои бавуҷудомада мушкилиҳои зиёдро ба миён оварданд, ки боиси заиф гардидани алоқаи байни наслҳо гардид. Насли муосири ҷавонон шиносоӣ бо сиёсат, қолабҳои рафтору кирдор ва арзишҳоро оғоз намуд, ки аз насли калонсол фарқ мекунад ва арзишҳои сиёсии куҳанро инкор менамояд. Ҷавонон ба тағйиротҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ баҳои мусбат дода, ба мушкилиҳо назари хосса дорад.

Дастоварди бузурги давраи истиқлолият соҳиб гаштани шаҳрвандон ба озодӣ аст, ки шарти асосии фаъолияти сиёсии мардум аст. Оид ба таъсири мусбати тағйиротҳои демократӣ ба ҳаёти шаҳрвандони тоҷик дарки моҳияти соҳиб шудан ба имкониятҳои озодӣ ва демократия, ки дар муносибати онҳо ба ҳодисаҳои сиёсӣ инъикос мегардад, шаҳодат медиҳад. Омилҳои мазкур омӯзиш ва таҳияи омилҳо, шароит ва барномаи нави иҷтимоишавии сиёсиро талаб менамоянд.

Ҳамзамон, иҷтимоишиносии сиёсӣ воситаи хуби гузаштан аз мактаби сиёсӣ барои наслҳои нав, ки дар қоидаҳо ва меъёрҳои маданияти сиёсӣ инъикос мегарданд, ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки дар шароити баъди тағйиротҳои куллии сиёсӣ гузариши таҷриба ва арзишҳо душвор аст. Дар ин ҷода масъалаи омӯзиши раванди иҷтимоишавии сиёсӣ басо муҳим аст. Агар тағйиротҳо воридшавии шаҳрвандонро ба ҷаҳони сиёсат таъмин нанамоянд, онҳо бобарор ҳисобида намешаванд Агар ҷалби шаҳрвандон ба сиёсат имконнопазир бошад, ба тағйиротҳои ҷомеа баҳои мусбат додан ғайриимкон аст, зеро самтҳои ҷараёни иҷтимоишавии сиёсии шаҳрвандон, ташаккули онҳо ҳамчун субъекти фаъолияти сиёсӣ ба дурнамои рушди иҷтимоӣ таъсир мерасонад.

Гузариш ба шароити нави сиёсӣ омодагии шаҳрвандонро ба ҳаёти нав бо ҷаҳонбинии дар асоси арзишҳои демократӣ ташаккулёфта талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, дар ҷойи аввал зарурияти дар шахс тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, қарзи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ, ки имкониятҳои хештангароии фардро дар сиёсат ва ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ васеъ мекунанд, лозим аст.

Дар шароити муосири ҷомеаи тоҷик раванди иҷтимоишавии сиёсӣ ба хусусиятҳои низоми сиёсии муосир ва арзишҳои он мувофиқ нест. Дар натиҷа ба ҳаёти сиёсӣ шаҳрвандон бе омодагӣ ворид гардида, ба мушкилиҳои зиёд дучор мегарданд.

Бо дарназардошти он ки раванди демократикунонии ҷомеа нав гардонидани раванди иҷтимоишавии сиёсиро талаб менамояд, вазифаи аввалиндараҷаи элитаи зеҳнии ҷомеа таҳияи воситаҳо ва андешидани чораҳои махсуси иҷтимоишавии сиёсӣ мебошад.

Воқеаҳои давраи гузариш - ҷанги шаҳрвандӣ, буҳрони иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ дар ҷомеа, буҳрони маънавиро ба вуҷуд оварда, ба ҷаҳони маънавии шаҳрвандон таъсири манфӣ расонид. Арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ хароб шуда, фазои иҷтимоишавии сиёсии мавҷудбуда аз байн рафт. Имрӯзҳо бисёр равандҳои иҷтимоишавии сиёсӣ дар сатҳи муносибатҳои ноаён ҷараён дошта, характери ғайриодӣ доранд. Дар сурати рушди демократия, раванди иҷтимоишавӣ ба мушкилоти ҷиддӣ мубаддал мегардад, зеро маданияти сиёсии шаҳрвандон ва шакли иҷтимоишавии сиёсӣ хосияти архаистӣ ва ғайридемократӣ дорад.

Раванди иҷтимоишавии сиёсии шахс дар ҳар гуна низоми сиёсӣ бо роҳи гуногун амалӣ мешавад. Дар кишварҳои сатҳи инкишофашон муъталилу муттасил раванди иҷтимоишавӣ ба низоми муайяну мавзуни воридшавии шахсият ба шароит ва қоидаҳои иҷтимоию фарҳангии ҷомеа такя менамояд. Тамоми воситаҳо ва унсурҳои иҷтимоишавии сиёсӣ якдигарро такмил медиҳанд ва дар ҳалли масъалаи асосӣ – ташаккул ва инкишофи шахси мустақил ва масъули сиёсат, шахси дорои мақом ва шуури баланди шаҳрвандӣ ҳисса мегузоранд.

Дар кишварҳое, ки вазъи инкишофи ҷомеа номӯътадил аст ва гузариши босифат аз низоми таназзулёфтаи идеалҳо ва арзишҳо ба низоми нави муносибатҳо анҷом меёбад, раванди иҷтимоишавӣ бо шаклу сифати нав мегирад.

Дар Тоҷикистон иҷтимоишавии сиёсии гегемонии шахс амал менамуд. Тамоми ниҳодҳо ва воситаҳои иҷтимоишавӣ (оила, мактаб, мактабҳои олӣ, ҳизби сиёсӣ, давлат) дорои низоми ягонаи тарбияи сиёсӣ буданд.

Баъди пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ низоми қаблии иҷтимоишавии сиёсӣ аз байн рафт. Айни замон Тоҷикистон дар ҳолате қарор дорад, ки арзишҳои куҳан бекурб гашта, ба арзишҳои нави сиёсии либералӣ айни замон эҳтиёҷ нест.

Дар илми сиёсӣ чанд марҳилаи иҷтимоишавӣ муқаррар шудааст – ибтидоӣ ва ниҳоӣ [7, с. 31], ки ба ҷомеаи тоҷик низ хос аст. Марҳилаи ибтидоии иҷтимоишавии сиёсии шахс , аз айёми кӯдакӣ оғоз мегардад. Бештари муҳаққиқон, аз ҷумла Д.Истон, Ҷ. Денис [2, с. 76-97] дар асарашон «Кӯдакон ва системаи сиёсӣ» ақидаеро баён менамоянд, ки тибқи он

сиёсигардонӣ зери таъсири волидайн ва аъзоёни оила амалӣ мегардад. Возеҳ аст, ки дар марҳилаи ибтидоии иҷтимоишавии сиёсӣ, яъне эҳсоси аввалини моҳияти ҳаёти сиёсӣ, категорияҳои сиёсат, ки оҳиста-оҳиста дар ҷаҳонбинии сиёсӣ нақш гузошта, боиси ташаккули муносибат ба равандҳои сиёсӣ мегарданд, кӯдак тибқи баҳогузорӣ ва ақидаҳои падару модар бо ҳаёти сиёсӣ шинос мегардад. Ҷараёни иҷтимоишавии сиёсии шахсият аз 3-4 солагӣ оғоз ёфта, дар синни наврасӣ шиддат мегирад.

Хусусияти иҷтимоишавии сиёсии ибтидоӣ дар он аст, ки шахсият ба ниҳод, меъёрҳои сиёсӣ, бидуни дарки моҳияти он мутобиқ мегардад.

Оила ягона иттиҳодияи иҷтимоии қадимтарин ва табиӣ аст. Ҳарқадар он мустаҳкам бошад, ҳамон қадар аъзоёни он имконияти иҷтимоишавии самаранокро доранд, зеро оила аз оғоз то охири ҳаёти шахс намунаи аввалин ҷомеаи сиёсӣ аст. Тарбия дар он аз рӯзи аввал то охири умр давом меёбад, мегӯяд Афлотун [8]. Мутафаккири бузурги Шарқ Абӯалӣ ибни Сино низ гуфтааст, ки тарбияи фарзанд «аз гаҳвора то гӯр» давом меёбад. Ф. Ларошфуко зикр намудааст, ки «маҳз дар оила, ки мо ба он ворид мегардем, бе ягон таҷрибаи зиндагӣ ба мисли кӯдакони навзод, донишҳои аввалини сиёсӣ ва қолабҳои рафтори сиёсӣ ташаккул ёфта, дар мо меҳру муҳаббат ба сарзамини худ парвариш мешавад» [9].

"Муҳаббат ба ватан аз оила оғоз меёбад",- мегӯяд файласуфи англис Ф. Бэкон [10].

Дар ҷомеаи муосири тоҷик ташкили ниҳоди оилавӣ беҳбудӣ меҳоҳад. Дар айни замон омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла раванди муҳоҷират ба он таъсири манфӣ мерасонанд. Аъзоёни он аз ҷиҳати маърифатнокии сиёсӣ чандон ҷиҳати иштирок дар раванди сиёсӣ омода нестанд ва бештар ба пайдо намудани ризқу рӯзӣ машғул буда, ба ҷаҳонбинӣ ва маърифати сиёсии фарзадони худ аҳамият намедиҳанд.

Дар низомҳои сиёсии гуногун (хоҳ авторитарӣ ва ё хоҳ демократӣ бошад) мактаб воситаи муҳимми таъсири сиёсӣ ба шаҳрвандони оянда аст. Хусусияти асосии иҷтимоишавии сиёсии давраи мазкур он аст, ки кӯдакони синну соли мактабӣ барои таъсири маънавӣ омодаанд, зеро ҷаҳонбинии онҳо ҳоло дар сатҳи ташаккул аст.

Зикр намудан зарур аст, ки ҷараёни интериоризатсияи (дарк ва ҳамчун самти рафтор муқаррар намудани арзишҳо) арзишҳо дар «насли навраси муосир» - «мактаббачаҳо» ба тариқи табиӣ ва бевосита сурат мегирад.

Дар синну соли гузариш мактаббачагон бештар ба қабули иттилотҳои нав омодаанд. Бинобар ин, маҳз ҳамин синусол барои ҷиҳати таъсири идеологӣ расонидан ба иродаи кӯдакон, аз ҷумла таъсири сиёсӣ мусоид аст.

Дар давраи наврасӣ таъсири маънавии гурӯҳҳои ҳамсолон бештар дида мешавад. Ташкилот, муассисаҳои наврасон ва ҷавонон дар ҷомеаи муосири тоҷик, баъди аз сар гузаронидани бӯҳронҳои иқтисодӣ ва маънавӣ, гирифтори мушкилиҳои идеологӣ шуда, дар шароити ташаккулёбӣ мебошанд ва вазифаҳои аввалиндараҷаи онҳо тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи арзишҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ аст. Гарчанде дар ин самт чораҳои зиёд андешида шудаанд, фаъолияти онҳо чандон самаранок нест ва беҳбудӣ меҳоҳад, зеро баъзе корҳо ба тариқи қолабӣ амалӣ шуда, таъсирбахш нестанд.

Омӯзгорон дар мактабҳо ба ташаккули шахсияти кӯдак таъсири зиёд мерасонанд. Дар ин ҳолат иҷтимоишавии сиёсие, ки дар мактаб амалӣ мешавад, аз иҷтимоишавӣ дар муҳити ҳамсолон ва муҳити хона аксар маврид фарқ мекунад. Гуфтан зарур аст, ки чун таҷрибаи мусбат дар ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ, аз ҷониби олимон ва омӯзгорони тоҷик дастурамалҳо ва китобҳои нав аз фанҳои иҷтимоӣ таҳия гардидаанд, ки барои баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсии ҷавонон ва наврасон кумак мерасонанд, инчунин ба омода гаштани онҳо ҷиҳати иштирок дар равандҳои сиёсӣ мусоидат менамоянд. Бо ин мақсад фанни сиёсатшиносӣ ба низоми таҳсилоти олӣ ворид карда шуд.

Барои ҷомеаи муосири тоҷик ташаккули шахсияти ҷавон дар мавқеи шаҳрвандӣ хеле муҳим аст. Ин раванд зери таъсири муҳити сиёсӣ, ниҳодҳои иҷтимоӣ, агентҳои иҷтимоишавӣ (оила, гурӯҳҳои ҳамсолон, ниҳодҳои иҷтимоӣ, дин, ВАО, маданият) амалӣ мегардад.

Сатҳи дигари иҷтимоишавии сиёсӣ ба зиёд гаштани таҷрибаи худи инсон, қобилияти баён намудани ақидаҳои сиёсии инфиродӣ, дарк намудани иттилои сиёсӣ, иҷро намудани нақш ва вазифаҳои иҷтимоӣ вобаста аст [11, с. 118].

Ниҳоди муҳимми иҷтимоишавии сиёсӣ низоми таҳсилоти олии касбӣ мебошад, ки он дар шароити махсуси ташкилшуда раванди тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, омода намудани онҳо ба ҳаёти сиёсии ҷомеа тавассути таълими фанҳои гуманитарӣ – сотсиология ва сиёсатшиносӣ, ки барои дарки моҳият ва ҳодисаҳои иҷтимоию сиёсӣ мусоидат менамоянд, ҷорӣ карда шудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон иҷтимоишавии сиёсӣ мақсаднок ва мушаххас гардонида шудааст ва самти махсуси сиёсӣ

дорад. Ин раванд дар макотиби олӣ дар шароитҳои махсусгардонидашуда дар рӯҳияи ватандӯстӣ ба роҳ монда шудааст, ки мақсади ташаккули сифатҳо ва арзишҳои муайян дорад.

Ҷавонони муосири ҷомеаи тоҷик дорои хислатҳо ва сатҳи гуногуни фаъолии сиёсӣ мебошанд. Онҳо қувваи ягонаи сиёсиро ташкил намекунанд ва ба гурӯҳҳои манфиатҳои гуногундошта тааллуқ доранд. Як гурӯҳ ҷавонон дорои ақида ва нигоҳи пухтаи сиёсӣ буда, қобилияти эътироз ва ҳифзи манфиатҳо доранд, шумораи ин гуна ҷавонон хеле кам аст. Онхо захираи кадрӣ барои ҳизбҳо мегарданд. Аксари дигари ҷавонон танҳо дар интихоботҳо иштирок намуда, ба сиёсат шавқу рағбат надоранд.

Маърифати сиёсии муосир аз маърифати сиёсии тоталитарӣ, ки дар он мақсади асосӣ ҷорӣ намудани идеологияи расмии ягона буд, ба куллӣ фарқ менамояд. Дар маърифати сиёсии муосир, ки дар асоси арзишҳои демократӣ, ба мисли гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ ва таҳаммулгароӣ, созиш амалӣ мегардад, мақсади асоси тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи маданияти демократӣ мебошад.

Ҷаҳонбинии ҷавонон хосияти фардиро соҳиб аст, зеро дар натиҷаи таъсири таҷрибаи ҳаётии волидайн, гузариш ба наврасӣ ва дуршавӣ аз ҷомеа онҳо соҳиби арзишҳо ва самтҳои ҳаётии гуногун мегарданд.

Дар айни замон ҳизбҳои сиёсӣ имкониятҳои зиёд барои ширкат дар раванди иҷтимоишавии сиёсӣ доранд, вале дар ҷомеаи мо он самаранок истифода намешавад. Аз ҳафт ҳизби сиёсии мавҷуда танҳо Ҳизби Халқии-Демократии Тоҷикистон барномаи амал ва кӯшишҳои зиёд дар тарбияи насли наврас, ташаккули маданияти шаҳрвандон, тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ дорад. Ҳизбҳои дигар дар ин самт умуман ягон саҳм намегузоранд ва танҳо бо бюрократикунонии аппарати худ машғуланд.

Солиёни зиёд нақш ва фаъолияти ташкилотҳои динӣ дар ҷомеаи тоҷик манъ буд. Аз сабаби он ки дар Иттиҳоди Шуравӣ диндорон рақиби идеологӣ шуморида мешуданд, коммунистон зидди он баромад менамуданд. Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ масъалаҳои маънавиёт эҳё гардида, муқовимати идеологии давлат, ҳизб ва дин беэътибор дониста шуд. Ҳоло бошад, ташкилотҳо ва ҳаракатҳои динию сиёсӣ дар шакл ва сатҳи мухталиф нисбати раванду муносибатҳои сиёсӣ мавқеъ мегиранд. Омили динӣ метавонад дар ҳалли масъалаҳои мухталифи иқтисодию фарҳангӣ саҳм гузорад ва барои ин дар ҷомеа ҳамаи шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Вале дар шароити имрӯза ҳодисаи сиёсигардонии дин вуҷуд дорад, ки ба ҳаёти сиёсӣ таъсири мухталиф мерасонад.

Ҳамин тариқ, тарбияро ҳамчун раванди махсуси иҷтимоӣ, ки мақсади асосии он интериоризатсияи арзишҳои шаҳрвандӣ ва умумибашарӣ аст, ҳисобидан мумкин аст. Раванди интерриоризатсия гуфта, имконияти аз ҷониби шахс аз худ намудани арзишҳои сиёсӣ бо афзалияти арзишҳои умумибашарӣ ва дар асоси он фаъолияти иҷтимоии худро тарҳрезӣ намуданро меноманд. Агар дар кишварҳои дорои анъанаҳои демократӣ ва ниҳодҳои устувори назоратии ҳокимият як кисми шаҳрвандон метавонанд аз сиёсат дур бошанд, дар кишварҳои монанди Тоҷикистон дурии омма аз сиёсат хатари калони сиёсӣ дорад.

Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ аъзоёни ҷомеа ба тафаккури нави сиёсӣ эҳтиёҷ доранд. Дар ҳамбастагӣ бо ин зарур аст, ки одамон ба ҳизбҳои сиёсии гуногун аъзо гардида, мувофиқи ҷаҳонбиниашон мавқеъ ва манфиатҳои худро ҳифз намоянд.

Фаъолияти сиёсии шахрвандони тоҷик бошад гуногун аст. Аксарият дар ҷомеаи тоҷик танҳо ҳангоми интихобот дар овоздиҳӣ дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ иштирок менамоянд. Қисми дигари начандон калон дар рафти интихобот ҳангоми ҷамъи имзо фаъолият мекунанд, қисми тамоман хурд – намояндагони қувваҳои сиёсӣ хангоми мубориза барои ҳокимияти сиёсӣ ба сиёсат машғуланд ва дар ҷомеа боз гурӯҳҳое ҳастанд, ки тамоман аз сиёсат дурӣ меҷӯянд.

Имрӯз ташаккули шуури сиёсии шаҳрвандони тоҷик ва маданияти сиёсии онҳо тақозои воқеии ҷомеаи демократии дунявӣ аст. Аз ин рӯ, таҳлил ва таҳияи масъалаҳои асосии иҷтимоишавии сиёсии шахс аҳамияти назариявӣ ва таҷрибавӣ дорад. Махсусан дар шароити демократикунонии ҷомеаи тоҷик раванди озод намудани шуур ва рушди маданияти инсон ҳамчун самти асосӣ дар ақидаҳои назариявӣ муҳим аст. Бинобар ин таҳқиқи илмии масъалаҳои иҷтимоишавии сиёсии аъзоёни ҷомеа зарур аст.

Айни замон ақидаҳои зиёду мухталиф оид ба хусусиятҳои иҷтимоишавии сиёсӣ дар Тоҷикистон вуҷуд надоранд, зеро ин раванд ҳамаҷониба омӯхта нашудааст. Ҳолати иҷтимоишавии сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон душвор ва пурихтилоф аст. Самтҳои асосии он то ҳол муқаррар нашудаанд ва ин ҳолат барои рушди ҷузъиётҳои солими арзишҳои сиёсӣ-маданиии башардӯстӣ мусоид нест.

Инак, раванди иҷтимоишавии сиёсии Тоҷикистон бояд дар ҳамбастагии омӯзиш, тарбия ва таҷриба амалӣ гардад ва маърифати таърихӣ ва ҳатман қисми таркибии тарбияи ватандӯстӣ ва иҷтимоишавии сиёсӣ гардад. Лекин дар ин бобат танҳо ба давлат умед бастан ғалат аст. Маҷмӯи воситаҳои иҷтимоишавии сиёсӣ танҳо аз таълиму тадрис дар мактаб то иштироки бевоситаи одамон дар идораи давлат иборат набуда, ҳамзамон ташкилотҳои сиёсӣ ва иҷтимоиеро, ки дар низоми сиёсии ҷомеа вуҷуд доранд, дар бар мегирад.

Иҷтимоишавии бомуваффақияти сиёсӣ, раванди воридшавии одаморо ба ҳаёти сиёсӣ, аз ҷониби онҳо эҳсос намудани меъёр ва таҷрибаи сиёсиро ҳамчун кафолати устувории рушди низоми сиёсӣ дар бар мегирад. Танҳо ин ё он тартиботи сиёсиро қабул намуда, арзишҳои онро аз худ карда, инсон метавонад ба воқеияти иҷтимоӣ ворид шавад ва имкониятҳои зиёдро барои ҳаёти пурсамар пайдо намояд.

Бисёр масъалаҳои соҳаи иҷтимоӣ-башардӯстӣ ва, пеш аз ҳама, соҳаи маданияти сиёсӣ танҳо аз ҷониби ҷомеа дар асоси гуфтугӯи тарафайн ҳалли худро ёфта метавонанд. Элитаи зеҳнӣ ҳатман бояд ба ин раванд ворид шуда ҷавобгариро ба дӯши худ гирад. Дар акси ҳол мо боз насли наврас ва фарзандони худро гирифтори он ҳодисаҳое гирифтор мекунем, ки аз сар гузаронида будем, ва ё онҳоро ба «зомби»- хои ба ном давлати ДИИШ ё инқилобчӣ-моҷароҷӯ мубаддал мегардонем.

Дар он ҷомеае, ки маданияти сиёсии мувофиқ вуҷуд надорад, демократия амалӣ шуда наметавонад. Гарчанде ҳар як инсон ба раванди қабули қарори сиёсӣ таъсир расонида наметавонад, аз интихоби дуруст ва фаъолияти аксарияти шаҳрвандон дар сиёсат манфиатҳои мардум ба инобат гирифта шуда, масъулиятнокӣ ва ҷавобгарии элитаи сиёсӣ бояд эҳсос карда шавад.

Элитаи сиёсии мавҷуда вазифадор аст, ки ҳамзистии осоиштаи идеологияҳои мутақобил ва услубҳои рафтори сиёсии шаҳрвандонро таъмин намуда, ифротгароӣ ва экстремизми сиёсиро бартараф намояд.

Чӣ гуна ва дар кадом шакл рушд ёфтани демократия дар Тоҷикистон аз сифати иҷтимоишавӣ, иродаи сиёсӣ, арзишҳо, дараҷаи эҳсоси ҳадафи фаъолияти сиёсӣ ва маданияти сиёсии ҳар як шаҳрванд вобаста аст.

Замони муосири тағиротҳо ба тамоми мардум барои гузоштан нақши худ дар дигаргуниҳои иҷтимоӣ шароит ва имкониятҳо фароҳам овардааст. Дар муҳите, ки ҷомеаи тоҷик айни замон вуҷуд дорад, иҷтимоишавии сиёсӣ бояд самараноктар амалӣ гардонида шавад.

## АДАБИЁТ


1. Тард Г. Законы подражания. – СПб, 1892. [захираи электронӣ]. URL: :http://dlib.rsl.ru/ view/pdf#?page=1 (санаи мутолиа 23.08.2017)
2. Истон Д. Дети в политической системе: основа политической законности / Д. Истон, Ч. Деннис // Вестн. Моск.ун-та. Сер.18, Социология и политология. – 2001. – №3. – С. 76-97.
3. Hess R. and Torney J.The Development of Political Attitudes in Children. Chicago: Aldine, 1967. [захираи электронӣ]. URL: URL:http://books.google.ru/books?id=r6aiMnvX6fAC&cad=0#v=operage&g&f=false (санаи мутолиа 23.08.2011)
4. Гристайн Ф. Дети и политика / Ф. Гристайн // Школа и личность. - 2010. – С. 158-164.
5. Алмонд Г. Гражданская культура и стабильность демократии / Г. Алмонд, С. Верба // Полис. - 1992. -№4.
6. Шестопал Е.Б. Развитие российской политической психологии в постсоветский период / Е.Б. Шестопал //Политическая наука в России: проблемы, направления, школы (1990-2007), отв.ред. О.Ю.Малинова. -М.: РОССПЭН, 2008. - С.175.
7. Касьянов В.В. Социализация молодежи: сущность, особенности, тенденции / В.В.Касьянов, Слепцов Н.С., Ревенко Л.В. Краснодар, 1994. -С. 31.
8. Зарубежные системы воспитания ребенка. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.i-gnom.ru/books/phizicheskoe_vospitaniye/p5.html (санаи истифодабарӣ: 12.03.2017).
9. Ларошфуко Франсуа де - афоризмы, цитаты. [захираи электронӣ]. URL: http://www.aphorisme.ru/by-authors/laroshfuko/?q=596&p=29 (санаи истифодабарӣ: 12.03.2017).
10. Цитаты Бэкона. [захираи электронӣ]. URL: http://www.genialnee.net/authors/Francis_Bacon/ (санаи истифодабарӣ: 12.03.2017).
11. Волков Ю.Г. Социология молодежи. Учебное пособие для вузов / Ю.Г. Волков, В.И. Добреньков, [и др/]/ – Ростов-н/Д.: Феникс, 2001. -118с.


## ХУСУСИЯТҲОИ ИҶТИМОИШАВИИ СИЁСИИ ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИК


Дар мақолаи мазкур раванди иҷтимоищавии ҷомеаи тоҷик баррасӣ шудааст. Қайд карда мешавад, ки масъалаи иҷтимоишавии сиёсӣ аз қадимулайём диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамуд. Онҳо нисбати ин раванд назари гуногун дошта, онро барои нигоҳ доштан ва устувор гаштани низоми сиёсӣ зарур мешуморанд. Таҳқиқи ба низоми муайян овардани масъалаҳои иҷтимоишавии сиёсӣ дар солҳои 40-60 асри XX дар натиҷаи оммавӣ шудани иштирок дар сиёсат, васеъ шудани имконият ҷиҳати соҳиб шудан ба маълумоти олӣ ва инчунин ба маърифати сиёсӣ ба вуҷуд омадааст.

Асосҳои назариявии иҷтимоишавии сиёсӣ, таъсири он ба ташаккули маданияти сиёсӣ, шуури сиёсӣ, рафтори инсон дар асарҳои асосгузори истилоҳи иҷтимоишавии сиёсӣ Г.Тард, ҷонибдорони назарияи таъсири мақсадноки низоми сиёсӣ ба раванди иҷтимоишавии сиёсии кӯдакон Д. Истон ва Ҷ. Деннис, Р.Хесс ва Ҷ. Торней, Ф.Гринстайн тадқиқ шудаанд. Муҳаққиқон кӯшиш намудаанд, ки ташаккули арзишҳо, меъёрҳо ва қолабҳои рафтор дар синну соли камолотро бо иҷтимоишавии ибтидоии сиёсӣ пайваст намоянд. Зарурати таҳияи чораҳо ва воситаҳои махсуси иҷтимоишавии сиёсӣ, роҳҳои рушди демократия дар Тоҷикистон ва шароитҳое, ки барои ҳалли ин масъала лозиманд, баррасӣ мегарданд.

**Калидвожаҳо:** иҷтимоишавии сиёсӣ, ҳувияти шаҳрвандӣ, интериоризатсияи арзишҳо, маданияти сиёсӣ, ҳувияти миллӣ, элитаи сиёсӣ, раванди сиёсӣ.

## ОСОБЕННОСТИ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СОЦИАЛИЗАЦИИ ТАДЖИКСКОГО СОВРЕМЕННОГО ОБЩЕСТВА

В данной статье рассматривается процесс политической социализации. Он определяется «как процесс активного усвоения индивидом идеологических и политических ценностей и норм общества и формирование их в осознанную систему социально-политических установок, определяющих позицию и поведение индивида в политической системе общества». Основные теоретические аспекты политической социализации, её значимость для политической культуры, поведение личности в политике разработаны Г.Тардом Д. Истоном, Дж. Деннисом, Р.Хессом, Торнеем, и Ф.Гринстайном. Анализируется политическая социализация современного таджикского общества, её особенности и проблемы, а также подчеркивается необходимость разработки механизмов и специальных мер оптимизации политической социализации, пути развития демократии в Таджикистане и условия, необходимые для решения данной проблемы. Отмечается, что процесс политической социализации таджикского общества не представляет собой на данный момент целенаправленную систему механизмов и мер, направленных на становление таджикского демократического общества. Особенности политической социализации в современном таджикском обществе сегодня обусловлены, прежде всего, его состоянием. Подчеркивается, что от уровня политической социализации зависит будущее таджикской демократии.

**Ключевые слова:** политическая социализация, гражданская идентичность, интериоризация ценностей, политическая культура, политическая элита, политический процесс.

## FEATURES OF THE POLITICAL SOCIALIZATION OF THE TAJIK MODERN SOCIETY

This article deals with the process of political socialization. It is defined "as a process of active assimilation by the individual of ideological and political values and norms of society and their formation into a conscious system of socio-political attitudes that determine the individual's position and behavior in the political system of society." The main theoretical aspects of political socialization, its importance for political culture, personality behavior in politics were developed by G. Tard D. Easton, J. Dennis, R. Hess, Thorneus, and F. Greenstein. The political socialization of modern Tajik society, its features and problems is analyzed, as well as the need to develop mechanisms and special measures to optimize political socialization, ways of developing democracy in Tajikistan and the conditions necessary to solve this problem. It is noted that the process of political socialization of Tajik society does not at present represent a purposeful system of mechanisms and measures aimed at the formation of a Tajik democratic society. The features of political socialization in modern Tajik society today are due, first of all, to its condition. It is emphasized that the future of the Tajik democracy depends on the level of political socialization.

**Key words**: political socialization, civic identity, interiorization of values, political culture, political elite, political process.

**Сведения об авторе:** ***Сайдуллаева Гульнора Рафиевна*** - Технологический университет Таджикистана, кандидат философских наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин. **Адрес:** Республика Таджикистан,город Душанбе, ул. Н.Карабаева 63/3. Телефон: **+992 907886444**, E-mail**:** sgulnora_@mail.ru

**About the author:** ***Saydullaeva Gulnora Rafievna*** - Technological University of Tajikistan, Candidate of Philosophy, Associate Professor of the Department of Humanitarian Disciplines. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe city N. Karabaeva, str. 63/3. Tel. +**992 907886444**, E-mail: sgulnora_@mail.ru

УДК: 316(575.3)

# ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ СЕКУЛЯРИЗАТСИЯ ДАР НАЗАРИЯҲОИ СОТСИОЛОГӢ

***Муҳаммадқодири Наҷмиддинзода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар илмҳои ҷомеашиносӣ таҳқиқу баррасии масаълаи секуляризм мавриди омӯзиши олимони соҳа қарор гирифтааст. Аз ин сабаб, назарияҳои илмие, ки дар ин раванд пешниҳод шудаанд, хеле зиёданд. Аз таҳлили бешумори афкори ҷомеашиносони ин соҳа чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки секуляризатсия натиҷаи тағйирпазириҳои бузурги иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки дар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ оғоз гашта, сатҳи эътиқодпазирӣ ва муносибат ба динро куллан тағйир дод. Секуляризатсия ба таърихи Аврупо алоқаманд буда, диққати ҷомеашиносонро аз М. Вебер сар карда, то Э. Дюркгейм ва Т.Парсонс ба худ ҷалб кардааст. Дар инкишофи замони нав аз асрҳои XV-XVI сар карда, таъсири хурофоти динӣ кам гардид ва дар ҳаёти иҷтимоии одамон тағйиротҳои куллӣ ба миён омаданд. Мафуми «секуляризатсия» дар забони лотинӣ ба маънои "инҷаҳонӣ" ва "дунявият" омадааст ва

моҳияти онро аз иқтидори ниҳодҳои динӣ берун шудани бахшҳои муҳимми ҷомеа, мисли фарҳанг, иқтисодиёт ва ғайра ташкил медиҳад.

Секуляризатсия - раванди озодшавии муҳитҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аз зулми калисо ва камшавии таъсири хурофотҳо дар ҷомеа мебошад. Ҷараёне мебошад, ки ба воситаи он дин таъсири худро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ гум мекунад. Мафҳуми "секуляризатсия" бори аввал соли 1646 ҳангоми гуфтушуниди ҷомеаи Вестфал ба миён омад ва дар раванди гуфтушунид сухан дар бораи озодии молу мулк аз дасти калисоҳо мерафт. Оқибат, 2- юми ноябри соли 1789 дар Франсия фармон пешниҳод гардид, ки ҳамаи молу мулки калисо ба ихтиёри миллат супорида шавад. Ин маънои озодии халкро дошт, яъне халқ соҳибистиқлол шуд ва дарк намуд, ки моликиятро ба воситаи калисо не, балки бо хости Худо ба даст меорад. Минбаъд фаҳмиши секуляризатсия маънои васеътаро дар худ гирифт. Он ҳамчун раванде қабул гардид, ки дорои фарҳанги замонавӣ ва ҷамъияти замонавӣ дар сифати фарҳанги ашрофона ва ҷамъияти ашрофона мебошад. Ҳодисае, ки аввали асри XVIII дар пойтахти Венетсия ба амал омада буд, намунаи намоёни секуляризатсия гардида метавонад. Асосан, дар маркази низоъҳо масъалаи асосӣ ин буд, ки инсон метавонад бо ёрии худ, яъне новобаста аз калисо зиндагӣ кунад. Баъди муборизаҳои мазҳабӣ дар маркази диққати одамон озодии шахс меистод ва чунин ғояро ба худ қабул намуданд: «Касе муқобили ҳокимият мебошад, муқобили Худост» [2, с.39].

Дар ин замина назарияи сотсиологони муосир хело ҷолиби диққат аст. Яке аз бузургтарин назариячиёни ин давра, ки тавассути андешаҳои комил ва шарту шароитҳои устувории ҷомеаи инсонӣ аз худ осори ғание ба ояндагон боқӣ гузоштааст, М. Вебер (1868-1920) мебошад. Ҳеҷ донишманде пеш аз ӯ ё то кунун ба ин масъала бо чунин доманаи васеъ даст назадааст. Ӯ дар бораи динҳои масеҳият, оинҳои ҳинду буддоӣ дар китоби «Ахлоқи протестантӣ ва рӯҳи сармоядорӣ» тафсилоти бештар анҷом додааст, ки ин китоб нахустин бор дар соли 1906 мунташир гардида буд. Мутаассифона, ӯ натавонист мутолиоти худро, ки дар бораи ислом таҳрезӣ карда буд, ба поён бирасонад. Андешаҳои М. Вебер дар бораи дин бо андешаҳои Э. Дюркгейм аз назари таваҷҷуҳ ба иртибот миёни дин ва дигаргунии иҷтимоӣ (чизе, ки Э. Дюркгейм ба он чандон таваҷҷуҳ накард) фарқ дорад.

М. Вебер масеҳиятро як дини растагор дар назар дорад, ки инсонҳо агар эътиқоди диниро пазиранд ва аз усули ахлоқии он пайравӣ кунанд, растагор шуда метавонанд. Мафҳумҳои "гуноҳ" ва "наҷот ёфтан аз гуноҳкорӣ" дар ин ҷо ба марҳамати Худованд алоқамандии зич дорад. Махсусан, ҳангоми таҳқиқи динҳои ҷаҳон мафҳуми "секуляризм"- ро истифода менамояд. Ба он маъно, ки низоъҳои динӣ барои муваффақият ва оғози рушди иқтисодиёти Ғарб кумак мекарданд, ки дар асл аз майли хидмат ба Худованд сарчашма мегирифтанд. Муваффақияти моддӣ барои онҳо нишонае аз лутфи илоҳӣ буд. Ӯ чунин хулоса мебарорад, ки низоми анъанавии динӣ ба мисли ислом метавонад аз нав эҳё гардад ва ба асоси ҳодисаҳои бузурги сиёсии асри XX табдил ёбад, чуноне ки инро мо дар мисоли Эрон дар солҳои 1980-ум мебинем. Дар солҳои охир эҳёи ислом ба ҳаёти Миср, Сурия, Лубнон, Алҷазоир, Афғонистон, Нигерия таъсири калон мерасонад. М. Вебер муътақид бар он аст, ки инсон офаридаи Худованд аст ва новобаста ба чигунагии қисмати таъйиншудааш вазифадор аст, ки дар дунё содиқона кор кунад, то дар охират аз он баҳравар шавад. Ба андешаи М. Вебер танҳо меҳнати содиқона метавонад инсонро бо Худо бипайвандад.

Ҷомеашиноси дигаре, ки ба таърифҳои гуногуни иҷтимоии динӣ даст мезанад, Э. Дюркгейм (1858-1917) мебошад. Мувофиқи назарияи ҷомеашинос дин як низоми иҷтимоиест, ки касони эътиқодмандро бо ҳам мепайвандад, муттаҳид мекунад ва поягузори ҳаёти иҷтимоии одамон аст. Э. Дюркгейм дар ин бора чунин андеша дорад: «Дин як маънавиёти волост ва мо ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонем онро аз зиндагии фардӣ ва иҷтимоии худ ҷудо созем» [3, с.271]. Ба ақидаи Э. Дюркгейм, дин омили ҳамбастагӣ, суботи иҷтимоӣ, пойдории ҷомеа ва мазҳари қудрати ҷомеа аст, дин дар ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ, дар эҷоди ягонагӣ ва маънавиёти ҷомеа аҳамияти зиёд дорад. Ба ибораи дигар, дин муҷиби субот, оромӣ ва пойдории ҷомеа аст. Э. Дюркгейм барои нақши иҷтимоии дин дар ҷомеа чунин омилҳоро пешниҳод мекунад:

1. Ваҳдат: дин ҷузъҳои ҷомеаро ба якдигар мепайвандад. Ба назари Э. Дюркгейм решаҳои тафаккур ва фарҳанг, ҳатто созмон ёфтани зеҳни инсонӣ мустақиман ба аъмоли динии шахс вобастагӣ дорад. Аз гуфтаҳои Э. Дюркгейм бармеояд, ки мафҳумҳои "замон", "макон", "миллат" ва "қудрат" ҳамагӣ дорои табақабандии динӣ ҳастанд.

2. Эҳёи тақвияти қувваҳо: инсоне, ки бо Худо роз ва ниёз мегӯяд, на танҳо ба ҳақиқат наздик мешавад, балки инсоне мебошад, ки худро неруманд эҳсос мекунад. Ӯ дар дохили худ

неруи бештаре эҳсос мекунад ва дар ғалаба бар сахтиҳо ва мушкилот тавоноии бештаре дорад.

Назариячиёни илми сотсиология боварии калон доштанд, ки дини анъанавӣ торафт ба ҳодисаи маргиналӣ табдил хоҳад ёфт. К. Маркс, Э. Дюркгейм ва М. Вебер бовар доштанд, ки бо пешрафти илму технология ҷомеа замонавӣ мешавад ва олами иҷтимоӣ бештар назоратшаванда мегардад, аз ин рӯ, ҷараёни секуляризатсия ногузир аст. Бояд қайд кард, ки секуляризатсия яке аз мушкилтарин соҳаи илми сотсиологияи дин мебошад. Як гурӯҳ олимон раванди секуляризатсияро воқеӣ мепиндоранд, аммо гурӯҳи дигар баръакс, исбот карданӣ мешаванд, ки таъсири дин дар ҷомеа батадриҷ меафзояд ва ҳатто шаклҳои навро соҳиб мешавад.

Дар замонҳои гузашта ташкилотҳои динӣ ба мақомотҳои иҷтимоӣ ва ҳукумат таъсири калон расонида метавонистанд ва дар ҷомеа обрӯи зиёд доштанд. Дар солҳои охир ташкилотҳои динӣ мисли пештара ба сохтори сиёсӣ таъсири ҷиддӣ расонида наметавонанд ва ин тамоюл дар тамоми дунё мушоҳида карда мешавад. Сарварони калисоҳо қудрати калон надоранд, ки таъсири худро нигоҳ дошта тавонанд. Вазъи моддии ташкилотҳои динӣ тағйир ёфтааст. Баъзе калисоҳо маҷбур шудаанд, ки молу мулкашонро фурӯшанд. Аксарият олами муҳитро бидуни таъсири мавҷудоти илоҳӣ ё рӯҳӣ дарк мекунанд.

Раванди секуляризатсия торафт дар ҳамаи кишварҳои сайёра паҳн гардида, таъсири назарраси худро мерасонид. Дар Аврупои асримиёнагӣ истилоҳи “секуляризатсия” маънои ба моликияти давлатӣ табдил додани заминҳои калисоро дошт. Гузоштани як қатор вазифаҳои калисо дар ихтиёри ҳокимияти шаҳрвандӣ маънои дигари секуляризатсия мебошад. Дар замони муосир маънои истилоҳи “секуляризатсия” куллан тағйир ёфта, зери ин истилоҳ раванди мураккаб ва бисёрҷабҳаи озод кардани қишрҳои гуногуни ҷомеа ва фарҳанг аз ҳокимияти институтҳо ва рамзҳои динӣ мебошад.

Агар сухан оиди институтҳо ва ҷомеаи навини Аврупо равад, секуляризатсия ба воситаи маҳрумияти калисои насронӣ дар як қатор вазифаҳо ва таъсиррасониҳояш зоҳир мешавад: дар натиҷаи раванди секуляризатсия калисои насронӣ аз давлат, системаи маориф аз ҳокимияти калисо озод мешаванд. Агар сухан оиди фарҳанг ва рамзҳо равад, дар ин маврид бояд қайд кунем, ки зери мафҳуми “секуляризатсия” раванди фарохтар аз раванди иҷтимоӣ фаҳмида мешавад. Секуляризатсия ҳамчун раванди иҷтимоӣ–сиёсӣ ба тамоми ҳаёти фарҳангии ҷомеа таъсир мерасонад. Секуляризатсияро дар паст шудани мавзӯъҳои хосияти динидошта, дар санъат, фалсафа, адабиёт ва махсусан, дар мухторияти инкишофи илм ва назари дунявӣ доштани он ба олам мушоҳида кардан мумкин аст. Раванди секуляризатсия паҳлуи субъективӣ низ дорад. Дар баробари мавҷудияти секуляризатсияи ҷомеа ва фарҳанг, секуляризатсияи шуур низ вуҷуд дорад. Ин маънои онро дорад, ки ҷомеаи муосир фардҳоеро тарбия мекунад, ки дар муносибати худ ба олам аз догмаҳо ва ғояҳои динӣ истифода намекунанд.

Секуляризатсия зуҳуроти умумиҷаҳониест, ки хосси замони муосир мебошад, аммо паҳншавии секуляризатсия дар олам номунтазам аст. Ба гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа секуляризатсия гуногун ва нобаробар таъсир мерасонад. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки раванди секуляризатсия ба мардон нисбат ба занон, одамони миёнасол нисбат ба ҷавонон ва пиронсолон, шаҳриён нисбат ба деҳотиён зиёдтар таъсир мерасонад [4,с.16]. Инчунин, раванди секуляризатсия ба намояндагони ихтисосҳои муосир нисбат ба ихтисосҳои анъанавӣ таъсири зиёд мерасонад. Таъсири равандҳои секуляризатсионӣ «бuҳрони эътиқод»-ро нисбати дин ва анъанаҳои динӣ ба миён овард. Метавон гуфт, ки секуляризатсия ноумедӣ ва нобовариро нисбати ҳақиқати динӣ ва воқеияти динӣ хеле зиёд кард. Одамон дар зиндагияшон аз догма (чизи шахшуда)-ҳо ва бинишҳои динӣ кам истифода мебурдагӣ шуданд. Агар инсони муосир нисбати масъалаҳои динӣ бепарво бошад, пас бо мақомотҳои зиёди динӣ ва ғайридинӣ мувоҷеҳ мешавад, ки ҳар яки ин мақомот воқеиятро ба тарзи худ муайян менамояд. Ин мақомотҳои динӣ ва ғайридинӣ байни худ дар ҳолати рақобат қарор дошта, воқеияти диниро мувофиқи таъбу завқи худ муайян менамоянд.

Дар замони муосир дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон дин, калисо ва масҷид аз давлат ҷудо аст. Ҳуқуқ, сиёсат, иқтисодиёт, илм, фалсафа ва санъат дар иҷрои вазифаҳои худ, догмаҳо ва анъанаҳои диниро сарфи назар намуда, пеш аз ҳама, ба манфиатҳои дунявии инсон, ҷомеа ва гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ такя менамоянд. Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун иттиҳодияи байналмилалӣ, ки тамоми кишварҳои оламро муттаҳид менамояд, дар низомномаи худ ва декларатсияи ҳуқуқи инсон принсипи муҳимми фаъолияти худро дар ҳимояи ҳуқуқи инсон барои зиндагии шоиста новобаста аз мансубияти қавмию динӣ мебинад. Созмонҳои байналмилалӣ баёнияҳое қабул кардаанд, ки ҳуқуқи интихоби

ҷаҳонбинии динӣ ва ғайридинӣ баробар иҷозат дода шудаанд, яъне инсон дар интихоби худ озод мебошад.

Омилҳои дар боло зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баробари ҷаҳонбинии динӣ, ҷаҳонбинии хосияти дунявӣ дошта ташаккул ёфта истодааст, ки моҳиятан хислати секулярӣ дорад. Ҷаҳонбинии хосияти дунявӣ дошта ботинан системаи бутун набуда, балки навъи ҷаҳонбиниест, ки нишонаи асосиаш ғайридиният ва секуляризм мебошад. Дар сатҳи гуногуни шуури ҷамъиятӣ дараҷа, умқият ва дарки ин ғайридиният гуногун буда, хислати умумии ин ҷаҳонбиниро муайян кардан хеле душвору мураккаб аст. Барои ҷаҳонбинии дунявӣ принсипи асосӣ арзиши олӣ инсон мебошад. Дар сатҳи назариявӣ ин навъи ҷаҳонбиниро бисёр ҷараёну мактабҳои фалсафӣ, илмӣ – табиатшиносӣ, сотсиологӣ ва антропологӣ муаррифӣ менамоянд.

Бояд, қайд кард, ки дар тӯли таърихи инсоният дин соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеаро аз худ карда, ҳаёти фардӣ ва иҷтимоии инсонро ба танзим медаровард. Мо шоҳиди он ҳастем, ки секуляризатсия сабаби ташаккулёбии ҷаҳонбинии плюралистӣ шудааст. Плюрализм (гуногунандешӣ)- таъсири динро дар ҷомеа нисбатан паст карда, мавҷудият ва сохтани сохторҳои нави диниро душвор мегардонад. Дар доираи ҷомеаи муосир нигоҳ доштани мавқеи пештараи дин, эътиқодҳои динӣ ҳамчун ҳақиқатҳои тағйирнаёбанда ниҳоят душвор гардидааст. Ин зуҳуротҳо дар маҷмӯъ вазъияти «бuҳрони боварӣ» - ро нисбати дин ба миён меоранд.

Плюрализм ҳолатеро ба миён меорад, ки сохторҳою ҷамъиятҳои зиёди динӣ пайдо шуда, байни ҳам рақобат мекунанд ва ба зарари дин амал намуда, обрӯ ва таъсири динро дар ҷомеа коста мегардонанд. Дин ҳарчи бештар хислати фардиро касб карда истодааст ва таъсири анъанаҳо ва рамзҳои динӣ дар ҷомеа паст мегардад.

Дар шароити кунунӣ ҷамъиятҳои динӣ ду имконият доранд, ки вазъиятро нисбатан тағйир диҳанд. Онҳо метавонанд, ки ба вазъияти баамаломада мутобиқ шаванд, ё пешорӯи рақобатҳои зиёд фаъолияти худро боз ҳам ҷиддитар намоянд. Ҳарду тариқро бе ҳалли масъалаи дар боло зикршуда амалӣ кардан ғайриимкон аст, чунки вазъият ё душвориҳои дар боло зикршуда дар ҷомеаи муосир «бuҳрони динӣ” - ро ба вуҷуд овардаанд.

Вазъияти дин дар кишварҳои Аврупо тағйир ёфтааст ва аксари донишмандон дар он тағйиротҳои назаррасро қайд намудаанд. Муҳаққиқи рус Е.Д. Руткевич дар мақолаи худ «Сотсиологияи Ғарб доир ба дурнамои дин» назареро пешниҳод мекунад, ки хеле ҷолиби диққат аст. Мувофиқи андешаи ӯ, мо дар ҷаҳоне зиндагӣ менамоем, ки номҳои гуногун: пасоиндустриалӣ, умумибашарӣ, пасомуосирӣ, серфарҳангӣ, пасомасеҳӣ, пасодунявиро ба худ касб намудааст, вобаста ба он назарияҳое бо номи «интиҳои таърих», «баъди таърихӣ», «таркиши тамаддунӣ» ва ғайра пайдо шудаанд [1, с. 41 ]. Ӯ дуруст қайд менамояд, ки солҳои охир мафҳуми “ҳувият” диққати донишмандонро ба худ ҷалб намуда истодааст ва дар қатори навъҳои дигари ҳувият, ҳувияти динӣ низ тағйир ёфта истодааст. Е. Руткевич дар ин мақола мафҳумҳои асосӣ ва соҳаҳои сотсиологияи динии Ғарбро чун дунявият, гуногунандешии динӣ, шаклҳои нави диндорӣ, ҳувияти динӣ ва ғайраро мавриди баррасӣ қарор додааст. Бо таваҷҷуҳ аз тадқиқоти сотсиологҳои Ғарб ду сифати асосии фарҳанги ғарбӣ: ақлгароӣ ва масеҳият ҷойи худро ба индивидуализми ахлоқӣ ё диндории нав дода истодаанд.

Дар таълимоти Т.Парсонс, Р. Белла, Х. Казанова ва дигарон мафҳуми “секуляризатсия” ҳамчун натиҷаи ҷудошавии сохтори ҷомеа, ҷудошавии дин ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ аз дигар ниҳодҳои ҷомеа (маориф, оила, сиёсат, ҳуқуқ, иқтисодиёт ва ғ.) фаҳмида шудааст. Ба андешаи Р. Белл, П. Бергер ва Т. Лукман, моҳияти падидаи дунявиятро раванди «индивидуалишавӣ»-и дин, ки ҳар як шахс эътиқодҳои анънавиро ба таври худ шарҳ медиҳад, ё дини хешро созмон медиҳад, ташкил менамояд [6, с.348]. Т. Лукман яке аз аввалинҳо шуда, ба чунин масъала, ки дар қатори афтиши «диндории калисогӣ» диндории ғайрикалисогӣ метавон ҳифз шавад ва ҳатто рушд ёбад, таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар баробари ин, рӯҳонии шинохтаи амрикоӣ Роналд Ролҳей вазъи имрӯзаи кишвари худро ба таври зайл баҳо додааст: “Калисоҳои мо холӣ ва кӯҳна шуда истодаанд, бисёре аз фарзандони худи мо дигар бо роҳи имон нарафта истодаанд, дигар дар мо имони калисогӣ вуҷуд надорад” [7, с.16].

Ҳамин тариқ, дар ҷомеаҳои рӯ ба инкишоф бояд принсипҳои зерин амалӣ карда шаванд:

1. Тақвияти бештар бахшидан ба самти сотсиологияи дин ва равоншиносии динӣ.

2. Тавассути усулҳои сотсиологияи дин ва равоншиносии динӣ муайян сохтани сатҳи диндорӣ дар ҷомеа.

Махсусан қайд кардан зарур аст, ки имрӯзҳо дар ҷаҳони муосир ҳамарӯза масъалаҳои иҷтимоӣ, зиддиятҳо, низоъҳо ва нофаҳмиҳо авҷ мегиранд, ки, онҳо дар навбати худ, боиси шиддат ёфтани вазъи иҷтимоию сиёсӣ мегарданд. Яке аз чунин масъалаҳои муосири

нигаронкунанда пурзӯр гаштани ҳаракатҳои радикалию экстремистӣ мебошад, ки ғояҳои ин гуна ҳаракату равияҳо ба тафаккури шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон роҳ ёфта, рафтору андешаи онҳоро хароб месозад. Мутаассифона, Тоҷикистон низ аз таъсири ин гуна зуҳурот, махсусан радикализм ва шаклҳои гуногуни он дар канор намондааст. Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин иброз доштанд: "Ман чандин маротиба аз минбарҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ таъкид карда будам, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом иртиботе надорад, баръакс, аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусалмонони сайёра зарар мебинанд"[5].

Хулоса, радикализм ва шаклҳои гуногуни он яке аз масъалаҳои муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ гашта, дар ин самт раванди секуляризатсия низ, мавриди омӯзиш қарор гирифта истодааст.

## АДАБИЁТ


1. Абдулҳаев К.А. Ҷойгоҳи дин дар ҷомеаи мутамаддин / К.А. Абдулҳаев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. -2016.- №4/2.-С.40 -44.
2. Вебер М. Социология религии (типы религиозных сообществ). Учебник для студентов / М. Вебер. Избранное. Образ общества. –М., 1994. -280с.
3. Дюркгейм Э. Элементарные формы религиозной жизни. Учебник / Э. Дюркгейм. Религия и общество. Хрестоматия по социологии религии /сост. Гараджа В.И. Руткевич Е.Д. –М., 1996. -471с.
4. Зиёев И.Г. Таҳаввулоти дин дар замони муосир: секуляризатсия, экуманизм ва динҳои нав /И.Г. Зиёев // Масълаҳои рӯзмарраи инкишофи давлати муосир: Маводи конференсияи ҷумҳуриявӣ (ш.Душанбе,25-26-уми январи соли 2018 ш.). –Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2018. -257.

1. 5.Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [захираи электронӣ]. URL: htt: // www. president.tj/hode/10585(санаи истифодабарӣ: 20.01.2016)
2. 6. Руткевич Е.Д. Западная социология о перспективе религии /Е.Д. Руткевич. Религия в самосознании народа (Религиозный фактор в идентификационных процессах). - М.: Институт социологии РАН, 2008. -415с.
3. 7. Rolheiser Ronald. Secularity and the Cospel. New York/ The Crossroad Peblishinq Company, 2006. - 237.


## ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ СЕКУЛЯРИЗАТСИЯ ДАР НАЗАРИЯҲОИ СОТСИОЛОГӢ


Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи секуляризатсияро дар назарияҳои муосири сотсиологӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, муаллиф дар бораи моҳияти ин мафҳум ва аҳамияти зиёди илмӣ ва назариявӣ доштани он андеша рондааст. Мутолиа ва хулосаҳои илмии адабиётӣ мавҷуда нишон медиҳанд, ки масъалаи секуляризатсия дар замони муосир яке аз асоситарин масъла ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки секуляризатсия раванди озод намудани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, яъне сиёсат, маданият, маориф, ҳуқуқ, муносибатҳои миллӣ ва оилавию никоҳӣ аз таъсири дин ва калисо мебошад. Дар натиҷаи раванди мазкур соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ аз шакли динӣ халос гардида, ба раванди табиию таърихӣ табдил мeёбанд. Раванди секуляризатсия маънои дунёпарастиро низ дорад, яъне он чизе, ки замоне ба имон ва серков тааллуқ дошт, бо мурури замон аз онҳо ҷудо гашта, мустақил, ё ин ки дунявӣ мегарданд. Асосан дар байни секуляризатсия ва зӯран пахш намудани дин фарқият вуҷуд дорад. Ин фарқият дар он аст, ки омӯзиши раванди секуляризатсия то ба сатҳи кофӣ омӯхта нашудааст ва таҳлилҳо дар ин раванд танҳо дар ҷомеаҳои ғарбӣ баҳогузорӣ шудаанд. Новобаста ба ин, бояд нақши оянданп динро дар ҷомеаи муосир муайян намуд.



**Калидвожаҳо**: секуляризатсия, ҳувияти динӣ, плюрализм, пасоиндустриалӣ, маргиналӣ, индивидуализми ахлоқӣ, серфарҳангӣ.


## ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМ СЕКУЛЯРИЗАЦИИ В СОЦИОЛОГИЧЕСКИХ ТЕОРИЯХ


В данной статье автор рассматривает проблемы секуляризации в современных социологических теориях. Также автор раскрывает значительную сущност и научно-теоретическое обоснование этого термина. Можно сказать, что секуляризация – это процесс либерализации различной общественной жизни, политики, культуры, образования, права, национальных и семейных отношений, а также влияния религии и церкви. В результате этого процесса различные слои общества устраняются из религии и преобразуются в естественные и исторические процессы. Процесс секуляризации также имеет мир вещей, то есть то, что было временем веры и священным временем, отделенным от них, или же, другими словами, секуляризм. Существуют различные варианты изучения религии, которые отличаются от тематики изучения секуляризации, и это изучение наблюдается только в западных странах. Несмотря на современное определение секуляризации западных ученых, до сих пор религиозный процесс недостаточно проанализирован во многих странах. Изучая данную проблему, автор приходит к тому выводу, что секуляризация в настоящее время является одной из основных проблем современного общества, которое является важным аспектом для будущего развития религии в обществе.



**Ключевые слова:** секуляризация, религиозная самоидентичность, постиндустрализация, маргинализация, индивидуализм, много-культурность, плюрализм.


## THE PROBLEM OF SECULARISM IN THE MODERN THEORIES SOCIOLOGY


In this article author learned the problem of modern theories of sociology. After that author ten attention about the important this word in the science and said his opinion. After teaching a lot off literature he inferences, problem of secularism

in modern time one is the basic problem in the world. The process deconsecrating able to to release politics, culture, religion, education, the influence of church and another part of social life. In this process many part of social life will get free from influence religion institute and just ten attentions for natural and historical process. Process secularism in same case means worldly, because, things which make connect searched and material world lost there basic mining. Actually under the secularization and raptly expansion the religion have some deferens. This deference's also in the not well learning the process secularization and analyses about this process just in the west society. Independence from the situation we must find the basic role of religion in the modern society.

**Keys word:** Secularism, religion pluralism, alitary culture, religion Identity, post industry, Faith crisis, self-identity, morality of individual and etc…

**Сведения об авторе:** ***Мухаммадкодири Наджмиддинзода*** - Таджикский национальный университет, ассистент кафедры социологии философского факультета. **Адрес:** 734025,Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17,Телефон: **+992 935 44 9091.**

**Information about the author**: ***Muhammadkodir Najmiddinzoda*** – Tajik National University, assistant of department Sociology, faculty philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17.
Phone:**+992 935-44-90-91**

УДК: 32.019.51

# БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ПАЙДОИШ ВА ПАҲНШАВИИ МОДАРИИ ТАНҲО ДАР ОИЛАҲОИ НОПУРРАИ ТОҶИКИСТОН

*Элмуродова Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Оила институти иҷтимоиест, ки дар солҳои аввали ҳаёти кӯдак нақши ҳалкунанда мебозад ва минбаъд низ ба рушди ҳамаҷонибаи ӯ мусоидат мекунад. Маҳз ин гурӯҳи аввалиндараҷа иҷтимоишавии ибтидоии кӯдакро ба амал мебарорад, дар ӯ бовари̅ ба худ ва атрофиёнро ташаккул медиҳад. Тавассути оила арзишҳои умумиинсони̅ ҳифз мешаванд ва аз насл ба насли дигар мегузаранд. Дар оила муҳити иҷтимоии майли кӯдак ба намудҳои гуногуни фаъолияти ҷамъияти̅ ташкил карда мешавад ва муҳити тарбиявию таълимии бетанаффус ба вуҷуд меояд. Таълим ва тарбияи насли наврасро танҳо дар робитаи зич бо оила ба роҳ мондан мумкин аст. Ташаккули қобилияти ҷисмони̅ ва зеҳнии кӯдакон аз оила оғоз мешавад [1, с.136 ].

Оила ягона гурӯҳест, ки инсон дар он аз лаҳзаи таваллуд то ба охири умр ҳаёт ба сар мебарад. Ҳамаи мушкилоти иҷтимоие, ки имрӯзҳо дар ҷомеа вуҷуд доранд, дар оила таҷассум меёбанд. Аз сабабе ки тарзи ҳаёти оилави̅ ҳамаи гурӯҳҳои аҳолиро фаро мегирад, табиист, ки мушкилоти иҷтимои̅ низ дар оила паҳлуҳои гуногун доранд. Мушкилот ва талаботҳои зарурии оилаҳо, пеш аз ҳама, аз шакли оила вобастаги̅ доранд. Мушкилоти иҷтимои̅ нахуст ба оилаҳои эҳтиёҷманд, махсусан, ба оилаҳои нопурра ва модарони танҳо таъсири манфи̅ мерасонанд.

Оилаи нопурра чунин намуди оилае мебошад, ки дар он яке аз ҳамсарон бо сабабҳои гуногун, мисли вайроншавии оила, ба маҳбас афтодан ё фавти яке аз волидайн, маҳрум шудан аз ҳуқуқи волидайни̅, даст кашидани яке аз волидон аз нигоҳубини фарзанд (фарзандон) ва ғайра зиндаги̅ намекунад. Дар оилаҳои нопурра як нафар (падар ё модар) фарзанд ё фарзандонро тарбия мекунад ва барои қонеъ намудани талаботҳои гуногун масъулият дорад. Дар замони имрӯза занонеро, ки тавассути фарзандхони̅ соҳиби кӯдак шуда, ба таълиму тарбия машғул мебошад, модари танҳо номидан мумкин аст. Дар адабиёти илмии Ғарб чунин занонро "оила бо сарварии зан" ва "волидайни танҳо"низ меноманд.

Мувофиқи ахбороти намояндаи Хазинаи СММ дар соҳаи аҳолии ҷаҳон (ЮНФПА) 13% кӯдакони дунё бе волидон ва 51%-и онҳо дар оилаҳои нопурра ба воя мерасанд [9]. Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 аз 1197187 хонаводаи Тоҷикистон 38042-тоаш оилаҳои якнафара (ҳамсаре, ки бо сабаби гуногун танҳо мондааст ва бефарзанд мебошад), 60202 нафар модар бо фарзандон (оилаи нопурра) ва 139 нафар падар бо фарзандон (оилаи нопурра) мебошанд [12, с.176].

Ҷудошавии ҳамсарон, тавлиди фарзанди берун аз никоҳ ва дигар зуҳуроти ба ин монанди оилави̅ ҳамчун сарчашмаи пайдошавии оилаҳои нопурра ҳамеша амали берун аз меъёрҳои иҷтимои̅ ҳисобида мешуд, махсусан, дар ҷомеаҳои анъанави̅. Мавҷи аввали паҳншавии оилаҳои нопурра ба марҳилаи баъдиҷангии солҳои 40-уми асри XX рост меояд, ки ба фавти зиёди мардон дар Ҷанги Бузурги Ватани̅ ва тавлиди берунazникоҳи̅ бо сабаби гум шудани таносуби ҷинсии ҷомеа алоқаманди̅ дошт. Мавҷи дуюми авҷи паҳншавии

оилаҳои нопурра ба солҳои 60-уми асри XX марбут аст [13, с.151]. Аз ин давра сар карда, дар муносибатҳои байни зану мард тағйиротҳои куллӣ ба мушоҳида мерасанд, мисли баробарҳуқуқии зану мард, дар қонунгузорӣ мустаҳкам шудани никоҳ ва талоқ, дар занон пайдо шудани имконияти танзиму назорати тавлиди фарзанд ва таҳкими ҳаракати феминистӣ. Ин дигаргуниҳои ҷиддӣ яке аз сабабҳои зиёдшавии ҳодисаи ҷудошавии ҳамсарон, афзудани модарони танҳо ва паҳншавии оилаҳои нопурра гардид.

Маҳз аз ин давра баррасии назариявӣ ва тадқиқотҳои илмӣ дар атрофи сабабҳои паҳншавии оилаҳои намуди нав – оилаҳои нопурра оғоз мегардад. Тадқиқотчиён мехостанд фаҳманд, ки барои чӣ шумораи ҷудошавии ҳамсарон меафзояд, бо кадом сабабҳо шумораи тавлиди берун аз никоҳ торафт зиёд мегардад, чӣ хел оилаҳои нопурра ба тақдири минбаъдаи модару кӯдак таъсир мерасонанд ва ғайраҳо. Намояндагони илмҳои иқтисодиёт, сотсиология, психология, демография ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ барои шарҳу баррасии зуҳуроти оилаҳои нопурра таълимот, равиш ва назарияҳои гуногуни худро пешниҳод карданд. Яке аз чунин равишҳои иқтисодӣ бо номи “бозори никоҳӣ” ба тадқиқотҳои илмии Г. Беккер [2] алоқамандӣ дорад. Мувофиқи ин назария бозори никоҳӣ таносуби шумораи мардону занони хоҳиши никоҳ доштаро муайян мекунад. Ҳар як иштирокчии бозори никоҳ “нархи” муайян дорад, ки сифати онро бозгӯӣ мекунад. Интихоби шарики ҳаётӣ ё аз рӯйи принсипи монандӣ ё вобаста ба пурранамоии якдигарӣ ба амал бароварда мешавад. Дар баробари ин, мардону занон кӯшиш менамоянд бо касе никоҳ банданд, ки ба нарх ва сифати онҳо баробар бошанд. Ин назария пешниҳод мекунад, ки дар бозори никоҳии моногамӣ якбора миқдори гуногуни шарикони эҳтимолии мардону занон қарор доранд ва як қисми иштирокчиёни бозори никоҳӣ, бо ҳам никоҳ намебанданд. Аз ҳама зиёд намояндагони номувофиқи бозори никоҳӣ агар аз рӯйи монандӣ интихоб шуда бошанд, танҳо мемонанд. Ин ҳолат дар беҳтарин намояндагони бозори никоҳӣ мушоҳида мешавад, агар аз рӯйи принсипи пурранамоӣ якдигарро интихоб карда бошанд [13, с.152].

Назарияи иқтисодӣ сабаби модарии танҳо ва оилаҳои нопурраро дар тавлиди фарзанд берун аз никоҳ ва қатъшавии ақди никоҳ шарҳ медиҳад. Дар баъзе давлатҳо чунин оилаҳо бо сабаби боло бардоштани кӯмакпулиҳо барои тавлиди фарзанд зиёд мешаванд. Мувофиқи ин назария одамон барои он никоҳ мебанданд, ки аз он даромад ва манфиати бештаре бинанд ва қонеъ нагаштани манфиатҳо сабаби вайроншавии оилаҳо мегардад. Дар сурате ки занон нисбати мардон даромади бештар ба даст меоранд ва берун аз никоҳ онҳо фаъолтару озодтар мегарданд, дар онҳо майл ба қатъи ақди никоҳ меафзояд. Ба ақидаи назариётчиёни иқтисодии оилаҳои нопурра занҳо дар ҳолати зиёд будан аз мардон, даромади зиёд доштан, ки барои таъминоти оила басанда мебошад ва манфиатовар будани бешавҳарӣ (озодӣ дар кору фаъолият) кӯдакро берун аз никоҳ таваллуд мекунанд, ки ин ба ҳувияти ҷомеаи ғарбӣ бештар хос аст.

Дар масъалаи шарҳи сабабҳои паҳншавии оилаҳои нопурра равиши сотсиологӣ низ ҷой дорад, ки ба назарияи рушди оила ва марҳилаҳои ҳаётии оила такя менамояд. Ин назария дар солҳои 40-уми асри XX аз тарафи Э. Дювал, Р. Хилл, П.А. Гликом ва намояндагони назарияи интераксионизми рамзӣ Ҷ.Г. Мид, Э.В. Бургес ва У. Уоллер кор карда баромада шудааст. Мувофиқи ин назария ҳар як оила марҳилаҳои муайяни ҳаётии худро мегузарад. Ба сифати сабаби модарии танҳо ва оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон, марги яке аз ҳамсарон, тавлиди кӯдак берун аз никоҳ ва ҷудоии ҳамсарон бо сабабҳои ба онҳо алоқаманд набуда, мисли ҷангҳо, муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва ғайраҳоро мебинанд.

Дар бештари ҳолат намояндагони назарияи сотсиологӣ модарии танҳо ва оилаи нопураро ба интихоби ҳар як фард марбут медонанд. Ҳар як шахс дар шароитҳои имконияту маҳдудиятҳои мавҷуда тавассути интихоб, қабули қарорҳо ва амалҳо марҳилаҳои ҳаётии худро мегузарад. Ҳама гуна интихоби шахс ба марҳилаҳои минбаъдаи ҳаёти ӯ таъсири худро мерасонад. Махсусан, тавлиди барвақти кӯдак берун аз никоҳ ба марҳилаҳои минбаъдаи даври ҳаётии шахс ва интихоби минбаъдаи роҳи ҳаётии зан таъсири манфӣ мерасонад. Махсусан, тавлиди барвақти кӯдак берун аз никоҳ барои таҳсили минбаъдаи зан монеа гашта метавонад.

П. Сорокин буҳрони оилаҳоро махсус қайд карда, онро дар “зиёдшавии шумораи ҷудошавии ҳамсарон, кам шудани шумораи ақди никоҳҳо ва афзудани шумораи тавлиди кӯдакони аз никоҳ берун” [13, с.153] дидааст. Ҷомеашиноси дигари рус А. Харчев низ махсус дар бораи оилаҳои нопурра, харобшавии нақшҳои оилавии ҳамсарон ва аз тарафи онҳо пурра иҷро нашудани уҳдадориҳои оилавӣ тадқиқоти арзишманде гузаронидааст [11]. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ба тавлиди кӯдак дар оилаи нопурра сохтори оилае, ки қаблан зан аз кӯдакӣ дар он зиндагӣ мекард, таъсири зиёд мерасонад. Зани дар оилаи

нопурра таваллудшуда ва бавоярасида, эҳтимол дорад, ки ин амсилаи рафторро идома диҳад. Зеро духтароне, ки дар ин гуна оилаҳо тарбия меёбанд, чунин сотсиализатсия мешаванд ва рафтори модарони худро такрор мекунанд. «Кам нестанд ҳолатҳое, ки модарии танҳоро насли нав такрор мекунад... Мувофиқи омори ҷаҳонӣ писарчае, ки дар оилаи нопурра калон шудааст ва ҷойи падар аз аввал холӣ аст, нисбати ҳамсоли аз оилаи пурра имконияти бештари ба маҳбас афтиданро дорад. Дар духтарони бепадар бавоярасида имконияти модари танҳо шудан панҷ маротиба зиёд аст. Дар байни кӯдакони зери назари модари танҳо калоншуда майхораю нашъамандон хеле зиёданд» [6, с.3].

Ҳарчанд торафт модарии танҳо ба як зуҳуроти муқаррарӣ табдил меёбад, аммо имрӯз ҳам дар ҳамаи маданиятҳо оилаи пурра намунаи оилаи идеалӣ қабул шудааст, ки ҳаёти оилавиро таъмин мекунад ва мушкилоти кӯдакону наврасон бештар ба норасоии тарбия дар оилаҳои нопурра марбут дониста мешавад [7]. Дар оилаҳои танҳо модар бештар кор мекунад, барои тарбияи фарзанд вақти кам меёбад, аз ин сабаб аксарияти кӯдакони ин гуна оилаҳо марҳилаи вазнини наврасиро аз сар мегузаронанд. Барои шарҳи сабабҳои паҳншавии оилаҳои нопурра равиши дигар бо ном равиши демографӣ мавҷуд аст. Мувофиқи ин назария сабаби пайдоиши оилаҳо бо сарварии зан ва тавлиди фарзанд берун аз никоҳ номувозинатӣ дар сохтори демографии аҳолӣ, ҳам дар сатҳи кишвар ва ҳам дар сатҳи минтақаҳои гуногун, шуда метавонад. Масалан, фавти мардҳо дар давраи ҷанг, муҳоҷирати мардон барои ҷустуҷӯйи ҷойи кор ба дигар минтақаҳо ё кишварҳо ба зиёдшавии модарони танҳо ва оилаҳои нопурра оварда мерасонад [3,4,5]. Мувофиқи ин назария таносуби ҷинсӣ дар никоҳҳои аввал бештар дида мешавад. Аммо ба никоҳи такрорӣ имконияти мардон бештар аст, зеро мардон ба занони аз худашон хурдтар оиладор шуда метавонанд, аммо барои занон ин имкониятҳо маҳдудтар аст, махсусан, ба занони танҳои серфарзанд дар Тоҷикистон.

Дар доираи ин равиш бо сабаби тағйиротҳо дар муносибатҳои никоҳӣ ва рафторҳои репродуктивӣ, пайдоиши ҳамзистии шарикон бе никоҳ, ҳисоб нашудани никоҳ ҳамчун шарти асосии тавлиди фарзанд давоми чанд даҳсолаи охир “назарияи гузариши дуюми демографӣ” хеле машҳур гардидааст, ки аз тарафи Р. Лестег и Д. ван де Каа пешниҳод гардидааст. Мувофиқи ин назария зиёд шудани шумораи ҷудошавии ҳамсарон ва пайдоиши оилаҳои нопурра бо сарварии зан ба либерализатсияи қонунгузории никоҳ ва талоқ алоқамандӣ дорад. Ҳолати мазкур ба ҳамсарон, махсусан занҳо имконият дод, ки дар мавриди нобароршҳо дар ҳаёти оилавӣ аз никоҳ даст кашанд ва ҳаёти худро тағйир диҳанд. Дигар на ба нишондодҳои дину давлат ва анъанаҳо, балки ба манфиатҳои шахсии худ такя кунанд.

Умуман, дар “назарияи гузариши дуюми демографӣ” паҳншавии модарии танҳо ду хел шарҳ дода мешавад. Аз як тараф, дар байни занони дорои сатҳи пасти таҳсилот ва табақаи поёнӣ шумораи модарони танҳое зиёд мешавад, ки бармаҳал ақди никоҳ баста, зуд ҷудо мешаванд. Аз тарафи дигар, афзудани шумораи модарони танҳо натиҷаи мустақилияти иқтисодии занон ва баробарҳуқуқии зану мард мебошад [13, с.158]. Ба андешаи ҷомеашиноси рус А. Михеева, омили дигаре, ки ба модарии танҳо оварда мерасонад, назари ғайрианъанавӣ нисбати оила мебошад. Ӯ чунин ҳолатҳои ҳаётиро ҳамчун сабабҳои афзудани зуҳуроти модарии танҳо мешуморад:

- таваллуди берун аз никоҳи зан, ки ҳомиладории ӯ барои мард ногаҳонӣ ва нигаронкунанда аст;
- таваллуди огоҳонаи беникоҳи зан, ки худаш фарзандор шудан мехоҳад;
- вайроншавии оила ҳангоми ҳомиладории зан [8].

Таҳлилҳои болоӣ нишон медиҳанд, ки як сабаби асосии пайдоиш ва паҳншавии модарӣ дар оилаҳои нопурра ҷудошавии ҳамсарон мебошад. Вайроншавии оилаҳои ҷавон дар шароити имрӯза масъалаи нигаронкунандаи ҷомеаи Тоҷикистон гардидааст. Шумораи ҷавононе, ки пас аз муддати кӯтоҳи оиладорӣ аз ҳам ҷудо мешаванд, батадриҷ меафзояд. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2012 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1197187 хонаводаҳо вуҷуд дошт. Дар маҷмӯъ 1488451 нафар дар ақди никоҳи расмӣ ва 67743 дар ақди никоҳи ғайрирасмӣ қарор доштанд. Шумораи умумии бевамарду бевазанҳо – 46081 нафар буд [14, с.325]. Дар соли 2015 дар ҷумҳурӣ 77020 нафар ақди никоҳ бастаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2014 баробари 18458 адад камтар аст". Мувофиқи ин маълумотҳо шумораи мутаносиби талоқ дар моҳҳои январ-июни соли 2014 ба 1000 никоҳи басташуда 92 ададро ташкил дод. Дар соли 2015 бошад, беш аз 8346 ҳодисаи ҷудошавии ҳамсарон расман ба қайд гирифта шудааст.

Ба ақидаи мутахассисон, зарари маънавию равоние, ки баъд аз пошхӯрии оила аъзоёни ҷавони он аз сар мегузаронанд, баробар ба аз даст додани шахси наздик аст. Дар ин ҳолат ҷавонони ҷудошуда худро ҳамчун одамони нодаркор ҳис мекунанд, вазъи моддии кӯдакон

низ мушкил мешавад, зеро аксаран падар бо онҳо робитаро канда, кӯдакон дар нигоҳубини модар мемонанд. Оилаҳое, ки дар натиҷаи ҷудошавӣ ба оилаи нопурра табдил ёфтаанд, аҳволашон аз ин ҳам бадтар аст. Бо маблағи ночизи алимент кӯдаконро нигоҳубин кардан ғайриимкон аст. Илова ба ин, шиддати психологие, ки зан пас аз талоқ ба он дучор мегардад, вазъияти бе ин ҳам бади оиларо боз ҳам вазнинтар мегардонад. Аввалан, ин дар кӯдакон баъд аз ҷудо шудани волидайн пайдо шудани ҳисси озурдагӣ, рӯҳафтодагӣ ва камарзишии худ мебошад. Баъзан кӯдакон худро сабабгори асосии вайроншавии оилаашон медонанд. Дар мавридҳои дигар зан хашми худро барои вайрон шудани оила ба фарзандон равона мекунад. Аксарияти занони Ғарб аз оилаи мустаҳкам дида, пешрафти бомуваффақият дар касбу корро орзу мекунанд. Баъзе аз занон чунон саргарми пешрафти кории худ ҳастанд, ки барои ҷустуҷӯйи шавҳари оянда ва уҳдадориҳои оилавӣ вақт намеёбанд, барои хоҷагии хонагӣ ва тарбияи фарзанд вақти худро сарф кардан намехоҳанд.

Ҳарчанд модар ғамхору дӯстдори фарзанд бошад ҳам, ҷойи падари фарзандро гирифта наметавонад. Таваллуди кӯдак уҳдадории ҳарду волидайн аст ва барои тарбияи ҳаматарафаи кӯдак бояд ҳар яки онҳо саҳм гузоранд. Баъдан, мувофиқи ақидаи психологҳо, дар зан потенсиали зиёди меҳру муҳаббат вуҷуд дорад ва онро бояд на танҳо ба кӯдак, балки ба шавҳари худ низ сарф намояд. Модарони танҳо меҳру муҳаббати ба шавҳар сарфнакардаи худро низ ба кӯдаки худ медиҳанд ва дар натиҷа фарзандонашон аз ҳад зиёд нозуку инҷиқ ва осебпазир тарбия меёбанд. Чи хеле, ки «табибон исбот намудаанд, ноосудаҳолию парешонҳолии доимии модари танҳо бевосита дар кӯдак инъикоси худро меёбад. Дар натиҷа ин гуна кӯдакон асабонӣ ва ба ҳаёт мутобиқнашаванда ба воя мерасанд. Махсусан, писарбачаҳо бештар осеб мебинанд: ё дағалона ба модари худ муқобил мебароянд ва ё ба “кӯдакчаи модар” (маменькиных сынков) табдил меёбанд» [10,с.5].

Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти модарони танҳо мехоҳанд дар ақди никоҳ бошанд ва оилаи пурраро ташкил кунанд, ҳарчанд дар таҷриба чунин модарон нисбати занони бешавҳари бефарзанд имконияти камтар доранд. Маҳз ин ҳолат модарони танҳоро аз ҷустуҷӯйи шавҳар бозмедорад, бештари вақти худро ба нигоҳубини фарзанд ва кори хоҷагии хонагӣ мегузаронанд.

Дар замони муосир оилаҳои нопурраи тоҷик эҳтиёҷманд буда, ба як қатор мушкилӣ дучор мешаванд, ки камбизоатӣ, бекорӣ, бепарасторӣ, сатҳи нокифояи саводнокии кӯдакон, боло рафтани ҷиноятгорӣ, нашъамандӣ, майхорагӣ, танфурӯшӣ мисоли онҳост. Ноустувории оилаҳои нопурра низоъ дар муносибатҳои волидон бо фарзандон, беназоратӣ ва зиёдшавии ҷиноятгории наврасон аз буҳрони арзишҳои оилавӣ шаҳодат медиҳанд.

## АДАБИЁТ


1. Ахвердова Е.В. Социокультурное пространство современной семьи: проблемы, пути решения, перспективы развития. Монография / Е.В. Ахвердова, В.А. Бурковская. – Елец, 2007. – 148 с.
2. Беккер Г.С. Человеческое поведение. Экономический подход. Монография / Г.С. Беккер. – М.: ГУ-ВШЭ, 2003. – 672 с.
3. Васильева Э.К. Семья и ее функции (Демографо-статистический анализ). Монография / Э.К. Васильева. -М.: Статистика, 1975. – 181 с.
4. Голод С.И. Семья и брак: историко-социологический анализ. Учебное пособие / С.И. Голод. -СП.: Петрополис, 1998. – 271 с.
5. Голод С.И. Стабильность семьи: социологический и демографический аспекты. Монография / С.И. Голод. -Л.: Наука, 1984. – 136 с.
6. Григорьева О. Одинокое материнство / О. Григорьева // Советская Белоруссия. – 2001. – №1. – С. 3-6.
7. Гурко Т.А. Брак и родительство в России. Монография. – М.: Институт социологии РАН, 2008. - 325 с.
8. Михеева А.Р. Человек в сфере частной жизни: векторы трансформаций семейных отношений. Монография / А.Р. Михеева. – Новосибирск: ИЭОПП СО РАН, 2012. – 156 с.
9. ООН выступает за ответственное материнство и отцовство *[электронный ресурс]. URL:* https: //ruso.prensa-latina.cu/index.php?option=com
10. Тамерланова Л. Рожу по собственному желанию / Л. Тамерланова // Советская Белоруссия. – 2001. - №219/220. – С.5-9.
11. Харчев А.Г. Брак и семья в СССР. Монография / А.Г. Харчев. – М.: Мысль, 1979. - 367 с.
12. Ҳайати синнусолӣ, ҷинсӣ ва ҳолати ақди никоҳи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солона. – Душанбе, 2012. –Ҷ. II. – 49 с.
13. Чурилов Е.В. Основные подходы к изучению факторов формирования и распространия семей с одним родителем / Е.В. Чурилова // Журнал социологии и социальной антропологии. – 2014. – XVII. - № 4. – С. 150-161.
14. Шумора ва ҳайати хонаводаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Омори солона.– Душанбе, 2012. –Ҷ. V. – 400 с.


## БАРРАСИИ МАСЪАЛАИ ПАЙДОИШ ВА ПАҲНШАВИИ МОДАРИИ ДАР ОИЛАҲОИ НОПУРРАИ ТОҶИКИСТОН


Дар ин мақола мафҳум, моҳият ва равишҳои иқтисодӣ, сотиологӣ ва демографии таҳлили омилҳои пайдоиш ва паҳншавии модарии танҳо дар оилаҳои нопурра шарҳ дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки дар доираи ин равишҳо оиди омилҳои пайдоиш ва паҳншавии модарии танҳо ва оилаҳои нопурра нуқтаи

назарҳои гуногун вуҷуд доранд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо дар шарҳи зуҳуроти модарии танҳо нақши пешсафиро надорад, ҳар як равиши назариявӣ ин зуҳуротро аз нуқтаи назари муайян вобаста ба фарзияҳо ва заминаҳои дар илм қабулшуда арзёбӣ менамояд. Ҷудошавии ҳамсарон, тавлиди фарзанди берун аз никоҳ, баробарҳуқуқии зану мард, дар қонунгузорӣ мустаҳкам шудани никоҳ ва талоқ, дар занон пайдо шудани имконияти танзиму назорати тавлиди фарзанд, таҳкими ҳаракати феминистӣ ва дигар зуҳуроти ба ин монанди оилавӣ, ҳамчун сарчашмаи пайдошавии оилаҳои нопурра мавриди баррасии муаллиф қарор гирифтаанд. Дар мақола равишҳои иқтисодӣ бо номи "бозори никоҳӣ", равиши сотсиологӣ, равиши демографӣ ва номувозинатӣ дар сохтори демографии аҳолӣ, назарияи П. Сорокин дар бораи буҳрони оилаҳо ва ҷудошавии ҳамсарон, кам шудани шумораи ақди никоҳҳо ва афзудани шумораи тавлиди кӯдакони аз никоҳ берун ва дигар равишҳои илмӣ таҳқиқ гардидаанд. Дар доираи ин равишҳо сабабҳои тағйиротҳо дар муносибатҳои оилавӣ ва никоҳӣ, пайдоиши ҳамзистии шарикон бе никоҳ, ҳисоб нашудани никоҳ ҳамчун шарти асосии тавлиди фарзанд, модарии танҳо ва оқибатҳои иҷтимоии он нишон дода шудааст. Дар маҷмӯъ, мақола ба масъалаи тадқиқи алоқамандии хусусиятҳои шахсии модарон ва фарзандони онҳо дар шароитҳои оилаҳои нопурра бахшида шудаанд.

**Калидвожаҳо:** оила, оилаи нопурра, волидони танҳо, модарии танҳо, бозори никоҳ, равиши дуюми демографӣ, баробарии гендерӣ, даври ҳаётии оила, ҷудошавии ҳамсарон, сотсиализатсия.

## АНАЛИЗ ФАКТОРОВ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАСПРОСТРАНЕНИЯ МАТЕРИНСТВА В НЕПОЛНОЙ СЕМЬЕ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье был сделан обзор понятия, сущности и трех ключевых подходов (экономического, социологического и демографического) к анализу факторов формирования и распространения семей с одним родителем. В рамках представленных подходов существуют различные точки зрения на объяснение паттернов формирования неполных семей и распространения одинокого родительства. Ни один из подходов не может претендовать на роль лидирующего при объяснении феномена одинокого родительства. Каждый теоретический подход объясняет данный феномен с определенной точки зрения и исходя из гипотез и предпосылок, принятых в данной науке. В статье автор анализирует брако-разводные процессы, рождения внебрачного ребенка, равноправие женщин и мужчин, институционализация брако-разводных процессов урегулирования и контроля рождения со стороны женщин, укрепление феминистических движений и другие подобные явлениия, которые, по мнению автора, стали причиной и источником неполных семей. В статье также научно анализируются такие экономические подходы, как "брачный рынок", социологический подход, демографический и несбалансированный подходы в демографической структуре населения, теория П. Сорокина о кризисе семьи и разводов супругов и уменьшения численности зарегистрированных актов и увеличения внебрачных детей. В контексте этих подходов изучаются причины изменения в семейных и брачных отношениях, появления сожительства, невосприятие брака как принципиальной основы рождения ребенка и материнства. В целом, статья посвящена исследованию взаимосвязи личностных особенностей матерей и их детей в условиях неполной семьи.

**Ключевые слова:** семья, неполная семья, одинокое родительство, одинокое материнство, брачный рынок, второй демографический подход, гендерное равенство, жизненный цикл семьи, развод, воспитания, социализация.

## ANALYSIS OF THE PROBLEM FACTORS OF THE OCCURRENCE AND SPREAD OF MOTHERHOOD IN SINGLE-PARENT FAMILIES IN TAJIKISTAN

This article reviews the concept, essence and three key approaches (economic, sociological and demographic) to the analysis of factors of formation and distribution of single-parent families. In the framework of the presented approaches, there are different views on the explanation of patterns of formation of incomplete families and the spread of single parenthood. None of these approaches can claim to a leading role in explaining the phenomenon of lone parenthood. Each theoretical approach explains this phenomenon from a certain point of view and on the basis of hypotheses and assumptions adopted in this science. A couple of the cessation of the last discharge, receiving out-of-wedlock children, the equality of men and women, marriage and divorce in the law was strong monitoring, regulation and possibility of generation in women, children, families and strengthening of family unregulated movement, like other manifestations, such as the source of this incomplete profile feminist for consideration, the author received the decision. In this article the outer also analyze Economic approaches as a "marriage market", sociology approach, the demographical and disbalance structure of population in demography approach. In this point author also analyze the of P. Sarokin about the crisis in family and divorcing partners and increase or reduce the number of non-matrimony children. In context of different approaches learning the basic reasons for changing family and marriage attitude, the marriage changes in the approaches, the origin of the coexistence of partners without marriage, marriage is not a fundamental condition of creation a consequences.

In General, the article is devoted to the study of the relationship of personal characteristics of mothers and their children in an incomplete family.

**Key words:** family, incomplete family, single parenthood, single motherhood, marriage market, second demographic approach, gender equality, family life cycle, divorce, upbringing, socialization

**Сведения об авторе:** ***Элмуродова Давлатби Анваровна***. – Таджикский национальный университет, докторант PhD. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 988-28-79-12**.

**Information about the author:*****Elmurodova Davlatbi*** - Tajik National University, PHD of Sociology department, faculty philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone**.:(+992)988-28-79-12.**

# ПЕДАГОГИКА

УДК 373

## ФОРМИРОВАНИЕ СКОРОСТИ ПОНИМАНИЯ ТЕКСТА

***Пудовкина Н.В., Пояркина К.Н.***
**Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования «Самарский государственный социально-педагогический университет»**

Актуальность и значимость данного исследования обусловлены современными требованиями к формированию личности ребенка и его социализации. В связи с модернизацией начального общего образования проблема формирования скорости понимания текста в начальной школе становится наиболее актуальной.

Взаимосвязь и взаимообусловленность человеческого речевого общения и скорости понимания текста становятся очевидными при рассмотрении образования как социального феномена.

Человеческое речевое общение - это то, без чего немыслимо существование и развитие человеческого общества. Язык является в свою очередь важнейшим инструментом общения. С каждым годом растет значимость иностранных языков на государственном уровне. Иностранные языки становятся эффективными механизмами общекультурного, социально-экономического и научно-технического прогресса не только общества, но и государства в целом. Все большую значимость иностранные языки приобретают в области учебной сферы. Повышается статус иностранного языка, как предметной области школьного обучения.

Основной целью обучения иностранным языкам является как раз общение. То есть цель обучения коммуникативна. Для достижения этой цели одного общения недостаточно. Существует огромное количество приемов изучения иностранного языка, например, грамматика, аудирование, письмо, разговорная практика и чтение.

Чтение необходимо человеку в первую очередь для того, чтобы уметь эффективно ориентироваться в огромном потоке информации, которой с каждым годом становится все больше и больше.

В концепциях федерального государственного стандарта общего образования второго поколения одним из ключевых умений является умения работать с информацией. Сразу же встает вопрос «как же наиболее эффективно работать с текстом, правильно и быстро извлекать информацию?»

Прежде чем ответить на этот вопрос необходимо рассмотреть следующие понятия текст, скорость, скорость понимания.

Рассмотрим и сравним некоторые определения понятия текста. И.Р. Гальперина считает, что текст – это произведение речетворческого процесса, обладающее завершенностью, объектививанное в виде письменного документа, имеющее определенную целенаправленную и прагматическую установку [3, с.18].

Для М.М. Бахтина текст – это «первична данность» всех гуманитарных дисциплин и вообще всего гуманитарно-филологического мышления. По его мнению, - «текст – это та непосредственная действительность, действительность мысли и переживания, из которых и могут исходить эти дисциплины и мышление. Где нет текста, там нет и объекта для исследования» [1, с. 306].

Рассматривая текст как коммуникативный подход, его определяют как средство вербальной коммуникации – по мнению О.Л. Каменской [5, с.13].

«Текст – это единство систем, которое проявляет себя через повторяющиеся мотивы, выявляемых посредством метода свободных ассоциаций, обнаруживающих скрытые глубинные мифологические значения. Текст вступает в сложные взаимоотношения с контекстом, носящие характер межмировых отношений между языком текста и языком реальности, строящихся как диалог текста с читателем и исследователем» [8, с. 16].

Текст выступает в роли теории текста, которой строится на сопряжении принципа общенаучной системности и специально научного принципа коммуникативности, представляет собой коммуникативно направленный и прагматически значимый сложный знак лингвистической природы, которые содержит в себе признаки эвокативности и ситуативности, механизм

существования которого базируется на возможностях его коммуникативной трансформируемости [4, с.29].

Г.В. Колшанский характеризует текст как завершение минимального акта общения – «передача информации или обмен мыслями между партнерами» [6].

В.П. Белянин считает, что текст – это основная единица коммуникации, способ хранения и передачи информации, форма существования культуры, продукт определенной исторической эпохи, отражение психической жизни индивида [2, с.6].

В Википедии текст рассматривается, как зафиксированная на каком-либо материальном носителе человеческая мысль; в общем плане связанная и полная последовательность символов [10].

Таким образом, текст признается основной единицей коммуникации, является средством постижения языка. Выступает в роли непосредственного проявления мысли и средства социального взаимодействия между людьми.

В рамках данного исследования будет рассматриваться текст как человеческую мысль, зафиксированную на материальном носителе.

Перейдем к рассмотрению следующего понятия «скорость».

*Скоростью* называют степень быстроты совершения какого-либо действия, протекания процесса [9].

В физике под скоростью понимают физическую величину, равную отношению перемещения к промежутку времени, за которое это перемещение произошло.

Если рассмотреть эту величину относительно текста, то под скоростью будет подразумеваться отношение объема текста и времени, за которое этот текст был прочитан. Соответственно текст и скорость можно слить в одно понятие – техника чтения. В начальной школе очень часто проверяют эту так называемую технику чтения, без опоры на понимание текста. Учитывается количество слов прочитанных за фиксированное количество времени. Но нам нужна другая сторона этого понятия, которая включает в себя осмысленное чтение текста и его понимание.

Техника чтения это сумма приемов, обеспечивающих восприятие и переработку форм языковой информации [7, с.1 ].

Плохая техника чтения отрицательно сказывается на умении извлекать информацию из речевого сообщения и лаконично отвечать на поставленные вопросы. Для овладения техникой чтения, как на родном языке, так и на иностранном необходимо научиться смысловой стороне чтения. Поэтапный процесс обучения чтению начинается с чтения отдельных слогов, слов по слогам, далее слов целиком, словосочетаний и зачем целых предложений в итоге приводит к формированию речевого умения. Формирование речевого умения не может существовать отдельно от чтения, также как чтение не существует отдельно от формирования речевого умения. Только когда речевое умение сформировано на достаточном уровне можно говорить о смысловой стороне чтения. Это когда, прочитав текст, учащийся понимает смысл предложения и рассматривает текст как источник знаний, а не как средство развития речевого умения. Только в этом случае можно говорить о скорости понимания текста.

Таким образом, изучив отдельные составляющие данного понятия можно сделать вывод о том, что скорость понимания текста это совокупность понятий – текст, скорость, техника чтения, речевое умение. А скорость понимания текста это, в свою очередь, то с какой скоростью прочитан текст и понята, при этом, смысловая сторона речевого сообщения.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Бахтин М.М. Проблема текста//Собр.соч. в 7 т. М.: Искусство, 1997. Т.5. – 306-327 с.
2. Белянин В.П. Основы психолингвистической диагностики. (Модели мира в литературе) - М.: Тривола.— 2000. – 248 с.
3. Гальперин И.Р. Текст как объект лингвистического исследования. М.: Наука, 1981. – 140 с.
4. Земская Ю.Н. Теория текста: учеб. пособие / Ю.Н. Земская, И.Ю. Качесова, Л.М. Комиссарова, Н.В. Панченко, АА Чувакин: Флинта, Наука; Москва; 2010 – 132 с.
5. Каменская О.Л. Текст и коммуникация//Учеб. пособие для ин-тов и фак-ов иностр. Яз. – М.: Высш. Шк., 1990. – 152 с.
6. Колшанский Г.В. Лингвокоммуникативные аспекты речевого общения// Иностранный язык в школе. 2006. № 1. – 10-14 с.
7. Попова А. В. Обучение технике чтения в мультимедийной среде как проблема методики // Вестник ТГУ. 2011. №3. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/obuchenie-tehnike-chteniya-v-multimediynoy-srede-kak-problema-metodiki (дата обращения: 29.09.2017).
8. Руднев В.П. Прочь от реальности: исследования по философии текста. П.; М., 2000. – 432 с.

9. Скорость [Электронный ресурс]/ Толковый словарь Дмитриева. – Режим доступа https://dic.academic.ru/dic.nsf/dmitriev/4897/скорость, дата доступа – ноябрь 2017.
10. Текст [Электронный ресурс]/ Википедия. – Режим доступа https://ru.wikipedia.org/wiki/Текст, дата доступа – октябрь 2017.

## ТАШАККУЛИ СУРЪАТИ ДАРКИ МАТН

Дар мақолаи мазкур мушкилоти ташаккули суръати дарки матн дар мувофиқа бо консепсияҳои стандарти давлатии федералии таҳсилоти ҳамагонии насли дуюм мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ки ҳамчун асоси инвариантии раванди таълимӣ ва тарбиявӣ баромад менамоянд. Суръати дарки матн ин маҷмӯи мафҳумҳо – матн, суръат, техникаи хониш, маҳорати нутқӣ мебошад. Дар таълимоти муосир маҳорати хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар хониш танҳо аз азхудкунии техникаи хониш иборат нест. Хониш дар ҷаҳони муосир дорои характери «метапредметӣ» ва ё «надпредметӣ» мебошад ва маҳорати хониш ба амалҳои универсалии таълимӣ таалуқ дорад. Яке аз натиҷаҳои метапредметии азхудкунии барномаи асосии таълимии маълумоти ибтидоии умумӣ маҳорати ташаккули суръати дарки матн мебошад. Дар чаҳорчубаи пажӯҳиши мазкур, аз рӯи ақидаи муаллифони сершумор, матн ҳамчун воҳиди асосии иртибот эътироф карда шуда, ва воситаи азхудкунии забон мебошад; дар нақши изҳори бевоситаи фикр ва воситаи амаликунии мутақобилаи иҷтимоӣ байни одамон баромад менамояд. Инчунин матн ҳамчун фикри инсонӣ баррасӣ мегардад, ки дар барандаи моддӣ ба қайд гирифта мешавад.

**Калидвожаҳо:** матн; суръати дарк; муоширaт; иттилоот; муносибати иртиботӣ; паҳлӯи маъноӣ; техникаи хониш чтения.

## ФОРМИРОВАНИЕ СКОРОСТИ ПОНИМАНИЯ ТЕКСТА

В данной работе рассматривается проблема формирования скорости понимания текста в соответствии с концепциями федерального государственного стандарта общего образования второго поколения, которая выступает инвариантной основой образовательного и воспитательного процесса. Скорость понимания текста это совокупность понятий – текст, скорость, техника чтения, речевое умение. В современном обучении умение младших школьников читать не может сводиться лишь к овладению техникой чтения. Чтение в современном мире носит «метапредметный» или «надпредметный» характер и умения чтения относятся к универсальным учебным действиям. Одним из метапредметных результатов освоения основной образовательной программы начального общего образования становится умение формировать скорость понимания текста. В рамках данного исследования, по мнению многих авторов, текст признается основной единицей коммуникации и является средством постижения языка; выступает в роли непосредственного проявления мысли и средства социального взаимодействия между людьми. При этом текст рассматривается как человеческая мысль, зафиксированная на материальном носителе.

**Ключевые слова:** текст; скорость понимания; общение; информация; коммуникативный подход; смысловая сторона; техника чтения.

## THE FORMATION SPEED OF UNDERSTANDING THE TEXT

In this paper we consider the problem of formation of speed of understanding of the text in accordance with the concepts of the Federal state standard of General education of the second generation, which acts as an invariant basis of the educational process. The speed of understanding the text is a collection of concepts – the text, the speed, the technique of reading, verbal skill. In modern education, the ability of younger students to read cannot be reduced only to mastering the technique of reading. Reading in the modern world is "met subject" or "over-subject" character and reading skills are universal educational actions. One of the metasubject results of mastering the basic educational program of primary General education is the ability to form the speed of understanding of the text. In the framework of this study, according to many authors, the text is recognized as the main unit of communication and is a means of understanding the language; acts as a direct manifestation of thought and a means of social interaction between people. In this case, the text is considered as a human thought fixed on a material carrier.

**Key words:** text, speed of understanding, communication, information, communicative approach, semantic side, reading technique.

**Сведения об авторах:** ***Пудовкина Наталья Владимировна*** – Самарский государственный социально-педагогический университет, кандидат педагогических наук, доцент кафедры дошкольного образования, факультет начального образования. **Адрес:** 443099, Россия, г. Самара, ул. М. Горького, 65/67.Телефон: **8-927-706-31-38** E-mail: **pudovkinanv@yandex.ru**.

***Пояркина Кристина Николаевна*** – Самарский государственный социально-педагогический университет,студентка, направление подготовки 44.03.1 «Педагогическое образование», профиль «Педагогика начального образования». **Адрес:** 443099, Россия, г. Самара, ул. М. Горького, 65/67.

УДК:378(575.3)

# ПРОБЛЕМА ОБОГАЩЕНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНО-ОРИЕНТИРОВАННОЙ РЕЧИ СТУДЕНТОВ НЕЯЗЫКОВЫХ ВУЗОВ ПУТЁМ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ РУССКИХ ПОСЛОВИЦ

***Юлдошев У.Р., Косимзода И.Т., Шодиматова М.К.,*** **Абдуллаева Ф.М.**
**Таджикский государственный медицинский университет им. Абуали ибн Сино,**
**Таджикский государственный институт языков им. Сотима Улугзода**

Одним из богатейших языков современности является русский язык. Овладению студентами профессиональной речью способствует взаимосвязанное обучение русскому языку и языку специальности на основе современных инновационных технологий. Язык является важнейшим по своей социальной и познавательной роли средством общения. На сегодняшний день главной целью обучения русскому языку в неязыковом вузе наряду с развитием навыков разговорной речи является развитие умения извлекать информацию при чтении специальной и научной лексики. Поэтому актуальность в разработке методики обучения русской речи путём обогащения словарного запаса студентов лексикой по специальности очевидна. Под профессионально-ориентированной методической системой понимается обогащение словарного запаса студентов профессиональной терминологией путём интеграции традиционных и нетрадиционных методов и приёмов презентации учебного материала – терминологического и текстового.

В связи с большим вниманием к практической стороне изучения русского языка приобретает важное значение проблема обогащения словарного запаса путём изучения лексико-семантической и тематических групп слов. Чтобы обогатить словарный запас обучаемых, нужно усовершенствовать качественное и количественное расширение словаря студентов, необходимо осознание системных связей терминов-слов и создание готовности студентов к активному употреблению в речи профессиональной лексики. Как известно, содержанием лексической работы в условиях вуза должно быть объяснение непонятных студентам слов, уточнение значений уже знакомых им слов, обогащение лексики должно идти не только за счёт количественного накопления, но и за счёт расширения объема понятий, уточнения значений многих известных слов и ознакомления с новыми значениями уже знакомых слов. Следует отметить, что студенты неязыковых вузов при усвоении русской лексики встречаются со специфическими трудностями, обусловленными лексико-семантической, фонетической системой, грамматическим строем русского и родного языков, которые являются причиной типичных лексико-семантических и лексико-грамматических ошибок.

Практика показывает, что работа со специальной лексикой на практических занятиях по русскому языку предоставляет преподавателю большие возможности для развития как устной, так и письменной речи студентов. Использование лексического материала связано с возможностью конкретного функционирования в речи определенных языковых единиц, так как синтаксическое значение конструкций создаётся за счёт сложного взаимодействия грамматических и лексических факторов, поэтому лексический аспект употребляемых лексических материалов приобретает особое значение.

При решении задач обучения русскому языку студентов-медиков с учетом специальности на первом плане стоит вопрос умелой организации работы со специальной лексикой. Работу со специальной лексикой мы проводим на основе текста, как одного из компонентов обучения, или такую работу включаем в комплекс лексико-грамматических упражнений, направленных на усвоение тех или иных грамматических конструкций. Иногда мы организуем и специальную работу по обогащению словарного запаса студентов специальной лексикой. Знакомить студентов со специальной лексикой целесообразно, конечно, на базе текстов по специальности. В этом случае студенты лучше усваивают не только смысловое, но и функциональное значение слов, видят слова в естественном для них словесном окружении.

Необходимо подчеркнуть, что в словарной работе над текстовым материалом различают два этапа: 1.Сементизация слов. 2. Их закрепление и активизация. При семантизации специальной лексики мы используем следующие приемы: а) перевод слов на родной язык; б) словотолкование (на русском или на родном языке); в) подбор антонимов и синонимов. Второй этап - активизацию новой лексики - начинаем с упражнений, направленных на выработку умения употреблять эту лексику в составе словосочетаний.

На материале текста, сначала нетрудного, а затем более сложного, соответствующего подготовке студента, следует проводить обогащение словаря студентов специальной лексикой. На развитие речи студентов, на формирование навыков устной монологической речи должна быть направлена вся система упражнений. Необходимо выработать определённую систему упражнений, которая включала бы различные виды заданий, чтобы студент мог оформить содержание речи на русском языке.

Научиться практически пользоваться русским языком – это значит выработать умение сознательно читать текст и пересказывать его, правильно строить предложения, связно излагать свои мысли. Пословицы составляют самую многочисленную часть русской фразеологии и играют важную роль в развитии мышления.

Как показывает практика, пословицы играют немаловажную роль в развитии любви к языку, повышают культуру речи и способствуют продуктивному усвоению грамматического материла. Удачно сочетать лексико-грамматическую и речевую практику с воспитательной работой позволяет применение пословиц на практических занятиях по русскому языку

В «Программе практического курса русского языка для национальных групп неязыковых вузов союзных и автономных республик» отмечается, что обогащение словарного запаса студентов должно вестись на каждом занятии. В работе над словом реализуется содержание речевых тем. Основные аспекты этой работы – наблюдение над прямым и переносным значениями слова, употребление синонимов и антонимов, знакомство с общенаучной лексикой. [6.стр.4]

Пословицы являются бесценным богатством русского языка, в них заключена народная оценка жизни, наблюдения народного ума, огромные дидактические и воспитательные возможности. Формирование методики преподавания русского языка как неродного неотъемлемо связано с необходимостью использования воспитательного аспекта пословиц в обучении таджикских студентов-медиков. Изучение пословиц является важным средством овладения русской лексикой. Именно в пословицах ярко проявляется национально-культурная семантика. Поэтому изучение русских пословиц крайне необходимо студентам-таджикам.

В настоящее время существуют различные психолого-педагогические технологии, разница которых заключена в целях, функциях, структурах, методах активизации группового обучения, обучающих игр на основе компьютерной технологии.

Благодаря интенсивному развитию информационно-коммуникационных технологий развивалось и промежуточное обучение через сети Интернета, которые обеспечивали широкие

возможности для использования методов, средств и новейшей психолого-педагогической методики.

Использование компьютера в процессе обучения реализуется следующим образом:

1. В процессе управления обучением с помощью компьютера можно составить различные информационные программы (оценка, посещаемость, практика, семья и т.д.)
2. Ученики в процессе обучения с помощью компьютера приобретают новую информацию и усваивают её.
3. Для выполнения индивидуальных работ и тренировочных упражнений.
4. Для проектирования моделей, создаваемых объектов.
5. Для обслуживания и поиска новых информаций.
6. Для проверки успеваемости учеников.

В условиях экономических и энергетических трудностей необходимо отыскать оптимальные пути эффективного использования ИКТ. Рациональное и комплексное использование электронных средств обучения в целях решения важной задачи обучения означает улучшение качества подготовки высококвалифицированных специалистов.

Проблемы и основные трудности, возникающие при использовании электронных средств обучения, заключаются в неумении их грамотного использования и нахождения выхода из сложившейся ситуации в творческом подходе, в частности, её решение заключается в подготовке специалистов для создания программ с целью их эффективного использования в учебных учреждениях. Таким образом, продуктивное использование электронных средств обучения способствует совершенствованию качества знания и успешности процесса обучения.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Беспалько В.П. Слагаемые педагогические технологии. –М.: Педагогика, 1989. -192 с.
2. Хуторской А.В. Современная дидактика.: учебник для вузов. –СПб Питер, 2001.- 235 с.
3. Юсупов И. Учебное пособие об использовании технических средств обучения и информатики. Душанбе, 2006.
4. Содикова М.О. Методы использования по интернету / М.О. Содикова, И.С. Шамсов, Х.Х. Раджабов. –Душанбе, 2010.
5. Викулина М.А. Личностно-ориентированный подход в педагогике: теоретическое обоснование и пути реализации. –М., 2004. [Электронный ресурс]. www/edulb/ru
6. Пидкасистый П.И. Педагогика. –М., 1998. [Электронный ресурс]. www/edulb/ru
7. Халамайзер А.Я. Что может компьютер?/ А.Я. Халамайзер, М.А. Перегудов. - М.: Московский рабочий, 1977.
8. Введение в научное исследование по педагогике /Под ред. В.И. Журавлёва. -М.: Просвещение, 1988.


## ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНИИ МУОСИРИ ТАЪЛИМ


Дар мақолаи зерин асосҳои психологӣ – педагогии истифодабарии технологияҳои компютерӣ ва асосҳои информатика дар ҷараёни омӯзиши фанҳои самти математикӣ, чи дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ва чи дар мактабҳои олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудаанд. Ҳамчунин қайд карда шудааст, ки ҷорӣ намудани имконотҳои технологияҳои муосир дар ҷараёни таълим бисёр муҳим шуморида мешавад. Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти инсонӣ технологияҳои компютерӣ ба таври васеъ истифода бурда мешаванд. Бечуночаро, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ба таври равшну возеҳ истифодабарии васеъ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун мушоҳида карда мешаванд. Муаллифон дақиқан қайд намудаанд, ки мафҳуми «Воситаҳои таълим» яке аз компонентҳои муҳимми ҷараёни таълим ба ҳисоб мераванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки истифодабарии васеи воситаҳои техникӣ баҳри амалӣ гардонидани вазифаҳои иттилоотию идоракунӣ дар таҷриба аҳамияти муҳим дорад. Дар навбати аввал компютер дар ҷанбаи фанни таълимӣ ва ҳамчун воситаи аз худ намудани донишҳои компютерӣ заминаи устуворро барои омӯзиши забонҳои барномасозӣ ба вуҷуд меорад, маҳорати таҳиягарӣ, идоракунӣ ва малакаҳоро ташаккул медиҳад.



**Калидвожаҳо:** технологияи иттилоотӣ, компютер, идеалӣ, моддӣ, ноутбук, сканер, принтер, проектор, вебкамера, электроника, ҷорикунонӣ, имконот, технологияҳои муосир, ҷараёни таълим, соҳа, ҷанба, воситаҳои таълим, компонент, идоракунонӣ, заминаи устувор, барномасозӣ, амаликунонӣ, ташаккулёбӣ.


## СОВРЕМЕННЫЕ ЭЛЕКТРОННЫЕ СРЕДСТВА ОБУЧЕНИЯ


В данной статье рассматриваются психолого-педагогические основы использования компьютерной технологии и основ информатики в процессе изучения предметов математического направления как в средних общеобразовательных, так и в высших учебных заведениях Республики Таджикистана. Также авторы отмечают, что внедрение возможностей современных технологий в процессе обучения стало очень необходимым. Во всех сферах человеческой жизни широко используются компьютерные технологии. Безусловно, и в Таджикистане также ярко наблюдается широкое использование и введение информационных технологий в различные отрасли республики. Авторами чётко отмечено, что понятие «средств обучения» считается одним из важных компонентов учебного процесса. Важно отметить, что широкое использование технических средств играет важную роль в реализации информационно-управленческих задач на практике. В первую очередь, компьютер в аспекте предмета обучения и как

средство приобретения компьютерных знаний создаёт устойчивую базу для изучения языков программирования, формирует операторское мастерство умения.

**Ключевые слов:** информационные технологии, компьютер, идеальные, материальные, ноутбук, сканер, принтер, проектор, вебкамера, электроника, внедрение, возможность, современные технологии, процесс обучения, аспект, средство обучения, компонент, управление, устойчивая база, программирование, реализация, формирование.

**THE MODERN TEACHING TOOLS**

In this article is viewed the psychological and pedagogical bases of using of computer technology and the basics of IT in the learning process mathematical area subjects both in secondary and higher educational institutions of the Republic of Tajikistan. Also is pointed that the introduction of modern technologies' abilities in the learning process has become very necessary. Computer technologies are widely used in all spheres of human life. Certainly, in Tajikistan also are vividly observed the use and introduction of IT in various branches of the republic. The authors clearly pointed that the concept of "learning tools" is one of the important components of the learning process. It is important to note that the widespread use of IT has an important role in the implementation of information and management tasks in practice. First of all, computer in the aspect of the teaching subject and as the means of computer knowledge's acquiring creates the stable base for learning of programming languages, forms the operator's mastery and skills.

**Key words:** IT, computer, ideal, material, laptop, scanner, printer, projector, webcam, electronics, introduction, opportunity, modern technology, teaching process, aspect, teaching tools, component, management, stable base, programming, implementation, formation.

**Сведения об авторах:** ***Рафиев Сафархон Аюбович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кандидат педагогических наук, заведующий кафедры компьютерных наук. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Тел: **918-57-94-47**

***Ятимов Хомид Тохирович*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры компьютерных наук. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Тел: **918-18-63-35**

***Файзалии Мирзоали*** – Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, ассистент кафедры компьютерных наук. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16. Тел: **985-43-54-14**

**Information about the authors:** ***Rafiyev Safarhon Ayubovich*** **-** Kulyab State University named after Abuabdulloch Rudaki, candidate of pedagogical sciences, head of the department of computer science. **Address: 735360,** Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova Street 16. Tel**: 918-57-94-47**

***Yatimov Khomid Tokhirovich*** **-** Kulyab State University named after Abuabdulloch Rudaki, assistant of the Computer Science Department. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova Street 16. Tel: **918-18-63-35**

***Faizalia Mirzoali*** **-** Kulyab State University named after Abuabdulloch Rudaki, assistant of the Computer Science Department**. Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarova Street 16. Phone: **985-43-54-14**

УДК 314

# АСОСҲОИ ЛИНГВИСТӢ ВА ПСИХОЛОГИИ ТАЪЛИМИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАКТАБИ МИЁНА

***Салимова Ш.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар бисёре аз ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ омадааст, ки омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забони русӣ, англисӣ ва арабӣ дар ҳамбастагӣ бо забони модарӣ аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбад ва тамоми марҳилаи таҳсилотро фаро мегирад. Зарурати омӯзиши забони хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогрессии илмӣ-техникӣ ва воситаи муошимрати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифта шавад.

Ҷолиби қайд аст, ки дар асри XXI дар тамоми давлатҳо масъалаҳои глобалӣ чун нашъамандӣ, терроризми байналмиллалӣ ва ҳифзи табиат ҳалли худро интизоранд. Бахри ҳалли масъалаҳои зикршуда ҳамгироии ҳамаи халқҳо, муттаҳид шудани ҳамаи онҳо дар мубориза бар зидди ин иллатҳо талаб карда мешавад. Дар ин маъракаҳо забони англисӣ ҳамчун воситаи муошират хизмат мекунад. Забони англисӣ инчунин воситаи мубориза бахри ҳифзи сулҳ дар ҷаҳон махсуб меёбад.

Дар ҷараёни таълим дар мактабҳои миёна омӯзиши забони англисӣ хеле нақши муҳимро мебозад. Зеро дар замони имрӯза давлатҳои зиёди дунё забони англисиро чун забони давлатии хеш қабул кардаанд ва аҳолии ин давлатҳо ба забони англисӣ гуфтугӯ мекунанд. Аз ин ба хонандагони тоҷик низ зарурати бо забони англисӣ гап задан пайдо мешавад. Зеро технология ва илмҳои ҳозиразамонро бидуни надонистани забони англисӣ тасаввур кардан номумкин аст. Имрӯзҳо дар таълими фанни забони англисӣ дар мактабҳои миёна таваҷҷӯҳи зиёд дода мешавад ва аз омӯзгорони забони хориҷӣ талаб карда мешавад, ки барои таълим додани забони англисӣ малака ва маҳорати баланди омӯзгорӣ дошта бошанд.

Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ин масъала чунин иброз дошта буданд: "... масъулони соҳаи маориф вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати таҳия ва ба баррасии Ҳукумати кишвар пешниҳод намудани "Консепсияи таҳсилоти муттасил барои солҳои 2016 – 2022" чораҷӯӣ карда, барои роҳандозӣ намудани чунин шакли таҳсилот тадбирҳои иловагӣ андешанд. Роҳбарони вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, инчунин ректорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ супориш дода мешавад, ки дар давоми чор соли оянда масъалаи пурра бо омӯзгорони фанҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ, дар навбати аввал, русиву англисӣ таъмин кардани муассисаҳои таҳсилоти умумиро ҳал намоянд" [5]. Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин гуфтаҳо бори дигар таъкид гардиданд: "Барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия моро зарур аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот, бахусус, дар зинаи таҳсилоти касбӣ, на ба шумора, балки ба сифати он диққати ҷиддӣ дода, мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро тарбия намоем. Вобаста ба ин, аз устодону омӯзгорон ва падару модарон талаб карда мешавад, ки диққати наврасон ва хонандагону донишҷӯёнро барои аз бар намудани донишҳои муосир ҷалб намоянд, ба сатҳи азхудкунии фанҳои дақиқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кунанд, забонҳои хориҷӣ ва омӯзиши технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба роҳ монанд ва ба касбомӯзии шогирдону фарзандон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро дар рӯҳияи донишомӯзиву меҳнатдӯстӣ тарбия намоянд.... Ҷиҳати таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо муаллимони баландихтисос чораҷӯӣ карда, доир ба ҳалли масъалаи норасоии омӯзгорон, махсусан, аз фанҳои дақиқ ва забонҳои хориҷӣ, инчунин, бо кадрҳои дорои таҳсилоти олии касбӣ таъмин намудани мактабҳои деҳот, ки ин нишондиҳанда то имрӯз 70 фоизро ташкил медиҳад, тадбирҳои зарурӣ андешида, то соли 2019 масъалаи норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар мамлакат пурра бартараф карда шавад" [6].

Мақсади асосии таълими грамматикаи забони англисӣ дар мактаби миёна, ин ташаккул ва инкишоф додани малакаи грамматикии хонандагон чун як ҷузви малака ва маҳорати ҳарфзанӣ, шунида фаҳмидан, хониш ва навишт мебошад. Мавқеи грамматика дар нутқ бузург аст, танҳо туфайли риояи қонун ва қоидаҳои грамматики ҳар як забон ифодаи дурусти фикр имконпазир мегардад. Пайдост, ки ҳар як забон виҷагиҳои хоси фонетикӣ, лексикӣ, инчунин грамматикии худро дорост.

Омӯзиши забони англисиро бидуни таълими грамматикаи он тасаввур кардан имконнопазир аст, зеро грамматика яке аз унсурҳои асосии забон ба ҳисоб рафта, бидуни он омӯхтан ва ҳарф задан бо забони зарурӣ амри маҳол аст. Ҳар як забони дунё виҷагиҳои грамматики худро дорад. Аз ҷумла забони англисӣ низ қоидаҳои грамматики худро дошта, донистани он ва амал кардани қоидаҳои грамматикӣ аз хонандагон қатъиян талаб карда мешавад.

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки грамматика яке аз шохаҳои асосии илми забоншиносӣ ба ҳисоб рафта таълими он дар мактабҳои миёна нақши муҳимро ишғол мекунад. Худи истилоҳи грамматика аз калимаи юнонӣ гирифта шуда маънои аслии он илм дар бораи савод аст, вале он ҳоло маъноҳои гуногунро ба худ гирифтааст. Инчунин он ҳам қисми забоншиносӣ ва ҳам сохти грамматикии ҳар як забонро мефаҳмонад. Сохти грамматики забон фарогири ду мафҳум аст. Яке мафҳуми васеъ-маҷмӯи қоидаҳои истифодаи забон ва дигаре фаҳмиши маҳдуди он буда, ба қонуниятҳои тағйирёбию ҳамгироии калимаҳо дар гуфтор ва пайвастшавии ҷумлаҳо дар ҷараёни нутқ сарукор дорад.

Ҳамин аст, ки дар мактаби миёна аз худ намудани баъзе ҳодисаҳои грамматикӣ, барои хонандагон мушкилоти гуногунро пеш меоварад. Барои бартараф намудани ин мушкилот омӯзгор бояд сабаб ва манбаи ба миён омадани он мушкилотро донад. Ин, пеш аз ҳама, ба виҷагиҳои сохти грамматикии забони омӯхташаванда алоқаманд аст. Бинобар ин омӯзгор на танҳо хусусиятҳои хоси он забонро донад, балки ҷиҳатҳои монанду тафовутноки забони хориҷӣ ва модарии хонандагонро пайдо карда тавонад. Ва ин қудрати худро ба манфиати ҷараёни таълим тадбиқ намояд. Яъне мудохилаи малакаҳои грамматикии забони модариро ба забони хориҷӣ пешбинӣ кунад ва чораҳои зарурии аз байн рабудани мушкилотро дарёбад. Аз ин рӯ, муфид мешуморем, ки таҳлили муқоисавии забони англисиро бо забони тоҷикӣ мухтасаран баррасӣ кунем [8].

**Ҷадвали 1. Феъл дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. Категорияҳои замон ва намуд дар ин ду забон**

| | Замон дар забони англисӣ | Намуд дар забони англисӣ | | Замон дар забони тоҷикӣ | Намуд дар забони тоҷикӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Умумӣ | Давомдор | | Номуайян | Мутлақ | Давомдор |
| 1 | Ҳозира | I go | I am going | Ҳозира – оянда | Ман меравам | - | Ман рафта истодаам |
| 2 | Гузашта | I went | I was going | Гузашта | Ман мерафтам | Ман рафтам | Ман рафта истодаам |
| 3 | Оянда | I' II go | I' II be going | __ | __ | Ман хоҳам рафт | __ |
| 4 | Оянда аз нуқтаи назари гузашта | I should go | I should be goind | __ | __ | __ | __ |
| 5 | Перфекти ҳозира | I have gone | I have been going | __ | __ | __ | __ |
| 6 | Перфекти гузашта | I had gone | I have been going | Гузашта и дур | __ | Ман рафта будам | Ман рафта истода будам |
| 7 | Перфекти оянда | I'II have gone | I shall have been going | __ | __ | __ | __ |
| 8 | Перфекти оянда аз нуқтаи назари гузашта | I should have gone | I shold have been going | __ | __ | __ | __ |

Чунон ки ба назар мерасад, системаи замон ва намуди феъл дар забони англисӣ куллан аз забони тоҷикӣ фарқ мекунад. Ягона мувофиқати нисбатан комил ин аст, ки дар ҳар ду забон шаклҳои давомдори феъл мавҷуд аст. I am going – ман рафта истодаам. I was going – ман рафта меистодам. Гузашта аз ин, маънои шакли ҳозираи намуди умумии забони англисӣ бо андозае ба шакли замони ҳозира –ояндаи намуди номуайяни забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад: I go – ман меравам. Шаклҳои замони гузаштаи мутлақ ва номуайяни забони тоҷикӣ фарогири маънoҳои замони гузаштаи намуди умумии забони англисӣ мебошад: I went – ман рафтам, мерафтам.

Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи моънои замони оянда шакли махсуси феъли мавҷуд нест, ҳол он ки дар забони чунин шакл мекунад. Замони гузаштаи дури забони тоҷикӣ ба андозаи бо шакли Past Perfect – и забони англисӣ монанди дорад. Дигар шаклҳои феълии забони англисӣ дар забони тоҷикӣ муродифи бевоситаи худро надоранд. Ин вазъият таълими шаклҳои замонию намудии феъли забони англисиро барои хонандагони тоҷик мушкил мегардонад. Омӯзгорро лозим аст, ки маънои каму беш монанди замону намуди ин ду забонро ба инобат гирифта, малакаи забони тоҷикии онҳоро дар ин ҷабҳа дар таълими шаклҳои замону намудии феъли забони англисӣ тибқи қоида – нишондод ё қолибҳои махсуси гуфтор диҳад.

Бо вуҷуди он ки ҳар дуи забонҳо ба қатори шохаи аналитикии забонҳои типи флективӣ дохил мешаванд, дар сохти синтаксии онҳо тафовутҳои зиёде ба назар мерасанд, ки боиси мушкилоти таълим мегарданд ва онҳоро чунин тавсиф намудан мумкин аст:

1. Дар ибораҳои исмии забони англисӣ бар хилофи забони тоҷикӣ муайянкунанда пеш аз муайяншаванда меистад. Масалан: a Long pencil – қалами дароз, a lot of difficulties – мушкилоти зиёд, father is task – вазифаи падар, city library – китобхонаи шаҳрӣ. Вақти таълими ин ҳодисаҳо хонандагонро аз чунин тафовут бояд огаҳ сохт ва тавассути машқҳои мухталиф, аз он ҷумла қолибҳои синтаксисии навъи Adj + N малакаҳои заруриро ҳосил намуд.

2. Ҷои саръазоҳои ҷумла низ қисман фарқ мекунад. Бо вуҷуди дар ҳар ду забон ҷои аввалро ишғол кардани мубтадо хабари забони англисӣ пас аз мубтадо меояд, ҳол он ки аъзои ҷумлаи тоҷикӣ мавқеи ниҳоӣ дорад. Масалан: The girl opened the door slowly – Духтар оҳиста дарро кушод. Хонанда метавонад ин малакаи забони модариро бо забони англисӣ кӯчонад, ки ин сабаби ғалати дағал мегардад. Барои рух надодани чунин хатогӣ омӯзгорро зарур аст, ки пеши роҳи онро гирад, ки ин тавассути машқ – дастур ва машқҳои гуногуни сохторӣ бояд амали гардад.

3. Ҷои аъзоҳои пайрави ҷумла низ дар ин ду забон ба ҳаде фарқ мекунад. Ҳол дар забони англисӣ бештар дар охири ҷумла меояд, вале дар забони тоҷикӣ он ҷои дуюмро ишғол менамояд. Мисол: Зимистон имсол хеле хунук буд. The winter has been very cold this year. Such trees grown in South America. Чунин дарахтон дар Амрикои Ҷанубӣ месабзанд. Ин тафовут низ боиси сар задании хатоҳо дар нутқи англисии хонандагон мегардад. Барои рух

надодани онҳо омӯзгор бояд ба ин номувофиқӣ таваҷҷуҳи шогирдонро ҷалб намуда, машқҳои муносибро созад ва истифода барад.

4. Ҷои пуркунанда низ андаке фарқ мекунад, ки ин ба муайян ва номуайян будани предмете, ки пуркунанда онро номбар мекунад, алоқаманд аст. Дар забони тоҷикӣ пуркунанда ҳангоми предмети шиносро номбар карданаш дар ҷойи дуюм меистад, вале чунин предмет номуайян бошад, пуркунанда пеш аз хабар меояд. Дар забони англисӣ чунин ҷойивазкунӣ ба назар намерасад, балки ин ду навъ пуркунанда баъди хабар истода фақат тавассути ду артикли гуногун сурат мегиранд. Масалан: Ҷалил палторо дина харид – Jalil bought the coatye sterday. Ҷалил дина палто харид – Jalil boughta coatye sterday. Ин тафовут метавонад гоҳо сабаби сар задании мушкилоти азхудкуни гардад. Барои рафъи чунин душворӣ бояд омӯзгор қоидаи зикршударо ба шогирдон хотирнишон созад ва машқҳои муносиб гузаронад.

5. Таълими ҷумлаҳои саволии забони англисӣ низ барои хонандагони тоҷик як зумра мушкилоти азбаркуниро пеш меоварад. Пеш аз ҳама сохти махсус доштани ин навъ ҷумлаҳо сади роҳи азбаркунӣ мешавад. Ҳангоми сохтани саволи умумӣ ҳатман ҷумла бояд бо феъл-хабар оғоз ёбад. Чунин феъл дар як маврид аз ҷои муқарарияш (дар ҷумлаи ҳикоягӣ) ба ҷои аввал мекӯчад, ки ин барои азхудкунӣ андаке осонтар аст. Дар мавриди дигар ин хелро феълро бояд худи гуянда вобаста ба маънои лексикию семантики феъл-хабари ҷумлаи ҳикоягӣ ва шакли замонию намудани он интихоб намуда, ба ҷои аввал гузорад, ки ин хело мушки аст. Ҳамин ду тартиб дар саволи хусусӣ ва қисми авали саволи интихобӣ, инчунин қисми дуюми саволи ҳамрайи ҳукумфармост. Дар забони тоҷикӣ чунин тартиби саволсозӣ мавҷуд нест, зеро тағйиротҳои зикршудаи морфосинтаксисӣ хоси ин забон намебошад.

Барои таълими ҷумлаҳои саволии забони англисӣ, пеш аз ҳама, қоида дастурҳои мушахасро сохта талаб карда мешавад, то хонандагон интихоби феъли зарурӣ ва шаклу ҷои онро нағз сарфаҳм раванд. Пас тавассути машқҳои сохторӣ ва табодули малакаи зарурии саволсозиро соҳиб шудани хонандагон зарур аст, ки ин басо мушкилу сердомана аст, зеро он вақти дуру дароз ва иҷрои машқҳои мунтазамро талаб мекунад.

Дар синтаксиси забони англисӣ ба нутқи мазмунаннақл шуда баргардонидани нутқи айнаннақлшуда нозукиҳои мухталифи лексикӣ ва граматикии зиёде дорад, ки азбар кардани он басо мушки ласт, зеро аксарияти чунин нозукиҳо барои забони тоҷикӣ хос нест. Сарфаҳм нарафтан ба моҳият, виҷагиҳои хосаи забони англисӣ дар ин ҷабҳа ва барои забони тоҷикӣ бегона шудани табодулҳои лексикӣ ва грамматикӣ дар нутқи мазмунаннақлшуда боиси хатогиҳои зиёде мегардад. Бахри аз байн рабудани чунин ғалатҳо омӯзгорро лозим аст ки:

1) Ба хонандагон рӯйхати воҳидҳои лексики ивазшаванда ва ивазкунандаро диҳад: this – that, these – those, here – there, to day-that day, tomorrow – the next day, eyesterday-a day before вағайра,

2) Дарҳолати дар шакли замони гузашта ифода шудани феъл-хабари сарҷумла, феъл-хабари ҷумлаи пайрав як зина поён мефароояд, ки инро ба шогирдон фаҳмонидан хеле зарур аст: He goes – He went – He had gone-He would go.

3) Бо ҷонишини шахсии мутаносиб иваз кардани ҷонишин-мубтадои ҷумлаи пайравро ба хонандагон шарҳ бояд дод. Барои тақвият додани ин се ҳолат мисол меорем: John said: «I am busy to day». – John said that **he was** busy **that day.**

Чунон ки дида мешавад: а) ҷонишини “I”, ки ба вазифаи синтаксии мубтадо омадааст, бо ҷонишини шахси сеюм - “he” иваз кардашуд, зеро мубтадои сарҷумла “John” бошахси III далолат мекунад; б) зарф и замони “to day” ба “that day” табдил додашуд; в) феълбандаки «am» аз лиҳози замон як зина поён фароварда шуд, яъне он бо «was» иваз гардид, яъне аз шакли замони ҳозира ба шакли замони гузашта фароварда шуд. Як зина поён фаромадани шакли замонии феъли англисӣ асоси мантиқӣ дорад, яъне дар гуфтори болоӣ Ҷон ин суханро ба ман дар замони гузашта изҳор кард, яъне он замон Ҷон банд буд, на ҳоло. Нутқи ӯро ман ба шунаванда расонида истодам. Бинобар он табиист, ки «to be busy» бояд дар шакли замони гузашта оварда шавад.

Агар дар нутқи айнан нақлшуда ин феъл (to be) шакли “was” медошт, он як зина поёнтар фароварда мешуд ва шакли “had been” – ро соҳиб мегардид. Мисол John said: “I was busy yesterday” – John said he had been a day before.

Баъди он ки хонандагон ба моҳияти ин навъ кӯчишу табодулҳо сарфаҳм мераванд, бояд силсилаи машқҳои созмонӣ ва маъновиро гузаронид, ки онҳо оҳиста-оҳиста ба ҳосил шудани малакаҳои зарурӣ замина мегузорад. Чун қоида дигар ҳодисаҳои грамматики забони англисиро, ки дар забони тоҷикӣ муродифе надоранд ё доранду баҳадде тафовутҳои шаклӣ ё

маънавӣ хосашон аст, тавассути машқҳои созмонӣ, маънавӣ ва билохир муоширатӣ омӯзонидан мумкин аст.

Барои ба коре, фаъолияте машғул шудан аввал малака ҳосил кардан зарур аст. Муошират низ чи бо забони модарӣ ва чи бо забони хориҷӣ доштани малакаҳои муайянро тақазо мекунад. Малака мафҳуми илми психология мебошад, ки он қудрати кардани корест, ки он ба воситаи машқ ва такрор ба табиати шахс ҷойгир мешавад. Ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ ва ҳосил кардани малакаи муошират бо ин забон кас бояд равандҳои муайяни психологияро аз сар гузаронад. Билхоса ноил шудан ба чор навъи малака талаб карда мешавад:

- Малакаи дарк карда тавонистани нутқи хориҷӣ;
- Малакаи гап зада тавонистан бо ин забон;
- Малакаи хонда фахмидани матни хориҷӣ;
- Малакаи навишта тавонистан бо забони омӯхташаванда.

Бо вуҷуди он ки ҳар яке аз ин малакахо механизми тавлиду такомули худро дорад, ҳамаи онҳо бо ҳам зич алокаманд мебошанд, зеро онҳо ба як мақсад- муошират нигаронида шудаанд. Муошират хонанда пеш аз оғоз омӯзиши забони хориҷӣ бо забони модарӣ ҷараён мегирад. Бинобар он омӯзиши забони англисӣ дар асоси малакахои алакай ҳосилшуда амалӣ мегардад.Механизми ҳосилшавии малакаи муошират бо забони модарӣ бештар ба тақлид асос меёбад, яъне кӯдак аз овони хурдӣ ба модар ва муҳити ҷамъиятии худ тақлид карда қобилияти муоширати ба даст кунии забони англисӣ таъсири манфӣ намерасонад. Як қисми воҳидҳои мазкури забони англисиро (мисли мубтадои мураккаб-complex subject, пуркунандаи мураккаб-complex object, хабари дугона- doublepredicate ва ғ.) метавон тавассути қолабҳо таълим дод.

Қисми дигари ҳодисаҳои муродифнадоштаро хонандагон бояд моҳиятан сарфаҳм раванд ва тавассути машқҳои маъновию муоширатӣ аз худ кунанд. Чунин азхудкунӣ бе дахолати забони модарӣ ба вуқӯъ меояд. Аз ин рӯ, ин хел мавзӯъҳо нисбат ба мавзӯъҳои навъи якум андаке тезтар азхуд карда мешаванд, ба шарте ки моҳияту маънои онҳоро хонандагон дуруст фаҳманд. Барои мисол метавон шаклҳои перфекти феъли забони англисиро овард. Моҳияти ин воҳиди граматикӣ дар он аст, ки вай амали қаблиеро ифода мекунад, ки характери нисбӣ дорад, яъне амал пеш аз ягон нуқтаи вақт дар гузашта, оянда ва пеш аз лаҳзаи нутқ ба вуқуъ омадааст ё меояд.

Маҳз аз худ кардани моҳияти маънои шакли перфект ба хонандагон имкон медиҳад, ки онро дар нутқи худ истифода баранд. Барои ин онҳо бояд тарзи созмонёбии перфектро низ донанд, ки ин тавассути машқҳои сохторӣ ба даст меояд. Инчунин гузаронидани машқҳои маънавӣ, ки барои дуруст сарфаҳм рафтани маънои ин шакли феълӣ мусоидат менамоянд, талаб карда мешавад. Баъдан гузариш ба машқҳои муоширатӣ қобили қабул аст.

Бар хилофи хонандагони рус, ки дар забонашон чунин амал ба шакли махсуси феъл ифода карда намешавад, хонандагони тоҷик моҳияти ин замони феълии забони англисиро бо хубӣ ва осонӣ дарк мекунанд, зеро чунин маънои намудию замонӣ дар забони тоҷикӣ ҷудо карда мешавад. Аз ин рӯ тадбиқи малакаи забони модариашон ҳангоми азхудкунии чунин маънои грамматикии забони англисӣ имконпазир аст. Бо вуҷуди монандии маънои тарзи суратёбии чунин замони феъли ёвар <<tobe>>-(будан) аст, ки ҳол он ки дар забони тоҷикӣ ба сифати чунин феъл <<истодан>> (stand) истифода мегардад. Дар забони англисӣ аввал феъли ёвар меояд, пас феъли асосӣ вале дар забони тоҷик ҳолати баръакс мушоҳида мегардад. Масалан: iswarming- гарм карда истодааст, is falling- борида истодааст. Гузашта аз ин, дар забони англисӣ феъли асосӣ дар шакли сифати феълии замони ҳозира истода мегардад, вале дар забони тоҷикӣ он сифати феълии замони гузашта аст. Масалан: falling- борида, Warming- гарм карда.

Ҳамин тарафи созмонии Present Continuous-и забони англисӣ азхуд кардани онро андаке мушкил менамояд.Дар ин маврид лозим аст, ки тадбиқи малакаи забони модари рух надиҳад. Мушкилоти азхуд кардани Present Continuos бояд тавассути машқҳои созмонӣ аз байн бардошта шавад, яъне вақтро бештар барои омӯзиши ҷанбаи созмони он замони феъли ҷудо кардан мувофиқи матлаб аст [8].

Мақсади асосии таълими грамматикаи фаъол – ин ташаккули малакаи грамматикӣӣ дар нутқи шифоҳии хонандагон аст. Маълум аст, ки нутқи якҷониба (нақл) ва дуҷониба (муколама)-и хонандагон ҳодисаҳои сатҳи морфологӣ ва синтаксисӣ бояд истифода гарданд. Барои корбурди дуруст ва бехатои онҳо зарур аст, ки хонандагон млакаҳои истифодабарии чунин маводро ҳосил намоянд. Илми психолингвистика собир кардааст, ки ташаккули малака аз се зина иборат аст:

- зинаи мақсадгузорӣ (асосноккунӣ) ва ташвиқкунӣ (барангезиш);
- зинаи аналитикӣ ва синтетикӣ;
- зинаи корбурд (иҷро).

Амалӣ гардонидани ин зинаҳо дар ҷараёни таълими забони хориҷӣ ҳалли бонизоми вазифаҳои зеринро талаб мекунад:

- шинос кардани хонандагон бо маводи грамматикӣ;
- тавассути машқҳои созмонӣ ва маъновӣ азбаркунии ҳодисаи грамматикӣ;
- истифодаи дурусти ҳодисаҳои грамматикӣ дар нутқи якҷониба ва дуҷонибаи худ.

Тариқи шинос гардонидани хонандагон ба шакл ва маънои ҳодисаҳои грамматикӣ ба виҷагӣ ва навъи мушкилоти он инчунин ба хосиятҳои синнусолии хонандагон вобаста аст.

Дар методикаи таълими забони хориҷӣ ду усули ба хонандагон шинос намудани ҳодисаи грамматикӣ ва лексикӣ ба ҳукми анъана даромадааст: усули баёнкунӣ ва усули функсионалӣ. Тибқи усули якум, шакл ва маънои ҳодисаи грамматикӣ тавассути қоидаҳо шарҳу баён карда мешавад. Аз рӯи усули функсионалӣ истифодаи (функсия)-и ҳодисаи грамматики дар матн намоиш дода мешавад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки тавассути усули дуюм (функсионалӣ) таълим додани ҳодисаи грамматикӣ афзалият дорад. Аз ин рӯ истифодаи ин усул ба мақсад мувофиқ аст. Масалан, барои таълими феъли “tohave” метавон чунин паёпаии азхудкунии мавзӯъро пешниҳод кард. Пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки феъли “tohave” аз лиҳози дараҷаи мушкилоти азхудкунӣ ба зумраи мавзӯъҳое дохил мешавад, ки дар забони тоҷикӣ мавҷуд буда, бо баъзе хусусиятҳояш фарқ мекунад, ки онҳо боиси мушкилоти зиёд мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Бим, И.Л. Методика обучения иностранным языкам как наука и проблемы школьного учебника. Учеб. пособие для студ. ВУЗ [Текст] / И.Л. Бим. – М., 1977. – 234 с.
2. Гальскова, Н.Д. Современная методика обучения иностранным языкам. Пособие для учителя / Н.Д. Гальскова. – М.: АРКТИ, 2004. – 342 с.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии такмил ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2014». Асноди меъёрӣ ва ҳуқуқии соҳаи маориф. – Душанбе, 2003, №3.
4. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ахбори Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод. 2003. – 95 с.
5. Коряковцева, Н.Ф. Теория обучения иностранным языкам: продуктивные образовательные технологии. Учеб. пособие / Н.Ф. Коряковцева. М., 2010. - 23-184 с.
6. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/node/10585 (дата обращения: 20.01.2016)
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Электронный ресурс]. URL: http://www.prezident.tj/node/13739 (дата обращения: 22.12.2016)
8. Раҳмон, Э. Маориф - омили муҳимтарини таълими давалат ва наҷоти миллат / Э. Раҳмон // Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо кормандони соҳаи маорифи кишвар (22 декабр). - Душанбе, 2005.
9. *Рогова, Г.В.* Методика обучения английского язқыку на начальном этапе в средней школе. Учеб. пособие для студ. ВУЗ [Текст] / *Г.В. Рогова, И.Н. Вереагина.* – М.: Просветение, 2000. – 189 с.
10. Усмонов, К. Методикаи таълими забони англисӣ. Китоби дарсӣ / К. Усмонов, А. Бойматов. – Душанбе – Хуҷанд, 2009. – 219 с.


## АСОСҲОИ ЛИНГВИСТӢ ВА ПСИХОЛОГИИ ТАЪЛИМИ ГРАММАТИКАИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАКТАБИ МИЁНА


Дар мақолаи мазкур оид ба асосҳои лингвистӣ ва психологии таълими грамматикаи забони англисӣ дар мактаби миёна, маълумот дода шуда, зарурият ва муҳимияти сохтори грамматикӣ, инчунин омӯзиши самтҳои асосии забонро бо далелҳо асоснок намудааст. Ба ақидаи муаллиф мақсади асосии таълими грамматикаи забони англисӣ дар мактаби миёна, ин ташаккул ва инкишоф додани малакаи грамматикии хонандагон чун як ҷузви малака ва маҳорати ҳарфзанӣ, шунида фаҳмидан, хониш ва навишт мебошад. Мавқеи грамматика дар нутқ бузург аст, танҳо туфайли риояи қонун ва қоидаҳои грамматикии ҳар як забон ифодаи дурусти фикр имконпазир мегардад.Дар мақола баъзе аз мушкилиҳои омӯзиши қоидаҳои грамматикӣ дар мактабҳои миёна барои хонандагон, сабаб ва манбаи ба миён омадани он мушкилот, вижагиҳои сохти грамматикии забони омӯхташаванда қайд гардидааст. Ба ақидаи муаллиф, омӯзгори забони англисӣ на танҳо хусусиятҳои хосси он забонро донад, балки ҷиҳатҳои монанду тафовутноки забони хориҷӣ ва забони модарии хонандагонро пайдо карда тавонад. Барои ба фаъолияте машғул шудан аввал малака ҳосил кардан зарур аст. Муошират низ чи бо забони модарӣ ва чи бо забони хориҷӣ доштани малакаҳои муайянро тақозо мекунад. Малака ба воситаи машқ ва такрор дар шахс ташаккул меёбад. Ҳангоми омӯхтани забони англисӣ ҳосил кардани малакаи муошират фавқуллода муҳим аст. Умуман, муаллиф дар мақолаи худ муаммои омӯзиши грамматикаи забони англисиро дар мактаби миёна таҳлил намуда, роҳҳои истифодаи онро нишон дода тавонистааст.



**Калидвожаҳо:** забон, грамматика, интегратсия, забоншиносӣ, нутқ, овоз, феъл, вақт, синтаксис, лексикология, ҷонишин, маҳорат, малака.

**ЛИНГВИСТИЧЕСКИЕ И ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ОБУЧЕНИЯ ГРАММАТИКЕ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В СРЕДНЕЙ ШКОЛЕ**

В данной статье проанализированы лингвистические и психологические основы обучения грамматике английского языка в средних школах, а также приведены обоснованные факты о необходимости формирования и развития грамматических навыков. По мнению автора, основной целью обучения английского языка в средних школах является формирование грамматических навыков школьников как одной из части их способности и навыков, в том числе чтения, понимания и написания английских текстов. Грамматика играет значительную роль в фонетике благодаря соблюдению грамматических правил и правильного выражения языка. В статье рассмотрены некоторые проблемы изучения грамматических правил и причины возникновения их особенностей в грамматической системе обучающего языка. По мнению автора, для преподавателя английского языка важно не только достаточно знать типичные характеристики языка, но и важно донесение совместимости и разницы иностранных языков и родного языка для обучаюших. Для того, чтобы приступить к деятельности, необходимо развивать свои навыки. Также как и для общения так и для родного языка и иностранного требуются определенные навыки. При изучении английского языка важно иметь черезвычайно коммуникативные навыки. Автор в своих анализах показала проблемы обучения грамматики английского языка в средней школе и способы их устранения.

**Ключевые слова:** язык, грамматика, интеграция, лингвистика, речь, фонетика, глагол, время, синтаксис, лексиология, местоимение, навыки, умения.

**GRAMMAR IN THE ENGLISH LANGUAGE IN HIGH SCHOOL AND PSYCHOLOGICAL BASES OF TEACHING LINGUIST**

In this article, the author gives information about the basis linguistic and psychological of learning, English grammar at secondary school as well as analyzing the necessity of forming and developing the skills of students to give reasoned arguments, with a fixed grammar language as the main element of the dictionary. According to the author the main purpose of teaching English grammar in high school, to develop the formation of skills of students and the ability heard understanding, reading and writing. Great location in speech, grammatical mistakes, I think that only through the observance of the law becomes possible, a correct expression in each language and rules of grammar mistakes. In the article rules for middle school students training in Grammatik some of the problems because of the occurrence of the problem and its source, it was noted the grammar of Russian production. According to the author, to know his typical characteristics leading lecturer of the discipline of English can be not only the language, but language, as a mother tatuatori foreign students in Isai able to find. In order to become first, you must be sure that the skills activities. As well as dealing with having certain skills, then, taxa mode what makes a language foreign language. Skills and repeat the exercise through the placement of man to nature. When learning English it is important to favoured communication skills. English grammar the author of the problems of teaching in secondary schools, in their list of tests, with clearly shown examples of how to resolve them.

**Key words:** language, grammar, integration, linguistics, nut, phonetics, verb, time, syntax, lexicology, the pronoun, skills, abilities

**Сведения об авторе:** ***Салимова Шахноза*** – Таджикский национальный университет, аспирантка общеунверистетской кафедры английского языка. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734025. г.Душанбе, проспект Рудаки 17.
Телефон: **(+992) 989-13-04-40**; E-mail: yosuman@mail.ru

**Information about the author**: ***Salimova Shakhnoza*** – Tajik National University, postgraduate student of the Department of English language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel: **(+992) 989-13-04-40**.
E-mail: yosuman@mail.ru

УДК: 491. 550

# МЕТОД, ТАРЗ ВА ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ

***Камолова Г.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Метод аслан аз калимаи юнонии **methadas** буда, аз тариқи забони русӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос шудааст. «... онро дар забони тоҷикӣ бо калимаҳои «усул», «роҳ», «тарз», «равиш» ифода мекунанд [4, с. 5]. Истилоҳи метод дар забони адабии муосири тоҷик (ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ) баробари муродифҳо (-и тоҷикию араби)-яш истифода мешавад.

Олимон муайян кардаанд, ки принсипҳои дидактика ин, пеш аз ҳама, илмӣ ва дастрас будани маводи таълим, аёният, бошуурона аз худ намудани мавод, мустаҳкамии дониш, маҳорат ва малакаҳо, зарурати такрори пай дар пай, фаъолнокии амалиёти дарккунии талабагон, мустақилият, алоқаи таълим бо ҳаёт, бо муҳити перомуни бачаҳо аст ва риоя намудани онҳо ҳангоми ташкили таълим доир ба ҳар як фанни мактабӣ, аз он ҷумла забони модарӣ, шарт ва зарур аст.

Муаллим дар дарсҳои забони модарӣ қоидаҳои грамматикаю имлоро бе ягон сохтакорӣ аз ҷиҳати илмӣ дуруст баён мекунад, то ки бачаҳо доир ба ҳар як мавзӯъ тасаввуроти дуруст ҳосил кунанд. Чунончи, унсурҳои грамматика тавре баён карда мешаванд, ки онҳо бо фаҳмиш, қобилияту лаёқати бачаҳо мувофиқ бошанд.

Аёният дар таълими забони модарӣ (савод, ташкили лаҳзаҳои хониш, омӯхтани мафҳумҳои грамматикию қоидаҳои имло) басе зарур буда, зиёд ба кор бурда мешавад.

«Аз ёд кардани грамматика – таъкид карда буд К.Д. Ушинский, – ҳамчун аз ёд кардани мантиқ ё арифметика бемаънигист». Бинобар ин бошуурона аз худ намудани маводи грамматикӣ аҳамияти зиёди таълимӣ дорад: агар бача қоидаро нафаҳмида аз ёд кунад, онро дар амал татбиқ карда наметавонад [4, с.11].

Бошуурона аз худ намудани мавзӯъ мустаҳкамии онро истисно намекунад: бошуурона ва мустаҳкам будани дониш ҳамеша якдигарро пурра мекунанд, бо ҳам алоқамананданд. Мустаҳкамии дониш, маҳорат ва малакаҳо асосан бо роҳи бештар гузаронидани машқҳо ба амал баровварда мешавад.

Дониши ҳақиқӣ ва малакаи бошуурона танҳо дар раванди фаъолона аз худ намудани маводи таълим ба даст меояд. Фаъолиятнокӣ аз талабагон нисбат ба мавзӯи омӯхташаванда, нисбат ба супоришҳои муаллим ва китоб диққатнокиро талаб мекунад: дар ин маврид ақл, фикр, ирода ва маниш (характер) – ҳамааш ба кор банд мешаванд. Ба маъно ва шакли калимаҳо диққат додан, аз ёд кардани чизҳои зарурӣ, фаъолнокии амали фикр, нисбат ба кор муносибати бошуурона кардан, аз даст надодани ирода –ҳамаи ин мафҳуми «фаъолнокии бачагонро дар ҷараёни таълим» ташкил медиҳанд. Фаъолиятнокӣ дар бачагон мустақилиятро мепарварад. Мустақилию фаъолиятнокӣ дар таълим, агар гуфтан ҷоиз бошад, муродифанд. Ҷиҳати муҳимми ҳар як кори мустақилона дар он аст, ки раванди таълиму тарбия фаъол ва самаранок гардад, фикри бачаҳо инкишоф ёбад. Онҳо дар ҳар дарс нисбат ба муаллим бештар кор кунанд, фаъол бошанд. Ин ҳамон аст, ки «омӯзиши фаъол» ё интерактивӣ меноманд.

Алоқаи таълими забони тоҷикӣ бо ҳаёт бештар дар он зоҳир мегардад, ки чӣ тавр мо аз таҷрибаи ҳаётии бачаҳо, мушоҳидаҳои табиат, меҳнату воқеаҳои ҷамъиятӣ, аз фаъолияти таълимию меҳнатии талабагон моҳирона истифода мебарем. Ба ин маънӣ, агар мавзӯи суҳбати муқаддимавӣ, мисолҳо барои таҳлили грамматикӣ бештар аз ҳаёти синф, мактаб, мушоҳидаи худи бачаҳо, корҳои хаттии худи онҳо гирифта шаванд, ба мақсад мувофиқтар аст.

Дар илми дидактика доир ба методи омӯзиш ақидаҳои ҷолибе мавҷуданд. Аз ҷумла, чунин таъкид мегардад: "Амалияи муайяни фаъолияти ба ҳам алоқаманди муаллиму талаба (ба назардошти мавқеи роҳбарии омӯзгор), ки бо мақсади дастовардҳои таълимӣ чун воситаи таълиму тарбия равона карда шудааст" [3, с.243].

Олими методист, академик М.Лутфуллоев ин таърифро нисбатан равшантар баён карда, методҳои таълимро ба чароғе ташбеҳ медиҳад, ки ҳам роҳи кори муаллимро равшан месозад, ҳам роҳи фаъолият. "Методҳои таълим,– менависад ӯ,-ҳамчун чароғи фаъолияти муаллиму талабаҳо илмест дар хусуси роҳ, тарз ва воситаҳои инкишофи қобилияти фардии талабагон, доираи назар андохтани дониш ва ҳосил намудани маҳорату малакаҳо" [3, с.87].

Методҳои омӯзиш, пеш аз ҳама, ба се мақсад: дониши назариявӣ додан, инкишофи донишу малака ва тарбия равона карда мешавад. Ягонагии омӯзиши назариявӣ инкишоф додани дониш ва тарбия- ин принсипи асосӣ дар ҷараёни таълим дар мактабҳо ба шумор меравад.

Дониш ҳосил намудан, инкишофу такмил додани он ва дар баробари ин тарбия намудани хонандагон дар ҳамбастагӣ бо якдигар сурат мегирад. Мақсади методии омӯзиши дониши назариявӣ, пеш аз ҳама, ҷиддӣ омӯхтани маводи барномаи таълимӣ мебошад.

Мақсад аз ин гуфтаҳо он аст, ки бо роҳу машқу мисолҳои зиёд дониши хонандагон васеъ мегардад ва дониши назариявие, ки онҳо андӯхтаанд, амалан бо роҳу усулҳои гуногуни таълимӣ инкишоф дода мешавад.

Барои инкишофи дониши хонандагон дар фанни забони тоҷикӣ мавқеи машқ калон мебошад.

Таснифи методҳои омӯзиш то ҳол аз ҷиҳати дидактикӣ ва ҳам аз ҷиҳати адабиёти методӣ ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфтааст. Як қатор методҳои омӯзиш дар адабиёти методӣ пешниҳод шудаанд, ки барои омӯхтану вусъати дониши хонандагон кумак мерасонанд.

М.Қурбонов таълими грамматикаро ба ду метод - методи баёни мавзӯъ ва суҳбат ҷудо кардааст: "Методи баёни мавзӯъ,- гуфта шудааст дар китоби М.Қурбонов,- дар таълими мавзӯъҳое истифода мешавад, ки талабагон пеш аз ин онро наомӯхтаанд ва доир ба хусусиятҳои грамматикӣ ва лексикии онҳо тасаввурот надоранд… Методҳои суҳбат дар омӯзиши мавзӯъҳои грамматикие ба кор бурда мешавад, ки хонандагон онҳоро пеш аз ин омӯхтаанд ва доир ба онҳо каму беш тасаввурот доранд" [2, с. 44].

Ба андешаи мо, таълими дастури забонро набояд дар доираи ду метод маҳдуд кард. Дар таълими забони модарӣ методҳои гуногун истифода бурда мешаванд. Аз ҷумла, мо метавонем методҳои тавзеҳ (фаҳмондан), баёни муаллим (ахборотӣ), суҳбат, мушоҳида, муқоиса, кори мустақилона, кор бо китоб, методҳои проблемавӣ, ҷустуҷӯӣ-тадқиқотиро номбар намоем. Дар ҳар маврид фаъолияти талабаҳо бо роҳбарӣ ва назорати омӯзгор бо ду роҳ индуктивӣ (аз таҳлили факту далел ҷамъбасту хулоса баровардан ё аз ҷузъ ба кулл) ва бо роҳи дедуктивӣ (аз умумӣ ба хусусӣ ё аз кулл ба ҷузъ) ба роҳ монда мешавад.

Таҷриба ва озмоиши мо нишон дод, ки хонандагон дар як вақт аломатҳои китобатӣ ва мавқеи истифодаи онҳоро фаҳмида наметавонанд. Барои дарки пурраи ин масъала, яъне аломатҳои китобатӣ ва мавқеи истифодаи онҳо мисолҳои зиёде оварда, таҳлил намудан лозим аст ва баъдан моҳияти истифодаи онҳоро ба хонандагон фаҳмондан зарур аст. Бе таҳлилу муқоиса намудан дар ҷумла, вазифаи истифодаи аломатҳои китобатӣ ва моҳияти истифодаи онҳоро фаҳмидан душвор аст. Барои ба ин мақсад ноил шудан усулҳои таҳлил, мушоҳида, муқоиса ва ҷамъбасткуниро истифода намудан аз фоида холӣ нест. Дар натиҷаи истифодаи ин методҳо талабаҳо қобилияти фикр кардан, асоснок намудан ва ба қароре омадан пайдо мекунанд. Барои бедор намудани фикри талабаҳо машқҳои системанок гузаронидан лозим аст, ки ин дар барномаи нашри охири забони тоҷикӣ таъкид ёфтааст. Вале ин ишораи барнома дар китобҳои дарсӣ мавқеи муайян ва устувор пайдо накарда аст.

Мушоҳида яке аз методҳои босамар дар таълими фан ва мавзӯъҳои мухталиф маҳсуб мешавад. Дар таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла мавзӯи нутқи айнан нақлшуда, аломатҳои китобат ва амсоли инҳо истифодаи ин метод хеле хуб буда, натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад. Хонандагон ин ё он хусусияти воҳидҳои забонро муоина мекунанд ва нукта (чиз)-ҳои лозимаро (оид ба мавзӯи муайян) қайд карда мегиранд.

Қоида ва техникаи аз матн ва ё нутқ ҷудо карда, ба мавзӯи омӯзиш дохил намудани ягон далели (факти) забониро мушоҳидаи лингвистӣ меноманд. Қоидаи муоина тақозо менамояд, ки предмети мушоҳида аниқ карда шавад, аломатҳои он нишон дода шаванд. Натиҷаи мушоҳида бо формулаҳо, нақшаҳо, ҷадвалҳо ва хаттӣ ба қайд гирифта мешавад.

Возеҳ аст, ки нависанда (умуман соҳибзабон) забонро барои он истифода мебарад, ки ба воситаи он фикри худро баён мекунад. Омӯзгор бошад, аз матн (ё асари бадеӣ) ва ё нутқ ҳамон қисматеро интихоб менамояд, ки барои мушоҳида зарур аст.

Албатта, омӯзгор дар хусуси ҳодиса (мавзӯъ)-и мавриди назар бояд маълумоти (дониши) хуб дошта бошад. Дар акси ҳол методи мушоҳида натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

**Методи мушоҳида** дар ҳодисаҳои забонӣ барои омӯзиши масъалаҳои назариявии забон, инкишоф додан ва роҳҳои дурусти омӯзиш хизмат мекунад. Ин метод чи дар синфҳои ибтидоӣ ва чи дар синфҳои болоӣ истифода бурда мешавад. Барои асоснок шудани фикр аз методи мушоҳида ба таври намуна истифода менамоем. ***Б).*** *Возеҳ аст, ки нутқи айнан нақлшуда аз ҷумлаи он воҳидҳои забонист, ки хеле серистеъмол буда, вобаста ба мавқеи истифодааш ва ҷойи сухани ровӣ дар матн имло ва пунктуатсия (китобат)-и хосе дорад. Аз ин рӯ, дар таълими мавзӯи нутқи айнан нақлшуда, ки дар синфҳои V-VIII омӯхта мешавад, истифодаи* ***методи мушоҳида*** *натиҷаи дилхоҳ хоҳад дод.* Ҳангоми таълими мавзӯи "Нутқи айнан нақлшуда" муаллим метавонад, матни ба ин монандро пешкаш намояд:

"Усто дасти надомат ба пешонӣ мезанад.

– Ҳай, афсӯс, агар ҷавон мебудам, ба ҳамин ҷавон шогирд мешудам, – мегӯяд кандакори номӣ. – Турфа ҳунарманд аст ӯ!

Зану шӯйи ҷавон дар айвончаи хонаашон баҳузур нишаста гандумшӯрак мехӯрданд.

– Чаро гурехтӣ?-бо қаҳри ниҳонӣ пурсид Восеъ.

– Хостам аз хона хабар гирам, охир, зану кӯдакам танҳо монда буданд, – ваҷҳ гуфт Қосим.

– Занону кӯдакони дигарон танҳо намонда буданд?

– Ба дигарон чӣ кор дорам, ман ғами худамро мехӯрам" [1, с.233].

1. Хонандагон аз рӯйи мушоҳидҳои худ тарзи гузоштани аломатҳои китобатро каму беш ҳис мекунанд. Ҳангоми қироат ва оҳанги шунавоӣ ба дурустӣ дарк кардани мазмуни матн кумак мерасонад.

2. Омӯзгор метавонад ба воситаи саволу ҷавоб фикри хонандагонро фаҳмад. Аз рӯйи ҷавобҳое, ки хонандагон медиҳанд, мушоҳидаи онҳоро дарк кунад ва то як андоза савияи дониши онҳо санҷида мешавад.

а) Дар матни овардашуда шумо чанд аломати нуқтаро мушоҳида намудед?

б) Аломати савол дар куҷо ва барои чӣ гузошта шудааст?

в) Аломати вергул дар ин матн чӣ вазифаҳоро анҷом медиҳад?

г)Тире ва мавқеи он .

ғ) Аломати вергул, тире дар кадом мавридҳо омадаанд? Сабаби гузоштани онҳо.

Бо ин гуна саволҳо ба хонандагон мурочиат намуда, мушоҳидаву фикри онҳоро муайян менамояд ва худ низ иловаҳо мекунад.

М. Қурбонов дар бораи методи мушоҳида ибрози ақида намуда, чунин қайд кардааст, ки "Хонандагон дар асоси мушоҳидаи матнҳо қонуну қоида ва ҳодисаҳои забонро меомӯзанд. Методи мушоҳида дар лаҳзаи мустаҳкам намудани мавзӯъ, ҳангоми иҷрои машқҳо ва таҳлили грамматикӣ истифода бурда мешавад. Аҳамияти ин метод аз он иборат аст, ки талабагонро ба кори мустақилона ва фарққунӣ водор мекунад" [2, с.61].

Методи мушоҳида, аз ҷумла дар таълими пунктуатсияи забони тоҷикӣ низ, ёрӣ расонда метавонад.

**Методи муқоиса**. Муқоиса ҳамчун фаъолияти мантиқӣ барои бошуурона омӯхтани дастури забон ва аз ҷумла, аломатҳои китобат аҳамияти зиёд дорад. Дар ин маврид муаллим машқу мисолҳоро дар ду шакл пешниҳод менамояд: асл ва бо тағйирот. Масалан, муқоиса кунед: М, О, Д, А,Р ва МОДАР ; 3, 5, 5, ва 355 . Дар мавриди якум, ки байни ҳарфҳо аломати вергул гузошта шудааст, талабаҳо овози ҳар як ҳарфро алоҳида- алоҳида мехонанд (М, О , Д, А, Р,). Дар мавриди дуюм, ки байни ҳарфҳо ҳеҷ гуна аломат нест, талабаҳо якбора калимаи "МОДАР" мехонанд. Рақамҳои арифметикӣ ҳам ҳамчунин.

Мисоли дигар чор мисраъ аз "Роҳи оҳан" ном шеъри устод М.Турсунзода бо каме тағйирот, яъне бе аломатҳои китобат дар тахтаи синф навишта мешавад:

*Рагу пайҳои кишвар роҳи оҳан*
*Ватанро зиндаю поянда медор*
*Давидан гир хун эй дил задан гир*
*Ки то нобуд гардад хасми мурдор [6,с. 71] .*

Баъди хондану таҳлил талабаҳо то ҷое метавонанд аломатҳои китобатии заруриро мегузоранд ва ҳамзамон шарҳ медиҳанд, Пас аз ин муаллим шакли дурусти шеърро пешкаш мекунад ва таъкид менамояд, ки ислоҳи кардаашонро ба асл муқоиса намоянд:

*Рагу пайҳои кишвар роҳи оҳан,*
*Ватанро зиндаю поянда медор!*
*Давидан гир, хун, эй дил, задан гир,*
*Ки то нобуд гардад хасми мурдор.*

Муқоиса на танҳо барои он аст, ки ин ё он аломат дар куҷо гузошта шудааст, балки барои он аст, бо кадом мақсад ва барои чӣ омадааст. Ин ё он калима (таркиб, ибора) ба вазифаи чӣ омадааст ва ба кадом аъзои ҷумла мансуб аст. Дар айни замон, масалан, агар мухотаби «хун» ба «давидан гир» тааллуқ дошта бошад, дил ("Эй дил") ба задан гир марбут аст.

Дар масъалаҳои назариявӣ алоқамандона бо ташаккули малакаи хонандагон таҳлили забонӣ ба даст меояд. Ин метод, яъне методи таҳлили забонӣ қариб дар ҳамаи бобҳои забони тоҷикӣ ва аз он ҷумла "Пунктуатсия" низ истифода бурда мешавад.

Таҳлили забонӣ аз усулу метод бой мебошад. Яке аз онҳо таҳлили пунктуатсионии матн (ҷумла) ба шумор меравад, ки бо ёрии он хонандагон моҳияти аломатҳои китобат (ҷудо намудани ҷумларо ба қисмҳо) ва аз истифодаи бамавқеи онҳо воқиф мешавад. Хонандагон мефаҳманд, ки аломатҳои китобатӣ на танҳо барои ҷудо кардани калимаҳо, ибораҳову ҷумлаҳо, инчунин барои ҷудо намудани маънои синтаксисии ҷумла ва матн ҳам хизмат мерасонанд. Таҳлили пунктуатсионӣ ба хонандагон барои дарк намудани маънову оҳанги матн, алоқаи байни ҷумлаҳо, қисматҳои ҷумлаҳо, ибораҳои дохили ҷумла ва услуби баёни он ёрӣ мерасонад.

**Методи тарҳсозӣ ё нақша.** Дар таълими забони тоҷикӣ ба ин метод омӯзгорон кам аҳамият медиҳанд. Методи тарҳсозӣ бо методи таҳлили забонӣ ва воситаҳои таълим алоқаи ҷудонашаванда дорад. Ин метод инчунин дорои усулҳои гуногун мебошад. Тарҳсозӣ, пеш аз ҳама, барои хонандагон ҳамчун аёният ба ҳисоб рафта, ҷиҳати фаҳмидани мавзӯъ кумак мерасонад. Истифодаи тарҳсозӣ аз ҷониби муаллим, барои омӯзонидани мавзӯъ лозим аст. Албатта, ин метод дар омӯзондани боби синтаксис бамавқеъ мебошад. Дар китоби дарсии синфи 8 ҷадвали "Ҷумлаҳои содаи яктаркиба", "Пайвандакҳо дар ҷумлаҳои чидааъзо", "Калима, ибора ва ҷумлаҳои туфайлӣ" ва дар синфи 5 намунаи таҳлили хаттии ҷумла ва тарзи нақша сохта шудааст [1, с.11].

Аммо дар бораи тарҳи истифодаи аломатҳои китобат, муносибати қоидаҳои пунктуатсионӣ ва структураи (сохти) синтаксисӣ чизе оварда нашудааст.

Пеш аз ҳама, ҳаминро бояд қайд намуд, ки мувофиқати тарҳи ягонаи синтаксисӣ ва қоидаҳои пунктуатсионӣ барои бехато навиштани корҳои хаттӣ, имконияти васеъ медиҳад, инчунин малакаи фикррониро инкишоф медиҳад. Дар синфи 5 (6) ва синфи 8 дар барномаи таълимӣ "Нутқи айнан нақлшуда " таълим дода мешавад. Муаллифони китоби дарсии синфи 5 (6) дар ин мавзӯъ машқҳои хуби гуногун овардаанд. Масалан, машқҳои 25, 26, 27, 28, [11, 13, 35]. Хонандагон аз супоришҳое, ки машқҳои номбурда талаб мекунанд, дар бораи нутқи айнан нақлшуда, дар бораи аломатҳои китобатӣ ва истифодаи онҳо дар нутқи айнан нақлшуда маълумот мегиранд. Таҷрибаҳои мактабҳои миёна нишон медиҳанд, ки бештари хатоҳое, ки хонандагон дар хат содир мекунанд, надонистани аломатҳои китобатӣ ва ҷойи истифодаи онҳо мебошад. Хуб мешуд, ки методи тарҳсозиро дар ин мавзӯъ васеъ истифода менамуданд ва онро хонандагон мушоҳида карда, оид ба мавқеияту моҳияти истифодаи аломатҳои китобатӣ маълумоти васеъ ва мустаҳкам мегирифтанд:

Ҳангоми таҷриба дар синфи 6 аз рӯйи ин метод маълум гардид, ки хонандагон аз рӯйи тарҳи мавзӯи "Нутқи айнан нақлшуда" ба хато кам роҳ додаанд. Ин таҷриба дар мактаби рақами 1 ноҳияи Ш. Шоҳин дар синфи 6 "а" гузаронида шуд.

## АДАБИЁТ


1. Забони тоҷикӣ барои синфи 5. Китоби дарсӣ /М. Қурбонов [ва диг]. – Душанбе, 1992.– 160 с.
2. Қурбонов М. Методикаи забони тоҷикӣ. (Дастури таълимӣ). /М.Қурбонов. – Душанбе: УДТ, 1986. -Қисми 1. – 87 с.
3. Лутфуллоев М. Дарс /М. Лутфуллоев. – Душанбе, 1994.– 102 с.
4. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни донишгоҳҳо, омӯзишгоҳҳо ва коллеҷҳои омӯзгорӣ /М. Лутфуллоев. – Душанбе: Собириён, 2007. - Нашри дуюм. – 463 с.
5. Ломизев А.С. Методика пунктуации в связи с изучением синтаксиса /А.С. Лозимов. – Москва, 1959. – 93 с.
6. Турсунзода М. Нафаси гарм /М.Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 1989. – 190 с.
7. Улуғзода С. Восеъ /С.Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 368 с.
8. Шапиро А.Б. Основы русской пунктуации /А.Б. Шапиро. –М., 1965. – 240 с.
9. Шокиров Т. Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ. Дастури таълимӣ. Нашри дуюм бо иловаҳо /Т. Шокиров. – Хуҷанд, 2010. – 77 с.
10. Ҳусейнов Х. Қоидаҳои асосии истеъмоли аломатҳои китобӣ дар забони тоҷикӣ / Х.Ҳусейнов. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 63 с.



## МЕТОД, ТАРЗ ВА ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМИ АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ

Дар мақола оид ба метод, тарзу воситаҳои босамари таълими аломатҳои китобат дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ маълумот дода шудааст. Таҷриба ва озмоиши чандсола нишон дод, ки хонандагон дар як вақт аломатҳои китобатӣ ва мавқеи истифодаи онҳоро фаҳмида наметавонанд. Барои дарки пурраи ин масъала, яъне аломатҳои китобатӣ ва мавқеи истифодаи онҳо мисолҳои зиёде оварда, таҳлил намудан лозим аст ва баъдан моҳияти истифодаи онҳоро ба хонандагон фаҳмондан зарур аст. Бе таҳлилу муқоиса намудан дар ҷумла, вазифаи истифодаи аломатҳои китобатӣ ва моҳияти истифодаи онҳоро фаҳмидан душвор аст. Барои ба ин мақсад ноил шудан усулҳои таҳлил, мушоҳида, муқоиса, тарҳсозӣ (нақшасозӣ) ва ҷамъбасткуниро истифода намудан аз фоида холӣ нест. Дар натиҷаи истифодаи ин методҳо мутааллимин қобилияти фикр кардан, асоснок намудан ва ба қароре омаданро пайдо мекунанд. Барои бедор намудани фикри талабаҳо машқҳои системанок гузаронидан лозим аст, ки ин нукта дар барномаи нашри охири забони тоҷикӣ таъкид ёфтааст.



**Калидвожаҳо:** аёният, аломатҳои китобатӣ, бошуурона, воситаҳои таълим, воҳидҳои туфайлӣ, муқоиса, мустаҳкамкунӣ, мухотаб, мушоҳида, нутқ, таҷриба, таълим, тарҳсозӣ



## МЕТОД, СПОСОБЫ И СРЕДСТВА ОБУЧЕНИЯ ЗНАКОВ ПРАВОПИСАНИЯ

В статье даны сведения об эффективных методах, способах и средствах обучения знаков препинания в средних общеобразовательных учебных заведениях. Многолетняя практика и проверки показали, что учащиеся одновременно не могут освоить знаки правописания и место их использования. Для полного освоения данной проблемы, то есть знаков правописания и места их употребления, нужно привести многочисленные примеры и анализировав их, нужно донести до учащихся сущность их использования. Без анализа и сравнения в предложении невозможно донести до учащихся задачи и сущность использования знаков препинания. Для достижения данной цели нужно использовать методы анализа, наблюдения, планирования и обобщения. В результате использования данных методов учащиеся приобретают навыки осмысления, обоснования и принятия решений. Для побуждения мыслительных способностей учащихся нужно провести систематические упражнения, которые указаны в последнем выпуске программы таджикского языка.



**Ключевые слова:** наглядность, наглядность, сознательно, учебные пособия, вводные единицы, сравнение, закрепление, обращение, наблюдение, речь, практика, обучение, закладка.



## METHOD, WAYS AND MEANS OF STUDYING THE MARKING SIGNS

The article gives information on effective methods, methods and means of teaching punctuation marks in secondary general educational institutions. Many years of practice and tests have shown that students can not simultaneously learn the spelling signs and the place of their use. To fully master this problem, that is, spelling signs and places of their use, it is necessary to give numerous examples and analyzing them, it is necessary to inform students about the essence of their use. Without analysis and comparison in the sentence it is impossible to convey to the students the tasks and the essence of the use of punctuation marks. To achieve this goal, we need to use methods of analysis, observation, planning and generalization. As a

result of using these methods, students acquire the skills of comprehension, justification and decision making. To stimulate the students' thinking abilities, it is necessary to conduct systematic exercises, which are indicated in the latest edition of the Tajik language program.
**Key words:** visibility, clarity, consciously, teaching aids, introductory units, comparison, fixing, handling, observation, speech, practice, training, bookmarking..

**Сведения об авторе:** ***Камолова Г.*** **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры современного таджикского языка факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **93-521-02-58**

**Information about the author:** ***Kamolova G.*** - Tajik National University, Assistant of the Chair of Modern Tajik Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **917 - 23 - 29 - 18.**

**УДК: 378(575.3)**

# СОЦИОКУЛЬТУРНАЯ МОДЕРНИЗАЦИЯ И НЕФОРМАЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ ВЗРОСЛЫХ

***Сафаров М.В.***
**Кулябский государственный университет им. А.Рудаки**

Вопросы развития образования на современном этапе изучаются как в Таджикистане, так и за рубежом. Э.В.Пискунова [5, с.134] отмечает, что при анализе международных исследований как источника развития образования можно выделить три группы. «Первая группа включает исследования, связанные с изучением общих проблем образования, например, мониторинг исследований по программе «Образование для всех», Всемирные доклады Статистического института ЮНЕСКО (СИЮ), «Взгляд на образование», ОЭСР. Проект "Международные показатели систем образования "(ИНЕС - Международные показатели систем образования, Международное исследование жизненных навыков (ILSS)). Эти исследования помогают определить национальные стратегии политики в области образования и могут рассматриваться в качестве источника принятия управленческих решений в области образования. Современная стадия развития таджикского общества характеризуется сложным социальным ландшафтом. Среди наиболее значимых экзогенных параметров социального воспроизводства можно выделить возрастающее влияние информационной эпохи с присущей ей высокой динамикой обновления знаний, мобильной социальной структурой, появлением новых технологических средств, проникающих во все сферы повседневной жизни человека. Дизайн образовательных систем, который в зарубежной традиции был назван «пожизненное обучение», предполагает формирование и дальнейшее воспроизведение профессиональных и социокультурных компетенций индивидов, целью которых является снижение негативного влияния информационной эры. Целенаправленная цель такой системы заключается в создании условий для гибкого обновления знаний и навыков взрослого населения, и принципиальное отличие от традиционной модели образования заключается в признании образования как атрибута всей жизни человека. Логика обучения на протяжении всей жизни как новой парадигмы развития образования, направленная на смягчение негативных последствий информатизации общества, отражена в работе современных исследователей и в программных документах международных организаций, таких как UNESKO, OECD, EU1.

Основное внимание в статье уделяется особой составляющей организации образования, целью которой не является получение итогового документа и не ставится задача оценки уровня развития образовательной программы. Такое образование не ориентировано на получение квалификации, но оно осуществляется в институционализированной форме. Согласно общепринятой классификации, такое образование относится к неформальному типу, затрагивая в первую очередь взрослое население. Проекты, которые будут обсуждаться, нацелены прежде всего на поддержание способности к эффективному функционированию человека в районах, подверженных наиболее значительным изменениям.

В частности, неформальное образование ориентировано на сохранение «твердых навыков» в области информационно-коммуникационных технологий, финансово-экономических отношений, в правовой сфере, а также «мягких умений» (навыки английского языка), число которые могут быть отнесены к традиционно проблематичным для населения областям языковой компетенции, охраны здоровья и окружающей среды, фильтрации и анализа общедоступной информации в СМИ и

Интернете и т. д. Следует отметить, что система непрерывного образования для взрослых в основном предназначена для компенсации пробелов в формальном образовании, но не с точки зрения профессиональной подготовки, а с точки зрения повседневного существования человека при взаимодействии с социальной средой: при совершении покупок, обращении в банк или государственные организации. В таких случаях индивидуум сталкивается с тривиальными, но жизненно важными операциями: подсчитывать общую сумму платежа в уме, изучить условия соглашения о банковском кредитовании с учетом «дополнительных условий», заказать электронный билет, распознавать значение слов собеседника и анализировать содержание текста, а также многие другие случаи, которые заполняют жизнь любого человека. Современная модель школьного и университетского формального образования часто игнорирует или недооценивает важность формирования соответствующих компетенций, что влечет за собой общую функциональную неграмотность населения, которая наиболее остро стоит в контексте решения повседневных задач.

Измерение эффективности государственных инвестиций в систему неформального образования в цифрах является довольно сложной задачей. Однако свидетельством существования проблем в области общекультурной компетенции являются результаты международных сравнительных исследований, в которых официально образованное население с высоким процентом документированного образования демонстрирует низкие значения в области общекультурных компетенций. В частности, исследование «Международная оценка компетентности взрослого населения» (PIAAC), проведенное Организацией экономического сотрудничества и развития (ОЭСР), выявило значительный разрыв в населении со средними значениями стран Развитого мира в решении чисто практических проблем.

В последние годы интерес научного и экспертного сообщества в Республике Таджикистан к проблеме организации обучения взрослых возобновился. Помимо предложений, сделанных в сборниках результатов многочисленных конференций и круглых столов, а также обилием литературы, опубликованной на основе их результатов, необходимо отметить многообещающие идеи, предложенные сообществом, направленные на понимание подходов к созданию в Республике Таджикистан системы непрерывного образования для взрослых. Среди этих работ можно выделить работу профессора Дж. Алими «Андрагогика (инновация)» [1]. Ответы на эти вопросы можно найти в ходе детального анализа международного опыта, выявления и заимствования наиболее успешной практики проектирования национальных систем образования. В ряде развитых стран за последние десятилетия были осуществлены систематические проекты в области неформального образования для взрослых, инициированные и поддерживаемые государством. В этом смысле страны с традиционно сильным воздействием государства на социальную сферу, такие как Германия, Дания, Швеция, Норвегия, Финляндия, преуспели в наибольшей степени. В этих странах существуют различные формы поддержки образовательных проектов, а государственная финансовая поддержка программ и проектов осуществляется на основе контроля и подлежит требованиям регулирующих органов. Чтобы сформировать целостную картину, обратимся к примеру разработки системы неформального образования для взрослых в Финляндии.

На основе описания подходов к обучению и оценке деятельности ключевых участников этот компонент объединяет ресурсы как образовательных, так и необразовательных учреждений, одновременно предоставляя гражданам возможности для получения самого широкого круга знаний, а также повышения квалификации и способностей. Стоит также отметить, что основная цель системы, заявленная на всех уровнях организаций, заключается в том, чтобы предоставить населению равные возможности для раскрытия потенциала каждого человека, что подтверждается возможностью бесплатного получения образования уровней - от раннего дошкольного до подготовительного. В самом общем виде финское либеральное образование можно определить как систему учреждений, реализующих проекты общекультурного образования с целью обеспечения досуга, повышения культурного уровня взрослых граждан, повышения квалификации и обеспечения социальной интеграции. Учреждения предлагают широкий спектр программ в области компьютерной и финансовой грамотности, языковых курсов, художественных программ, а также курсов, которые повышают компетентность в вопросах охраны здоровья и окружающей среды, программы адаптации мигрантов и т. д. Разнообразие учебных программ в области либерального образования обеспечивается рядом институтов.

Народные вузы-учреждения призваны содействовать реализации личных интересов граждан в связи с целями национальной политики. Такие организации в основном занимаются управлением

профсоюзных, партийных, религиозных объединений и осуществляют учебные программы, которые не требуют выдачи квалификационных документов после окончания учебного заведения (неформальный сектор). Но портфель образовательных программ государственных школ также включает курсы среднего профессионального образования для повышения (приобретения) квалификации в области культуры, социального обеспечения, услуг и досуга. Образовательные центры для взрослых - это учреждения, чья особая функциональность предназначена для обеспечения воспроизводства местных общин и решения на их уровне целого ряда социокультурных задач всего общества. Такие структуры являются полностью субъектами неформального образования, реализующими программы в области искусства и дизайна, иностранных языков и навыков в прикладных областях. Образовательные центры реализуют свои программы в рамках открытого (дистанционного) обучения в тесном сотрудничестве с финскими университетами. Летние университеты являются частными организациями, несмотря на название, такие школы функционируют круглый год. Таких организаций в региональной сети насчитывается более 120, и их деятельность поддерживается ассоциациями в составе представителей региональных властей, специалистов образовательных учреждений, студенческих и частных организаций. Основным профилем таких учреждений являются образовательные услуги в сфере дополнительного профессионального образования, языковые курсы, программы для людей третьего возраста. Обучение открыто для любого человека, студенты набираются в порядке простой регистрации. Кроме того, на базе летних университетов проводятся культурные мероприятия для населения региона. В дополнение к вышесказанному, система непрерывного образования для взрослых включает хорошо развитую сеть центров физического воспитания (как для детей, так и для взрослых), где осуществляются программы физического воспитания и обучения; Организации, которые проводят обучение искусству (в первую очередь музыкальные школы) и некоторые другие. Как уже отмечалось, лейтмотивом социальной политики органов государственной власти в области либерального образования является обеспечение равных возможностей для участия всех категорий населения. Таким образом, выявлены группы риска, в том числе пенсионеры, иммигранты, безработные, жители отдаленных сельских районов, которым правительство предоставляет специальные субсидии, предназначенные для стимулирования добровольного участия граждан в неформальном образовании. Важно также отметить, что различные формы образования, помимо самого образования, обеспечивают выполнение задач по обеспечению рационального досуга населения, особенно в периферийных регионах с присущей им низкой инфраструктурой и далеких от возможностей. Развитая сеть образовательных учреждений, в основном сконцентрированная вокруг муниципалитетов и организованная на их основе образовательная, культурная и досуговая деятельность, позволяет, если не ликвидировать, то в значительной степени компенсировать периферийный эффект путем включения населения в производственную деятельность. Имманентная специфика отдаленных поселений часто формирует социально-деструктивные явления, такие как высокий уровень потребления алкоголя, бытовая преступность, ранняя сексуальная активность молодежи, то есть те явления жизни, причины которых объясняются отсутствием возможностей для реализации свободного времени и дискретной и неконструктивной практики его расхода.

Таким образом, целевые инвестиции в развитие различных форм учебной деятельности населения являются предпосылкой для использования этого времени в организованной, упорядоченной форме. Контекст анализа можно также отнести к рациональным формам досуга и субъектам третьего возраста - пожилым, часто остающимся вне организованных форм культурной деятельности из-за отсутствия физических возможностей. Эффективность деятельности либеральных учебных заведений, а также неформального сектора в целом, несмотря на сложность его измерения, оценивается с использованием социологических методов. Исследователи из Университета Хельсинки провели онлайн-опрос граждан, прошедших подготовку в области образования для взрослых с целью изучения влияния неформального образования и определения того, какое количество знаний повлияло на их дальнейшую жизнь. Результаты показывают, что 93% респондентов выразили намерение продолжить свое образование, 84 - в дальнейшем развивать свои навыки и знания, 83 - развивать активную гражданскую позицию. Поэтому систематизированное образование взрослых, регулярно воспроизводимое и ассимилируемое населением, рассматривается как импульс к дальнейшему самообразованию. Авторы исследования делают общие выводы о том, что индивидуальная ориентация образования взрослых непосредственно влияет на благосостояние семей, местных общин и общества в целом, обеспечивает улучшение качества жизни, позволяет гибко реагировать на социальные изменения

из-за массового включения населения в образовательные процессы. Эти факты свидетельствуют о выраженной социальной ориентации либерального образования в Финляндии, а также о ее демократичности, открытости и актуальности среди населения. Важно отметить, что система включает профильные (фактически образовательные) и неосновные организации, реализующие образовательные проекты для массового потребления. Это обеспечивает самый широкий охват, включая самые широкие слои населения. Отдельно необходимо обозначить функциональность образовательных проектов в контексте рационального и продуктивного способа отдыха, проведения досуга для отдельных лиц, особенно в отдаленных от основных инфраструктурных объектов культуры и досуга.

В современном Таджикистане модель государственного регулирования неформального образования только лишь проходит стадию формирования. Как свидетельствуют программы в области образования и культуры, этот сегмент должен быть нормализован в ближайшем будущем. На этапе разработки концептуальных подходов к построению будущей системы неформального образования взрослых необходимо учитывать ее особую социальную функциональность, которая заключается в следующем. Создаваемая система должна быть ориентирована на воспроизводство социокультурных компетенций взрослого населения в условиях постоянно меняющихся стандартов информационной эры, которые характеризуются постоянным обновлением информационных и медиатехнологий, появлением новых сфер деятельности занятости и отсутствия гарантий стабильности в социальной, правовой и экономической сферах.

В контексте Республики Таджикистан неформальное образование также призвано восполнить недостатки общего и профессионального (формального) образования путем компенсации пробелов в функциональной грамотности населения. С этой целью представляется целесообразным создание специальных программ для обновления компетенций в области ИКТ, знание иностранных языков, овладение основами финансовой грамотности, правовой культуры. Отсутствие системных решений в социальной политике государства в этой области во многом сказывается на качестве жизни населения и отрицательно сказывается на решении повседневных задач, что часто порождает, провоцирует социальную напряженность. Институционализация неформального образования может осуществляться не только на базе образовательных организаций (университетов, дополнительных образовательных центров, корпоративных академий), но также с привлечением и поддержкой учреждений культуры и досуга (библиотеки, музеи, творческие места, дискуссионные клубы). Сегодня неформальные образовательные проекты, осуществляемые социально ориентированными организациями или, в некоторых случаях, группами инициативных граждан, охватывают широкий спектр образовательных программ. Этот сегмент заслуживает особого внимания, поскольку либеральный характер таких проектов может обеспечить максимально широкий охват, а также современный и неграмматический подход к массовому образованию.

Социальный эффект неформального образования может быть достигнут только при осуществлении крупномасштабной государственной программы, охватывающей, в частности, периферийные регионы страны, что возможно только в тесном взаимодействии с региональными и местными органами власти, местными общинами и инициативными гражданами. Приведенный выше пример либерального образования в Финляндии наглядно демонстрирует, что социальный и территориальный охват возможен на основе консолидации региональных и национальных ресурсов. Управление и определение стандартов качества в этой области может осуществляться негосударственным регулирующим органом в форме ассоциаций.

Оценка экономической эффективности задачи целесообразно строить на основе регулярного мониторинга, который, с одной стороны, оценивает удовлетворенность качеством реализации образовательных программ и проектов со стороны населения (на основе социологических опросов), а с другой - на основе измерения динамики изменений показателей компетентности населения, как международных организаций, так и в долгосрочной перспективе на основе аналогичных национальных исследований.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Алими Дж. Андрагогика (инновация) / Дж. Алими. -Д.: Деваштич, 2013.-350 с.
2. Ковалев И.В. Оценка уровня развития ИКТ-компетенций российского населения (по материалам PIAAC) / И.В. Ковалев // Образование и саморазвитие. 2014. № 3(41), -С. 17–23.
3. Мухлаева Т.В. Международный опыт неформального образования взрослых / Т.В. Мухлаева // Человек и образование. 2010. № 4(25).
4. Обучение на протяжении жизни в условиях новой экономики (Серия «Актуальные вопросы развития образования»). М.: «Алекс», 2006;

5. Пискунова Е. В. Результаты международных сравнительных исследований как источник развития образования / Е. В. Пискунова // Образование и современность коллект. монография СПБ. - Тюмень: ТОГИРРО, 2012. - С. 134-141.
6. Проект концепции развития непрерывного образования взрослых. Сайт Международной ассоциации непрерывного образования [Электронный ресурс]. URL: http://iace-edu.com/novosti-ministerstva/item/439-proekt-kontseptsii-razvitiya-nepreryivnogoobrazovaniya-vzroslyih-v-rossiyskoy-federatsii-naperiod-do-2025-goda.
7. Теслинов, А.Г. Обоснование российской концепции непрерывного образования взрослых / А.Г.Теслинов, В.В.Безлепкин, В.Л.Петров и др. -М.: Изд. Дом МИСиС, 2014.
8. Rogers CJR. Freedom *to* Leam.-N.Y.,1969.- P.32-33.
9. Sevicevič C. D. Obrazovanje za 2ivot u prodid. Andragosko-metodidke osnove. - Beograd, 1967.
10. Ogrizovid M. Problend andragogge.Zagreb,1963.
11. Open Learning.-Paris,Unesco,1975.-P.16-17.
12. Peterson R.E. Lifelong Learning in America.-San Francisco, 1979.

## МУОСИРГАРДОНИИ ИҶТИМОӢ - ФАРҲАНГӢ ВА ТАҲСИЛОТИ ҒАЙРИРАСМИИ КАЛОНСОЛОН

Дар мақола нақши таҳсилоти ғайрирасмӣ дар қаринаи ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангие, ки барои инсон дар ҳаёт дар давраи иттилоотӣ зарур аст, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳиту фазои муосир онро дар шароити зарурати ба тариқи муназзам азхудкунии донишҳои нав мемонад, бояд ба навгониҳои технологӣ ва шаклҳои нави муошират мутобиқ гашта, такористеҳсолкунии малакаҳои сабук ва вазнинро чи дар соҳаҳои касбӣ ва чи дар соҳаҳои маишӣ муайян намояд. Нисбати эътирофи нақши таҳсилоти идоманок ба сифати василаи муҳимгардонии малакаҳои иҷтимоии аҳолии калонсол таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардиааст. Дар замони муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фақат бархӯрдҳо нисбати ташаккули низоми самараноки таҳсилоти оммавии ғайрирасмӣ эҷод шудаанд, ки дар бораи ин мазмуну муҳтавои барномаҳои давлатӣ дар соҳаи таҳсилот ва фарҳанг шаҳодат дода метавонанд. Дар асоси арзёбии консепсияҳои аз ҷониби ҷамоаҳои касбӣ пешниҳодшуда ва таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ тавсияҳо оид ба сохтор ва бандубасти низоми таҳсилоти оммавии ғайрирасмӣ коркард мешаванд. Чуноне ки муаллиф зикр мекунад, арзёбии самаранокии иқтисодии вазифаро бояд дар асоси мониторинги муназзам ба роҳ монд, ки аз як ҷониб қаноатмандии сифати татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои таҳсилотиро аз тарафи аҳолӣ (дар асоси пурсишҳои сотсиологӣ) арзёбӣ мекунад, аз ҷониби дигар, дар асоси ченаки ҷараёни рушди тағйироти нишондиҳандаҳои салоҳиятнокии аҳолӣ ҳамчун созмонҳои байналмилалӣ, ҳамчунин дар дурнамои оянда дар асоси тадқиқотҳои ҳаммонанди миллӣ сурат мегирад.

**Калидвожаҳо:** таҳсилоти ғайрирасмӣ барои калонсолон, салоҳиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, асри иттилоотӣ, консепсияи таҳсилоти ғайрирасмӣ, муосиргардонии иҷтимоӣ, таҳсилоти либералӣ, донишҳо, малакаҳо.

## СОЦИОКУЛЬТУРНАЯ МОДЕРНИЗАЦИЯ И НЕФОРМАЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ ВЗРОСЛЫХ

В статье исследуется роль неформального образования в контексте формирования социокультурных компетенций, необходимых человеку для жизни в информационной эпохе. Современная среда ставит его в условия необходимости постоянно осваивать новые знания, приспосабливаться к технологическим новациям и новым формам коммуникации, детерминируя воспроизводство мягких и твердых навыков как в профессиональной, так и бытовой сферах. Особый акцент в статье сделан на признании роли непрерывного образования в качестве инструмента актуализации социальных навыков взрослого населения. В настоящее время в Республике Таджикистан только вырабатываются подходы к построению эффективной системы массового неформального образования, о чем свидетельствует содержание государственных программ в области образования и культуры. На основе оценки предложенных профессиональным сообществом концепций и прогрессивного международного опыта вырабатываются рекомендации по конструированию системы массового неформального образования. Как считает автор статьи, оценку экономической эффективности задачи целесообразно строить на основе регулярного мониторинга, который, с одной стороны, оценивает удовлетворенность качеством реализации образовательных программ и проектов со стороны населения (на основе социологических опросов), а с другой - на основе измерения динамики изменений показателей компетентности населения как международных организаций, так и в долгосрочной перспективе на основе аналогичных национальных исследований.

**Ключевые слова:** неформальное образование для взрослых, социокультурные Компетенции, информационный век, концепция непрерывного образования, социальная модернизация, либеральное образование, знания, навыки.

## SOCIOCULTURAL MODERNIZATION AND NON-FORMAL EDUCATION OF ADULTS

The article explores the role of non-formal education in the context of the formation of sociocultural competencies necessary for a person to live in the information age. The modern environment puts him in the condition of the need to constantly learn new knowledge, adapt to technological innovations and new forms of communication, determining the reproduction of soft and hard skills in both professional and domestic spheres. A special emphasis in the article is on recognizing the role of continuing education as a tool for updating the social skills of the adult population. At present, the Republic of Tajikistan is only developing approaches to building an effective system of mass non-formal education, as evidenced by the content of state programs in the field of education and culture. Based on the assessment of the concepts proposed by the professional community and progressive international experience, recommendations are being developed on the design of a system of mass non-formal education.According to the author of the article, it is expedient to evaluate the economic effectiveness of the task on the basis of regular monitoring, which, on the one hand, assesses the satisfaction with the quality of educational programs and projects implemented by the population (based on sociological surveys), and on the other - on the basis of measuring the dynamics of changes in indicators competence of the population as international organizations, and in the long-term perspective on the basis of similar national studies.

**Keywords:** informal education for adults, socio-cultural Competencies, information age, the concept of continuing education, social modernization, liberal education, knowledge, skills.

**Сведения об авторе:** ***Сафаров Мунир Ватанович*** – Кулябский государственный университет им. А.Рудаки кандидат педагогических наук, старший преподаватель. **Адрес**:735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С.Сафарова-16.E-mail: **munir11@list.ru**

**Information about the author***: Safarov Munir Vatanovich* - Kulob State University A. Rudaki, candidate of Pedagogical Sciences, senior lecturer of the. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, St. Safarova-16. E-mail:**munir11@list.ru**

УДК: 37(575.3)

# МОҲИЯТ ВА КОМПОНЕНТИ ҲАМКОРИИ ОИЛА ВА МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН

*Тағоева М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тавре маълум аст, оила алалхусус мақом ва мароми модар ҳамчун мактаби бузурги ахлоқи ҳамида дар рушду такомули маънавиёти кӯдак саҳми басо калонро дорост. Зеро оила институти аввалин ва муҳимтарини иҷтимоии кӯдак мебошад. Бинобар ин бештари падару модарон роҳҳои дурусти ҳамкории оила ва муассисаҳои томактабиро дар ин хусус меҷӯянд, зеро кӯдакон 9-10 соат вақти худро дар муассисаҳои томактабӣ мегузаронанд. Ба тарбияи онҳо омӯзгороне машғуланд, ки бо барномаи амалкунандаи махсус коркардашуда фаъолият мекунанд. Аммо таъсири тарбияи оилавӣ дар ташаккулёбии шахсии кӯдак басо бузург аст. Агар талабҳое, ки кӯдак аз волидайн мекунад байни боғчаи бачагона ва оила мувофиқат накунад, он гоҳ тарбияи хуб ва одатҳои манфиатнок хеле мушкил аст. Зеро ҳар як комёбӣ ва муваффақияте, ки кӯдак ба даст меорад, дар ҳолати борҳо такрор кардан, мустаҳкам карда мешавад. Барои ҳамин ҳам интихоби мавзӯи мо басо актуалӣ буда, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд» волидайнро водор месозад, ки дар рушду такомул ва комёбии кӯдак саҳм гузоранд. Дар қонун омадааст: «...шакл, намуд ва усули таълими, муассисаҳои таълимиро, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, интихоб намояд, агар ин шакл, намуд ва усул ба вазъи саломатӣ ва рушди маънавии фарзанд таъсири манфӣ нарасонад» [6, с. 70].

Бинобар ин, падару модар дар вақти интихоби муассисаҳои томактабӣ, ҳаматарафа ҷиҳатҳои мусбии таълиму тарбияи онро дарк ва эҳсос намуда, пасон кӯдакро бояд ба тарбияи он муассиса супоранд. Дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ бисёр муассисаҳои томактабӣ харобу валангор гардида, баъзе мансабдорон онҳоро барои худ ҳамчун хонаи истиқоматӣ соҳибӣ карда, чандин кӯдаконро аз гирифтани таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ маҳрум намуданд.

«Инкишофи инсоният - мегӯяд Б.Г. Ананев, шартан таъсири тарафайни бисёр омилҳо мебошад: ирсият, муҳит, тарбия, фаъолияти хусусии амалии инсон. Ин омилҳо на дар ҳолатҳои гуногун, балки дар якҷоягӣ ба сохтори мураккаби тарбия таъсир мерасонанд».

Дар Конвенсияи СММ «Дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак”, «Дар бораи таъмини зинда мондан, ҳимоя ва инкишофи кӯдак» оила ҳамчун гурӯҳи асосии ҷомеа, ки муҳимтарин вазифаи иҷтимоӣ – иқтисодиро иҷро намуда, муҳити табииро барои дастгирӣ, маводи моддӣ, молиявӣ ва муассири барои рушд ва инкишофи аъзоёни он, хусусан кӯдакон, инчунин барои кумаки пиронсолон, маъюбон таъмин намояд. Оила муҳимтарин муҳити нигаҳдорӣ ва супурдани арзишҳои фарҳангӣ мебошад.

Дар таърихи ҳамаи давраҳои инкишофи ҷомеа нақши ҳалкунандаро оила мебозид. Оила барои беҳтар ва хубтар тарбия кардани фарзанд, дар назди ҷомеаи инсонӣ масъул буд ва ҳамеша аз нахустин имконҳо истифода бурда, тарбияро пурра ва мукаммал мегардонад. Нақши тарбиявии оила бо кӯшишҳои инстинктӣ ва амалиёти инсон асос ёфтааст. Алоқаи табиии ҳаёти оилавӣ, қонеъгардонии талабот умумияти манфиатҳои аъзоёни хурд ва калони

оила буда, дар худ имкониятҳои маҳдуд ва беҳудуд тарбияи насли наврасро ифода мекунад [4].

Ҳамкории оила ва муассисаҳои томактабӣ корҳоро анҷом додаанд, аз ҷумла нақша ва мақоми омӯзгор дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар асарҳои Л.С. Выготский, А.Ф. Дементев, А.А. Дискин, Н.Н. Малафаев, О.С. Николскова, С.Л. Рубенштейн, Е.Р. Ярской–Смирнова инъикос ёфтаанд. Тадқиқоти гузаронидаи муаллифон дар асоси ғояи инкишофи шахси комил ва гармоникӣ амалӣ гардидааст ва дар ин ҷода нуқтаи назари олимони шинохта Т.Т. Кисилев, В.С. Садовская, Ю.А. Сгрлсив, Ю.Д. Красилников, Г.Я. Никитин ҷолиби диққат мебошад.

Аҳамияти махсусро дар тадқиқот масъалаҳои умумии таърих ва назарияи педагогикаи ҷаҳонӣ психологияи бачагона, ки дар асарҳои олимони русу Ғарб тадқиқ шудааст, дорост (Б.А. Ананев, Е.Н. Водовозова, А.Н. Леонтев, Е.И. Мухин, С.Л. Рубинштейн, А.П. Усов, М. Монтессори, Ф. Фребел). Дар рафти тадқиқот маводҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои барномавии дараҷаҳои гуногун, Қонун «Дар бораи маориф», Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбия ва таълими фарзанд», истифода бурда шудааст.

Дар хусуси тарбияи оилавӣ ва мақому мароми падару модар ва ҳамкории онҳо бо ҷамъият мутафаккирони бузурги Шарқ А. Рӯдакӣ, А. Фирдавсӣ, Н. Хусрав, Абӯалӣ ибни Сино, Форобӣ, У. Кайковус, С. Шерозӣ, А.Ҷомӣ, А. Дониш, С. Айнӣ, Фитрат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд. Олимони шинохтаи мо Обидов, М. Лутфуллоев, И. Холова, У. Зубайдов, Ф. Шарипов, Х. Буйдоқов низ, ба ин масъала дахл намуда, ҳамкории оила, мактаб, ҷомеаро дар рушду такомули наврасон қайд намудаанд.

Тарбияи оилавӣ, яъне тарбияи кӯдакон дар оила, номгӯйи умумӣ барои ҷараёни таъсиррасонӣ ба кӯдакон аз тарафи волидайн ва дигар аъзоёни оила ба мақсади ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ мебошад. Тарбияи иҷтимоӣ, оилавӣ ва томактабӣ дар ягонагии ҷудонашаванда амалӣ мегардад. Нақши муайянкунандаи оила дар таъсири умқи он ба ҳамаи маҷмӯи ҳаёти ҷисмонӣ ва маънавии дар он инсони ташаккулёфта ифода ёфтааст. Оила барои кӯдак муҳити ҳаматарафа таъсиррасонанда мебошад. Муҳити солими оила бузургтарин омил дар рушду такомули олами маънавӣ ва биологию психикии шахс ба шумор меравад. Кӯдак дар симои падару модар, бародару хоҳар ҳама чизҳои неку бадро аз бар менамояд, бинобар ин вазифаи падару модар аз он иборат аст, ки дар тарбияи кӯдак ба хатогӣ роҳ надиҳанд, ки боиси минбаъда ба роҳи бад даст задани ӯ гардад.

Вақте ки кӯдак аввалин бор аз биҳишти батни модар қадам ба рӯйи замин мегузорад, ӯ фарёд мезанад. Кӯдаке, ки фарёд намезанад ӯ мариз аст, зеро кӯдак аз олами фариштаҳою ҷинҳо канда гашта, дар худ бо он мероси ирсие, ки аз волидайн мегирад, ба олами заминӣ меояд. Вақто ки одаму оламиёнро мебинад, бори нахуст барои ӯ ин ҳама бегона мебошанд ва дар чунин муҳити барои кӯдак бегона ӯ рушд ва такомул меёбад.

Таъсири оила хусусан дар оғози ҳаёти кӯдак, пеш аз ҳама, аз таъсири дигар тарбияҳо боло меистад. Дар асоси тадқиқотҳои гузаронидашуда, оила зери таъсири муассисаҳои маориф, воситаҳои оммавии ахбор, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, коллективҳои меҳнатӣ, дӯстон, адабиёт ва санъат инкишоф меёбад. Ин имкон медиҳад, ки омӯзгорон вобастагии муайяни худро ба ҳамаи ин омилҳо мувофиқ намоянд. Бисёр вақт оила дар кадом поя гузоштани мақому мароми тарбияи ояндаи кӯдакро муайян мекунад. Устоди аввалини кӯдак модар ва мактаби модарӣ ба шумор меравад, зеро модар бештарин вақти худро бо кӯдак сарф намуда, беҳтарин хислатҳои инсониро дар кӯдак тарбия мекунад.

Агар модар дорои донишҳои хуб ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ бошад, ибрати ӯ ҳамчун бузургтарин омил дар ташаккулёбии кӯдак саҳм мегузорад. Дувум устоди кӯдак падар ба ҳисоб меравад. Падар бо меҳнати ҳалол, ҷасурӣ, ростқавлӣ, бовиҷдонӣ кӯдакро тарбия намуда, дар кӯдак бояд накукорӣ, инсондӯстиро тарбия кунад. Рафтору гуфтори ӯ барои фарзанд мактаби ибрат бояд бошанд ва дар ҳаёти минбаъдаи ӯ хизмат расонанд. Устоди сеюм – мураббӣ, омӯзгор мебошад. Агар касе тарбия наёфта бошад, ҳеҷ ҳуқуқи маънавӣ

надорад, ки каси дигарро тарбия кунад. Аз ин ҷиҳат мураббияи муассисаҳои томактабӣ вазифаи басо душвор ва муқаддасро ба дӯш доранд. Ӯ ҳар қадаре, ки олами ҳассос, нозук ва беолоиши кӯдакро дарк ва эҳсос кунад ва нисбат ба олами беолоиш аз ҳар гуна камбудиҳо орӣ буда, бо меҳру муҳаббат назар андозад ҳам, метавонад мақсади асосии худ- тарбияи инсони комилу асилро дар амал тадбиқ намояд. Кӯдак дар симои мураббӣ модари маънавии худро дарк ва эҳсос намуда, пайваста кӯшиш менамояд, ки ба ӯ пайравӣ намуда, ҷиҳатҳои ба худ мувофиқро аз бар намояд.

Чунки ин вобастагӣ кайҳо боз дар амалия истифода шудааст. Омӯзгори пуртаҷриба, ки дар тӯли солҳои зиёд бо кӯдакон корҳои тарбиявӣ бурдааст, ба як нигоҳи худ дарк ва эҳсос мекунад, ки кӯдак дар кадом оила тарбия гирифтааст ва то чӣ андоза ахлоқ ва маънавиёташ рушду такомул ёфтааст.

Дақиқан чунин аст, вақте ки бо волидайн суҳбат мекунанд, мураббӣ-омӯзгори таҷрибадор дақиқ дарк мекунад, ки кӯдак дар чунин оилаҳо чӣ гуна тарбия меёбад.

Муҳимтарин ҳолати шахс шудан – дарк кардани шахсияти худ ҳамчун намояндаи ҷинси муайян ва донистани рафтору кирдори ҷинсӣ мебошад. Олимон инро ташаккулёбии ҷинсӣ ва такомули равоншиносӣ номида, нақши асосии оиларо дар ҷараёни зикршуда қайд намуданд. Кӯдак ибрат, рафтору кирдори хуби падару модарро, муносибатҳои байни онҳоро, сухангӯӣ ва эҳтироми тарафайни онҳоро, ҳамкории волидайнро дида, нисбат ба падару модар монанд шуданро дар худ тарбия намуда, муносибати худро ба олами иҳотакардашуда тағйир медиҳанд.

Кӯдак дар вақти таваллуд ва ҳатто то давраи таваллуд мавҷудияти иҷтимоӣ аст. Инкишофи иҷтимоии ӯ такомули дараҷаи комилшавии иҷтимоӣ номида мешавад. Шароити зарурӣ чунин инкишофи муҳити иҷтимоӣ мебошад.

Аввалин маротиба кӯдаки хурд дар синни якмоҳагӣ нисбати одами дигар чун объекти махсус назар меандозад ва онро аз байни ашёҳои дигар ҷудо мекунад. Ва аввалин зуҳурёбии чунин ҳиссиёт – табассум ба шумор меравад. Табассум – тарзи махсуси равобит бо дигар инсон мебошад, вайро ҳамчун аломати барқароршавӣ (табассум ва ҷавоб) баҳо додан мумкин аст. Ифодаи эмотсионалии мусбат ханда ба шумор меравад ва он дар кӯдак дар оғози моҳи сеюм мушоҳида мегардад, зеро ин муносибати ӯ ба инсони дигар буда, дар асоси таъсири овози ӯ ба амал меояд. Табассуми мустақилона, на ҷавоб ба табассуми калонсолон мебошад, балки ин шакли табассум дар 4-5 моҳагӣ мушоҳида карда мешавад.

Ҳанӯз олими шинохта ва барҷаста, равоншинос И.М. Сеченёв қайд мекунад, ки дар инкишофи равобити кӯдак ба олами беруна, нақши басо ҳалкунандаро узвҳои биноӣ мебозанд. Дар 2-3, 5-моҳагии ҳаёти кӯдак ақида ташаккул меёбад, дар ин ҷо мақсад на танҳо дар қобилияти узви биноӣ нисбати ин ё он ашё мебошад, балки дар равшанӣ ва нуронии чашм аст. Дар ин муддат дар чашми кӯдак ақл ва шуур баръало инъикос меёбад.

Дар синни 2-3-моҳагӣ кӯдак нисбат ба одами дигар бо реаксияи мусбии эмотсионалӣ назар мекунад, ба ақидаи Н.Л. Фигурин ва М.П. Денисова, ин ҳолат маҷмӯи бедоршавӣ номида мешавад. Мувофиқи мушоҳидаи равоншинос М.И. Лесина маҷмӯи бедоршавӣ дар табассуми калонсолон ҳамон вақт зуҳур меёбад, ки овоз дар табассум хусусиятҳои махсуси ӯро доро мебошад.

Оҳиста-оҳиста муносибати кӯдак ба олами иҳотакардашуда нисбатан мукаммал мегардад. Ӯ дар 5-6- моҳагӣ, дар баъзе ҳолатҳо барвақт, одамони наздики худро аз бегонагон фарқ мекунад.

Дар ин синну сол вай қодир аст, ки ҷинсҳои одамони калонсолро нисбати одамони хурдсол фарқ кунад, ба ҳамаи мардҳо бо майлу хоҳиши худ муносибат кунад ва муносибати ӯ нисбати занону духтарон низ хусусияти ба худ хосро доро мегардад. Ин қобилияти кӯдаки ширмак шаҳодат аз он медиҳад, ки вай метавонад маҷмӯи мураккаби аломатҳоро таҳлил намояд, ин он маъноро дорад, ки хусусиятҳои ҷинсии одамони дигар барои ӯ бефарқ нест.

Дар бисёр кӯдакон ин қобилият дар синни 7-8-моҳагӣ ифода меёбад. Аммо дар сурати баҳодиҳии соҳибияти ҷинс муайянкунӣ аҳамияти илмиро доро мебошад: модар ба одам ишора карда мегӯяд: «ин амакат», «ин холаат» кӯдак зуд масъаларо ҳал мекунад на танҳо бо таври гуногун, балки вазифаи муоширатро: барои вай ҳамаи мардҳо «амак» ва ҳамаи занҳо «холла» мебошанд, вале на намояндагии конкретии ҷинси мард ё зан.

Калимаи «амак» ва барои кӯдак на дараҷаи хешутаборӣ, балки ҷинсиятро ифода мекунад.

Муҳимтарин тарзи муошироти одамон – нутқ мебошад, ки дар натиҷаи муошироти кӯдак бо калонсолон ба вуҷуд меояд. Барои муътадил инкишоф додани нутқи кӯдакон мо бояд чунин шароитро ба вуҷуд орем, ки кӯдак хеле хуб тарҳи рӯйи калонсолонро бинад, зеро ин ҳолат имкони ба ҳаяҷон оварданро дорост. Минбаъд кӯдак қобилияти овозро, ки калонсолон ифода мекунанд, бидуни дидани мимикаи онҳо қабул карда метавонад.

Нутқи кӯдак мутлақо ба фаъолияти ӯ равобит дорад ва дар ҳолати муошират амалӣ мегардад. Бештар кӯдак гуфтани ҳамон ашёҳоро оғоз мекунад, ки онҳоро зиёдтар бо даст ламс мекунад. Калима, номи ашё, ҳамон вақт мафҳум мешавад, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи кӯдак, бештар истифода мешаванд.

Нисбат додани бештари ашёҳои ба яке аз ду гурӯҳи асосии ба ҷинси мард ё зан тааллуқдошта далеле, мебошад, ки дар нақшаи он на танҳо нутқ, балки тафаккур низ мақоми хосро дорост. Муносибати диффиренсионалии кӯдак ба муҳити иҳотакардашуда, дар он ифода меёбад, ки вай ба он бо боварӣ ё нисбатан бо хавф ба одами дигар зоҳир менамояд, на танҳо бо принсипи худӣ ё бегона, балки ихтироъкорона: касе ба ӯ маъқул аст, вай хушона рӯйи дасти ӯ мешинад, касе маъқул нест, ӯ кушиш мекунад, ки зери ҳимояи модар қарор гирад. Ин дар 6-7-моҳагӣ мушоҳида мешавад ва на кам то 20-солагӣ идома меёбад.

Кӯдак оҳиста-оҳиста системаи аломатҳоро аз бар менамояд, ки дар муносибатҳои калонсолон нисбати ҳодисаҳои гуногуни муҳит ифода меёбад.

Ин азбаркунии системаи аломатҳо баъд аз 6-моҳагӣ оғоз меёбад, дар ин сурат кӯдак аломатҳои қабулшудаеро, ки ӯро иҳота кардаанд, аз худ менамояд, вале хусусиятҳои индувидуалии ӯ дар баёнкунии аломатҳои алоҳида, ки бештар ӯ онҳоро истифода мебарад, зуҳур меёбад. Муҳаббати аз ҳад зиёд ва ҳама хоҳишу дархости кӯдакро иҷро кардан ба ӯ таъсири манфӣ мерасонад, зеро он боиси эркатулфор шудани кӯдак гардида, сабаби обрӯи қалбакии волидайн мегардад. Зеро дар зери мафҳуми авторитет эҳтироми басо самимии кӯдакон нисбати падару модарон, бошуурона иҷро намудани маслиҳатҳои онҳо ба шумор меравад. Зеро ҳамаи қувваи педагогии волидайн бояд барои ба даст овардани обрӯи ҳақиқӣ равона карда шавад. Вале он сунъӣ ба вуҷуд намеояд, зеро он танҳо тавассути муҳаббати ҳақиқӣ ба вуҷуд меояд.

Бо ташаккул ёфтани шуурнокӣ обрӯ такмил меёбад, мустаҳкам мегардад ва ба рафтору кирдори одамон таъсир мерасонад. Ибрати падару модар хусусияти психологии бачагони синну соли томактабиро ташаккул медиҳад. Кӯдаконе, ки аз зери назорати падару модар дур меафтанд, бештар ба корҳои ношоям даст мезананд. Барои ҳамин ҳам кӯдакон бояд ҳама вақт таҳти назорати падару модар қарор дошта бошанд.

## АДАБИЁТ


1. Гафуров А. Роль семьи в подготовке школьников / А.Гафуров // Материалы научно-теоретической конференции. -Душанбе, 2010. -С.130.
2. Скаткин М.Н. Изучение и обобщение опыта школ и учителей / М.Н. Скаткин. -М.,1980. - С.107.
3. Калмыкова З.И. Психологические принципы развивающего обучения / З.И.Калмыкова. – М.:1979. – С.97.
4. Кадыров С. Профессиональная ориентация школьников / С.Кадыров, Ш.А. Шаропов. - Худжанд,1992. – С.77.
5. Кадыров С. Роль семьи в подготовке ребенка к школе / С.Кадыров, Н.Ёралиева // Материалы научно-теоретической конференции. -Душанбе, 2004 .- С.27.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд». – С.70.

## МОҲИЯТ ВА КОМПОНЕНТИ ҲАМКОРИИ ОИЛА ВА МУАССИСАҲОИ ТОМАКТАБӢ ДАР ТАРБИЯИ КӮДАКОН

Дар мақолаи мазкур усулҳои ҳамкории оила бо муассисаҳои томактабӣ, масъулияти волидайн дар ташаккули ақлонӣ ва одоби кӯдак баррасӣ мегарданд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки баъзе масъалаҳои тарбияи кӯдакро дида баромада, роҳи ҳалли онҳоро ёбад. Ӯ қайд намудааст, ки оила барои кӯдак муҳити ҳаматарафа таъсиррасонанда мебошад. Муҳити солими оила бузургтарин омил дар рушду такомули олами маънавӣ ва биологию психикии шахс ба шумор меравад. Кӯдак дар симои падару модар, бародару хоҳар ҳама чизҳои неку бадро аз бар менамояд, бинобар ин вазифаи падару модар аз он иборат аст, ки дар тарбияи кӯдак ба хатогӣ роҳ надиҳанд, ки боиси минбаъда ба корҳои бад даст задани ӯ гардад. Муаллиф нишон додааст, ки падару модар дар вақти интихоби муассисаҳои томактабӣ, ҳаматарафа ҷиҳатҳои мусбии таълиму тарбияи онро дарк ва эҳсос намуда, пасон кӯдакро бояд ба тарбияи он муассиса супоранд. Дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ бисёр муассисаҳои томактабӣ харобу валангор гардида, баъзе мансабдорон онҳоро барои худ ҳамчун хонаи истиқоматӣ соҳибӣ карда, чандин кӯдаконро аз гирифтани таълиму тарбия дар муассисаҳои томактабӣ маҳрум намуданд. Талабот ба муошират, талаботи аввалиндараҷаи кӯдак мебошад. Устоди аввалини кӯдак модар ба шумор меравад, зеро модар бештарин вақти худро бо кӯдак гузаронида, беҳтарин хислатҳои инсониро ба кӯдак меомӯзонад.

**Калидвожаҳо:** кӯдак, муассисаи томактабӣ, падару модар, оила, таълиму тарбия, муошират, педагогика, ҷамъият.

## СУЩНОСТЬ И КОМПОНЕНТЫ ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ СЕМЬИ И ДОШКОЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ВОСПИТАНИИ РЕБЁНКА

В данной статье рассматриваются сущность и компоненты взаимодействия семьи и дошкольных учреждений в воспитании ребёнка, а также чувство ответственности родителей в его умственном развитии и поведении. Автор пытается рассмотреть некоторые проблемы воспитания ребенка и искать пути их решения. Она отмечает, что семья является всесторонне влияющей средой для ребенка. Здоровая семейная среда считается важнейшим фактором в развитии нравственного, биологического и психического воспитания ребенка. Ребенок начинает изучать все хорошее и плохое в лице родителей, братьев и сестер. Психологи отммечают, что роль семьи в воспитании ребенка велика. Его внутренний мир строится на основе внешних факторов. Возникновение проблем будет зависеть от того, все ли хорошо в семье, в которой он вырос. Ребенка нужно постоянно подпитывать родительской любовью, чтобы он смог справиться со всеми трудностями. Заменить семью не сможет никто другой. Именно в семье закладывается система ценностей. Семья становится базой для формирования отношения к себе и окружающим и в ней происходит становление личности. На ребенка оказывает влияние атмосфера в семье, эмоциональное взаимодействие ее членов. Эти стереотипы ребенок усваивает с самого раннего детства. В трудный для него период он хочет получить любовь и заботу родителей, привлечь к своей персоне их внимание. Роль семьи в воспитании детей заключается также в формировании ощущения безопасности со стороны окружающего мира. В семье ребенок познает различные эмоции, начинает понимать их уместность в той или иной ситуации и умение выражать свои эмоции ребенок заимствует из собственной семьи.

**Ключевые слова:** ребенок, дошкольные учреждения, родители, мать, семья, воспитание, общение, педагогика, общество.

## THE ESSENCE AND COMPONENTS OF THE INTERACTION BETWEEN FAMILY AND PRESCHOOL INSTITUTION IN CHILD'S UPBRINGING

This article discusses the essence and components of the interaction of the family and preschool institutions in the upbringing of the child, as well as the sense of responsibility of parents in his mental development and behavior. The author tries to consider some problems of upbringing of the child and to look for ways of their solution. She noted that the family was a fully inclusive environment for the child. A healthy family environment is considered an important factor in the development of moral, biological and mental education of the child. The child begins to learn all the good and bad in the face of parents, brothers and sisters. Psychologists note that the role of the family in the upbringing of the child is great. Its inner world is built on the basis of external factors. The emergence of problems will depend on whether all is well in the family in which he grew up. The child needs to be constantly nourished by parental love, so that he can cope with all the difficulties. Nobody else can replace the family. It is in the family that a system of values is laid. The family becomes the basis for the formation of attitudes towards themselves and others, and in it there is the formation of personality. The child is influenced by the atmosphere in the family, the emotional interaction of its members. These stereotypes child learns from early childhood. In a difficult period he wants to get the love and care of parents, to draw to the person attention. The role of the family in the upbringing of children is also to create a sense of security on the part of the world. In the family the child learns different and begins to understand their appropriateness in a given situation and the ability to Express your emotions child borrows from his own family.

**Key words:** child, preschool institutions, parents, mother, family, upbringing, communication, pedagogics, society.

**Сведения об авторе:** ***Тагоева Мавджигул Джураевна*** – Таджикский национальный университет, общеуниверситетская кафедра английского языка,, ассистент. **Адрес:** 734-25, Республика Таджикистан, г. Душанбе, прспект Рудаки, 17. Телефон: **988-54-44-54.** E-mail: **Mavjigul 2018 &gmail.com**

**Information about the author:** ***Tagoeva Mavdigul Juraevna*** - Tajik National University, general university department of English, assistant. Address: 734-25, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **988-54-44-54**.
E-mail: **Mavjigul 2018 &gmail.com**

УДК891550
# ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ҲАҚНАЗАР ҒОИБ

***Саодати Раҳмоналӣ***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Мавзӯи ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ яке аз масъалаҳои марказии адабиёт ба шумор рафта, ба мавзӯи асосии адибони тоҷик мубаддал гардидааст ва он ба боландагӣ идомабахши ғояҳои бузурги худшиносию худогоҳӣ, ватандӯстӣ ва ифтихори ватандории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Аслан, шоирӣ ватандорӣ ва ватанпарастист. Дар ин замина бо ифтихор ба ёд меорем, ки осори муъҷизабунёди Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ашъори ҷаҳонгири Хоҷа Ҳофиз, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигаронро эҳтироми хоки поку муқаддаси сарзамин ва қаламрави шеъри бузургу забони ноби модарӣ фаро гирифтааст. Он сон ки Фирдавсии бузург ҳифзи Ватанро дар баробари ҷони худ азиз дониста, мефармоянд:

*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем [1, с.214].*

Идомаи ин мавзӯъ дар осори пурбаракати устод Айнӣ дар замони нави таърихӣ паҳлуҳои тоза пайдо кард, ки он маҳдудаи фаҳмиши Ватанро дар айёми Шӯравӣ тавонист, ки паҳнои тозаи биниш бубахшад. Баъдан насли замони Турсунзода ин мавзӯъро амиқтар ба тасвир гирифт, то он ҷо ки ин паҳноро дар ашъори адибони ҳавзаи Кӯлоб: Ҳақназар Ғоиб, Хосият Ализода, Ашӯр Сафар, Муҳаммад Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода ва дигарон дар фаҳмиши нави ҷаҳонбинӣ равшан эҳсос мекунем. Эшон дар эҷоди худ ин мавзӯъро бешак ҷолибу таъсирбахш, дар шакли нав ва бо мазмуну мундариҷаи нав ба риштаи тасвир кашидаанд.

*Чунончи шоири маъруфи точик Ҳақназар Ғоиб мегӯяд:*
*Дар хона, ки меҳри тифлакон мерезад.*
*Бо ишқ муҳаббати ҷаҳон мерезад,*
*Бӯйи Ватан аз хона бадар меояд,*
*Ишқи Ватан аз хона ба ҷон мерезад [2, с.24].*

Дар ин рубоӣ шоир эҳсоси ватандӯстиро ба воқеияти конкретӣ расонидааст. Яъне, Ҳақназар Ғоиб ба таври аниқу амиқ Ватанро аз хонаи сербачаи модари тоҷик дар бунёд ҷо медиҳад. Воқеият ин аст, ки аз хонаи кӯчаки худ бузургии Ватанро бо паҳноҳои беканораш дар тасаввур ҷо додан бо баҳои ҷон тасаввур кардани ин бузургист.

Чун ҳадафи гуфтори мо эҷодиёти Ҳақназар Ғоиб аст, гуфтан бамаврид аст, ки муҳимтарин нуқта дар эҷодиёти ӯ манбаъҳои ибратбахши ватандӯстӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, ваҳдат ва баёни ҳадафҳои муҳимтарини миллӣ мебошад, ки ин ҷиҳат асли осори ӯро ба мероси гаронбаҳои миллӣ ворид сохтааст.

Бояд гуфт, ки аксари достонҳо ва шеърҳои шоир мақсадашон бедории миллии мардуми Тоҷикистон ва тамоми тоҷикони дунё аст. Ин гуна ашъори Ҳақназар Ғоиб дилпазир буда, омӯзиши амиқро мехоҳад ва барои худогоҳӣ ва тарбияи ватандӯстию ифтихори миллии аҳли ҷомеа аҳамияти зиёд дорад.

Мутолиаи ашъораш хонандаро беихтиёр ба бедорфикрӣ ва ватанпарастӣ ва худшиносию худогоҳӣ мерасонад ва чи зебо таърихи гузаштаи миллатро ба имрӯз мепайвандад.

Тавре ки шоир, нависанда ва пажӯҳишгари эронӣ Муҳаммадризо Тоҷдинӣ дар мақолаи худ бо номи «Ҳақназар Ғоиб- шоири ишқ, ҳамоса ва хирад» бобати ҷанбаҳои гуногуни ашъори адиб менависад: «Дар мавриди шеъри устод Ҳақназар бояд гуфт, ки ин ашъор ҳамчун мусалласест, ки ба се рукн устувор аст: меҳанпарастӣ ва таваҷҷуҳ ба фарҳанг ва тамаддун… Он чи барои устод Ҳақназар муҳим аст, сирату моҳият ва маънои амиқу муассир аст. Шеърест, ки реша дар худшиносии миллӣ ва меҳанӣ ва ватанпарастӣ ва посдошти истиқлол ва арзишҳои мулку меҳан бошад. Хулоса, Ҳақназар шеъру андешаашро дар хидмати беҳрӯзию пирӯзии Ватан қарор медиҳад…» [3, с.189].

Садоқати бепоён ба Ватан ва муҳаббати самимӣ ба обу хоки кишвар, худро шинохтан бо аслу нажоду миллати худ ифтихор кардану сарфароз будан аз ин сифатҳои наҷиб, асли

ашъори шоирро ташкил медиҳанд ва ин сифатҳо хусусан дар ашъори ба ин мавзӯъ бахшидааш ҷолибу пуртаъсир инъикос ёфтаанд:

*Тоҷикаму сарбадору сарбохтаам,*
*Таърихамро зи хун бипардохтаам.*

*То ҳусни манораҳои ман кам нашаванд,*
*Аз калламанораҳо қад афрохтаам [2, с.46].*

Зеро овози Саъдиҳо – бузургворонаш намиранда мебошад. Он чӣ ҳусн аст, ки шоир ба тасвир кашидааст?

Ин ҳусни ғуруру ифтихорест, ки тоҷикро ба мартабаи бузурги сарбадорӣ шарафманд кардааст ва хилқати азалии сар ба дор додан ҳам намиранда будани миллатро ҷилва додааст.

*Тоҷикаму номи ман зи Меҳан шунавед,*
*Аз шарфаи шамшери Таҳмтан шунавед.*
*Аз калламанора кам нашуд каллаи ман,*
*Овози маро зи Саъдии ман шунавед [2, с. 46].*

Дар рубоиёти зер паҳлуҳои дигаре ҳастии моро ба Ватан мепайванданд, ки он дар тасвири тоҷикон ватанпарвар рӯ меояд ва намунаи олии он ба дараҷаи сарбадорӣ расидани ӯст:

*Тоҷик, сиришти ту ҳама нанг будаст,*
*Дасти ҳунари ту нақши Аржанг будаст,*
*Сахтии муҳити танг нашкаст сарат,*
*Тоҷик! Магар сари ту аз санг будааст?! [2,с. 46].*

Шоир дар рубоиёти зер таъкид месозад, ки барои Ватан ҷони худро нисор кардан, нангу номуси ватандориро дар худ касб кардан, ғурури миллӣ, ишқи поку беолоиш нисбати ин ватани зебо дар рагу пайванди халқи мо ҷо гирифтааст.

*Тоҷик ба ҷоннисор будан нозад,*
*Бо ҷонбафидоиёр будан нозад.*
*Чун ҷомасафедҳо, ки бар дор шуданд,*
*Тоҷик ба сарбадор будан нозад [2, с. 47].*

*Эй тоҷики сарбадор! Бо ор туӣ,*
*Дар дори ҳама замонаҳо бор туӣ,*
*Ҷон дода харидаӣ ту ҷони Ватанат,*
*Оре, ба баҳои ҷон ватандор туӣ.*

*Эй тоҷики худшинос! Таҳсин, таҳсин!*
*Эй зиндатарини зиндадорони замин!*
*Кун зинда зи нав гузаштаи давлати хеш*
*Бо ишқи ватансозии созандатарин [2, с. 43].*

Ҳамин тариқ, дар шеъру достонҳое, ки ба сарнавишти таърихии миллат бахшида шудаанд ва онҳо мавқеи имрӯзаи худшиносию ифтихори миллии тоҷикро дар бар мегиранд, се ҷиҳат ба алоқамандию ҳамбастагии якдигар ниҳоят муҳим ба назар мерасанд: ваҳдати миллии тоҷикон; ваҳдати ориёӣ; ваҳдати Шарқ ва умумибашарӣ.

Аз мутолиаи ин гуна ашъори адиб хулосе мебарояд, ки ба ваҳдат омадани миллати тоҷик зинаи аввали худшиносию худогоҳӣ ва ифтихормандӣ аз миллату давлатдорӣ ба ҳисоб меравад. Онсон ки устод Аҷамӣ мегӯянд (мазмунан), Ҳақназар Ғоиб дар ҳоле ки аз шеър, аз миллат, аз Ватан, аз ватандӯстӣ, аз муҳаббат, аз халқ, аз кишвар ҳарф мезанад, кас беихтиёр дар худ ҳисси аҷиби ифтихормандӣ, дӯст доштани ватану модар ва ба халқу кишвари худ содиқ буданро эҳсос менамояд.

Ҳисси ватандӯстӣ, ифтихор аз миллату давлат, дӯст доштани ҳар зарра обу хоки диёр, эътиқод ва садоқат дар шеърҳои шоир ба ранги нав ҷило медиҳанд, ки ин сифат аз бунёди адиб фаввора мезанад. Ин сифати эҷодкори асил аст, ки бояд ҳарфашро ба мардум, ба миллат, ба кишвар бигӯяд:

«Мо бояд миллатро чунон тарбия кунем, ки ҳамеша якеаш ба таври ҳаққонӣ ғамхори дигараш бошад. Бояд ҳар як тоҷик бо эҳсоси охирин тоҷик будан дар пуштибонии тоҷики дигар бошад. Менависад шоир дар таронаҳои ватандӯстонааш ва идома медиҳад:- Оё Шумо боре дар ин андеша будед, эй ҳамватанон!? [2,с. 103].

*Осон набудаст ҳифзи боории хеш,*
*Ному шарафу русуми сардории хеш.*

*Ҳуш дор, ки пероҳани ҷонат бидаранд,*
*То ҳифз кунӣ ҷону ватандории хеш» [2, с.104].*

Бале, ҳифзи ватан вазифаи муқаддас ва дороии ҳар як инсон аст, ки бо ҷон дар як радиф қарор мегирад ва ин сарзамину оғуши қудсии ин маъниҳо барои густариши шаъну шукӯҳи азалии ин миллат ва неруи бузурги ватанпарастияш ҷавлонгоҳи нангу номуси меросист. Ва инро Ҳақназар Ғоиб аз арзишмандтарин арзишҳо медонад.

Аз мутолиаи осори ватандӯстонаи шоир дар хонанда, пеш аз ҳама, ҳисси ифтихор, ҳисси муҳаббат, ҳисси меҳру садоқат ба ватан, ба сарзамин, ба халқ, ба миллат бедор мешавад.

Зимни ин гуфтаҳо бояд ҳар як фарзанди миллат дар ин маънӣ худро кашф бикунад, муқаддасоти худро арҷ бигузорад ва аз таърихи миллати худ огоҳ бошад, ки ин миллат тамаддунофар аст.

Маҳз аз ин нигоҳ устод Ҳақназар Ғоиб бо сарбаландӣ пайванди худашро идомае аз гузаштаи шарафманд медонад ва бо як ҳисси ифтихор худро ба ҷаҳониён муаррифӣ мекунад:

*Ман тоҷику форсу даригуфторам,*
*Дар як Ватани бузург маъво дорам.*
*Эй ки нашиносиям! Ту бишнос маро,*
*Бар захми тани Геви ту Сино дорам [2, с. 44].*

Ин гуфтаҳо вожаҳоеанд, ки бори маънӣ ва андешамандӣ ба дӯш доранд ва ҳастии моро ҳам дар поси ватану ватандорӣ ба имтиҳони нангу ном мекашанд. Ва ин талош ба шоир мартабае бахшидааст, ки он мартабаи ҳар шахси хештаншиноси миллат аст.

Дар мавриди шахсияти беназири устод Ҳақназар Ғоиб ва осори горонмояи ӯ профессор, доктори илми филология Усмон Назир чунин навиштааст: «Қалами фарзанди адаб, фарзанди бонангу номуси шеъри тоҷик Ҳақназар монипардоз аст. Ашъораш серқира доманфарох, ҷаззоб, оҳанрабомисол, ростин, бо пероҳани латифи баҳорӣ ороста буда, сабки хосси ҷонпарвару дӯстдор дорад Ин ҷони Ватан, ҷони ҷони миллат, ин ҳамнафаси Оташ фармуда:

*Ватан, эй модари модар,*
*Ватан, эй модари аз модари маҳбуб болотар.*
*Ватан, эй тахти шаъну тоҷи заррини ватандорон,*
*Ватан, эй ному нанги Давлати Сомон..,*
*Ватан, эй охирин дороие чун об,*
*Ватан, эй охирин дороие чун нон.*
*Ватан, эй охирин дороие чун ҷон.*

Таҳлил намекунам ин суханони волоро. Ин сатрҳоро бояд аз бар кард ва дар деворнигораҳои дилу кохҳои азими ватанӣ баҳри худшиносии ояндагон бинавишт…» [5, с.11]. Бояд гуфт, ки инсони эҷодкор дар масири зиндагию ифтихормандӣ ва ободию созандагӣ нақше дорад нотакрор, хосса вақте ки имрӯзи ӯ ба гузашта рабти ногусастанӣ дорад. Ин рабт ба василаи каломи пурмаънои адиб ҳастии ҷомеаро зинда дошта, маънӣ мебахшад, дирӯзу имрӯзро ба ҳам пайванд мебахшад ва иқтидори ояндабинӣ ато мекунад ва дар рубоии зер маънои тоҷик аҳамияти хосси таърихӣ ҳосил кардааст, ки ба қавли устод Аҷамӣ онро дар 14 саҳифа ва аз ин ҳам зиёд метавон шарҳ навишт:

*Эй, ҳалқаи пайванди замонҳо тоҷик,*
*Эй, шуҳравари ҳама ҷаҳонҳо тоҷик.*
*Бо дини худошиносият худ бишинос,*
*Эй, зиндашуда зи куштаҷонҳо, тоҷик [2, с. 43].*

Ман сидқан ба чунин арҷгузории шоир ба миллат метавонам саҳифаҳоеро бо ифтихор пур намоям, вале сухани худи шоир пурмуҳтавотар дар ин маврид дар гӯш садо медиҳад:

«Дар хусуси худшиносию ифтихори миллӣ сухан бисёр аст. Ба гумонам дар ин хусус боз чанд ҳарф задан моҳияти масъаларо аниқ ва амиқ мегардонад

Яъне:

-Миллат бояд арзишҳои таърихии миллияшро арҷ гузорад.

-Ин арзишҳои бузурги маънавист, ки мо дар тӯли таърих соҳиби он шудем ва ин фарҳанг моро соҳибӣ ҳам мекунад. Ба шарте ки бесоҳибаш намонем.

-Забони миллиро эҳтиром ва эҳтиёт кунем. Барои имрӯз, агар аниқтар гӯем, бояд шахсонеро эҳтиёт кунем, ки миллати моро гирду ҷамъ оварда, ба роҳи бунёдкорӣ сафарбар карда метавонанд, бо неруи маънавӣ қобилияти худамонро барои худамон шинос карданро моликанд. Яъне, мо бояд абармардони миллатамонро шиносем, эътироф кунем ва дар амалӣ гардонидани корҳои бузурги онҳо ҷонфидо бошем.

Ман худшиносии миллатро дар ҷоннисории шахсони мартабадор ёфтам, ки бо ақлу заковати бузург барои ягонагии миллат ҳамеша талош доранд…

Эй ҳамватанон! Сабақомӯз бошед, сабақҳои таърихии худро ба манофеи халқу миллат биёмӯзеду натиҷа бароред. Бехатан набошед, ки беватанӣ бекафанист, азобе аз азобҳо сахттар аз беватанӣ нест… ва Ориёнзамин Ватани шумост.

Эй ҳамватанон! Парастандаи бузургон ва хирадмандони рӯзгор бошед.

Барои мо барномаи бузурги миллӣ мебояд, ки онро фарзандонамон дар мактаб омӯзанд. Барнома бояд миллатгароӣ набошад. Мо бояд ҳамеша арзишҳои инсониро эҳтиром карда, қудрати худро зинда нигоҳ доштанро пайдо кунем ва насли худро дар ин ҷода тарбия намоем» [4, с.86]

*Тоҷик! Зи сарнавишти ту дар ваҳмам,*
*З-ин ваҳм пуроб гашт чашми раҳмам…*
*Эй ҳамватанон! Ғами шуморо ба Ватан*
*Фаҳмед, ки ман зиёдтар мефаҳмам! [2, с. 57].*

Имрӯз устод Ҳақназар Ғоиб бо як шукргузории бепоён дар тамоми суҳбату вохӯриҳояш аз пойдории миллату давлат ва аз ватану ватандӯстӣ сухан мегӯяд ва таъкид менамояд, ки насли ояндасози ватану миллатро дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ тарбия бояд кард. Яъне, ӯ на танҳо мегӯяд, балки барои амалӣ шудани гуфтаҳояш худ низ яке аз майдондорҳои фотеҳи адабиётамон мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Абулқосим Фирдавсӣ. Шохнома. – Душанбе: Адиб, 2009. –Ҷ. 8. - 475 с.
2. Ҳақназар Ғоиб. Муждаҳои Ориёнӣ. - Душанбе: Паёми ошно, 2013. - 210 с.
3. Муҳаммадризо Тоҷдинӣ. Ҳақназар Ғоиб- шоири ишқ, хамоса ва хирад. Дар кит. «Муждаҳои Ориёнӣ» Т. Муҳаммадризо. - Душанбе: Паёми ошно, 2013. - 210 с.
4. Муҳаммадризо Тоҷдинӣ. Ҳақназар- шоире аз табори Рӯдакию Фирдавсӣ // Навиди Кӯлоб. – 2018, 6 январ. - №3-4.
5. Абдуллҳои Қаландар. Назари тоза ба эҷоди Ҳақназар. – Душанбе: Паёми ошно, 2013. -200 с.
6. Усмон Назир. Рӯзномаи «Ваҳдат». – 2004, ноябр. -№11.
7. Ҳақназар Ғоиб. Нафас то бар нафас овози вақт аст. – Душанбе: Нур, 2005. – 418с.
8. Ҳақназар Ғоиб. Чашми Саҳар / Ҳ. Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 1989. - 154с.
9. Ҳақназар Ғоиб. Суруши Хатлон. – Кӯлоб: Сада, 1998. - 100с.
10. Ҳақназар Ғоиб. Барги сабзи ишқ. – Кӯлоб: Сада, 1995. - 98с.
11. Ҳақназар Ғоиб. Зинда бо гудозишҳо. – Душанбе: Адиб, 2004. - 253с.
12. Ҳақназар Ғоиб. Ашки офтоб. – Душанбе: Адиб, 1999. - 272с.


## ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ ВА ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ДАР АШЪОРИ ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ҲАҚНАЗАР ҒОИБ


Мавзӯи ватандӯстию ифтихори миллӣ яке аз мавзӯъҳои решагии адабиёт ба ҳисоб рафта, адибе нест, ки дар ин мазӯи домангустурда чизе нагуфта ё шеъре насуруда бошад. Чун қайд намудем, ки шоирӣ худ ватандӯстӣ ва ватанпарастист, яъне ҳар як адиби асил дар осори худ меҳру садоқат ба Ватан, арҷгузорӣ ба обу хоки диёр, вафодорӣ нисбат ба халқу миллати худро аз бунёди худ ба қалам додааст. Ин мавзӯъ дар ашъори пурғановати Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб хело фарох аст. Дар ашъори ин шоири тавоно лафзи хуб, маънои хуб ва шеваи бикр, балоғат ва расоӣ, дилкашӣ, ширинӣ, тариву обдорӣ ва самимияту садоқатро дарёфтем, ки бо пайдо кардани ҳамаи ин паҳлӯҳои нозуки сухан вафодорию ҷоннисорӣ, дӯстдорию ифтихормандии шоирро нисбати халқу Ватани худ фаровон пайдо кардем. Адиб дар эҷоди мисраъҳои ватанпарастии худ ҳамон вожаҳову таркибҳои таърихӣ ва коргирифтаи шоирони хурду бузурги адабиётамонро, ба сони Ориён, Сарбадор, Каён, Куруш, Шерак, қавм, калламанора, меҳан ба кор бурдааст, аммо бо як шеваи корбурди моҳиронае. Сифати дигари шеър ва сухани устод Ҳақназар ғайритакрорӣ, дилписандӣ ва бикр будан аст. Ӯ сухани куҳнаро бо либоси дигаре озин дода, кӯшидааст суханаш таъсирбахшу ҳунармандона бошад.
Ҳақназар Ғоиб чун як шоири бархӯрдор аз завқу табъи хосса бо як биниши ҳунармандона чашм ба миллат, Ватан ва каму беши он дӯхта, ҳамаи онро дар баробари ҷони худ азиз медорад. Бартарии ӯро дар ин нукта барьало метавон дид, ки шоир дар сурудаҳояш худро на мушоҳидагари одӣ, балки ҷоннисор, муҳофиз ва вафодори сарзамин ва халқу миллати худ медонад. Ҳамчун фарзанди бонангу номуси миллат мушкили ҳар як ҳамватанро мушкили худ ва дарди онро дарди худ меҳисобад.
Ин мавзӯъ, ки бештари ашъори шоирро фарогир аст, дар «Киссаи аспи Хатлӣ», «Муқаддаснома», «Муждаҳои ориёӣ», «Дардномае ба миллат», «Тоҷи офтоб» фаровон суруда шудааст. Ҳақназар Ғоиб ҷаҳонбинии босаликаи худро дошта, сурудаҳои ба ин мазӯъ бахшидашудааш хеле боарзиш мебошанд.



**Калидвожаҳо:** Ватан, ватандӯстӣ ватанпарварӣ, шарафу русум, ифтихори миллӣ, худшиносӣ, худогоҳӣ, тарбия, ваҳдат, сарзамин, ҷоннисорӣ, нангу номус, муҳаббат, ишқ, халқ, миллат, сабақомӯз, ҷону тан, меҳру вафо, ободию озодӣ, марзу бум.


## ВОСПИТАНИЕ ПАТРИОТИЗМА И НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОРДОСТИ В ТВОРЧЕСТВЕ НАРОДНОГО ПОЭТА ТАДЖИКИСТАНА ХАКНАЗАРА ГОИБА


Тема Родины и национальной гордости -коренная тема литературы, и нет поэта или писателя, который не коснулся бы этой темы и не посвятил свои произведения данной теме. Как было упомянуто, каждый поэт - патриот Родины, всегда в своем творчестве выражает своё чувство любви и верности Родине, нации и чтить историю и память отечества. В этой связи, тема Родины является ключевой темой и охватывает все творчество Народного поэта Таджикистана Хакназара Гоиба. В творчестве этого великого поэта, тонким и изящным словом и новым взглядом,

красноречивостью и созвучием изображены гордость служения Родине, верность и благородство граждан страны. Поэт своими неповторимыми строками повторяет литературный стиль наших предков литературы и современных поэтов и писателей в использовании такой изящной исторической лексики, как ария, Сарбадор, Каён, Куруш, Шерак, племя, башня из черепа, Родина. Другие качества стихов поэта Хакназара Гоиба состоят в их неповторимости, звучности и новизне. Он мастерски использует архаистические слова, обливая их новым оттенком. Хакназар Гоиб очень развитый поэт со свойственным особенным ему взглядом на свою нацию и Родину, ее радостью и невзгодами, сочувствует с ними, считает их своими родными. Как доблестный сын отечества он не равнодушен к разным проблемам соотечественников. Данная тема охватила большую часть творчества поэта, особенно в произведениях «Легенда о хатлонском коне», «Священные письма», «Арийские добрые вести», «Призыв к нации», «Корона солнца». Хакназар Гоиб поэт с изящным мировоззрением, и его стихи, посвящённые теме Родины, бесценны.

**Ключевые слова:** , патриотизм, слава и традиции, национальная гордость, самосознание, воспитание, единство, родина, верность, совесть, любовь, народ, нация, поучительный, сердцем и душой, верность, свобода и благосостояния, родной край.

**PATRIOTISM EDUCATION AND NATIONAL PRIDE IN WORKS OF THE NATIONAL POET OF TAJIKISTAN HAKNAZAR GHOIB**

The theme of the Homeland and national pride is a radical subject of literature, and not the poet or writer who wouldn't concern this subject and I didn't devote the works to this extensive subject. As it was mentioned, each poet - the patriot of the Homeland, always expresses the feeling in the creativity to love and fidelity to his Homeland, the nation and reveres history and memory of the . In this regard, the subject of the Homeland is a key subject and covers all works of the National poet of Tajikistan Haknazar Ghoib. In works of this great poet, the thin and graceful word and a new view, eloquence and accord represented pride of service to the Homeland, fidelity and nobleness of citizens of the country. The poet repeats in the unique lines literary style of our ancestors of literature and modern poets and writers in use of such graceful historical lexicon as the aria, Sarbador, Kayon, the Kurush, Sherak, tribe, a tower from a skull, the Homeland. Other qualities of verses of the poet Haknazar Ghoib consists in their originality, sonority and novelty. He skillfully uses ancient words, pouring over them a new shade. Haknazar Ghoib is very developed poet with peculiar special to him a view of the nation and the Homeland, her joy and to adversities, sympathizes with them, considers them the family. As the valorous son of the fatherland he isn't indifferent to different to problems of compatriots. This subject captured the most part of works of the poet, especially in the works "Legend of a Khatlon Horse", "Sacred Letters", "Aryan Good News", "Appeal to the Nation", "Crown of the Sun". Haknazar Ghoib is a poet with graceful outlook, and its verses devoted to a subject of the Homeland are very invaluable.

**Keywords**: patriotism, glory and traditions, national pride, consciousness, education, unity, homeland, fidelity, conscience, love, people, nation, instructive, heart and soul, fidelity, freedom and welfare, native land.

**Сведения об авторе**: ***Саодати Рахмонали*** - Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, ассистент кафедры таджикского языка. **Адрес:** 734065,Республика Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова 16.
Телефон**: (992) 918-88-66-14**

**Information about the author:** ***Saodati Rahmonali*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, assistent of the Tajik language department. **Address**:. 734065, Republic of TajikistanKulob town , street S. Safarov 16.
Phone**: (992) 918-88-66-14**

**УДК: 371 ( 575.3)**

# ВОСПИТАНИЕ ТОЛЕРАНТНОСТИ У ШКОЛЬНИКОВ

***КаюмоваХ.Т.***
**Институт развития образования им. А.Джами Академии образования Таджикистана**

В последние годы все чаще на земном шаре стали вспыхивать военные конфликты, обостряются отношения между различными группами, предпринимаются враждебные действия на почве религии, разгораются этнические конфликты, возрос терроризм. На поверхность всплыли многие застарелые конфликты, которым раньше внимание не уделялось. Перед людьми всех стран мира встала задача удержать мир от новой войны. Однако вряд ли рассчитывать, что эта глобальная проблема «Проблема мира » разрешится сама собой, без участия целенаправленной деятельности всех людей.

Президент Республики Таджикистан, основатель мира и национального единства, лидер нации Уважаемый Эмомали Рахмон в своих выступлениях на самом высоком уровне, неоднократно подчеркивал, чем грозит миру терроризм, нетерпение народов друг к другу на религиозной и этнической почве, что необходимо всем народам противостоять этому. В свою очередь, такие международные организации как ООН,ЮНЕСКО и Совет Европы приняли большое количество документов по поводу обучения в духе мира, прав человека и признали, что эффективное обучение молодежи в этом духе вносит существенный вклад в борьбу с нетерпимостью, этническими предрассудками, а также с ненавистью, ксенофобией и антисемитизмом .В Таджикистане проживают многие национальности. Известные события и

кризис в нашей стране показал, что самой уязвимой сферой межчеловеческих отношений в общества является сфера отношений между различными этнически группами, а также религиозного экстремизма, навязанного нам из внешней среды. Это нетерпимость к другой культуре, религии, языку и другие проявления. В школьной среде распространены оскорбительные выражения, унижающие людей другой культуры или религии, негативные стереотипы или убеждения. В основе такого поведения лежит этнический эгоизм, этническая изоляция, национальный фанатизм и т.д., убежденность в превосходности над «чужими». Особенно это касается детей школьного возраста. Это период становления человека, когда активно формируются личность и мировоззрение ребенка, а также его духовно нравственные убеждения. Школьник активно включается во взрослую жизнь, формирует свою идентичность, осваивает различные социальные роли. Его глобальная жизненная позиция зависит от того, как он будет относиться к миру в целом, к себе и к другим в этом мире. Позиция терпимости и доверия – основа для осуществления выбора мирного сосуществования человечества, а не конфликтов.

Общая идеология воспитания толерантности у детей развитие нравственности и социальной активности личности, превращения толерантности во внутреннюю ценность, пробуждение сердечности и заботы о других людях, развитие личности, осознающей собственную уникальность и необходимость единения с другими людьми, многообразие и многосторонность окружающего мира и понимающей то, каким будет этот мир, зависит от каждого. В задачах воспитания школьников отрабатываются самые различные социальные навыки, позволяющие учащимся постигать трудное искусство успешно жить в мире и согласии с собой и с другими. Эти навыки позитивного взаимодействия, решения конфликтных ситуации, отработка способов успешной коммуникаций, формирование, социальной чувствительности, корректировка самооценки , самоанализа. При построении воспитания принято исходить из понимания толерантности как психологической устойчивости в широком смысле к многообразию мира, этническим, социальным, культурным различиям. Необходимой предпосылкой для развития у детей отношения к иным, чужим является способность отказаться от стереотипов, умение взглянуть на ситуацию с новой точки зрения. Поскольку во всем мире толерантность признана как важнейший принцип культуры мира и важнейшая социальная норма, воспитание толерантности становится безотлагательным.

В 1993 г. Международной организацией ЮНЕСКО была подготовлена и утверждена программа «программа» «На пути к культуре мира». Целью этой программы, рассчитанной на многие годы, является формирование и внедрение в международные отношения культуры мира, культуры терпимости и в концентрированном виде суть культуры мира сформирование следующим образом:

-воспитание детей и молодежи в духе открытости и понимания других народов, их многообразных культур и истории, в духе основополагающих принципов общности человечества.

-обучение молодежи отказу от насилия и использованию мирных средств разрешения конфликтов.

-развитие у грядущих поколений чувства альтруизма, открытости и уважения к другим, солидарности и сопричастности, на основе духа незыблемости своей собственной самобытности и способности к признанию множественности человеческого существования в различных и культурных контекстах (Декларация о культуре мира, статья 1).

Кстати , 2000год был объявлен годом культуры мира.

Культура мира является сочетанием ценностных установок, мировоззренческих взглядов, традиций, типов поведения и образов жизни, которые отражают и поощряют:

-Уважение к жизни и ко всем правам человека;

-Отказ от любых форм насилия и приверженность делу предупреждения ненасильственных конфликтов путем устранения в корне причин их возникновения проблем посредством диалога;

-Приверженность всестороннему участию в процессе справедливого удовлетворения будущих поколений в области развития окружающей среды;

-Приверженность принципам свободы, справедливости, демократии, терпимости, солидарности, культурного разнообразия, диалога и взаимопонимания между людьми.

Иными словами, культуру мира можно определить как культуру мирного сосуществования всех народов государств.

Примечательно, что в русском языке слово «мир» обозначает и состояние, противоположное войне, и одновременного весь земной шар и всё его население. В программе ЮНЕСКО культура

мира связана с первым значением. Программа содержит призыв укоренять в сознании людей идею защиты мира.

Тем не менее, двойное значение слова «мир» в русском языке имеет большой философский смысл. Оно может интерпретироваться как означающее, что планета не выживет, если населяющее ее люди не откажутся от войны, или другими словами, что нам не удастся создать глобальное общество, свободное от войны, если мы не привлёчем к решению этой задачи все правительство и все народы.

В материалах ЮНЕСКО, подготовленных для ООН, подчеркивается, что культура мира базируется на основополагающих ценностях, ради которых и была создана Организация Объединенных Наций, и во имя которых она осуществляет свою деятельность.

Культура мира основана на следующих несомненных ценностях:

- Уважение прав и свобод человека;
- Толерантности;
- Миролюбия и ненасилия;
- Демократии.

Уважение прав и свобод в этом случае означает соблюдение всех прав человека и прав всех людей. Стало быть, конец эксплуатации?!

Демократия означает демократию на всех уровнях и применительно ко всем путям принятия решений. Это имеет радикальное значение, и поэтому означает конец принуждению.

Терпимость, диалог, культурное многообразие и примирение означают, что нет больше врагов, нет конфронтации, что положен конец насилию.

Миролюбие означают конец вражды, активный обмен знаниями, расширение подготовки для обретения навыков жизни в условиях мира, демократии и прежде всего ненасилие.

Миротворец-тот, кто способствует поддержанию мира, устранению войн и примирению.

Миротворец- лицо, способствующее сохранению или восстановлению мира.

Конечно, установление культуры мира является длительным процессом изменений в образе мышления и поведении людей. Этому надо учиться, поэтому культуру мира надо понимать как школу, в которой мы все учимся жить вместе.

Толерантность означает уважение, принятие и правильное понимание богатства многообразия культур нашего мира, наших форм самовыражения и способов проявления человеческой индивидуальности. Толерантность делает возможным достижением мира и способствует замене культуры войны культурой мира. Проявление толерантности не означает терпимого отношения к социальной несправедливости, отказа от своих убеждений или уступки чужим.

Толерантность означает, что каждый придерживается своих убеждений и признает такое же право за другими; означает признание того, что люди по своей природе различаются по внешнему виду, положению, речи, поведению и ценностям, обладают правом жить в мире и сохранять свою индивидуальность и не могут навязывать взгляды одного человека другим.

Интолерантность - это неприятие другого человека, неготовность к сосуществованию с другими (иными) людьми; интолерантность проявляется через деструктивное, конфликтное, агрессивное поведение.

Декларация принципов толерантности утверждена резолюцией 5.61 Генеральной конференции ЮНЕСКО 16 ноября 1995г. На этой же конференции 16 ноября провозгласили Международным днем, посвященным толерантности.

Рассмотрим определения толерантности на ведущих языках мира:

- tolerance (англ.) – готовность быть терпимым, снисходительным;
- to tolerance (англ.) - быть терпимым, позволять существование различных мнений без их дискриминации;
- tolerance (фр.) – убежденность в том, что другие могут думать и действовать в манере, отличной от нашей собственной ;
- tolerenc;(исп.) – способность принимать идеи или мнения, отличные от собственных;
- kuan rong (кит.) принимать других такими, какие они есть, и быть великодушными по отношению к другим;
- tasamul (араб) – снисхождение, милосердие, всепрощение умение принимать других;
- бо таҳаммул муомила кардан (тадж.) - терпимость к кому-либо, принимать других такими, какие они есть, и прощать;

- толерантность, терпимость (рус.) – умение терпеть (выдерживать, выносить, мириться с чем-либо ), принимать (признавать) существование кого-либо, примирять, приводить в соответствие с самим собой по отношению к кому-либо (чему-либо),быть снисходительным к чему-либо (кому-либо).

Определения, существующие на разных языках, в целом совпадают. Однако в каждом из них просматриваются свои национальные особенности:

• английская – снисходительность,
• китайское - великодушие,
• русское - умение терпеть,
• таджикское -терпимость к кому-либо и прощать

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Э. Раҳмон Ваҳдат, сулҳ ва бунедкори мароми мост! Методические пособие. -Душанбе,1999. -48с. 6,7.
2. Рахмонов Э. «Шукри истиклолиятия давлати, шукри сулху вахдати миллӣ» (суханронии Президенти Чумхурии Точикистон. Э. Рахмон дар мачлиси тантанави бахшида ба 25-солагии истиклолияти давлатии Чумхурии ориёи – Душанбе, 8 сентябр соли 2016) // Омӯзгор. 15 сентябри 2016.
3. Рахмонов Э. «Ваҳдат, сулҳ ва бунёдкори мароми мост!» - Душанбе, 2000. – с. 120 (30, 36, 39).
4. Рахмон Э. Урок мира. Выступление Основателя мира и национального единства, Лидера Нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на совещании в академии МВД / Э. Рахмон. - Душанбе, 2017.
5. Каримова И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования учащихся таджикских школ: автореферат дис. … док-ра пед. наук: 13.00.01 / Каримова И.Х. – Душанбе, 2000. - С 185.
6. Каюмова Х.Т. Обучение и воспитание миролюбия на уроках таджикского языка. Методические пособие / Х.Т. Каюмова. - Душанбе: Ирфон, 2006. – С.38.
7. Каюмова Х.Т. Социальная сущность воспитания миролюбия / Х.Т. Каюмова //Маърифати омӯзгор. – Душанбе, 2008. -№6. – С. 21.
8. Каюмова Х.Т. Мудрость никогда не приведёт к войне / Х.Т. Каюмова //Школа и общество. –Душанбе, 2004. -№1 (4). - С- 43.
9. Каюмова Х.Т. Воспитание миролюбия -наша цель журнал / Каюмова Х.Т. //Маърифати омӯзгор. –Душанбе, 2002. -№7-8. -С.- 56.
10. Каюмова Х.Т. Произведения из наследия предков по проблемам миролюбия для учащихся / Х.Т. Каюмова //Известия Академии Наук Республики Таджикистан // отделение общественных наук. - 2010. - №3. – С. 6-10.


## ТАРБИЯИ ТАҲАММУЛПАЗИРИИ МАКТАББАЧАГОН


Мақолаи мазкур ба масъалаи таҳаммулпазирӣ бо мақсади тарбияи мактаббачагон дар рӯҳияи ошкорбаёнӣ, дарки эҳтироми миллатҳои дигар, гуногуншаклии фарҳанг ва таърихи онҳо дар рӯҳияи риояи қонунҳои асосии ҷомеаи башарӣ бахшида шудааст. Таълими таҳамммулпазирӣ ҷавононро ба он ҳидоят мекунад, ки аз зӯроварӣ даст кашида, низоъҳоро ҳал намоянд. Таҳаммулпазирӣ – эҳтиром ва дуруст дарк кардани ғановати фарҳангии ҷаҳони моро, шаклҳои хештаншиносӣ ва роҳҳои имкониятҳои зоҳир кардани башардӯстии фардҳоро фаро мегирад. Таҳаммулпазирӣ ин маънои эҳтиром, қабул намудан ва фаҳмиши дурусти гуногунрангии фарҳанги ҷаҳони мо, эҳтиром намудани ҳуқуқҳои инсонро дорад. Таҳаммулпазирӣ барои ба даст овардани сулҳ имконият фароҳам сохта, барои табдил додани фарҳанги ҷанг ба фарҳанги сулҳ мусоидат мекунад. Зоҳир кардани таҳаммулпазирӣ маънои сабр кардан ба беадолатиҳои иҷтимоиро надошта, шахсро аз ақидаю эътиқоди худ даст кашидан ва қабул доштани ҳадафҳои бегонаро надорад. Таҳаммулпазирӣ маънои онро дорад, ки ҳар як шахс бояд ҳуқуқҳои худ ва ҳуқуқҳои дигаронро эътироф кунад; атрофиёнро новобаста аз намуди зоҳирӣ, вазъи иҷтимоӣ, миллат, нажод, урфу одат, рафтор, нутқ ва арзишҳо эҳтиром намояд. Таҳаммулнопазирӣ қабул карда натавонистани шахси дигар, омода набудан ба созгорӣ бо одамони дигар мебошад. Таҳаммулнопазирӣ аз тариқи рафторҳои ношоиста, рафтори бадҷаҳлона зоҳир мегардад.



**Калидвожаҳо:** таҳаммулпазирӣ, тарбиявӣ, сулҳпарварӣ, хонандагон, фарҳанги сулҳ, сулҳу ваҳдат, зӯроварӣ, таҳқир, тарсондан, рафтори аҷнабиён.


## ВОСПИТАНИЕ ТОЛЕРАНТНОСТИ У ШКОЛЬНИКОВ


Данная статья посвящена проблемам толерантности с целью воспитания детей школьного возраста в духе открытости, в духе понимания других народов, многообразия их культур и истории, в духе основополагающих принципов общности человечества. Обучение молодежи отказу от насилия и использованию мирных средств разрешения конфликтов. Толерантность означает уважение, принятие и правильное понимание богатства многообразия культур нашего мира, наших форм самовыражения и способов проявления человеческой индивидуальности. Толерантность делает возможным достижение мира и способствует замене культуры войны культурой мира. Проявление толерантности не означает терпимого отношения к социальной несправедливости, отказа от своих убеждений или уступки чужим. Толерантность означает, что каждый придерживается своих убеждений и признает такое же право за другими; означает признание того, что люди по своей природе различаются по внешнему виду, положению, речи, поведению и ценностям, обладают правом жить в мире и сохранять свою индивидуальность и не могут навязывать взгляды одного человека другим. Интолерантность - это неприятие другого человека, неготовность к сосуществованию с другими (иными) людьми; интолерантность проявляется через деструктивное, конфликтное, агрессивное поведение.



**Ключевые слова:** толерантность, воспитание, миротворец ,школьник, культура мира, мир, отказ от насилия, интолерантность, конфликтное, агрессивное поведение.

**EDUCATION OF TOLERANCE AMONG SCHOOLCHILDREN**

This article is devoted to the problems of tolerance in order to educate school children in a spirit of openness, in the spirit of understanding other peoples, their diversity of cultures and history, in the spirit of the fundamental principles of the community of mankind. Teaching young people to renounce violence and use peaceful means of conflict resolution. Tolerance means respect, acceptance and correct understanding of the richness of the diversity of cultures of our world, our forms of expression and ways of manifesting human individuality. Tolerance makes possible the achievement of peace and helps to replace the culture of war with a culture of peace. The manifestation of tolerance does not mean tolerant attitude towards social injustice, rejection of one's beliefs or concessions to a stranger. Tolerance means that everyone adheres to his beliefs and recognizes the same right after others; means recognizing that people by their nature differ in appearance, position, speech, behavior and values, have the right to live in peace and maintain their individuality and can not impose the views of one person on. Intolerance is the rejection of another person, an unwillingness to coexist with other (other) people; intolerance is manifested through destructive, conflicting, aggressive behavior.

**Key words:** tolerance, upbringing, peacemaker, schoolboy, culture of peace, peace, non-violence, Intolerance, conflict, aggressive behavior.

**Сведения об авторе:** ***Каюмова Хурлико Тагайевна*** - Институт развития образования имени А.Джами Академии образования Таджикистана, кандидат педагогических наук, начальник отдела высшего профессионального образования и последипломного образования, Адрес: 734024 г. Душанбе, улица Айни 45, E-mail: **prmatt@ mail.ru.** Телефон **227-05-13 +(992) 904406690,**

**Information about the author:** ***Kayumova Hurliko Tagayevna*** - candidate of pedagogical sciences, head of the department of higher professional education and postgraduate education of the Institute of Education Development named after A. Jami AOT, index -734024 Dushanbe, Aini Street 45, E-mail: **prmatt @ mail.ru.** Phone **227-05-13 + (992) 904406690,**

УДК: 159.9 (575.3)

# ДЕЗАДАПТАТСИЯИ ПСИХОЛОГӢ ЯКЕ АЗ САБАБҲОИ ХУДКӮШӢ

***Б.Х. Саидов, С.З. Латифзода***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Аз замонҳои қадим, яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷомеа, ин ҷобаҷогузории кадрҳо ва муносибати байни шахсу гурӯҳ дар фазои корӣ ба ҳисоб мерафт. Аз ин лиҳоз олимону мутафаккирон, файласуфону равоншиносон ва як қатор мутахассисони дигарро оиди ин мавзӯъ андешаҳо иброз намудаанд. Дар ин замина фалсафаи иҷтимоиро рӯйи кор овrouted. Баъди чанде зарурати омӯхтани асоснокии фалсафаи иҷтимоӣ барои ҷобаҷогузории кадрӣ, муносибату муошират байни шахс ва гурӯҳ ва дигар хусусиятҳои психологии шахс ҳангоми иҷтимоишавиаш пайдо шуд. Ин барои ба миён омадани психологияи иҷтимоӣ омили ногузир гардида, ҳамчун восита ин риштаи илмиро ба сафи дигар илмҳои ҷамъиятшиносӣ ворид гардонид. Чуноне ки Г. Алпорт қайд мекунад: «Рушди инсон дар ҳамбастагӣ бо ҷомеа сурат мегирад» [1,с. 223].

Ҳангоми ворид гардидан ба кори нав дар мақомотҳо, корхонаву муассиса ва дигар ҷойҳои корӣ новобаста ба шакли фаъолияташон муҳити нав дар шахс тағйиротҳои рафторӣ, гуфторие, ки хусусиятҳои психологии шахсро таҷассум мекунанд, ба таври куллию ҷиддӣ ба назар мерасанд. Пеш аз ҳама, шахс ба мушкилотҳои зерин рӯ ба рӯ мешавад: аз қабили: уҳдадориҳои нав, адабтатсия шудан ба муҳити нави иҷтимоӣ, қабули арзишҳои гурӯҳӣ (коллектив), дар худ ташаккул додани маҳорати таҳаммулпазирӣ, мушкилот дар муносибат бо роҳбарият ва ҳамкорон, тарс аз ногаҳон вайрон кардани қонунҳо ва риоя накардани арзишҳои гурӯҳӣ ва амсоли инҳо. Шахси нав бакоромадаро лозим меояд, ки барои мавқеи худро пайдо кардан дар гурӯҳи воридшуда, мушкилотҳои номбурдаро паси сар намояд. Дар ин маврид мушкилотҳои зиёд сар мезананд. Қисме аз ин мушкилот боиси рушди шахсият ва қисми дигаре аз онҳо бошад, баръакс боиси заифгардии шахс ва мавқеи ӯ дар муҳити иҷтимоӣ мегардад, ҳатто то даст задан ба худкушӣ бурда мерасонанд. Дар ин маврид аллакай сухан дар бобати адаптатсия меравад.

*Адаптатсия (аз калимаи лотинӣ-мутобиқшавӣ) чунин ҳодисаҳое мебошанд, ки бо гузашти вақт узви эҳсос ба таъсири ангеза мутобиқ мешаванд* [2, с.47].

Мавриди қайд аст, ки бо ҳам мухолиф омадани хусусиятҳои психологии шахс, ба монандӣ имконият, хоҳиш, талабот, маром, шавқу ҳавас ва ғайра дар зинаи адаптатсия сар мезананд. Ин мушкилотҳо боиси осебҳои гуногуни равонӣ мегарданд. Дар ин замина боиси пайдошавии фикрҳои худкушӣ сурат мегирад. Ҳамаи ин бо рушди комплексивии «МАН», яъне консепсияи шахс алоқаи ногузир дорад. Герри Стек Салливен дар психология назарияи

муоширати байнишахсиро кор карда баромад. Ӯ муносибати байнишахсии фард бо дигар одамонро лаҳзаи муҳимми ҳаёт меҳисобад. Ӯ чунин ақида дорад, ки ҳар як шахс се навъи «Ман»- ро дорад. Вақте ки одам худро беҳтар ҳис мекунад, ӯ «Ман» - и хуб аст; дар ҳолати хавфу хатар ӯ «Ман»-и бад аст; дар вазъиятҳои номусоиди психологӣ ӯ аллакай «Ман»-и ман нест [10, с.273]. Ҳар як инсон дар ҷомеа, дар гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ, дар рафти муносибатҳои байнишахсӣ ягон намуди нақшро мебозад. Ба қавли психолог С.Л. Рубинштейн «шахсро аз нақши реалие, ки ӯ дар ҳаёт мебозад, ҷудо кардан ҳеҷ мумкин нест» [9, с.243].

Агар ин гуна мушкилотҳои равонӣ бартараф карда нашаванд, онҳо ба депрессия ва амалҳои аутоагрессивӣ (худкушӣ) бурда мерасонанд. Дар илми суитсидология яке аз сабаби рӯ овардани шахс ба худкушӣ дар дезадаптатсияи худкушанда дар шароитҳои ихтилофҳои микромуҳит, ихтилофҳои ботинии шахс, вазъиятҳои аздастдиҳӣ ва ё таҳдиди аз даст додани арзишҳои муайяни шахсӣ меҳисобанд. Бухронҳо ҳангоми расидан ба мақсадҳои шахсӣ ва қонеъ кардани талаботҳо монеаҳоро эҷод менамоянд, ки ин сабаби пайдо шудани антипатия (ҳисси адовату нафрат) ба нафарони дигар мегардад. Ҳолатҳои бухронӣ бо аз саргузарониҳои саршори эмотсияҳои манфӣ, ҳисси нокомӣ, ноором, танҳоӣ, баҳогузории пессимистона ба шахсияти худ тавсиф дода мешаванд. Шахсе, ки зери ин гуна ҳолатҳои равонӣ қарор дорад, ҳар лаҳза ӯро марг таҳдид мекунад. Ба ақидаи З. Фрейд, ду навъи рағбат вуҷуд дорад: яке аз онҳо ғаризаи ҳаёт - Эрос ва дигараш, рағбат ба марг ва хашму ғазаб-Танатос мебошанд ва дар байни ин ду ғаризаи бо ҳам зид доимо тағйирёбӣ мавҷуд аст. Дар шахсони майли худкушӣ дошта, Эрос бо гузашти вақт заиф мегардад ва Танатос бошад, ҳаракатҳои худро суръат бахшида, то охири ҳаёти инсон фаъол мегардад ва инсонро ба марг бурда мерасонад.

А.Г. Амбрумова ва як қатор тадқиқотчиёни дигар кирдори худкуширо ҳамчун натиҷаи мутобиқ шуда натавонистани шахс бо хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар шароити зиддияти микроиҷтимоӣ баҳо медиҳанд [3, с.47].

Ҳангоми адаптатсия нашудани шахс дар муҳити нав, дар ӯ мушкилоти равонӣ ба вуҷуд меояд. Ин вазъият ба фаъолияти меҳнатиаш бетаъсир намемонад, дар ӯ вазъиятҳои мураккаб, вайроншавии муайяни ҳассосият, аз қабили эҳсоси беқувватии ҷисмонӣ ва хастагӣ мушоҳида мешаванд. Яъне, самаранокии фаъолияти меҳнатиаш коҳиш ёфта, муҳити корӣ аллакай ба ӯ дилбазан менамояд. Изтиробнокӣ ва бошиддатӣ, боиси дуруст дарк карда натавонистани дигарон мегардад. Вазъиятро аз будаш зиёдтар нишон дода, аз рӯйи як ҷузъиёт (як элемент) вазъият баҳогузорӣ шуда, ҳамаи ҳодисаҳои рухмедодаро бо шахсияти худ алоқаманд менамояд, дар натиҷа хулосаҳои беасос бароварда мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки давомнокии бухронҳо аз хусусиятҳои психологии шахс вобастагии амиқ доранд. Нақши мизоҷ барои адаптатсияи иҷтимоии шахс саҳми ногузир дорад. Зеро мо медонем, ки ҳар як типи мизоҷ, хусусиятҳои хосси худро доро мебошад. Албатта, маълум аст, ки кормандон ба кумаки психологи эҳтиёҷ доранд. Аз он ҷумла корманди нав ба кор омада, дар ин ҷода психологӣ касбӣ вазъиятро метавонад манфиатнок истифода намояд, зеро корманди мазкур зери мушкилотҳои равонӣ нисбати худ муносибати хусуматонаро раво мебинад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки худбаҳодиҳии онҳо паст буда, аз фикру ақидаҳои атрофиён вобаста мебошанд ва онҳо андешаҳои атрофиёнро зуд қабул мекунанд, пас метавон онҳоро мизоҷи меланхолик дошта ном бурд. Барои ҳамин вобаста ба типи мизоҷ дер ё зуд мутобиқшавии шахс дар муҳити нав сурат гирифта, зинаи нави мутобиқати иҷтимоӣ – психологиро барқарор менамоянд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳангоми ивази ҷойи кор ва ё муҳити зист, адаптатсия сурат мегирад. Дар ин давра шахсро моҷарои берунӣ ва ё ботинӣ фаро мегирад. Ҳангоми ворид шудан ба муҳити нави корӣ, кормандони навро зарур аст, то арзишҳои гурӯҳро риоя ва ҳифз намоянд, то ин ки гурӯҳ, дар навбати худ, онҳоро қабул намояд. Яке аз сабабҳои моҷаро дар зинаи адаптатсионӣ, эҳтиром нагузоштан ба арзишҳои гурӯҳ, пассивӣ ва фаъолии аз ҳад зиёд мебошанд. Масалан, соли 1996 нозири ноҳияи Комешковски Русия соли аввали кориаш ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ шуда, ба он тоб наоварда, даст ба худкушӣ зад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки адаптатсия шуда натавонистани корманд ба гурӯҳи корӣ яке сабабҳои худкӯшии ӯ гардидааст. Гуфтан мумкин аст, ки аз ҳисоби мушкилотҳои зиёди шахсию корӣ, моҷароҳои

берунию ботинӣ ва ҳолатҳои вазнини равонӣ шахс маънии ҳаёти худро аздастрафта ҳисобида, дар ӯ хоҳиши даст кашидан аз ҳаёт пайдо мешавад [2, с.78].

Ба нафароне, ки арзишҳои ҳаётӣ дида намешаванд, диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Одатан аз онҳо чунин гуфтаҳо ба гӯш мерасанд: «зиндагӣ кардан дигар арзише надорад», «ман аз ин гуна зиндагӣ сер шудам ва ғ.», ин гуна ашхос амали худкуширо дунболагирӣ менамоянд. Давраи омӯзиш аз фикрҳои худкушӣ то давраи амалии он аз якчанд дақиқа то якчанд моҳ довом ёфта метавонад ва чунин вазъиятҳо боиси таркиши эмотсионалӣ гардида, шахс рӯ ба худкушӣ меорад [5, с123]:

- пастшавии устуворӣ ба сарбориҳои эмотсионалӣ;
- фикррониҳои ба худ хос (нокифоя будани механизмҳои банақшагирии оянда);
- номувозинатӣ дар системаи муоширатнамоӣ ва барқарор кардани муносибатҳои шахсӣ;
- ғайриадекватӣ будани имкониятҳои худбаҳодиҳии шахс (худбаҳодиҳии паст, афсурдагӣ, изтиробнокӣ);
- аз даст додани арзишҳои ҳаётӣ;
- аз даст додани шахси наздик (дӯстдошта).

Дар одамони ба худкушӣ моил ҳиссиёти амбивалентӣ ҳукмрон аст. Онҳо маъюсу ноумед буда, айни ҳол ба халосӣ умед мебананд. Дар бисёр ҳолатҳо хоҳиши худкушӣ ва зидди он чунон баробар аст, ки агар хешовандон шафқату ғамхорӣ ва дастгирӣ намоянд, он гоҳ дилбастагӣ ба ҳаёт ҳатман ғолиб мебарояд. Бинобар ин, ҳангоми суҳбат бо шахси ба худкушӣ майлдошта донистани аломатҳои худкушӣ ва роҳҳои он хеле муҳим аст. Хатари сар задани тамоюл ва амали худкушӣ зиёдтар мегардад, агар дар ин маврид наздикону атрофиёнаш ҳисси эмпатияро (ҳамҳисӣ) ба ӯ равона накунанд. Зеро дар ӯ фикрҳои зерин пайдо мешавад:

- маро ҳеҷ кас намефаҳмад, ҳама бар зидди ман ҳастанд, ҳақиқат нест, барои мубориза бурдан қувватам намерасад;
- ман ба ҳеҷ кас даркор нестам, барои чӣ танҳо манро азият медиҳанд;
- оянда аз ин ҳам бадтар мешавад, ҳеҷ кор карда намешавад;
- худамро ягон вақт намебахшам.

Зимни фикрҳои мазкур даст ба худкушӣ зада метавонанд. Баъди ин зина, нишонаҳои рафторӣ дида мешавад, аз қабили:

- молҳои худро ба дигарон тақсим мекунанд;
- корҳояшро ба анҷом мерасонанд;
- бо нафароне, ки муносибати хуб надоштанд, муносибат барқарор мекунанд;
- дар рафторашон тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал меоянд;
- худро бечора ва нодаркор меҳисобанд;
- шабҳо аз бехобӣ азият мекашанд;
- майл ба хурдани хӯрок надоранд;
- беаҳамиятӣ ба намуди зоҳирӣ;
- хоҳиши танҳо будан (муошират бо одамони наздик дида намешавад).

Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ 800 намуди омилҳои худкуширо муайян намудааст ва аз ҷумлаи онҳо:

- Моҷароҳои оилавӣ.
- Муносибати ноодилонаи ҳамкорон, атрофиён.
- Ҳисси гунаҳкорӣ.
- Ба даст наовардани муваффақият дар фаъолияти меҳнатӣ.
- Паст задани шаъну шараф (рехтани обрӯй).
- Омилҳои иқтисодӣ.
- Тарс пеш аз ҷазо.
- Адаптатсияи иҷтимоӣ.
- Фавти шахси наздик.
- Нашъамандӣ.
- Майзадагӣ.
- Шаҳвонияти барвақт ва ғайра.

Зигмунд Фрейд худкуширо натиҷаи вайроншавии асаб ва инкишоф наёфтани ҳисси шаҳвонии одам меҳисобид. Равияи психоанализ амали худкуширо ҳамчун девонагӣ мебинанд. Яке аз намояндагони мактаби психоанализ Эскюрол, соли 1838 худкуширо яке аз нишонаҳои бемориҳои равонӣ медонист. Ӯ «мегуфт, ки "инсони бемор танҳо дар ҳолати ҳазён худкушӣ мекунад» [12].

Ба машваратчиёне, ки бо ин омилҳо ва гурӯҳҳо рӯ ба рӯ мешаванд, дар баробари ёрии психологии худ, ба рафиқон ва наздикони худкушанда бояд фаҳмонанд, ки аз муносибати содалавҳона ва натиҷабарории беасос худдорӣ намоянд. Дар ин маврид наздикону пайвандони худкушандаро лозим аст, ки муносибаташонро дигар намуда, ӯро дар маркази диққат қарор дода, ба мутахассис психолог-машваратчӣ муроҷиат намоянд. Психолог-машваратчӣ, дар навбати худ, аз сеансҳои (суҳбатҳои) ислоҳнамоиро ба роҳ монда, маҳорати баланди касбиашро барои бартараф кардани мушкилот истифода мебарад.

Вохӯрии аввалин бояд тавре сурат гирад, ки худкушанда ҳисси эмпатияи мутахассисро дарк намуда, боиси дилбастагии ӯ ба ҳаёт гардад. Зеро сеанси аввал нақши калидиро мебозад ва ин корҳои ислоҳнамоӣ занҷиршакл буда, аз якчанд давраҳои пай дар пай иборат мебошанд [7, с.169]. Дар ин давра, мутахассис-психолог бояд дар муроҷиаткунанда боварӣ ҳосил намояд, ки ӯ ба мутахассиси лозима муроҷиат кардааст ва дар оянда бо ҳамкории якҷояи онҳо мушкили рӯйи кор омада бартараф хоҳад шуд. Бо вуҷуди ин, дар ин маврид бояд тарзе суҳбатро ба роҳ монда, ки ӯ гап заданро оғоз намояд ва, пеш аз ҳама, мутахассис бояд дар мадди аввал шиддати эмотсионалии ӯро паст намояд ва баъдан ба ӯ имконияти оид ба фикрҳо ва таассуротҳои худ гап заданро диҳад.

Дар сеанси дуюм бошад, психолог бояд маълумотҳои бадастовардаи хешро оид ба шахсияти муроҷеъ ва вазъияти актуалии ӯ бо диққат таҳлил намояд. Бо муроҷеъ тарзе суҳбатро ба роҳ монад, ки дар бораи худ, мавқеи худ дар оила ва ҷойи кор гап занад. Ин дубора ба хотир овардани маълумотҳо, далолаткунандаи ба самти дигар равона сохтани андешаи ӯ мегардад. Дар ин маврид каме ҳам бошад, диққати мизоҷ дигар тараф мешавад. Дар аксари мавридҳо худкушанда чунин фикр мекунад, ки ин гуна вазъиятҳо танҳо ба ӯ рӯй медиҳад, ҳоло он ки дигарон ҳам ба чунин вазъиятҳо рӯ ба рӯ шудаанд, ё мешаванд. Пеш аз ҳама, ин муаммои сарбастаи ӯро кушода, фаҳмонидан лозим аст, ки ин гуна вазъиятҳо хосси ҳама гуна нафаронанд. Албатта, психолог-мушовирро зарур аст, ки техникаҳои махсуси машварати психологиро истифода кунад, зеро сухан дар бораи дубора ба ҳаёт баргардонидан меравад.

Техникаҳои махсуси машварати психологӣ чунинанд:

**"Оинакорӣ"** - ин гуна усул онро ифода мекунад, ки психолог барои корманд ноаён ҳаракатҳои ӯро такрор мекунад. Масалан, ҳаракат, талаффуз ва қиёфаи ӯро.

**"Азнавнақлкунӣ"** – моҳияти усули мазкур дар он ифода мегардад, ки психолог мазмуни кӯтоҳи нақли муроҷеъро бо суханони кӯтоҳи худ аз нав нақл мекунад ва ин ба хотири тасдиқи андешаҳои мизоҷ мебошад. Ҳангоми "Азнавнақлкунӣ" чунин иборахо бояд истифода бурда шаванд: "Ҳамин тавр", "Шумо гуфтед, ки....", "Ман Шуморо дуруст фаҳмидам...."

**"Ҷамъбасткунӣ"** - дар ин шакли муносибат психолог андешаҳои мизоҷро ба таври умумӣ ҷамъбаст мекунад. Ҷамъбастро бо чунин суханҳо оғоз кардан мумкин аст: "агар - ҳамаи инро хулоса кунем, он гоҳ мумкин аст, ҳамин хел гӯем .......?" "Агар ман Шуморо дуруст фаҳмида бошам, он гоҳ мазмуни гуфтаҳои Шумо чунин мешавад.......?"

**"Усули дастгирии эмотсионалӣ намудани ҳамсуҳбат"** - психолог бояд ба мизоҷаш ҳамҳис шуда, эмотсияҳои мусбатро зоҳир намояд.

Пешниҳод намудани саволҳое, ки фаъолияти фикрии ӯро бедор мекунанд, аз қабили : "чӣ?" "чӣ тавр?" "барои чӣ?" ва ғайра.

Аз худ кардан ва истифода бурдани хусусиятҳои забони мизоҷ, ки ҳангоми гуфтор имову ишораҳо метавонанд барои психолог-машваратчӣ ахбороти нав диҳад.

Мутахассис дар сеанси навбатӣ, бо ҳамроҳии мизоҷ нақшаҳои якҷоя, роҳҳои баромадан аз ин буҳронро тарҳрезӣ мекунанд. Банақшагирии якҷояи психолог-машваратчӣ ва мизоҷ, бори дигар дар мизоҷ боварӣ ба неруи худ, дилбастагӣ ба ҳаётро барқарор карда метавонад.

Давраи чаҳорум, ҳалли интиҳоии кори ислоҳнамоии машваратчӣ ба шумор меравад. Нақшаи амал бояд дар ин давра аниқ, пайдарпай ва мухтасар бошад. Усулҳои маъмули ин давра: боваркунонӣ, фикрашро тағйир додан ва дар баъзе мавридҳо – талқиннамоии

ратсионалӣ мебошанд. Дар ин давра бояд мутахассис аллакай вобаста аз имкониятҳои доштаи мизоҷаш нақшаи амалро коркард ва пешниҳод намуда, аз пайи дар амал тадбиқ намудани он бошад. Бинобар ин, нафароне, ки машварат медиҳанд, бояд дучанд кӯшиш кунанд ва мизоҷонашонро бовар кунонида тавонанд.

Аз таҳлилҳои боло бармеояд, ки барои пешгирӣ намудани мушкилотҳои равонии ҷомеа, аз қабили худкушиҳо, бояд дар корхонаву муассиса ва умуман дар дилхоҳ ҷойҳои корӣ новобаста ба шакли фаъолияташон психолог-машваратчӣ фаъолият намояд, то ин ки мушкилотҳои ҷойдоштаро бартараф намуда, самаранокии фаъолияти меҳнатиро баланд бардорад.

## АДАБИЁТ


1. Амонов Н.Қ. Таъсири доираи муошират ба амали худкушӣ / Н.Қ. Амонов, Б.Х. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2016. - №3/8.
2. Березин Ф.Б. Психическая и психологическая адаптация человека. Монография / Ф.Б. Березин. - Л.: Наука, 1988.
3. Қодиров Қ.Б. Психологияи ичтимоӣ / Қ.Б. Қодиров, М.Т. Давлатов. -Душанбе: Сино, 2004.
4. Қодиров Қ.Б. Вожаномаи тафсирии истилоҳоти психологӣ ва педагоӣ / Қ.Б. Қодиров, М.Т. Давлатов, С.Х. Расулов. -Душанбе: КВД «Кишоварз», 2008.
5. Латифзода С.З. Меъёрҳои касбӣ-психологии қабули номзадҳо ба мақомоти корҳои дохилӣ ва роҳнамоии психологии онҳо / С.З. Латифзода. –Душанбе, 2015.
6. Мельников В.М. Введение в экспериментальную психологию личности / В.М. Мельников, Л.Т. Ямпольский - М.,1985.
7. Основные виды деятельности и психологическая пригодность к службе в системе органов внутренних дел. /под ред. Бовина Б.Г., Мягких Н.И., Сафронова А.Д. –М.,1997.
8. Основные методы профессионального психологического отбора в органах внутренних дел Российской Федерации. Методическое пособие. –Пермь, 2003.
9. Рубинштейн С. Л. Основы общей психологии / С. Л. Рубинштейн. - М., 1946.
10. Саидов Б.Х. Таҳаммулпазирӣ ва ҷанбаҳои психологии он ба амали худкушӣ / Б.Х. Саидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2017. -№3\7, қисми 2.
11. Юнусова Н.М. Худкушӣ: ҷанбаҳои иҷтимоӣ-равонӣ ва тадбирҳои эҳтиётии он/ Н.М. Юнусова, Н.М. Шаропова, Г.Д. Гулмирзоева. - Душанбе: ҶДММ «Голд-Принт», 2014.
12. [Захираи электронӣ]. http://www.ozodi:orq


## ДЕЗАДАПТАТСИЯИ ПСИХОЛОГӢ ЯКЕ АЗ САБАБҲОИ ХУДКУШӢ


Дар мақолаи мазкур масоили мубрами равонӣ, ки дар замони муосир дар байни кормандон ва дигар ашхоси ҷомеа боиси оқибатҳои нохуши равонӣ гардидаанд, мавриди таҳлили мутахассисони соҳаи равоншиносӣ қарор гирифтаанд. Масоили мазкур дар илми равоншиносӣ бо номи дезадаптатсияи психологӣ мавриди истифодаи умум қарор гирифтааст. Аслан омилҳо ва ё бо ибораи дигар сабабҳои даст ба худкушӣ задани ашхоси қишрҳои гуногуни ҷомеа ва синну солҳои мухталиф бисёранд ва дар байни ин омилҳо яке аз сабабҳои онҳоро дезадаптатсияи психологӣ ташкил медиҳад, гарчанде олимон сабабу омилҳои худкуширо гуногун шарҳу эзоҳ медиҳанд. Ба ақидаи З. Фрейд, ду навъи рағбат вуҷуд дорад: яке аз онҳо ғаризаи ҳаёт - Эрос ва дигараш, рағбат ба марг ва хашму ғазаб - Танатос мебошанд ва дар байни ин ду ғаризаи бо ҳам зид доимо тағйирёбӣ мавҷуд аст. Дар шахсони майли худкушӣ дошта, Эрос бо гузашти вақт заиф мегардад ва Танатос бошад, ҳаракатҳои худро суръат бахшида, то охири ҳаёти инсон фаъол мегардад ва инсонро ба марг бурда мерасонад. А.Г. Амбрумова ва як қатор тадқиқотчиёни дигар кирдори худкуширо ҳамчун натиҷаи мутобиқ шуда натавонистани шахс бо хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ дар шароити зиддияти микроиҷтимоӣ баҳо медиҳанд. Ҳангоми адаптатсия нашудани шахс дар муҳити нав, дар ӯ мушкилоти равонӣ ба вуҷуд меояд. Ин вазъият ба фаъолияти меҳнатиаш бетаъсир намемонад, дар ӯ вазъиятҳои мураккаб, вайроншавии муайяни худҳиснамоӣ аз қабили эҳсоси беқувватии ҷисмонӣ ва хастагӣ мушоҳида мешаванд. Яъне, самаранокии фаъолияти меҳнатиаш коҳиш ёфта, муҳити корӣ аллакай ба ӯ дилбазан менамояд.



**Калидвожаҳо:** худкӯшӣ, омилҳои равонӣ, дезадаптатсияи психологӣ, адаптатсия, афсӯрдаҳолӣ, мушкилотҳои равонӣ, изтиробнокӣ, бошиддатии психикӣ, мутобиқшавии иҷтимоӣ, арзишҳои ҳаётӣ.


## ПСИХОЛОГИЧЕСКАЯ ДЕЗАДАПТАЦИЯ - ОДНА ИЗ ПРИЧИН СУИЦИДА


В данной статье рассматриваются психологические проблемы, которые в наши дни считаются актуальными, и этот термин в психологической науке называется «психологической дезадаптацией». Иными словами, причин суицида, которые совершают разные слои общества, много, но одной из этих причин является психологическая дезадаптация, хотя ученые объясняют разные причины самоубийства. По словам З. Фрейда, есть две страсти: одна из них – инстинкт жизни - Эрос, а другой – страсть к смерти – Танатос, и между ними существует постоянный конфликт. У лиц, склонных к самоубийству Эрос слаб, а Танатос активируется и ускоряет движение и ведет к гибели человеческой души. А.Г. Амбрумова и ряд других исследователей оценивают самооценку человека в результате суицида социально-психологических характеристик в контексте противоречивого антисоциального поведения. В случае несоблюдения новой среды возникают психологические проблемы. На эту ситуацию не может влиять его или ее работа, в которой возникают сложные ситуации, расстройства самооценки, такие как физическое и эмоциональное расстройство. То есть эффективность его трудовой деятельности была снижена, и рабочая среда уже в пользу его.



**Ключевые слова:** суицид, психологические факторы, психологические расстройства, депрессия, апатия, тревога, психосоциальное благополучие, социальная адаптация, жизненные ценности, психологическая дезадаптация.

**PSYCHOLOGICAL DYSADAPTION IS ONE OF THE CAUSES OF SUICIDE**

This article deals with psychological problems, which are considered relevant today and this term in psychological sciences is called psychological disadaptation. In other words, the causes of suicide that commit different layers of society are many, but one of these reasons is psychological maladjustment, although scientists explain different reasons for suicide.

According to Z. Freud, there are two passions: one is the instinct of life - Eros, and the other is the passion for death - Thanatos, and there is a constant conflict between them. In individuals prone to suicide Eros is weak, and Thanatos is activated accelerates the movement and leads to the death of the human soul. A.G. Ambromova and a number of other researchers assess the self-esteem of a person as a result of suicide socio-psychological characteristics in the context of contradictory antisocial behavior. In the case of non-compliance with the new environment, psychological problems arise. This situation can not be influenced by his or her work, in which there are complex situations, self-esteem disorders, such as physical and emotional frustration. That is, the effectiveness of his work was reduced, and the working environment is already in favor of him.

**Keywords:** suicide, psychological factors, psychological disorders, depression, apathy, anxiety, psychosocial well-being, social adaptation, life values, psychological maladjustment.

**Сведения об авторах:** ***Саидов Бахрулло Холович*** – Таджикский национальный университет, докторант (PhD). **Адрес**: 734025, РеспубликаТаджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.Телефон: **985-31-54-33**. E-mail: **bahrullo_90@mail.ru**
***Латифзода Сомон Зариф*** - Таджикский национальный университет, докторант (PhD). **Адрес**: 734025, РеспубликаТаджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.Телефон:**918-18-18-29**. E-mail: latifzoda_01@mail.ru

**Information about authors:** ***Saidov Bahrullo Holovich*** - Tajik National University, doctoral candidate (PhD). **Address:** Republic of Tajikistan, 734025. Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel:**985-31-54-33**. E-mail: **bahrullo_90@mail.ru**
***Latifzoda Somon Zarif*** - Tajik National University, doctoral candidate (PhD). Tel: **918-18-18-29**.
E-mail: **Latifzoda_01@mail.ru**

УДК: 378+61(575.3)

# ҚИСМАТҲОИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИДРОКИИ ДОНИШҶӮЁН

***Алиева Г.***
**Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав**

Лоиҳаи фаъолноксозии фаъолияти идрокии донишҷуён дар таҳқиқи мо ҳамчун лоиҳакашии пешакии раванди таълимӣ – тарбиявӣ дарк карда мешавад, яъне маҷмӯи усулҳо, воситаҳо ва пайдарпайии онҳо барои бадастории мақсадҳои гузоштаишуда– ҳавасмандгардонии хониши донишҷӯён ҳангоми татбиқи муносибати субъект –субъектии омӯзгор ва донишҷӯ; иртиботи чандинтарафа; таъсиррасонии маҷмӯӣ ба соҳаҳои ангезавӣ - талаботӣ, пуртаъсир – иродавӣ ва когнитивии шахсият; тартиб додани донишҳо аз ҷониби толибилмон; истифодаи худбаҳодиҳӣ ва робитаи гардон бо такя ба фаъолнокии хонанда ба даст меояд.

Ба сохтори лоиҳа ҷузъҳои мақсаднок, мазмуннок, ташкилӣ, амалиётӣ, ташхисӣ дохил мешаванд, ки байни якдигар алоқаи зич доранд.

**Қисмати мақсаднок** аз муайянсозии мақсади фаъолноксозии фаъолияти идрокии донишҷӯён дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ иборат буд; азхудкунии мавод аз ҷониби донишҷӯён дар мувофиқа бо барнома, фароҳамории шароитҳо, ки дар онҳо хонанда худ донишҳоро кашф намуда, онҳоро лоиҳакашӣ менамояд [4, с. 227-228]; таъмини кори донишҷӯён дар сатҳи баланди эҷодии идрок (таҳлил, синтез, баҳогузорӣ), пешакӣ азхудкунии сатҳи паст (дониш, дарк, истифодабарӣ). Мақсадҳои ташхисӣ дар ҳар як марҳилаи кор аниқ карда шудаанд.

**Қисмати мазмуннок** интихоби маводи таълимиро дар мувофиқа бо талаботҳои барнома; принсипҳои дидактикӣ; «пирамидаҳои» дар ёд доштан; муносибатҳои фардӣ ва тафриқавӣ дар бар мегирад.

**Қисмати ташкилӣ** бо методҳои бозӣ ва проблемавӣ (полилоги таълимӣ, бозии дидактикӣ, тағйирдиҳии конвенсионалии нақшҳо) дар мувофиқа бо махсусиятҳои синнусолии донишҷӯён, сензитивнокӣ нисбати азхудкунии забонҳо, ташаккули тезутунди соҳаи когнитивӣ, рушди салоҳиятнокии иҷтимоӣ мубрам гардонида шудааст. Истифодаи иттилооти идрокӣ ва шавқангез, ҳавасмандгардониии дарёфтҳои нодир, бозёфтҳо дар бозиҳои дидактикӣ, тасвияи машқҳои таълимӣ, ки якчанд варианти ҷавобҳои дурустро пешбинӣ менамояд, интихоби як ва ё якчанд аз ин ҷавобҳои баробар бо асосноксозии бартарии он, инчунин ташкили иттиҳоди кӯдакона, таъмини сатҳи мувофиқи эҳсосот, фазои хайрхоҳона ва эҷодӣ. Ба ақидаи К.Е. Венсел, муҳим он аст «то ки кӯдакон худашон

фикрашонро баён намоянд, нишон диҳанд, нақл ва саволу ҷавоб кунанд, то ки омӯзгор зиёдтар гӯш диҳад…, то ки кӯдакон ҳамеша фаъол бошанд, на бо чеҳраи дилсӯзона …» [1].

Лоиҳаи фаъолноксозии фаъолияти идрокӣ дигар шакли иртиботро дар машғулиятҳо талаб менамояд, ки онро метавон дар намуди амсилаи иртиботи чандтарафа ба қайд гирифт. Яке аз шартҳои зарурӣ - маҳорати донишҷӯён дар бурдани суҳбати гурӯҳӣ мебошад.

Масалан, ташаккули маҳоратҳои нуқтаи назари худро баён намудан бо бо баҳисобгирии гуфтаҳои ҳамсуҳбат, яъне ҷудосозии масоил, муқаррарсозии дараҷаи шабоҳати нуқтаи назарҳо, ташаккули нуқтаи назари хусусӣ, асосноксозии далелҳо ба фоидаи он. Амалиётҳои асосӣ дар машғулиятҳои навъи зерин - муқоиса, ҷамъбаст, қабули қарори пурмаъно, дар хотир мондани иттилооти бадастомада.

Сохтори машғулият:

1. Гӯш кардани эзоҳоти кӯтоҳ бо мақсади муқаррарсозии ҳаммонандӣ ва ё мухолифатнокии нуқтаи назарҳо. E. g.: «Dancing is a waste of time». «It teachers people nothing useful». «Giving parties is the best way to relax».

2. Сохтори эзоҳоти муфассал ҳамчун натиҷаи якҷояшавӣ ба гуфтугӯи бегона. «Do you think Mary will come to the party tonight? Idoubtit. Sheisn'tsociable. She doesn't like dancing. But her friend adores dancing and meeting people. …»

3. Хониши ду фикри баёншуда аз рӯйи як масоил ва ҷамъбасти ақидаҳои умумӣ ва гуногун . a) When people are young the yshoul dfallinto the habit of reading. This is becoming more and more difficult. Television and cinema take a lot of time. b) Why read when you can see one at the cinema? The art of conversation and the habit of reading and writing are dying. People are becoming lookers and listeners.

4. Эзоҳи шахсии яке аз нуқтаи назар аз рӯйи интихоб.

Барои нигоҳдории вазъи амалкунандаи мусбии донишҷӯён, таъмини қобилияти кории умумии устувор ва аз ҷумла қобилияти кории зеҳнӣ, дар машғулиятҳо дақиқаҳои варзиши ҷисмонӣ дароз карда шавад, ёзонидани панҷаҳо пеш аз навиштан, бозиҳои дидактикӣ, кор бо воридсозии ҳаракатҳои муайян дар назар дошта шудааст. Вазифаҳои таълимӣ дар алоҳидагӣ, ҷуфт- ҷуфт, гурӯҳҳои хурд, гурӯҳҳои аралаш, рӯ ба рӯ иҷро карда мешаванд.

Татбиқи **қисмати амалиётӣ** татбиқи марҳилавии сатҳҳои фаъолияти тафаккуриро дар мувофиқа бо таксономияи мақсадҳои когнитивии Б.Блум пешбинӣ менамояд [2].

1. Дониш: қобилияти донистан, аз нав ба вуҷуд овардани иттилооти махсус, бо воридсозии воқеот, истилоҳоти қабулгардида, маҳакҳо, принсипҳо ва назарияҳои методологӣ.

2. Фаҳмиш: қобилияти дарки маънии аслии ҳар як иттилоот. Б.Блум се навъи реҷаи фаҳмишро ҷудо намудааст:

- гузариш – қабули баёнот ва гузаронидани он ба шакли дигар (дигар калимаҳо, графикаҳо ва ғайра);
- тафсир – дигаргун кардани ғояҳо ба конфигуратсияи нав;
- экстраполятсия – баҳогузорӣ ва пешгӯӣ, бо дарназардошти иттилооти бадастомада.

3. Истифодабарӣ: маҳорати гирифтан ва истифодаи принсипҳо ва ё равандҳо дар ҳолати нав, ки пештар бе нишондод аз дигар тараф омӯхта шудаанд. Масалан, қабули ҷамъбастҳои иҷтимоӣ – илмӣ нисбати масоилҳои алоҳидаи иҷтимоӣ ва ё принсипҳои лингвистӣ нисбати ҳолатҳои амалӣ.

4. Таҳлил: тақсимоти мавод ба таркиботи алоҳида бо муқаррарсозии муносибати онҳо ва дарки амсилаи ташкили онҳо. Масалан, дарки камбудиҳои ташаккулёфта, ошкорсозии алоқаҳои сабабӣ – пайомадӣ ва дарки шаклҳо ва усулҳо дар корҳои эҷодӣ.

5. Синтез: раванди эҷодии пайвастшавии қисматҳо ва ё ҷузъҳо ба як умумияти нав. Пешниҳоди усулҳои тафтиши гипотезаҳо ва ташаккули назарияҳое, ки дар ҳолатҳои пешомада истифода мегарданд.

6. Баҳогузорӣ: раванди коркарди ақидаҳои арзишнок дар бораи ғояҳо, қарорҳо, методҳо ва ғайра. Ин баҳогузориҳо метавонанд ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ бошанд, лекин онҳо бояд аз истифодаи маҳакҳо ва ё стандартҳо асос ёбанд, масалан, баҳогузории ҳалли муносиби ҳолати таърихӣ ва ё баҳогузории натиҷаҳои кор дар асоси стандартҳо дар омӯзиши забони англисӣ [2].

Инчунин, дар ҳар як сатҳ алгоритмҳои муайяни амалиётҳои фаъолияти зеҳнӣ аз худ карда мешаванд: амалиётҳои муқоиса, таҳлил, синтез, аниқгардонӣ ва таҷрид шудан, ташаккули мафҳумҳо, сохтани ақоид ва хулосабарориҳо, гурӯҳбандиҳо, ҷамъбастгардонӣ, мураттабгардонӣ.

Азхудкунии ин алгоритмҳо ба татбиқи мақсадҳои идрокӣ, инчунин ташаккули малакаҳо: фаъолияти таълимӣ, амалҳои махсуси лингвистӣ мусоидат менамоянд.

**Қисмати ташхисӣ**, аз назорати пешакӣ, ҷорӣ, мавзӯотӣ ва ҷамъбастӣ иборат аст ва бо алоқаи гардони фаврӣ ба воситаи мушоҳидаи баҳаракатдаровардашуда аз рӯйи реаксияҳои рафтории донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ ва бозӣ, корҳои санҷишӣ, баҳогузории интизомнокӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва маҳсулоти фаъолияти донишҷӯ таъмин карда мешавад, ки дастовардҳои мақсадҳои ташхисиро нишон медиҳанд, ки онҳо сатҳи фаъолнокии идрокиро нишон медиҳанд. Таҳлили иттилооти бадастомада самтҳои кори ислоҳотиро оиди мувофиқгардонии раванди таълимӣ – тарбиявӣ муайян намуд. Истифодаи алгоритмҳои амалиётҳои фаъолияти зеҳнӣ ҳангоми омӯзиши якчанд фанҳои таълимӣ имконият дод, ки сатҳи ташаккулёбандагии малака ташхис карда шуда, саривақт ислоҳот ворид карда шавад.

Татбиқи лоиҳаи фаъолгардонии фаъолияти идрокӣ дар раванди таълимӣ аз омӯзгор фароҳамории шароитҳои муайянро талаб менамояд, ки имкониятҳои гуногунро барои ташкили раванди таълим пешниҳод месозад. Ба чунин шароитҳои педагогӣ муҳити психологиро метавон нисбат дод, ки дар аудитория ташаккул ёфтааст; меъёрҳои кори муштарак, ки аз ҷониби омӯзгор дар якҷоягӣ бо хонандагон коркард гардидаанд; навъҳои иртибот, ки дар раванди таҳсилот татбиқ мегарданд; ҷобаҷо гузории асбобу бисоти хона, таҷҳизонидани аудиторияи таълимӣ ва маводи гуногун, ки онҳоро омӯзгор ва донишҷӯён дар фаъолияти худ дар машғулиятҳо истифода хоҳанд бурд.

Омӯзгор барномаи фаъолияти дарпешистодаро аз рӯйи фан, курс, машғулият ва ғайра гуногун тасаввур менамояд: метавонад танҳо бо номгӯйи мавзӯъ ва номбаркунии он чи ки бо он донишҷӯён машғул мешаванд, маҳдуд шавад, боз метавонад мазмуни машғулиятҳои дарпешистодаро шарҳ диҳад, мақсадҳоеро қайд намояд, ки дар пеши худ ва хонандагон гузоштааст, ба онҳо дар бораи методҳо ва меъёрҳои корҳои пешбинишуда нақл намояд.

Мавқеи кушодаи омӯзгор, пешниҳоди муфассали барномаи кори дарпешистода ба паст кардани фишор дар аудитория мусоидат менамоянд, ба хонандагон имконият медиҳанд, ки дурнамои фаъолияти худро бубинанд, аз ҳисси нобоварӣ ва биму ҳарос аз оянда озод шаванд. Барои татбиқи азхудкунии амалиёти банақшагирӣ худи омӯзгор бояд амалҳои муайянро анҷом диҳад.

1. Шиносоии донишҷӯён бо мақсадҳои машғулият. Хонандагон бояд дарк намоянд, ки аз онҳо чӣ талаб карда мешавад, натиҷаи фаъолияти онҳо бояд чӣ гуна бошад. Эълони мақсадҳо дар оғози машғулият имконият медиҳад, ки ба онҳо дар охири машғулиятҳо баргарданд ва бо хонандагон дараҷаи бадастории онҳоро (рефлексия) таҳлил намоянд.

2. Шиносоӣ бо мақсадҳои истифодабарии методҳои банақшагирифташуда. Ин барои он лозим аст, ки донишҷӯён фикр накунанд, ки нисбати онҳо ягон хел ҳаракати ғайриодӣ амалӣ мешавад. Ғайр аз ин, бо азхудкунии схемаи фаъолият хонандагон дар оянда алгоритми коркарди маҳоратҳои муайянро ба фаъолияти мустақилонаи худ мегузаронанд. Омӯзгор фаҳмонда медиҳад, ки бо чунин тарзу усулҳо сатҳи рушди донишҷӯёнро ташхис наменамояд, балки ба онҳо дар ташкили беҳтари фаъолияти худ кумак менамояд ва ин ба хонандагон ёрӣ медиҳад, ки ба фаъолияти худ боз ҳам бошуурона муносибат намоянд.

Ҳамин тариқ, фаъолнокгардонии фаъолияти идрокӣ аз омӯзгор муносибати навро ба соҳаи ангезавӣ – муассирии хонанда, ташкили шароитҳои муайян, ки имкониятҳои гуногунро барои ташкили раванди таълимӣ фароҳам меоранд, талаб менамояд. Ба чунин шароитҳои педагогӣ муҳити психологиро метавон нисбат дод, ки дар аудитория ташаккул ёфтааст; меъёрҳои кори муштарак, ки аз ҷониби омӯзгор дар якҷоягӣ бо хонандагон коркард гардидаанд; навъҳои иртибот, ки дар раванди таҳсилот татбиқ мегарданд; ҷобаҷо гузории асбобу бисоти хона, таҷҳизонидани аудиторияи таълимӣ ва маводи гуногун, ки онҳоро омӯзгор ва донишҷӯён дар фаъолияти худ дар машғулиятҳо истифода хоҳанд бурд.

## АДАБИЁТ


1. Венцель К. Н. Свободное воспитание: Сб. научных трудов / К. Н. Венцель. - М., 1993. - С. 96-97.
2. Лернер И.Я. Дидактические основы методов обучения / И.Я. Лернер. - М.: Педагогика, 1981. -186 с.
3. Пидкасистый П. И. Самостоятельная деятельность студентов. Дидактический анализ процесса и структуравоспроизведения и творчества П. И. Пидкасистый. - М.: Педагогика, 1972. - 184 с.
4. Шамова Т.И. Активизация учения школьников / Т.И. Шамова - М.: Педагогика, 1982. -209 с
5. Щукина Г.И. Педагогические проблемы формирования познавательного интереса студентов / Г.И. Щукина. - М.: Педагогика, 1988. - 208 с.

## ҚИСМАТҲОИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ФАЪОЛИЯТИ ИДРОКИИ ДОНИШҶӮЁН

Муаллиф дар мақолаи мазкур қисматҳои фаъолнокгардонии фаъолияти идрокии донишҷӯёнро ҳангоми омӯзиши забони англисӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ба сохтори лоиҳа ҷузъҳои мақсаднок, мазмуннок, ташкилӣ, амалиётӣ, ташхисӣ дохил мешаванд, ки байни якдигар алоқаи зич доранд. Дар ташкили фаъолияти мустақилонаи идрокии донишҷӯён вазифаи асосӣ ташкили интиқоли малакаҳои бадастомадаи истифодаи алгоритмҳо амалиётҳои фаъолияти зеҳнӣ ба кори мустақилонаи донишҷӯ мебошад. Фаъолнокгардонии фаъолияти идрокӣ аз омӯзгор муносибати навро ба соҳаи ангезавӣ – муассирии хонанда, ташкили шароитҳои муайян, ки имкониятҳои гуногунро барои ташкили раванди таълимӣ фароҳам меоранд, талаб менамояд. Ба чунин шароитҳои педагогӣ муҳити психологиро метавон нисбат дод, ки дар аудитория ташаккул ёфтааст; меъёрҳои кори муштарак, ки аз ҷониби омӯзгор дар якҷоягӣ бо хонандагон коркард гардидаанд; навъҳои иртибот, ки дар раванди таҳсилот татбиқ мегарданд; ҷобаҷо гузории асбобу бисоти хона, таҷҳизонидани аудиторияи таълимӣ ва маводи гуногун, ки онҳоро омӯзгор ва донишҷӯён дар фаъолияти худ дар машғулиятҳо истифода хоҳанд бурд.

**Калидвожаҳо:** ташаккул, фаъолият, таълимӣ – идрокӣ, забони англисӣ, раванд, васоит, макотиби олӣ, барнома.

## КОМПОНЕНТЫ АКТИВИЗАЦИИ ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ

Автор в данной статье анализирует компоненты активизации познавательной деятельности студентов при обучении английскому языку. В структуру проекта входят целевой, содержательный, организационный, операционный, диагностический компоненты, которые тесно взаимосвязаны между собой. В организации самостоятельной познавательной деятельности основной задачей является организация переноса полученных навыков использования алгоритмов операция мыслительной деятельности в самостоятельную работу студента. Активизация познавательной деятельности требует от педагога нового подхода к мотивационно – эмоциональной сфере личности учащегося, создания определенных условий, предоставляющих разнообразные возможности для организации учебного процесса. К таким педагогическим условиям можно отнести психологическую атмосферу, созданную в классе; нормы совместной работы, выработанные педагогом совместно с учащимися; план совместной работы, заключающийся в постановке учителем целей обучения, составлении плана работы, учебных действий, которые должны быть приняты учащимися, убежденными, что данный план работы учебного действия является значимым для них лично; тип коммуникации, реализуемый в образовательном процессе; организация среды учебной деятельности: расположение мебели, оборудование учебной аудитории и различные материалы, которые учитель и учащиеся могут использовать в своей деятельности на занятии.

**Ключевые слова:** формирование, деятельность, учебно-познавательная, работа, английский язык, процесс, средства, вуз, программа.

## COMPONENTS to ACTIVATIONS to COGNITIVE ACTIVITY STUDENT

The Author in given article analyses the components to activations to cognitive activity student when learning English. In structure of the project go target, profound, organizing, operating, diagnostic components, which closely interconnected between itself? In organizations of independent cognitive activity by primary task the organization of the carrying got skill of the use algorithm operation мыслительной to activity independent functioning (working) the student. The activation of cognitive activity requires a new approach from the teacher to the motivational and emotional sphere of the student's personality, It provides various opportunities for the organization of the educational process. To such pedagogical conditions can be attributed the psychological atmosphere created in the classroom; norms of joint work, developed by the teacher together with the students; joint work plan, which consists in setting the teacher's learning goals, drawing up a work plan, training activities that should be accepted by students who are convinced that this work plan of the educational action is meaningful to them personally; the type of communication implemented in the educational process; the organization of the educational activity environment: the layout of furniture, the equipment of the classroom and various materials that the teacher and students can use in their activity in the classroom.

**Keywords:** shaping, activity, scholastic-cognitive, functioning, English, process, facility, high school, program.

**Сведения об авторе**: ***Алиева Гулнора Сафаралиевна*** – Курган-Тюбинский государственный университет имени Носира Хусрава, кандидат педагогических наук, преподаватель кафедры практического курса английского языка. Телефон: **918 81 43 34.**

**Information about the author:** ***Aliyeva Gulnora Safaralievna*** - Kurgan-Tubin State University named after Nosir Khusrava, candidate of pedagogical sciences, teacher of the practical English course. Phone: **918 81 43 34.**

**УДК: 378+61**(575.3)

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ РАЗВИТИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ ВЫСШЕЙ МЕДИЦИНСКОЙ ШКОЛЫ В СИСТЕМЕ ПОСЛЕДИПЛОМНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

*Шерматов Д.С., Саторов Д.К.*
**Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино**

Изменения в сфере образования, которые возникают как во всем мире, так и в нашей республике, связаны с направлением образования, которое в последнее время нацелено на свободное формирование человека, его творческой активности, самостоятельности обучающихся, профессионализма и мобильности специалистов.[1-2]

В том числе реформирование в системе последипломного образования на современном этапе требует изменений в организации учебного процесса системы повышения квалификации специалистов в целом, и преподавателей высшей медицинской школы в частности. При этом совершенствование учебного процесса в системе повышения квалификации специалистов медиков с использованием информационно-коммуникационных компетенций направлено на перспективу развития этого направления.

Актуальность состоит в том, что в настоящее время в системе «Образование» активно осуществляется внедрение информационных технологий в образовательный процесс.

Совершенствование развития информационно-коммуникационных компетенций преподавателей высшей медицинской школы в системе последипломного образования есть системный процесс построения его содержания, основанный на сохранении фундаментальных основ и внесении изменений, обусловленных приоритетными направлениями модернизации образования, необходимостью регионализации содержания последипломного образования и личностно профессиональными потребностями преподавателей высшей медицинской школы. Оно должно предоставить преподавателям высшей медицинской школы возможность получать знания и приобретать умения, дающие возможность максимально эффективно применять средства и методы доступа к информационным ресурсам и информационным коммуникациям, способствовать развитию и практическому применению информационно-коммуникационных технологий, которые являются необходимой составляющей профессиональной компетентности современного преподавателя высшей медицинской школы.

Данная работа посвящена комплексу взаимосвязанных и взаимообусловленных факторов, обеспечивающих целенаправленный процесс развития информационно-коммуникационных компетенций преподавателей высшей медицинской школы в системе последипломного образования.

Центр по обучению слушателей курса повышения квалификации ТГМУ им. А. Сино, который ориентируется на инновационный путь развития, находит не только новые методы преподавания слушателям курса повышения квалификации, но и использует новейшие информационные компьютерные технологии (ИКТ) [2-3].

Отсюда, информационные технологии помогут медикам эффективно проводить экспериментально-исследовательские работы и обрабатывать эти результаты на кафедрах, что облегчает доступ и использование новейших достижений в области образования.

Часть технологий может поддерживать учебный процесс (лекционные и практические занятия), другие технологии способны эффективно поддержать разработку новых учебников и учебных пособий. Основными направлениями деятельности центра обучения является непрерывное образование в переподготовке профессорско-преподавательского состава высших и средне- специальных медицинских кадров и их становление высокопрофессиональными специалистами, также предусмотрены разные виды учебных занятий. Таким образом, происходит воспитательное воздействие на сознание и волю слушателей курса, с одной стороны, через содержание учебного материала, с другой – через направление слушателей курса повышения квалификации на учебную работу и, прежде всего, через морально-духовный потенциал.

Созданы научно и методически обоснованные системы базового образования на основе компьютерных технологий, а также упрощён доступ к электронной библиотеке.

Программы послевузовского обучения преподавателей высшей медицинской школы имеют, как правило, модульную структуру, что позволяет реализовать поэтапное освоение содержания этих программ.

Использование блоков, содержащих теоретические, практические и контрольно-измерительные материалы, позволяет организовывать проведение занятий различного формата, среди которых: циклы тематического и общего усовершенствования, профессиональной переподготовки; семинары и конференции; теоретические циклы; мастер-классы; презентации инновационных медицинских технологий, техники и препаратов.

Как правило, на занятиях преподавателям предлагается следующий ряд дидактических требований, которые можно рассмотреть как принципы применения информационно-коммуникационных технологий:

- умение применять информационно-коммуникационные технологии обучающимися;
- сознательность, динамичность и самостоятельность слушателей при руководящей роли педагога;
- систематизация и последовательность предоставления учебно-методических материалов;
- мотивация позитивного отношения слушателей к учебно-познавательной деятельности;
- гуманизация образовательного процесса, который предполагает ориентацию обучения на потребности личности;
- формирование творческой самостоятельности и активности личности.

Запросы современной медицины ставят перед центром задачи роста качества слушателей, чья компетентность на сегодняшний день выражается не только в объеме знаний, но и в способности ориентироваться в сведениях различного рода информации, запоминать наиболее важные данные, а также в умении находить необходимую информацию для заполнения пробелов в знаниях. Помимо этого, компетентность преподавателя высшей медицинской школы отличается опытом использования приобретенных знаний и умений, как по образцу, так и в новой, нестандартной ситуации.

Здесь делается акцент как на индивидуальное формирование и развитие специалиста, так и на формирование его характерных черт-умений находить общий язык с коллегами или взаимодействовать с окружающими. В связи с этим необходимо овладеть основными компетентностями и как следствие, информационно - коммуникативной компетентностью.

Информационно-коммуникативная компетенция – это профессионально-значимая интегративная черта личности, которая характеризуется способностью самостоятельно находить, выбирать необходимую информацию, систематизировать и представлять её; моделировать и проектировать объекты и процессы, осуществлять проекты, как в личностной сфере, так и при взаимодействии в группе[4-6].

Таким образом, развитие информационно-коммуникационных компетенций преподавателей высшей медицинской школы в системе последипломного образования является интегральной составляющей профессиональных, индивидуальных и деловых черт профессионала и определяет развитость умений динамичного информационного функционирования в условиях современной информационной среды, что определяет умения результативного поиска, сбора, анализа, переработки и передачи информации при реализации коммуникативных актов в профессиональной области.

Т.е. информационно-коммуникативная компетентность преподавателя высшей медицинской школы содержит в себе коммуникацию, работу с информацией, реализацию социальной роли, толерантное отношение к партнеру по общению, умение создавать оптимальное коммуникативное пространство, интеграцию IT-знаний и индивидуальных черт в наиболее единую способность взаимодействовать в пространстве информационных ресурсов, Интернет, умение создавать внутренние и внешние информационные ресурсы, освоение новых знаковых систем и другое.

Таким образом, информационно-коммуникативная компетентность педагога высшей медицинской школы - это интегративная специфика индивидуальных черт личности, которая способна с помощью актуализации полученного социокультурного опыта в профессиональной деятельности с помощью современных технологий в условиях ценностно-смыслового существования в едином мировом сообществе правильно строить деловое общение, используя язык и творческое воспроизведение, моделирование новых объектов и процессов глобального информационного пространства.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Гончаренко И.Ф. Информационно-коммуникационные технологии в профессиональной деятельности научно-практического работника в сфере военно-медицинского последипломного образования. Режим доступа: http://journal.iitta.gov.ua.- 2014 - 47.

2. Гулов М.К., Шерматов Д.С., Саторов Д.К., Кобилов К.К. Использование современных информационных технологий в медицинском последипломном образовательном процессе. Режим доступа: www.vestnik-Avicenna.tj - 2017- 19- 1 –html 42-45.
3. Джабарова Т.С. Мухиддинов Н.Д., Одинаев Ф.И., Джуракулова Ф.М. Оценка состояния и формирования медицинских кадров в Республике Таджикистан.WWW.vestnik-Avicenna.tj - 2016- 2- (67)- 119. Html.
4. Лозинская Т.М. Использование информационно-коммуникационных технологий для формирования ключевых компетенций учащихся [Электронный ресурс]. –Режим доступа: http://festival.1september.ru/articles/413929/.
5. Ефремова М.В. Формирование информационно-коммуникационной компетентности преподавателей: Доклад [Электронный ресурс]. http://nnov-nav-mou-muk.edusite.ru/DswMedia/formirovanieinformacionno.doc.
6. Кутлыева Л.В. Педагогические условия развития коммуникативной компетенции старшеклассников в социокультурном пространстве гимназии. -Режим доступа: Кибер Ленинка https://cyberleninka.ru/article/n/pedagogicheskie-usloviya-razvitiya-kommunikativnoy-kompetentsii-starsheklassnikov-v-sotsiokulturnom-prostranstve-gimnazii.

## ШАРОИТИ ПЕДАГОГИИ ИНКИШОФИ САЛОҲИЯТҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОМУНИКАТИВИИ УСТОДОНИ МАКОТИБИ ОЛИИ ТИББӢ ДАР СИСТЕМАИ ТАҲСИЛОТИ БАЪДИДИПЛОМӢ

Таҳқиқоти мазкур ба маҷмӯи омилҳои ба ҳам марбуте, ки чараёни мақсадноки инкишофи салоҳиятҳои иттилоотӣ-коммуникативии устодони макотиби олии тиббиро дар системаи таҳсилоти баъдидипломӣ таъмин менамоянд, бахшида шудааст. Мукаммалгардонии ҷараёни таълим дар системаи такмили ихтисоси мутахассисони тиббӣ бо истифодаи салоҳиятҳое, ки барои рушди ояндаи ин самт равона карда шудаанд, омӯхта шуд. Дар мақола масъалаҳои омӯзиши шунавандагони курси такмили ихтисос, ба воситаи ТИК ки усули инновтсионӣ мебошад, дида баромада мешаванд. Истифодаи самараноки ТИ ба табибон оиди чӣ гуна гузаронидани корҳои тадқиқотӣ-таҷрибавӣ ва коркарди натиҷаҳои онҳо дар кафедраҳои гуногун ёрӣ расонда, дастрасӣ ва истифодаи дастовардҳои соҳаи тандурустиро осон менамояд. Дар кори таҳқиқотии мазкур системаи пойгоҳии таҳсилоти илмӣ ва методӣ дар асоси технологияҳои компютерӣ, инчунин дастрасӣ ба китобхонаи электронӣ сохта шудааст. Барномаи таҳсилоти баъдидипломии омӯзгорони мактабҳои олии тиббӣ, ки аз рӯйи қоида сохтори модулӣ дорад ва амалишавии мафҳуми зина ба зинаи азхудкунии ин барномаро имконият медиҳад, сохта шудааст.

**Калидвожаҳо:** маҷмӯъ, салоҳият, тиб, иттилоот, таҳсилот, технология, касбият.

## ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ РАЗВИТИЯ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ ПРЕПОДАВАТЕЛЕЙ ВЫСШЕЙ МЕДИЦИНСКОЙ ШКОЛЫ В СИСТЕМЕ ПОСЛЕДИПЛОМНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

Данная работа посвящена комплексу взаимосвязанных и взаимообусловленных факторов, обеспечивающих целенаправленный процесс развития информационно-коммуникационных компетенций преподавателей высшей медицинской школы в системе последипломного образования. Изучено совершенствование учебного процесса в системе повышения квалификации специалистов медиков с использованием информационно-коммуникационных компетенций, которая направлена на перспективу развития этого направления. В статье рассматриваются вопросы по обучению слушателей курса повышения квалификации, который ориентируется на инновационный путь развития, с использованием новых методов преподавания слушателям курса повышения квалификации и новейшие информационные компьютерные технологии (ИКТ). Приводится эффективное использование информационных технологий, которые помогут медикам, как проводить экспериментально-исследовательские работы и обрабатывать эти результаты на различных кафедрах, что облегчит доступ и использование новейших достижений в области здравоохранения. В данной работе созданы научно и методически-обоснованные системы базового образования на основе компьютерных технологий, а также упрощён доступ к электронной библиотеке. Составлена программа послевузовского обучения преподавателей высшей медицинской школы которая, как правило, имеет модульную структуру, что позволяет реализовать поэтапное освоение содержания этих программ.

**Ключевые слова:** комплекс, компетенция, медицина, информация, образования, технология, профессионализм.

## PEDAGOGICAL CONDITIONS OF THE DEVELOPMENT OF INFORMATION-COMMUNICATIVECOMPETENCIES OF TEACHERS OF THE HIGHER MEDICAL SCHOOL IN THE SYSTEM OF POSTGRADUATE EDUCATION

This work is devoted to a complex of interrelated and interdependent factors providing a purposeful process of development of information-communicative competencies of teachers of the higher medical school in the system of postgraduate education. The perfection of the educational process in the system of professional development of medical specialists with the use of information-communicative competencies is studied, which is directed to the prospect of development of this direction. Problems of teaching the students of the professional development course which is oriented to the innovative method of development, with the use of new methods of teaching of the students of the professional development course and the latest Informative computer technologies are studied in this article. An effective use of information technologies which help physicians, how to carry out experimental research work and to process these results in different departments, is presented, which will facilitate the access and use of the latest achievements in the field of health. In this work, scientific and methodically-based systems of basic education based on computer technologies have been created, and access to the electronic library has been simplified. The program of postgraduate training of teachers of the higher medical school is made which, as a rule has a modular structure, that allows to realize stage-by-stage development of the contents of these programs is made.

**Key words:** complex, competence, medicine, information, education, technology, professionalism.

**Сведения об авторах:** ***Шерматов Дусназар Саидович*** – Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, доктор физико-математических наук, профессор, заведующий кафедрой медицинской и

биологической физики с основами информатики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Рудаки 139. Телефон: **919-04-49-48.** E-mail: **erkin_sermatov@list.ru**
***Саторов Далерджон Курбонович*** – Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино, ассистент кафедры медицинской и биологической физики с основами информатики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Рудаки 139. *Телефон:* ***903-77-16-16.*** E-mail: **54tj@mail.ru, s.d.q_1987.86@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Shermatov Dusnazar Saidovich -*** Tajik State Medical University named after Abulyi ibni Sino, doctor of physical and mathematical sciences, professor, head of the department of medical and biological physics with the basics of computer science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street 139. Phone: **919-04-49-48.** E-mail: **erkin_sermatov@list.ru**
***Satorov Dalerjon Kurbonovich -*** Tajik State Medical University named after Abulyi ibni Sino, assistant of the Department of Medical and Biological Physics with the basics of computer science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street 139. Phone**: 903-77-16-16.** E-mail: **54tj@mail.ru, s.d.q_1987.86@mail.ru**

УДК:371(575)

# ВАЗИФАҲО ВА МАЗМУНИ УСУЛҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚИ УРФУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ОИЛАВӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ

***Бобоева М.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Имрӯз бо шарофати истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти васеъ фароҳам омадааст, ки ба педагогикаи миллӣ рӯ орем ва ба омӯзиши арзишҳои миллӣ, фарҳангӣ ва таърихии халқи тоҷик аз нигоҳи нав назар афканем, яъне ҷанбаҳои мусбии онҳоро таҳқиқу бозкушоӣ намоем. Бо назардошти ин олимони тоҷик дар ин самт таҳқиқотҳои арзишмандро анҷом дода истодаанд ва ин имкон фароҳам овард, ки халқи тоҷик солҳои охир дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ таърихи қадима ва пурғановати фарҳанги худро муаррифӣ намояд.

Чи тавре ки олими намоёни тоҷик М. Лутфуллозода менависад, «муҳтавои таҳлилу таҳқиқи педагогикаи миллии моро бояд масъалаҳои тарбияи шахсияти фаъол, созанда ва эҷодкор, ватану ватандорӣ, эҳсоси худогоҳии миллӣ, равнақ ва ташаккули андешаи миллӣ, худшиносии таърихӣ, ҳамгироии арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, педагогикаи мардумӣ ташкил намояд» [6, с. 48].

Омӯзиши афкори педагогии халқи тоҷик ва таҳлили нақши анъана ва одатҳои оилавӣ собит менамояд, ки ҳамоҳангии табиии зиндагии оилавӣ пайваста аз тарафи волидон татбиқ гардида, таҷрибаи мувофиқакунонии рафтори аъзоёни хонавода ба он мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, фарзандон хостаҳо ва орзуҳои худро тобеи эҳтиёҷот ва манфиатҳои тамоми оила мекунанд, ки инро чун зинаи аввали тарбияи масъулият дар онҳо арзёбӣ намудан мумкин аст.

Бояд таъкид намуд, ки сифатҳои мусбати шахсият наметавонанд фақат бо истифодаи дастур, муҷозот ё суҳбату насиҳатҳои забонзадаи доимӣ дар бораи интизом ташаккул ёбанд. А.С. Макаренко ба волидон ҳидоят медод: «Моҳияти аслии кори тарбиявӣ асло на ба суҳбатҳои шумо бо кӯдак, на ба таъсироти бевосита ба ӯ, балки ба созмондиҳии оилаи шумо, ба ҳаёти шахсӣ ва иҷтимоии шумо вобаста аст» [6, с. 123]. Ин ба риоя кардани интизом дар оила, дар худ парваридани шуури боназму боинтизом будан дар ҷомеа, яъне воқеан масъулу масъулиятшинос будан барои сухан ва барои рафтори худ низ дахл дорад, ки дар ин сурат анъана ва одатҳои оилавии пешқадам аҳамияти бештар касб мекунанд.

Дар адабиёти илмӣ муҳаққиқони зерин анъанаҳои оилавиро тақсимбандӣ кардаанд [Ю.П.Азаров 1], [И.А Арабов 2], [М.И. Ашуралиев 3], [И.В. Гребенников 5]. Аммо мо зарур мешуморем, ки қабл аз ҳама, сабабҳои буҳрон дар риштаи маънавӣ – ахлоқии ҷомеаи муосирро баррасӣ намоем, чунки натиҷаи ин буҳрон косташавии асосҳои анъанавии оила мебошад. Ба ақидаи олимон, падидаҳои буҳронӣ дар ҳаёти оила гуногунавъ мебошанд:

– вайрон шудани тасаввуроти ахлоқӣ дар бораи никоҳ дар оила (робитаҳои ҳамсарӣ дар ҷаҳони муосир дигар ифодагари муҳаббати содиқона ва ваҳдати маънавии зану шавҳар намебошанд);

– тақрибан аз байн рафтани тасаввурот дар бораи зарурати вафодории абадии зану шавҳар;

– қабул карда шудани зану шавҳарӣ, тарбияи фарзандон чун як бори сангини номатлуб (бештар аз 1 миллион оилаҳои ҷавони тоҷик солҳо боз фарзандону хонаводаи худро ба ҳолаашон монда, дар Русия ва дигар кишварҳо қарор доранд);

– осеб дидани асосҳои хонаводагӣ: анъана – пурра вайрон шудани мартабаи муносибатҳои мутақобилаи оилавӣ, амалан аз даст рафтани сохтори анъанавии ҳаёти оилавӣ;

– вайрон шудани робитаҳои хешовандии оилавӣ байни наслҳо; (одатҳои анъанавии гӯш кардан ба сухани калонсолон ва эҳтиром ба солмандон дар канор мондаанд ё бо муқобилаи фаъолонаи ақидаи волидон ва омӯзгорон иваз карда шудаанд);

– дахл кардани бухрон амалан ба тамоми сатҳҳои ҳаёту фаъолият ва робитаи мутақобилаи аъзоёни оила (дар ҳаёти муосир нотавонии аъзои хонавода дар ҳамкорӣ ба мушоҳида мерасад);

– рӯнамо шудани робитаҳои маҳрамонаи шахсӣ дар муносибатҳои мутақобилаи зану шавҳар, волидон ва фарзандон, омода набудани аъзоёни оила ба бахшиши айб ва надоштани муносибати гарм, меҳрубонӣ нисбат ба якдигар;

– коста гардидани самимият дар муносибати мутақобила байни аъзоёни хонавода, дар нақши иҷтимоии мард, зан, кӯдак ҷой доштани сардаргумӣ;

– хонавода ба ҷойи он ки якпорчаю воҳид бошад, аксаран қобилияти ворид шудан ба ҳаёти муштарак бо якдигарро аз даст медиҳад ва дар натиҷа оила ба маҷмӯи инҷиқиҳо ва хостаҳои алоҳидаи ҳар як узви он табдил меёбад;

–бухрону косташавии тарбияи оилавӣ (канда шудани ирсияти анъанаи педагогӣ дар оила, дар масоили авлавияти рушд ва тарбия дар давраҳои гуногуни кӯдакӣ ва тасаввурот дар бораи қонунмандии ташаккули ҷаҳони маънавӣ – ахлоқии кӯдак ҷой доштани нофаҳмиҳо);

– бинобар сабаби дар кӯдакистонҳо тарбия кардани фарзандони худ, омода набудани намояндагони насли калонсол ба иҷрои нақши иҷтимоии бобою бибӣ (онҳо ба усулҳои анъанавии нигоҳубини фарзандони хурдсол балад нестанд, аз иштироки фаъол дар тарбияи наберахои калонсолтар бо ҳидояти хирадмандона ва содиқонаи худ парҳез мекунанд);

– натиҷаи бухрони оила будани проблемаҳои сершумори давраи бачагӣ (шумораи кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ ба иллати вазъи саломатиашон зиёд аст, бисёр проблемаҳо ба сабаби вайрон шудани робитаҳои дохилихонаводагии волидон ва фарзандон ба вуҷуд меоянд;

– аз ҷониби кӯдакони синни мактабӣ надоштани малакаи мувофиқа кардани рафтори худ бо низоми муайяни қоидаҳо ва ҳидоятҳои ахлоқӣ;

–ҷиноятkорӣ, майпарастӣ, нашъамандӣ, фосиқӣ, пайдо шудани нуқс дар тарбияи маънавӣ – ахлоқӣ наврасон ва ниҳоят дар насли наврас ташаккул наёфтани эҳсоси масъулият дар баробари оила, ҷомеа, миллат ва давлат.

Бинобар ин, саҳми низоми таълиму тарбияи иҷтимоӣ дар тарбияи арзишҳои анъанавии оила заиф аст. Махсус бояд таъкид кард, ки мавзӯи покдоманӣ, муҳаббат, вафодорӣ дар мазмуни барномаҳои таълимӣ ва ғайра тақрибан садо намедиҳанд. Ҷомеаи муосир тасаввуротро дар бораи покдоманӣ заиф сохтааст, дар воситаҳои ахбори умум мавзӯи тарбияи оилавӣ кам матраҳ мегардад, фарҳанги оммавӣ ва воситаҳои иттилоотии ғайриқонунӣ ба аслиҳаи фасодшавии ахлоқӣ табдил ёфтаанд, онҳо зӯрию хушунат, бешармӣ дар муносибатҳои оилавӣ, «озодии ишқ», бадахлоқии ҷинсиро тарғиб мекунанд.

Бинобар ин, зимни омӯзиши масъалаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки фаъолияти оилаи муосири тоҷикро бобати истифодаи анъанаю одатҳо ба мақсади омӯзонидани насли нав ба риояи бошуурона ва иҷрои ӯҳдадориҳои ҷамъиятии худ ва дар онҳо парваридани ахлоқи ҳамида, мавриди таҳлил қарор диҳем.

Мо дар тадқиқоти худ тақсимбандии анъана ва одатҳои оилавиро, ки аз ҷониби муҳаққиқ К. Пирлиев [7] анҷом дода шудааст, ба инобат мегирем. Вай анъанаҳоро аз нигоҳи хусусият ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: халқӣ ва халқӣ – динӣ. Анъанаҳои халқӣ аз рӯйи ифодаи худ ба тантанавӣ – идона ва муқаррарӣ (ҳаррӯза) ва аз рӯйи мазмун ба анъанаҳои вобаста ба ҳолати шаҳрвандӣ, зинаҳои зиндагии кӯдак, ҳамчунин анъанаҳои нави байналмилалӣ, ки шакли ифодаи тантанавӣ – идона доранд ва ба анъанаҳои рафтор, меҳнат ва башарӣ, ки шакли ифодаи муқаррарӣ (ҳаррӯза) доранд, ҷудо мешаванд.

Ба ин қисми анъана ва одатҳо ҳисоботдиҳии мутақобила дар оила, роҳандозии маросими наҳорхӯрӣ бо иштироки ҳамаи аъзоёни оила, тақсими ӯҳдадориҳои маишӣ, истироҳату фароғат бо ширкати тамоми аъзоёни хонавода, таваҷҷуҳ ва ғамхорӣ дар ҳаққи якдигар дохил мешаванд. Таҳқиқоти анҷомдода ҳаққонияти суханони А.С. Макаренкоро тасдиқ мекунад, ки гуфта буд: «Кӯдакон дар чунин доираи анъана ва одатҳо зиндагӣ карда, худро дар муҳити қонуни дастаҷамъонаи худ эҳсос мекунанд, бо он ифтихор мекунанд ва кӯшиш менамоянд онро беҳбуд бахшанд» [6, 349].

Одати ҳисоботдиҳии мутақобила, назорат ва мубодилаи иттилоот аз тарафи аъзоёни оила ин ҳисоботдиҳии кӯдак дар бораи муваффақияти худ дар таҳсил, дар иҷрои корҳои ҷамъиятӣ ва рӯзгор, назди волидон ва аъзоёни калонсоли оила, вобаста аз он, ки хонавода шаҳрӣ аст ё деҳотӣ, ҷанбаи анъанавӣ дошта, марҳилаҳои гуногунро дар бар мегирад.

Оилаҳо аз тариқи иҷрои вазифаҳои худ ба ҷомеа таъсир мерасонанд. Таҳти вазифаи оила маҷмӯи муносибатҳо ва алоқаҳои устувор фаҳмида мешаванд, ки байни аъзоёни оила ва байни оила ва ҷомеа ба вуҷуд омадаанд ва ба воситаи онҳо хонавода талаботи худро (хоҷагӣ - маишӣ, таваллуди кӯдак, маънавӣ, шаҳвонӣ ва ғайра) қонеъ месозад. Дар таърифи вазифаҳои оила чунин вазифаҳоро ҷудо намудан мумкин аст: дастгирии муттасилии биологии ҷомеа; дастгирии муттасилии фарҳангии ҷомеа; таъмини мавқеи иҷтимоӣ барои фарзандони худ. Оила ин ниҳоди назорати иҷтимоӣ, махсусан, барои насли ҷавон мебошад.

Муҳаққиқ А.Г. Харчев [8] вазифаҳои асосии оиларо чун таҷдиди аҳолӣ, иҷтимоишавӣ, корҳои хоҷагӣ ва созмондиҳии фароғат дар хонавода муайян кардааст. Э.К Василева [4] чунин мешуморад, ки оила вазифаҳои таваллуди кӯдак, таҷдиди аҳолӣ, тарбияи фарзандон, истифодаи вақти берун аз кор ва ғайраро иҷро мекунад.

Таърифи олимонро дар бораи вазифаҳои оила таҳлил намуда, мо бештар пайрави таърифи И.В. Гребенников [5] мебошем ва чунин мешуморем, ки вазифаҳои асосии оила: иқтисодӣ, тарбиявӣ, иртиботӣ, роҳандозии истироҳат ва фароғат мебошанд.

Бояд таъкид намуд, ки бо тағйири сохти таърихӣ-ҷамъиятӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ ва демократикунонии ҷомеа, баъзе вазифаҳои оила низ тағйир меёбанд. Масалан, зимни рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ зарурати бурдани хоҷагии шахсии наздиҳавлигӣ батадриҷ аз байн меравад, дар натиҷа вазифаи хоҷагӣ – итсеҳсолии оила ба низоми кори ҷамъиятӣ мегузарад ва ғайра.

Аз рӯйи натиҷаи мусоҳиба бо оилаҳо маълум шуд, ки дар 71% - и (115 хонаводаи деҳот) ва дар 51% - и (115 оилаи шаҳрӣ) қоидаи ҳисоботдиҳӣ ва мубодилаи иттилоот байни аъзоёни оила риоя мешавад. Фарқият дар риояи анъана дар хонаводаҳои деҳот ва шаҳр бо он шарҳ дода мешавад, ки оилаҳои деҳот дар ҳамкории наздик бо фарзандони худ хоҷагиро пеш мебаранд ва барои суҳбат, мубодилаи афкор, ҳисоботдиҳӣ дар бораи кори худ вақту фурсати бештар доранд.

Дар кори таҳқиқотии худ мо ба мавзӯи таҳлили ҳисоботдиҳӣ дар оила ва мубодилаи иттилоот байни аъзоёни оила расидем. Дар ин иртибот бояд таъкид намуд, ки ҳисоботи хонандагон дар назди волидон ва аъзоёни калонсоли хонавода дар бораи муваффақияти худ дар таҳсил ва иҷрои корҳои ҷамъиятӣ ва хонагӣ на дар ҳар як оила риоя карда мешавад.

Омӯзиши таҷрибаи оилавӣ нишон медиҳад, ки таҷрибаи бисёр хонаводаҳо доир ба иҷрои анъана ба мақсади ривоҷи он дар дигар коллективҳои оилавӣ аҳамияти зиёд дорад. Сарфи назар аз он ки дар бисёр хонаводаҳо сардори оила маълумоти педагогӣ надорад, вале онҳо одати ҳисоботи тарафайн ва мубодилаи иттилоотро дар идоракунии хонавода ва дар тарбияи ахлоқии хонандагон бо кордонӣ истифода мебаранд.

Муваффақияти чунин оилаҳо дар он аст, ки аввалан, дар тарбияи фарзандон бештар муҳаббат нисбат ба онҳо ба инобат гирифта мешавад, сониян, шаъни фарзандонро паст намезананд, балки машварати некхоҳона баён мекунанд, шаклҳои бештар муносиби бартараф кардани мушкилотро тавсия медиҳанд. Фарзандон, дар навбати худ, муносибати хайрхоҳонаи волидонро эҳсос карда, дар бораи мактаби худ, муаллимони худ, дар бораи дарс, ҳамсинфон, дар бораи корҳо ва саргармиҳои худ ва ғайра нақл мекунанд. Масалан, сардори оила Каримов Хуршед дар бораи истифодаи чунин таҷриба менависад: «Ба назарам, ман ягон чизи хосеро анҷом намедиҳам, ман фақат фарзандони худамро дӯст медорам, ба ҳамсарам муносибати эҳтиромона менамоям. Шояд ин ба онҳо таъсири мусбӣ мерасонад. Бинобар ин, фарзандон бояд назди калонсолон, қабл аз ҳама, барои фоидаи худ ҳисобот диҳанд, чунки ин онҳоро боинтизом месозад ва онҳо минбаъд дар назди оила масъулият эҳсос хоҳанд кард». Сардори оилаи дигар Ҳакимов Сӯҳроб таъкид менамояд, ки «Одати мазкур ба инкишофи қобилияти ташкилотчигӣ дар фарзандон мусоидат мекунад ва дар оянда барои онҳо ҳангоми иҷрои ҳам корҳои ҷамъиятӣ ва ҳам корҳои шахсӣ даркор мешавад».

Одати иштироки фарзандон дар тақсим ва амалисозии супоришҳои хонагӣ барои тарбияи ахлоқӣ аҳамияти зиёд дорад. Дар ин робита, мо се нуқтаи назарро мушоҳида кардем:

– волидоне, ки имкониятҳои тарбиявии ҷорисозии анъанаҳои оилавиро баланд арзёбӣ кардаанд (49% пурсидашудагон);

– волидоне, ки онро ба сифати василаи эҳтимолии тарбияи ахлоқии фарзандон эътироф мекунанд, вале онро дар амал истифода намебаранд (34%);

– волидоне, ки ба истифодаи одати мазкур дар баланд бардоштани сифатҳои ахлоқӣ бетафовутӣ зоҳир кардаанд (17%).

Маълумоти миқдорӣ ва натиҷаи тавсифи интихобии сифатии таҷрибаи мушаххаси ин одат дар тарбияи хонандагон дар оила аз муфид будан ва самаранокии баланди он шаҳодат медиҳанд.

Мушоҳидаҳои махсуси мо, ҳамчунин мусоҳиба бо аъзоёни оилаҳо, хонандагони мактаб ва волидон ба мо имкон медиҳанд, ки одати мазкурро барои ҷорисозӣ дар амалияи тарбияи оилавӣ тавсия намоем. Истифодаи ин одат дар фарзандон хислатҳои сариштакорӣ, масъулият ва дарки хонаводаҳои худро ташаккул медиҳад.

Иштироки фаъоли фарзандон дар тақсим ва истифодаи буҷети хонаводагӣ онҳоро бо калонсолон муттаҳид месозад, дар онҳо майли ғамхорӣ дар ҳаққи оила, сарфакорӣ ва масъулиятро ташаккул медиҳад. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки дар сурати муносибати санҷида ва босалоҳият ба даромаду хароҷоти оила, фарзандон инҷиқӣ нахоҳанд кард ва харидани ҳар чизи барояшон мақбулшуда дар мағозаро хоҳиш намекунанд, зеро медонанд, ки буҷети воқеии хонавода дар он лаҳза чунин имкониятро намедиҳад. Дар натиҷаи истифодаи одати мазкур, фарзандон боинтизомтар мешаванд ва ба ҳаёти мустақилонаи ояндаи оилавӣ хубтар омода мегарданд. Ин боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки амалисозии чунин меъёрҳои ахлоқӣ, мисли меҳнатдӯстӣ, масъулият, интизоми корӣ, поквиҷдонӣ, муносибати сарфакорона ба дороии оилавӣ ва ҷамъиятӣ, ҳам барои оила ва ҳам барои ҷомеа ҳаётан зарурианд.

Дар ҷараёни таҳқиқот мо одатеро баррасӣ кардем, ки ба ваҳдати маънавӣ ва муттафиқии оила мусоидат мекунад, вале вақтҳои охир фаъолнокии худро аз рӯйи як силсила сабабҳои объективӣ аз даст додааст, яъне одати сари як мизи ғизохӯрӣ нишастан, ки фарҳанги рафтор, муносибати боилтифот бо якдигар, масъулият ва муҳаббатро ташаккул медиҳад.

Таърихи бисёрасраи халқи тоҷик аз анъанаи таърихии оилавии ғизохӯрии якҷоя шаҳодат медиҳад, ки ба муттаҳидии аъзоёни он мусоидат мекард. Аъзоёни хонавода аз қадим одат карда буданд, ки якҷо бошанд, пароканда набошанд, бинобар ин, бесабаб ҳузур надоштани ақалан як узви оила ҳангоми ғизохӯрӣ боиси нороҳатӣ ва ташвиши равонии дигарон мегардид.

Коҳиши рӯзҳои кории ҳафта дар истеҳсолот, афзоиши вақт барои истироҳат ба ҷорисозӣ ва таҳкими одати хуби тарбиявии дар вақти муайян даъват шудани тамоми аъзоёни оила ба нишастан сари мизи хӯроккхӯрӣ мусоидат кард. Аммо, мутаассифона, бояд қайд кард, ки нишастан сари мизи ғизохӯрӣ ҳатто дар рӯзҳои истироҳат ба сабабҳои гуногун – машғул будани аъзоёни оила, масалан, дарсҳои иловагӣ дар мактаб, ба даст овардани маълумоти иловагӣ, дар корҳои хизматӣ ва дар як ё чанд ҷойи корӣ банд будани волидон ва ғайра муяссар намегардад.

Яке аз анъанаҳои дӯстдоштаи оилавӣ ва воситаи тарбияи ахлоқии кӯдакон дар оила истироҳату фароғати муштараки оилавӣ мебошад. Дар хонаводаҳое, ки ин анъана риоя мешавад, маъмулан фарзандон бо ҳам дӯстанд, аз фардпарастӣ, худхоҳӣ дуранд, ки ин заминаи хубро барои рушду ғановати маънавию ахлоқии оила мегузорад.

Дар чунин хонаводаҳо истироҳати оилавӣ пешакӣ ба нақша гирифта мешавад: даромад ва хароҷоти дахлдорро ҳисоб мекунанд, дар бораи ҷойи истироҳат маслиҳату машварат менамоянд. Бояд таъкид намуд, ки фарзандон дар чунин ҳолатҳо худро аъзои коллективи ягона ва солими оилавӣ мешуморанд. Дар ҷамъи оила вазифаи ҳар кадом аъзои он дар вақти сафар тақсим карда мешавад, номгӯйи чизҳои зарурӣ ва дар сурати рафтан барои истироҳат ба назди бобою бибӣ, рӯйхати тӯҳфа омода мешавад. Ҳамаи ин ба рушд ва тақвияти эҳсоси таваҷҷуҳ ба оиладорӣ, муносибати ғамхорона ба волидон, калонсолон, ҳамсолон ва аъзоёни хурдсоли оила мусоидат мекунад.

Дар оилаҳое, ки чунин анъана вуҷуд надорад, ташаккул додани сифатҳои ахлоқии кӯдак, аз ҷумла интизомнокӣ, масъулият, башардӯстӣ ва коллективизм мушкил аст. Илова бар ин, дар сурати риояи анъанаи зикршуда, дар оила одати таваҷҷуҳ ба якдигар ва ғамхорӣ дар бораи ҳамдигар пайдо шуда, тақвият меёбад. Дар акси ҳол, фарзандон нофармон, нозпарвар, эрка, бетаваҷҷуҳ ва бетафовут нисбат ба дигар аъзоёни хонавода ва нисбат ба ҳаёти атрофиён парвариш меёбанд. Бинобар ин, дар оила бояд барои тарбияи фарзандон чунин шароите фароҳам оварда шавад, ки ба ҷойи сарфи беҳудаи вақт, ба масъалаҳои хонавода алоқамандӣ зоҳир кунанд, ҳалли якҷояи мушкилотро ҳамроҳи волидон ва дигар аъзоёни оила аз худ кунанд.

Ҳамин тариқ, оила дар фарзандон эҳтиром нисбати якдигарро тарбия менамояд, дар онҳо дарку фаҳмиши малакаи рафтори ахлоқӣ, аҳамияти якҷоя меҳнат карданро ташаккул медиҳад ва онҳоро ба чунин вазъе наздик месозад, ки кори ба нафъи умум ба талаботи инсонӣ табдил меёбад ва бад-ин тартиб замина барои фаъолияти амалии оянда гузошта мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Азаров Ю.П. Педагогика семейных отношений. Монография / Ю.П. Азаров – М.: Изд-во Знание, 1976. – 236 с.
2. Арабов И.А. Воспитание семьянина в традициях восточной культуры. Монография / И. Арабов. – М.: Илекса, 2008. – 351 с.
3. Ашуралиев М.И. Нравственное воспитание учащихся на педагогических традициях таджикского народа: автореф. дис. … канд. пед: наук: 13.00.01 / М.И. Ашуралиев. -Душанбе, 2007. –17 с.
4. Васильева Э.В. Семья и учебные успехи школьников. Социологические проблемы образования и воспитания / Э.В. Васильева. – М.: Педагогика, 1973. – С. 35 – 41.
5. Гребенникова И.В. Сущность педагогического руководства семейным воспитанием / И.В. Гребенникова //Педагогические проблемы руководства семейным воспитанием. – М., 1980. – 97 с.
6. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. Осори педагогӣ. / М. Лутфуллоев. – Душанбе: Маориф, 2015. – 704 с.
7. Макаренко А.С. О воспитании. Монография / А.С. Макаренко. – М., 1990. – 450 с.
8. Пирлиев К. Народная педагогика и современность. Монография / К. Пирлиев.– Ашхабад, 1983, С. 11 – 19.
9. Харчев А.Г. Педагогические условия формирования нравственных отношений в семье. Монография / А.Г. Харчев. – М.: Слово.–300 с.


## ВАЗИФАҲО ВА МАЗМУНИ УСУЛҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚИ УРФУ ОДАТ ВА АНЪАНАҲОИ МИЛЛИИ ОИЛАВӢ ДАР ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ МАКТАББАЧАГОНИ ХУРДСОЛ


Дар мақола вазифаҳо ва мазмуни асосии методҳои таҳқиқи масоили урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол таҳлил карда шудаанд. Нуқтаи назари олимон оид ба вазифаҳои оила ва дар ин асос фикру ақидаҳои муаллиф оид ба таъсири урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ дар ташаккули тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол пешниҳод карда шудаанд. Муаллиф боварӣ дорад, ки агар оила анъанаҳои мусбӣ ва пешқадами худро надошта бошад, пас дар бораи ташаккули чунин сифатҳои мусбии ахлоқӣ, ба монанди интизомнокӣ, масъулиятшиносӣ, инсондӯстӣ, коллективизм ҳоҷати сухан гуфтан намемонад. Инчунин, дар мақола бӯҳрони тарбияи оилавӣ дар замони ҳозира муайян карда шуда, ҳамзамон чораҳои аз он берун баромадан пешниҳод шудаанд. Такид карда мешавад, ки ҳамоҳангии ҳаёти оилавӣ, мунтазам татбиқ намудани он, таҷрибаи рафторҳои ҳамаи аъзоёни оила зинаи аввалин дар тарбияи масъулиятшиносии онҳо ба ҳисоб меравад. Дар мақола оиди анъанаи ҳисоботдиҳии аъзоёни оила ва муҳокимаи навигариҳои оилавӣ маълумот дода шудааст. Ҳисоботи мактаббачагон оид ба муваффақиятҳо дар таълим, дар иҷрои корҳои ҷамъиятӣ ва корҳои хона дар назди падару модари худ ва шахсони калонсоли оила аллакай дар бисёр оилаҳо ба ҳукми анъана даромадааст.



**Калидвожаҳо: бӯҳрони тарбияи оилавӣ,** педагогикаи халқӣ, урфу одат ва анъанаҳои оилавӣ.


## ЗАДАЧИ И СОДЕРЖАНИЕ ОСНОВНЫХ МЕТОДОВ ИССЛЕДОВАНИЯ СЕМЕЙНЫХ ТРАДИЦИЙ И ОБРЯДОВ В НРАВСТВЕННОМ ВОСПИТАНИИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ


В статье анализируются задачи и содержание основных методов исследования семейных традиций и обрядов в нравственном воспитании младших школьников. Анализированы подходы учёных к функциям семьи и на этой основе сформулированы основные выводы автора о влиянии семейных традиций на совершенствование нравственных качеств личности младших школьников. Также в статье раскрываются причины кризисов семейного воспитания на современном этапе и пути выхода из них. Автор уверен, что, если семья не имеет своих положительныех традиций, тогда формирование у детей таких положительных качества, как дисциплинированность, ответственность, гуманность, коллективизм теряет свой смысл. Отмечается, что естественная гармония семейной жизни, постоянно внедряемая родителями, практика согласования поступков всех членов семьи закономерно способствует развитию у детей умения подчинять свои мечты и желания нуждам и интересам всей семьи, что уже является первой ступенькой в воспитании ответственности. В статье приводятся традиции взаимного отчёта и обмена новостями членов семьи. Отчёт школьников об успехах в учёбе, в выполнении общественной работы и домашних дел перед своими родителями и старшими членами семьи уже в некоторых семьях вошёл в традиции.



**Ключевые слова:** кризис семейного воспитания, народная педагогика, семейные традиции и обряды.


## TASKS AND CONTENT OF THE MAIN METHODS OF STUDYING FAMILY TRADITIONS AND RITES IN THE MORAL EDUCATION OF YOUNGER SCHOOLCHILDREN


The article analyzes the tasks and content of the main methods of studying family traditions and rites in the moral education of younger schoolchildren. The approaches of scientists to the functions of the family are analyzed and on this basis the main conclusions of the author on the influence of family traditions on improving the moral qualities of the personality of younger schoolchildren are formulated. Also, the article reveals the causes of the crises of family education at the present stage and the way out of them. The author is sure that if the family does not have its own positive traditions, then the formation of such positive qualities in children as discipline, responsibility, humanity, collectivism loses its meaning. It is noted that the natural harmony of family life, constantly introduced by parents, the practice of harmonizing the actions of all members of the family naturally contributes to the development in children of the ability to subordinate their dreams and desires to the needs and interests of the whole family, which is already the first step in the education of responsibility. The article describes the traditions of mutual reporting and exchange of news of family members. The report of schoolchildren about the successes in

studies, in the performance of public work and household chores in front of their parents and senior members of the family has already entered traditions in some families.

**Key words:** crises of family education, popular pedagogy, family traditions and rituals.

**Сведения об авторе*:* *Бобоева Махбуба*** – Кулябский государственный университет им.А. Рудаки, преподаватель кафедры педагогики. **Адрес**:735360, Республика Таджикистан, город Куляб, ул. С.Сафарова-16.
Телефон: **988-16-67-26**

**Information about the author:** ***Boboeva Mahbuba*** – teacher of the chair of pedagogy of Kulyab State University named after Abuabdulloch Rudaki. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulob, St. Safarova-16. Phone: **988-16-67-26**

УДК: 37(575.3)

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОН ОМИЛИ БАЛАНД ШУДАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

***Алиев Асрор***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Муносибатҳо ба таълим метавонанд тағйир ёбанд, методикаҳои гуногун истифода бурда шаванд, аммо дар ҳама давру замон дар меҳвари ҷараёни таълим симои асосӣ-хонанда боқӣ мемонад. Тағйир додани муносибатҳо ба таълим аз Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020 маншаъ мегирад, ки дар он чунин омадааст: *“Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касбомӯзӣ, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд” [12,с.16]*. Ҳангоми чунин раҳёфт дар назди омӯзгор аз талаботи «қориазёд намудани маълумотҳо» дида, вазифаи мураккабтар меистад. Ҷараёни таълимро чӣ гуна бояд ташкил кард? Кадом усулу метод барои рушди малакаҳои дар ҳаёт зарурии хонанда мусоидат мекунанд? Вобаста ба ин, каме аз ҷониби дигар назар мекунем, бо нигоҳи нав ба фаъолияти худ баҳо медиҳем ва мегӯем, ки чӣ гуна вазифаҳои таълим, тарбия ва рушдро тавассути муносибатҳои нави таълим ҳал кардан мумкин аст.

Дар мақолаи мазкур таҳлили ду масъала, яке “салоҳиятҳои таълимии хонандагон” ва дигаре “сифати таҳсилот” оварда шуда, омилҳои баланд намудани дастовардҳои хонандагон вобаста ба татбиқи муносибатҳои нав шарҳ дода мешаванд.

Пас биёед, пеш аз ҳама, ба масъалаи “салоҳиятҳои таълимии хонандагон” назар меандозем. Дар стандарти фанниии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ калимаи “салоҳият” чунин шарҳ дода шудааст: *“Салоҳият маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда шудаанд” [11,с.7]*. Дар Луғати истилоҳоти Хазинаи аврупоии таҳсилот [2] мафҳуми салоҳият (компетенсия) чунин шарҳ дода шудааст: “*1. Қобилияти ягон кор (амал)-ро хуб ва самаранок иҷро кардан. 2. Ба талаботи вазифавӣ (касбӣ) мутобиқ будан. 3. Қобилияти иҷрои вазифаҳои махсуси меҳнатӣ”*. Дар маводи таълимию методӣ барои омӯзгорон салоҳиятҳо чунин шарҳ дода шудаанд: *“... қолаби ниҳоӣ (натиҷаи ниҳоӣ) дар шакли том (дониш, малака, маҳорат ва истифодаи амалии он дар ҳаёт дар назар аст – А.А.) нишон дода мешавад, ки он ҳам ҷиҳати амалии дониш, малака ва маҳорат аст” [9,с.11]*.

Муносибати салоҳиятнок ба таълим роҳу усулҳои амалии фаъолиятро ташаккул дода, онро ҳангоми ҳалли масъалаҳои маърифатӣ, иҷтимоӣ, касбӣ дар соҳаҳои марбут ба таври самаранок метавон истифода бурд. Салоҳиятнокӣ сифати инсониро арзёбӣ намуда, омодагии ӯро ба фаъолияти муваффақона дар раванди кор ва ҳаёт инъикос менамояд.

Муносибати босалоҳият дар таълим муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро дар раванди таълим, муносибати омӯзгору хонандагон, хонандагону маводи таълим ва муносибат байни ҳамдигарро муайян мекунад. Донистан ва дар амал татбиқ кардани ин хусусиятҳо ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии малака ва маҳоратҳоро баланд бардошта, ҳамзамон барои ташаккули шахси масъулиятнок, ботарбия ва маърифатнок замина гузорад.

Таҳсилоти босалоҳият равандест, ки дар ҷараёни он дониш, малакаҳои ҳаётан муҳим ташаккул дода шуда, тарз, роҳҳои дар ҳаёт истифода бурдани онҳо дарёфт карда мешаванд.

Ҳадафи асосии рушди босалоҳияти хонандагон дар раванди таълим, пеш аз ҳама, дар сатҳи баланд пешниҳод намудани натиҷаи амал дар ҳамаи соҳа ва самтҳо, аз ҷумла таҳсилот, арзёбӣ мегардад.

Таҳсилоти босалоҳият тибқи фаҳмиши васеъ натиҷаи таҳсилоти муваффақона арзёбӣ гардида, он дигар натиҷаҳои таълимро низ фаро мегирад, барои расидан ба мақсад ҳам захираҳои дохилӣ – дониш (азхудкунии маълумот), маҳорат (амал), малака (амали сатҳи олӣ, яъне автоматикунонидашуда), системаи арзишҳо, меъёр, муносибат, сабаб ва ҳам захираҳои беруна – манбаи маълумот, воситаҳои иртиботӣ (коммуникатсионӣ), воситаҳои моддӣ-техникӣ ва ғайраро сафарбар менамояд.

Аз нуктаи назари педагогӣ салоҳиятнокӣ натиҷаи самарабахши таҳсилотест, ки шахс дар рафти он ба маҷмӯи салоҳиятҳо соҳиб мешавад. Ҳар як салоҳияти алоҳида маҷмӯи мураккаби амалҳост, ки ҳамгироии дониш, маҳорат, малака ва татбиқ кардани онро дар назар дорад.

Муносибати нави таълим, пеш аз ҳама, аз муайян ва интихоб намудани салоҳиятҳо оғоз меёбад. Мақсади муайян, интихоб ва таҳияи салоҳиятҳо банақшагирии қаблии натиҷаҳои таълим, натиҷаҳои самараноки ниҳоии фаъолият аст.

Ҳангоми таҳияи натиҷаҳои таълим вобаста ба муносибати мазкур талаб карда мешавад, ки сараввал салоҳиятҳои умумӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии хонандаро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногун шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд (мисли занҷири пайванд байни фанҳои мухталиф ва системаи донишу малака ва маҳоратҳо), ҳамчун робитаи байнифаннӣ ва малакаҳои ҳаётӣ низ ба шумор меравand.

Ҳар як салоҳият дар шакли таҷриба, ки дониш, малака ва маҳорати муайянро талаб мекунад, пешниҳод шуда, асоси салоҳиятро таҷриба ташкил медиҳад, яъне хонанда то кадом андоза ин ё он амалро дуруст иҷро карда метавонад. Дар раванди таълим ба хонанда имконияти таҷриба кардан (машқи зиёд то ҳосил шудани таҷриба) фароҳам оварда мешавад ва ҳамин равандро муносибати босалоҳият дар таълим таъмин менамояд.

Ҳамзамон, муносибати босалоҳият дар таълим ҳосил кардани таҷрибаро дар раванди амалҳои маърифатӣ (таълимӣ), ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоӣ (тарбия) ва дар амал татбиқ кардани донишҳои асосӣ (фан)-ро дар назар дорад. Салоҳият ҳамчун натиҷаи таълиму тарбия, ки дар шакли таҷриба (иҷрои амал дар сатҳи маҳорат) зоҳир мегардад, фаҳмида мешавад.

Мақсади таҳияи салоҳиятҳои фаннӣ банақшагирии қаблии натиҷаҳои таълими фан, натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти самаранок аз фанҳои таълим аст.

Татбиқи муносибати салоҳиятнокӣ (такя ба салоҳиятҳои умумиву фаннӣ), пеш аз ҳама, муайянсозии мақсадгузорӣ дар шакли натиҷаҳои интизории таълим буда, интихоби мазмуни таълимӣ ва методика (технология)-и таълими мувофиқ ба мазмуни таълимӣ мебошад. Яке аз ҷиҳатҳои асосии татбиқи ташаккули салоҳиятҳо бедор кардани ҳавасмандӣ ва ҳисси масъулиятшиносии ҷиддии хонандагон дар истифодаи дониш, малака ва маҳорати пайдошуда, дар ҳаллу омӯзиши силсилаи масъалаҳо ва маводи амалию назариявӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ, таҳлили ақидаҳо ва назарияҳои гуногун доир ба масъалаи мазкур дар маводи таълимию методии омӯзгорон, ки солҳои охир ба нашр расидаанд, хеле бамаврид аст ва андешаҳои моро низ тақвият мебахшанд. Бо назардошти ҳамин, баъзе он хулосаҳоро ин ҷо зикр мекунем: "*Салоҳият аз маҷмӯи мураккаби амалҳое иборат аст, ки ҳамгиройиро талаб мекунад, на маҷмӯи одии дониш ва малакаҳои қаблан бадастовардаро. Талабот барои хондан, аз худ кардани малакаҳои нав дар заминаи манфиатҳо ё кӯшишҳо барои ягон мақсад (ваҷҳиёти дохилӣ) ба вуҷуд омада метавонад. Салоҳиятҳо дар алоҳидагӣ ташаккул намеёбанд. Дар ҳаёти воқеӣ, маҳорати эҷодкорӣ, малакаи омӯзиш, тафаккури интиқодӣ, салоҳиятҳои тадқиқотӣ ва ғайра ба ҳамдигар омехта шуда, ҳамдигарро тақвият мебахшанд" [13,с.8].*

Бояд қайд намуд, ки таҳлили адабиётҳо нишон медиҳад, ки фаҳмиши ягонаи "салоҳият" ва "босалоҳият/салоҳиятокӣ" вуҷуд надорад, зеро баъзе ақидаҳо бештар амалҳои беруна ва қисми дигарашон ба махсусиятҳои ботинӣ нигаронида шудаанд. Баъзе ақидаҳо унсурҳоеро, ки ҳамчун маҷмӯи арзишҳо ва муносибатҳо фаҳмида мешаванд, дар бар гирифтаанд.

Хулоса, муносибати босалоҳият, аввалан, модели таълими фаъолро истифода мебарад. Яъне, он ба принсипҳои ҳамкорӣ дар таълим, байни хонанда бо хонанда, хонандагон ва

омӯзгорро талаб намуда, хусусияти савол, супоришҳои таълимӣ ба таври “кушод” гузошта мешавад ва ба методҳои фаъолгардонии хонандагон равона шудааст.

Сониян, он ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ (умумӣ, калидӣ) равона шудааст. Ин салоҳиятҳо дар раванди таълими ҳамаи фанҳо ташаккул ёфта, дар инкишофи ҳамаҷонибаи маърифатии хонанда нақши муҳим мебозанд. Масалан, таҳлилу таркиби матнҳои гуногунжанр ва баровардани хулоса аз он ва ё таҳлили асарҳои мусиқӣ, дарку фаҳми он доир ба идеяи асосии эҷоди асар ва баёни фаҳмиши худ.

Дигар ин ки муносибати босалоҳият ба таълим гузориши мақсадҳоро ҳамчун натиҷаи ниҳоии фаъолияти таълимии хонандагон арзёбӣ менамояд. Мақсади дарс амалҳои хонандагонро инъикос менамояд, яъне хонанда дар анҷоми дарс чиро тавонист? Ба чӣ натиҷа расид? Кадом амалҳоро иҷро намуд, ки ин натиҷа ҳосил шуд?

Ҷанбаи муҳимми дигари муносибати босалоҳиятӣ дар таълим равона кардани супоришҳои таълимӣ ба ташаккули салоҳиятҳо ба шумор меравад.

Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ки салоҳиятнокӣ ҳалли самарабахши ҳама гуна мушкилот ва ихтилофотро пурра кафолат дода натавонад ҳам, вале он имкон медиҳад, ки инсон кӯшиши ҳамаҷониба барои баробар шудан ба олами босуръат рушдёбанда намояд ва барои баромадан аз вазъиятҳои мураккаби ҳаётӣ салоҳиятҳои асосии худро такмил диҳад.

Масъалаи “сифати таҳсилот” ҷанбаҳои зиёдеро дар бар мегирад ва қисме аз онҳоро вобаста ба татбиқи муносибатҳои нав дар мақолаи мазкур мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Аз лиҳози ҷанбаи методологӣ “сифати таҳсилот”-ро ҳамчун хусусиятҳои раванд ва натиҷаи таълим арзёбӣ намудан мумкин аст, ки он на танҳо дар низоми маориф, балки дар рушду нумӯи ҷомеа нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин, “сифати таҳсилот”-ро ҳамчун раванди мураккаби таҳсилот бо назардошти хусусиятҳои объективию субъективӣ муайян намудан бамаврид аст.

Мафҳуми “сифати таҳсилот”-ро ҳамчун маҷмӯи фаъолиятҳои муназзам ва мураккабе арзёбӣ намудан мумкин аст, ки аз ҳама муҳимтар дараҷаи дониш, малака, маҳорат, салоҳиятҳои ташаккулёфта, сатҳи рушду инкишоф, ҳолати равонӣ ва шароити мусоиди омӯзишро муайян менамояд. Дар сатҳи давлатӣ сифати таҳсилот мувофиқатии назарияҳои илмӣ бо талаботи иҷтимоӣ ва меъёрҳо (стандартҳо)-и қабулшуда мебошад.

Таҳлили ақидаҳои гуногуни олимони соҳаи педагогика исбот месозанд, ки сифати таҳсилотро се унсури асосӣ ташкил медиҳад: натиҷа, раванд ва шароит. Ҳарчанд ба сифати муайянкунанда натиҷа муҳим бошад ҳам, раванд ва шароит низ нақши муайяне доранд, ки дар маҷмӯъ сифати таҳсилотро муайян менамоянд.

Бо назардошти он ки муносибатҳои нав ба таълим ҷорӣ мегардад, натиҷа, раванд ва шароити таълимии хонандагон тағйир меёбанд. Ченакҳо ё меъёрҳои арзёбии натиҷаҳо, ки ба дониш асос ёфтаанд, наметавонанд ҷавобгӯйи муайянкунандаи сифати таҳсилоти хонандагон гарданд. Зеро дар ҷаҳони зудтағйирёбанда талабот ба зиндагӣ ва ҷомеа тағйир ёфтааст, муносибатҳои иқтисоди бозорогонӣ мавқеи муҳим пайдо намуда, мақсади таҳсилот, раванд, шароит ва тартибу талаботи навро тақозо мекунанд. Аз ин рӯ, сифати таҳсилотро ҳамчун се қисмати муҳимми алоқаманди муайянкунандаи сифати таҳсилот дар татбиқи муносибатҳои нави таълимӣ пешниҳод намудан бамаврид мебуд:

Сифати таҳсилотро вобаста ба татбиқи салоҳиятҳои таълимии хонанда дар се қисмати ба ҳам алоқаманд арзёбӣ кардан мумкин аст, ки бо назардошти он татбиқи муносибатҳои нав ба таълим самаранок мегардад. Зеро дар арзёбии сифати таҳсилот, агар он танҳо ба натиҷаҳо равона шуда бошад, тағйири раванд ва шароитро тақозо менамояд ва ё агар раванд таҳлилу арзёбӣ шавад, пас ба шароит ва рушди натиҷаҳо таъсир мерасонад. Аз ин ҷо бармеояд, ки сифати як қисмат ба дигар қисматҳо таъсири худро мерасонад. Дар ин асно як раванди алоқаманд (раванди спиралии инкишоф) бо мақсади баланд намудани сифати таҳсилоти низоми маориф ба вуҷуд меояд.

Бо назардошти мулоҳизаи пешниҳодшуда мо омили асосии сифати таҳсилотро на танҳо дар таҳия ва татбиқи салоҳиятҳои таълимии хонанда, балки дар алоқамандии ин се қисмат ва хусусиятҳои алоҳидаи он баён менамоем. Бо ин мақсад ҳар як қисмат ва хусусиятҳои онро дида мебароем:

–аз лиҳози сифат *хусусиятҳои раванд* чунин буда метавонанд: сифати мазмуни таҳсилот ва барномаҳои таълим, идоракунии раванди таълим, сифати маводи таълимию методӣ, технология ва методҳои муосири раванди таълим, дараҷаи маҳорати ҳайати омӯзгорон ва ҳамчунин хонандагон;

–аз лиҳози сифат *хусусиятҳои натиҷа* чунин буда метавонанд: сифати дониши хонандагон, сифати фаъолиятҳои таълимию азхуднамоии хонандагон, сатҳи инкишофи

хонанда, сатҳи омода шудани хатмкунандаи муассиса, салоҳиятҳои хатмкунанда, дастовардҳо ва динамикаи инкишофи хатмкунанда;

–аз лиҳози сифат *хусусиятҳои шароит* чунин буда метавонанд: сатҳи таъминоти базаи моддию техникӣ, сифати фаъолияти омӯзгорон, фаъол будани органҳои идоракунии соҳа, сатҳи таъминоти маводи таълимию методӣ, воқеияти баҳодиҳии дохилӣ ва берунӣ.

Гарчанде қисматҳо ва хусусиятҳои мазкур нисбӣ бошанд ҳам, онҳо байни ҳам алоқаманд буда, бо назардошти ба эътибор гирифтани онҳо ҳангоми татбиқи ислоҳоти мазкур то андозае сифати таҳсилотро беҳтар мегардонанд.

Масъалаи мазкур ҷанбаҳои васеъро фаро гирифта, якчанд нуктаҳои муҳимро ба сифати пешниҳодҳо баён намудан зарур аст:

– пеш аз ҳама, аз маълумотҳои зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки салоҳиятҳои таълимии хонандагон ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълимӣ қаблан тарҳрезӣ мешаванд. Инчунин, барои расидан ба он ва ташаккули салоҳиятҳо муносибатҳо дар раванди таълим ба таври куллӣ тағйир мёёбанд ва бештар ба мустақилияти таълимгиранда равона мегарданд. Бинобар ин, барои муайян намудани сифати таҳсилот ба якчанд омилҳо, махсусан ба се ҷиҳат - раванд, натиҷа ва шароит, инчунин бо назардошти нишондиҳандаҳои онро ба эътибор гирифтан шарти муҳимми арзёбӣ мегардад;

– барои ҳар як қисмат ва хусусиятҳои дар боло зикршуда меъёр ва нишондиҳандаҳо таҳия гашта, дар асоси он сифати таҳсилот вобаста ба татбиқи муносибатҳои нав бояд арзёбӣ карда шавад. Тавре ҳамагон медонанд, татбиқи муносбатҳои нав дар раванди таълим, ки аз соли 2016 оғоз гардид, якчанд хусусиятҳоро фаро гирифтааст. Масалан, таҳия, дастраснамоии маводи таълим ва омӯзиши омӯзгорон барои якчанд фанҳо ба анҷом расид, аммо барои татбиқи босифати расонидани кумакҳои методӣ, таҳлили сифати натиҷаи омӯзиши омӯзгорон ва дигар хусусиятҳо дастаҷамъона дар тамоми сатҳҳо бояд анҷом дода шавад;

– барои баланд шудани сифати таҳсилот дар маҷмӯъ ба назар гирифтани раванд (баҳодиҳии мундариҷаи стандарт, барнома ва роҳнамои фанни таълимӣ барои омӯзгор, технологияҳои педагогии таълимӣ, дараҷаи касбии омӯзгорон ва монанди ин), натиҷа (сифати хониши хонандагон, дастовардҳо ва динамикаи инкишофи хатмкунандагон, салоҳиятҳои хамткунандагон ва монанди ин) ва шароит (бою ғанӣ гардонидани пояи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таъминоти саривақтии маводи таълимию методӣ, фаъол будани органҳои идоракунӣ, махсусан дар маҳалҳо, воқеияти баҳодиҳии дохилӣ ва берунӣ) шарти зарурӣ арзёбӣ шуда, фаъолияти якҷояи тамоми сохторҳои соҳа дар ҳамкорӣ бо ҷомеа (волидайн) дар баланд шудани сифати таҳсилот заминаи воқеӣ мегузорад.

## АДАБИЁТ


1. Болотов В.А. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе / В.А. Болотов, В.В. Сериков // Педагогика. – 2003. –№10. –С.8-14.
2. Глоссарий терминов рынка труда, разработки стандартов образовательных программ и учебных планов. Европейский фонд образования. - ЕФО, 1997.
3. Зиёзода Г. Чанд мулоҳиза дар мавриди арзёбӣ дар дарси салоҳиятнокӣ / Г. Зиёзода, Қ. Мухторӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2017. -№3/5. -С. 223-228.
4. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия / И.А. Зимняя. -М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004
5. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик (осори педагогӣ, ҷилди 6) / М. Лутфуллоев.–Душанбе, 2015. -704 с.
6. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). -М.: Буки-Веди, 2012.
7. Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 3. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ. -Душанбе, 2016. -141 с.
8. Мухторӣ Қ. Модули таълимии курси омӯзишӣ барои омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ оид ба муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим / Қ. Мухторӣ, Ф. Мирзоёров. – Душанбе, 2017. -87 с.
9. Низоми таълими салоҳиятнокӣ. Дастур барои омӯзгор (модули 1). Мураттибон: Ниёзов Ф., Зиёев М., Алиев А. ва дигар. –Душанбе, 2016. – 36 с.
10. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ / Д. Сафин, Р. Мусина, Қ. Мухторӣ, С. Қурбонов. - Душанбе, 2007.- 376 с.
11. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ. -Душанбе: Маориф, 2017. -116 с.
12. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. -Душанбе, 2012.
13. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ. Дастури таълимӣ-методӣ. Мураттибон: Мухторӣ Қ., Сафин Д.В., Кабиров Н. ва дигарон. –Душанбе, 2018. – 41 с.
14. Трусилова И.Б. Выступление на педагогическом совете по теме: "Что такое компетентностное обучение" “Педагогические советы”, выпуск №2. http://festival.1september.ru/articles/570643/

15. Хуторской А.В. Технология проектирования ключевых и предметных компетенций // Интернет-журнал "Эйдос". - 2005. - 12 декабря. http://www.eidos.ru/journal/2005/1212.htm.

## ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОН ОМИЛИ БАЛАНД ШУДАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

Мақолаи мазкур ба масъалаи татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим бахшида шуда, якчанд омилҳои баланд шудани сифати таҳсилот вобаста ба татбиқи он таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Дар мақола ҳамчунин шарҳи мафҳумҳо вобаста ба татбиқи муносибати нав, моҳияти татбиқи он ва тавсияҳо барои баланд шудани сифати таҳсилот барои баррасӣ пешниҳод шудаанд. Хулосаҳо дар асоси маводи илмӣ, таълимию методӣ ва якчанд ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи маориф бароварда шудаанд. Муаллиф чунин мешуморад, ки муносибатҳо ба таълим метавонанд тағйир ёбанд, методикаҳои гуногун истифода бурда шаванд, аммо дар ҳама давру замон дар меҳвари ҷараёни таълим симои асосӣ-хонанда боқӣ мемонад. Тағйир додани муносибатҳо ба таълим аз Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020 маншаъ мегирад. Дар мақолаи мазкур таҳлили ду масъала, яке “салоҳиятҳои таълимии хонандагон” ва дигаре “сифати таҳсилот” оварда шуда, омилҳои баланд намудани дастовардҳои хонандагон вобаста ба татбиқи муносибатҳои нав шарҳ дода мешаванд. Муносибати салоҳиятнок ба таълим неруи маърифатии шахс (хонанда)-ро ташаккул дода, онро ҳангоми ҳалли масъалаҳои маърифатӣ, иҷтимоӣ, касбӣ дар соҳаҳои марбут ба таври самаранок метавон истифода бурд. Салоҳиятнокӣ сифати инсониро арзёбӣ намуда, омодагии ӯро ба фаъолияти муваффақона дар раванди кор ва ҳаёт инъикос менамояд.

**Калидвожаҳо:** салоҳият, салоҳиятҳои таълимии хонандагон, муносибати салоҳиятнок ба таълим, салоҳиятҳои умумӣ ва фаннӣ, сифати таҳсилот.

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧЕНИКОВ КАК СПОСОБ ПОВЫШЕНИЯ КАЧЕСТВА ОБРАЗОВАНИЯ

Статья посвящена некоторым вопросам внедрения компетентностного подхода в обучении, а также повышения качества образования. В статье также даётся определение нового подхода, его сущности и рекомендации для повышения качества образования. Выводы сделаны на основе анализа научных, учебно-методических материалов и некоторых нормативно-правовых актов сферы образования. Автор считает, что подходы к обучению могут изменяться, могут быть использованы разные методики, но при всех обстоятельствах в центре внимания остаются учащиеся. В контексте Таджикистана коренное изменение подходов к обучению основывается на Национальной стратегии развитии образования до 2020 года. В данной статье основное внимание обращено на два вопроса, первое, “компетенции учеников” и, второе, “качество образования”, при этом рассматриваются факторы, способствующие повышению достижений учеников в зависимости от внедрения нового подхода к обучению. Компетентностный подход к обучению, развивая познавательный потенциал человека (ученика), способствует его будущей эффективной самореализации при решении познавательных, социальных, профессиональных вопросов в данной сфере. Компетентность, оценивая человеческие качества, отражает его готовность к эффективной деятельности в процессе жизнедеятельности.

**Ключевые слова:** компетенция, учебные компетенции учеников, компетентностный подход в обучении, ключевые и предметные компетенции, качество образования.

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF PUPILS ' COMPETENCE AS A WAY TO IMPROVE THE QUALITY OF EDUCATION

The article is devoted to some issues of the introduction of a competence approach in teaching, and also examined some aspects in terms of improving the quality of education. The article also gives definitions related to the introduction of the new approach, its essence and recommendations for improving the quality of education. The conclusions are made on the basis of the analysis of scientific, educational and methodological materials and some normative and legal acts of the sphere of education. The author believes that approaches to learning can change, different methods can be used, but under all circumstances, students are at the center of attention. Within the framework of the project "National strategies for the development of education until 2020". This article focuses on two issues, the first, the "competencies of students" and, second, the "quality of education", while factors that contribute to the development of students depending on the introduction of a new approach to learning are considered. Competent approach to learning, developing the cognitive potential of a person (student) contributes to his future effective self-realization when solving cognitive, social, professional issues in this area. Competence, assessing human quality, reflects his willingness to work effectively in the process of life.

**Key words**: competence, educational competences of pupils, competence approach in training, key and subject competences, quality of education.

**Сведения об авторе:** ***Алиев Асрор*** - Институт развития образования имени Абдурахмана Джоми Академии образования Таджикистана., соискатель.**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С.Айни, 45. Телефон: **(+992) 933-00-17-09**. E-mail: **alievdti_74@mail.ru**

**Information about the author:** ***Aliev Asror*** - Institute for the Development of Education named after Abdurahmon Jomi APN RT, competitor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S.Ayni St., 45. Phone: **(+992) 933-00-17-09.** E-mail: **alievdti_74@mail.ru**

УДК:37(575.3)

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ОТВЕТСТВЕННОСТИ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ДИСЦИПЛИН ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ЦИКЛА

*Зайдуллоев Х.Р.*
**Таджикский институт физической культуры им. С. Рахимова**

Успешное развитие профессионально-педагогической позиции и ответственное отношение к своим обязанностям будущего учителя осуществляются в ходе изучения цикла гуманитарных дисциплин, особенно таких как «Психология», «Педагогика», «Основы педагогического мастерства» и др. При этом они выступают не столько как содержание образования, сколько как материал, средство развития ответственного профессионала и оформления компетентного специалиста, а использование при их освоении личностно-ориентированных технологий обеспечивает выявление индивидуальности по таким параметрам:

-выявление содержания его познавательного аспекта;

-учет избирательности как индивидуальной предпочтительности к работе с учебным материалом разного содержания и др.;

-представление будущему учителю возможности выбора способов учебной работы с программным материалом, а также выбора формы работы;

-оценка не только результата, но главным образом процесса ее достижения: обращение внимания будущего учителя к тому, как он думал, делал, размышлял, а не только, что он сделал [5,с.23].

Анализ Государственных образовательных стандартов педагогического образования, с точки зрения изучаемой нами проблемы, позволяет установить следующее: на уровне представления в курсе «Психологии» при изучении механизмов формирования личности предлагается целенаправленный анализ понятий: социальная и профессиональная установка, культура, рефлексия, нормы и ценности, а также специфика форм и методов их формирования у подрастающего поколения . [1, с. 52].

Курс «Выведение в учительскую специальность» в основном, уже на первом курсе знакомит студентов со спецификой педагогической профессии и системой подготовки к ней, тем самым стимулирует их педагогическое самообразование, помогая им адаптироваться к особенностям учебно-воспитательного процесса в вузе и к будущей педагогической деятельности. Поскольку данный курс раскрывает следующий круг вопросов: особенности педагогической профессии и требования к личности учителя; характеристика типов учебных заведений; системы подготовки будущих учителей к педагогической деятельности, роль их самостоятельной работы, самообразования и т.д.; основы информатики, библиотековедения и др..

Изучение курса также помогает будущим педагогам глубоко осознать смысл и содержание их будущей специальности сознательно включаться в самостоятельную учебную, научную и общественную деятельность.

Особое место в общепедагогической подготовке студентов занимает «История педагогики» как научная дисциплина об общественно обусловленном развитии педагогических идей и школьной практики. Данный курс помогает в решении таких важнейших задач, как вооружение будущего учителя научным методом исторического подхода к пониманию и анализу важнейших педагогических явлений, выработка принципиального подхода к проблемам воспитания, формирования умения правильно оценивать педагогическое наследие прошлого для дальнейшего совершенствования педагогических проблем на современном этапе.

Курс «Методика воспитательной работы» призван обеспечить углубленную подготовку будущих педагогов к воспитательной работе в школе в области теории, методики и техники воспитательной работы, а также формирование умения успешно решать конкретные задачи.

В системе общепедагогической подготовки будущего учителя ведущим является курс «Педагогики», поскольку он имеет целью вооружение будущих педагогов знанием основ современной педагогической науки, основами педагогических умений и навыков, формирование педагогического мышления как основа становления ответственного отношения будущего специалиста. Курс «Педагогика», опираясь на теоретико-методологическую направленность, учебно-воспитательного процесса раскрывает научные основы обучения и воспитания в школе (сущность, содержание, принципы, формы организации, методы этих процессов), а также научные

основы управления школой - функций, содержание, формы и методы управления; обязанности руководителей учебно-воспитательных учреждений; роль и место педагогического совета, родительского комитета, методы объединений и т.д., концентрируя в себе ведущие теоретико-методологические положения педагогической науки в общеобразовательных школах [3,с.18; 4,с.12].

Наряду с нормативными, обязательными курсами в системе общепедагогической подготовки студентов предусмотрено проведение альтернативных курсов, семинары, факультативы и т.д., которые позволяют дифференцировать содержание подготовки студентов с учетом специфики их специальности и интересов как фактор формирования профессионального ответственности.

В результате полученных данных нами сделаны следующие выводы: существующая система организации образовательного процесса в педагогическом институте обеспечивает формирование недостаточно успешной профессиональной ответственности; для повышения качества подготовки профессиональной ответственности студентов необходима реализация педагогических условий подготовки профессиональной ответственности при изучении дисциплин педагогического цикла, учебно-методического комплекса, включающего балльно-рейтинговую систему оценки знаний будущих специалистов физической культуры; внедрение в процесс подготовки активных форм и методов обучения в вузе [6,с.128; 7,с.38].

Результаты данного этапа позволили перейти к формирующему этапу эксперимента, цель которого заключалась в апробации программы формирования профессиональной ответственности в соответствии с основными направлениями исследованиями в процессе изучения педагогических дисциплин.

Необходимо было решить следующие задачи: выделить экспериментальную группу и определить эффективность подготовки профессиональной ответственности будущих учителей и выявить пути совершенствования этого процесса при изучении дисциплины педагогического цикла.

Таким образом, мы пришли к твердому убеждению о том, что эффективная реализация процесса подготовки профессиональной ответственности студентов в процессе изучения педагогических дисциплин возможна только при выявления определенного комплекса педагогических условий.

Содержание понятия «условия» дает возможность трактовать его как обстоятельство, от которого зависит что-либо, с одной стороны, и с другой, как обстановку, в которой что-либо осуществляется, т.е. данное понятие отражает отношение предмета к окружающим процессам, явлениям.

Педагогическое условие, таким образом, представляют собой качественную характеристику основных факторов, процессов и явлений образовательный среды, отражающую основные требования к организации деятельности совокупность объективных возможностей, обстоятельств педагогического процесса, целенаправленно создаваемых и реализуемых в образовательной среде и обеспечивающих решение поставленной задачи, комплекс мер, способствующих повышению эффективности формирования профессионально-педагогической ответственности будущего учителя [8,с.120].

Эффективность формирования профессиональной ответственности будущих учителей физической культуры в процессе изучения педагогических дисциплин зависит от соблюдения педагогических условий и обеспечения профессиональной направленности содержания педагогических дисциплин в процессе субъект-субъектного взаимодействия преподавателя и будущих учителей [9,с.182].

Более подробно рассмотрим выделенные выше педагогические условия эффективности формирования ответственности в педагогической деятельности будущих учителей в процессе изучения дисциплин педагогического цикла.

Систематизация и структурирование содержания учебного курса предполагает прежде всего, разработку балльно-рейтинговой оценки, поскольку она учитывает текущую успеваемость, активизирует его самостоятельную работу; объективно и точно оценивает знания студента за счет использования балльной шкалы оценок; создает основу для дифференциация будущих учителей; и наконец, позволяет получать подробную информацию о выполнении каждым студентам состоятельной работы.

Первое условие обеспечения профессиональной направленности содержания педагогических дисциплин в процессе субъект-субъектного взаимодействия преподавателей и студентов в формировании профессиональной ответственности задается, в основном, преподавателем на этапе

создания учебно-методического комплекса и его реализации в этом процессе, предполагающем: учет и актуализацию преподавателем мотивов, индивидуальных потребностей, способностей, жизненного опыта и уважения индивидуальности будущих учителей; основание и корректировку личностных ценностей, направленную на организацию рефлексивной деятельности будущих учителей; постановку цели обучения и организацию проектирования будущими учителями индивидуальной иерархии целей на основе этапов целеполагания; активизацию деятельности студентов, актуализацию их индивидуальных способностей (игровое обучение, создание ситуации выбора, творческую атмосферу процесса формирования профессиональной ответственности посредством соответствующих средств и методов; проблемное построение процесса обучения; всестороннюю научную подготовку преподавателя по ведущим темам, разделам программного материала как научную базу для преподавания, а также изучение государственного стандарта, учебного плана, учебных программ, анализ и подбор психолого-педагогической и методической литературы, определение круга знаний, умений и навыков, подлежащих усвоению будущими учителями; проектирование высокоэффективной профессионально-педагогической деятельности как основы ответственности будущего специалиста.

Оптимальное сочетание методов и средств обучения обеспечивает повышения эффективности формирования профессиональной ответственности будущих учителей, поскольку именно в методах заложены возможности активизации самостоятельной работы студентов для достижения целей обучения в взаимодействия субъектов образовательного процесса.

Анализ литературных источников выявил методические требования к учебно-методическому комплексу и его элементам, а также к их содержанию, такие требования, как научности, доступности, проблемности и последовательности обучения, активности, прочности усвоения знаний и т.д.

Для диагностической постановки любой цели требуется, чтобы она была конкретно описана, подавалась измерению, только это даст возможность преподавателю определить и точно оценивать качество готовности будущих учителей к своим обязанностям в педагогической деятельности, следовательно, устанавливается то, что должны получить будущие учителя в процессе изучения конкретной темы, раздела программного материала, что обязаны знать, какими навыками и умениями овладевать и применять полученные знания в педагогической ситуации. Одновременно должны способствовать принятию цели обучения будущими учителями, ее присвоение и руководство ею, практически переводить цель их деятельности в соответствии с её результатом.

В этой связи возникает необходимость в процессе изучения педагогических дисциплин обеспечить системно-содержательное обеспечение, то есть реализацию соотношения качества подготовки ответственности с моделью современного педагога. Ибо знания, полученные по педагогике, оторванные от реальной профессиональной деятельности педагога, не способствует пониманию структуры профессиональных действий будущего учителя их состава и способа интеграции, создающих основу для формирования ответственного отношения к профессиональной деятельности. Поэтому в процессе изучения педагогических дисциплин считаем, что студент не только должен осуществлять отбор и композицию учебного материала, выделять дидактические элементы содержания, но и оценивать согласованность собственных действий с целями и условиями в процессе их подготовки.

термина - от “технологии в образовании” к “технологии образования” – соответствует изменению его содержания, которая охватывает четыре периода (3; 4). Первый (40-е – середина 50-х годов): в учебных заведениях появляются технические средства записи и воспроизведения звука и проекции изображения. Под технологией обучения понимают комплекс современных на то время средств. Второй период (середина 50-60-х годов): возникает технологический подход, теоретической базой которого стала идея программированного обучения. Специалисты программированного обучения и аудиовизуального образования постепенно интегрируют свои усилия в рамках новой дисциплины – педагогической технологии. Для третьего периода (70-е годы) характерны три особенности: прежде всего это активная подготовка профессиональных педагогов–технологов; разработка технологии учебного процесса на основе системного подхода; исследователи понимают технологии обучения как изучение, разработку и применение принципов оптимизации на основе достижений науки и техники. Четвертый период (с середины 80-х годов): создаются компьютерные лаборатории и дисплейные классы, растет количество и повышается качество образовательных программных средств, используются системы интерактивных видео средств. Современный этап характеризуется расширением сферы педагогической технологии. Дискуссия о сути технологии обучения, которая продолжается и в наше время, нашла отражение во многих определениях. Одни исследователи (Дж. Брунер, П.Кенес - Комоський и др.) отождествляют технологии обучения с процессом коммуникации. Другие (А.Малібог, Т.Сакамото, Ф.Янушкевич) в образовательную технологию объединяют средства и процесс обучения. Третья группа (Д.Гасс, А.Богомолов и др.) предлагает рассматривать ее с позиции научной организации учебного процесса. Н.Талызина считает, что сущность современной технологии обучения заключается в определении рациональных способов достижения поставленной цели. Учебный процесс здесь рассматривается как система действий по планированию, обеспечению и оцениванию процесса обучения. В Республики Таджикистан, технология образования разрабатывается именно с позиции системного подхода, который является перспективным и научно обоснованным. Современное понимание технологии основывается на результате. С этих позиций лучше подходить и к построению образовательной технологии. Есть разные определения этого понятия (7; 8) как техники реализации учебного процесса. В.Дубровский и Л. Щедровицкий (5, с. 27) сделали попытку систематизировать “образовательную технологию”. Они рассматривают ее в трех аспектах: научном, по которым образовательные технологии являются частью педагогической науки, изучающей и разрабатывающей цели, содержание и методы обучения и проектирующей педагогические процессы; процессуально–описательном, что представляет алгоритм процесса, совокупность целей, содержания и средств для достижения планируемых результатов обучения; процессуально–действенном – как технологический процесс функционирования всех личных, инструментальных и методологических педагогических средств. В практике понятие “образовательная технология” используется на трех уровнях [5,с.27]. Технологии, максимально связанные с учебным процессом, деятельностью преподавателей и обучающихся. Поэтому в структуру образовательной технологии педагогики успеха входят:

- концептуальная основа;
- содержательная часть (цели обучения, содержание учебного материала);
- процессуальная часть (организация учебного процесса, методы и формы учебной деятельности обучаемых и деятельности преподавателей – управление учебным процессом, диагностика учебного процесса).

Таким образом, в образовательной технологии педагогики успеха должны быть все признаки системы: логика процесса, взаимная связь всех частей, целостность. Ей присущи управляемость, целенаправленность, планирование, поэтапная диагностика, варьирование средств и методов, коррекция результатов. Современные образовательные технологии должны гарантировать достижение определенного уровня обучения, быть эффективными по результатам и оптимальными по времени, затратах сил и средств.

Структура технологии обучения включает систему педагогических и учебных методов, приемов и способов целеполагания, планирования, организации и осуществления контроля, корректировки и оценки учебно–познавательной деятельности студентов с целью формирования у них культуры учебного труда. Функции технологии обучения заключаются в ее направленности на получение интегративного результата с высоким качеством и максимальным количеством усвоения учебной информации, динамикой, напряженностью, вариантностью, а также универсализацией знаний, умений и способов деятельности.

*Выводы.* Таким образом, насущной проблемой является построение современной отечественной согласно научных достижений в области естественно–математических и гуманитарных психолого–педагогических наук, педагогики успеха в ВУЗе. Содержание технологии педагогики успеха обучения является органическим сочетанием научно обоснованного и рационально отобранного содержания и организационных форм, которые создают условия для обогащения мотивации, стимулирования активизации учебно–познавательной деятельности студентов. Цивилизованным способом реформирования образования, повышения эффективности обучения является проектирование, создание и внедрение передовых инновационных образовательных систем и технологий.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Бажал Ю.М. Экономическая теория технологических изменений. – К., 2016.
2. Глушман А.В. Системный анализ понятия “технология обучения в вузе”: Материалы междунар. науч. – практ. конф. “Педагогическая технология в современном вузе”. – Москва, 2017.
3. Фурман А.В. Методологический анализ систем обучения // Педагогика и психология. – 2015. - № 1
4. Высоцкий С.И., Краевский В.В. Дидактическое основания конструирования процесса обучения // Новые исследования в педагогических науках. – М. 2016. – Вып. 1(47)
5. Дубровский В.Я., Щедровицкий Л.П. Проблемы системного инженерного психологического проектирования. – М., 2013
6. Зинченко В.П. Аффект и интеллект в образовании. – М., 1995
7. Кларин М.В. Педагогическая технология в учебном процессе. – М., 2012
8. Селевко Г. Взгляд на проблему // Нар. Образование. – 2015. - № 9
9. Юсуфбекова Н.Г. Тенденции и законы инновационных процессов в образовании // Новые исследования в педагогических науках. М. 2015. – Вып. 2 (58).
10. Образовательные технологии: Учеб. – метод. пособ. / А.М. Пехота, А.И. Киктенко, А.М. Любарская и др.; За ред. А.М. Пєхова. –К.: А.С.К., 2011.–256 с.
11. Пинчук В.М. Инновационные процессы – основа проектирования новых образовательных технологий //Образование и управления.–Т.2. – 2016 –С.88-97.
12. Педагогические технологии в непрерывном профессиональном образовании: Монография /под ред. С.А.Сысоевой. –ВИПОЛ, 2016. -502 с.
13. Педагогические технологии: наука - практике: Учеб.-метод учебник /под ред. С.А.Сысоевой. –К.: ВІПОЛ, 2015. – Вып.1. -281 с.
14. Олейник П.М. Передовые педагогические технологии, дидактически-методические особенности и возможности их // Метод обучения и научных исследований в высшей школе: Учеб. пособ. /За ред. С.В.Гончеренка, П.М. Олейника. -К.: Высшая шк., 2013. - 323 с.


## ПЕДАГОГИКАИ МУВАФФАҚИЯТ – АСОСИ АЗНАВСОЗИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ


Муаллиф дар мақолаи мазкур ғояи асосии азнавсозии низоми таҳсилоти олиро нишон додааст, ки он самаранокии таълимро дар макотиби олӣ бо туфайли лоиҳакашӣ ва татбиқи низомҳо ва технологияҳои нави таълимӣ дар назар дорад. Дар мақола асосҳои назариявӣ ва методологии педагогикаи муваффақият дар азнавсозии таҳсилоти олӣ омӯхта шудааст. Самти инноватсионии педагогикаи муваффақият азнавсозиҳои иҷтимоӣ – иқтисодиро шартнок месозад, ки азнавсозии мувофиқи сиёсати таҳсилот, саъю кӯшиши омӯзгоронро дар азхудкунӣ ва истифодабарии навгониҳои педагогӣ талаб менамоянд. Дар ҳошияи стратегияи педагогикаи муваффақият ва раванди комили педагогӣ нақши роҳбарияти макотиби таҳсилоти олӣ, омӯзгорон, методистҳо ҳамчун барандагони бевоситаи муносибатҳои навгароёна меафзояд. Бо мавҷудияти шаклҳои гуногуни технологияҳои таълим: дидактикӣ, компютерӣ, масоилӣ, модулӣ – инкишофдиҳанда, кредитӣ-модулӣ ва ғайра – татбиқи функсияҳои асосии педагогӣ аз омӯзгор вобастагӣ дорад. Педагогикаи муваффақият дар фаъолияти омӯзгорон ва донишҷӯён бавуҷудорӣ, азхудкунӣ ва истифодабарии навгониҳои педагогиро пешбинӣ намуда, ҳамчун воситаи азнавсозии сиёсати таҳсилот баромад менамояд. Инчунин нақши калонро рақобати муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебозад, ки сабаби ҷустуҷӯйи технологияҳои нав, шаклҳо, методҳои ташкили раванди таълимӣ – тарбиявӣ мегарданд, маҳакҳои мувофиқро оиди интихоби кадрҳои илмӣ – педагогӣ илқо менамоянд.



Калидвожаҳо: педагогикаи муваффақият, азнавсозӣ, низоми таҳсилоти олӣ, самти инноватсионӣ.


## ПЕДАГОГИКА УСПЕХА – ОСНОВА МОДЕРНИЗАЦИИ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ


Автором показана основная идея модернизации системы высшего образования, которая заключается в том, что эффективность обучения в высшей школе может быть улучшена благодаря проектированию и внедрению новейших образовательных систем и технологий. В статье изучены теоретические и методологические основы педагогики успеха в модернизации высшего образования. Инновационную направленность педагогики успеха обусловливают социально-экономические преобразования, которые требуют соответствующего обновления образовательной политики, стремления педагогов к освоению и применению педагогических новшеств. В контексте стратегии педагогики успеха и целостного педагогического процесса существенно возрастает роль руководства высшего учебного заведения, преподавателей, методистов как непосредственных носителей новаторских подходов. При всем многообразии технологий обучения: дидактических, компьютерных, проблемных, модульно-развивающих, кредитно-модульных и других – реализация ведущих педагогических функций остается за педагогом. Педагогика успеха в деятельности педагогов и студентов предполагает создание, освоение и использование педагогических новшеств, выступает средством обновления образовательной политики. Большую роль также играет конкуренция высших учебных

учреждений, которая стимулирует поиск новых технологий, форм, методов организации учебно–воспитательного процесса, диктует соответствующие критерии по подбору научно–педагогических кадров.
**Ключевые слова**: педагогика успеха, модернизация, система высшего образования, инновационная направленность.

**PEDAGOGY OF SUCCESS IS THE BASIS OF MODERNIZATION OF HIGHER EDUCATION**

The author shows the main idea of modernization of the system of higher education, which is that the effectiveness of education in higher education can be improved through the design and implementation of new educational systems and technologies. The article studies the theoretical and methodological foundations of pedagogy of success in the modernization of higher education. The innovative orientation of pedagogy of success is determined by socio-economic changes that require appropriate updating of educational policy, the desire of teachers to learn and apply pedagogical innovations. A major role is played by competition of higher educational institutions, which stimulates the search for new technologies, forms, methods of organization of the educational process, dictates the appropriate criteria for the selection of scientific and pedagogical personnel.
**Key words**: success pedagogy, modernization, higher education system, innovation orientation.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Бегиджон Рамазонович*** **-** Институт технологий и инновационного менеджмента г. Куляб, старший преподаватель кафедры «Программирование технологии и компьютерной техники», соискатель. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица Борбад. Телефон: **(+992) 988-53-11-22.** E-mail: **kulob-boston-2014@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sharipov Begijon Ramazonovich*** - Institute of Technologies and Innovative Management, Kulyab, senior lecturer of the chair "Programming of technology and computer equipment", competitor. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Kulyab, Borbad Street. Phone: **(+992) 988-53-11-22**. E-mail: **kulob-boston-2014@mail.ru**

**УДК:371+7.0 (575.3)**

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИРТИБОТИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН АСОСИ ТАЙЁРИИ ПЕДАГОГӢ

***Тошзода Савриддини Ҳомид***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Раванди ташаккули фарҳанги иртиботӣ дар чаҳорчӯбаи раванди педагогӣ мавҷуд аст, ки ҳамчун «татбиқи мақсади таълим ва тарбия дар шароитҳои системаҳо муайян карда мешавад, ки дар онҳо фаъолияти мутақобилаи тарбиятдиҳандагон бо тарбиягирандагони (субъект - объекти) тарбия ташкил карда шудааст» [1].

Байни ҷузъҳои раванди педагогӣ мақсад, мазмун, шаклу методҳои тайёрӣ, инчунин натиҷаҳои он ҷудо карда мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки раванди ташаккули фарҳанги иртиботӣ ба воситаи тавсифи ҷузъҳои онро таркибдиҳанда дида баромада шавад. Лекин таҳлили таҳқиқотҳое, ки вақтҳои охир аз рӯйи ин масоил гузаронида шудааст, нишон медиҳад, ки муносибати ягона нисбати тавсифи ин раванд вуҷуд надорад.

Ҳамин тариқ, Г.И. Аксенова ба нишонаҳои тайёрии касбӣ ишора намуда, онро ҳамчун раванд нишон медиҳад, ки нишонаҳои ба худ хосси он тақсимнопазирӣ, гуногунӣ ва ташкили марҳилавӣ мебошанд. Тайёрӣ, ҳамчун дилхоҳ фаъолият, таъйиноти барномавӣ – мақсаднок дорад. Байни мақсадҳои тайёрӣ ҳамчун фаъолият, ки дар сатҳҳои гуногун ошкор мегардад, рушди тайёрии мақсаднок; пуррасозии мазмунноки тайёрӣ (аз рӯйи фанни он муайян карда мешавад); инкишофи маҳоратҳо ҷудо карда мешаванд. Аксенова Г.И. ба чунин хулоса меояд, ки "тайёрӣ ба дилхоҳ фаъолият дар худ эътиқод, ақоид, муносибатҳо, ангезаҳо, ҳиссиёт, сифатҳои идрокӣ ва зеҳнӣ, донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, гузоришҳои шахсиятро ба рафтори муайян муттаҳид месозад" [2].

Ҳамин тариқ, дар тайёрӣ, ҳамчун дар натиҷаи тайёрӣ, ки сохтори онро таҷассум месозад, ба ҷузъҳои далелнок (эътиқод, ақоид, муносибатҳо, ангезаҳо, нишондод ба рафтори муайян); шахсиятӣ (ҳиссиёт, сифатҳои идрокӣ ва зеҳнӣ); пурмазмун (дониш); протсессуалӣ (маҳорату малакаҳо) такя карда мешавад.

Л.Ф. Жеребятева ба назарияҳои В.С. Илин ва Г.С. Садчикова такя намуда, тайёрии омӯзгорро ба фаъолияти касбӣ ҳамчун пайвасташавии ҷузъҳои барангезанда (ангезавӣ) ва иҷрокунандагӣ (протсессуалӣ) муайян менамояд [3].

Л.В. Нечаева дар асари худ ба масоили ташаккули мутахассиси касбӣ ишора намуда, чунин мешуморад, ки ин равандро метавон ҳамчун «системаи тағйирёбандаҳои интегралӣ дида баромад, ки аз самтнокии касбӣ – педагогии шахсият, мусаллаҳгардонии назариявии он,

инчунин бартарии маҳоратҳои аз ҷиҳати касбӣ маънидор, ки барои фаъолияти муштарак зарур аст, иборат аст» [4].

Ҳамин тариқ, моҳияти раванди тайёрӣ ҳамчун вазъияти шахсият муайян карда мешавад, ки дар сохтори он самтнокӣ, донишҳои назариявӣ ва маҳоратҳои аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятноки он ҷудо карда мешаванд.

Дар асари дигар моҳияти раванди тайёрӣ ба воситаи мафҳуми система муайян карда мешавад. Он бо ягонагии мазмун, шакл ва методҳо таснифот мешавад, ки системаи тайёриро ташаккул медиҳад. Аз нуқтаи назари амаликунии ин система, «омилҳои асосӣ алоқаи мутақобилаи ангезаҳои фаъолияти педагогӣ, сифатҳои шахсиятӣ, донишҳо, маҳоратҳои педагогӣ мебошанд» [5]. Дар ин ҷо, аз нуқтаи назари шароитҳои ташкил чор марҳила ҷудо карда мешавад:

1. Тайёрӣ ба воситаи ташаккули ангезаҳо, сифатҳои шахсиятӣ, маҳоратҳо.
2. Алоқаи мутақобилаи намудҳои гуногуни тайёрӣ (психологӣ ва педагогӣ);
3. Худтарбияткунии касбӣ;
4. Ташаккули марҳилавии низоми маҳоратҳои педагогӣ.

Сохтори системаи тайёрӣ бо ҷузъҳои ангезавӣ - шахсиятӣ (ангезаҳо ва сифатҳои шахсиятӣ), пурмазмун (донишҳо) ва фаъолнокӣ (маҳоратҳо) пешниҳод гардидааст. Қайд карда мешавад, ки амаликунии тамоми системаро алоқаи мутақобилаи тамоми ҷузъҳои он таъмин менамояд. Е.В. Горячкина равандеро баррасӣ менамояд, ки ба ташаккули маҳоратҳои педагогии муошират аз нуқтаи назари ташкили он равона карда шудааст, ки худ инъикосгари «системаи методҳо ва усулҳои ҳамдигарро такмилдиҳанда иборатанд (семинарҳо-практикумҳо, машваратҳо, бозиҳои педагогӣ, таҳлили ҳолатҳои педагогӣ, тренингҳи муоширати касбӣ-педагогӣ)» [6].

Дар маҷрои муносибати фаъол Л.В. Макарская тайёриро ҳамчун «раванди комил баррасӣ менамояд, ки аз ташаккул, ангезаи фаъолияти педагогӣ иборат аст ва дар шуур ва рафтори донишҳои назариявӣ ва шахсиятӣ мустаҳкам карда шудааст. Аз ҷиҳати сохторӣ ва мазмунӣ тайёрӣ бо маҷмӯи таъсиррасониҳои педагогӣ ба шахсияти донишҷӯй бо мақсади ташаккули ҷузъҳои сохторофаранда ва нишонаҳои онро тавсифкунанда пешниҳод гардидааст» [7].

Дар бисёре аз таҳқиқотҳо тайёрии мутахассис ҳамчун раванд дида баромада мешавад, ки таъйиноти мақсадноки он тайёрии касбии мутахассис мебошад. Ғайр аз мақсад, дар раванди тайёрӣ сохтор, фаъолияти онро ташаккулдиҳанда, марҳилаҳо ва шакли ташкил, принсипҳои тайёрӣ ва методҳо таҳлил карда мешаванд. Оиди баъзе таҳқиқотҳои раванд доир ба масоили омодасозии касбӣ – педагогӣ кӯшишҳои тағйир додани мафҳуми «раванди тайёрӣ» ба мафҳуми «тайёрӣ ба раванди педагогӣ» мушоҳида мегардад.

Аз назари мо, чунин муносибатҳо танҳо дар он сурат дуруст арзёбӣ мегарданд, ки агар сухан оиди сохтори тайёрӣ равад, чунки тайёрӣ ба касби педагогӣ тамоми ҷузъҳои раванди тайёриро инъикос менамояд. Умуман, тайёрӣ ба раванди педагогӣ аз ду тараф:

• аз як тараф ҳамчун тавсифоти устувори шахсият;
• аз тарафи дигар – ҳамчун вазъият дида баромада мешавад.

Хусусияти тайёрӣ он аст, ки дар раванди фаъолият намудор ва ташаккул меёбад ва ба он ҳамчун қисмати таркибӣ ворид мегардад. Аз ин рӯ, шабоҳат додани тайёрӣ ҳамчун раванд ва тайёрӣ, ҳамчун натиҷа ва ҷузъи сохторӣ аз нуқтаи назари мо табиӣ ва мутобиқи қонун нест. Самти муосири таҳқиқотҳои психологӣ-педагогӣ дар соҳаи тайёрии омӯзгор ба фаъолияти педагогӣ ба қонуният нигаронида шудааст, ки дар мувофиқа бо он муваффақияти ин фаъолият мутобиқати сохтори психологии шахсиятро, ки ин фаъолиятро амалӣ месозад, бо сохтори психологии худи фаъолият пешбинӣ менамояд. Ин қонуният ба он ишора менамояд, ки тайёрии касбӣ бояд ба модели шахсияти мутахассиси оянда равона карда шавад, ки сохтори фаъолияти ӯро инъикос менамояд ва худи раванди тайёрӣ бояд махсусияти фаъолиятиояндаи касбиро инъикос намояд.

Фаъолияти иртиботӣ ҳамчун дилхоҳ фаъолият аз лиҳози муносибати шахсиятӣ дар соҳаи мақсадноки субъект, мазмуни фаъолияти иртиботӣ ва маҳоратҳоеро, ки амаликунии ин фаъолиятро имконпазир менамоянд, инъикос гардидааст. Тайёрӣ на танҳо аз фаъолияти омӯзгор ва толибилм, ки раванди таълимро ба миён меоранд, иборат аст, он инчунин фаъолияти мустақилонаи субъект, худомӯзӣ, азхудкунии таҷриба бо роҳи таҳлил, фаҳмидагирӣ ва азнавсозии соҳаи фаъолиятро, ки ба он ворид карда шудааст, дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, дар ҳар як марҳилаи тайёрӣ намуди бартариятдоштаи фаъолият вуҷуд дорад, ки онро бояд фаъол гардонем.

Ҷанбаи мақсадноки раванди тайёрӣ дар натиҷаи таълими мувофиқи мақсад ташаккул меёбад, ки муваффақияти он аз вазъи шахсият, мақсадҳои он ва хоҳиши худи субъект вобастагии зич дорад. Ҷанбаи пурмазмун дар натиҷаи таълим ташаккул меёбад ва инъикосгари фаъолият оид ба азхудкунӣ ва интиқоли низоми донишҳо мебошад. Ҷанбаи амалӣ ҳам дар раванди таълим ва ҳам дар фаъолияти инфиродии эҷодии худи субъект амалӣ карда мешавад. Дар ин сурат фаъолияти мустақилонаи субъект дар асоси мақсадҳои ташаккулёфта, низоми донишҳои зарурӣ, бартарии маҳоратҳои амалӣ ба роҳ монда шуда, фаъолиятро дар асоси худамаликунии эҷодӣ дар фаъолияти иртиботӣ пешбинӣ менамояд.

Тайёрӣ барои бадастории фарҳанги иртиботии педагогӣ-касбӣ равона карда шудааст, ки дар сохтори он мо ҷузъҳои мақсадноки арзишнок, мазмуннокӣ ва ҷузъҳои амалиро ҷудо менамоем.

Аз нуқтаи назари мо, мақсади тайёрӣ он гоҳ ба даст меояд, ки агар мо як қатор масъалаҳоро ҳал намоем:

• якум, ташаккули муносибати мақсадноки арзишнок нисбати муошират ва аз ҷумла нисбати шаклҳои сохтории он;

• дуюм, ташаккули низоми донишҳо дар бораи муошират ва аз ҷумла шаклҳои фарҳангии он;

• сеюм, инкишофи маҳорату малакаҳои иртиботӣ.

Ин масъалаҳо танҳо дар он сурат ҳалли худро меёбанд, ки агар мо ба тамоми соҳаҳои шахсиятӣ (ангезавӣ, зеҳнӣ, рафторӣ) таъсири мақсаднок расонида тавонем.

Ҳамин тариқ, мо раванди тайёрии донишҷӯёни макотиби олии омӯзгориро оиди ташаккули фарҳанги иртиботӣ ҳамчун раванд дида мебароем, ки натиҷаи он баландбардории фарҳанги иртиботии омӯзгорони оянда мебошад. Фарҳанги иртиботӣ шарти ташаккули омӯзгори касбӣ мебошад. Раванди ташаккули фарҳанги иртиботии донишҷӯён дорои як қатор нишонаҳо мебошад, ки раванди педагогиро тавсиф менамоянд. Байни онҳо нишонаҳои зеринро ҷудо месозем:

• гуногунӣ;

• мувофиқи мақсад будан;

• ташкили марҳилавӣ ва пайдарпайӣ.

Ташаккули фарҳанги иртиботии донишҷӯён ҳамчун яке аз шартҳои асосии раванди тарбия баромад менамояд. Бо назардошти ин, фарҳанги иртиботӣ сифати фаъолияти иртиботиро тавсиф менамояд, мо ба ин раванд дар низоми ташаккули мутахассис диққати махсус медиҳем. Тайёрӣ ба фаъолияти касбӣ ташаккули ҷузъҳои сохтории фарҳанги иртиботиро дар ҷанбаҳои гуногун пешбинӣ менамояд: мақсаднок-арзишнок, мазмуннок ва амалӣ.

Бо дарназардошти ин, фаъолияти иртиботӣ ҳамчун шарт ва воситаи ташаккули фарҳанги иртиботӣ пешниҳод карда мешавад. Дар раванди тайёрии касбии донишҷӯён муносибати арзишнок нисбати муошират ҷорӣ карда шуда, талаботҳое пешниҳод мегарданд, ки ба онҳо фарҳанги иртиботии худи омӯзгор бояд мувофиқат намояд.

Ташкили марҳилавии тайёрӣ гузориши мақсадҳоро дар ҳар як марҳилаи тайёрӣ пешбинӣ менамояд. Дар ташаккули фарҳанги иртиботии донишҷӯён се марҳилаи зеринро бояд қайд намуд.

Марҳилаи якум (ибтидоӣ). Мақсади асосии он ташаккули муносибати арзишнок нисбати муошират ва шаклҳои фарҳангии он мебошад. Он дар чаҳорчӯбаи таълими як қатор фанҳои психологӣ-педагогӣ амалӣ карда мешавад. Методи асосӣ воридоти иттилооти маънидор дар бораи муошират ба мазмуни фанҳои анъанавии психологӣ–педагогӣ мебошад.

Марҳилаи дуюм (тайёрии назариявӣ). Мақсади асосии он ташаккули системаи донишҳо дар бораи мушоират, фаъолияти иртиботӣ ва фарҳанги иртиботӣ мебошад, ки онро метавон бо роҳи воридоти мавзӯъҳои алоҳида ба курсҳои анъанавӣ, коркарди курсҳои махсуси вариативӣ ва факултативӣ ба даст овард. Аз ҳама ояндадор ҷудосозии «курси» фанҳое мебошад, ки тайёрии суръатноки иртиботии донишҷӯёнро таъмин менамояд, масалан, «Методикаи кори тарбиявӣ», « Асосҳои маҳорати педагогӣ», «Фарҳанги нутқ», « Асосҳои фарҳанги иртиботӣ» ва ғайра. Шаклҳои асосӣ машғулиятҳои лексионӣ, семинарӣ, амалӣ ва лабораторӣ мебошанд. Байни шаклҳои беруназаудиторӣ - кори мустақилонаи донишҷӯён зери роҳбарии омӯзгор оид ба тайёрии гузоришҳо ва навиштани реферату корҳои курсӣ.

Марҳилаи сеюм (тайёрии амалӣ). Мақсади асосӣ рушд ва мустаҳкамсозии малакаҳои иртибот дар таҷрибаомӯзии касбӣ–педагогии махсус ташкилкардашуда мебошад. Дар рафти ин таҷрибаомӯзӣ аҳамияти асосӣ ба фаъолияти иртиботии омӯзгор дода мешавад. Методҳои

амалӣ истифода бурда мешаванд: мушоҳида ва таҳлили фаъолияти иртиботӣ, машқҳо ва тренингҳо, дастурдиҳӣ, ташкили фаъолияти иртиботии донишҷӯй дар ҳолатҳои гуногун.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳои тайёрӣ ба дастовардҳои марҳилаҳои пешин такя менамояд. Аз ин рӯ, барои татбиқи вазифаҳои тайёрӣ ивазшавии пайдарпайи марҳилаҳо дар чаҳорчӯбаи раванди ягонаи педагогӣ зарур аст.

Фарҳанги иртиботии донишҷӯён дар фаъолияти касбии онҳо такмил меёбад ва истифодабарии донишҳои бадастомадаро пешбинӣ месозад. Ин танҳо бо он шарт имконпазир аст, ки фарҳанги иртиботӣ сифати аҳамиятноки шахсият, яке аз маҳакҳои баҳогузорӣ ва низоми талаботҳо нисбати педагог – мутахассис гардад.

Гуногунӣ истифодаи шаклҳо ва методҳои гуногунро пешбинӣ менамояд, ки ба бадастории мақсадҳо дар ҳар як марҳилаи раванди ташаккул равона карда шудааст. Машғулиятҳои лексионӣ дар марҳилаҳои якум ва дуюм бо фарогирии пурмазмун фарқ мекунанд. Дар марҳилаи якуми тайёрӣ ба курсҳои лексионӣ иттилоот оиди аҳамиятнокӣ ва арзишнокии муошират ворид карда мешавад. Ин иттилоот категорияҳо ва мафҳумҳои асосии педагогиро тасвир карда метавонад. Дар машғулиятҳои лексионӣ масъалаҳои проблемавӣ гузошта мешаванд, ки аҳамиятнокии фарҳанги иртиботиро баланд мебардоранд.

Дар машғулиятҳои семинарӣ масъалаҳое муҳокима мегарданд, ки дарки амиқи назариявиро талаб менамоянд. Машғулиятҳое, ки бо ин тарз сохта шудаанд, ба изҳори мустақилияти донишҷӯён ҳангоми омӯзиши масъалаҳои алоҳидаи назариявӣ кумак менамоянд.

Машғулиятҳои лабораторӣ-амалӣ масъалаҳои шиносоӣ бо низоми донишҳои технологиро ҳал менамоянд. Дар ин машғулиятҳо маҳоратҳои ибтидоӣ ташаккул меёбанд, донишҷӯён бо принсипҳои таҳлили зуҳуроти фарҳанги иртиботӣ дар ҳолатҳои гуногун, инчунин бо принсипҳои таҳлили ҷузъҳои фарҳанги иртиботӣ шинос мешаванд. Машғулиятҳо имконият медиҳанд, ки малакаҳои иҷтимоии иртибот мустаҳкам карда шаванд.

Аз рӯйи мундариҷае, ки ба машғулиятҳои лабораторӣ наздик аст ва мо онро дар боло қайд намудем, ин дастурдиҳӣ ва тренинг мебошад.

Дастурдиҳӣ дар раванди таҷрибаи педагогӣ бевосита пеш аз иҷрои кори таълимӣ ва ё амалӣ истифода бурда мешавад. Дастурдиҳӣ аз шарҳи мақсади кори дарпешистода, инъикоси ташкил ва технологияи иҷроиши он иборат аст. Дастурдиҳӣ инчунин аз такя ба мафҳумҳои калидӣ ва машқҳо низ иборат буда метавонад.

Тренинги муошират ба машғулиятҳои лабораторӣ-амалӣ ва таҷрибаомӯзии педагогӣ низ ворид карда шудааст. Мақсади асосии он мукаммалсозӣ ваислоҳи муошират дар раванди таҷрибаомӯзӣ мебошад. Тренинг ба мустаҳкамсозии малакаҳои иртиботӣ ва рафтор дар ҳолатҳое равона карда шудааст, ки дар ҳақиқат дар раванди таҷрибаомӯзӣ бо он рӯ ба рӯ мешаванд (аввалин алоқа, шиносоӣ бо синф, омӯзгор, рафтор дар ҳолати мухолифат, ташкили фаъолият ва ғайра).

Машғулиятҳои лабораторӣ дар раванди таҷрибаомӯзии педагогӣ гузаронида мешаванд. Мақсади асосии онҳо иҷрои мустақилонаи масъалаи намунавӣ мебошад. Чун қоида, машғулиятҳои лабораторӣ дар мактаб гузаронида шуда, аз мушоҳида ва фаъолияти иртиботии омӯзгор дар дарс иборат мебошанд.

Кори таҷрибавии донишҷӯён фаъолияти касбиро дар давраи таҷрибаомӯзӣ инъикос менамояд. Диққати асосӣ ба фаъолияти иртиботии омӯзгор дода мешавад. Донишҷӯён ба худтаҳлилкунӣ ва такмили ин фаъолият водор карда шуда, шавқманд мегарданд.

Методҳои асосӣ дар раванди ташаккули фарҳанги иртиботии донишҷӯён инҳо мебошанд: мусоҳиба, мушоҳида, суҳбат, моделикунонии ҳолатҳо, ҳалли масъалаҳо, машқҳо, бозиҳои нақшавӣ, тестикунонӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, ҷанбаи мақсаднок – ташаккули муносибати арзишнокро нисбати муошират ва шаклҳои фарҳангии он тақозо менамояд. Ин хусусият дар ҳар як аз марҳилаҳои ҷудокардашуда ташаккул меёбад. Лекин дар ҳар яки ин марҳилаҳо ташаккули муносибати арзишнок нисбати муошират дорои мавқеъҳои гуногун мегардад. Масалан, ташаккули муносибати арзишнок дар марҳилаи якум мақсади асосӣ маҳсуб меёбад; дар марҳилаи дуюм - мақсади асосӣ ташаккули низоми донишҳои фарҳанги иртиботӣ мебошад; оиди марҳилаи сеюм гуфтан мумкин аст, ки дар он рушди малакаҳои иҷтимоии иртиботӣ аҳамияти бештар касб менамоянд.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҷанбаҳои ташаккули фарҳанги иртиботӣ (мақсаднок-арзишнок, пурмазмун, амалӣ) имконият медиҳанд, ки мо ин равандро ҳамчун шарти бадастории мақсадҳои асосӣ дида бароем.

Ҳамин тариқ, дар раванди ташаккули фарҳанги иртиботии донишҷӯён, ки мо онро дида баромадем, бояд лаҳзаҳои принсипиалии зерин ҷудо карда шаванд:

- якум, ташаккули фарҳанги иртиботии донишҷӯён, ки мо дар чаҳорчӯбаи раванди педагогӣ амалӣ месозем, дорои нишонаҳои зерин мебошад: мувофиқи мақсад будан, ягонагӣ, гуногунӣ, пайдарпайӣ ва ташкили марҳилавӣ;

- дуюм, натиҷаи ташаккулёбандагии фарҳанги иртиботии донишҷӯён тайёрии касбии онҳо ба истифодабарии ин ҷузъҳо дар фаъолияти касбиашон мебошад ва ҳамчун тавсифи сифатноки шахсияти омӯзгор баромад менамояд;

- сеюм, махсусияти фарҳанги иртиботии донишҷӯён ҳамчун сифати фаъолияти иртиботӣ ташкили раванди тайёрии донишҷӯёнро ба ташаккули фарҳанги иртиботии онҳо муайян месозад ва имконият медиҳад, ки ин раванд дар се ҷанба дида баромада шавад: мақсаднок-арзишнок, пурмазмун, амалӣ.

## АДАБИЁТ


1. Кабрин В.И. Исследования саморегуляции личности в системе коммуникативного мира: Дисс. канд. псих. наук. - Л., 1978. - 194 с.
2. Аксенова Г.И. Студент как субъект образовательного процесса. - М., Рязань - 1998. - 176 с.
3. Жеребятьева Л.Ф. Подготовка будущих учителей к организации и проведению самостоятельной работы учащихся: автореф. дисс. канд. пед. наук. - Алма-Ата, 1990. - 25 с.
4. Нечаева Л.В. Подготовка студентов педагогических институтов к взаимодействию с учащимися: автореф. дисс. канд. пед. наук. - Харьков, 1991. - 18 с.
5. Каптерев П.Ф. Дидактические очерки. Теория образования // Каптерев П.Ф. Избр. пед. соч. - М., 1982. - 704 с.
6. Горячкина Е.В. Тренинг как одна из форм обучения учителя общению // Начальная школа. - 1997. - № 3. - С.67-70.
7. Макарская Л.В. Подготовка будущего учителя к нравственному воспитанию учащихся: автореф. дисс. канд. пед. наук. - Минск, 1988. - 19 с.


## ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИРТИБОТИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАМЧУН АСОСИ ТАЙЁРИИ ПЕДАГОГӢ


Байни ҷузъҳои раванди педагогӣ мақсад, мазмун, шаклу методҳои тайёрӣ, инчунин натиҷаҳои он ҷудо карда мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки раванди ташаккули фарҳанги иртиботӣ ба воситаи тавсифи ҷузъҳои онро таркибдиҳанда дида баромада шавад. Лекин таҳлили таҳқиқотҳое, ки вақтҳои охир аз рӯйи ин масоил гузаронида шудаанд, нишон медиҳад, ки муносибати ягона нисбати тавсифи ин раванд вуҷуд надорад. Дар тайёрӣ, ҳамчун дар натиҷаи тайёрӣ, ки сохтори онро таҷассум месозад, ба ҷузъи далелнок (эътиқод, ақоид, муносибатҳо, ангезаҳо, нишондод ба рафтори муайян); шахсиятӣ (ҳиссиёт, сифатҳои идрокӣ ва зеҳнӣ); пурмазмун (дониш); протсессуалӣ (маҳорату малакаҳо) такя карда мешавад. Моҳияти раванди тайёрӣ ҳамчун вазъияти шахсият муайян карда мешавад, ки дар сохтори он самтнокӣ, донишҳои назариявӣ ва маҳоратҳои аз ҷиҳати касбӣ аҳамиятнокӣ он ҷудо карда мешаванд. Дар бисёре аз таҳқиқотҳо тайёрии мутахассис ҳамчун раванд дида баромада мешавад, ки таъйиноти мақсадноки он тайёрии касбии мутахассис мебошад. Ғайр аз мақсад дар раванди тайёрӣ, сохтор, фаъолияти онро ташаккулдиҳанда, марҳилаҳо ва шакли ташкил, принсипҳои тайёрӣ ва методҳо таҳлил карда мешаванд. Оиди баъзе таҳқиқотҳои раванд доир ба масоилҳои омодасозии касбӣ – педагогӣ кӯшишҳои тағйир додани мафҳуми «раванди тайёрӣ» ба мафҳуми «тайёрӣ ба раванди педагогӣ» мушоҳида мегардад.



**Калидвожаҳо:** масоили омодасозии касбӣ – педагогӣ, раванди тайёрӣ, тайёрӣ ба раванди педагогӣ, сохтори тайёрӣ, тайёрӣ ба касби педагогӣ, ҷузъҳои раванди тайёрӣ.


## ФОРМИРОВАНИЕ КОММУНИКАТИВНОЙ КУЛЬТУРЫ СТУДЕНТА КАК ОСНОВА ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ


Среди элементов педагогического процесса выделяются: его цель, содержание, формы и методы подготовки, а также его результаты. Это позволяет нам рассмотреть процесс формирования коммуникативной культуры через описание элементов, его составляющих. Однако анализ исследований, проведенных в последнее время по этой проблеме, показывает, что нет единого подхода к описанию этого процесса. В готовности, как результате подготовки, отражающей ее структуру, делается акцент на мотивационный компонент (убеждения, взгляды, отношения, мотивы, установки на определенное поведение); личностный (чувства, волевые и интеллектуальные качества); содержательный (знание); процессуальный (умения и навыки). Сущность процесса подготовки определяется как состояние личности, в структуре которой выделяется ее направленность, теоретические знания и профессионально значимые умения. В большинстве исследований подготовка специалиста рассматривается как процесс, целевым назначением которого является профессиональная готовность специалиста.



**Ключевые слова:** проблемы профессионально-педагогического становления, процесс подготовки, готовность к педагогическому процессу, структура подготовки, готовность к педагогической профессии, компоненты процесса подготовки.


## FORMATION OF THE COMMUNICATIVE CULTURE OF THE STUDENT AS A BASIS OF PROFESSIONAL TRAINING


Among the elements of the pedagogical process are: its purpose, content, forms and methods of preparation, as well as its results. This allows us to consider the process of forming a communicative culture through a description of the elements that make up it. However, an analysis of recent studies on this problem shows that there is no single approach to describing this process. In readiness, as a result of training reflecting its structure, emphasis is placed on the motivational component (beliefs, attitudes, attitudes, motives, attitudes toward certain behavior); personal (feelings, strong-willed and intellectual qualities); informative (knowledge); procedural (skills). The essence of the preparation process is defined as the state of the individual, in

the structure of which its focus, theoretical knowledge and professionally significant skills are singled out. In most studies, the training of a specialist is considered as a process, the purpose of which is the professional readiness of a specialist.

**Key words:** problems of professional-pedagogical formation, process of preparation, readiness for pedagogical process, structure of training, readiness for the teaching profession, and components of the training process.

**Сведения об авторе:** ***Тошзода Савриддини Хомид*** – Таджикский национальный университет. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **933-01-13-32**

**Information about the author:** ***Toshzoda Savriddini Homid*** - Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **933-01-13-32**

УДК: 378+372. 800.2(575.3)

# НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН АЗ ФАННИ ИНФОРМАТИКА ДАР МАКОТИБИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ

***Ҷураева Насиба***
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳоро барои ворид гардидан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот муайян намудааст ва азнавсозии системаи таълимро дар ҳошияи талаботҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд. Қувваи ҳаракатдиҳандаи равандҳои инноватсионӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба амал меояд, мутобиқшавӣ ба бозори дохилии меҳнат ва кӯшиши ворид гардидан ба низоми байналмилалии таҳсилот ба сифати аъзои комилҳуқуқ мебошад. Мутобиқшавии доимии барномаҳои таълимӣ ба талаботҳои бозори меҳнат лозим аст.

Омили муҳимми рушди маълумоти олӣ дар Тоҷикистон ин иттилооткунонӣ ҳамчун татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо мебошад, ки ба таъмини пурра ва саривақтии гирифтани донишҳои саҳеҳ дар тамоми намудҳои фаъолияти барои одамон эътиборнок мебошад. Раванди иттилооткунонӣ дар як вақт бо паҳншавии электроника, компютерҳо ва алоқа ба миён омада, хеле тезутунд рушд меёбад ва характери меҳнат ва ҷойгоҳи инсонро дар фазои таҳсилот тағйир медиҳад.

Иттилоотикунонии соҳаи маориф ҳамчун самти аз ҷиҳати стратегӣ муҳимми «Барномаи давлатии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» дида баромада мешавад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расидааст, ва ҳангоми гузариш ба низоми кредитии таълим вазифаи аввалиндараҷа таъмини низоми маориф бо кадрҳои баландихтисоси педагогӣ мебошад. Нақши асосиро дар тайёрии касбӣ ва баландбардории тахассуснокии омӯзгорони фанни информатика, ташаккули сатҳи баланди салоҳиятнокии иттилоотии онҳо мебозад [1].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҷойгоҳи махсусро дар таълими на танҳо фанҳои риёзиёт, фанҳои табиӣ, инчунин фанҳои гуманитарӣ ишғол менамояд. Лекин, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботӣ дар раванди таълим, чун қоида, бе такя ба консепсияҳои дидактикӣ ба амал меояд, бисёр вақт нопурра ва бесилсила гузаронида шуда, дар аксар ҳолатҳо танҳо бо интиқоли иттилооти таълимӣ ба анҷом мерасад.

Бояд қайд намуд, ки дарки усулҳои универсалии ҳалли масъалаҳо, азхудкунии маҳорати истифодаи донишҳо аз ҷониби донишҷӯён дар ҳолати нав аз бисёр ҷиҳат аз характери фаъолияти фикрронӣ, фаъолнокӣ, самаранокии робитаи гардон, самти касбии раванди таълим, вобастагӣ дорад ва он ки бо чӣ гуна барандаи моддии иттилоот донишҷӯён кор мекунанд, аҳамияти дуюмдараҷа дорад.

Ғояи гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби омӯзгор инкор карда шуда, аз тарафи таълимгиранда бо сабаби баҳисобгирии нопурраи қонуниятҳои педагогӣ, ки дар асоси раванди таълим ҳангоми ҳама гуна ташкилкунии он нуҳуфта аст, қабул намегардад.

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар баробари кори аудиторӣ яке аз шаклҳои раванди таълимиро инъикос менамояд ва қисмати моҳиятноки он ба ҳисоб меравад. Барои иҷрои бомуваффақияти он банақшагирӣ ва назорат аз ҷониби омӯзгорон, инчунин банақшагирии

ҳаҷми кори мустақилона дар нақшаҳои таълимии ихтисосҳои кафедраҳои мақтаӣ, қисмати таълим, хадамоти методии муассисаи таълимӣ зарур аст.

Бо назардошти мавҷудияти вариантҳои муайянсозии кори мустақилона дар адабиёти педагогӣ мо тасвияи зеринро риоя хоҳем кард: кори мустақилона - ин кори банақшагирифташудаи донишҷӯён мебошад, ки бо супориш ва ё роҳбарии методии омӯзгор, лекин бе иштироки бевоситаи ӯ иҷро карда мешавад.

Дар Паёми худ ба Шӯрои Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «...Бояд саводнокии компютерии донишҷӯён, аз ҷумла аз ҳисоби барномаҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ баланд карда шавад. Ман тамоми донишҷӯёни макотиби олии мамлакатро даъват менамоям, ки технологияҳои иттилоотиро фаъолона аз худ намоянд» [2].

Кори мустақилонаи донишҷӯён дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ на танҳо барои азхудкунии фанни аниқ, инчунин барои ташаккули малакаҳои кори мустақилона дар фаъолияти таълимӣ, илмӣ, касбӣ, қобилияти қабули масъулият бар дӯши худ, ҳалли мустақилонаи масоил, пайдо кардани ҳалҳои конструктивӣ, баромад аз ҳолати буҳронӣ ва ғайра таъйин карда шудааст.

Аҳамияти кори мустақилонаи донишҷӯён аз чаҳорчӯбаи фанни алоҳида мебарояд ва дар алоқа бо ин кафедраҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ стратегияи ташаккули системаи маҳорату малакаҳои кори мустақилонаро коркард менамоянд. Дар ин сурат бояд сатҳи мустақилнокии донишҷӯён ва талаботҳо нисбати сатҳи мустақилиятнокии хатмкунандагонро ба асос гирифт, то ки дар давраи таълим сатҳи матлуб ба даст оварда шавад.

Ҳангоми истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён машғулият аз фанни информатика дар макотиби олии педагогӣ ба панҷ сатҳ тақсим карда мешавад.

1.Сатҳи якуми кори мустақилона - aзнавбавуҷудоварии таҳтуллафз ва тағйир додани иттилоот.

2.Сатҳи дуюм - корҳои мустақилона аз рӯйи намуна.

3. Сатҳи сеюм - корҳои асосноки мустақилона.

4. Сатҳи чорум - корҳои мустақилонаи эвристикӣ.

5. Сатҳи панҷум - корҳои мустақилонаи эҷодӣ (таҳқиқотӣ).

Барои иҷроиши самараноки кори мустақилона раванди таълим бояд дорои комплекси таълимии амалҳо бошад, ки аз ҷониби субъект мақсаднок барои ҳалли навъҳои гуногуни вазифаҳои таълимӣ ташкил карда шудаанд. Комплексҳои таълимӣ мазмун ва технологияи иҷроиши кори мустақилонаи донишҷӯёнро муайян менамоянд. Донишҷӯёнро дар назди зарурияти интихоби амалҳои аниқ аз шумораи зиёди он гузошта, онҳо фаъолиятнокии тамоюлнок ва иҷрокунандагии донишҷӯёнро таснифот менамоянд, ки аз малакаҳои одӣ иборатанд ва ба таркиби онҳо усулҳои коркарди иттилоот, баҳогузорӣ, назорат ва танзими фаъолияти хусусӣ дохил карда шудаанд. Раванди ташаккули онҳо дар мактаби ибтидоӣ оғоз гардида, дар тӯли тамоми давраи таълим давом меёбад: амалҳои гуногуни таълимӣ ва алгоритмҳо алоқаи мутақобила ва пайвастшавиҳои устуворро (комплексҳои амалҳоро) ба миён меоранд ва бо роҳи автоматӣ ҳангоми иҷрои ин ва ё он вазифа ба фаъолияти таълимӣ ворид мегарданд.

Ҳамчун ҷузъҳои асосии комплексҳои таълимӣ баромад менамоянд: мақсадҳои дарозмуддат (нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ), ки ташкили фаъолияти таълимиро дар дурнамо (бадастории мақсадҳои таълимӣ) муайян месозанд; технологияҳо (усулҳо, услубҳо, методҳо), ки бо ёрии онҳо дастовардҳои мақсадҳои таълимӣ татбиқ карда мешавад; захираҳое, ки бадастории мақсадҳои таълимӣ ва идоракунии фаъолияти таълимиро таъмин менамоянд. Амалҳои таълимӣ ва алгоритмҳое, ки ба таркиби онҳо дохил мешаванд, имконият медиҳанд, ки вазифаи таълимӣ қабул ва дарк карда шавад, рафти иҷроиши он ба нақша гирифта шуда, натиҷаи бадастомада назорат ва баҳогузорӣ шавад.

Ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён зери роҳбарии омӯзгори макотиби олӣ яке аз самтҳои самаранок дар раванди таълим мебошад, ки фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ ва азхудкунӣ ва мустаҳкамгардонии донишҳоро инкишоф медиҳад. Кори мустақилонаи донишҷӯён мубрамияти хосро ҳангоми омӯзиши фанҳои махсус ба худ касб менамояд, чунки донишҷӯёнро барои кор бо адабиёти зарурӣ сафарбар менамояд, малакаи қабули қарорҳоро дар онҳо коркард менамояд.

Яке аз шартҳои самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯён ташкили аз ҷиҳати методӣ мақсадноки фаъолияти донишҷӯён мебошад, ки батадриҷ муносибатро байни донишҷӯ ва

омӯзгор тағйир медиҳад. Аз рӯйи пешрафт ба курсҳои болоӣ мавқеи фаъоли эҷодкунанда ба донишҷӯён тааллуқ дорад. Ташкили фаъолияти донишҷӯён мувофиқан ҷониби шавқмандии донишҷӯ барои мустақилона фаъолият намудан ва фаъолона ба худомӯзиӣ пардохтан моил мегардад.

Иҷрои кори мустақилона ба донишҷӯён азхудкуниӣ, таҳлил, баҳисобгирии шароитҳо, гузориши масъалаҳо ва ҳалли масоили бамиёномадаро меомӯзад, яъне раванди кори мустақилона тадриҷан ба раванди эҷодӣ табдил меёбад. Дар ин ҷода ба донишҷӯён технологияҳои нави инноватсионӣ ёрӣ мерасонанд.

Дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ намудҳои гуногуни кори мустақилонаи инфиродӣ арзи вуҷуд доранд — тайёрӣ ба лексияҳо, семинарҳо, корҳои лабораторӣ, санҷишҳо, имтиҳонот, иҷрои рефератҳо, вазифаҳо, корҳои курсӣ ва лоиҳаҳо ва дар марҳилаи ниҳоӣ - иҷрои кори тахассусноки хатмкунандагӣ.

Кори мустақилонаи донишҷӯён боз ҳам пурсамар мегардад, агар дар онҳо ду ва ё се нафар иштирок намоянд. Кори гурӯҳӣ омили ангеза ва фаъолнокии дуҷонибаи зеҳниро амиқ месозад, самаранокии фаъолияти идрокии донишҷӯёнро бо шарофати назорати дуҷониба баланд мебардорад.

Дар ҳолати тайёрии инфиродӣ донишҷӯ фаъолияти худро субъективона ҳамчун пурра ва баанҷомрасида баҳогузорӣ менамояд, ки ин мумкин хато бошад. Ҳангоми кори гурӯҳии донишҷӯён худтафтишкунии гурӯҳӣ боислоҳи минбаъдаи омӯзгор ба миён меояд. Ин звенои дуюми фаъолияти мустақилонаи таълимӣ мебошад, ки самаранокии корро таъмин менамояд. Ҳангоми сатҳи ба қадри кофӣ баланди кори мустақилона донишҷӯ метавонад худаш қисмати инфиродии корро ба итмом расонад ва онро ба шарикаш – ҳамкурсаш нишон диҳад.

Таносуби вақте, ки барои кори аудиторӣ ва мустақилона ҷудо гардидааст, дар тамоми ҷаҳон 1:3,5 ташкил медиҳад. Чунин таносуб ба иқтидори бузурги дидактикии ин намуди фаъолияти таълимии донишҷӯён асос меёбад. Кори мустақилона ба амиқгардонӣ ва васеъсозии донишҳо; ташаккули шавқу рағбат нисбат ба фаъолияти идрокӣ; азхудкунии усулҳои раванди идрок; рушди қобилиятҳои маърифатӣ мусоидат менамояд. Маҳз, аз ин рӯ, он захираи асосии баландбардории самаранокии тайёрии омӯзгорони ояндаи фанни информатика мегардад.

Дар рафти кори мустақилона мо ҷанбаҳои педагогӣ ва самтҳои асосии ташкили онро дар раванди таълим дар макотиби олӣ таҳлил намудем. Тавре медонем, шаклҳои таълимии муайянкардашудаи фаъолияти таълими донишҷӯён дар макотиби олӣ лексияҳо, семинарҳо, корҳои амалӣ ва лабораторӣ мебошанд, ки шаклҳои кори мустақилона ва намудҳои вазифаҳои хонагиро шартнок месозанд. Низоми назорат низ асосҳои тамоюлоти онро бунёд месозад. Масалан, дар рафти лексия омӯзгор ба донишҷӯён адабиётро тавсия медиҳад ва методҳои кор бо китоби дарсӣ ва сарчашмаҳоро фаҳмонда медиҳад. Дар ин ҷода имкониятҳои махсусро лексияҳои муқаддимавӣ ва дастурӣ доро мебошанд, ки дар онҳо проблематикаи мавзӯъ, мантиқи азхудкунии он ошкор гардида, таснифоти рӯйхати адабиёт дода мешавад, қисматҳои он барои коркарди мустақилона ҷудо карда мешаванд. Вазифаҳои семинарӣ ва лоиҳавии донишҷӯён дар макотиби олӣ бояд ба такмили маҳорати ҷустуҷӯйи вариантҳои мувофиқи ҷавобҳо, ҳисоббаробаркуниҳо, ҳалҳо равона карда шаванд.

Кори мустақилона бо истифодаи маводи асосии дидактикӣ иҷро карда мешавад, ки ба ислоҳи кори донишҷӯён ва такмили сифати он равона карда шудаанд [3].

Имрӯз коллективҳои кафедраҳо системаи донишҳоро барои кори мустақилона; мавзӯи рефератҳо ва маърӯзаҳо; дастурамалҳо ва нишондодҳо; дастурамалҳо ва нишондодҳои методӣ барои иҷрои корҳои лабораторӣ, машқҳои тамринӣ, вазифаҳои хонагӣ ва ғайра; мавзӯи корҳои курсӣ ва лоиҳаҳои дипломӣ; рӯйхати адабиёти ҳатмӣ ва иловагӣ коркард менамоянд. Кори мустақилона характери фаъолиятнокӣ дорад ва аз ин рӯ дар сохтори он ҷузъҳоеро метавон ҷудо кард, ки барои фаъолият масхубанд: звеноҳои ангезавӣ, гузориши вазифаи аниқ, интихоби усулҳои иҷроиш, звенои иҷрокунандагӣ, назорат. Дар алоқа бо ин метавон шароитҳоеро ҷудо намуд, ки иҷроиши бомуваффақияти кори мустақилонаро таъмин менамоянд: далелнокии вазифаи таълимӣ (барои чӣ? ба чӣ мусоидат менамояд?); гузориши аниқи вазифаҳои маърифатӣ; алгоритм, методи иҷрои кор, донистани усулҳои иҷроиши он аз ҷониби донишҷӯ; муайянсозии аниқи шаклҳои ҳисоботдиҳӣ, ҳаҷми кор, муҳлати пешниҳоди он аз ҷониби омӯзгор; муайянсозии намудҳои ёрии машваратӣ (машваратҳо - дастурӣ, мавзӯотӣ, масоилӣ); маҳакҳои баҳогузорӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ғайра; намудҳо ва шаклҳои назорат (практикум, корҳои санҷишӣ, тестҳо, семинарҳо ва ғайра).

Ҳамин тариқ, кори мустақилона дорои равандҳои эҷодӣ дар фаъолияти донишҷӯ мебошад. Вобаста аз ин се сатҳи кори мустақилонаи донишҷӯёнро фарқ менамоянд: сатҳи репродуктивӣ (тамринӣ); сатҳи таҷдидӣ; сатҳи эҷодӣ, ҷустуҷӯйӣ.

Барои ташкил ва амаликунии самараноки кори мустақилонаи донишҷӯён: муносибати комплексӣ нисбати ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз рӯйи тамоми шаклҳои кори аудиторӣ; тавъамкунии тамоми сатҳҳои (навъҳои) кори мустақилонаи донишҷӯён; таъмини назорат аз рӯйи сифати иҷроиш (талаботҳо, машваратҳо); шаклҳои назорат зарур аст.

Таҳлили таҳқиқотҳои педагогӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки масъалаҳои бо масоили иттилоотикунонии таълим алоқаманд, характери гуногунпаҳлу доранд. Бе баландбардории фаъолнокии донишҷӯён ташаккул, азнавсозӣ ва баландбардории сатҳ ва сифати кори мустақилонаи донишҷӯён имконнопазир аст. Дар асоси фаъолнокӣ қобилияти донишҷӯён ба ҷустуҷӯ, исботи ақидаҳои худ, кӯшиш ба эҷодиёт, баландбардории сифати донишҳо ва маҳоратҳои хусусӣ меафзояд. Барои баландбардории фаъолнокӣ бояд саъю кӯшиши донишҷӯён боздошта нашавад ва роҳҳои баландбардории шавқу рағбати онҳо нисбати фанни омӯхташаванда пайдо карда шаванд. Фаъолнокӣ на танҳо бо ҳаҷми донишҳое, ки донишҷӯ аз худ намудааст, ба ҳисоб гирифта мешавад. Фаъолнокӣ бо нигоҳи таҳқиқотӣ ба ин ва ё он ҳолат ҳангоми алоқаи муқоисавии назария ва таҷрибаи бадастомада муайян карда мешавад, ки дар асоси он ақидаи шахсӣ ва хулосабарорӣ бо муайянсозии паҳлуҳои самаранок ва камбудиҳо ташаккул меёбад. Ҷойгоҳи махсусро дар ташаккули самтнокии касбӣ аз ҳисоби амалисозии кори мустақилона методи таҷрибавӣ ишғол менамояд.

Ба методи таҷрибавӣ дохил мешавад: эҷоди характеристикаи педагогӣ - психологии донишҷӯён, тайёр кардани нақшаи дарсҳо ва кори тарбиявӣ, ташаккули системаи кори беруназсинфӣ ва сохтани намунаҳо ва навъи машғулиятҳо бо роҳи назорат ва мушоҳида аз рӯйи кори таълимӣ – тарбиявии донишҷӯён дар давраи таҷрибаомӯзии таълимӣ. Ҳангоми истифодаи методи амалӣ сатҳи донишҳои донишҷӯён ба ҳисоб гирифта мешавад, чунки методи амалӣ аз бисёр ҷиҳат ба истифодаи донишҳои назариявӣ нигаронида шудааст. Албатта, самти касбии донишҷӯён, ки дар иҷрои методи амалӣ маҳорат нишон додаанд, хеле баланд аст.

Дар давраи муосир, ҳангоме ки тағйиротҳои куллӣ дар низоми таҳсилот ба миён меоянд, касбият ва принсипи иттилоотӣ яке аз талаботҳои навин ва дар як вақт муҳим ба шумор мераванд. Албатта, намудҳои гуногуни иттилоотикунонии низоми таҳсилот мавҷуд аст. Ғайр аз ин, вақтҳои охир масъалаи иттилоотикунонӣ дар алоқаи зич бо компютерикунонии соҳаи таҳсилот баррасӣ мегарданд.

Аҳамияти кори мустақилонаи донишҷӯён имрӯз сатҳи олиро касб намудааст, чунки иттилоотикунонии соҳаи таҳсилот талаботи зарурии воқеияти муосир гардидааст, истифодаи пай дар пай ва истифодабарии иттилооти касбӣ намуди муҳимми фаъолияти амалӣ гаштааст.

Ҳамин тариқ, вазифаҳо барои амаликунии кори мустақилона инъикосгари хулосаи иттилооти касбӣ мебошад, ки дар он ин ва ё он паҳлуҳои таъмини принсипи касбии иттилоотӣ бо роҳи таҳлили самаранокии иттилооти мазкур дида баромада мешавад. Функсияи асосии принсипи иттилоотӣ – қобилияти интиқоли самараноки таҷрибаи мавҷудаи ҷомеа ба шароитҳои нави мавҷудият ва дар асоси он ташаккули ғояҳои нав, дастовардҳои нави қуллаҳои касбӣ мебошад.

Иттилоотикунонии таҳсилот дар мактабҳои олӣ ба ҳалли вазифаҳои зерини дидактикӣ кумак менамояд: омӯзиши падидаҳо, равандҳо дар ҷаҳони микро ва макро, дохили системаҳои мураккаби техникӣ ва биологӣ дар асоси истифодаи воситаҳои графикаи компютерӣ ва моделсозии компютерӣ; инъикоси равандҳои гуногуни физикӣ, химиявӣ, биологӣ ва иҷтимоӣ дар миқёси барои омӯзиш қобили қабул, ки бо суръати хеле зиёд ва ё кам ҷорӣ мешаванд.

Ҳангоми азхудкунии маҳоратҳои иттилоотикунонӣ дар таҳсилоти педагогӣ мақсади ҳар як кори мустақилона бояд фаҳмо бошад. Бояд муайянкунандаи муфассал дошта бошад, ҳаҷм ва мазмуни он дар мувофиқа бо мақсади таълимии ин ва ё он фанни таълимӣ бояд шароитҳоеро фароҳам созанд, ки донишҷӯён тавонанд кори мазкурро амалӣ созанд. Вазифаҳо аз рӯйи корҳои мустақилонаи донишҷӯён бояд бо чунин тарз тартиб дода шаванд, ки донишҷӯён аз ягон намунаи тайёр истифода бурда натавонанд ва танҳо донишҳо, маҳорату малакаҳои бадастовардаашонро истифода баранд ва дар як вақт барои аз худ кардани донишу малакаҳои нав саъю кӯшиш намоянд.

Кори мустақилонаи донишҷӯёнро бояд мунтазам, бо назардошти нақша бо сохтани графикҳои мувофиқ, зери назорати доимӣ бошад, ва баҳогузорӣ бояд объективона, амиқ,

муайян ва пурра бошад. Мониторинги кори мустақилонаи донишҷӯён имконият медиҳад, ки дар муҳлати кӯтоҳтарин хатогиҳое, ки дар раванди таълим роҳ дода шудаанд, ислоҳ гарданд , сатҳи таълим баланд гардида, шахсияти донишҷӯ ва омӯзгор рушд ёбад. Бо худназораткунӣ пайваст гардида, он такони иловагӣ ба рушди шахсият ва эҷодиёт медиҳад ва аз ин рӯ, барои донишҷӯ ин дар навбати аввал муҳим бошад. Ғайр аз ин, дар назорат ва мониторинги самараноки натиҷаҳои кори мустақилонаи донишҷӯён бояд технологияҳои иттилоотӣ ва тестӣ, коллоквиумҳо, семинарҳо ва дигар шаклҳои назорат истифода бурда шаванд [5]. Дар ҳар як машғулият вобаста аз мазмуни маводи таълимӣ мустақилияти маърифатии донишҷӯён метавонад дар сатҳи гуногун бошад, аз ин рӯ навъи корҳои мустақилона низ гуногун мешавад. Ва инро омӯзгор ҳангоми ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён наметавонад ба назар нагирад.

Метавон бартариятҳои зерини истифодабарии чунин комплексҳоро ҷудо намуд: комплексҳои дидактикии номбаршуда ҳамчун системаҳои ягонаи воситаҳои барномавии педагогӣ лоиҳабандӣ ва сохта мешаванд, ки бо мақсади ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилооти таълимӣ ба истифодабарандагони он якҷоя карда шудаанд; тамоми ҷузъҳои комплексҳои дидактикӣ байни ҳам алоқаи мутақобила доранд, асоси ягонаи иттилоотӣ ва муҳити барномавӣ – дастгоҳӣ доранд; аз ибтидо ҳангоми лоиҳакашии комплексҳои дидактикӣ имконияти истифодабарии онҳо ҳам дар шабакаҳои локалӣ ва ҳам дар шабакаҳои тақсимкардашудаи компютерии макотиби олӣ ва ҳам ҳангоми шакли фосилавии таълим пешбинӣ мегардад.

Мустақилият ва мухторият дар педагогика ҳамчун сифатҳои шахсият пешниҳод мегарданд, ки бо зоҳир гардидани ташаббуси мақсаднок, қобилияти амсиласозӣ, тартиб ва ташкил додан бо қувваи худ бе ёрии бегона алоқамананд. Бо назардошти ин, намуди пешниҳодгардидаи таъминотро метавон ҳамчун системаи технологӣ муайян намуд, ки аз ду таркибдиҳандаи мустақил ва дар як вақт бо ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро пуркунанда – иттилоотӣ ва компютерӣ иборатанд. Таркибдиҳандаи якумро, ки ҷанбаи пурмазмуни тайёрии мутахассисро ташкил медиҳад, мувофиқи мақсад аст, ки дар ҳошияи ҳалли масъалаи пешниҳоди пурра ва мувофиқи мақсади иттилооти таълимӣ ва ё дигар шакли иттилоот ба таълимгирандагон ва омӯзгорон дида бароем, ки ба бадастории натиҷаҳои мақсадҳои гузошташудаи дидактикӣ яъне, дастовардҳои кафолатноки натиҷаи педагогӣ мусоидат менамоянд.

Ба сифати таркибдиҳандаи дуюм, ки тарафи протсессуалии тайёрии донишҷӯро таъмин менамояд, бояд таъминоти компютерӣ дида баромада шавад, ки дар асоси истифодаи технологияҳои нави иттилоотии таълим дар раванди тайёрии касбӣ татбиқ мегардад. Ин маҷмӯи техникаи муосири компютерӣ, воситаҳои алоқаи иртиботӣ, воситаҳои инструменталии барномавӣ мебошад, ки муоширати интерактивии барномавӣ – методии технологияҳои навини таълимро таъмин менамояд (компютерҳои навъҳои гуногун, дисплей, принтер, хотира, асбоби воридоти нутқ ба компютер, сканер, клавиатура, базаи маълумотҳо, базаи донишҳо, системаҳои мултимедиа, видеоматн, модем, шабакаҳои компютерӣ, почтаи электронӣ, конфронсҳои электронӣ, системаҳои иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ, системаҳои экспертии таълимдиҳанда, механизмҳои барориши иттилооти графикӣ, системаҳои гиперматнӣ, почтаи электронии овозӣ, тахтаи электронии эълонҳо, воситаҳои барномавии навигатсионӣ дар интернет, китобхонаҳои автоматикунонидашуда, воситаҳои барномавии таъйиноти таълимидошта, системаҳои табъу нашр, системаҳои дарёфти матн, комплексҳои барномавӣ (забони барномасозӣ, трансляторҳо), синтезаторҳои нутқ аз рӯйи матн, воситаҳои интиқоли маълумотҳо). Кори мустақилонаи донишҷӯён яке аз таркиботи муҳимми раванди таълимӣ мебошад, ки дар рафти он ташаккули маҳоратҳо, малакаҳо ва донишҳо ташаккул меёбанд ва дар оянда азхудкунии усулҳои фаъолияти идрокӣ, шавқу рағбат нисбати кори эҷодӣ ва дар интиҳо қобилияти ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ таъмин мегардад.

Кори мустақилонаи донишҷӯён қисмати ҷудонопазири раванди таълимӣ – тарбиявӣ мебошад Дарвоқеъ, кори мустақилона, ташкили он нақши бузургро дар таълим, инчунин дар кори илмӣ ва эҷодии донишҷӯён мебозанд.

Компютер ва технологияҳои иттилоотӣ имкониятҳои навро дар соҳаи таҳсилот, дар фаъолияти таълимии донишҷӯён фароҳам меоранд. Ва фишангҳои асосии фаъолияти ояндаи амалии касбии инсон мегарданд ва бо ҳамин тариқ таҳсилот ба ҳаёт ҳамгиро мегарданд.

### АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон \\ Народная газета. – Душанбе, 22.12.2016. -С.1-2.

2. Бордовская Н.В.Современные образовательные технологии: учебное пособие /Под ред.Н.В.Бордовской. -М.: «Кнорус», 2011. - 432 с.
3. Долгоруков А.М. Методы эффективного самообразования или как правильно учиться // Проект "Профессиональное образование XX1 века". - М.: Центр интенсивных технологий, 2000.
4. Ковалевский И. Организация самостоятельной работы студента //Высшее образование в России № 1 , 2000, с. 114-115.
5. Пидкасистый, П.И. Педагогика. Учебное пособие для студентов ... П.И. Пидкасистого. –М.: Педагогическое общество России, 2003. –608 с.

## НАҚШ ВА АҲАМИЯТИ ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШКИЛИ КОРИ МУСТАҚИЛОНАИ ДОНИШҶӮЁН АЗ ФАННИ ИНФОРМАТИКА ДАР МАКОТИБИ ОЛИИ ПЕДАГОГӢ

Дар мақолаи мазкур аҳамияти педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар кори мустақилонаи донишҷӯён ва баландбардории фаъолнокии онҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар раванди таълимии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ истифодаи васеи технологияҳои нави иттилоотӣ ва муносибати салоҳиятнок ба роҳ монда шудааст. Яке аз масоилҳои мубрами тайёрии омӯзгорони оянда ин истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ дар кори мустақилонаи донишҷӯён ҳангоми ташаккули салоҳиятнокии иттилоотӣ-иртиботии омӯзгорониояндаи фанни информатика мебошад. Таснифоти гуногунҷабҳаи намудҳои асосии фаъолият оиди рушди салоҳияти иттилоотӣ-иртиботӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ пешниҳод мегардад. Кори мустақилонаи донишҷӯён яке аз таркиботи муҳимми раванди таълимӣ мебошад, ки дар рафти он маҳоратҳо, малакаҳо ва донишҳо ташаккул меёбанд ва дар оянда азхудкунии усулҳои фаъолияти идрокӣ, шавқу рағбат нисбати кори эҷодӣ ва дар интиҳо қобилияти ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ таъмин мегардад. Кори мустақилонаи донишҷӯён қисмати ҷудонопазири раванди таълимӣ – тарбиявӣ мебошад Дарвоқеъ, корҳои мустақилона, ташкили онҳо нақши бузургро дар таълим, инчунин дар кори илмӣ ва эҷодии донишҷӯён мебозанд.

**Калидвожаҳо:** технологияҳои иттилоотӣ, кори мустақилонаи донишҷӯён, равандҳои инноватсионӣ, методи амалӣ.

## РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ОРГАНИЗАЦИИ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ СТУДЕНТОВ НА УРОКАХ ИНФОРМАТИКИ В ПЕДАГОГИЧЕСКОМ ВУЗЕ

В статье рассматривается педагогическое значение использования информационных технологий в самостоятельной работе студентов и повышении их активности. В учебном процессе Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни все большее развитие получают новые информационные технологии, широко применяется компетентностное подход. Одной из актуальных проблем подготовки будущих учителей является использование информационных технологий в самостоятельной работе студентов при формировании информационно-коммуникационной компетентности будущих учителей информатики. Предлагается и рассматривается разносторонняя характеристика основных видов деятельности по развитию информационно-коммуникационной компетенции применением информационных технологий. Самостоятельная работа студента является одной из важнейших составляющих учебного процесса, в ходе, которой происходит формирование навыков, умений и знаний и в дальнейшем обеспечивается усвоение студентом приемов познавательной деятельности, интерес к творческой работе и, в конечном итоге, способность решать научные и практические задачи. Самостоятельная работа студентов является неотъемлемой частью (формой) учебно-воспитательного процесса. В действительности самостоятельная работа, ее организация играют большую роль в обучении, а также в научной и творческой работе студентов.

**Ключевые слова:** информационная технология, самостоятельная работа студентов, инновационные процессы, практический метод.

## ROLE AND IMPORTANCE OF THE USE OF INFORMATION TECHNOLOGIES IN THE ORGANIZATION OF THE INDEPENDENT WORK OF STUDENTS ON THE LESSON OF INFORMATICS TO THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

The article considers the pedagogical significance of the use of information technologies in the independent work of students and the increase in their activity. In the educational process of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, new information technologies are gaining new development, the competence approach is widely used. One of the urgent problems of training future teachers is the use of information technologies in the independent work of students in the formation of information and communication competence of future teachers of informatics. A multifaceted description of the main types of activities for the development of information and communication competence using information technology is proposed and considered. The independent work of the student is one of the most important components of the educational process, in the course of which the formation of skills, knowledge and knowledge takes place and in the future the student assimilates cognitive activities, interest in creative work and, ultimately, the ability to solve scientific and practical problems. Independent work of students is an integral part (form) of the educational process. In fact, independent work, its organization plays a big role in teaching, as well as in the scientific and creative work of students.

**Key words:** information technology, independent work of students, innovative processes, practical method.

**Сведения об авторе:** ***Джураева Насиба*** – Таджикский государственный университет им. Садриддина Айни, соискатель кафедры общей педагогики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Рудаки 121. Телефон: **915-56-22-45**

**Information about the author:** ***Juraeva Nasiba*** - Tajik State University. Sadriddina Aini, competitor of the Department of General Pedagogy. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki street 121. Phone: **915-56-22-45**

УДК 37

# ИНКИШОФИ ТАЪРИХӢ – ПЕДАГОГИИ ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ БАРОИ СИНФҲОИ ИБТИДОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ

***Тагиров Н.С., Маҳмудов О.Р.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров**

Дигаргуниҳои куллие, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи кор омада истодаанд, ба талаботи ҷаҳони муосир, ба нигоҳи аслии фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, мундариҷаи онҳо, дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия мусоидат менамоянд. Пеш аз ҳама, ин ба муассисаҳои таълимие, ки мақсади онон омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ мебошад, тааллуқ дорад. Дар давраи ҷаҳонишавии таълим, дониш манбаи калидӣ ва мактаби ибтидоӣ дар вазъияти мавҷуда яке аз сарчашмаҳои муҳимми дониш маҳсуб меёбад. Дар қатори ин, синфҳои ибтидоӣ бояд таҳкурсии ташаккули шахсияти шаҳрванди дар бозори меҳнат рақобатпазирро гузошта тавонад. Дар бобати масъалаи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ “Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат” андешаҳои хешро зикр намудаанд [7,с.31].

Низоми муосири омодагии кадрҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ, ки дар муассисаҳои таълимии педагогии гуногун амалӣ карда мешавад, ва он марҳилаи ташаккулу такомули тӯлонӣ ва дар айни замон хеле мушкилро паси сар намудааст.

Мушкилиҳои мавриди назар, пеш аз ҳама, натиҷаи ҷустуҷӯ ва халли муаммоҳои ҳаётӣ маҳсуб меёбад, аз қабили, масоили мазмуну мундариҷаи нақшаҳо ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таълимие, ки бо тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ машғуланд ва амсоли инҳо.

Дар мақолаи худ кӯшиш намудем, ки вазъияти иҷтимоӣ–сиёсӣ, таъсиси муассисаҳои таълимӣ оид ба омодагии кадрҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавсиф намоем, таъсири ғояҳои классикони педагогиро бахри ташкил ва рушди муассисаҳои таълимӣ ва омодагии кадрҳои омӯзгорӣ барои мактабҳои ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намоем, саҳми босазои зиёиёни тоҷик, ташкилотчиёни маорифи халқ дар таъсис, ташкил ва рушди муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоиро нишон диҳем, таҳлили муқоисавии рушди муассисаҳои таълимӣ оид ба омодагии кадрҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ва баъд аз тағйироти сохтори сиёсии давлатиро ба иҷро расонем, ба хусусиятҳои рушди ташкилӣ – педагогии муассисаҳои таълимӣ оид ба омодагии муаллимони синфҳои ибтидоӣ тавсифномаи мундариҷавӣ диҳем,

Аз кадрҳои омӯзгории синфҳои ибтидоӣ талаб мегардад, ки ба иаври ҷиддӣ таърихи педагогии омодагии кадрҳои омӯзгории синфҳои ибтидоиро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор диҳанд ва маҳсули таҷрибаи пешинро барои пешрафти таълими имрӯза мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳанд.

Инчунин, омӯзиши амиқи таҷрибаи таърихӣ саривақтӣ буда, таҳлил, баррасӣ ва нақди таърихи раванди омодасозии кадрҳои педагогӣ барои синфҳои ибтидоӣ барои рушди минбаъда, таҷдиди назар кардани барнома ва нақшаҳои таълимии он ба хотири ба ҷаҳони муосир, талабот ва эҳтиёҷоти истеҳсолот мутобиқу мувофиқ кардани он, яъне баҳри модернизатсия хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Тавсеа бахшидан ба инкишофи фикрӣ, тавсеаи ҷаҳонбинии илмӣ, ташаккули маҳорату малака барои баландбардории сатҳи савод, дониш ва ҷаҳонбинии комили педагогӣ мусоидат хоҳад намуд. Муаллим барои баланд бардоштани савияи дониш ва маҳорати касбии худ ҳамеша кӯшиш намуда, бояд доимо машғули мутолиа, омӯзиш, худомӯзӣ, эҷодкорӣ, навоварӣ бошад ва бурдбориву муваффақиятро мароми ҳамешагии хеш қарор диҳад.

Дар занҷири корҳои педагогӣ шахсияти муаллим ҳалқаи муҳиму ҳалкунанда ба ҳисоб меравад ва аз ин нуқтаи назар муаллим бояд бидуни донистани ихтисоси худ, аз соҳаҳои гуногуни дигар илмҳо низ ошноии комил дошта бошад ва тавонад дар доираи як дарси худ перомуни якчанд масъала маълумот пешниҳод карда тавонад ва беҳуда намегӯянд, ки дарс дорои мазмуни як асари бадеист. Инчунин, лозим ба ёдоварист, ки муаллим бояд хусусиятҳои инфиродии хонандагонро аз худ карда тавонад, фаъолияти эҷодии ӯ бо фаъолияти педагогиаш мувофиқат намояд, ҳолати равонии шогирдонашро ба хуби дарк намояд ва дар таълиму тарбия аз нозукиҳои педагогӣ моҳирона истифода намояд. Барои амалисозии фикрҳои фавқуззикр омодагии касбии муаллим аҳамияти бориз дорад.

Омодагии касбӣ раванди ташаккули тахассусӣ оид ба яке аз соҳаҳои фаъолияти меҳнатӣ маҳсуб меёбад, ки бо фаъолияти муайяни ба ихтисос рабтдошта амалӣ мегардад. Мақсади асосии тайёрии касбӣ аз худ намудани маълумоти касбӣ ба шумор рафта, натиҷаи аз худ кардани дониши бонизом, маҳорату малака ва зарурияти шахсӣ–мухтасотӣ мебошад [5,с.160].

Мақсади омодагии касбӣ ва натиҷаи он аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҳар як инсон баробари аз худ намудани ихтисос бо се ҷанба- мундариҷавӣ, шахсӣ ва равандӣ (технологӣ) рӯ ба рӯ мегардад, яъне, дар ҷараёни тайёрии касбӣ масъалаҳое мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки бо воқеият алоқа доранд ва чиро бояд мутахассис дар робита бо муҳити уҳдадорӣ донад, чӣ тарз дар фаъолияти касбии худ донишҳои мазкурро истифода менамояд, бо кадом роҳи шахсияти худро нишон диҳад, ки донишу маҳорат ва натиҷаи ниҳоии назаррасро ба даст биёрад, масоили марбути тайёрии касбии омӯзгор маҳсуб меёбанд [1,с.16].

Предмети асосии пажӯҳиши мавриди назар ин сохтор ва раванди инкишофи муассисаҳои таълимӣ оид ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи омӯзишӣ ба шумор меравад. Дар робита бо вазъияти методологӣ алоқаи байниҳамдигарии назариявӣ ва амалӣ дар рушду инкишофи ҳама гуна ҳодисот оид ба таҳлили тараққиёти дараҷавии муассисаи таълимии дорои мақсади тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ зарурият дорад ва асосҳои назариявии тайёр намудани кадрҳои омӯзгории мавриди назарро муайян менамояд.

Доири омодагии касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таълимӣ маводҳои фаровоне мавҷуданд. Сарчашмаи ибтидоии назариявии ташаккули муассисаҳои таълимӣ оид ба тайёр намудани муаллимони синфҳои ибтидоӣ аз педагогони классикӣ ба даст омадааст.

Аввалин маротиба коркарди муаммои мазкур дар пажӯҳишҳои Я.А.Коменский ба назар мерасад. Педагоги машҳур зарурияти тайёр намудани муаллимонро хеле ва хеле амиқ дарк менамояд. Дар гузориши хеш “Инкишофи истеъдоди фитрӣ” ӯ ҳашт сабабро пешниҳод менамояд, ки дар зери таъсири он кӯдак ба ҳаёти ҷамъиятӣ манфиатовар ба камол мерасад. Дар миёни он зарурияти тайёрии махсуси омӯзгорон, аз ҷумла дараҷаи баланди дарки шаҳрвандӣ ва сифати баланди ахлоқ, маълумоти олии сатҳи баланд, саводи комил, маҳорати ташкил намудани муҳаббати хонандагон ба меҳнатдӯстӣ, тайёрии кӯдакон ба фаъолият аз ҳисоби ҷамъият мебошад [3,с.5-33].

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф фарогири меъёри дастаҷамъонаи барномаҳои давлатӣ ва муносибати давлату ҳукумат ба таълим мебошад, вале сиёсати маориф, чуноне ки дар боло қайд гардид, дар худ унсурҳои таълимӣ ва таъсири таълим ба сиёсати дохилӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ахборӣ ва ба мисли инҳоро доро мебошад [2,с.46].

Муаммои омодагии касбии муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун масъалаи умумӣ ва ҳамчунин масъалаи хусусӣ то имрӯз мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Дар заминаи ин гуфтаҳо мо назарияи қоидаҳои умумии таҷрибаи педагогӣ ва вазъи тайёрии муаллимон ва донишҷӯёни муосир ба корҳои таълиму тарбия барои хонандагони мактаби тоҷикиро таҳлил намуда, сохтори тайёрии касбии муаллимонро ба фаъолияти педагогӣ тавассути нишон додани баъзе шароиту малакаҳо дар раванди таҷрибаи педагогӣ

муайян намудем. Инчунин, вазъияти педагогиро барои такмил додани омодагии пурсамари муаллимони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар ҷараёни таҷрибаи педагогӣ муайян намудем ва маслиҳатҳои муфидеро барои коркарди роҳҳои илмиву амалии омодагии касбии донишҷӯён дар муассисаҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карданием.

Мактабҳои ибтидоӣ бояд дараҷаи баланди фарҳангиву маърифатии ҳамаи аҳолии кишварро таъмин намояд, насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия кунад ва имрӯзҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори синфҳои ибтидоӣ зиёд гардидааст ва ниёз ба муаллимони соҳибкасб пайдо шудааст.

Дар даврони шӯравӣ барои рушди мактаб дар ҷумҳурӣ ва набудани кадрҳои тайёри педагогӣ мухолифати пуршӯр ба миён омад. Ин ҳолат ташкилкунандагони маълумоти халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро маҷбур намуд, ки корро дар самти омода намудани асосҳои илмии тайёр намудани кадрҳои омӯзгорӣ баҳри ҳал намудани масъалаҳои гузоштаи давлат равона созад. Масъалаи тайёр намудани муаллимон дар матбуоти даврӣ, анҷуманҳо ва конфронсҳо мавриди муҳокима қарор мегирифт. Садриддин Айнӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ ва монанди инҳо ҳамаи қувваи худро баҳри ҳал намудани масъалаи мазкур равона месохтанд.

Омӯзиши вазъияти таъсис ва рушди муассисаҳои таълимӣ оид ба омодагии кадрҳои омӯзгорӣ барои синфҳои ибтидоӣ барои дар давраи муосир дуруст ба роҳ мондани кори муассисаҳои таълимии машғули омодасозии кадрҳои педагогии соҳибкасбу соҳибмаълумот барои синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд.

Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ доир ба тайёр намудани муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ташкиливу амалӣ гузаронида шуд, ки мавҷудияти системаи пешина ба омодагии кадрҳои муаллимон дар шароити нав ба кор наомад. Махсусан дар ҳамин давра масъалаи омодагии касбии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар ташкили асоси назариявии омодагии кадрҳои муаллимӣ дар давраи баъдиинқилобӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба назари мо, нақши бузургро Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Зуфархон Ҷафъарӣ, Мунзим, Раҳим Ҳошим, Муҳаммадҷон Раҳимӣ ва монанди инҳо бозидаанд.

Комиссари маорифи халқ дар РСС автономии Тоҷикистон (1924-1927) Аббос Алиев қайд менамояд, ки “муаллим – ҷони мактаб” аст. Муаллим чӣ гуна - мактаб намуна, яъне сифати дониши хонанда бевосита аз таълим ва тарбияи муаллим вобаста аст, чӣ қадар муаллим бо тайёрии хуб ба синф дарояд, ҳамон қадар хонандаро бо дониши хуб таъмин менамояд. Ҳамин тавр, пеш аз ҳама, мактаб ба муаллими касбӣ, ки омодагии педагогӣ ва методиро доро мебошад, ниёз дорад. Дуюм, мактабҳо ба ашёи таълимӣ, китобҳо ва роҳнамои таълим ниёз доранд. Дар ҳолати набудани китоб ва роҳнамоҳои дарсӣ таълимро ва роҳ мондан нашояд. Сифати дарс аз сифати раҳнамоҳои таълим вобаста аст. Барои он ки кори назаррасро дар роҳи таълим таъмин намоем, муаллимон бояд дар ихтиёри худ тамоми маводҳо доир ба таълимро дошта бошанд [4,с.53-54].

Ҳамаи фаъолияти педагогии муаллимон бояд дар муайян кардани раванди таълим дар мактаб ва омодагии касбии педагогӣ, босаводона ташкил намудани ҷараёни педагогӣ дар муассисаҳои таълими умумӣ равона гардад.

Ба ақидаи Аббос Алиев, пешравии кор аз санъати муаллимон -педагогон вобаста аст, аз ин рӯ ба омодагии муаллимон дар муассисаҳои таълимӣ бояд диққати махсус дода шавад ва барои аз худ намудани техникаи педагогӣ, дар асоси маҳорати илмӣ раванди таълими хонандагон бояд ба роҳ монда шавад.

Нисормуҳаммад Юсуфзиё Афғон масъалаи омодагии касбиро маротибаи дигар дар кори “Оид ба таълими тоҷикӣ” мебардорад. Ӯ талаботҳои асосиро нисбати муаллим муайян менамояд, дар навбати аввал, муаллим бояд усули шахсиро донад, хусусиятҳои психологии кӯдакон ва асосҳои назарияи раванди таълимро омӯзад. Ба ақидаи ӯ, дар вақти омодагии

муаллимон бояд диққати асосӣ бояд ба тайёрии психологӣ – педагогӣ ва методӣ равона гардад.

Бояд қайд кард, ки муассисаҳои таълимӣ оид ба омодагии кадрҳои омӯзгорӣ барои мактабҳои ибтидоӣ дар асоси омӯзиш бомуваффақият рушд меёбанд, ҷамъбаст, баҳо ва истифодаи тарафҳои мусбат ва манфии таҷрибаи илмӣ-педагогӣ ва пайдарпайии ғояҳои педагогии инвариантивӣ дар даврахои гуногуни рушди ҷомеаи тоҷикон хусусиятҳои аз байн рафтанро ба худ роҳ намедиҳанд.

Тағйироти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар кишвар сохтори нави педагогӣ, иштирок намудан дар сохтмони нави ҷамъиятиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, диққати муаллимони синфҳои ибтидоиро на ба сохтори куҳна, балки сохтори нави таълим ҷалб бояд сохт. Мактабҳои ибтидоӣ бояд дараҷаи фарҳанги баланди ҳамаи аҳолии кишварро таъмин намоянд, насли наврасро дар рӯҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия кунанд.

### АДАБИЁТ


1. Азимова Д.Ж. Подготовка учителя к воспитательной работе в системе непрерывного педагогического образования: автореф. дисс….канд.пед.наук. /Д.Ж. Азимова. - М.:1980.-16с.
2. Кадиров К.Б. История воспитания, школы и педагогической мысли таджиков с древнейших времён до возникновения ислама: автореф.дис… д-ра пед.наук / К.Б. Кадиров. – Душанбе, 2000. – 46 с.
3. Коменский Я.А. О развитии природных дарований // Избр. пед.соч. / Я.А. Коменский. –М.: Педагогика, 1982. – С.5-33.
4. Обидов И.О. Развитие народного образования в Таджикской ССР (1917-1931 и 1941-1967 гг.)/ И.О.Обидов // Вопросы школоведения. -Душанбе, 1967. – С.53-54.
5. Сластенин В.А. Формирование личности учителя советской школы в процессе профессиональной подготовки/ В.А. Сластенин. – М.: Просвещение, 1976. – 160 с.
6. Толстой Л.Н. Общие замечания для учителя/ Л.Н. Толстой // Педагогические сочинения. – М.: Учпедгиз, 1953. – С.338.
7. Рахмонов Э.Ш. Независимость Таджикистана и возрождение нации / Э.Ш. Рахмонов. -Душанбе, 2002.- С.31.


## ИНКИШОФИ ТАЪРИХӢ – ПЕДАГОГИИ ТАЙЁР НАМУДАНИ КАДРҲОИ ОМӮЗГОРӢ БАРОИ СИНФҲОИ ИБТИДОИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ


Дар мақолаи мазкур оид ба таърих инкишофи муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода шудааст. Пеш аз ҳама, ба муассисаҳои таълимие, ки ҳадафи асосиашон омӯзиши муаллимон барои тайёр намудани синфҳои ибтидоӣ мебошад, нигаронида шудааст, ки манбаи муҳимми дониш ва ҳисоб мерав止. Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ дар навбати худ бояд аз рӯи маҳорат ва малакаи касбии худ кор намояд, ки ин нуқта низ дар мақолаи мазкур мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Айни замон таҳкурсии ҳамаи синфҳои ибтидоӣ ин ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти хонандаи синфҳои ибтидоӣ мебошад. Дар мақолаи мазкур чигунагии тарҳҳои модели муаллимони синфҳои ибтидоӣ, мушкилоти тайёрии омӯзгорон, омӯзиши барномаҳои таълимӣ, сатҳи илмӣ ва ғайраҳо мавриди таҳлил қарор гирифта шудааст.



**Калидвожаҳо**: муассисаҳои таълимӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кадрҳои омӯзгорӣ, омодагии касбӣ, муаллим, пажӯҳиш, низоми таълим, савияи дониш.


## ИСТОРИКО – ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ПОДГОТОВКИ УЧИТЕЛЬСКИХ КАДРОВ ДЛЯ НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


Учебные заведения Республики Таджикистан, интеграция в мировое образовательное пространство требуют коренного пересмотра деятельности учебных заведений, их содержания, правильной организации учебно – воспитательного процесса. В первую очередь, это касается учебных заведений, имеющих целью подготовку учительских кадров для начальной школы. В эпоху глобализации образования знание становится ключевым ресурсом, а начальная школа в этих условиях – одним из важных источников знаний. Наряду с этим, в начальной школе закладывается фундамент, основа формирования личности будущего полноценного, конкурентоспособного гражданина государства, следовательно, начальная школа, которая включает педагогические учебные заведения различных типов, переживает трудное время. Эти трудности связаны, в первею очередь, с поиском ответов на вопросы, поставленные самой жизнью: какими должны быть контуры модели учителя начальных классов, как должны строиться учебные планы и программы учебных заведений, готовящих учительские кадры для начальной ступени образования, каким должно быть содержание образования и т.д.



**Ключевые слова**: учебные заведения, Республика Таджикистан, учительские кадры, профессиональная подготовка, преподаватель, институт, система образования, уровень знаний.


## HISTORICAL AND PEDAGOGICAL PREREQUISITES OF PREPARATION OF TEACHING STAFF FOR ELEMENTARY SCHOOL IN REPUBLIC OF TAJIKISTAN


The transformations occurring in Republic of Tajikistan, integration into world educational institutions, their maintenance, the correct organization of teaching and educational process. First of all, it concerns of the educational institutions having for an object preparation of teacher's shots for elementary school. During an epoch of globalization of formation the

knowledge becomes a key resource, and elementary school in these conditions – to one of important sources of knowledge becomes s key and elementary school role is conclusive. The modern system of preparation of teacher's shots for elementary school which includes pedagogical educational institutions of various types, endures a hard time. These difficulties are connected, first of all, with search of answers to the questions put by the life with what owe contours of model of the teacher of initial classes as curricula and programs of the educational institutions preparing teacher's shots for an initial step of formation what should be the formation maintenance etc. should be under constructions.

**Key words:** educational institutions, Republic of Tajikistan, teacher's shots, vocational training, the teacher, the concept, educational system, level of knowledge.

**Сведения об авторах:** ***Тагиров Насимджон Сайдуллоевич*** - Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры Методики преподавания истории и права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1. Телефона: **93-873-00-03.**
***Махмудов Олимджон Рахматчонович*** **-** Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, кандидат исторических наук доцент заведующий кафедрой Методики преподавания истории и права **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбеков 1.

**Information about the authors:** ***Tagirov Nasimdzhon Saidulloevich*** - Khujand State University named after B.Gafurov, candidate of pedagogical sciences, senior lecturer of the Chair of Methods of Teaching History and Law. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov travel 1. Phone: **93-873-00-03.**
***Mahmudov Olimdzhon Rakhmatchanovich*** - Khujand State University named after B.Gafurov, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor Head of the Department of Methods of Teaching History and Law **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov 1.

УДК: 371(575.3)

# ИСТИФОДАИ СУПОРИШҲОИ ТЕСТӢ БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН

***Зиёдаи Ганҷина***
**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

Имрӯзҳо чи дар муассисаҳои таҳсилоти умумии миёна ва чи дар муассисаҳои таҳсилоти касбии миёнаву олӣ аз усули маъмул ва гӯё «осон»-и санҷиши дониш истифода мебаранд. Онро пурсиши тестӣ мегӯянд.

Таҷрибаи истифодаи тест дар низоми таълим таърихи куҳан дорад, яъне беш аз сад сол мешавад, ки пурсиши тестӣ дар таълим истифода мегардад. Яке аз асосгузорон ва муҳаққиқони тестҳои таълимӣ дар Амрико Э. Торндейк ба ғайр аз таҳияи тестҳо ҷанбаҳои психологии тестҳо, таърихи ташаккули истифодаи тестҳоро ҳам дар Америкову Аврупо омӯхтааст. Дар ибтидои садаи ХХ ҳамчунин бо таҳия ва омӯзиши ҷанбаҳои педагогию психологии тестҳо муҳаққиқони аврупоӣ О. Стоун, Б. Зекингем андешаҳои худро баён кардаанд. *«Тестҳои О. Стоун оид ба арифметика, Б. Зекингем оид ба санҷиши имло, Э. Торндайк оид ба ташхиси аксари фанҳои мактабӣ таҳия ва татбиқ шуданд. Т. Келли усули чен кардани ҳавасмандӣ ва майлҳои таълимгирандагонро (дар омӯзиши алгебра) таҳия намуд, Ч. Спирмен асосҳои умумии истифодаи таҳлили коррелятсиониро барои стандартизатсияи тестҳо пешниҳод намуд»* [11,с.32].

Дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам аз санҷиши тестӣ истифода мекарданд. Он бо фосилаҳо дар солҳои 20-30-юм ва баъдан солҳои 70-уми садаи ХХ таҷриба карда шуд, аммо ҷонибдорӣ пайдо накард [дар ин бора ниг. ба: 8; 13].

Пас аз ба даст овардани истиқлолият дар низоми таълими мо ҳам аз пурсишномаҳои тестӣ истифода мекунанд. Истифодаи пурсишномаҳои тестӣ пас аз солҳои 2000-ум оҳиста-оҳиста маъмул гардид. Он, пеш аз ҳама, дар имтиҳоноти қабули муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода мешуд, пас аз солҳои 2007-ум бошад, дар низоми санҷиши дониши донишҷӯён ҳам аз он истифода мегардад. Ҳоло дар Маркази миллии тестӣ аз ҳама шаклҳои мукаммали ин усули санҷиши дониш ҳангоми имтиҳонҳои қабул истифода мешавад.

Имрӯзҳо дар мавриди истифодаи арзёбӣ, ки ба ташаккули салоҳияти хонанда, шахсияти ӯ мусоидат менамояд, бисёр сухан гуфта мешавад. Аммо суоли баҳсбарангез дар он аст, ки то кадом андоза тестҳои таҳиякардаи мо ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон, ба такмили дониш, малака ва маҳорати онҳо, ба арзёбии ташаккулдиҳанда мусоидат мекунанд.

Муҳаққиқони педагогика ва психология тестҳои таълимиро аз рӯйи мақсад ва вазифаашон ба навъҳои гуногун ҷудо мекунанд. Чунончи, Н.А. Батурин ва Н.А. Курганский таъкид мекунанд, ки аз рӯйи як силсила аломат ва хусусиятҳо тестҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо

намудан мумкин аст ва баъзе инҳоро зикр менамоем, гуфта, 7 навъи асосии тестҳоро зикр мекунанд: 1) аз рӯйи таъйинот: умумиташхисӣ ва махсусгардонидашуда; 2) аз рӯйи сифат: стандартӣ ва ғайристандартӣ; 3) аз рӯйи маводи амалиётӣ: бланкавӣ, фаннӣ; 4) аз рӯйи фарогирии тестгирифташавандагон: гурӯҳӣ ва инфиродӣ; 5) аз рӯйи самти пешбаранда: барои суръат, натиҷабахшӣ ё самаранокӣ, омехта; 6) аз рӯйи хусусияти ҷавобҳо ба супориш: супоришҳои пӯшида, тестҳо бо ҷавобҳои озод ё кушода; 7) соҳаи фарогирии психологӣ: тестҳои шахсӣ, шкалаҳои табъу завқ [муфассал дар ин бора ниг. ба: 3,с.8].

Муаллифони мазкур барои ҳамаи навъҳои тестҳо талаботи якхела мегузоранд, яъне тест новобаста ба навъи худ бояд ба чанд талабот ҷавобгӯ бошад [ниг. 3,с.8] ва ин талаботро муҳаққиқони дигар низ шарти асосии таҳияи супоришҳои тестӣ мешуморанд. Чунончи, С.В. Асямов, таъкид мекунад, ки тест бояд се хусусият дошта бошад: "*Тест бояд се ченаки сифатӣ дошта бошад: боварибахш бошад, ченкунанда бошад (валидность), объективӣ бошад*" [4, с.12]. Муаллиф паҳлуҳои онҳо равшан шарҳ медиҳад. Умуман, ҳамаи муҳаққиқоне, ки ин ҷиҳати хеле муҳимми тестҳоро баррасӣ мекунанд, таҳти хусусиятҳои зикршуда масъалаҳоеро таъкид мекунанд, ки самаранокии тестҳоро баланд мегардонанд.

Дар баробари ин, муҳаққиқон ҳадафҳои тестро дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот аз ҳам фарқкунанда мешуморанд. Масалан, С.В. Асямов дар китоби худ таваҷҷуҳи асосиро ба принсипҳои таҳияи тестҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ равона карда, вазифаи асосии тестҳоро дар ин зинаи таҳсилот аз вазифаҳои зерин иборат медонад: *"Худи назорати педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ се вазифаи асосӣ дорад: ташхисӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ"*[4,с.5].

Солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон, худи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба таҷриба кардани санҷиши тестӣ дар синфҳои ибтидоӣ ҷалб гардидааст [муфассалтар ниг. ба: 10,с.351].

Муҳаққиқон дар ин зина низ махсусияти тестҳоро зикр мекунанд. Л.С. Подласий дар китоби худ "Педагогика начальной школы" (Педагогикаи мактаби ибтидоӣ) [10] фасли ҷудогонаро ба ин масъала бахшида, пешниҳодҳои хеле ҷолиб месозад, аз ҷумла таъкид мекунад, ки *"тест бояд аз санҷиш ба ташхис нигаронида шавад"*[10,с.351].

Агар андешаҳои муҳаққиқонро дар мавриди шарти таҳияи тестҳо ҷамъбаст намоем, мебинем, ки ҳадафи асосии супоришҳои тестиро солҳои охир бо паҳншавии муносибати босалоҳият ба таълим дар ташхиси дониш, малака ва маҳорати хонандагону донишҷӯён мебинанд. Пас, модоме ки ҳадафи тест ташхис бошад, арзёбии дастовардҳо, қафомониҳои шогирдон бошад, он бояд хеле оқилона таҳия карда шавад. Бо назардошти ҳамин хусусият барои таҳияи тест метавон талаботи гуногун гузошт, яъне тест чун унсури арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии ҷамъбасткунанда ҳадафҳои аз ҳам ҷудогона доранд. Масалан, тести ҷамъбастӣ маъмулан дар охири боб, охири чоряк, нимсола, соли таҳсил, анҷоми фанни таълимӣ гирифта мешавад, пас он бояд ҳамаи мавзӯъҳоро фаро гирад, таносуби шумораи тестҳо бо аҳамияти мавзӯъҳо алоқаманд карда шавад ва монанди ин. Аммо, агар тест бо мақсади ташхис гирифта шавад, яъне чун унсури арзёбии ташаккулдиҳанда истифода шавад, барои омӯзгор донистани мушкилиҳо ва муваффақияти хонандагон дар самти эҷодӣ, тафаккури интиқодӣ, маҳоратҳои худомӯзӣ хеле муҳим аст.

Дар баробари ин талаботе мавҷуданд, ки дар ҳамаи навъҳои тестҳо риояи онҳо ҳатмист. Чунончи, дар як пурсише, ки бо хонандагони синфҳои болоӣ аз ҷониби муаллифи ин сатрҳо гузаронида шуд, назари аксарияти онҳо чунин буд: Ба тесҳо ҷавоби тахминӣ ҳам дода, аз имтиҳон гузаштан мумкин аст. Мувофиқи натиҷаи назарпурсӣ омӯзгорон (албатта, на ҳама омӯзгорон дар назаранд) ҳангоми таҳияи тестҳо усулҳоеро истифода мебаранд, ки хонандагон (донишҷӯён) тавассути он ҷавоби дурустро ба таври механикӣ дарк мекунанд.

Ғалатҳои маъмули омӯзгорон дар таҳияи тестҳо чунинанд:

1. Ҷавоби дурустро нисбат ба ҷавобҳои нодуруст пурратар, дарозтар мегузоранд.
2. Ҷавоби дурустро кӯтоҳтар мегузоранд: яъне, хонанда дар такя ба як ҷавоби дурусти медонистааш мушоҳида мекунад, ки омӯзгор дар гузоштани ҷавобҳои дуруст ҷумлаҳои кӯтоҳро истифода мекунад ё ҷумлаҳои дарозро.
3. Дар ҷавоби дуруст қолабҳои ҷумлаҳо ғалатҳои мантиқӣ надоранд.
4. Ҷавобҳои нодурустро аз мавзӯъ хеле дур мегузоранд, ки хонанда (донишҷӯ) ба осонӣ пай мебарад, ки ин ҷавоби нодуруст аст.

Ин гуна муносибат боиси он мегардад, ки хонанда ба таври механикӣ ҷавобҳои дурустро меёбад ва дар мавридҳои дигар ба ҳамин принсип такя намуда, ба хатоҳо роҳ медиҳад. Ин гуна принсипи таҳияи тестҳо боиси гирифтани пеши роҳи рушди фикррونии хонанда мегардад, ба ташаккули тафаккури таҳлилӣ, мантиқии хонанда монеа мешавад.

Ҳол он ки тест ҳам ҳамчун як унсури таркибии таълим вазифаҳои додани дониш, малака ва маҳорат, ҳамчунин салоҳиятҳоеро ба мисли ташаккул додани малакаҳои муқоисанамоӣ, ҷудонамоии маълумоти асосӣ, муайян намудани муносибатҳои сабабу оқибат, таносуби мантиқии факту рақамҳо ва монанди инҳоро ташаккул медиҳад.

Дар мавриди ҳадафи асосии таҳияи тестҳо муҳаққиқон, пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари зинаи таҳсилот наздик мешаванд. Яъне, ҳадафҳои таҳияи тестҳо барои донишҷӯён, барои хонандагони синфҳои болоӣ, барои синфҳои ибтидоӣ [ниг. ба: 4,с.17; 5,с.12] аз ҳам фарқ мекунанд. Бо назардошти андешаи муҳаққиқон ва мушоҳидаҳои худи саволномаҳои тестии аз фанҳои гуногун мушоҳиданамудаи мо ба тестҳое, ки онҳоро ҷузъи арзёбии ташаккулдиҳанда шуморидан мумкин бошад, чунин талабот гузоштан мумкин аст:

1.Дар фаҳмиш осон бошанд, духӯрагӣ дар маънии калимаҳо набошад, хонанда бо як хондан мақсади саволро дарк намояд. Савол сода гузошта шавад, аммо хонанда дар сари ҷавоби дуруст андеша кунад.

2.Роҳҳои наву эҷодкоронаи ҳал пешниҳод шуда бошанд. Ин принсип талаб мекунад, ки омӯзгор ҷӯянда ва эҷодкор бошад.

3.Роҳҳои ҳалли тасодуфӣ то ҳадди имкон кам карда шаванд.

4. Набояд саволҳое ҷо карда шаванд, ки ҷавоби дурусти онҳо барои ҳалли саволҳои дигар мусоидат намояд. Ин талабот ҷой ва фурсати худро дорад. Масалан, агар саволномаи тестӣ ба рушди тафаккури мантиқии хонандагон равона шуда бошад, бо мақсадҳои методӣ омӯзгор метавонад чунин тестҳое таҳия намояд, ки ҷавоби як тест аз ҷавоби тести дигар бармеояд, аммо пай бурдани ин хусусият зиракии хонандаро талаб мекунад.

5.Саволҳо на танҳо барои зинаи дониш, инчунин барои зинаи фаҳмиш, татбиқ, таҳлил, таркиб ва арзёбӣ нигаронида шаванд. Барои омӯзгор донистани шартҳои таҳияи саволҳои бисёрзинагӣ хеле муҳим аст.

6. Бо мақсади таълим мувофиқ карда шавад. Агар тест дар доираи як боб, ё пурра аз фанни таълимӣ аст, омӯзгор бояд таносуби мавзӯъҳоро ба инобат бигирад.

7. Синну соли хонандагоне, ки тестҳо барои онҳо пешбинӣ шудаанд, ҳатман ба инобат гирифта шавад. Ин талаботро ин ҷо зикр накардан ҳам мумкин буд, зеро ин як чизи ба ҳама маълуму равшан аст, аммо барои он ки омӯзгор ҳамин ҷанбаро ҳам фаромӯш насозад, зикр намуданашро лозим донистем.

Албатта, зиёд намудани шумораи чунин талабот ҳадафмандии тестҳоро устувортар мегардонад. Барои ин худи омӯзгорро лозим аст, ки салоҳияти таҳияи тестҳоро дошта, мақсад ва вазифаҳои фанни таълимиро дар низоми фанҳои таълимии муассисаҳои таҳсилот хуб дарк карда бошад.

**АДАБИЁТ**


1. Аванесов В.С. Научные проблемы тестового контроля знаний: учебное пособие / В.С. Аванесов. -М., 1994. -135 с.
2. Аванесов В.С. Композиция тестовых заданий / В.С. Аванесов. –М.: Из-во Центра тестирования Минобразования РФ, 2002, - 239 с.
3. Анастази А. Психологическое тестирование. Кн.1. / А. Анастази. -М.: Педагогика, 1982. – 320 с.
4. Асямов С.В. Педагогическое тестирование и система оценки знаний слушателей. Учебное пособие / С.В. Асямов. - Ташкент, 2006.-43с.
5. Батурин Н.А. Пособие по разработке тестов достижений / Н.А. Батурин, Н.А. Курганский. –Челябниск-Санкт-Петербург, 2003.-76 с.
6. Гин А.А. Приемы педагогической техники: Свобода выбора. Открытость. Деятельность. Обратная связь. Идеальность: Пособие для учителя / А.А. Гинн. –М.: Вита-Пресс, 2006. –112 с.
7. Ингенкамп К. Педагогическая диагностика: Пер. с нем. –М.: Педагогика, 1991. – 240с.
8. Майоров А.Н. Теория и практика создания тестов для системы образования. (Как выбирать, создавать и использовать тесты для целей образования). –М., «Интеллект-центр», 2001. – 296 с.
9. Подласый И.П. Педагогика. Новый курс: Учебник для студентов педагогических вузов: В 2 кн. –М.: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 1999. –576 с.
10. Сафин Д.В. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. Модули 11. Ташхиси педагогӣ / Д.В. Сафин, Р.Г. Мусина, В. Қурбонов. - Душанбе, 2008. - 74 с.
11. Стил Дж. Проект: Чтение и письмо для развития критического мышления. Пособия 1-8 / Дж. Стил, К. Мередис, Ч. Темпл. -Бишкек, 1998-1999.
12. Хуторской А.В. Методика обучения школьников постановке целей / А.В. Хуторской // Вестник ННГУ. Серия Инновации в образовании. Выпуск 1(6) 2005. –С. 222-231.
13. Челышкова М.Б. Теория и практика конструирования педагогических тестов. Учебное пособие / М.Б. Челышкова. – М.: Логос, 2002, - 432 С.
14. http://www.gmcit.murmansk.ru/text/information_ science/workshop/ seminars/marks/ history.htm - Терехова Н.А. Из истории оценки.


## ИСТИФОДАИ СУПОРИШҲОИ ТЕСТӢ БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ХОНАНДАГОН

Мақола ба яке аз масъалаҳои дар низоми таълими имрӯзаи Тоҷикистон хеле муҳим – санҷиш ва арзёбии дастовардҳои хонандагон бахшида шудааст. Муаллиф дар атрофи мутобиқ сохтани санҷиши тестӣ ба арзёбии ташаккулдиҳанда мулоҳиза меронад. Бо ин мақсад ӯ кӯшиш намудааст, ки мухтасар дар мавриди ҷорӣ шудани худи тест дар низоми таълим ба баъзе маълумоти сарчашмаҳо муроҷиат карда, ба ин восита мавқеи моҳияти тестро дар низоми таълим баррасӣ менамояд. Ҳамчунин ба сарчашмаҳои гуногун рӯ оварда, андешаҳои худро дар бораи хусусиятҳои тест, вазифаи он дар ҷараёни таълим баён мекунад. Аз рӯйи мушоҳидаҳо норасоиҳои супоришҳои тестии аз ҷониби баъзе омӯзгорон таҳияшударо зикр ва таҳлил менамояд. Баъзе хулосаҳои худро дар мавриди тестҳои омӯзгорон дар асоси пурсишҳои шахсан аз ҷониби худ доирнамудааш асоснок месозад. Дар мавриди талабот ба таҳияи тестҳо шарти асосиро синну сол ва зинаи таҳсилоти хонандагон шуморида, дар ин маврид назари худро бо ақидаҳои мутахассисони зинаҳои гуногуни таҳсилот асоснок месозад. Ба назари муаллиф тест бояд ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон мусоидат намояд, барои ин омӯзгорро лозим аст, ки худи саволҳоро кӯтоҳу фаҳмо пешниҳод намуда, роҳҳои ҳалли эҷодкоронаро пешбинӣ намояд. Ӯ чунин мешуморад, ки дар саволҳои тестӣ бояд ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон, ба мисли тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, коммуникативӣ ва монанди инҳо дар назар гирифта шаванд. Барои ин бояд худи омӯзгор дорои салоҳиятҳои омӯзгорӣ бошад.
**Калидвожаҳо**: тест, ташаккули салоҳиятҳо, тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, салоҳияти коммуникатвӣ, савол, супоришҳои кушода, ташхиси педагогӣ, тафаккури таҳлилӣ, тафаккури мантиқӣ

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТЕСТОВЫХ ЗАДАНИЙ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ОСНОВНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ УЧЕНИКОВ

Статья посвящена одному из важных вопросов - системе образования Таджикистана, проверке и оцениванию достижений учащихся. Автор излагает свои размышления по вопросу согласования тестов и формативному оцениванию. С этой целью автор старается вкратце рассмотреть некоторые исторические моменты проникновения тестовых вопросов в систему образования на основе изложенной информации в различных источниках. А также в статье на основе различных источников автором изложены особенности использования тестовых заданий, их задачи в процессе обучения. Автор статьи перечисляет и анализирует типичные ошибки учителей при составлении тестовых заданий. Некоторые выводы проделаны на основе проведенного лично автором опроса учеников и студентов. Основным критерием составления тестовых заданий, направленных на развитие основных компетенций учащихся, являются возрастные особенности. Для того, чтобы тестовые задания способствовали развитию основных компетенций учащихся, необходимо соблюдать определенные правила, такие как краткость, ясность и четкость формулировки вопросов, и предположить творческие пути решения вопроса. Автор считает, что тестовые задания должны развивать такие компетенции, как критическое мышление, креативность, коммуникативную и другие компетенции учащихся. Для этого сам учитель должен быть компетентным.
**Ключевые слова**: тест, оценка, формативное оценивание, развитие компетенций, критическое мышление, креативность, вопросы, открытие задачи, педагогическое диагностирование, аналитическое мышление, логическое мышление.

## USE OF TEST TASKS FOR DEVELOPMENT OF THE BASIC COMPETENCIES OF STUDENTS

The article is devoted to one of the important issues of the education system of Tajikistan - verification and evaluation of students' achievements. The author sets out his thoughts on the harmonization of tests to formative evaluation. To this end, she tries to briefly review some historical moments of penetration of test questions in the education system on the basis of the above information in various sources. And also, in the article on the basis of various sources the author outlines the features of using test tasks, their task in the learning process. The author of the article lists and analyzes the typical mistakes of teachers in the preparation of test tasks. Some conclusions were drawn on the basis of the author's own survey of students and students. The main criterion for compiling test tasks aimed at developing the core competencies of students is the age-specific feature. In order for test tasks to contribute to the development of the basic competencies of students, it is necessary to follow certain rules, such as brevity, clarity and clarity of the formulation of questions, but to suggest creative ways of solving the problem. The author believes that the test tasks should develop competences such as critical thinking, creativity, communicative and other competencies of students. To do this, the teacher must be competent.
**Key words:** test, evaluation, formative evaluation, development of competences, critical thinking, creativity, questions, task opening, pedagogical diagnosis, analytical thinking, logical thinking.

**Сведения об авторе:** ***Зиёзода Ганжина*** – Институт развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистана, научный сотрудник. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. С. Айни 45. E-mail: **mkutb@mail.ru**

**Information about author:** ***Ziyozoda Ganjina*** **–** Institute of Education Development named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, researcher. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini Ave. 45. E-mail: **mkutb@mail.ru**

УДК: 372.8

# НАҚШИ ТАҶРИБАҲОИ ХИМИЯВӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ-МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ВА ДОНИШҶӮЁН

*Исмоилова Муборак*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Таҷрибаи химиявӣ дар раванди таълими химия мавқеи басо муҳим ва сарчашмаи ташаккули маърифатию таълимӣ ба ҳисоб меравад. Мақсад аз гузаронидани он, ба хонандагон(донишҷӯён) баррасӣ намудани маълумотҳои нав ва мустаҳкам намудани заминаи дониши назариявии онҳо мебошад.

Дар сарчашмаҳои педагогию дидактикӣ намоиши таҷрибавию корҳои лабораторӣ асоси инкишофи тафаккур ва фаъолияти таълимӣ – маърифатии хонандагон муаррифӣ гаштаанд. Дар дигар сарчашмаҳои педагогӣ ва дидактикии таълим, эксперименти химиявиро ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1. намоишӣ; 2. лабораторӣ; 3.машғулиятҳои амалӣ.

Хонандагон (донишҷӯён) дар асnои намоиши таҷрибаҳо бо роҳи гузаришу усулҳои гузаронидани онҳо шинос мешаванд. Таҷрибаҳое, ки дар раванди дарс нишон дода мешаванд, боиси пурраю саҳеҳ дарк намудани маводҳои назариявии банду қисматҳои кимиё мегарданд. Дар рафти чунин таҷрибаҳо хонандагон (донишҷӯён) бештар ба мушоҳида намудани реаксияҳои кимиёвӣ ва фарзияҳои пешниҳоднамуда шиносоӣ пайдо мекунанд.

Таҷрибаҳои намоишӣ инъикоскунандаи рафти таҷрибаи химиявӣ буда, яке аз ҷанбаҳои асосии ташаккул ва мустаҳкам намудани дониши хонандагон маҳсуб меёбанд.

Асосҳои илмии намоиши эксперименти химиявиро аввалин маротиба педагоги рус Вадим Никанорович Верховский муайян кардааст, ки дорои чунин талаботҳо мебошанд: 1) ба ҳама дастрас бошанд; 2) бо асбобҳои аёнӣ ва маводҳои химиявӣ гузаронида шаванд; 3) дар рафти иҷрои таҷрибаҳо қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя карда шаванд; 4) интихоби роҳу усул ва методикаи гузаронидани таҷриба; 5) дастрас будани маводҳои фаҳмонидашаванда; 7) бехато иҷро намудани таҷриба; 8) шавқоварии таҷриба; 9) эҳтимолияти натиҷаҳои амиқ; 10) техникаи одии иҷро; 11) сода ва фаҳмо будани таҷриба; 12) тибқи барномаи таълимӣ гузаронидани эксперимент;13) омӯхтани тарзи дурусту илмии гузаронидани эксперимент [1, с.97-98].

Ҳангоми ба таҷрибаҳои омӯзгорӣ сафарбар кардани донишҷӯён, онҳо бояд бо роҳу усул ва методикаи намоишу гузаронидани чунин таҷрибаҳо омода бошанд:

Синфи 8 – таъсири мутақобили натрий бо об, намоиши намунаҳои металлҳои ишқорӣ ва галогенҳо.

Синфи 9 - намоиши намунаи металлҳо, омӯзиши электргузаронии онҳо, таъсири ҳамдигарии металлҳо ва ғайриметаллҳо бо об.

Синфи 10 – таъсири мутақобилаи кислотаи олеинат- $C_{17}H_{33}COOH$ ва стеарат- $C_{17}H_{35}COOH$ бо ишқорҳо.

Усулҳои гидролизи собун. Муносибати кислотаи олеинат- $C_{17}H_{33}COOH$ бо бромоб ва маҳлули перманганати калий – $KMnO_4$ аз рӯйи барномаи химияи мактабӣ.

Ҳар як шахсе, ки дар лабораторияи химиявӣ кор мекунад, бояд дониши мукаммали назариявӣ дошта бошад ва роҳу усули иҷрои кори таҷрибавиро хуб донад ва танҳо дар ин замина ӯ корҳои лабораториро бомуваффақият иҷро карда метавонад. Аз ин лиҳоз ҳар як донишҷӯ бояд пешакӣ барои гузаронидани корҳои лабораторӣ тайёрии ҳаматарафа бинад.

Донишҷӯён метавонанд қисми зиёди корҳои лабораториро ба таври инфиродӣ гузаронанд ва таҷрибаҳои мушкилро бо кумаки омӯзгор ва амалан гузаронанд.

Яке аз талаботҳои педагогӣ ба ташкилу гузаронидани машғулиятҳои лабораторӣ, ин риоя намудан ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ мебошад ва ҳар омӯзгор хонандагонро бо қоидаҳои риояи техникаи бехатарӣ шинос ва огоҳ менамояд. Дар давоми таҳсил пеш аз иҷрои ҳар як кори лабораторӣ омӯзгор риоя намудани чораҳои иловагии бехатариро хотиррасон менамояд.

Тибқи талаботҳои барномаи таълимӣ аз фанни химия донишҷӯён бояд самтҳои назариявию амалии машғулиятҳои озмоиширо пурра ва саҳеҳ аз худ намоянду ба иҷрои он шурӯъ намоянд. Натиҷаҳои ниҳоии таҷрибаҳои кимиёвӣ ҳамон вақт амалӣ мегарданд, ки онҳо ба роҳу усул ва методикаи иҷрои онҳо саҳеҳ шинос бошанд ва ба ин ва ё он саволҳои номафҳуми донишҷӯён омӯзгор посух медиҳад [2,с.65-66].

Корҳои лабораторӣ низ яке аз шаклҳои мухталифи таҷрибаҳои химиявӣ буда, дар ҷараёни омӯзиши химия накши муҳим мебозанд. Дар доираи барномаи таълимӣ дар мавриди баёни мавзӯи нав ёдрас шуда, барои мустақилона гузаронидани таҷрибаҳо ба ҳар як донишҷӯ ё хонанда бояд шароити мусоиди корӣ муҳайё карда шавад.

Агар донишҷӯён ё хонандагон доир ба методикаи ташкил ва гузаронидани таҷрибаҳои кимиёвӣ заминаи илмию амалӣ дошта бошанд, пас дар ниҳоди онҳо роҳу усулҳои мустақилона оиди ин мавзӯъҳо ташкил меёбанду маҳорату малакаи онҳо доир ба маводҳои кимиёвӣ, асбобҳои аёнӣ ва навгониҳою комёбиҳои ин фанни таълимӣ рушду нумӯ меёбад ва онҳо соҳибкасб ҳам мешаванд.

Таҷрибаҳои кимиёвӣ як банди корҳои амалӣ буда, чун анъана баъди ба итмом расонидани як ва ё якчанд мавзӯъҳои мушкилу мураккаб гузаронида мешаванд. Ба воситаи корҳои амалӣ малака ва маҳорати ҳосилкардаи хонандагон ташаккул ёфта, боиси эҷодкорона ичро кардани озмоишҳои химиявӣ ва васеъшавии доираи дониши толибилмон мегардад. Масалан, агар дар машғулиятҳои лабораторӣ онҳо дар таркиби моддаҳои органикӣ мавҷуд будани карбону гидрогенро муайян карда бошанд, пас дар рафти таҷрибаҳои амалӣ мавҷудияти нитроген, сулфур, хлор ва ғайраро аз худ карда метавонанд. Машғулиятҳои амалӣ таҷрибаҳои мураккаби химиявиро дар бар гирифта, ба мустақилият ва фаъолияти таҳқиқотию эҷодии хонандагон алоқаи зич дорад. Бо ин мақсад масъалаҳоеро интихоб ва пешниҳод кардан зарур аст, ки хонандагон роҳу усулҳои ҳалли мустақилонаи онҳоро дарёфт ва ҷустуҷӯ намоянд. Тарафи дидактикии машғулиятҳои амалӣ бо ҳамдигар зич алоқаманд намудани мавзӯъҳои таълимии барномаро таъмин менамояд, яъне дарк ва муайян намудани алоқаи генетикии моддаҳои органикӣ, синтези кислотаҳои органикӣ, бензол, нитробензол, анилин, синтези эфирҳои гуногун ва амсоли онҳоро осон менамояд [3,с.4-6].

Таҳқиқотчиёни ҷавон, яъне донишҷӯён, бакалаврҳо, магистрантҳо, аспирантҳо, муаллимон, унвонҷӯён моҳият, нақш ва вазифаи озмоишҳои кимиёвӣ ва мавқеи онҳоро дар сохтори методҳои илмӣ – таҳқиқотӣ ҳамчун методи амалии таълим баррасӣ менамоянд.

Педагоги рус Кузнетсова Н.Е. ин методро ҳамчун воситаи ягонаи рушди таълим ва омӯзиши кимиё ба қалам додааст. Вай чунин ҳисоб мекард, ки эксперименти илмӣ ин як шакли тачриба буда, дорои мақсад ва мундариҷаи фаъоли инсон ба шумор меравад. Эксперименти химиявӣ маҷмӯи маводест, ки имконият медиҳад моҳияти дидактикии ҳодисаҳо ва омилҳоро дарк карда, баъд ба кор кардани тавсияҳои амалӣ шурӯъ намоем [4,с.53-54].

Педагоги машҳури рус Ю.К. Бабанский қайд намудааст, ки моҳияти эксперимент омӯхтану таҳқиқ кардани нақшаю барномаи таълимӣ буда, дар заминаи он асосҳои педагогию дидактикӣ ва пешниҳоду фарзияҳо тавсиф карда шуда, боиси ташаккули шавқу завқи касбии толибилмон мегардад.

Дар раванди эксперименти химиявӣ таъсиррасонии фаъол ба раванди таълим бо роҳи муҳайё сохтани шароити нави ба мақсади таҳқиқот мувофиқ дохил кардани далелҳои нав, ё ин ки тағйироти мавҷуда мувофиқи мақсад аст.

Вобаста ба ҷанбаҳои педагогӣ ва мазмуну мундариҷаи худ эксперименти кимиёвӣ асоси ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ, амалию тарбиявӣ маҳсуб меёбад.

Эксперименти химиявӣ имконият медиҳад, ки алоқаи хосси қисматҳои равандҳои гуногуни байни далелҳо, шароит ва натиҷаи таъсиррасонии педагогӣ; санҷиши муваффақиятноки далелҳои гуногун, ё ин ки тағйирот дар сохти раванд ва интихоби дурусттару мувофиқ дар ин шароит, муайян намудани шароити мувофиқ барои амалӣ намудани вазифаҳо ва воситаҳои муайян бақарор карда шаванд [5,с.193-194].

Эксперимент бо мақсади муайян кардани қонуниятҳо ва алоқамандиҳои равиши реаксияҳои кимиёвӣ ва ҳосил намудани пайвастагиҳои органикию ғайриорганикӣ гузаронида мешавад.

Вобаста ба хосиятҳои физикавию кимиёвӣ дар ҷараёни он чунин талаботҳо муайян карда мешаванд, аз ҷумла:

- эксперимент тибқи барномаи таълимӣ ва бо мақсади ташаккули дониш, маҳорат, малака ва фаъолияти таълимӣ-эҷодии хонандагон, дар асоси талаботҳои педагогӣ ва дидактикӣ ташкилу гузаронида мешавад;
- интихоби дурусти маводҳои кимиёвӣ, рафту раванди мушоҳидаи хонандагон дар ҷараёни он;
- интихоб ва ҷобаҷогузории маводҳо барои гузаронидани эксперимент тибқи барнома ва дурнамои тартибдодашуда;

-интихоби шароитҳои мувофиқ барои гузаронидан ва аз худ намудани далелҳои муайян [6,с.71].

Таҷрибаҳои намоишӣ, корҳои лабораторӣ ва машғулиятҳои амалӣ шаклҳои эксперименти синфӣ буда, дар мактабҳо ғайр аз ин шаклҳои корҳои беруназсинфӣ дар намуди маҳфилҳо, боз дигар машғулиятҳои факултативӣ аз банду қисматҳои кимиё низ гузаронида мешаванд.

Машғулиятҳои факултативӣ тибқи барномаи таълимӣ яке аз шаклҳои ташкили таълими химия дар ҷараёни дарс ва корҳои беруназсинфӣ мавқеи мобайниро ишғол намуда, мақсади асосии онҳо ташаккул додани шавқу ҳавас, майлу хоҳиш, шиносонидани онҳо бо муваффақиятҳои илми химия, истеҳсолот ва ғайраҳо мебошад.

Экспериментҳои химиявӣ дар рафти маҳфилҳои химиявӣ барои саҳеҳтар аз худ кардани химия, дарк кардани табаддулотҳои гуногуни химиявӣ ва барои аз тарафи хонандагон мустақилона гузаронидани таҷрибаҳои гуногуни лабораторӣ имконият фароҳам меоранд.

Дар амалияи таълими химия нақш ва мақоми машғулиятҳои беруназсинфӣ дар якҷоягӣ бо дарсҳо ва машғулиятҳои факултативӣ аҳамияти зиёд дорад. Машғулиятҳои беруназсинфӣ аз фанни химия якҷоя бо дарсҳо ба муаллим имконият медиҳанд, ки теъдоди зиёди масъалаҳо ва машқҳои таълимро ҳал намояд. Чунончи, ба таври мунтазам баён намудани мазмуни фанни таълим дар доираи барнома, ба ташаккул ва такмил додани маҳорат, аз ҷумла самтҳои умумии мантиқӣ, эҷодӣ, амалӣ ва дигар сифатҳои шахсияти хонандагон (донишҷӯён) мустақилият, меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, ташаккули маҳорати касбӣ ва инфиродии онҳо сабаб мегардад. Мақсади асосии корҳои беруназсинфӣ чун машғулиятҳои факултативӣ мустаҳкам кардани донишҳои химиявӣ, бедор намудани шавқу ҳавас ва қобилияти илмию эҷодии хонандагон (донишҷӯён) мебошад [7,с.90-92].

Эксперименти химиявиро вобаста ба мазмуну мундариҷаи барномавии таълимӣ аз рӯйи ҳаҷми таҷрибаҳо ба микро – ва макроэкспериментҳо ҷудо мекунанд.

Микроэксперимент дар намуди реаксияҳои қатрагӣ ҳамчун методи таҳлилӣ ифода мешавад. Ба воситаи ин метод дар муддати кӯтоҳ таҳлил, истифодаи начандон зиёди реактивҳо, суръати ҳосилшавии табаддулотҳои химиявӣ муайян карда мешавад, ки дар мактабҳои олӣ ҳамчун методи таҳлилӣ истифода бурда мешавад. Аксарияти таҷрибаҳои химиявӣ дар машғулиятҳои амалӣ бо миқдори ками реактив ва истифодабарии пробирка ва асбобу анҷомҳои ҳаҷмашон хурд гузаронида мешаванд. Ин гуна методро дар машғулиятҳои амалӣ ва иҷрои корҳои лабораторӣ бештар истифода мебаранд. Таҷрибаҳо бо миқдори ками реактивҳо ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва корҳои лабораторӣ як қатор ҷиҳатҳои мусбат доранд. Ин гуна таҷрибаҳо тезтар ба амал омада, миқдори ками реактив сарф мешавад. Аксарияти мактабҳо, ки шароити хуби лабораторӣ ва таҷҳизотҳои химиявӣ надоранд, ин методро барои ба роҳ мондани эксперимент зимни омӯзиши химия истифода мебаранд.

Ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳо бо ин метод дастгоҳҳои махсус ва усулҳои алоҳида талаб карда намешаванд ва таҷҳизотҳои паҳншудаи химиявӣ, ба монанди пробиркаҳои одии ҳаҷми хурддошта, пробиркаҳо бо найчаи газгузар, қифҳои хурд, найчаҳои шишагин ва каучукӣ истифода бурда мешаванд [8,с.17-19].

## АДАБИЁТ


1. Верховский В.Н. Методика преподования химии. Учебная книга. –М: Просвещение, 1984. -378 с.
2. Чернобельская Г.М. Основы методики обучения химии. Пособие для учителей. –М: Просвещение, 1987. -154 с.
3. Ғуломқодир Бобизода, Абдуллоев Ф., Усмонов И. Озмоишҳои мустақилона аз химияи органикӣ. Дастури методӣ. –Душанбе: Ирфон, 2016. -83 с.
4. Зубайдов У., Холназаров С. Методикаи таълими химия. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. –Душанбе: «Андалеб - Р», 2015. -383 с.
5. Холназаров С., Ҳакимов О. Асосҳои методикаи таълими химия. Дастури методӣ. Қисми 1. –Душанбе: Авесто, 2008. -68 с.
6. Цветков Л.А. Эксперимент по органической химии. Учебное пособие для учителей. –М: Просвещение, 1973. -288 с.
7. Кузнецова Н.Е. Методика преподование химии. Учебная книга для высших учебных заведениях. –М: Просвещение, 1984. -322 с.
8. Бабанский Ю.К. Оптимизация учебно-воспитательного процесса. Учебное пособие для учителей. –М: Просвещение, 1980. -98 с.


## НАҚШИ ТАҶРИБАҲОИ ХИМИЯВӢ ДАР ТАШАККУЛИ ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ- МАЪРИФАТИИ ХОНАНДАГОН ВА ДОНИШҶӮЁН


Мақолаи мазкур фарогири масъалаҳои озмоиши химиявӣ буда, аз рӯйи «Талаботҳои барномаҳои таълимӣ аз фанни химияи органикию ғайрорганикӣ барои синфҳои VII-XI-и муассисаҳои таълимӣ ва

донишҷӯёни макотибҳои олӣ», бо мақсади ташаккули сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагон таълиф шудааст». Муаллиф тавонистааст паҳлуҳои озмоишҳои химиявиро тавассути тадрисҳои намоишдиҳӣ, лабораторӣ, амалӣ ба хонандагони муассисаҳои таълимӣ ва донишҷӯёни мактабҳои олӣ фаҳмонад. Тавассути дарсҳои лабораторӣ хонандагон (донишҷӯён) метавонанд дониш, маҳорат ва малакаҳои таълимиашонро рушд диҳанд. Саҳми муаллим дар гузаронидани дарсҳои лабораторӣ ниҳоят бузург аст. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки вай бояд ба хонандагон (донишҷӯён) тарзи дуруст истифода бурдани моддаҳои химиявиро ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ омӯзонад. Муаллифи мақола инчунин оиди кори маҳфилҳои мактабӣ маълумот дода, қайд мекунад, ки корҳои лабораторӣ дар маҳфилҳо ба хонандагон (донишҷӯён) барои бой гардондани ҷаҳонбинӣ ва дуруст истифода бурдани моддаҳои химиявӣ кумак мерасонанд. Тадқиқот нишон дод, ки кори маҳфилҳо барои рушди дониш ва малакаҳои хонандагон ёрии амалӣ мерасонад. Ҳангоми гузаронидани корҳои лабораторӣ ба муаллим лозим меояд, ки аз таҷрибаҳои худ васеъ истифода барад, то ин ки озмоишҳои гузаронидашуда натиҷаи хуб бахшанд. Бо ин мақсад муаллим метавонад, дар хонадагон (донишҷӯён) тафаккури зеҳниро рушд диҳад ва дар онҳо сифатҳои донишазхудкунӣ, маҳорат ва малакаро бедор намояд.

**Калидвожаҳо**: эксперименти намоишӣ, машғулиятҳои амалӣ, таҷриба, маводи химиявӣ, машғулиятҳои факултативӣ, таҷрибаҳои лабораторӣ, макроэксперимент, микроэксперимент.

## РОЛЬ ХИМИЧЕСКИХ ЭКСПЕРИМЕНТОВ В ФОРМИРОВАНИИ УЧЕБНО-ПОЗНАВАТЕЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ УЧАЩИХСЯ И СТУДЕНТОВ

Данная статья посвящается рассмотрению химических опытов и разновидных экспериментов в соответствии с «Требованиями учебных программ органической и неорганической химии для учащихся VII-XI классов общеобразовательных школ и студентов высших учебных заведений, с целью формирования уровня знаний, умений и навыков научно-теоретического и прикладного направления. Автором более обоснованно раскрыты такие виды химических экспериментов, как демонстрационный, лабораторный, практический, описаны краткое их пояснение, в зависимости от имеющих условий как в школах, так и в вузовских кабинетах и лабораториях. С помощью лабораторных занятий ученики (студенты) обогащают свои знание, умения и навыки. Заслуга учителя при проведении лабораторных занятий очень велика. Он должен объяснять ученикам (студентам) правильно использовать химические вещества при проведения лабораторных занятий. Автор в статье также использует кружковые работы в школе и даёт понять, какое значение имеют лабораторные или кружковые работы. Именно экспериментальная работа в кружке помогает углубить знание по химии, обогащает мировоззрение учащихся и приучает их к правильному использованию лабораторных операций. Исследование показало, что кружковая работа удовлетворяет учащихся, если они опираются на знания, получаемые в классе, а также отвечают на вопросы, возникшие в процессе изучения химии. Задача учителя заключается в том, что, если он сочтет нужным увеличить число лабораторных опытов, то он сможет приспособить опыты, описанные в качестве демонстрационных, или использовать опыты, приведенные в учебниках и учебных пособиях. Тем самым он формирует у учеников творческое мышление и активизирует определенные формы знания, умения и навыков.

**Ключевые слова:** демонстрационный эксперимент, практические занятия, опыт, реактив, факультативные занятия, лабораторные опыты, макроэксперимент, микроэксперимент.

## ROLE OF CHEMICAL EXPERIMENTS IN FORMATION OF EDUCATIONAL COGNITIVE ACTIVITY OF PUPILS AND STUDENTS

This article is devoted to consideration of chemical experiments and diverse experiments in compliance "By requirements of training programs of organic and inorganic chemistry for pupils of the VII-XI classes of comprehensive schools and students of higher educational institutions, for the purpose of formation of level of knowledge, ability and skills scientific-theoretical and applied the directions. The author more reasonably opened such types, chemical experiments as demonstration, laboratory, practical are described their short explanation depending on the having conditions both at schools and in high school offices and laboratories. By means of laboratory researches pupils (students) enrich the knowledge skills. The teacher's merit when holding laboratory researches very much a bike. He has to explain to pupils (students) correctly to use chemicals when holding laboratory researches. The author in article also uses circle works at school and lets know what value have laboratory or circle works. Experimental work in a circle helps to deepen knowledge of chemistry, enriches outlook of pupils, and accustoms them to correct use of laboratory operations. The research showed that circle work satisfies pupils if they rely on knowledge gained in a class and also answer the questions which arose in process studying of chemistry. The task of the teacher is that if he considers increasing number of laboratory trials, then he will be able to adapt experience, described as demonstration or to make use of the experiences given in textbooks and education guidance. Thereby it forms creative thinking at pupils and makes active certain forms of knowledge, ability and skills.

**Key words:** demonstration experiment, practical training, experience, reactant, facultative occupations, laboratory trials, macroexperiment, microexperiment.

**Сведения об авторе:** ***Исмоилова Муборак*** - Кулябский государственный университет им. Абуабдулаха Рудаки, старший преподаватель кафедры химии и биологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова 16

**Information about the author:** ***Ismoilova Muborak*** - Kulyab State University. Abuabdulakha Rudaki, senior lecturer of the Department of Chemistry and Biology. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov Street 16

УДК: 4+42+378(575.3)

# ХУСУСИЯТҲОИ МУРАТТАБСОЗИИ МАЗМУНИ ТАҲСИЛОТ ВА САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАКТАБИ ОЛИИ КАСБӢ

***Ёфтаков Ҳ.Ф.***

**Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов**

Таҳсилот дар ҳар замон ҳамқадами инкишофи таърихии ҷамъияти инсонӣ буд ва боқӣ хоҳад монд. Фаҳмиши ҳадафҳои моҳиятӣ ва амиқи таҳсилот ва мазмуни он дар ҳар замон ҳамчун ҷузъи асосии раванди таҳсилотӣ, талаботи объективии замон буд ва боқӣ хоҳад монд. Омӯзиши мазмуни таҳсилот зинаи навбатии мантиқӣ дар ташаккул додани образи мактаб мебошад. Ва ин омӯзиш бояд на танҳо дар асоси баҳодиҳиҳои коршиносӣ, бигузор ҳатто коллективӣ ва хеле босалоҳият (масалан, намояндагони соҳибэҳтироми иттиҳодияҳои таълимию методӣ), балки инчунин тавассути далелҳои илман асоснокшуда гузаронида шавад. Дар назди таҳсилоти умумӣ ҳадафи мусаллаҳ гардонидани инсон бо донишҳо ва маҳоратҳои истифодабарии маҳсулоти моддӣ ва маънавӣ, воситаҳои иттилоот, коммуникатсияи оммавӣ ва ҳаракат, самтёбии босаводона дар дунёи бузурги чизҳои моро иҳотакарда гузошта мешавад [1,с.27].

Талаботҳои ин соҳаи касбии инсон бояд ҳадафҳо ва мазмуни таҳсилоти умумиро муайян созанд. Роҳҳои татбиқи онҳоро метавон ҷудо кард. Муҳимтарини онҳо ҳашт самти мазмуни рушди таҳсилоти умумӣ мебошанд. Чизи аввале ки бояд дар таҳсилоти умумӣ дода шавад, ин тасвири табии илмии ба воқеият муносиби олам мебошад. Ҳанӯз дар асри гузашта А.И.Герсен навишта буд, ки: “Бе табиатшиносӣ барои инсони муосир наҷот вуҷуд надорад, бидуни он дар ягон ҷойи ҷон кулбаи роҳиб ва дар он дони ирфонӣ боқӣ мемонад”[2,с.34].

Талаботи дуюм, ҳамчун идомаи вазифаи якум, иборат аст аз ба толибилмон расонидани қоидаҳои рафтори онҳо дар ҷомеа. В.Г.Белинский таъкид менамуд, ки “Инсонро табиат месозад, вале ӯро ҷомеа инкишоф дода, ташаккул медиҳад” [3,с.33]. Аз ин рӯ, аз курсии мактабӣ инсон меъёрҳои иҷтимоӣ ва анъанаҳои ҷомеаро, ки ӯ ба он мансуб аст ва дар он ин меъёрҳо муқаррар гардидаанд, бояд донад. Самти сеюм бо афзалиятҳои ҷисмонӣ дар инсон ҳамчун қисми табиат рабт дорад. Дар ин ҷо мушкилоти амният ва боқӣ мондани ӯ мубрам мешаванд. Ҳанӯз дар замонҳои қадим, масалан, дар мактабҳои Пифагор ва Афлотун, қоидаҳои беҳдошти ҷисмонии инсон муқаррар карда шуда буданд, ки онҳо дар замони муосир, махсусан дар шароитҳои номусоиди экологӣ, бояд риоя шуда инкишоф дода шаванд. Вазифаи чаҳоруми таҳсилоти умумӣ бо тамоюли бадшавии назарраси саломатии насли ҷавон иртибот дорад. Самти панҷуми таҳсилоти умумиро ба мақсад мувофиқ аст бо рушду инкишофи қобилиятҳои насли ҷавон рабт дод. Роҳи шашуми рушди таҳсилоти умумӣ бо зарурати шинос намудани ҷавонон ва духтарон бо дастовардҳои фарҳанг, дар онҳо ташаккул додани малакаҳои самтёбӣ дар зуҳуроти гуногунранги он алоқа дорад. Ҳафтум, донистани на танҳо забони модарӣ, балки инчунин забонҳои хориҷӣ тақозо карда мешавад. Надонистани онҳо сабаби ба инзиво афтодан аз фазои ҷаҳонии таҳсилотӣ ва маҳдудсозии муошират байнифарҳангӣ мегардад. Ниҳоят, натиҷаи самти ҳаштум дар таҳсилоти умумӣ, чи тавре ки дар боло зикр шуд, бояд инсон ҳамчун истеъмолкунандаи аз ҷиҳати касбӣ босаводи маҳсулоти моддӣ ва маънавии ҷомеа баромад кунад. Ҳамин тариқ, таҳсилот ин раванд ва натиҷаи аз ҷониби инсон азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои низомбандишуда, рушди зеҳн ва ҳис, ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва равандҳои маърифатӣ мебошад.

*Назарияҳо ва намудҳои таҳсилот.* Ба раванди сохтани мазмуни таҳсилот мавқеъҳои методологии олимон-педагогҳои мухталиф таъсир мерасонанд.

Дар ин ҷо назарияҳои таҳсилотиеро, ки дар гузашта зимни сохтани мазмуни таҳсилоти мактабӣ истифода бурда мешуданд, дида мебароем. Назарияи таҳсилоти формалӣ (Локк, Песталотси, Кант, Гербарт) ба сифати ҳадаф на он қадар аз ҷониби толибилмон донистани донишҳои воқеӣ, чи қадар рушди зеҳни онҳо, қобилияти онҳо барои таҳлил ва синтез, тафаккури мантиқӣ гузошта мешавад ва воситаи беҳтарин барои он омӯзиши забонҳои юнонӣ ва лотинӣ, риёзиёт ба шумор мерафт.

Назарияи таҳсилоти моддӣ (Спенсер) собит месозад, ки бештар бояд донишҳои табиӣ таълим дода шуда, ба сифати меъёри интихоби маводи таълимӣ бояд сатҳи созгории он барои ҳаёт, барои фаъолияти бевоситаи амалии толибилмон дар оянда хизмат намояд [4].

Назарияи таҳсилоти формалӣ ва моддиро дар асоси далелҳо К.Д. Ушинский танқид намудааст. Ӯ қайд мекард, ки ба ном "рушди формалӣ"-и азхудкунии донишҳо хаёли холӣ мебошад, лозим аст на танҳо толибилмон рушд дода шаванд, балки инчунин онҳо бояд бо донишҳое мусаллаҳ гардонида шаванд, ки барои фаъолияти минбаъда нафъовар бошанд. Дар айни ҳол набояд таълимро танҳо бо созгории утилитарӣ маҳдуд сохт, зеро донишҳои марбут бо ҳаёт бавосита на камтар назар ба донишҳои амалӣ муҳимтаранд. Масалан, таърихи қадимро наметавон бевосита ба фаъолияти амалии одамон замима кард, вале ҳамзамон он барои ғанӣ гардонидани ҷаҳонбинии одамон, барои ташаккул додани ҷаҳонфаҳмӣ ва тавзеҳи қонуниятҳои инкишофи таърихии инсоният зарур аст [5,с.96].

Намояндаи маъруфи прагматизм дар педагогика Ҷон Дюи ғояро дар бораи зарурати дар асоси таҳсилоти мактабӣ ташкил намудани фаъолияти амалии кӯдакон бо мусаллаҳсозии онҳо бо маҳоратҳо ва малакаҳо дар соҳаҳои мухталифи зиндагӣ ҷорӣ кард. Ӯ таъкид мекард, ки "маводи таълим бояд аз таҷрибаи кӯдак гирифта шавад"; "кӯдак бояд ҳам сифат, ҳам миқдори таълимро муайян созад"; "курсҳои пешакӣ тартибодашуда лозим нестанд". Пайрави ӯ У. Килпатрик дар солҳои 20-уми асри XX "системаи лоиҳавии таълим"-ро таҳия намуд, вақте ки толибилмон дар асоси шавқу ҳавасҳои худ, бо омӯзгор ҳалли ягон вазифаи амалиро тарҳрезӣ менамуданд, масалан, сохтмони хоначаи бозӣ, ба фаъолияти амалӣ шомил мешуданд ва дар ҷараёни он ин ё он маълумотро дар бораи забон, риёзиёт ва предметҳои дигар фаро мегирифтанд.

Зимни сохтани мазмуни таҳсилот бояд ба назар гирифт, ки таҳсилот ин натиҷаи таълим буда, таҳтуллафз он маънои ташаккулёбии образҳо, тасаввуроти бааҷомрасида дар бораи предметҳои мавриди омӯзишро дорад. Таҳсилот бояд шомили донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, услуҳои тафаккуре бошад, ки толибилм аз худ менамояд. Инсони таҳсилгирифта бояд нафаре бошад, ки ҳаҷми муайяни донишҳои низомбандишударо касб намудааст ва, илова ба ин, мантиқан, бо ҷудо кардани сабаб ва натиҷа фикр ронад [6,с.39].

Инчунин, зимни сохтани мазмуни таҳсилот бояд ба назар гирифт, ки меъёри асосии маълумотнокӣ, ин низомнокии донишҳо ва низомнокии тафаккур буда, дар он зоҳир мегардад, ки инсон қодир аст ҳалқаҳои дастнарасро дар низоми донишҳо бо кумаки мулоҳизарониҳои мантиқӣ мустақилона барқарор созад. Вобаста ба ҳаҷми донишҳои касбшуда ва сатҳи ноилшудаи мустақилияти тафаккур таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олиро фарқ мегузоранд. Аз рӯйи хусусият ва самтнокӣ таҳсилот ба умумӣ, касбӣ ва политехникӣ тақсим мешавад.

Таҳти мазмуни таҳсилот инчунин бояд он системаи донишҳои илмӣ, маҳоратҳо ва малакаҳои амалӣ, инчунин ғояҳои ахлоқию зебоишиносие фаҳмида шаванд, ки онҳоро донишҷӯён бояд дар раванди таълим касб намоянд.

Мазмуни таҳсилот дар нақшаҳои таълимӣ, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ сабт мегардад. Зимни усули консентрикии сохтани барномаи таълимӣ маводи зинаи мазкури таълимро дар намуди бештар мураккабкардашуда дар зинаҳои минбаъдаи таълим мегузаранд. Ҳам олимони хориҷӣ ва ҳам ватанӣ қайд менамоянд, ки

системаи таҳсилот талаботи муосирро қонеъ намегардонад ва бо ин сабаб дар вазъияти буҳрон қарор дорад.

Моҳияти буҳрони ҷаҳонии таҳсилот, ба назар мерасад, пеш аз ҳама, дар самтнокии системаи ташаккулёфтаи таҳсилот (ба ном “таълими дастгирикунанда”) ба гузашта, гароиши он ба таҷрибаи гузашта, дар мавҷуд набудани самтгирӣ ба оянда ниҳон аст.

Вазъи муосири ҷомеа системаи нави таҳсилот – “таълими инноватсионӣ”-иеро талаб менамояд, ки дар толибилмон қобилияти детерминатсияи лоиҳавии оянда ва масъулиятро барои он ташаккул диҳад. Таҳсилот ҳамчун раванд ва натиҷаи ошно намудани инсон бо донишҳо дар бораи олами атроф, арзишҳо, фарҳанг ва таҷриба, ки аз ҷониби наслҳои пешин андӯхт шудаанд, дар ҷаҳони муосир бояд шарти асосии ташаккулдиҳии инсон ҳамчун шахсият, соҳибкасб ва шаҳрванд бошад.

Ҷомеа ва таҳсилот системаи ягона буда, аз ҳамдигар ҷудо нестанд. Илова ба ин, дар таҳсилот ногузир ҳар гуна проблемаҳои глобалие инъикос меёбанд, ки ҷомеа ва тамаддун бо онҳо дучор мешаванд. Дар навбати худ, маҳз соҳаи таҳсилот, ба мушкилоти ҷамъиятӣ вокуниш нишон дода, қодир ва уҳдадор аст, ки таъсири худро ба инкишофи тамоюлоти мухталиф дар ҷомеа, ба дастгирӣ намудан, ё баръакс, онҳоро боздошта, бо ёфтани имкониятҳои махсус барои ҳалли онҳо кумак расонад.

Дар асоси аҳамияти афзалиятдоштаи рушди таҳсилот барои тамаддуни инсонӣ, давлат, ҷомеаи алоҳида ва ҳар як инсон, маҳз чунин фаҳмиши функсияҳои таҳсилот нуҳуфтааст [7,с13]. Ба ақидаи Б.С. Гершунский, соҳаи таҳсилот “агенти оянда”-и аз ҳама бевосита ва коршоям мебошад. Ӯ таъкид менамояд, ки маҳз таҳсилот, ҳамчун падидаи глобалӣ ва ба таври кофӣ махсуси ҷамъиятие, ки интишор ва рушди ҳамаҷояро гирифтааст, усулан барои оянда “кор мекунад” ва зимнан сифатҳои шахсиятии инсон, донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳо, афзалиятҳои ҷаҳонбинӣ ва рафтории ӯ ва бинобар ин, дар ниҳояти кор, потенсиали иқтисодӣ, ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа ва тамаддунро дар маҷмӯъ муайян месозад [7,с.12].

Дар динамикаи доимӣ қарор гирифта, таҳсилот ҳассосона таҳти таъсири тағйирот ва муҳити атроф қарор гирифта, ба талаботи ивазшавандаи он мутобиқ мешавад ва ба вазъи он бо пешакӣ муайян намудани ин талабот, фаъолона таъсир мерасонад.

Таҳсилот – ин падидаи иҷтимоию фарҳангӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва маҳз педагогӣ мебошад. Маҳз аз ин рӯ таҳсилот объект ва соҳаи омӯзиши илмҳои зиёд мебошад [7,с.7].

Яке аз таркиботи асосии он, дар баробари ҳадаф, вазифаҳо, методҳо ва шаклҳои ташкилотчигии азхудкунии маҳсулот, мазмуни таҳсилоте мебошад, ки асоси рушди он таҷрибаи иҷтимоии инсоният дар фарҳанги моддӣ ва маънавӣ ифодаёфта мебошад.

Мафҳуми “мазмуни таҳсилот” ба таври мухталиф шарҳ дода мешавад: ин ҳам системаи аз ҷиҳати педагогӣ мутобиқкардашудаи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва муносибати эҳсосотию арзишӣ ба олам мебошад, ки азхудкунии он рушди шахсиятро таъмин месозад [8,с.8]; ин ҳам маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои низомбандишуда, назарҳо ва эътиқодҳо, сатҳи муайяни рушди неруҳои маърифатӣ ва омодагии амалие мебошад, ки дар натиҷаи фаъолияти таълимию тарбиявӣ ноил гардидааст.

Ба ақидаи Л.А. Краснова, “дар тасаввуроти муосири илмӣ мазмуни таҳсилот ҳамчун падидаи мураккаби бисёрҷанбаи дидактикие баромад мекунад, ки бо сершумории консепсияҳои якҷоя мавҷудае ба проблема табдил меёбад, ки дорои сохтори гуногуни мафҳумӣ буда, тамсилаи муайяни раванди таълимро муқаррар месозад” [9,с.35].

Мазмуни таҳсилот – ин тамсилаи педагогии таҷрибаи иҷтимоӣ бо сохтори бисёрсатҳаи иерархиест, ки асоси талаботҳои стандарти таҳсилоти олии касбӣ ба шумор меравад. Дар стандарти давлатии таҳсилотӣ он дар ҳадди ақали мазмуни барномаҳои таҳсилотӣ (маҷмӯи салоҳиятҳо), талабот ба сатҳи омодагии хатмкунандагони муассисаи таҳсилотӣ (маҷмӯи салоҳиятҳои ташаккулёфта) ифода ёфтааст.

Талаботе, ки ба мазмуни таҳсилот пешниҳод мешаванд, бояд ба талаботи афзоишёфтаи ҷомеа ба мутахассисони босалоҳият посухгӯ бошанд: эҷоди шароити оптималӣ ба худинкишофдиҳӣ ва худтатбиқкунии шахсияти толибилм, дар толибилм рушд додани системаи донишҳои муносиб ба сатҳи муосир ва мутобиқати комили тасвири олам ба мазмуни барномаи таълимӣ; ташаккули шахсият ва шаҳрванд.

Принсипҳои асосии ташаккулёбии мазмуни таҳсилот инҳоянд: мутобиқат дар тамоми унсурҳои он ва дар сатҳи мухталиф ба талаботи ҷомеа; ягонагии ҷанбаҳои мазмунӣ ва муассирии таълим; ягонагии сохтории мазмуни таҳсилот дар сатҳҳои мухталифи ташаккулёбии он зимни ҳаракат аз умумӣ ба ҷузъитар ва, дар ниҳоят, ба шаклҳои мушаххаси татбиқи он дар раванди таълим.Принсипи умумии интихоби мазмуни таҳсилот маънои таносуби донишҳо, усулҳои фаъолият, функсияҳои шаҳрванд ва системаи арзишҳои ҷамъиятиеро дорад, ки мавриди азхудкунӣ аз ҷониби қонеъгардонии талаботи махсуси фард ва ҳуқуқи он ба интихоби гуногунии ҳамдигарро ивазкунандаи мазмуни предмет қарор дорад [10].

Мазмуни таҳсилот бояд сатҳи фарҳанги умумӣ ва касбии ҷомеаи ба сатҳи ҷаҳонӣ муносиб; дар толибилм ташаккул додани тасвири олами ба сатҳи муосири донишҳо ва сатҳи барномаи таҳсилотӣ мутобиқ; ҳамгирошавии шахсият ба фарҳанги миллӣ ва ҷаҳонӣ; такрористеҳсол ва рушди потенсиали кадрии ҷомеаро таъмин намояд.

Мазмуни таҳсилот бояд ба тафоҳум ва ҳамкорӣ байни одамон, халқҳо новобаста аз мансубияти нажодӣ, миллӣ, этникӣ, динӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намояд.

Мазмуни таҳсилоти умумӣ ва касбиро фарқ мегузоранд. Мазмуни таҳсилоти умумӣ ба ташаккулёбии фарҳанги умумии шахсият, ҷаҳонбинии он, мавқеи шаҳрвандӣ, муносибатҳо ба ҷаҳон, меҳнат, ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамояд. Он ба инсон донишҳо ва маҳоратҳои барои соҳаи махсуси фаъолият зарурро медиҳад. Дар чаҳорчӯбаи ташаккулёбии парадигмаи нави таҳсилоти касбӣ аҳамияти назаррасро масъалаҳои таъмини воридшавии инсон ба олами иҷтимоӣ ва созгоршавии пурарзиши ӯ ба он, ташаккулёбии ҷанбаи маънавии шахсият, тамоюли арзишию маъноии он, ташаккулёбии маҳоратҳо ва малакаҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим, яъне гирифтани таҳсилоти пурратар бо мақсади ноилшавӣ ба натиҷаи аз ҷиҳати шахсиятӣ ва иҷтимоӣ муҳим, касб менамоянд.

Ҳаллу фасли вазифаҳои мазкур ба шарти муосиркунонии амиқи системаи таҳсилот, ҷорикунии фаъоли технологияҳои инноватсионӣ ба он, ва аз ҳама асосӣ, омодагии худи омӯзгор ба чунин таҳаввулот имконпазир мебошад.

Ба сифати таърифи умумии омодагии омӯзгор ҳамчун нишондиҳандаи ҳамгиро шудан, ба назари мо, мафҳуми "салоҳиятнокӣ" баромад мекунад.

Дар вақти ҳозир масъалаи салоҳиятнокии касбии омӯзгори забони англисӣ, дар муассисаҳои таълимоти олии касбии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш амалан дар Тоҷикистон омӯхта нашудааст. Анҷом додани таҳқиқот доир ба ин проблема актуалӣ мебошад. Аз миёнаи асри гузашта маҳфумҳои "салоҳият", "салоҳиятнокӣ" ва ҳосилаи "босалоҳият" дар маишат ва адабиёт васеъ истифода мешаванд, шарҳи он дар луғатномаҳо оварда мешавад. Масалан, дар "Луғатномаи мухтасари калимаҳои хориҷӣ" (1952) таърифи зерин оварда шудааст: "босалоҳият (лотинӣ - мувофиқ, дорои қобилият) – донанда, огоҳ дар соҳаи муайян; дорои ҳуқуқ бо донишҳо ва ваколатҳои худ будан ё ҳалли ягон чиз, дар бораи чизе муҳокима рондан мебошад".

Дар соли 1959 Р.Уайт яке аз аввалинҳо шуда категорияи салоҳиятро аз нуқтаи назари илмӣ матраҳ намуда, онро бо таркиботи шахсиятӣ, бо шомили ангезиш, пурра намуд.

Дертар, дар соли 1965 Н.Хомский бори аввал кӯшиши фарқ гузоштан байни мафҳумҳои "салоҳиятнокӣ" ва "салоҳият"-ро кардааст[11].

Ҳамин тариқ, дар солҳои 1960-ум фаҳмиши фарқиятҳо байни мафҳумҳои "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" асос гузошта шуд, ки охирӣ ҳамчун дониш, таҷрибаи фаъолияти иҷтимоӣ ва касбии инсони аз ҷиҳати зеҳнӣ ва шахсиятӣ вобаста шарҳ дода мешавад. Дар худи ҳамин давра чунин мафҳум, ба мисли "салоҳиятнокии коммуникативӣ" пайдо мешавад.

Солҳои 1970-1980 бо истифодабарии салоҳиятнокӣ дар назария ва амалияи таълим, соҳибкасбӣ дар идоракунӣ, роҳбарӣ, менеҷмент дар таълими муошират тавсиф меёбанд, мазмуни мафҳуми "салоҳиятнокиҳои иҷтимоӣ" таҳия карда мешавад.

Дар соли 1984 Ҷ.Равен дар китоби "Салоҳиятнокӣ дар ҷомеаи муосир" шарҳи густурдаи мафҳуми салоҳиятнокиро медиҳад: "Ин чунин падидае мебошад, ки аз шумораи зиёди ҷузъҳо иборат буда, баъзеашон аз якдигар нисбатан мустақиланд, ... баъзе ҷузъҳо бештар ба соҳаи шинохтӣ мансубанд, дигаронаш ба соҳаи эҳсосотӣ, ... ин ҷузъҳо метавонанд якдигарро ба сифати таркиботи рафтори самаранок иваз намоянд"[12].

Соли 1989 китоби Л.А.Петровская "Салоҳиятнокӣ дар муошират"[13] ба нашр мерасад, ки дар он на танҳо худи салоҳиятнокии коммуникативӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад, балки инчунин шаклҳои мушаххаси махсуси тренингҳо барои ташаккул додани ин "хосияти шахсият" пешниҳод карда мешаванд. Аз соли 1990 шурӯъ карда, корҳое пайдо мешаванд, ки ба таҳқиқоти салоҳиятнокӣ ҳамчун категорияи илмии мавриди истифода дар таҳсилот бахшида шудаанд. Салоҳиятнокии касбӣ ба предмети баррасии ҳамаҷонибаи махсус табдил меёбад. Дар китоби Н.В. Кузмина "Соҳибкасбии шахсияти омӯзгор ва устои таълими истеҳсолотӣ"[14] дар асоси маводи фаъолияти педагогӣ салоҳиятнокӣ ҳамчун "хосияти шахсият" матраҳ мегардад. Салоҳиятнокии касбию педагогӣ, тибқи назари Н.В. Кузмина, шомили панҷ намуди салоҳиятнокӣ мебошад: салоҳиятнокии махсус ва касбӣ дар соҳаи фанни мавриди тадрис; салоҳиятнокии методӣ дар соҳаи усулҳои ташаккулдиҳии донишҳо, маҳоратҳо дар донишҷӯён; салоҳиятнокии иҷтимоию психологӣ дар соҳаи равандҳои муошират; салоҳиятнокии дифференсиалии психологӣ дар соҳаи ангезаҳо, қобилиятҳо, самтҳои донишҷӯён; салоҳиятнокии аутопсихологӣ дар соҳаи шоистагиҳо ва камбудиҳои фаъолияти шахсӣ ва шахсият.

Дар худи ҳамин сол К. Маркова таҳқиқоти бахшида ба омӯзиши сохтори салоҳиятнокии касбии омӯзгорро мегузаронад, ки аз рӯйи натиҷаҳои чаҳор блоки асосӣ дар сохтори он ҷудо карда мешавад: а) донишҳои касбӣ, психологӣ ва педагогӣ; б) маҳоратҳои касбӣ, педагогӣ; в) мавқеъҳо, роҳбаладиҳои касбӣ, психологии омӯзгор, ки аз ӯ талаб карда мешаванд; г) хусусиятҳои шахсиятие, ки касби донишҳо ва маҳоратҳоро аз ҷониби омӯзгор таъмин менамоянд. Дар корҳои дертар А.К. Маркова (1996) аллакай намудҳои махсус, иҷтимоӣ, шахсиятӣ ва инфиродии салоҳиятнокии касбиро ҷудо мекунад [15].

Дар соли 1998 В.А. Калней ва С.Е. Шишов, бо гузаронидани таҳқиқ ба натиҷа расиданд, ки салоҳиятнокӣ бояд ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо карда шавад: салоҳиятнокии маишӣ, шаҳрвандӣ ва касбӣ.

Дар соли 2001 дар "Стратегияҳои муосиркунонии мазмуни таҳсилоти умумӣ" меъёрҳои асосии салоҳиятнокӣ ифода гардиданд, ки дар онҳо муаллифон пешниҳод мекунанд, ки салоҳиятнокӣ бояд аз рӯйи соҳаҳои фаъолият ҳадгузорӣ карда шавад: салоҳиятнокӣ дар соҳаи фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ, ки дар азхудкунии усулҳои касби донишҳо аз манбаъҳои мухталифи иттилоот, аз ҷумла беруназмактабӣ, асос ёфтааст; салоҳиятнокӣ дар соҳаи фаъолияти шаҳрвандию ҷамъиятӣ (иҷрои нақшҳои шаҳрванд, интихобкунанда, истеъмолкунанда); салоҳиятнокӣ дар соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ (аз ҷумла маҳорати таҳлил намудани вазъият дар бозори меҳнат, баҳодиҳии имконияҳои шахсии касбӣ, самтёбӣ дар меъёрҳо ва муносибатҳои мутақобила, малакаҳои худташкилкунӣ); салоҳиятнокӣ дар соҳаи маишӣ (бо шомили ҷанбаҳои саломатии шахсӣ, ҳастии оилавӣ ва ғ.); салоҳиятнокӣ дар соҳаи фарҳангию фароғатӣ (бо шомили интихоби роҳҳо ва усулҳои истифодаи вақти холӣ, ки шахсиятро аз ҷиҳати маънавӣ ғанӣ месозанд)[16].

Дар вақти охир мутахассисоне, ки дар ин соҳа таҳқиқот анҷом медиҳанд, равишеро пешниҳод менамоянд, ки дар он мафҳуми "салоҳиятнокӣ" ба доираи васеи масъалаҳо шомил карда мешавад. Масалан, А.Н. Конюхов ва З.В. Спирина ду намуди салоҳиятҳоро пешниҳод менамоянд – умумӣ ва касбӣ. Салоҳияти умумӣ аз ҷониби онҳо ҳамчун салоҳияте муайян карда мешавад, ки барои фаъолияти бомуваффақият ҳам дар соҳаи касбӣ, ҳам дар соҳаи

ғайрикасбӣ заруранд ва салоҳиятнокии касбӣ бошад, барои касб ва татбиқи маҳоратҳо, донишҳо ва малакаҳое, ки барои фаъолияти касбӣ заруранд.

В.Н. Скрябин ва Т.Ю. Христич [17] дар кори худ ду самти салоҳиятҳоро ҷудо мекунанд: фаъолиятӣ ва иҷтимоӣ.

И.А.Зимняя дар таҳқиқоти худ пешниҳод менамояд, ки салоҳиятнокӣ бояд ба се гурӯҳи асосӣ тақсим карда шавад: салоҳиятнокии мансуб ба худи шахс ҳамчун шахсият, ҳамчун субъекти фаъолияти ҳаётӣ; салоҳиятнокии мансуб ба фаъолияти инсон, ки дар ҳамаи намудҳо ва шаклҳои он зуҳур меёбанд: салоҳиятнокии мансуб ба ҳамкории инсон бо одамони дигар[18].

Равишҳои мухталифро дар таҳияи масъалаҳои салоҳиятнокӣ ба назар гирифта, бояд қайд кард, ки дар аксари корҳо салоҳиятнокӣ ва салоҳият ҳамчун муродиф истифода мешаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон ба чунин натиҷа расид, ки гузариши системаи таҳсилоти олии касбӣ ба тамсилаҳои салоҳиятнокию субъектии омодакунии мутахассисон зимни сохтани мазмуни таҳсилот дар ҳар як соҳаи дониш баҳисобгирии комплексии равишҳо, принсипҳо ва қоидаҳо; хусусиятҳои инфиродӣ ва потенсиали зеҳнии иштирокчиёни раванди педагогӣ; имкониятҳои потенсиалӣ ва хусусиятҳои фаъолият кардани муассисаҳои таҳсилотиро талаб менамояд. Мутобиқат ба ин талабот, тамомияти мазмуни таҳсилот, ҷорикунии маводи муфиди дидактикӣ доир ба фанҳои мухталиф, бартарафкунии унсурҳои мураккаби зиёдатӣ имкон медиҳанд, ки шароит барои касби маҷмӯи салоҳиятҳое эҷод гардад ва қобилияти инсонро барои мавҷудият дар фазои муосири иҷтимоию иқтисодӣ ва иттилоотию коммуникативӣ таъмин созанд.

## АДАБИЁТ


1. Новиков, А.М. Методология образования / А.М. Новиков. – М.: Эгвес, 2005. -С. 27.
2. Заикина, Н.И. Цели и содержание современного образования / Н.И. Заикина // Педагогика.- 2007.- №7. -С.34
3. Карпенко, М.П. Цели и задачи современного образования / М.П. Карпенко // Психологическая наука и образование.- 1999.- № 3. -С. 33
4. Педагогика: Учеб. пособие для студ. пед. вузов и пед. колледжей / под ред. П.И. Пидкасистого. – М.: Педагогическое общество России, 2003. -С. 402.
5. Педагогика: Учебное пособие / под ред. П.И. Пидкасистого. - М.: Российское педагогическое агентство, 2000. -С. 96.
6. Лихачев, Б.Т. Педагогика: Курс лекций / Учеб. пособие для студентов педагог, учеб. заведений и слушателей ИПК и ФПК / Б.Т. Лихачев. - М.: Юрайт-М, 2005. -С. 39
7. Гершунский, Б.С. Философия образования для XXI века. -М.: Совершенство, 1998. С. 34-107. С. 13.
8. Педагогика: педагогические теории, системы, технологии : учебник для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений / С.А. Смирнов, И.Б. Котова, Е.Н. Шиянов и др.; под ред. С.А. Смирнова. - М.: Академия, 2001. - 512 с. С. 8.
9. Краснова, Л.А. Содержание образования: традиции и перспективы развития // Отечественная и зарубежная педагогика. - 2014. - № 4 (19). - С. 35-36.
10. Титов, В.А. Общая педагогика : конспект лекций. - М.: А-Приор, 2008. - 271 с.
11. Хомский Н. Аспекты теории синтаксиса.-М., 1972 (англ. 1965).
12. Равен Джон. Компетентность в современном обществе. Выявление, развитие и реализация. -М., 2002 (англ. 1984).
13. Петровская Л.А. Компетентность в общении.- М., 1989.
14. Кузьмина Н.В. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения.- М., 1990.
15. Маркова А.К. Психология профессионализма.- М., 1996.
16. Стратегия модернизации содержания общего образования.- М., 2001.
17. Скрябин В.Н., Христич Т.Ю. Модель практико-направленной подготовки специалиста // Среднее профессиональное образование.- 2008.- № 4.
18. Зимняя И.А. Ключевые компетенции - новая парадигма результата современного образования // Интернет-журнал «Эйдос».- 2006 / www.eidos


## ХУСУСИЯТҲОИ МУРАТТАБСОЗИИ МАЗМУНИ ТАҲСИЛОТ ВА САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР МАКТАБИ ОЛИИ КАСБӢ


Муаллиф дар мақолаи худ хусусиятҳои мураттабсозии мазмуни таҳсилотро дар макотиби олии касбӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ӯ самтҳои рушди таҳсилоти умумиро нишон дода, таъкид мекунад, ки таҳсилот ин раванд ва натиҷаи аз ҷониби инсон азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои низомбандишуда, рушди зеҳн ва ҳис, ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва равандҳои маърифатӣ мебошад. Муаллиф ба чунин натиҷа мерасад, ки гузариши системаи таҳсилоти олии касбӣ ба тамсилаҳои салоҳиятнокию субъектии омодакунии мутахассисон зимни сохтани мазмуни таҳсилот дар ҳар як соҳаи дониш баҳисобгирии комплексии равишҳо, принсипҳо ва қоидаҳо; хусусиятҳои инфиродӣ ва потенсиали зеҳнии иштирокчиёни раванди педагогӣ; имкониятҳои потенсиалӣ ва хусусиятҳои фаъолият кардани муассисаҳои таҳсилотиро талаб менамояд.



**Калидвожаҳо:** мазмуни таҳсилот, забони хориҷӣ, забони модарӣ, толибилм, таҳсилоти касбӣ, мутахассисон, дидактика.

## ОСОБЕННОСТИ ПОСТРОЕНИЯ СОДЕРЖАНИЯ ОБРАЗОВАНИЯ И ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ В ПРОФЕССИОНАЛЬНОМ ВУЗЕ

Автор в своей статье подвергает анализу особенности построения содержания образования профессиональной компетентности преподавателя английского языка в профессиональном вузе. Показав содержательные направления общего образования, он подчеркивает, что образование – это процесс и результат овладения человеком систематизированных знаний, умений и навыков, развитие интеллекта и чувства, формирование мировозрения и познавательных процессов. Автор приходит к такому залючению, что переход системы высшего профессионального образования к моделям компетентности субъективности подготовки специалистов при построении содержания образования в каждой области знаний требует комплексного учета подходов, принципов и правил; индивидуальные особенности и интеллектуальный потенциал участникоа педагогического процесса; потенсиальные возможности и особенности деятельности образовательных учреждений.

**Ключевые слова:** содержание образования, иностранный язык, родной язык, студент, профессиональное образование, специалист, дидактика.

## PECULIARITIES OF CONSTRUCTION OF THE CONTENT OF EDUCATION AND PROFESSIONAL COMPETENCE IN THE PROFESSIONAL UNIVERSITY

The author in his article analyzes the features of constructing the content of education of the professional competence of an English teacher in a professional university. Showing the content directions of general education, he emphasizes that education is the process and result of mastering a person of systematized knowledge, skills and abilities, development of intelligence and feelings, the formation of worldview and cognitive processes. The author comes to such a conclusion that the transition of the system of higher professional education to the models of competence of the subjectivity of training specialists in the construction of the content of education in each area of knowledge requires a comprehensive accounting of approaches, principles and rules; individual features and intellectual potential of the participant in the pedagogical process; Potential opportunities and features of the activities of educational institutions.

**Key words:** educational content, foreign language, native language, student, vocational education, specialist, didactics.

**Сведения бо авторе:** ***Ёфтаков Хусейн Файзуллоевич*** **–** Таджикский институт физической культуры им.С.Рахимова, **соискатель. Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, , г. Душанбе, ул. Лучоб, 53
E-mail: **mehrpaivand@inbox.ru**, **toj-sport@mail.ru**

**Information about the author:** ***Yefakov Huseyn Faizulloevich*** **-** Tajik institute of physical culture named after s. Rakhimov, competitor. **Address:** 734026, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Luchob- 53
E-mail: **mehrpaivand@inbox.ru**, **toj-sport@mail.ru**

**УДК: 371 + 796**

# НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ СРЕДСТВАМИ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

***Каландарбекова Б.Х.***
**Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова**

На современном этапе общественного развития физическая культура является важнейшей социальной сферой, деятельность которой, в основном, ориентирована на удовлетворение жизненно важных потребностей учащихся в двигательной активности, непосредственно влияющей на самочувствие, здоровье, сохранение и повышение умственной работоспособности. Одним из факторов повышения значения, усиления действенности физической культуры в жизни общеобразовательных учреждений, общества является полноценное использование ее содержательно-методического, духовного, технологического потенциала для нравственного воспитания и развития подрастающего поколения.

В процессе становления личности школьника в целом ведущая роль принадлежит школе, ибо здесь он овладевает основами наук, познает мир, развивает ум, чувства, закаляет волю, развивает свои физические способности, совершенствует свою скоростно-силовую подготовку. Учащиеся, занимаясь на уроке физкультуры, умеют использовать физические упражнения по их функциональной направленности и могут самостоятельно составлять из них индивидуальные эффективные комплексы, которые применяют для утренней оздоровительной гимнастики и занятий физической подготовкой. Обучающиеся 5-7 классов уже могут составлять для себя план занятий физическими упражнениями, предусматривать физическую нагрузку в зависимости от состояния здоровья, медицинской группы и индивидуальных особенностей своего организма; умеют проводить занятия по освоению эффективных двигательных действий и развитию основных физических качеств. Учащиеся в подростковом возрасте контролируют и анализируют свои физкультурные занятия, ведут дневники самоконтроля; знакомятся с правилами профилактики

травматизма и подготовки мест занятий, самостоятельно выбирают спортивную обувь и форму одежды в зависимости от времени года и погодных условий, сдают тестовые нормативы по физической подготовке и др. Общение происходит не только вне школы, но и в учебно – воспитательном процессе учебного заведения, в том числе и на уроках физической культуры.

Физическое воспитание на сегодняшний день считается не только важным, но и единственным предметом в школе, способствующим поддержанию динамики в физическом состоянии обучающихся. Использование в этом процессе таджикских национальных подвижных игр, способствует не только умственному и физическому развитию учащихся, но и служит критерием их нравственной культуры. Ибо их организация предусматривает не только рамки учебно-воспитательного процесса, но и внеурочную деятельность учащихся: организацию и проведение физкультурно-оздоровительных и спортивно-массовых развлекательных мероприятий в режиме учебного дня, дополнительного образования и свободного досуга в виде подвижных игр, поединков, состязаний, забав, спортивных аттракционов, развлекательных детских спортивных программ типа игры «Офарин!» и т.п., где на основе активной двигательной деятельности происходит физическое оздоровление путем мобилизации физических, психических, эстетических и нравственных качеств, формирующих характер обучающихся, проявляющихся как эмоционально-волевые и духовно-нравственные качества, самостоятельность, храбрость, настойчивость, решительность, целеустремленность, самообладание, коллективизм, патриотизм, трудолюбие, ответственность, дисциплинированность, в совокупности формирующие высокоразвитую и культурную личность [6,12].

Критериями нравственной воспитанности служит степень сформированности нравственных потребностей, привычек и моральных чувств личности, а его моральный облик может раскрываться в общей направленности поступков, которые могут носить коллективный, деловой или личный характер (при последних доминирующими становятся эгоистические, престижные мотивы).

Нравственность считается внутренней оценкой человека, где каждый человек должен следить за нормами своего поведения в обществе и своими поступкам в повседневной деятельности [3].

Нравственный идеал является основным источником понятий о красоте, добре и зле, дружбе и любви, он единственный ключ, который приближает обучающихся к пониманию смысла человеческой жизни, человеческого общества и всей окружающей действительности. В этом контексте моральные нормы в обществе являются лишь предпосылками нравственного поведения, которое оценивается положительными или отрицательными поступками .

Нравственное воспитание в школе осуществляется в контексте целенаправленного педагогического процесса, который направляется учителем физкультуры на выявление у обучающихся гуманистических идеалов, сформированности нравственного сознания, твердых моральных убеждений, отношений, нравственных чувств, проявление нравственных качеств, навыков и поведения [12].

В процессе физического воспитания учащиеся и учителя вступают в определенные отношения, обусловленные учебной деятельностью, в результате которой осваиваются, воспроизводятся и создаются гуманистические нравственные ценности. Такие отношения требуют нравственного регулирования. Его методологической основой является этический гуманизм как основание для теоретико – методологической базы гуманизации образования в целом, физического воспитания в частности, основополагающими положениями для которых являются гуманизм педагогики и гуманизм теории и методики физического воспитания .

По мнению Г.И. Щукиной и Д.Б. Эльконина современный этап в формировании нравственного сознания обучающихся требует усвоения ими знаний, принципов и норм нравственности, которые существуют в обществе, с осознанием их, как обязанностей, которые в повседневной жизни регулируют не только поведение людей, но и их отношение к природе, обществу, и к самому себе. Все знания, умения и навыки воспринимаются учащимися через словесные взаимоотношения с родителями и учителями, трансформирующихся в убеждения, руководство к действию через включение их в социальную деятельность, связанную с проявлением нравственных поступков, вызывающих эмоциональное удовлетворение от полученных результатов, и этот положительный факт будет стимулировать обучающихся к повторным результативным действиям [9, 10, 11].

Нравственная культура (маданияти ахлоќи) учащихся проявляется в основном при проведении не только уроков физкультуры, но и спортивных праздников, подвижных игр, эстафет, красочных массовых выступлений, централизованных игровых представлений, способствует

развитию двигательных навыков и физических качеств, а также формированию нравственных качеств у обучающихся.

Учащимися в процессе организации уроков физкультуры, на тренировочных занятиях осуществляется соблюдение норм культуры внешности – маданияти зоњирї, ибо обучающимся требуется соблюдать нормы в отношении спортивной формы, обуви, быть подтянутыми, вежливыми друг с другом, выполнять задания в рамках регламентируемого порядка, регулирующих занятия, в процессе которых каждый участник проявляет свою грамотность в выполнении задания. [1].

Образовательное значение имеют игры, которые по структуре и характеру движений подобны двигательным действиям, которые на всех этапах обучения изучаются во время занятий: гимнастикой, легкой атлетикой, плаванием, спортивными и подвижными играми и другими видами спорта, так как элементарные двигательные навыки, приобретаемые в играх, легко перестраиваются при последующем, более углубленном изучении техники двигательных действий облегчают овладение ими. Именно этим положением обосновывается использование игрового метода в процессе организации физического воспитания особенно на этапах начального освоения физических движений [2].

Воспитательные возможности игры в основном заключаются в ее содержании. Поэтому учителя подбирая игру должны обдумать, с какой целью ее проводить, какие задачи она может решать на уроке или во внеклассной деятельности. Успех каждой подвижной игры, эффективное решение образовательных и воспитательных задач, которые выдвигаются учителем на занятиях, во многом зависит от формирования сборных команд, выбора хорошего капитана и ведущего, при этом учителю необходимо знать и учитывать индивидуальные особенности каждого участника игры, уровень их подготовленности и характер отношений, который может сложиться в коллективе.

Таджикские национальные традиции, в том числе и подвижные игры, занимают достойное место наряду с другими воспитательными средствами - общением, трудом, обучением. Игра, являясь неотъемлемой частью жизни детей, в частности и подростков, не только организовывает их досуг, но и воспитывает, дисциплинирует, удовлетворяет их потребности в общении, получении внешней информации, дает физическую нагрузку и приучает их к умственной и физической деятельности. Педагогами всех поколений отмечалось благотворное влияние народных подвижных игр на формирование детской души, психики, развитие умственных способностей и физических качеств, ибо в игре и через нее растущий человек познает движение жизни [8;5;4;7;].

При правильной организации учебных занятий с учетом возрастных особенностей и физической подготовленности участников учебного процесса, подвижные игры могут оказывать позитивное влияние не только на рост, развитие и укрепление костно-связочного аппарата, но и на мышечную систему, на формирование правильной осанки, а также на функциональные возможности организма.

В связи с этим в практической деятельности урока физической культуры учителю рекомендуется на каждом занятии применять разнообразные по содержанию таджикские национальные подвижные игры.

На каждом уроке физической культуры учителем при организации таджикских национальных подвижных игр формируются: во-первых, знания о безопасном поведении во время занятий, во–вторых, закрепляются сформировавшиеся двигательные умения и навыки, в–третьих, развивается координация движений, быстрота реакции и в четвертых - воспитываются чувства дружбы, толерантности, взаимопомощи, взаимообучения, коллективизма и др.

Нравственное поведение у обучающихся 5-7 классов в процессе организации педагогического процесса по физической культуре, включающего учебную, внеучебную и спортивную деятельности является частью общей культуры индивидуальной личности, которая в условиях учебной - тренировочной деятельности поддается целенаправленному управляемому педагогическому воздействию, через специально организованную двигательную деятельность.

Одним из факторов повышения значения, усиления действенности физической культуры в жизни общеобразовательных учреждений, общества является полноценное использование ее содержательно-методического, духовного, технологического потенциала для нравственного воспитания и развития подрастающего поколения

На современном этапе в обществе сложилась критическая социально-психологическая и педагогическая ситуация, связанная с потерей прежних ценностных ориентиров и поиском новых. В результате этого перед всей системой образования Республики Таджикистан, как и на всем

постсоветском пространстве, актуализирована проблема, связанная с возрождением народных традиций, национальных особенностей и духовно - нравственных ценностей, в частности через физическое воспитание, в нашем случае через таджикские национальные подвижные игры.

Национальные подвижные игры создают лучшие условия для формирования и совершенствования двигательных умений и навыков, способствующих развитию телесных и духовных сил, воспитывают положительные черты характера у обучающихся, что подтверждается школьной практикой.

Таким образом, изучая в школе таджикские национальные подвижные игры, и внедряя их в учебно-воспитательный процесс учителя физкультуры способствуют формированию у учащихся личностных качеств, таких как: смелость, вежливость, выдержка, сдержанность, дисциплинированность, доброжелательность, умение чувствовать красоту движений, чувство долга, ответственность, самолюбие, гордость, чувство собственного достоинства, уважение к взрослым людям и т.д. Начинаясь в семье, этот многогранный и трудный процесс должен продолжаться в условиях школьного воспитания.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Воспитание сознательной дисциплины и культуры поведения. [Электронный ресурс]. – URL: http://bibliotekar.ru/pedagogika-3/215.htm (дата обращения: 25.04.2018 г.)
2. Гриженя В.Е. Организация и методические приемы проведения занятий по подвижным играм в вузе и в школе: Учебно-методическое пособие / В.Е. Гриженя. – М.: Советский спорт, 2005. – 40 с.
3. Каноны нравственности и благочестия [Электронный ресурс]. – URL:http://islam.net.ua/islamskaia-kultura/kanony-nravstvennosti-i-blagochestiia (дата обращения: 13.04.2018 г.)
4. Маджидова Б. Народные традиции и обычаи как средство формирования нравственных качеств в семье: автореф. дис. … д-ра пед. наук / Б. Маджидова. – Душанбе, 2004. – 50 с.
5. Подвижные игры / Сост. Л.В. Былеева, И.М. Коротков, Р.В. Климкова, Е.В. Кузьмичева. - М.: Физическая культура, 2006. – 288 с.
6. Салимов Х.К. Патриотические условия воспитания патриотизма учащихся средствами национальных таджикских подвижных игр и народных традиций: автореф. дис. ... канд. пед. наук / Х.К. Салимов. – Душанбе, 2015. – 22 с.
7. Сафаров Ш.А. Педагогические основы формирования здорового образа жизни младших школьников средствами таджикских национальных подвижных игр (на материале I - IV классов общеобразовательных школ: дис. … канд. пед. наук / Ш.А. Сафаров. - Душанбе, 2007. – 219 с.
8. Спенсер Г. Воспитание умственное, нравственное и физическое / Г. Спенсер. - СПб., Издатель, 1899. – 114 с.
9. Харламов И.Ф. Нравственное воспитание школьников: Пособие для классных руководителей / И.Ф. Харламов. - М.: Просвещение, 1983. – 160 с.
10. Щукина Г.И. Вопросы нравственного воспитания в школе / Г.И. Щукина. - Л., 1956. – 222 с.
11. .Эльконин Д.Б. Психология формирования личности и проблемы обучения / Д.Б. Эльконина. - М.: НИИ общей педагогики АПН ССР, 1980. – 166 с.
12. Шуткин С.Н. Педагогические условия воспитания основ самоорганизации личности на уроке физкультуры: дис. … канд. пед. наук С.Н. Шуткин. – Липецк, 1999. – 192 с.


**ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ ХОНАНДАГОН БА ВОСИТАИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ**


Дар мақолаи мазкур масъалаи ташаккулёбии асосҳои тарбияи ахлоқии хонандагон дар раванди гузаронидани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф изҳор медорад, ки тарбияи ҷисмонӣ на танҳо солимии инсонро мустаҳкам намуда, қобилияти кори ӯро баланд мебардорад, балки яке аз роҳу воситаҳои имконпазири тарбияи ахлоқию маънавии насли наврас шуморида мешавад. Ба тарбияи хислатҳои ахлоқии инсон бозиҳои пурҳаракати дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ таъсири амиқ мерасонанд. Бозиҳои миллии тоҷик, ки дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ истифода бурда мешаванд, на танҳо дар ҳифзи солимӣ ва баланд бардоштани қобилияти кори инсон, балки дар ташкили истироҳати фаъол низ нақши хеле калон мебозанд. Зеро дар онҳо унсурҳои зеҳнӣ, маърифатӣ, ҳиссию ахлоқӣ ба хубӣ мушоҳида мегарданд. Ба ақидаи муаллиф, дар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ пурра мавриди истифода қарор додани иқтидори бозиҳои пурҳаракати тоҷикӣ на танҳо имкон медиҳанд, ки барномаи таълимии фанни «Тарбияи ҷисмонӣ» пурра иҷро гардад, балки барои ҷавобгӯ будан ба талаботи меъёрҳои омодагии ҷисмонии фардӣ низ имконияти муосид фароҳам меоварад.



**Калидвожаҳо:** тарбияи ҷисмонӣ, тарбияи ахлоқӣ, бозиҳои пурҳаракати тоҷикӣ, муаллими тарбияи ҷисмонӣ, идеали ахлоқӣ, одобу ахлоқ, раванди педагогӣ.


**НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ УЧАЩИХСЯ СРЕДСТВАМИ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ**


В статье рассматривается формирование основ нравственного воспитания у учащихся в процессе занятий по физической культуре. Автор отмечает, что физическое воспитание способствует не только укреплению здоровья, повышению работоспособности, но являются одним из возможных путей духовного и нравственного воспитания молодого поколения. Воспитанию нравственных качеств способствуют подвижные игры на уроках физкультуры. Таджикские национальные подвижные игры, используемые в двигательном режиме школы, домашнем досуге в целях гармонического, физического и нравственного развития личности, способствуют не только укреплению здоровья, повышению работоспособности, но и организации активного отдыха, так как совмещают в себе многообразие интеллектуальных, познавательных, эмоциональных и моральных компонентов. По мнению автора, успешное освоение таджикских национальных подвижных игр, используемых на уроках физической культуры, обеспечивают не

только усвоение программного материала по всему объему предмета - «Физическая культура», способствуя эффективной сдаче учебных норм по индивидуальной физической подготовленности обучающихся на начало и конец учебного года, но и способствуют развитию основ нравственной культуры у обучающихся. Автор рекомендует в практической деятельности урока физической культуры на каждом занятии применять разнообразные по содержанию таджикские национальные подвижные игры.

**Ключевые слова:** физическая культура, нравственное воспитание, таджикские подвижные игры, учитель физкультуры, нравственный идеал, нравственность, педагогический процесс.

**MORAL EDUCATION OF STUDENTS BY MEANS OF PHYSICAL CULTURE**

The article deals with the formation of the foundations of moral education in students in the process of physical education classes. The author notes that physical education contributes not only to strengthening health, increasing efficiency, but is one of the possible ways of spiritual and moral education of the younger generation. Education of moral qualities is promoted by mobile games at physical education classes. Tajik national mobile games, used in the motor mode of the school, at home leisure for harmonic, physical and moral development of the personality, contribute not only to strengthening health, improving efficiency, but also organizing active recreation, because they combine the diversity of intellectual, cognitive, emotional and moral components. According to the author, the successful development of Tajik national mobile games used in physical education classes not only assists the mastering of program material throughout the scope of the subject - "Physical Culture", by facilitating the effective delivery of training standards for the individual physical preparedness of students for the beginning and end of the academic year, but also contribute to the development of the foundations of the moral culture of students. The author recommends in the practical activity of the lesson of physical culture in each lesson to use various in content Tajik national outdoor games.

**Key words:** physical culture, moral education, Tajik mobile games, physical education teacher, moral ideal, morality, pedagogical process.

**Сведения об авторе:** ***Каландарбекова Бунавша Худоёрбековна*** **–** Таджикский институт физической культуры имени С. Рахимова, старший преподаватель кафедры спортивных игр. **Адрес:** 734026, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Лучоб, 53.

**Information about the author:** ***Kalandarbekova Bunavsha Khudoyerbekovna*** - Tajik Institute of Physical Culture named after S. Rakhimov, senior lecturer of the department of sports games**. Address:** 734026, Республика Таджикистан Dushanbe, st. Luchob, 53.

УДК: 372.851+378 (575.3)

# НАҚШИ ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ МАЗМУНИ ИҚТИСОДИДОШТА ДАР ТАШАКУЛИ ТАФАККУРИ МАТЕМАТИКИИ ДОНИШҶӮЁН ҲАНГОМИ ОМӮЗИШИ НОБАРОБАРИҲОИ ХАТТӢ

***Раҳимов Р.М. Солиев М.Н.***
**Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон**

Аввали асри сипаришуда ҷомеаи ҷаҳонӣ татбиқи илми математикаро ба дигар илмҳо ҳамчун инкишофу пешравии замона донистанд. Алалхусус аз солҳои 20-уми асри XX тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёт маҳз ба илми математика вобаста аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (20.03.2017) махсусан қайд намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат ба рушди илм, диққати махсус дода, ҷалби наврасону ҷавононро ба ин соҳаи муҳим аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷа мешуморад.

Аз ин рӯ сохторҳои илмию таълимии кишварро зарур аст, ки омӯзиши илмҳои муосир, бахусус илмҳои табииву риёзиро ҷиддӣ ба роҳ монда, баргузории маҳфилу чорабиниҳои илмиро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва муассисаҳои илмӣ бештар созанд ва ҷавононро ба чунин чорабиниҳо ҳарчи бештар ҷалб намоянд. Олимонро зарур аст, ки ба рушди минбаъдаи илмҳои дақиқ ва табиатшиносиву техникӣ ва талаботи ҷомеа равона сохтани неруи илмӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, фаъолияти худро дар самти ихтироъкориву навоварӣ, ҳамчунин ҷалби ҷавонони болаёқат ба корҳои илмӣ ва ихтироъкорӣ боз ҳам ҷоннок намоянд».

Бо мақсади мустаҳакам намудани алоқаи илм ба истеҳсолот ва дар истеҳсолоти ватанӣ татбиқ намудани дастовардҳои илм ва технологияҳои инноватсионӣ дар Паём дастур дода шуда буд. Бахри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ омӯзгорро лозим аст, ки дар дарсҳои муосир аз методҳои анъанавӣ даст кашида, роҳу усулҳои фаъоли таълимро дарёфт намояд, яъне усулҳои фаъоли таълимро сармашқи кори ҳаррӯзаи худ қарор диҳад.

Фаъолгардонии таълим бо роҳи метод, усулу воситаҳои гуногун ба амал бароварда мешавад ва ҳадафи асосӣ он аст, ки хонанда худро танҳо ҳамчун шунаванда эҳсос накунад, балки ҳамчун иштирокчии фаъоли дарс тасаввур кунад. Дар зери мафҳуми усулҳои фаъоли таълим фаъолияти омӯзгор ва хонанда фаҳмида мешавад, ки тавассути онҳо хонанда дониш, малакаю маҳорат, ташаккули тафаккуру ҷаҳонбинӣ, инкишофи лаёқатро амиқу дақиқ дастрас менамояд.

Ҷаҳонишавӣ ва ворид гаштан ба системаи ягонаи таҳсилот моро водор месозад, ки сари ин масъала андеша ронем.Ҷахони муосир ба мутахассисони соҳибтаҷрибаи дорои неруи қавӣ дар ҳалли проблемаҳои мураккаби ҳаёт ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати дохилӣ ва хориҷӣ ниёз дорад. Ба ақидаи олимон, дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур.Чунин таълим ба ташаккули қобилияти эҷодӣ, мустақилият, фаъолии донишҷӯён таъсири кам мерасонад.

Дар ин мақола мо намунае аз чунин дарсро дар мисоли омӯзиши ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодӣдошта ҳангоми омӯзиши нобаробариҳои хаттӣ ва тадбиқи он пешниҳод менамоем. Бо мақсади роҳ ёфтан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳадафҳои мушаххас муддатест, ки дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳои кишвар низоми нави таҳсил –низоми кредитӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳадафи асосии низоми кредитии таҳсил аз он иборат аст, ки донишҷӯ тарзу усулҳои мустақилона аз бар кардани донишро дар мактаби олӣ аз худ намояд, то ки фаъолияти минбаъдаи худро ҳамчун ихтисосманд ба роҳ монад. Барои ба ин ҳадафҳо расидан ва барои донишҷӯёнро бо донишҳои зарурие, ки завқи тарбияи эҷодӣ, роҳҳои кофтуков ва шавқи ҷустуҷӯии онҳоро бедор мекунад, мусаллаҳ намудан, нақши китоби дарсӣ, маводҳои методӣ ва махсусан омӯзгор ниҳоят бузург мебошад. Душвории дигар дар он аст, ки методикаи хусусӣ, алалхусус дар давраи гузариш ба низоми кредитии таҳсил, омӯзиши математика барои ихтисосҳои тамоили иқтисодидошта ба паҳн намудани таҷрибаи корӣ асос кунонида мешаванд. Ин таҷрибаҳо ҳоло кофи нестанд. Омӯзгор ҳар як мафҳумеро, ки ба донишҷӯён пешниҳод менамояд, бояд мазмуни иқтисодии онро бо мисолҳои мушаххас ҳаматарафа фаҳмонида диҳад. Истифодаи оқилонаи мисолҳои мушаххаси мазмуни иқтисодидошта омӯзгорро водор месозад, ки дар баъзе мавридҳо аз такрори бемавқеи баъзе мафҳумҳои омӯхташаванда даст кашад. Зеро тавассути донистани мазмуни иқтисодии мафҳумҳои омӯхташаванда, сатҳи риёзидонии хонанда инкишоф ёфта, дониши риёзии барои вай зарурбударо мегирад. Хондан ба одати доимии ӯ табдил меёбад, омилҳои шавқ, майл, ваҷҳ ва ғайраҳо дар ӯ меафзоянд ва қобилияташ мутамарказонида мешавад, ки ин яке аз ҳадафҳои низоми кредитӣ мебошад. Таҷрибаҳои методии муҳим бо натиҷаҳои индивидуалии тадқиқиқотҳои омӯзгорони пешқадаму пуртаҷриба пурра карда мешаванд. Маводи пешниҳодшаванда қадаме барои ҳалли ин масъала мебошад.

Ҳалли масъалаҳои дорои мазмуни амалидоштаро ба се зина: зинаи формализатсия, зинаи ҳалли моделҳои математикӣ ва зинаи шарҳдиҳӣ ҷудо кардан мумкин мебошад[1-5].

Зинаи якум -зинаи формализатсия, гузариш аз вазъи воқеӣ, ки бояд мо онро ҳал намоем, ба сохтани модели математикӣ мебошад.

Дар зинаи дуюм бошад, модели математикии тартибдодашуда, ки айнан вазъи реалиро ифода менамояд, ҳал карда мешавад. Дар зинаи сеюм шарҳдиҳии (интерпретатсияи) ҳалли бадастовардашудаи масъала аз рӯйи модели математикиаш, барои муайян намудани мувофиқоии он ба вазъи ибтидоиаш тадқиқ карда мешавад. Ин гуна ҷудокунӣ ба формулаи дарккунии дунёи реалӣ мувофиқат менамояд. Тадбиқи ин гуна ба зинаҳо ҷудокуниро дар ҳалли масъалаҳои мазмуни иқтисодӣ дошта дида мебароем

Дар вақти ҳалли масъалаҳо дар зинаи якум -зинаи формализатсия аз ҳолати воқеии иқтисодӣ, ки мо бояд онро ҳал намоем, ба модели эквивалентии он-модели матаматикӣ мегузарем. Барои сохтани ин гуна модел (тарҳ) донишҷӯён бояд алоқамандии асосии байни компонентҳои проблемаи тадқиқшавандаро ҷудо карда тавонанд, бояд пурагии додашудаҳои дар шарти масъала омадашударо таҳлил карда тавонанд, бояд рамзҳои математикӣ, вазъи иқтисодӣ ва алоқаманди байни онҳоро, ки дар шарти масъала дода шудаанд, ифода карда тавонанд. Вале вазъияти иқтисодӣ, ки дар масъала оварда шудааст, компонентҳои модели математикӣ ба ҳисоб мераванд, барои ҳамин ҳам дар вақти ба ҳалии масъалаҳои каме

